**АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Китоби дарсӣ**

*Бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ тавсия карда шудааст*

**Душанбе**
**«ЭР-граф»**
**2018**

ББК 67.99 (2) 3 Я 72
М–85
УДК 343.13 (075) (575.3)

**Муқарризон:**

***Маҷидзода Ҷ.З.*** – раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;

***Искандаров З.Ҳ.*** – профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор;

***Лутфуллозода Ш.*** – раиси Коллегияи судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ.

**Зери назари**
**Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,**
**генерал-лейтенанти милитсия**
**Раҳимзода Рамазон Ҳамро**

М-85 **Мурофиаи ҷиноятӣ** : китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 556 с.

*Китоби дарсӣ мавзӯҳои асосии фанни таълимии «Мурофиаи ҷиноятӣ»-ро, ки мутобиқи фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои алоҳидаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудаанд, фарогир мебошад.*

*Китоби мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаи таълимии фаннӣ омода карда шудааст ва дар он низоми амалкунандаи қонунгузории Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмию таълимии ватаниву хориҷӣ, дастоварду натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин тамоми тағйироту иловаҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо риоя ва истифода аз талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, васеъ истифода бурда шудаанд.*

*Китоби дарсии мазкур бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 2/24 аз 22 феврали соли 2017 ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олӣ тавсия карда шудааст.*

*Китоби дарсӣ ба доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.*

ISBN 978-99975-59-89-0 ББК 67.99 (2) 3 Я 72

© Ҳайати муаллифон, 2018
© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018

# ҲАЙАТИ МУАЛЛИФОН

***Раҳимзода Р.Ҳ.*** – вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-лейтенанти милитсия, пешгуфтор; боби 8, § 1, 2, 3; боби 13, § 1, 2, 3; боби 33-34 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.;

***Муҳамадиев М.Т.*** – сардори Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия, боби 6-7 дар ҳаммуаллифӣ бо Арипов А.Л.;

***Шарифзода Ф.Р.*** – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия, боби 8, § 4, 5 дар ҳаммуаллифӣ бо Солиев К.Ҳ.; боби 28 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 32 дар ҳаммуаллифӣ бо Юлдошев Р.Р.;

***Солиев К.Ҳ.*** – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, полковники милитсия, боби 8, § 4, 5 дар ҳаммуаллифӣ бо Шарифзода Ф.Р.; боби 13, § 4, 5, 6; боби 27, 31 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.;

***Арипов А.Л.*** – сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия, боби 4; боби 6-7 дар ҳаммуаллифӣ бо Муҳамадиев М.Т.; боби 14 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 16 дар ҳаммуаллифӣ бо Имомназаров Ф.С.; боби 17;

***Имомназаров Ф.С.*** – омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, боби 5; боби 15 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 16 дар ҳаммуаллифӣ бо Арипов А.Л.; боби 18-19 дар ҳаммуаллифӣ бо Нозиров Н.А.;

***Қудратов Н.А.*** – мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, боби 1-3 дар ҳаммуаллифӣ бо Нозиров Н.А.; боби 14 дар ҳаммуаллифӣ бо Арипов А.Л.; боби 15 дар ҳаммуаллифӣ бо Имомназаров Ф.С.; боби 20, 23, 24, 26 дар ҳаммуаллифӣ бо Юлдошев Р.Р.; боби 27 дар ҳаммуаллифӣ бо Солиев К.Ҳ.; боби 28 дар ҳаммуаллифӣ бо Шарифзода Ф.Р.; боби 30 дар ҳаммуаллифӣ бо Юлдошев Р.Р.; боби 31 дар ҳаммуаллифӣ бо Солиев К.Ҳ.; боби 33-34 дар ҳаммуаллифӣ бо Раҳимзода Р.Ҳ.;

***Нозиров Н.А.*** – сардори факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, полковники милитсия, боби 1-3 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 12 дар ҳаммуаллифӣ бо Юлдошев Р.Р.; боби 18-19 дар ҳаммуаллифӣ бо Имомназаров Ф.С.; боби 22;

***Юлдошев Р.Р.*** – профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия, бобҳои 9-11; боби 12 дар ҳаммуаллифӣ бо Нозиров Н.А.; боби 20, 23, 24 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 25; боби 26, 30 дар ҳаммуаллифӣ бо Қудратов Н.А.; боби 32 дар ҳаммуаллифӣ бо Шарифзода Ф.Р.

***Роҳбари ҳайати муаллифон –***
***Р.Р. Юлдошев***

**МУНДАРИҶА**


**Пешгуфтор** ........ 12

# ФАСЛИ I.
# МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Боби 1. Моҳият ва мафҳумҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳуми мурофиаи ҷиноятӣ ........ 14
§ 2. Мақсад ва вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ........ 17
§ 3. Функсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ ........ 18
§ 4. Мафҳумҳои ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ........ 22
§ 5. Навъҳои (шаклҳои) таърихии мурофиаи ҷиноятӣ ........ 26
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 29
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 29
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 31

**Боби 2. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ........ 34
§ 2. Асосҳои ахлоқии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ........ 35
§ 3. Таносуби ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ ........ 38
§ 4. Мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун илм ва фанни таълимӣ ........ 40
§ 5. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо ........ 42
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 44
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 44
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 45

**Боби 3. Сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ........ 48
§ 2. Мафҳум ва низоми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ........ 51
§ 3. Таҳия ва қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 53
§ 4. Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ........ 55
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 58
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 58
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 59

## ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Боби 4. Низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳум ва низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ........ 62
§ 2. Принсипҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ ........ 64
§ 3. Принсипҳои махсуси мурофиаи ҷиноятӣ ........ 74
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 82
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 83
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 84

## ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

### Боби 5. Мафҳуми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

§ 1. Мафҳум ва таснифи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ.................... 86
§ 2. Суд – мақомоти адолати судӣ .......................................................................... 89
§ 3. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд............................................................................................ 90
§ 4. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд.....................................................104
§ 5. Иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ ......................................112
§ 6. Ҳолатҳое, ки иштироки шахсро дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно менамояд.................................................................................................121
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ................................................................... 124
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** .................................................. 124
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда***.................................................... 125

## ДАЛЕЛҲО ВА ИСБОТ

### Боби 6. Далелҳо

§ 1. Мафҳум ва таснифи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ.................................128
§ 2. Намудҳои алоҳидаи далелҳо..........................................................................132
***Саволҳо барои худсанҷӣ:*** ................................................................. 151
***Руйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:*** ................................................. 151
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:*** .................................................. 152

### Боби 7. Исбот

§ 1. Мафҳум ва мақсади исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ....................................154
§ 2. Предмет ва ҳадди исбот дар парвандаи ҷиноятӣ.......................................156
§ 3. Ҷараёни исбот.................................................................................................158
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ................................................................... 163
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** .................................................. 164
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда***.................................................... 164

### Боби 8. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исбот

§ 1. Таърихи батанзимдарории меъёрии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ..........................................................166
§ 2. Мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ .......................................169
§ 3. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.............................................................................................................176
§ 4. Баррасии маводи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ аз ҷониби прокурор ва суд то оғози парвандаи ҷиноятӣ............................................180
§ 5. Баррасии маводи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ дар тафтишот, прокуратура ва суд баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ................................188
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ................................................................... 192
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** .................................................. 193
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда***.................................................... 193

**Боби 9. Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ**

§ 1. Мафҳум ва моҳияти чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ........ 196
§ 2. Дастгиркунӣ ........ 198
§ 3. Чораҳои пешгирӣ ........ 201
а) Мафҳум, моҳият ва намудҳои чораҳои пешгирӣ ........ 201
б) Асосҳо ва тартиби татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ ........ 206
в) Ба ҳабс гирифтан ........ 209
§ 4. Чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ ........ 214
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 217
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 217
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 218

## ДИГАР МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Боби 10. Шикоят аз амал ва қарор дар мурофиаи ҷиноятӣ**

§ 1. Шикоят аз амал ва қарори суд ва шахсони мансабдори дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъул ........ 220
§ 2. Тартиби баррасии шикоят аз тарафи прокурор ........ 221
§ 3. Тартиби судии баррасии шикоят ........ 222
§ 4. Тартиби судии баррасии шикоят аз амал (беамалӣ) ва қарори шахсони мансабдор ........ 225
§ 5. Иҷроиши қарори суд ........ 227
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 227
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 228
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 228

**Боби 11. Даъвои граждании дар мурофиаи ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳум ва предмети даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ........ 231
§ 2. Тартиби пешниҳод ва баррасӣ намудани даъвои гражданӣ ........ 232
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 236
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 236
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 237

**Боби 12. Муҳлат ва хароҷоти мурофиавӣ**

§ 1. Муҳлатҳои мурофиавӣ ........ 239
§ 2. Хароҷоти мурофиавӣ ........ 241
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 242
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 242
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 243

**Боби 13. Ҳимояи давлатии иштирокчиёнии мурофиаи ҷиноятӣ**

§ 1. Мафҳум ва аҳамияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ........ 245
§ 2. Шахсоне, ки таҳти ҳимояи давлатӣ қарор дода мешаванд ........ 252
§ 3. Мақомоте, ки ҳимояи давлатиро таъмин менамоянд ........ 259
§ 4. Чораҳои амниятӣ. Асосҳо ва тартиби татбиқи чораҳои амниятӣ ........ 263
§ 5. Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ........ 277

§ 6. Бекор кардани чораҳои амниятӣ ....280
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 281
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 281
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 282

## ФАСЛИ II. ПЕШБУРДИ ТОСУДӢ

### Боби 14. Давраи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ

§ 1. Мафҳум ва аҳамияти оғози парвандаи ҷиноятӣ ....284
§ 2. Сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ....286
§ 3.Тартиби мурофиавии баррасии маълумот дар бораи ҷиноят....290
§ 4. Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ....292
§ 5. Ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунанд ....295
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 297
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 297
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 298

### Боби 15. Давраи тафтишоти пешакӣ

§ 1. Моҳият ва аҳамияти давраи тафтишоти пешакӣ ....301
§ 2. Таҳқиқ ва шаклҳои он....302
§ 3. Тафтиши пешакӣ....308
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 310
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 310
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 311

### Боби 16. Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ

§ 1. Мафҳум ва низоми шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ....313
§ 2. Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ ....314
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 331
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 332
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 332

### Боби 17. Амалҳои тафтишӣ

§ 1. Мафҳум ва шартҳои умумии амалҳои тафтишӣ....335
§ 2. Намудҳои амалҳои тафтишӣ....337
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 365
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 365
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 366

### Боби 18. Эълон кардани айб ва пурсиши айбдоршаванда

§ 1. Моҳият, аҳамият ва асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда....368
§ 2. Тартиби мурофиавии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ....369
§ 3. Пурсиши айбдоршаванда....371
§ 4.Тағйир додан, илова ва ё қисман қатъ кардани айби эълонкардашуда ....373

***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 374
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 374
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 375

**Боби 19. Бoздоштан ва аз нав сар кардани тафтишоти пешакӣ**
§ 1. Асосҳо ва шартҳои боздоштани тафтишоти пешакӣ ........ 377
§ 2. Тартиби мурофиавии боздоштани тафтишоти пешакӣ ........ 378
§ 3. Тартиби мурофиавии аз нав сар кардани парвандаи ҷиноятии боздошташуда ва барқарор кардани муҳлати тафтиш ........ 380
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 381
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 381
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 382

**Боби 20. Анҷоми тафтишоти пешакӣ**
§ 1. Мафҳум ва шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ ........ 384
§ 2. Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ ........ 384
§ 3. Ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ ... 387
§ 4. Фикри айбдоркунӣ ........ 390
§ 5. Амал ва қарори прокурор оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдоркунӣ ворид шудааст ........ 391
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 392
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 392
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 393

**Боби 21. Назорат ва ваколати прокурор оид ба иҷроиши қонунҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ**
§ 1. Ваколати прокурор дар бобати ба амал баровардани назорат оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ........ 395
§ 2. Назорат оид ба анҷоми тафтишоти пешакӣ ........ 398
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 401
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 401
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 402

**ФАСЛИ III.**
**ПЕШБУРДИ СУДӢ**

**Боби 22. Тобеияти судӣ. Таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он**
§ 1. Мафҳум ва аҳамияти тобеияти судӣ ........ 404
§ 2. Намудҳои тобеияти судӣ ........ 405
§ 3. Моҳият ва аҳамияти давраи ба суд додан ........ 407
§ 4. Санҷиши маводи парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдорӣ ба суд ворид шудааст ........ 408
§ 5. Масъалаҳое, ки бо тайёрӣ ба баррасии парванда дар маҷлиси судӣ алоқаманданд ........ 410
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ........ 411
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........ 412
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........ 413

**Боби 23. Давраи муҳокимаи судӣ**
§ 1. Мафҳуми муҳокимаи судӣ, ҷой ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ ........415
§ 2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ........................................................416
§ 3. Қисми омодасозии маҷлиси суд ...........................................................424
§ 4. Тафтиши судӣ .........................................................................................427
§ 5. Музокираи судӣ ва сухани охирини судшаванда.....................................432
*Саволҳо барои худсанҷӣ* ........................................................................ 434
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* ........................................................ 434
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*........................................................... 435

**Боби 24. Баровардани ҳукм**
§ 1. Мафҳум ва аҳамияти ҳукм .....................................................................437
§ 2. Намудҳои ҳукм .......................................................................................439
§ 3. Таркиб ва мазмуни ҳукм .......................................................................441
§ 4. Тартиби баровардан ва эълон кардани ҳукм..........................................443
*Саволҳо барои худсанҷӣ*......................................................................... 447
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* ........................................................ 447
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*........................................................... 448

**Боби 25. Пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ**
§ 1. Мафҳум ва тавсифи умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ................450
§ 2. Оғоз кардани парвандаи айбдоркунии хусусӣ..........................................450
§ 3. Ваколати суд оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ то оғози муҳокимаи судӣ.....................................................................................451
*Саволҳо барои худсанҷӣ*......................................................................... 452
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* ........................................................ 452
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*........................................................... 453

**Боби 26. Пешбурд дар марҳилаи кассатсионӣ**
§ 1. Мафҳум ва хусусияти пешбурди кассатсионӣ..........................................455
§ 2. Тартиби баррасии парвандаҳо ба тариқи кассатсионӣ.............................458
§ 3. Қароре, ки суди марҳилаи кассатсионӣ қабул менамояд ..........................460
§ 4. Асосҳо барои бекор кардан ва тағйир додани ҳукм дар суди марҳилаи кассатсионӣ ..............................................................................463
*Саволҳо барои худсанҷӣ*......................................................................... 465
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* ........................................................ 465
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*........................................................... 466

**Боби 27. Ба иҷро расонидани ҳукм, таъинот ва қарор**
§ 1. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷрои ҳукм........................................................468
§ 2. Тартиби иҷрои ҳукм, таъинот ва қарори суд ..........................................469
§ 3. Пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукм.......470
*Саволҳо барои худсанҷӣ* ........................................................................ 479
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* ........................................................ 479
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*........................................................... 480

**Боби 28. Пешбурд дар марҳилаи назоратӣ**
§ 1. Мафҳум ва моҳияти пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ ...................... 482
§ 2. Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳо дар марҳилаи назоратӣ ........ 486
§ 3. Таъинот ва қароре, ки суди марҳилаи назоратӣ мебарорад ...................... 487
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ............................................................................ 489
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........................................................... 489
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........................................................... 490

**Боби 29. Аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав**
§ 1. Моҳият ва асосҳои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав ..................................................... 492
§ 2. Муҳлат ва тартиби аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав ..................................................... 493
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ............................................................................ 495
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........................................................... 496
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........................................................... 496

**Боби 30. Тартиби пешбурди парвандаҳо нисбати ноболиғон**
§ 1. Мафҳум ва қоидаҳои умумии пешбурд оид ба ҷиноятҳои ноболиғон ....... 498
§ 2. Предмети исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон ........... 499
§ 3. Тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон ........................................ 501
§ 4. Муҳокимаи судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон ................... 503
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ............................................................................ 505
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........................................................... 506
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........................................................... 506

**Боби 31. Пешбурди парвандаҳо оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ**
§ 1. Мафҳум ва асосҳои пешбурд оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ........................................................................................ 508
§ 2. Тафтиши пешакии парвандаҳо доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ........................................................................................ 509
§ 3. Муҳокимаи судии парвандаҳо доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ........................................................................................ 512
§ 4. Бекор кардан, тағйир додан ва дароз кардани муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ............................................... 513
***Саволҳо барои худсанҷӣ*** ............................................................................ 515
***Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** ........................................................... 515
***Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда*** ........................................................... 516

**Боби 32. Пешбурд оид ба руёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомот расидааст**
§ 1. Асосҳо ва шартҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ барои рӯёнидани товони зарар ....518
§ 2. Тартиби мурофиавии рӯёнидани товони зарар ....519
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 520
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 521
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 521

**Боби 33. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ**
§ 1. Асос ва шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ....523
§ 2. Кӯмаки байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ....525
§ 3. Супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм ....527
§ 4. Супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст ....529
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 530
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 530
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 531

**Боби 34. Мурофиаи ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ**
§ 1. Тавсифи умумии мурофиаи ҷиноятӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ....533
§ 2. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Англия ....534
§ 3. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ....538
§ 4. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Франсия ....543
§ 5. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Олмон ....547
*Саволҳо барои худсанҷӣ* .... 552
*Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ* .... 552
*Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда* .... 553

# ПЕШГУФТОР

Бо шарофати таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва расидан ба Ваҳдати комили ҷомеаи Тоҷикистон, ки бо талош ва ҷонсупурдагиҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мо гардидаанд, имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, хосатан дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ музаффариятҳои назаррас дастёб гардиданд.

Албатта чунин дастовардҳое, ки имрӯзҳо дар фаъолияти рузмарраи ин ниҳоди қудратманди давлатӣ дар самти таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди мураккабтарин унсурҳои ҷинояткорӣ, аз ҷумлаи терроризм ва ифротгароӣ ба даст омадаанд хело зиёд мебошанд.

Аммо метавон хотирнишон сохт, ки мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари чунин масъулияте, ки давлату Ҳукумат дар назди он гузоштаанд, ҳамзамон ба масъалаи таълиму тарбия ва раванди омода намудани кадрҳои миллӣ барои ниёзи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар тавассути Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошад.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои олии таълимӣ буда, дар баробари омода намудани мутахассисони касбӣ, ҳамзамон масъулияти омода намудани мутахассисони илмӣ ва илмӣ-педагогиро низ бар уҳда дорад. Яъне метавон гуфт, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Академияи ВКД ин ҳам бошад пешбурди корҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ мебошад, ки самараи хуб ба бор оварда истодааст.

Дар низоми омода намудани кадрҳои баландихтисоси риштаи ҳуқуқшиносӣ фанни таълимии «Мурофиаи ҷиноятӣ» мақоми махсусро дорад. Ин ҳолати қайдгардида дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно набуда пояи тахассусии фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ташкил медиҳад. Маҳз, инкишофи фанни таълимӣ ва илми мурофиаи ҷиноятӣ, васеъ ва дуруст истифода бурдани дастовардҳо ва ҷузъиётҳои қонунгузории соҳавӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овурданд, то ин ки дар самтҳои номбаршуда маводи таълимии баландсифат омода карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки ташаббуси роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсис додани гурӯҳи кории муаллифон бо мақсади омода намудани китобҳои дарсии соҳавӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа иқдоми нахустин набуда, баҳри ғанӣ гардонидани махзанҳои таълимӣ ва илмии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва китобхонаҳои дахлдор равона карда шудааст.

Таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудани роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишоф ва рушди самтҳои афзалиятноки фаъолияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, густариш додани ҳамкорӣ бо олимони варзидаи кишвар ва берун аз он, тақвият додани фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-педагогӣ аз ҳайати профессорону омузгорон масъулияти дучандро тақозо менамояд. Вобаста аз натиҷаҳои ба дастомада, бо итминони комил метавон ибрози ақида намуд, ки дар ин ҷода боз қадами устувори навбатӣ гузошта шуд. Таъсис додани ҳайати муаллифон ва омода шудани китоби мазкур шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад.

Дар навбати худ, ҳайати муаллифон кӯшиш ба харҷ доданд, то ин ки дар раванди инкишоф додани донишҳои бунёдии соҳавӣ, баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии ҳуқуқшиносони ҷавон, кормандони ботаҷрибаи мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, маводи мазкур саҳми арзандаи худро гузорад ва ҳамчун воситаи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва гирифтани таҳсилоти иловагӣ эътироф гардад.

Ҳамчунин, ҳайати муаллифон мутобиқати адабиёти таълимӣ ба стандартҳои давлатии таҳсилот, талаботи ба сатҳи омодагии хатмкунандагони зинаи дахлдори таҳсилот тасдиқгардида, дастовардҳои муосири илмӣ бо назардошти барномаи таълимӣ ва имконияти худомӯзӣ, инчунин талабот нисбат ба сохтор ва дастгоҳи усулии адабиёти таълимӣ мутобиқи хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии таълимгирандагонро дар раванди таълифнамоии китоби мазкур ба инобат гирифтанд.

Мусаллам аст, ки китоби дарсии мазкур давоми мантиқии китоби *«Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ : китоби дарсӣ / зери таҳрири Р.Р. Юлдошев, Н.А. Нозиров, А.Л. Арипов. – Душанбе: «Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2017»* буда аз дигар маводи таълимии таълифшудаи навини фанни мурофиаи ҷиноятии ватанӣ бо як қатор хусусиятҳои хоси худ фарқ менамояд, ки ҳангоми мутолиа намудани мавзӯҳои алоҳидаи китоб, хонанда бо онҳо шинос мегардад.

Китоби дарсии мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26 июли соли 2014 таҳти № 1122, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017 таҳти № 94 тасдиқ шудааст, ва барномаи таълимии фаннӣ омода шуда дар он низоми амалкунандаи қонунгузории Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмию таълимии ватаниву хориҷӣ, дастоварду натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин тамоми тағйироту иловаҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо риоя ва истифода аз талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 458 аз 04 октябри соли 2011 тасдиқ карда шудааст, васеъ истифода бурда шудаанд ва пешкаши хонанда мегарданд.

Бештари муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида ҳангоми таълиф намудани китоби дарсӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, дар китоби мазкур аз Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва дастурамалҳое, ки аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилиии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, иқтибосҳо оварда шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки китоби мазкур баъд аз гузаронидани ташхисӣ мутахассисони соҳа бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 2/24 аз 22 феврали соли 2017 ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ тавсия карда шудааст.

Дар навбати худ, муаллифон ба ҳамаи таклифу пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати дар оянда мукаммал сохтани матни китоб, ки аз ҷониби хонанда ва ҳамкасбон ба самъи ҳайати муаллифон расонида мешаванд, қаблан миннатдории худро баён месозанд.

***Вазири корҳои дохилии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***номзади илмҳои ҳуқуқ,***
***Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,***
***генерал-лейтенанти милитсия***
***Раҳимзода Рамазон Ҳамро***

# ФАСЛИ I.
# МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## БОБИ 1.
## МОҲИЯТ ВА МАФҲУМҲОИ АСОСИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

### § 1. Мафҳуми мурофиаи ҷиноятӣ

Ҷинояткорӣ зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ буда, сатҳи он доимо тағйир меёбад. Давлат тавассути мақомоти дахлдор ва аҳли ҷомеа метавонад мубориза алайҳи ҷинояткорӣ пурзӯр намуда, сатҳи онро паст намояд. Вазъи ҷинояткорӣ наметавонад ҳар як шаҳрванди фаъоли мамлакатро ба ташвиш наорад. Ҷинояткорӣ метавонад барои рушди муътадили ҷомеа ва давлат монеаи ҷиддӣ бошад.

Аз ин лиҳоз, давлат уҳдадор аст, дар муқовимат бо ҷинояткорӣ чораҳо ва роҳу усулҳои заруриро андешад. Ин чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ-судӣ шуда метавонанд. Дар байни чораҳои ҳуқуқӣ-судӣ ҷойи намоён ва муҳимро самтҳои ба ҳам наздику пайвасти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ ишғол менамоянд.

Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо, иборат мебошад.

Барои иҷрои ин вазифаҳо Кодекси ҷиноятӣ асосу принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуда, муайян менамояд, ки кадом кирдорҳои барои шахсият, ҷамъият ё давлат хавфнок ҷиноят эътироф мегарданд ва намудҳои ҷазою чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро барои содир кардани онҳо муқаррар менамояд (м. 2 КҶ).

Лекин, барои он, ки нисбати шахси ҷиноят содир карда ҷазои сазовор татбиқ карда шавад, бояд ҳамаи ҳолати содиршавии ҷиноятe, ки ӯро айбдор меҳисобад, саҳеҳ, пурра ва ҳаматарафа бо ҷузъиёташ, кирдор, дараҷаи гунаҳгории шахс ва дигар ҳолатҳое, ки ба парванда аҳамият доранд, бахусус, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва ё вазнин мекунанд, аз он ҷумла ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат мекунанд, муайян ва исбот карда шаванд. Дар алоқа бо ин, таҷрибаи пойдори таърихӣ як низоми фаъолияти батанзимдаромада ва тартиботи маъруферо кашф намудааст, ки зимни он адолат оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки инро мурофиаи ҷиноятӣ меноманд.

Ин фаъолият мушаххасан дар қонун ба танзим даровардa шудааст, ки тартиби оғози парвандаи ҷиноятӣ, пешбурди тафтишоти пешакӣ, тартиби баррасӣ ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ дар суд, инчунин, ба иҷро расонидани ҳукм, таъинот ва қарорро дар бар мегирад.

Аз ҳама муҳим, ин фаъолиятро танҳо мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ: мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд (судя) амалӣ менамоянд. Танҳо мақомоти номбаршуда метавонанд оид ба парвандаи ҷиноятӣ пешбурдро анҷом диҳанд. Беҳтар ва пурсамар гардонидани фаъолияти мақомоти номбаршуда доимо дар мадди назари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Вобаста ба амалишавии сиёсати давлат дар самти мубориза бо ҷинояту ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ як қатор қонунҳо, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, консепсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул гардиданд, аз қабили: Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мафҳумҳои «мурофиаи судии ҷиноятӣ» ва «мурофиаи ҷиноятӣ» истифода шудаанд, ки ин мафҳумҳо ҳаммаъно мебошанд. Чун анъана бо ин мафҳумҳо боз чор мафҳуми ба ҳам наздик ва алоқаманд муайян карда шудаанд: *мурофиаи ҷиноятӣ,* ки фаъолияти мақомоти номбаршударо дар бар мегирад; *ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ,* ки соҳаи мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, тартиби пешбурди мурофиаро ба танзим медарорад; *мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун илм,* ки соҳаи ҳуқуқро аз нигоҳи илмӣ, қонунгузорӣ ва масъалаҳои мубрами амалияи онро мавриди тадқиқ қарор медиҳад; *мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун фанни таълимӣ,* ки ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро бо тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва илмӣ мурофиаи ҷиноятӣ меомӯзад.

***Мурофиаи ҷиноятӣ*** – фаъолияти махсуси бо қонун пешбинишудаи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд оид ба оғоз намудан, таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, баррасӣ ва ҳал намудани он, иҷроиши ҳукм буда, дар байни иштирокчиён дар шакли муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷорӣ гашта, мақсади ба ҳаёт татбиқ намудани қонуни ҷиноятиро дорад.

***Мурофиаи судии ҷиноятӣ*** – ин пешбурди тосудӣ, яъне фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокуратура доир ба ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳгорон ва пешбурди судӣ, яъне фаъолияти суд ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, мебошад.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст.

Таърифҳои баёншудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тарафи олимони дигари соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ низ дастгирӣ ёфта, аз мафҳумҳои маъмул ба ҳисоб меравандн[1]. Дар баробари ин, олими шинохтаи тоҷик З.Ҳ. Искандаров қайд

[1] Ниг.: Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. В. 2 т. – М., 1968. Т. I. – С. 34-36; Уголовный процесс: учебник / под ред. И.Л. Петрухина. – М., 2001. С. 6 ва дигарон.

менамояд, ки агар мо мурофиаи ҷиноятиро танҳо ҳамчун фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ муаррифӣ намоем, бо ҳамин мақоми иштирокчиёни дигари мурофиаро беихтиёр паст намуда, онҳоро комилан аз мақомоти таҳқиқу тафтишот вобаста менамоем. Ба ақидаи ӯ, мурофиаи ҷиноятӣ тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ буда, тибқи КМҶ муайян карда шуда, баҳри таъмин намудани адолат ва осоиши ҳуқуқӣ равона карда шудааст, ки иҷроиши он барои ҳама ҳатмист[1].

Дар м. 6 КМҶ мафҳуми маҳдуди мурофиаи судии ҷиноятӣ дода шудааст. Мувофиқи он мурофиаи судии ҷиноятӣ – ин пешбурди тосудӣ ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Аз мафҳуми додашуда ду қисми асосии мурофиаи ҷиноятиро ҷудо намудан мумкин аст: а) *пешбурди тосудӣ* ва б) *пешбурди судӣ.*

*Пешбурди тосудӣ* – оғози парвандаи ҷиноятӣ (ё рад намудан аз он) доир ба ҷиноят ва пешбурди тафтишоти пешакӣ буда, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор амалӣ карда мешавад. Пешбурди тосудӣ оид ба ҷинояти содиршуда бо мақсади амалӣ кардани адолати судӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан барои судҳо таъин шудааст.

*Пешбурди судӣ* – ин омодагӣ ва таъин кардани муҳокимаи судӣ бо парвандаи ҷиноятии тафтишоти пешакиаш анҷом ёфта, гузаронидани мурофиаи судӣ ва баровардани ҳукми айбдоркунанда (сафедкунанда), аз нав дида баромадани ҳукм ва дигар санадҳои судӣ дар судҳои марҳилаҳои болоӣ ва қабули қарорҳои мушаххас оид ба шароити мусоид фароҳам овардан бахри иҷро кардани ҳукм ва дигар санадҳои судӣ пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо, мебошад.

Мурофиаи ҷиноятӣ бо татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии давлатӣ (дастгиркунӣ, кофтуков, дар ҳабс нигоҳ доштан, ҳабси амвол ва ғайра) алоқаманд мебошад. Вобаста ба чунин хусусият, баҳри таъмини кафолати ҳуқуқи инсон ин намуди фаъолияти мақомоти давлатӣ дар қонун дақиқона ба танзим даровarда шудааст. Пайдарҳамии амалҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ аз лаҳзаи маълум гардидани ҷиноят ва баррасӣ шудани парванда дар суд, ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалбгардида, шакл ва тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, мустаҳкамкунии натиҷаи онҳо, асосҳо ва шартҳои қабули қарорҳои мурофиавӣ дар қонун муайян карда шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки ба мурофиаи ҷиноятӣ як қатор хусусиятҳое хосанд, ки фарқияти онро аз дигар намудҳои фаъолияти давлатӣ муайян мекунанд. Ба ин хусусиятҳои мурофиаи ҷиноятӣ пеш аз ҳама дохил мешаванд:

а) мурофиаи ҷиноятӣ яке аз намудҳои фаъолияти давлатӣ мебошад;

б) аз ҷониби субъектони махсуси ваколатдоршуда (суд, прокуратура, мақомоти тафтиш ва таҳқиқ) амалӣ гардидани ин намуди фаъолияти давлат;

в) дар қонун пешакӣ муайян гардидани шаклҳои ба амал баровардани фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ;

г) хос будани иҷрои вазифаҳои муайян ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ.

Бояд қайд намуд, ки амалӣ гардидани мурофиаи ҷиноятӣ бахри таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва амалигардонии адолати судӣ равона гардидааст.

---

[1] Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд! // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2013. – С. 22-23.

Тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар намудааст, барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдоркунӣ, ҳимоя аз ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, *мурофиаи ҷиноятӣ* – ин фаъолияти бо тартиби махсуси мурофиавӣ муқаррargardидаи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон аз таҷовузҳои ҷиноятkorona, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад, ки дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, танзим ва амалӣ карда мешавад.

## § 2. Мақсад ва вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ

*Мақсади* мурофиаи ҷиноятӣ баръало дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, аз м. 2 КМҶ чунин бармеояд: ҳимояи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори конститутсионии он, ҷомеа, инсону шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии он, моликият, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити атроф аз таҷовузҳои ҷиноятkorona ва аз таъқиботи беасосу ғайриқонунӣ.

*Вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ* дар м. 2 КМҶ пешбинӣ гардида, аз инҳо иборатанд:

✓ муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

✓ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

✓ ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд;

✓ сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят;

✓ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда;

✓ ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд;

✓ риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ;

✓ кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

Вобаста ба нақши мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳаёти ҷомеа вазифаҳои онро ба *вазифаҳои умумӣ* ва *вазифаҳои махсус* ҷудо менамоянд.

*Вазифаҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ* аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ иборат аст.

*Вазифаҳои махсуси мурофиаи ҷиноятӣ,* ки ба ҳалли вазифаҳои умумӣ мусоидат менамоянд, инҳоянд:

**а)** муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

**б)** саривақт ва пурра ошкор намудани ҷиноятҳо;

**в)** ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст;

**г)** дуруст татбиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар қонунҳое, ки ба парвандаи ҷиноятӣ дахл доранд;

**д)** таъмини кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст.

Тартиби муқаррарнамудаи КМҶ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд.

Дар замони муосир вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун масъалаи (ғояи) муҳими барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Барои он, ки ин ғоя бо ҳадди ниҳоии таъмин ва риояи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд пайванд буда, уҳдадории давлатро дар назди шахс ва уҳдадории шахсро дар назди давлат бо афзалиятнокии муқаррароти қонун муайян менамояд. Ҳамчунин дар шумораи вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд вазифаи татбиқи аниқи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз таҷовузи ҷинояткорона ба ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва эҳтироми шаъну шарафи шахсӣ ва моликияти шаҳрвандон таҷассум ёбад.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳамчунин барои иҷрои принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ низ вазифадор шудааст. Вазифаи мазкур, мақомоти татбиқкунандаи мурофиаи ҷиноятиро уҳдадор менамояд, ки ҳатман ҳар як иттилоотро дар бораи омодагӣ ба содир кардани ҷиноят ё ҷинояти содиршуда қабул ва санҷида дар доираи ваколати худ доир ба маълум гардидани аломати таркиби ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд, мувофиқи муқаррароти қонун ҳама чораҳои заруриро оид ба муайян кардани ҳодисаи ҷиноят ва шахси онро содиркарда, ба ҷавобгарӣ кашидани он ва таъини ҷазои ҷиноятӣ андешад.

Вазифаи мазкурро иҷро карда мақомоти тафтишоти пешакӣ ва прокуратура бояд як қоидаи муҳимро аз мадди назар дур накунанд: дар содир кардани ҷиноят татбиқи ҷазои вазнин муҳим нест, муҳим он аст, ки ягон ҷинояти содиршуда ошкор нашуда намонад. Маънои ин тартибот дар он аст, ки ҳар як ҷинояти содиршуда бояд ба пуррагӣ ошкор гардида, ба шахси онро содиркарда, ҷазои сазовор татбиқ гардад. Боз як маънои дигараш он аст, ки ҳар як ҷинояти содиршуда саривақт ва ба пуррагӣ ошкор карда шавад, яъне вақти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъини ҷазо нисбати шахси ин кирдорро содир карда бо таври воқеӣ наздик бошад.

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ба пуррагӣ ошкор кардани ҷиноят бо саривақт ошкор кардани он дар алоқаи зич мебошад, яъне, ҷиноят дар он ҳолате бештар ба пурагӣ ошкор мешавад, агар дар ҳолати «гармогармӣ» ошкор ва шахси ин кирдорро содиркарда дарҳол баъд аз содир кардани ҷиноят дастгир гардад. Ба пуррагӣ ошкор шудани ҷиноят, маънои онро дорад, ки дар ҳар як ҳолат бояд ҳамаи лаҳзаҳои ҷиноят ва ҳар як амали ҷинояткорона, инчунин, ҳамаи шарикони ҷиноят маълум ва фош, сабаб ва шароити барои содир кардани ҷиноят мусоидаткунанда муайян гардад. Саривақт ва пурра ошкор накардани ҷиноят ба шахсе, ки онро содир кардааст ва ё медонад, бовар мекунонад, ки ӯ бе ҷавобгарӣ мемонад, ин амал метавонад барои содир кардани ҷинояти нав мусоидат намояд.

## § 3. Функсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ

Истилоҳи «функсия» дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ, алалхусус ҳангоми омухтани фанҳое, ки хислати амалӣ доранд, васеъ истифода карда мешавад. Funktio калимаи лотинӣ буда, маъноаш самти асосии фаъолият мебошад. Самтҳои асосии

фаъолияти иштирокчиёнро вобаста ба нақши онҳо дар иҷроиши вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ функсияи мурофиаи ҷиноятӣ меноманд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин масъала фикру ақидаҳои гуногун ҷой доранд[1]. Вобаста ба ваколат ва нақше, ки мақомоти номбаршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ иҷро менамоянд, функсияҳои мурофиаи ҷиноятиро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) ***функсияҳои асосӣ:***

- тафтишоти ҷиноятҳо;
- таъқиби ҷиноятӣ (айбдоркунӣ);
- ҳимоя;
- баррасӣ ва ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ;
- кофтукови айбдоршаванда;
- таъмини даъвои гражданӣ;
- профилактикаи мурофиавӣ-ҷиноятӣ.

б) ***функсияҳои таъминкунанда:***

- роҳбарӣ ва назорати мурофиавӣ;
- назорати прокурорӣ ва судӣ.

Ин функсияҳо бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Иҷроиши унсурҳои як функсияро ҳангоми амалӣ намудани функсияи дигар вохӯрдан мумкин аст. Мисол: дар тафтишоти пешакӣ функсияи ҷамъоварии далелҳои айбдоркунанда ва сафедкунанда, ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ ба суд ва ғайра ба чашм мерасад. Лекин ҳар як функсия мазмуни асосии фаъолияти ҳар як мақомоти дахлдори иштирокчии мурофиавии ҷиноятиро таҷассум менамояд. Дар алоқа бо ин, на ҳамаи функсияҳо якҷоя ба вуҷуд меоянд, дар ҳолати ба вуҷуд омадан бо якдигар дар алоқаи зич амалӣ мешаванд. Аз функсияҳои номбаршуда, функсияи тафтишоти пешакӣ аз дигар функсияҳо барвақттар ба вуҷуд меояд, дар якҷоягӣ бо функсияи таъқиботи ҷиноятӣ ва ҳимоя амалӣ мегардад. Функсияҳои мурофиавии ҷиноятӣ барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолати содиршавии ҷиноят, баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок, одилона ва дигар ҳалномаҳои судӣ, инчунин, қарорҳои қабулкардаи прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва роҳбарони онҳо хизмат менамояд.

**Функсияҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ**

*Функсияи тафтишоти пешакӣ.* Мақомоти таҳқиқ (таҳқиқбаранда ва сардори воҳиди таҳқиқ), мақомоти тафтишоти пешакӣ (муфаттиш ва сардори воҳиди тафтишот) функсияи тафтишоти пешакиро амалӣ менамоянд, ки моҳияти он аз тафтиши ҳамаҷонибаи ҳолати парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятӣ содиршуда, муайян кардани шахси ин кирдорро содир карда, исбот кардани гуноҳи он шахс бо роҳи пешбурди амалҳои тафтишӣ ва омода кардани маводи парвандаи ҷиноятӣ барои мурофиаи судӣ мебошад.

*Функсияи таъқиби ҷиноятӣ (айбдоркунӣ)* – фаъолияти мурофиавиест, ки прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо мақсади муайян кардани кирдори бо қонуни

[1] Ниг.: Курс уголовного судопроизводства: учеб.: В 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. Т.1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М. Изд.Московского психолого-социального института, 2006. – С. 36; Уголовно-процессуальное право: учебник / под ред. П.А. Лупинской. – М.: Юрист, 1997. – С. 11; Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016. – С. 98-104.

ҷиноятӣ манъшуда ва шахсе, ки онро содир кардааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани ӯ, ҳамчунин барои таъмин намудани татбиқи ҷазо ва ё дигар чораҳои маҷбурӣ нисбат ба чунин шахс анҷом медиҳад (сархати 24 м. 6 КМҶ). Ин функсияи мурофиавӣ ҷиноятиро ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ амалӣ карда метавонанд. Мавриди зикр аст, ки айбдоркунӣ ҳамчун қисми таркибии функсияи таъқиби ҷиноятӣ эътироф мегардад.

Баъзе олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар он ақидае мебошанд, ки ин функсияро суд низ ҳангоми дар пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ ширкат варзиданаш иҷро мекунад[1].

*Функсияи ҳимоя* – фаъолияти мурофиавӣ ҷиноятие, ки аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятии тарафи ҳимоя бо мақсади ҳимояи манфиатҳои худ ё намояндагӣ бо роҳи мубоҳиса намудани айб (гумонбарӣ), таъқиби ҷиноятӣ нисбати шахс оид ба содир кардани ҷиноят, овардани асос ва далелҳои рад кардани айб ё барои сабук гардонидани гуноҳ ва ё ҷавобгарии айбдоршаванда ба амал бароварда мешавад, фаҳмида мешавад. Ин функсия аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгар ва ё намояндаи қонунии онҳо амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин функсияи ҳимояро ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи ӯ низ барои ҳимоя аз даъвои гражданӣ, ки дар якҷоягӣ бо парвандаи ҷиноятӣ ҳал мегардад, амалӣ менамояд.

Ба маънои васеъ функсияи ҳимояро дар доираи парвандаи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот, таҳқиқбаранда ва сардори воҳиди таҳқиқ ҳам амалӣ менамоянд, ҳангоми иҷрои чунин муқаррарот:

– ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз парванда бармеоянд бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани парванда тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд на танҳо ҳолатҳои айбдоркунанда, балки сафедкунанда ва сабуккунанда, ҳамчунин ҳам ҳолатҳои ҷавобгарии ӯро сабук ё вазнинкунанда муайян карда ба инобат гирифта шаванд;

– ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳифз карда ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд ва барои амалӣ кардани он шароити мусоид фароҳам оваранд;

– дар ҳолати мавҷуд будани ҳам асосҳои сафедкунанда ва ҳам асосҳои ғайрисафедкунанда пешбурди тафтишоти пешакиро қатъ намоянд.

*Функсияи баррасӣ ва моҳиятан ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ* – аз қабули қарори судӣ оид ба гунаҳгорӣ ва таъини ҷазои ҷиноятӣ нисбати шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буд, дар ҳолати тасдиқи гуноҳи ӯ дар суд ва ё сафед кардани бегуноҳӣ мебошад. Функсияи баррасӣ ва моҳиятан ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ – ин пеш аз ҳама функсияи суд буда, танҳо аз ҷониби суд ҳангоми анҷом ёфтани пешбурд бо парвандаи ҷиноятӣ ва бо баровардани ҳукм ва ё таъинот (қарор) дар бораи қатъ кардани пешбурд амалӣ мегардад.

---

[1] Ниг.: Курс уголовного судопроизводства: учеб.: В 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. Т.1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М. Изд.: Московского психолого-социального института, 2006. – С. 38; Юлдошев Р.Р. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы: монография. – Душанбе: Издательство «Андалеб-Р», 2016. – 144 с.; Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела : проблемы и перспективы : монография. 2-е изд., испр. и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017. – 160 с.

*Функсияи кофтукови айбдоршаванда, судшаванда* – аз гузаронидани чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ оид ба кофта ёфтани шахси номбаршуда, агар аз тафтишот ё суд пинҳон шуда бошад ва ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст, мебошад. Ин функсия аз ҷониби муфаттиш (сардори воҳиди тафтишот), мақомоти таҳқиқ ва прокуроре, ки дар пешбурдаш парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд мебошад, ҳамчунин он мақомоти таҳқиқе, ки мувофиқи тартиби муайяншуда иҷрои супориш оид ба фаъолияти кофтуковии айбдоршаванда ва судшаванда ба он вогузор шудааст, амалӣ мегардад. Агар, асос барои кофтуков эълон кардани айбдоршаванда ва судшаванда ҳангоми таъин кардани муҳокимаи судӣ ба миён ояд, дар ин ҳолат суд масъалаи амалӣ кардани ин функсияро ба прокурор вогузор менамояд, агар дар муҳокимаи судӣ ба миён ояд суд бо таъиноти худ барои иҷрои функсияи мазкур чора меандешад, яъне нисбати судшаванда кофтуков эълон менамояд.

*Функсияи таъмини даъвои гражданӣ* – аз ҳабси молу мулк, бо мақсади дар оянда таъмин кардани иҷрои ҳукм оид ба қисми даъвои пешниҳодгардида, рӯёнидани молу амволи дигар ё мусодираи молу амволе, ки дар натиҷаи кирдори ҷинояткорона ё бо роҳи ҷиноят ҷамъ омада, иборат мебошад. Функсияи мазкурро муфаттиш (сардори воҳиди тафтишот), мақомоти таҳқиқ, прокурор ва суде, ки дар пешбурдаш парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд мебошад, амалӣ менамояд.

*Функсияи профилактикаи мурофиавии ҷиноятӣ* – фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ буда, бо мақсади аниқ намудани сабаб ва шароите, ки барои содир кардани ҷиноят мусоидат менамоянд ва андешидани чораҳое, ки ин сабаб ва шароитро бартараф менамоянд, гузаронида мешавад. Функсияи мазкур аз ҷониби муфаттиш (сардори воҳиди тафтишот), мақомоти таҳқиқ, прокурор ва суде, ки дар пешбурдаш парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд мебошад, амалӣ карда мешавад.

**Функсияҳои таъминкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ**

Дар пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ *функсияи роҳбарӣ ва назорати мурофиавӣ* оид ба ошкор, тафтиш ва огоҳикунии ҷиноят – аз ҷониби сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтишот ва прокурор ба амал бароварда мешавад.

Функсияи назорати судӣ оид ба қонунӣ ва асоснокии амалҳо ва қарорҳои мурофиавии мақомоти тафтишот ва прокурор аз ҷониби судяи шаҳру ноҳияи маҳаллӣ ҷойгиршавии мақомот ва гарнизонҳои ҳарбии дахлдор (м.м. 122, 124 КМҶ), амалӣ карда мешаванд.

Функсияи назорати судӣ оид ба қонунӣ, асоснокии амалҳо ва қарорҳои мурофиавии судие, ки дар пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ қабул ва иҷро карда мешавад, тибқи муқаррароти боби 38 КМҶ амалӣ карда мешаванд. Функсияи назорати судӣ оид ба қонунӣ, асоснокӣ ва боадолатонаи амалҳо ва қарорҳои мурофиавии судие, ки дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ қабул мешаванд, мутобиқан бо тартиби аз нав дида баромадани санадҳои судӣ дар марҳилаҳои кассатсионӣ ё (ва) назоратӣ, ҳамчунин бо роҳи аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав, амалӣ мегарданд (бобҳои 38, 42 ва 43 КМҶ).

Ҳамин тавр, функсияҳои мурофиавии ҷиноятӣ самти муҳими фаъолияти субъектони мурофиаи ҷиноятиро муайян менамояд. Амалӣ намудани функсияҳои асосӣ ва таъминкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, иҷрои қарору ҳукмҳои

қонунию асоснок ва одилонаи судҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, хизмат менамоянд.

## § 4. Мафҳумҳои ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ

Омӯзиши фанни мурофиаи ҷиноятӣ азхудкунии як қатор мафҳуму категорияҳои илмиро талаб менамояд, ки ба онҳо шакли мурофиавӣ, кафолати мурофиавӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Шакли мурофиавии ҷиноятӣ** гуфта тартиби дар қонун аниқ муқарраршудаи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ё амалҳои ҷудогонаи мурофиавиеро меноманд, ки барои суд, мақомоти прокуратура, мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин, ба дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳатмӣ буда, вазифаи он аз таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ иборат аст.

Шакли мурофиавии ҷиноятӣ – ин тартиб ва шарти иҷро намудани амалҳои мурофиавии ҷудогона, маҷмӯи чунин амалҳо, сабти расмии рафт ва натиҷаи онҳо, ки дар қонун муайян шудааст, мебошад.

Тамоми фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд гузаронидани амалҳои тафтишию судиро бо тартиб, шароит ва пайдарҳамии дар қонун муайянгардида тақозо менамояд. Масалан: пеш аз шурӯъ намудан ба пурсиши шахси ноболиғ, пурсишкунанда (муфаттиш, таҳқиқбаранда) уҳдадор аст, омӯзгорро даъват намояд, пурсиш бояд бо протокол ба расмият дароварда шавад, далелҳо бояд аз сарчашмаҳои дар қонун муайяншуда ба даст оварда шаванд ва ғ.

Моҳияти шакли мурофиавӣ дар он аст, ки он ҳамчун намуди махсуси шакли ҳуқуқии фаъолияти давлат низоми ҳуқуқии пешбурди парвандаи ҷиноятиро, ки ба вазифа ва принсипҳои пешбурди судӣ ҷавобгӯй аст, муайян менамояд.

Шакли мурофиавӣ вобаста аз пайдарҳамии марҳилаҳо, шартҳои гузаштани парванда аз як марҳила ба марҳилаи дигар, шартҳои пешбурди парванда дар марҳилаи мушаххас, асос, шарт ва тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, инчунин баъзе қоидаҳое, ки хусусияти расмиётӣ, одатӣ доранд, муайян карда мешавад.

Аҳамияти шакли мурофиавӣ дар он аст:

**а)** ба вазифа ва принсипҳои пешбурди судӣ ҷавобгӯ аст;

**б)** мурофиаро пурра, ҷузъан танзим мекунад;

**в)** шарти қонунӣ будани амал ва қарорҳо оид ба парванда мебошад;

**г)** кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёнро дар бар мегирад.

**Кафолати мурофиавии ҷиноятӣ** ин восита ва тарзҳои махсусе мебошад, ки баҳри таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, равона карда шудааст.

Доир ба мазмуни кафолати мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун воситаи таъмини ҳуқуқи шахс ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Чунончӣ, баъзе муҳаққиқони соҳа кафолати мурофиавии ҷиноятӣ гуфта ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаро мефаҳманд[1]. Ба ақидаи дигарон, ба кафолат, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ[2], принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ[3] ва шакли мурофиавӣ[1] дохил мешаванд.

[1] Ниг.: Куцова Э.Ф. Гарантии прав личности в уголовном процессе. – М., 1993. – С. 127.
[2] Ниг.: Цыпкин А.Л. Право на защиту в советском уголовном процессе. – Саратов, 1959. – С. 21-22.
[3] Ниг.: Полянский Н.Н. Вопросы теории советского уголовного процесса. – М., 1956. – С. 203.

Кафолати мурофиавӣ ба монанди дахлнопазирии шахсият ва манзил, махфӣ будани сирри мукотибот, гуфтугӯйи телефонӣ, ҳифзи судӣ, манъ будани мусодираи пурраи молу мулк, баробарӣ дар назди қонун ва суд, ҷуброни зарар ва ғ., пеш аз ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ мустаҳкам гардида, маҳдуд кардани онҳо танҳо дар мавридҳое, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, иҷозат дода мешавад. Масалан: Конститутсия дар қ. 4 м. 20 кафолат додааст, ки мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст. Инчунин, қ. 2 м. 19 Конститутсия ва моддаҳои дахлдори КМҶ бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс кардани шахсро манъ кардаанд. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода кунад ва монанди инҳо.

Баъзе кафолати мурофиавии ҷиноятӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 муайян карда шудаанд. Масалан: нисбат ба шахсони ҳимояшаванда таъмин намудан бо муҳофизони шахсӣ, муҳофизати молу мулк ва манзил, тағйир намудани симои зоҳирӣ, дигар кардани ҷойи кор ё таҳсил, додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар ва ғайра кафолат дода шудааст (қ. 1 м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»).

Кафолати мурофиавии дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд. Бештари ин кафолат дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Статути Римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ, Конвенсияи Аврупо оид ба супоридан (экстрадитсия) муқаррар карда шудаанд.

**Марҳилаҳои (давраҳои) мурофиаи ҷиноятӣ.** Мурофиаи ҷиноятӣ – ин на танҳо фаъолияти бо тартиби муайян ба танзимдаровардаи мақомоти давлатӣ ва шахсон буда, балки низоми амалҳои мурофиавии дар КМҶ танзимшудае, ки як пешбурди мантиқан пайдарҳамеро доир ба парвандаи ҷиноятӣ, аз саршавӣ то ба анҷоми давраҳои пешбурди пай дар ҳам ивазшавандаеро ташкил менамояд, ки марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ном доранд.

Мурофиа «Протсесс» истилоҳи қадимаи лотинӣ буда, маънояш тарзи маъруфи пешниҳоди шикоят ва баррасӣ намудани он мебошад[2]. Яъне пешбурд дар доираи парвандаи ҷиноятӣ – ин амали бетанаффус, гузаштан аз як марҳила ба марҳилаи дигар мебошад.

Қайд намудан лозим аст, ки фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ бо сабаби содир шудани ҷиноят оғоз гардида минбаъд мувофиқи пайдарҳамии дар қонун муайянгардида давом меёбад ва аз як қатор марҳилаҳои мушаххас иборат мебошад.

Марҳилаҳои (давраҳои) мурофиаи ҷиноятӣ қисматҳои ба ҳам алоқаманд ва дар як вақт мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд, ки вобаста ба натиҷаи қарорҳои қабулшуда, вазифаҳои мушаххас, доираи иштирокчиён, шаклҳои фаъо-

---

[1] Ниг.: Рахунов Р.Д. Участники уголовно-процессуальной деятельности. – М., 1961. – С. 3.

[2] Искандаров З.Х. Ёще раз о понятии уголовного процесса // Актуальные вопросы судебного права, прокурорской деятельности и пресечения преступности в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2013. – С. 245-265.

лияти мурофиавӣ ва хусусиятҳои муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд[1].

Марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ зинаи мустақили пешбурди парвандаи ҷиноятӣ буда, аз маҷмӯи амалҳо ва қарорҳое, ки бо вазифаи умумӣ муттаҳид мегарданд ва бо хулосаҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ хотима меёбанд, иборат аст.

Як марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ аз марҳилаи дигари он бо вазифаҳои бевосита, доираи махсуси иштирокчиён, татбиқи амалҳои мурофиавӣ, хусусиятҳои шаклҳои мурофиа ва муносибатҳои мурофиавӣ фарқ мекунад. Ҳар кадом марҳила бо қабул намудани қарори мурофиавӣ оғоз ва анҷом меёбад ва барои фаъолияти пурсамар дар марҳилаҳои минбаъда замина мегузорад.

Марҳилаҳои (давраҳои) мурофиаи судии ҷиноятиро вобаста ба мафҳуми мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар м. 6 КМҶ пешбинӣ шудааст, ба ду марҳила ҷудо намудан мумкин аст.

**1.** ***Пешбурди тосудӣ.*** Ин марҳила дар навбати худ ба давраҳои зерин тақсим карда мешавад:

а) оғози парвандаи ҷиноятӣ;

б) тафтишоти пешакӣ:

– *таҳқиқ;*

– *тафтиши пешакӣ.*

**2.** ***Пешбурди судӣ.*** Марҳилаи мазкур аз давраҳои зерин иборат аст:

а) таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он;

б) муҳокимаи судӣ;

в) мурофиа дар зинаи кассатсионӣ;

г) иҷрои ҳукм;

д) мурофиа дар суди зинаи назоратӣ;

е) аз нав сар кардани баррасии парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор гардидани ҳолатҳои нав.

Дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятиро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудаанд.

Ҳамин тавр, бештари парвандаҳои ҷиноятӣ аз марҳилаҳои зерин мегузаранд, ки онҳоро дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ марҳилаҳои асосӣ меноманд.

**Марҳилаи аввали** мурофиаи ҷиноятӣ *оғози парвандаи ҷиноятӣ* мебошад, ки нисбат ба тамоми парвандаҳо ҳатмӣ аст. Дар марҳилаи мазкур мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё рад намудани оғози онро баррасӣ менамоянд. Қайд намудан лозим, ки парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ, яъне он асосҳое[2], ки дар м. 140 КМҶ пешбинӣ шудаанд, оғоз карда мешавад. Мутобиқи м. 140 КМҶ асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

а) ариза дар бораи ҷиноят;

б) ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;

в) иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;

г) иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;

---

[1] Ниг.: Уголовно-процессуальное право: учебник / под ред. П.А. Лупинской. – М.: Юрист, 1997. – С. 11.

[2] Бояд қайд намуд, ки дар КМҶ сабабҳо бо асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳаммонанд шуда, нодуруст истифода бурда шудаанд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ислоҳ намудани ин нуқсон дар тамоми матни китоб истилоҳи «сабабҳо» ва «асоси» оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда мешавад.

д) аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.

**Марҳилаи дуввум** *тафтишоти пешакӣ* ном дорад. Тафтишоти пешакӣ дар ду шакл – *таҳқиқ* ва *тафтиши пешакӣ* гузаронида мешавад. Дар марҳилаи мазкур мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ вобаста ба тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятӣ бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҷиноятро ошкор, шахси гунаҳгорро фош намуда, тамоми ҳолатҳоеро, ки барои баррасии одилонаи парвандаи ҷиноятӣ заруранд, маълум менамоянд. Тафтишоти пешакӣ аз лаҳзаи тасдиқи фикри айбдоркунӣ ва ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ кардани он хотима меёбад.

**Марҳилаи сеюм,** *таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он* мебошад. Дар ин марҳила судя оид ба парвандаи ҷиноятии ба пешбурди суд воридшуда яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

а) дар бораи таъин намудани маҷлиси суд;

б) дар бораи баргардонидани парванда ба тафтиши иловагӣ;

в) дар бораи боздоштани пешбурди парванда;

г) дар бораи тибқи тобеияти судӣ фиристодани парванда;

д) дар бораи қатъ кардани парванда.

Ҳангоми ба суд ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ судя бояд ҳолатҳои зеринро муайян кунад: парванда таҳти тобеияти ҳамин суд қарор дорад ё не; ҳолатҳое, ки боиси қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда мегарданд, вуҷуд доранд ё не; ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад, роҳ дода шудааст ё не; нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба пешбурди суръатнок супурда шудаанд ё не; чораи пешгирии интихобгардидаро тағйир додан ё бекор кардан зарур аст ё не; ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст ва эҳтимоли мусодираи молу мулк чора андешида шудааст ё не; ариза ва дархостҳо қонеъ гардонида шудаанд ё не.

Дар ин маврид судя масъалаи гунаҳгор будани айбдоршавандаро пешакӣ ҳал накарда, дар бораи таъин кардани муҳокимаи судӣ қарори дахлдор мебарорад.

**Марҳилаи чорум,** марҳилаи муҳимтарини мурофиаи ҷиноятӣ – *муҳокимаи судӣ* мебошад. Дар ин марҳила парвандаи ҷиноятӣ моҳиятан баррасӣ шуда, масъалаи гунаҳгор будан ё набудани судшаванда, нисбати ӯ татбиқ кардан ё накардани ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби суд ҳал карда мешавад.

**Марҳилаи панҷум,** *мурофиа дар зинаи кассатсионӣ* мебошад. Дар ин марҳила суди зинаи болоӣ аз рӯйи шикояти кассатсионии иштирокчиёни мурофиа (ҳимоятгар, судшаванда, намояндаи қонунӣ, айбдоркунандаи хусусӣ ва ғ.) ё эътирози прокурор қонунӣ ва асоснок будани ҳукми суди зинаи якумро, ки ба қувваи қонунӣ надаромадааст, санҷида мебарояд.

**Марҳилаи шашум,** *иҷроиши ҳукм* аст, ки он аз фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятии суд оид ба масъалаҳои ба иҷро расонидани ҳукм, назорат аз болои ба иҷро расонидани ҳукм ва баррасии дигар масъалаҳое, ки бо иҷрои ҳукм алоқаманд аст, иборат аст.

Ҳукм, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ буда, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба иҷро расонида шаванд.

Иҷрои ҳукм, таъинот ва қарор ба зиммаи суде гузошта мешавад, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст.

Мақомоти иҷрокунандаи ҳукм фавран ба суде, ки ҳукмро баровардааст, аз иҷрои он хабар медиҳанд. Маъмурияти муассисаи ислоҳӣ судеро, ки ҳукм баровардааст, бояд аз маҳалли адои ҷазо аз тарафи маҳкумшуда огоҳ созад.

Ҳар як марҳила дар навбати худ ба қисмҳо ва даврaҳо ҷудо мешавад. Масалан: муҳокимаи судӣ аз даврaҳои *таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он, тафтиши судӣ, музокираи судӣ, сухани охирини судшаванда ва баровардани ҳукм* иборат аст.

Мавриди зикр аст, ки ғайр аз шаш марҳилаҳои зикршуда боз ду марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуданд, ки дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ онҳо *марҳилаҳои иловагӣ* номида шудаанд.

Ба марҳилаҳои иловагӣ дохил мешаванд:

***Мурофиа дар суди зинаи назоратӣ,*** ки марҳилаи иловагӣ ва мустақили мурофиаи ҷиноятӣ буда, дар он суди болоӣ аз рӯйи эътирози шахсони ваколатдоршуда дар асоси маводи мавҷудбудаи парванда, инчунин маводи нав пешниҳодшуда, қонунӣ ва асоснок будани ҳукм, таъинот ва қарорҳои ба қувваи қонунӣ даромадаи тамоми судҳоро, новобаста аз он, ки онҳо дар зинаи кассатсионӣ баррасӣ шудаанд ё не, санҷида мебарояд.

***Аз нав сар кардани баррасии парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор гардидани ҳолатҳои нав*** марҳилаи дигари иловагии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Дар ин марҳила суди ваколатдор дар асоси хулосаи прокурор ҳукм, таъинот, қарори ба қувваи қонунӣ даромадаро бинобар ҳолатҳои аз нав ошкоршудае, ки ҳангоми баррасии парванда ба мақомоти тафтишот ва суд маълум набуданд, аз нав баррасӣ мекунад.

Истисноӣ будани марҳилаҳо онро ифода мекунад, ки бо тартиби назорат ё бо сабаби ошкор шудани ҳолатҳои нав парвандаи ҷиноятиро танҳо пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм (таъинот, қарор) аз нав дида баромадан мумкин аст. Ин марҳилаҳо ҳамчун кафолати иловагӣ, барои ислоҳи хатогиҳо ва камбудиҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ роҳ додашуда, хизмат мекунанд.

## § 5. Навъҳои (шаклҳои) таърихии мурофиаи ҷиноятӣ

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки вобаста ба рушди ҷомеа, гузаштан аз як ҷамъият ба ҷамъияти дигар навъҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ ба вуҷуд омаданд ва инкишоф ёфтаанд.

Вобаста ба он ки дар назди ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ кадом вазифаҳо меистад, чи гуна салоҳият ва вазифаҳои мақомоти давлатие, ки мурофиаи ҷиноятиро пеш мебаранд, муайян карда шудааст, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҷабрдида аз ҷиноят ё айбдоршаванда дар ҷиноят то чи андоза ҳифз мегарданд, низоми исбот чи гуна аст, исбот кардани гуноҳ уҳдадории кӣ мебошад, оид ба парванда суд чи гуна ҳукм мебарорад, якчанд навъҳои мурофиаи ҷиноятиро, ки дар давраҳои гуногуни таърих ва давлатҳо мавҷуданд, фарқ мекунанд.

Шаклҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ садсолаҳост, ки объекти тадқиқотҳои илмӣ мебошад ва ҳамаи ин тадқиқотҳои илмиро ба се давра ҷудо намудан мумкин аст:

а) давраи тоинқилобӣ – то соли 1917 (барои Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 1924);

б) давраи шӯравӣ – аз соли 1924 то охири солҳои 1990;

в) давраи нав (муосир) – аз охири солҳои 1990 то имрӯз.

Ҳар як давра хусусиятҳои ба худ хосро доро буд.

Дар давраи аввал мурофиачиён се шакли мурофиаи ҷиноятиро, яъне мурофиаи айбдоркунанда, ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ) ва мубоҳисавиро ҷудо намуда буданд[1].

Дар давраи дуюм, яъне давраи шӯравӣ ақидаи тадқиқотчиён оид ба шаклҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Аз як тараф, дар фаъолияти олимони ин давра соддабаён ифода ёфтани муқаррароти илмии тоинқилобӣ ба чашм мерасид. Масалан: муқаррар карда шудааст, ки шакли мурофиаи айбдоркуниро шакли мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ) ва баъдан шакли мурофиаи ҷустуҷӯиро (инквизитсионӣ) шакли мурофиаи омехта иваз намудааст. Бинобар ин, шакли мурофиаи айдоркунанда ҳам ба Юнони Қадим ва ҳам ба Англия ва ИМА-и имрӯза тааллуқ дошт. Баъзе муаллифон ба шакли мурофиаи омехта мурофиаи судии Франсияи имрӯза ва давлатҳои шӯравиро дохил намудаанд[2].

Аз тарафи дигар, дар илми шӯравӣ таснифи паҳнгаштаи тартиби мурофиаи судӣ кор карда шуд. Муаллифони он М.А. Челтсов ва Н.Н. Полянский буданд[3]. Инкишофи минбаъдаи ақидаи онҳо дар кори В.П. Нажимов «Навъҳо, шаклҳо ва намудҳои мурофиаи ҷиноятӣ» (Калининград, 1977) ташаккул дода шуд.

Дар ин давра муҳаққиқони шӯравӣ чунин навъҳои таърихии мурофиаи ҷиноятиро ҷудо намуда буданд:

а) давраи ғуломдорӣ;

б) давраи феодалӣ;

в) давраи буржуазӣ;

г) давраи сотсиалистӣ.

Давраи сеюм, яъне давраи муосири инкишофи илми мурофиаи ҷиноятӣ доир ба шаклҳои мурофиаи ҷиноятӣ аз соли 1990 оғоз гардид. Дар давраи мазкур чор шакли мурофиаи ҷиноятӣ: айбдоркунанда, ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ), мубоҳисавӣ ва омехта ҷудо карда шуданд[4].

Олими рус А.В. Смирнов ҳамаи навъҳои (шаклҳои) мурофиаи ҷиноятиро ба ду намуд ҷудо намудааст. Инҳо навъҳои мурофиаи мубоҳисавӣ ва ҷустуҷӯӣ мебошанд[5].

Ҳамин тавр, чунин шаклҳои мурофиаи ҷиноятӣ: *айбдоркунанда, ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ), мубоҳисавӣ* ва *омехта* ҷудо карда мешаванд.

---

[1] Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства в 2-х т. – СПб.: Альфа, 1996 (по 3-му изданию СПб., 1910); Познышев С.В. Элементарный учебник русского уголовного процесса. – М., 1913; Случевский Вл. Учебник русского уголовного процесса. Судоустройство-судопроизводство. – СПб., 1910; Тальберг Д.Г. Русское уголовное судопроизводство. Т. 1. – Киев, 1889.

[2] Ниг.: Строгович М.С. Уголовный процесс. – М., 1946. – С. 33-67.

[3] Ниг.: Чельцов-Бебутов М.А. Курс уголовно-процессуального права. Очерки по истории суда и уголовного процесса в рабовладельческих, феодальных и буржуазных государствах. – М., 1957; Полянский Н.Н. Вопросы теории советского уголовного процесса. – М., 1956.

[4] Ниг.: Лупинская П.А. Типы (формы) уголовного процесса // Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П.А. Лупинская. – М., 1998. – С. 18-21; Гуценко К.Ф. Формы уголовного процесса // Уголовный процесс: учебник для юридических вузов и факультетов / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М., 1997. – С. 19-20; Божьев В.П. Виды уголовного процесса: исторический опыт и действительность // Уголовный процесс: учебник для вузов / под ред. В.П. Божьева. – М., 1998. – С. 9-12; Кобликов А.С. Исторические формы уголовного процесса // Уголовный процесс: учебник для вузов / под ред. А.С. Кобликова. – М., 1999. – С. 4-7.

[5] Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Уголовный процесс: учебник. – М.: Кнорус, 2008. – С. 46-60.

**Мурофиаи айбдоркунӣ** (хусусӣ-даъвогӣ, хусусӣ-мубоҳисавӣ) яке аз навъҳои таърихии мурофиаи ҷиноятӣ буда, дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омадааст ва он дар марҳилаи аввали ҷомеаи феодалӣ пурра инкишоф меёбад. Ин намуди мурофиа дар Рими қадим, Юнони Қадим, то асри XII дар Англия, Франсия асрҳои XI-XII ва Олмон асрҳои X-XIII амал мекард.

Мурофиаи ҷиноятии мусулмониро то ба ҳол баъзе олимон ҳамчун мурофиаи айбдоркунӣ меҳисобанд[1].

Хусусияти хоси ин навъи мурофиаи ҷиноятӣ эътирофи вазъи махсуси айбдоркунанда буд, ки ба сифати он одатан шахси аз ҷиноят зарардида баромад менамуд. Дар ин навъи мурофиа оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ аз иродаи айбдоркунанда, яъне ҷабрдида вобаста буд. Ҷамъоварии далелҳо, дастгир намудани гунаҳгор ва ба суд овардани ӯ ба зиммаи ҷабрдида буд. Мурофиаи судӣ мубоҳисавӣ ва ошкоро буда, парванда дар асоси далелҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо баррасӣ карда мешуд.

Низоми далелҳо, ки зери таъсири ҷаҳонбинии динии ҳамонвақта ба вуҷуд омада буд, аз қасамхурӣ, муҳориба ва дигар намудҳои санҷиш (бо оташ, об ва ғайра) иборат буд.

**Мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ)** навъи дигари таърихии мурофиаи ҷиноятӣ буда, ба монанди мурофиаи айбдоркунӣ дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омада, он дар давраи мутлақият нисбатан васеъ паҳн мегардад. Тибқи қоидаҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ судя дар як вақт бояд функсияи муфаттиш, айбдоркунанда ва дар ҳаҷми муайян функсияи ҳимояро низ иҷро менамуд.

Дар ин навъи мурофиа айбдоршаванда аз имконияти ҳимоя кардан маҳрум буда, ӯ имконият надошт, ки бо далелҳои пешниҳодшуда баҳс кунад, яъне, фикру ақидаи худро баён кунад. Ҳатто, айбдоршаванда намедонист, ки ӯро барои чӣ айбдор намуда истодаанд.

Ба мурофиаи ҷустуҷӯӣ низоми далелҳои расмӣ хос буд, ки пеш аз ҳама дар танзими сахти амалҳо оид ба баҳодиҳии далелҳо инъикос меёфт. Қоидаҳои зиёди исбот муқаррар шуда буданд. Азобу уқубат, шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф усули манъшудаи ба даст овардани далелҳо маҳсуб намеёфт. Дар мурофиаи ҷустуҷӯӣ се намуди ҳукм: ҳукми айбдоркунанда, ҳукми сафедкунанда, ҳангоми кофӣ набудани далелҳо барои маҳкум намудан ҳукми гумонбар мондани шахс (қоидаи ба манфиати айбдоршаванда ҳал намудани шубҳа амал намекард) маълум буд[2].

Тафтишот ва муҳокимаи судӣ хусусияти пӯшида ва пинҳонӣ дошт.

**Мурофиаи мубоҳисавӣ.** Мурофиаи мубоҳисавӣ аз мурофиаи айбдоркунӣ сарчашма гирифта, дар давлатҳои низоми ҳуқуқиашон англосаксонӣ нисбатан васеъ паҳн гардидааст. Мурофиа дар ин навъ баҳси байни давлат ва шахси ҷинояткор дар суд мебошад, ки дар ин баҳс ҳар ду тараф имкониятҳои баробари ҳуқуқӣ доранд. Яъне муҳокимаи судӣ ба таври мубоҳисавӣ, ошкоро ва даҳонӣ тавсиф карда мешавад.

Дар ин баҳс суд вазифаи «довари беғараз»-ро иҷро намуда, назорат мебарад, ки қоидаҳои баҳс чи тавр риоя мешаванд ва кӣ баҳсро бурд мекунад. Ба далелҳо вобаста аз ақидаи ботинии судя ва бо назардошти баъзе аломатҳои далелҳои расмӣ (ба иқрор шудани айбдоршаванда ба айби худ аҳамияти махсус додан ва

[1] Ниг.: Смирнов А.В. Состязательный процесс. – СПб., 2001. – С. 192.

[2] Тыричев И.В. Понятие и сущность уголовного процесса // Уголовный процесс / под общ. ред. П.А. Лупинской. – М., 1995. – С. 13.

ғайра) баҳо дода мешавад. Таърихан ин шакли мурофиа дар Англия инкишоф ва ташаккул ёфта, баъдан онро колонияҳои собиқи Англия қабул мекунанд, ки дар замони муосир низ ин шакл дар он ҷойҳо (ИМА, Канада, Австралия ва ғайра) бо хусусиятҳои умумияш вуҷуд дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки КМҶ низ хусусиятҳои мурофиаи мубоҳисавиро доро мебошад. Масалан: м. 19 КМҶ ошкоро будани мурофиаи судӣ, м. 20 КМҶ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ва ғайра.

**Мурофиаи омехта** номи худро аз омезиш ёфтани баъзе аломатҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ дар марҳилаҳои тосудӣ (қариб пурра мавҷуд набудани принсипи ошкоро, маҳдуд кардани имконияти айбдоршаванда аз ҳуқуқи ҳимоя, хаттӣ будани пешбурди тафтишот ва ғ.) ва аломатҳои мурофиаи мубоҳисавӣ дар суд (оммавӣ будани маҷлиси суд, таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба судшаванда, баҳодиҳӣ ба далелҳо аз ҷониби судя аз рӯйи ақидаи ботинӣ ва ғайра) гирифтааст. Асосҳои ин навъи мурофиаи ҷиноятӣ соли 1808 дар КМҶ Франсия муқаррар шуда, баъдтар дар қонунгузории дигар давлатҳо (бештар дар қонунгузории давлатҳои Аврупои континенталӣ), аз ҷумла Олмон, Италия, Австрия, Белгия инкишоф дода шудаанд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

1. Мафҳуми мурофиаи ҷиноятиро шарҳ диҳед.
2. Кафолатҳои мурофиавӣ ва аҳамияти ҳуқуқии онҳо.
3. Фукнсияҳои мурофиаи ҷиноятӣ кадомҳоянд?
4. Шакли мурофиаи ҷиноятӣ ва аҳамияти он.
5. Давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Давраҳои асосӣ ва иловагии / истисноии мурофиаи ҷиноятиро муайян созед.
7. Предмети ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро чӣ ташкил медиҳад?
8. Таснифи навъҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар замони шӯравӣ.
9. Навъҳои таърихии мурофиаи ҷиноятиро шарҳ диҳед.
10. Шакли мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистони имрӯза.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1083.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
6. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
7. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**8.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**9.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

**12.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.12.2012 с. таҳти № 925.

**13.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16.04.2012 с. таҳти № 810.

**14.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**15.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с. таҳти № 720.

**16.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**17.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25.07.2005 с. таҳти № 100.

**18.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.

**19.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**20.** Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш : фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2005 с. таҳти № 1570.

**21.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**22.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**23.** Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

**24.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**25.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва

Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**26.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**3.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**4.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**5.** Қудратов Н.А., Сафарова З.М., Алиев Ф.Ш. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Маҷмӯаи (комплекси) таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2015.

**6.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**7.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**8.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**9.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**10.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**11.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**12.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**13.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**14.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**15.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**16.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

**17.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**18.** Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016.

**19.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**20.** Александров А.С., Бостанов Р.А. Использование производных доказательств в уголовном процессе. – М., 2012.

**21.** Апелляция, кассация, надзор: новеллы ГПК РФ, УПК РФ. Первые результаты применения : монография. В 2 ч. / под общ. ред. докт. юрид. наук. Н.А. Колоколова. – М., 2015.

**22.** Гафуров Х.М. Институт отказа в возбуждении уголовного дела : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

**23.** Гафуров Х.М. Конституционный суд Республики Таджикистан : состояние и перспектива : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

**24.** Загорский Г.И. Актуальные проблемы судебного разбирательства по уголовным делам. – М., 2014.

**25.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**26.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**27.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**28.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**29.** Лупинская П.А. Решения в уголовном судопроизводстве : теория, законодательство, практика. 2-изд., перераб. и доп. – М.: Норма : Инфра-М, 2010.

**30.** Машовец А.О. Судебное следствие в уголовном процессе России: теоретико-доктринальный, нормативно-правовой и прикладной аспекты. – М., 2016.

**31.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**32.** Маджитов А.М. Меры процессуального принуждения и порядок их применения : практическое пособие. – Душанбе, 2013.

**33.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**34.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**35.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**36.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**37.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**38.** Раджабов С.Р. Развитие советского уголовно-процессуального законодательства в Таджикистане. – Душанбе: «Ирфон», 1974.

**39.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**40.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**41.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**42.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**43.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**44.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**45.** Франк Л.В. Задержание и арест подозреваемого. – Душанбе, 1963.

**46.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

**47.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

**48.** Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М. : ЮСТИЦИЯ, 2016.

**49.** Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

**50.** Юлдошев Р.Р. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы: монография. – Душанбе: Издательство «Андалеб-Р», 2016.

**51.** Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела : проблемы и перспективы : монография. 2-е изд., испр. и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017.

# БОБИ 2.
# ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ

Дар илми мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми маҳдуд ва васеи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ истифода бурда шудааст.

Ба маънои маҳдуд ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки фаъолиятро оид ба тафтишот, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ба танзим медарорад, яъне қоидаҳои тартиботи дахлдори ҳуқуқие, ки дар онҳо таъиноти мурофиаи судӣ амалӣ мегардад.

Ба маънои васеъ ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ соҳаи мустақили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки асос ва тартиби рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ, оғоз кардани он, пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар тамоми зинаҳои судӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, саривақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахсони ҷиноятсодиркарда, риояи меъёрҳои қонунҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар, иҷрои ҳукм, дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба фаъолияти мазкур алоқаманд, ки байни мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори пешбарандаи мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба пешбурди ҷиноятӣ ба вуқӯъ пайваста ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баамалбарории адолати судӣ равона шудаанд, ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки ифодаи худро дар татбиқи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, амалишавии ҳуқуқ ва кафолати мурофиавии субъектони мурофиаи ҷиноятӣ, муқаррар намудани низоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, тартиби пешбурд дар ҳар як давра ва ҳар як амали мурофиавӣ, асос ва тартиби қабули ҳукм оид ба парванда ёфтааст.

Дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мафҳумҳои «мурофиаи ҷиноятӣ» ва «ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ» истифода бурда мешавад, ки дорои мазмуни якхела нестанд. Агар мурофиаи ҷиноятӣ – ин фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бошад, пас ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки чунин фаъолиятро танзим менамояд.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, дорои предмет ва методи танзимгароии худ мебошад. Ба предмети соҳаҳои ҳуқуқ доираи муносибатҳои ҷамъиятии тавассути меъёрҳои ҳуқуқии ин соҳа танзимшаванда дохил мешаванд.

Фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ дар шакли муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқие ифода меёбад, ки ҳангоми амалӣ гардонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин фаъолият ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Бино-

бар ин, алоқаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро чун алоқаи мазмун (фаъолият) ва шакл (муносибатҳои ҳуқуқӣ) тавсиф намудан мумкин аст.

Доираи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ гуногун мебошад. Ба монанди мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, шаҳрвандон, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра. Мавриди зикр аст, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ доимо ба сифати як тарафи ин муносибатҳо мақомоти салоҳиятдори давлатие (шахси мансабдори босалоҳияте) баромад мекунад, ки дорои ваколати ҳокимиятӣ буда, фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро амалӣ мегардонад.

Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ аз лаҳзаи ба мақомоти дахлдор расидани хабар дар бораи содир шудани ҷиноят ба вуҷуд меояд. Амалҳои мурофиавӣ ва тафтишӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ низ метавонанд вуҷуд дошта бошанд. Масалан: пешбурди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса.

Ба муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ чунин хусусиятҳо хос мебошанд:

а) ин муносибатҳо хусусияти давлатӣ-ҳокимиятӣ доранд ва чун қоида новобаста аз иродаи иштирокчиёни он дар асоси нишондоди қонун пайдо мешаванд;

б) онҳо бевосита ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ алоқамандӣ доранд, яъне низоми амалҳои тибқи қонун танзимшудаи иштирокчиёни мурофиа мебошанд;

в) доимо ба сифати иштирокчии як тарафи ин муносибатҳо давлат дар шахсияти мақомот ва шахсони мансабдори босалоҳият баромад мекунад;

г) муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ бо муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ робитаи қавӣ доранд.

Ҳолати воқеии ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ мавҷуд будани сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Аҳамияти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар иҷрои вазифаҳои зерин ифода мегардад:

– ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ваколатдорро, ки вазифаи мубориза ба муқобили ҷинояткориро ба дӯш доранд, кор карда мебарояд;

– тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад;

– бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ваколат ва функсияҳои мақомоти таҳқиқ, тафтиш, прокуратура ва суд муқаррар карда мешаванд;

– ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ асосҳо, шарт ва намудҳои чораҳои маҷбуркуниро муқаррар менамояд;

– ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар ҷараёни баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакии он, баровардани ҳукм ва иҷроиши он ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд.

## § 2. Асосҳои ахлоқии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ

Ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ ба намуди маҷмӯи тасаввурот ва боварӣ дар бораи некӣ, бадӣ, адолат, шараф, қарз ва ғайраҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёри рафтори одамон мебошад. Ахлоқ бо ҳама хусусиятҳои худ ҳамчун асосҳои ахлоқии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ, чи хеле ки дар боло дарҷ намудем, бо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда шудааст. Меъёрҳои ҳуқуқ тартиби фаъолият, ваколати шахсони мансабдор, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд – иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, мазмун ва шакли қарори қабулшаванда, тартиби аз болои онҳо шикоят овардан ва ғайраро муқаррар менамояд. Агар аз нуқтаи назари ҳуқуқҳои моддӣ (ҷиноятӣ, маъмурӣ ва ғ.) иҷозат дода мешавад он кирдоре, ки қонун манъ накардааст, лекин, низоми батанзимдарории мурофиавӣ ба дигар принсип асос ёфтааст – раво дониста мешавад амале, ки бо қонун иҷозат дода шудааст. Амали принсипи диспозитивӣ (ба таври озод ҳуқуқи худро амалӣ кардан) дар мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбати мурофиаи гражданӣ маҳдудтар мебошад. Ҳамин тариқ, мурофиаи судии ҷиноятӣ чунин доираи муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад, ки дар он шакли ҳуқуқии танзимкунанда ҳукмрон мебошад.

Мувофиқ ба ин, қонун ва шуури ҳуқуқии судя, прокурор, муфаттишро ҳамчун маҳаки баҳодиҳии дурустии ҳолатҳои муайянкардашуда ва қарорҳои қабулшаванда эътироф мешаванд.

Чунин муқаррарот маънои онро надорад, ки ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ аз мурофиаи судии ҷиноятӣ танг карда бароварда шудааст, ё ин ки талаботи ахлоқӣ дар ин соҳа танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад. Ин ҷо сухан дар бораи мураккабии якҷоя амал кардани меъёри ҳуқуқ ва ахлоқ, шуури ҳуқуқӣ ва маънавиёт меравад.

Ахлоқ, ҳамчун ҳуқуқ пеш аз ҳама як намуди меъёри ҷамъиятие мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муносибати шахсро ба танзим медарорад.

Предмети илми этика принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқие мебошанд, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шуури ахлоқии одамон ба танзим дароварда мешавад. Меъёрҳои ахлоқӣ одатан ба ду гурӯҳ: ба меъёрҳои аз тарафи қонун танзимшуда ва қонунан танзимнашуда тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи якум меъёрҳои ахлоқие дохил мешаванд, ки бо хусусият ва самти худ пурра бо меъёрҳои ҳуқуқӣ мутобиқат карда, асоси онҳоро ташкил медиҳанд. Бинобар он, ҳар як меъёри мурофиаи ҷиноятӣ бо пайдоиши худ меъёри ахлоқӣ-ҳуқуқӣ мебошад.

Риояи қатъии муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун рафтори хушахлоқона арзёбӣ шуда, риоя накардани онҳо бошад, бадахлоқӣ ва бадрафторӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамон меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ асоси ахлоқӣ дошта ва диққатҷалбкунанда мебошад, ки қисми асосӣ ва ё пурраи диспозитсияро қоидаҳои ахлоқӣ ташкил диҳанд. Мисол: ҳангоми пешбурди озмоиши (эксперименти) тафтишӣ, шаҳодаткунонӣ ва пешбурди дигар амалҳое, ки ба иззати нафси шахс мерасад, сирри ҳаёти маҳрамонаи онро фош мекунад, шаъну шарафи шахсони иштироккунанда ва атрофиёнро паст мезанад, роҳ додан мумкин нест (м.м. 186, 188, 192 КМҶ).

Бо роҳи зурӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ аз гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё аз дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба даст овардани далел манъ аст, чунки ба асосҳои ахлоқӣ низ мухолифат менамояд (м. 88[1] КМҶ[1]). Аз сабаби он, ки асоси ахлоқӣ ба шакли ҳуқуқӣ дароварда шудааст, барои вайрон кардани чунин

[1] Моддаи мазкур ба КМҶ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.05.2016 таҳти № 1306 ворид карда шуд.

муқаррарот дар қонунгузории амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ низ пешбинӣ гардидааст (м. 354 КҶ).

Меъёрҳои ахлоқии дар қонун пешбинӣ нашуда бештар рафтори муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва судро ҳангоми истифодаи усулҳои тактикӣ, ҳангоми пешбурди амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ва ё маҷмӯи онҳо, муқаррар кардани муносибати психологӣ бо иштирокчиёни мурофиа ва ғайраҳоро, муайян мекунад. Масалан: ваъдаи муфаттиш оид ба паст кардани мӯҳлати ҷазои ҷиноятӣ ва ҳадди поёнии он ва ё ваъдаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми набудани асос, ба он, ба шарте, ки агар айбдоршаванда ба содир кардани ҷиноят худро айбдор ҳисобад, чунин рафтори муфаттиш ғайриахлоқона баҳо дода мешавад.

Асосҳои ахлоқии касбӣ талаботҳое мебошад, ки ба иштирокчиёни алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ, намояндагони мақомот – судя, прокурор, муфаттиш, ҳимоятгар ва дигар иштирокчиён паҳн мешавад. Мутобиқи он ахлоқи касбӣ ба: *ахлоқи касбии судӣ, ахлоқи касбии прокурорӣ, ахлоқи касбии корманди тафтишотӣ, ахлоқи касбии адвокат* ва ғайраҳо ҷудо мешавад.

Принсипҳои умумӣ-ахлоқӣ ва меъёрҳо барои судяҳо, прокуророн, ҳимоятгарҳо (адвокатҳо), муфаттишон ва таҳқиқбаранда инҳоанд: муносибати амиқи инсонӣ ва инсонпарварона бо одамон, ғамхорӣ нисбати инсон, муносибати эҳтиромона, хайрхоҳона ва ҳамдардӣ ба ӯ. Сахтгириро ба бераҳмӣ иваз кардан, аз будаш зиёдтар нишон додани ваколати касбии худ, рафтори дағалона, муносибати таҳқиромезона ва беадабона, ҳавобаландӣ, ба пешакӣ баҳодиҳию хулосабарорӣ роҳ додан мумкин нест.

Талаботи муайяни ахлоқӣ нисбати баъзе иштирокчиёни касбии мурофиавии ҷиноятӣ дар қонун пешбинӣ шудаанд. Масалан: мутобиқи м.53-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон-то 35 сола аст, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ доранд ва дорои сифатҳои лозимаи корию ахлоқӣ буда, аз рӯйи вазъи саломатиашон ба иҷрои вазифаҳои ба уҳдаашон гузошташуда қодир мебошанд, ба мақомоти прокуратура ба кор қабул карда мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004 дар м. 19 оварда шудааст: ба хизмати милитсия шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон аз 20 кам ва аз 35 зиёд намебошанд, сарфи назар аз ҷойи истиқомат, ҷинс, миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, таҳсилот, тайёрии ҷисмонӣ ва вазъи саломатӣ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммаи милитсия вогузошташуда мебароянд, баъди адои хизмати харбӣ аз рӯйи даъват (ба истисноӣ курсантҳои муассисаҳои таълимии миёна ва олии Вазорати корҳои дохилӣ) дар асоси ихтиёрӣ қабул карда мешаванд.

Таҷрибаи бисёрасраи инсоният аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳз дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ меъёрҳои ахлоқии дар қонун пешбинишуда, бо рафторҳои зиддиахлоқӣ «ҳамзистӣ» мекунанд ва ин рафторҳои зиддиахлоқӣ дар амалия ҳам баъзан мушоҳида карда мешаванд.

Вақтҳои охир масоили муносибати ғайриинсонӣ ҳангоми мурофиаи судии ҷиноятӣ дар миқёси ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди назари аввал меистад. Бисёр давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин ҳодисаҳои ғайриахлоқӣ ба қадри имкон кам карда шуда, фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ ба қоидаҳои ахлоқии умумибашарӣ ҷавобгӯ бошанд. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар миқёси ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар қабул на-

мудани як қатор ҳуҷҷатҳои бонуфуз мебошад. Дар байни онҳо, пеш аз ҳама, «Эъломияи умумии ҳуқуқии башар»-ро номбар кардан мумкин аст, ки дар м. 5 Эъломия, навишта шудааст: ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа ё рафтори бераҳмона, ғайриинсонӣ, ё ба шаъну шарафи ӯ таҳқиромез ва ҷазо қарор гирад. Ин ақида дар Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсии инсон ба пуррагӣ дарҷ ёфта, боз мукаммал гардидааст (м. 7). Боз дигар санадҳое, ки дар Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид қабул гардида, дар онҳо масъалаҳои азобу шиканҷа, масъалаи пастзании шаъну шарафи инсон хеле сахт маҳкум гардидааст, ки ба онҳо «Конвенсия муқобили шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё шаъну шарафро пастзананда» (10 декабри соли 1984) «Кодекси рафтор шахсони мансабдори муҳофизаткунандаи тартиботи ҳуқуқӣ»-и 17 декабри соли 1979 қабулкарда, ки шахсони соҳибмансаби салоҳияти полисидошта тааллуқ дорад, дохил мешавад. Дар м. 5-уми ҳамин Кодекси рафтори шахсони мансабдор оварда шудааст: ҳеҷ як шахси мансабдори муҳофизаткунандаи тартибот набояд ҳама гуна кирдорҳои азобу шиканҷа ва ё дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона ва ё шаъну шараф пастзанандаро иҷро кунад, барангезад ва ё бетарафӣ зоҳир намояд ва ҳеҷ як шахси мансабдори муҳофизаткунандаи тартибот барои сафед кардани истифодаи азобу шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё шаъну шарафро пастзананда ба фармондиҳии шахси мақоми болоӣ ва ё ҳолатҳои истисноӣ, ба монанди ҳолати ҷангӣ ё таҳдиди ҷангӣ, таҳдиди бехатарии миллӣ, ноустувории сиёсати дохилӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода, ҳавола кунад.

Роҳи устувор ва қаблан пешгирифта дар доираи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи башар, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳам тақвият меёбад.

Давлати Тоҷикистон, чи хеле ки маълум аст, ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва аъзои баробарҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ин санадҳои байналмилалиро эътироф намуда, ба худ уҳдадории риояи бечуну чаро ва иҷрои дақиқи меъёрҳои пешбинишударо қабул кард. Ин, пеш аз ҳама, дар эҷоди қонунҳо зоҳир гардидааст. Масалан: дар м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: инсон ва ҳуқуқу озодии он арзиши олӣ мебошанд, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд, боз дар қ. 2 м. 18 дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

Судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ҳимоятгар уҳдадории касбии худро аз рӯйи виҷдон ва маҳорати баланд иҷро карда, барои мустаҳкам кардани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, огоҳикунӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ, ҳалли ҳама масъалаҳое, ки дар назди мурофиаи судии ҷиноятӣ гузошта шудаанд, мусоидат менамояд.

## § 3. Таносуби ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ бо предмет ва методи батанзимдарорӣ аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ тафовут дорад. Дар баробари ин, аз рӯйи танзимнамоии муносибатҳои махсуси ҷамъиятӣ ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ робитаи устувор дорад. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо баъзе соҳаҳои ҳуқуқ на танҳо бо табиати худ, балки бо вазифаҳои мушаххас ва соҳаи татбиқи меъёрҳо алоқамандӣ дорад. Ба чунин соҳаҳои ҳуқуқ,

асосан: ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждании дохил мешаванд.

Пеш аз ҳама ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо **ҳуқуқи ҷиноятӣ** алоқамандии зич дорад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, мафҳуми ҷиноят ва категорияҳои он, мафҳум, мақсад ва намудҳои ҷазо, ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, асосҳои умумии таъини ҷазо ва озод кардан аз он, асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғайраро муқаррар менамояд. Категорияҳои ҷиноят асоси тафриқагузорӣ дар КМҶ барои ҷудо намудани парвандаҳо ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ мебошад. Дар баъзе моддаҳои КҶ бошад, меъёри мурофиавӣ оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Масалан: дар қ. 2 эзоҳ ба м. 295 КҶ (сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо) муқаррар карда шудааст, ки агар кирдорҳои пешбининамудаи м. 295 КҶ танҳо ба ташкилоти тиҷоратӣ, ки ташкилоти давлатӣ намебошад, зарар расонида бошад, таъқиби ҷиноятӣ аз рӯйи аризаи ҳамин ташкилот ё бо розигии он оғоз карда мешавад.

Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бе татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар амал татбиқ намудан ғайриимкон аст. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд. Дар навбати худ ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бе ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти амалии худро аз даст медиҳад ва беманфиат мегардад. Чи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва чи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳалли вазифаи ягона – яъне мубориза ба муқобили ҷинояту ҷинояткорӣ равона шудаанд.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба принсипҳои демократизм асос меёбанд. Алоқаи устувор ва ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ баръало дида мешавад.

Таносуби ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва **ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** низ ба таносуби ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ монанд аст. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни иҷроиши ҳукм ба вуҷуд меоянд ҳам дар ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳам дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешаванд.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми иҷроиши ҳукм тартиби ба иҷро даромадани ҳукм, ҳалли баҳсҳо ҳангоми иҷроиши ҳукм, пешниҳоди мавод ва пешбурди судиро оид ба озод намудани маҳкумшуда аз иҷроиши ҷазо бо сабаби беморӣ, пеш аз муҳлат ва шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо, иваз намудани ҷазо ба ҷазои сабуктар ва монанди инҳоро танзим менамояд. Мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ на танҳо вазифаи умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, балки вазифаи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ низ мебошад.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба **ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ** низ алоқамандии зич дорад.

Ҳар яке аз ин соҳаҳо муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба амалигардонии адолати судиро танзим мекунанд. Алоқамандии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ боз бештар ба институти даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ (ҳангоми аз ҷиноят ба ҷабрдида расонидани зарари молумулкӣ ё маънавӣ) вобаста аст.

Дар навбати худ байни ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ фарқияти ҷиддӣ мавҷуд аст. Мурофиаи ҷиноятӣ барои ошкор, тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ бошад – барои ҳалли

баҳсҳое, ки аз муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, меросӣ ба вуҷуд меоянд, равона гардидаанд.

Тартиби ҷамъоварии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ва мурофиаи гражданӣ низ аз ҳам фарқ мекунанд. Агар дар парвандаҳои ҷиноятӣ далелҳо аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ҷамъ карда шавад, дар парвандаҳои гражданӣ бошад ин амал аз ҷониби тарафҳо бо дастгирии суд анҷом дода мешавад. Оқибати баррасии парвандаҳои гражданӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар оид ба парвандаи гражданӣ зарари расонидашуда баргардонида шавад, ҳуқуқи вайронкардашуда барқарор карда шавад, дар мурофиаи ҷиноятӣ бошад на танҳо доир ба баргардонидани зарар, балки доир ба таъин намудани ҷазо нисбати гунаҳгор қарор қабул карда мешавад. Агар нисбати парвандаҳои ҷиноятӣ суд ҳукм қабул кунад, нисбати парвандаҳои гражданӣ ҳалнома қабул карда мешавад ва ба монанди ин фарқиятҳои соҳавӣ.

## § 4. Мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун илм ва фанни таълимӣ

Хуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз илмҳои бунёдии ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад.

Илми мурофиаи ҷиноятӣ – ин маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ, тасаввуротҳо ва ғояҳо дар бораи моҳият, мазмун ва тартиби пешбурди тосудӣ ва судии парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Ба ақидаи Н.С. Алексеев, В.Г. Даев, Л.Д. Кокорев дар илми мурофиаи ҷиноятӣ асосан марҳилаҳои таърихи мурофиаи судии ҷиноятӣ, вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ваколати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқа доранд, вазъи шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқ ва кафолати ӯ, махсусияти муносибатҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, шаклҳои мурофиавии амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ, асос ва тартиби содир намудани амалҳои мурофиавӣ ва қабули қарор дар давраҳои гуногуни мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, тадқиқ карда мешаванд[1].

Илми мурофиаи ҷиноятӣ – соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми пешбурд ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба миён меоянд, меомӯзад.

Зери мафҳуми предмети илми мурофиаи ҷиноятӣ он ақидаҳои ҳуқуқӣ, тасаввуротҳо ва ғояҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки ба танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ таъсири худро мерасонанд.

*Предмети илми мурофиаи ҷиноятиро* назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳад, ки қонунияти батанзимдарории инкишофи мурофиаи ҷиноятиро аз пайдоиш то давраи муосир меомӯзад. Дар он принсипҳои ташаккули демократӣ, шаклу воситаҳои мубориза ба ҷинояткориро кор карда мебароянд, мафҳумҳои умумии институтҳои мурофиавии ҷиноятӣ, кафолат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ҳосил мекунад.

Предмети омӯзиши фанни мазкурро на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин амалияи татбиқи онҳо низ ташкил медиҳад.

---

[1] Ниг.: Алексеев Н.С., Даев В.Г., Кокорев Л.Д. Очерки развития науки советского уголовного процесса. – Воронеж, 1980; Проблемы теории и практики уголовного процесса: история и современность. – Воронеж, 2006.

Аз предмети илми мурофиаи ҷиноятӣ бояд мундариҷаи онро фарқ намуд. Мундариҷаи ин илмро ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ; фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд; муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ, ташкил медиҳанд.

*Методи илми мурофиаи ҷиноятӣ* методи материализми диалектикӣ мебошад. Дар тадқиқотҳои илмӣ нақши методологиро на танҳо материализми диалектикӣ, қонуну категорияҳои он, балки материализими таърихӣ низ иҷро мекунад.

Дар илми мурофиаи ҷиноятӣ аз методҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ низ васеъ истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, мавзӯи тадқиқи илми мурофиаи ҷиноятиро қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҷрибаи татбиқи он, таълимотҳои мавҷуда дар ин соҳа, таҷрибаи таърихии давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи мазкур ташкил медиҳанд.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба номгӯи фанҳои ҳатмӣ, ки дар ихтисосҳои «Ҳуқуқшиносӣ» таълим дода мешавад, дохил шудааст.

Мурофиаи ҷиноятӣ ба маънои васеъ (ҳамчун фаъолияти муайян ва муносибатҳои ба он алоқаманд; ҳамчун соҳаи ҳуқуқ; ҳамчун илм ва фанни таълимӣ) бо соҳаҳои дигари донишҳо, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, инчунин аз ҷониби суд ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парванда истифода мешаванд, алоқамандӣ дорад. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, доштани донишҳои махсус зарур аст. Аз истифодаи ин донишҳо дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ соҳаҳои махсуси донишҳо ба вуҷуд омадаанд. Ин соҳаи донишҳо: криминалистика, криминология, тибби судӣ, психиатрияи судӣ, психологияи судӣ ва омори судӣ мебошанд.

Сохти фанни таълимии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо назардошти сохти КМҶ, ҳамчунин бо назардошти таълимоти илмӣ муайян мегардад. Омӯзиши мурофиаи ҷиноятӣ аз фаҳмидани мафҳумҳои асосӣ, ки барои муайян кардани предмет ва сохти ин фан заруранд, тавсифи қонунгузорӣ ва таърихи он, принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва як қатор дигар масъалаҳои умумӣ (далелҳо, иштирокчиён, чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ва ғ.) оғоз шуда, баъд дар бораи тамоми марҳилаҳои мурофиа, инчунин намудҳо ва тарзҳои махсуси баррасии парвандаҳо (хусусиятҳои баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, хусусиятҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта ва ғ.) маълумот дода мешавад.

Барои омӯхтани фанни таълимии мазкур, аз донишҳое, ки ҳангоми омӯхтани фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи умумӣ, ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гирифта шудааст, самаранок истифода бурдан ба мақсад аст. Барои гирифтани дониши кофӣ аз таърих ва танзими ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст иловатан ба санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ муроҷиат намуд.

Инчунин, барои омӯхтани фанни мазкур диққати махсус пеш аз ҳама бояд ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, дода шавад. Зеро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус ба принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ваколати шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, кафолати мурофиавӣ дода шудааст. Ҳамзамон, КМҶ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтааст (қ. 1 м. 1 КМҶ).

Чи тавре зикр намудем, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Бештари меъёрҳои КМҶ ҳангоми татбиқашон ба меъёрҳои КҶ ҳавола мекунанд ва меъёрҳои охирон дар амал татбиқ мегарданд. Бинобар ин, ҳангоми омӯхтани ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ба меъёрҳои КҶ, низ диққати махсус додан лозим аст.

Донистани баъзе институт ва меъёрҳои КГ ва КМГ барои омӯхтани фанни мазкур аҳамияти хоса доранд. Чунки ҳангоми баррасӣ намудани масъалаи рӯёнидани зарари расонидашуда, пешниҳод намудани даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, КМҶ ба санадҳои номбурда ҳавола мекунад. Яъне меъёрҳои КМҶ низ хусусияти ҳаволакуниро доро мебошанд.

## § 5. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо

Танзимнамоии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад.

**Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ** қоидаҳои умумиҳатмии рафтори иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар қонун муқаррар гардида, иҷроиши онҳоро давлат таъмин менамояд.

Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ аз рӯйи сохти таркибиашон ба мисли меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ аз гипотеза, диспозитсия ва санксия иборатанд.

**1.** ***Гипотеза*** як қисми таркибии меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ буда, шароитҳои воқеии татбиқи он қоидаи рафтореро, ки дар меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, дар бар мегирад. Гипотеза он ҳолатҳоеро, ки ҳангоми мавҷуд будан, дар шакли муайян амал кардан мумкин аст, дар бар мегирад. Масалан: КМҶ шартҳоеро муайян мекунад, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо судя аз иштирок дар парванда дур карда мешавад. Гипотеза ин ё он ҳолати ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки онҳо барои бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунанд. Ғайр аз ин, дар гипотеза мумкин аст, сатҳи амали меъёр ва доираи иштирокчиён муайян шуда бошад.

**2.** ***Диспозитсия*** – қисми марказии меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ буда, бевосита худи мазмуни қоидаи рафтори муқарраршударо дар бар мегирад. Дар меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ диспозитсия қоидаи рафтори иштирокчиёни мурофиаро ифода мекунад. Яъне, диспозитсия талабот ё ҳолатҳои иҷозатдодашуда нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ ё ин ки манъкунӣ нисбати амалҳои ғайриқонуниро дар бар мегирад. Масалан: додани нишондод дар суд, оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва монанди инҳо.

**3.** ***Санксия*** – қисми меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ буда, дар он чораи таъсиррасонӣ нисбати вайронкунандаи меъёри ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Масалан: суд, судя мутобиқи м. 117 КМҶ барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои мурофиавӣ, риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба миқдори то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда метавонанд.

Инчунин, дар баъзе моддаҳои КМҶ санксия пешбинӣ шуда бошад ҳам, лекин намуд ва андози ҷазо дида намешавад. Масалан: дар қ. 5 м. 56 муқаррар шудааст, ки шоҳид ҳангоми қасдан аз рӯйи даъват ҳозир нашудан маҷбуран оварда мешавад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Санксия қисми ҳатмии моддаҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор намеравад.

Санксияҳои мурофиавии ҷиноятӣ асосан хусусияти ҳуқуқбарқарорсозиро доро буда, баҳри бартараф намудани риоя накардани қонун ва барқарор намудани қонуният равона карда шудаанд[1]. Масалан: бо роҳи бекор кардани ҳукми ғайриқонунӣ ва беасос м. 379 КМҶ, тағйир додани ҳукм м. 382 КМҶ.

Мавриди зикр аст, ки тибқи м. 113 КМҶ бо мақсади таъмини тартиби бо КМҶ пешбинишудаи тафтиш ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, иҷрои дахлдори ҳукм таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда чораҳои зерини маҷбурии мурофиавиро татбиқ намоянд: муваққатан дур кардан аз вазифа; маҷбуран овардан; ҷарима таъин кардан; ҳабси молу мулк, аз ҷумла маблағи амонатҳо, суратҳисобҳои бонкӣ.

Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо чунин тарзҳо амалӣ гардонида мешаванд.

**1.** Истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқи мурофивии ҷиноятӣ – ин ҷараёни ҳуқуқистифодабарист, ки дар он иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мустақилона истифода бурдан ё истифода набурдани ҳуқуқи муқаррааргардидаро баррасӣ мекунанд;

**2.** Риояи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, дар худдорӣ кардани иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқии муқаррааргардида зоҳир мегардад;

**3.** Иҷроиши меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҷараёни аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ иҷро намудани ҳаракатҳои дар меъёри ҳуқуқ пешбинишударо дар назар дорад;

**4.** Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор сурат гирифта, дар иҷро кардани амалҳои аҳамияти ҳуқуқидошта ифода меёбад.

Намудҳои зерини меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро номбар кардан мумкин аст:

а) *меъёрҳои умумӣ* – меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятии хусусияти умумидоштаро танзим менамоянд;

б) *меъёрҳои махсус* – меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи мушаххас танзим менамоянд. Меъёрҳои махсус меъёрҳои умумиро мушаххас мегардонанд;

в) *меъёрҳои уҳдадоркунанда* – иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро барои иҷро намудани рафтори муайян водор месозанд. Яъне ба зиммаи шахс вазифаи иҷро кардани амали қонуниро мегузоранд;

г) *меъёрҳои манъкунанда* – меъёрҳое, ки содир намудани ин ё он амалро дар шароити муайян роҳ намедиҳанд. Яъне содир кардани ҳаракатҳои иҷозатнагаштаро манъ мекунанд;

ғ) *меъёрҳои ваколатдоркунанда* – ба иштирокчиёни фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи содир намудани амали муайянеро медиҳанд, ки ба оқибатҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад;

[1] Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: НОРМА ИНФРА-М, 2011. – С. 54.

д) *меъёрҳои императивӣ* – меъёрҳое, ки муқаррароти ҳокимиятиро дар бар мегиранд. Меъёрҳои императивӣ меъёрҳои ҳатмӣ буда, дар шакли муқарраршуда бе тағйири шартҳои он татбиқ мешаванд;

е) *меъёрҳои диспозитивӣ* – меъёрҳое, ки дар онҳо имконияти озодона рафтор кардани субъектони ҳуқуқ, бо хоҳиши худ татбиқ кардани шартҳои он ифода меёбад;

ё) *меъёрҳои танзимкунанда* – меъёрҳое, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд;

ж) *меъёрҳои муҳофизаткунанда* – меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятии бо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва татбиқи чораи маҷбуркунии давлатӣ вобастабударо танзим мекунанд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Тафовут байни ибораҳои «мурофиаи ҷиноятӣ» ва мурофиаи судии ҷиноятӣ».
**2.** Предмет ва методи мурофиаи ҷиноятӣ.
**3.** Мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун фанни таълимӣ.
**4.** Нақши мурофиаи ҷиноятӣ дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси риштаи ҳуқуқшиносӣ.
**5.** Гипотеза ва диспозитсия дар меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ.
**6.** Санксия ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**7.** Ҷавобгарии мурофиавӣ ва нақши он дар фаъолияти мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.
**8.** Таносуби мурофиаи ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ.
**9.** Асоси ахлоқии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ.
**10.** Амалишавии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян созед.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.
**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
**4.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
**5.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
**6.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.
**7.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.
**8.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.
**9.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.
**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с. таҳти № 720.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

16. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

17. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

18. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

19. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

20. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.
2. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.
3. Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар. – Душанбе, 1999.
4. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
5. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.
6. Қудратов Н.А., Сафарова З.М., Алиев Ф.Ш. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Маҷмӯаи (комплекси) таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2015.
7. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.
8. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.
9. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**10.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**11.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**12.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**13.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**14.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

**15.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**16.** Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016.

**17.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**18.** Абдуллоев П.С., Кудратов Н.А., Ахмеджонов И.Г. Международно-правовое сотрудничество по уголовным, гражданским и арбитражным делам. Сборник международных документов. – Душанбе, 2013.

**19.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**20.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**21.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**22.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**23.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**24.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный про-цесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**25.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**26.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**27.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**28.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**29.** Раджабов С.Р. Развитие советского уголовно-процессуального законодательства в Таджикистане. – Душанбе: «Ирфон», 1974.

**30.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**31.** Строгович М.С. Курс советского уголовно права. В. 2 т. – М.: «Наука», 1968. Т. I.

**32.** Уголовный процесс Российской Федерации: учебник / отв. ред. проф. А.П. Кругликов. – М.: Проспект, 2009.

**33.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П.А. Лупинская. М.: НОРМА ИНФРА-М, 2011.

**34.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**35.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**36.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# БОБИ 3.
# САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. Мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ

Сарчашмаҳои ҳуқуқ шаклҳои ифодаи ҳуқуқи амалкунанда мебошанд[1]. Оид ба мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд, ки илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба он ҷавоби аниқро пешбинӣ намудааст.

Сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои иҷтимоӣ заминаҳои иҷтимоӣ, талаботи айнии ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки дар асоси онҳо ҳуқуқ, меъёрҳо ва принсипҳои он пайдо ва ташаккул меёбанд. Пешрафти минбаъдаи ҷомеа боз заминаҳои нави ҳуқуқро ба вуҷуд меорад ва вобаста ба онҳо қабули қонунҳои нав идома меёбад. Яъне, сарчашмаи иҷтимоии ҳуқуқ тағйирёбанда буда, ҳамеша дар инкишоф аст. Сабаби инкишоф ва такмили қонунгузорӣ ҳам маҳз дар ҳамин аст.

Вақте сухан дар бораи сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ меравад, одатан шаклҳои расмии ифодаёбии ҳуқуқ, аниқтараш инъикоси меъёрҳои ҳуқуқ фаҳмида мешавад (Конститутсия, қонунҳо ва ғ.). Ҳамзамон, дар ин бора аз ҷониби баъзе олимон чунин сарчашмаҳо ба ду гурӯҳ, *моддӣ* ва *расмӣ* тақсим шудааст[2]. Сарчашмаҳои моддии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ он муносибатҳои инкишофёбандаи ҷамъиятие мебошанд, ки манфиат ва ниёзи ҷомеаро бо талаби асоснок дар мустаҳкамгардонии мурофиавии манфиат ва ниёзи онҳо дар қонун мебошад. Сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ қонун, яъне, санади меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор қабул гардида, мебошад.

Аз ин бармеояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки бо тартиби муайянкардаи қонун қабул шудаанд, қоидаи рафтор-меъёрҳои ҳуқуқии иҷроиши ҳатмӣ доштаро дар бар мегиранд, яъне он санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро танзим мекунанд. Чунин муқаррарот дар м. 1 КМҶ пешбинӣ шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро КМҶ, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, муайян мекунад, яъне муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ҷиноятӣ танҳо тавассути қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Аз ин лиҳоз сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ танҳо он санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор қабул гардида, аҳамияти муҳим дорад. Чунин муқаррарот ба муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ диққат ва назари махсус додани давлатро нишон медиҳад, ки ҳангоми амалӣ кардани он метавонад дар умум ба манфиати ҷомеа ва мушаххас ба манфиати шахсият (шаҳрванди он) таъсир расонад. Илова бар он, ки муносибати му-

---

[1] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – С. 406-412.

[2] Курс советского уголовного процесса. Общая часть / зери таҳрири А.Д. Бойков ва И.И. Карпетс. – М.: Адабиёти ҳуқуқӣ, 1989. – С. 78.

рофиавии ҷиноятиро танҳо қонун ба танзим медарорад, на ин ки санадҳои меъёрии зерқонунӣ. Боз аҳамиятнокии онро принсипи қонуният (м. 9 КМҶ) дар ин самти фаъолият шаҳодат медиҳад, ки чунин пешбинӣ кардааст: суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадоранд, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя намоянд. Муқаррароти мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешаванд, бояд ба муқаррароти КМҶ мутобиқ бошанд.

Муқаррароте, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанду муносибати мурофиавии ҷиноятиро ба танзим медароранд, иловагӣ буда он муносибатҳое, ки аз муқаррароти КМҶ берун мондаанд, пурра менамоянд. Мисол: мувофиқи муқаррароти м. 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014, парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати судя танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешавад, ки чунин муқаррароти махсусро КМҶ ба танзим надаровардааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса менамоем, ки ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ метавонад се санади қонунгузорӣ баромад намояд:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст.
3. КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ

**1.** ***Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол (с. 1994) манбаи пайдоишу инкишофи имрӯзаи низоми нави ҳуқуқӣ дар кишвари мо гардид. Дар асоси он тамоми қонунҳо, меъёрҳои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ қабул мешаванд. Конститутсия манбаи инкишофёбандаи ҳуқуқ аст. Дар сурати ихтилофоти меъёрҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия меъёрҳои номувофиқ бекор шуда, ҷараёни қонунгузорӣ ба сатҳи нав мебарояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он бевосита амал менамоянд. Қонун ва меъёрҳои дигари ҳуқуқие, ки мухолифи Конститутсия мебошанд, қувваи ҳуқуқӣ надоранд.

Дар Конститутсия принсипҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ: эҳтимолияти бегуноҳӣ; ошкоро ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ; баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва дигарон мустаҳкам карда шудаанд.

**2.** ***Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст.*** Мутобиқи Конститутсия санадҳои байналмилалии ҳуқуқие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Дар ҳолати ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мухолиф будани қонунҳои ҷумҳурӣ, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд (м. 10).

Муқаррароти бештар муҳиме, ки ба мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд, чунончӣ, нораво будани ҳабс ва дастгиркунии беасос, эҳтимолияти бегуноҳӣ, аз ҷониби суди мустақил ошкоро дида баромадани парванда ва ғайра дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10 декабри соли 1948); Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (16 декабри соли 1966); Конвенсия муқобили

шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё шаъну шарафро пастзананда (10 декабри соли 1984) ва ҳамчунин, шартномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби ҳамкории судҳо, прокуратураҳо, мақомоти тафтишоти пешакиро бо муассисаҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва иҷрои супориши ин муассисаҳоро ба танзим медароранд, пешбинӣ гардидаанд.

**3.** ***Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** КМҶ 3.12.2009 сол қабул шудааст ва он аз 1.04.2010 с. мавриди амал қарор гирифт. Кодекси мазкур аз 3 қисм, 12 фасл, 50 боб ва аз 486 модда[1] иборат аст.

Қисми умумии КМҶ аз панҷ фасл ва 16 боб иборат буда, ба масъалаҳои умумӣ, принсипҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, асосҳои рад ва қатъ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, салоҳияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиа ва монанди он бахшида шудааст. Дар ин қисм ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба далелҳо, ҷамъоварӣ ва баҳои ҳуқуқӣ додан ба онҳо, татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, шикоят аз амал ва қарори суд, даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ, мӯҳлат ва хароҷоти мурофиавӣ ба танзим дароварда шудаанд.

Қисми пешбурди тосудӣ аз 2 фасл ва 13 боб иборат буда, дар он масъалаҳои вобаста ба таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, аз ҷумла сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тартиби оғоз кардани он, тартиби пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, амалҳои тафтишӣ, ба монанди азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, озмоиши (экспериментӣ) тафтишӣ, кофтуков, ёфта гирифтан (дарёфт кардан), ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш ва сабти гуфтугӯ, пурсиш, рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, таъин ва гузаронидани экспертиза, эълон кардани айб ва пурсиши айбдоршаванда, боздоштан ва аз нав сар кардани тафтиши пешакӣ, қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, анҷоми тафтиш ва амалҳои прокурор вобаста ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба танзим дароварда шудааст.

Қисми пешбурди судӣ аз 8 фасл ва 21 боб иборат буда, ба масъалаҳои пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла тобеияти судӣ, таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, тафтиши судӣ, музокираи судӣ ва сухани охирини судшаванда, баровардани ҳукм, пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ, ба иҷро расонидани ҳукм, таъинот ва қарор, пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ, аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда ва монанди он бахшида шудааст.

Дар ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ нақши ***қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*** ки мувофиқи онҳо баъзе меъёрҳои мушаххаси КМҶ хилофи конститутсия эътироф гардидаанд, нақши муҳим доранд.

***Тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** санадҳои маънидодкунии судии қонунҳо мебошанд, лекин онҳо меъёрҳои нави мурофиавӣ ба вуҷуд намеоранд. Ҳамзамон, онҳо барои фаҳмиш ва татбиқи дурусти қонунҳо аз ҷониби судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз аҳамият холӣ нестанд. ***Фармону супоришҳои прокурори генералӣ, вазири корҳои дохилӣ*** ва ғайра, ки ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ нигаронида шудаанд, айнан чунин аҳамият доранд.

---

[1] Дар асл бо ҷамъи ҳамаи тағйироту иловаҳои ворид кардашуда дар шакли моддаҳои нав, КМҶ то нашри китоби мазкур аз 489 модда иборат буд.

## § 2. Мафҳум ва низоми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ

Санади асосии танзимкунандаи пешбурд оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон КМҶ мебошад, ки сарчашмаи худро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунгузор ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ, яъне Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, тартиби оғоз, тафтишот, баррасӣ ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ, фаъолияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва умуман, муносибатҳои ҷамъиятии бо мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандро пурра, бевосита ва бонизом танзим менамояд.

Мафҳумҳои «қонуни мурофиавии ҷиноятӣ» ва «қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ» дорои як маъно нестанд. Мафҳуми «қонуни мурофиавии ҷиноятӣ» маҳдуд ва «қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ» васеъ буда, аввалиро ҳамчун категорияи «ҷузъ» ва дуввуминро ҳамчун «кул» маънидод намудан мумкин аст.

Зери мафҳуми қонуни мурофиавии ҷиноятӣ танҳо КМҶ дар назар дошта шудааст.

Мафҳуми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ васеъ буда, дар баробари КМҶ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ низ ба он шомиланд.

КМҶ ин қонуни ягона ва мураттабгаштаи дорои сатҳи баланди муайяни мантиқӣ мебошад, ки тавассути он муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми амалигардонии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, пурра, ҳаматарафа ва низомнок танзим карда мешаванд.

Дар амалинамоии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо КМҶ, балки як қатор қонуну санадҳои дигар низ истифода мешаванд, ки дар онҳо қоидаҳо ва талаботи мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд.

Ҳамаи қонунҳое, ки меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро муқаррар мекунанд, дар маҷмӯъ зери мафҳуми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ном бурда мешаванд.

Сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Конститутсияи Тоҷикистон қонуни асосии давлат буда, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал менамоянд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки пурра ё қисми меъёрҳои онҳо хилофи Конститутсияи Тоҷикистон мебошанд, пурра ва ё дар қисмате, ки ба Конститутсия мухолифат мекунанд, қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Меъёрҳои конститутсионие, ки ба мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ доранд, бештар дар бобҳои 2 ва 8 Конститутсия, ки ба ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ ва суд бахшида шудааст, муқаррар гардидаанд. Меъёрҳои конститутсионӣ ҳолатҳои асосиеро дар бар мегиранд, ки онҳо заминаҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятиро муҳайё месозанд. Чунончӣ: баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд; ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсият; ҳимояи сирри муросилоти почтаю телеграф, гуфтугӯйи телефонӣ; дахлнопазирии манзил; эҳтимолияти бегуноҳӣ; мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо ва ғайра, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ҳамчун меъёрҳои асосиву роҳбарикунандаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ баромад намуда, хислати ҳуқуқтаъсисдиҳиро доранд.

Дар баробари ин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ доранд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф (ратификатсия) кардааст ва онҳо расман интишор шудаанд, ба қисми таркибии

қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дохил мешаванд. Зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қ. 3 м. 10 муқаррар намудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Ба ин гуна санадҳои байналмилалӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10 декабри соли 1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (16 декабри соли 1966), Конвенсияи Кишенёв «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ» (7 октябри соли 2002 дар Кишенёв қабул шудааст) ва монанди инҳо мисол шуда метавонанд. Агар муқаррароти КМҶ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқат накунад, дар ин сурат муқаррароти санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Муқаррароти мазкур аз қ. 3 м. 10 Конститутсияи Тоҷикистон ва қ. 3 м. 1 КМҶ сарчашма мегирад.

Дар танзимнамоии мурофиаи ҷиноятӣ шартномаҳо оид ба ёрии ҳуқуқӣ, боздиҳӣ ва пасдиҳии ҷинояткор аҳамияти бештар доранд. Тавассути онҳо масъалаҳои ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ доир ба тафтишот ва амалинамоии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ мегардад. Ба ин гуна санадҳо Шартнома дар бораи ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 10 майи соли 2001 (дар шаҳри Ню Деҳлӣ ба имзо расидааст), Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ ва вайронкуниҳои қонунгузории андоз аз 4 майи соли 2006, Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморати Муттаҳидаи Араб дар хусуси расонидани кӯмаки мутақобила оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007 (дар шаҳри Абӯ-Дабӣ ба имзо расидааст) ва монанди инҳо[1], ки зиёда аз 70 номгӯй мебошанд, дохил мешаванд.

Ҳамзамон, ба низоми қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дигар қонунҳое дохил мешаванд, ки муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро ба танзим медароранд. Аз ин лиҳоз, барои дуруст татбиқ намудани муқаррароти КМҶ, донистани муқаррароти дигар қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Барои дуруст татбиқ намудани муқаррароти КМҶ, донистани муқарраротҳои қонунҳои дигар низ зарур мебошад. Ба ин қонунҳо: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 ва баъзе қонунҳои дигари соҳавӣ мисол шуда метавонанд, ки асосҳои ҳуқуқии ташкилу фаъолияти мақомоти таҳқиқу тафтиш, прокуратура, суд, вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни му-

[1] Оид ба номгӯи санадҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманданд ба адабиёти зерин муроҷиат намоед. Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса Республики Таджикистан. – М., 2013; Абдуллоев П.С., Кудратов Н.А., Ахмеджонов А.Г. Международно-прововое сотрудничество по уголовным, гражданским и арбитражным делам. – Душанбе, 2013.

рофиаи ҷиноятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ва дигар масъалаҳои ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ алоқамандро, танзим менамоянд.

Сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ эътироф намудани қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти нав мебошад. Зеро Суди конститутсионӣ ваколати қабули санадҳои меъёриро надорад, ки барои ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ бошад. Вале қароре, ки аз ҷониби ин мақомот қабул карда мешавад, мумкин аст, ки ба таври ҷиддӣ мундариҷа ва аҳамияти ҳуқуқии қонунгузориро тағйир диҳад. Ҳангоми амалӣ гардонидани функсияи назоратии хеш Суди конститутсионӣ метавонад пурра ё қисман муқаррароти қонуни мурофиавии ҷиноятиро, ки хилофи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бекор кунад. Чунин ҳолат моҳиятан мазмуни онро дорад, ки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пурра ё қисмати он татбиқ карда нашавад. Ин қоида ба қонунҳое низ тааллуқ дорад, ки мурофиаи судии ҷиноятиро танзим мекунанд. Бинобар ин, барои дуруст татбиқ намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ қарорҳои дахлдори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса доранд.

### § 3. Таҳия ва қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади мувофиқ намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба талаботи Конститутсияи соли 1994 бо амри Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз 9 июни соли 1996 гурӯҳи корӣ барои таҳия намудани лоиҳаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки вай 13 сол кор кард. Бояд қайд намуд, ки Кодекси таҳияшудаи соли 2009 аз кодексҳои мурофиавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, ки барвақттар қабул шуда буданд, фарқият ва афзалият дошт[1].

Лоиҳаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009) дар партави иҷроиши чорабиниҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ омода карда шуда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Лоиҳаи КМҶ бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1735 аз 5 январи соли 2009 барои хулоса ба Кумита оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дигар кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд[2].

Кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Кодекси мурофиавии ҷиноятиро мавриди омӯзиш ва таҳлили хамаҷониба қарор дода, ҷиҳати мукаммалгардонии он як қатор таклифу дархостҳо пешниҳод карданд. Кумитаи масъул бо мақсади ҷамъбасти таклифу эродҳои аз тарафи кумитаю комиссияҳои Маҷлиси намояндагон воридшуда ва аз ҷиҳати забонӣ мукаммал намудани матни лоиҳаи КМҶ гурӯҳи корӣ бо роҳбарии муовини Раиси Маҷлиси намояндагон У.А. Давлатов таъсис дод. Ба гурӯҳи корӣ намояндагони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

---

[1] Ниг.: Искандаров З.Х. Правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан : автореф. дис. … д-ра. юрид. наук. – Ташкент, 2010. – 50 с.

[2] Ниг.: «Садои мардум». 17 октябри соли 2009.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гаштанд. Гурӯҳи корӣ дар тӯли фаъолияти хеш ҷаласаҳои корӣ гузаронида, ҳамаи таклифу эродҳои воридгаштаро мавриди омӯзиш қарор дод ва дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи КМҶ якчанд тағйиру иловаҳои дорои хусусияти илмию таҳририӣ ва ҳуқуқӣ ворид карда шуданд[1].

Инчунин, лоиҳаи КМҶ ҷиҳати такмил ёфтанаш аз нуқтаи назари илмию забонӣ аз ҷониби олимони соҳаи забоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва соҳаҳои дигар мавриди таҳлил қарор гирифт. Эродҳои пешниҳодкардаи онҳо таҳлил гардида, таклифҳои қобили қабул донисташуда ҳамзамон ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Бо мақсади ошкор кардан ва рафъи камбудӣ ва норасоиҳои ҷойдошта дар лоиҳа гурӯҳи корӣ бо ҳомиёни адолати судӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ 3 ва 4 апрели соли 2009 мизи мудаввар гузарониданд. Иштироккунандагон фикру мулоҳизаҳои муфид пешниҳод намуданд, ки гурӯҳи корӣ ҳамаи пешниҳодҳои онҳоро дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар рафти ҷаласаи кории худ ба лоиҳа ворид намуд.

Ҷиҳати аз байн бурдани мухолифатҳои илмию таҳририи лоиҳа аз 7 то 10 сентябри соли 2009 Кумитаи масъули Маҷлиси намояндагон якҷоя бо гурӯҳи корӣ бо ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷаласаҳои васеъ гузаронида, зимни он ҳамаи таклифу эродҳо дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузор ба лоиҳаҳои КМҶ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид карда шуданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон 7 октябри соли 2009 бо иштироки намояндагони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, инчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, ҳозиринро бо лоиҳаи такмилёфта шинос намуд ва хотиррасон сохт, ки ҳамаи таклифу эродҳои қобили қабул донисташуда дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи КМҶ ворид карда шуданд.

Санаи 14 октябри соли 2009 дар ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати сеюм лоиҳаи КМҶ дар таҳрири нав ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо назардошти тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида барои баррасӣ ва қабул гузошта шуд[2].

Лоиҳаи КМҶ модда ба модда муҳокима гардид. Зимни муҳокима вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловатан тағйиру иловаҳо пешниҳод карданд. Бо мақсади омӯзиши ин тағйиру иловаҳо гурӯҳи корӣ таъсис ёфт ва баъди машварат вакилон бо хулосаи гурӯҳи корӣ оид ба ҳар як аз он

---

[1]Дар рӯзномаи «Садои мардум» шумораи тағйиру иловаҳо зиёда аз 3 250 нишон дода шудааст // Ниг.: Баромади вакили Маҷлиси намояндагон Тоҷиддин Тураев / «Садои мардум». 17 октябри соли 2009.

[2] Рафту натиҷаи ҷаласаи Маҷлиси намояндагон оид ба баррасӣ ва қабули КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон // «Садои мардум». 17 октябри соли 2009; «Садои мардум». 20 октябри соли 2009. – С. 1-3.

моддаҳо шинос шуданд. Баъдан лоиҳаи КМҶ модда ба модда, боб ба боб ва фасл ба фасл ба овоз монда, қабул шуд.

Инчунин, дар ҷаласаи мазкур лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба овоз монда қабул гардид.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19 ноябри соли 2009 бо қарори худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ кард ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 декабри соли 2009 ба он имзо гузошт. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯзи 11 декабри соли 2009 дар рӯзномаи «Садои мардум» нашр гардид.

Ҳамин тавр, бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд ва тибқи м. 2 Қонуни мазкур бошад КМҶ аз 1 апрели соли 2010 мавриди амал қарор гирифт.

Ҳамзамон, дар асоси м. 3 Қонуни зикршуда Кодекси пештараи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17 августи соли 1961 аз ҷониби Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул шуда буд, аз 1 декабри ҳамон сол то ин вақт, яъне зиёда аз 48 сол бо чандин тағйиру иловаҳо амал мекард, аз 1 апрели соли 2010 беэътибор дониста шуд.

## § 4. Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ

Назарияи ҳуқуқ асосан амали ҳар як санади меъёрии ҳуқуқиро бо се ченак мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки инҳоянд:

*1. амали санади меъёрии ҳуқуқӣ дар макон;*

*2. амали санади меъёрии ҳуқуқӣ дар замон;*

*3. амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати шахсон.*

Дар ин раванд КМҶ истисно нест ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ.

**Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар макон** ифодаи хешро дар он меёбад, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди парвандаи ҷиноятӣ танҳо ва танҳо тавассути КМҶ сурат мегирад. Ба таври мушаххас, амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар макон ифодакунандаи амали қонунҳоро дар ҳудуди муайян, яъне ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад. Мафҳуми ҳудуди Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми августи соли 1997 таҳти № 481 муайян шудааст. Мувофиқи Қонуни мазкур ба ҳудуди Тоҷикистон дохил мешаванд: марзи хушкӣ; марзи таги замин; ҳудуди обӣ; фазои ҳавоӣ. Инчунин, ба ҳудуди Тоҷикистон мансуб дониста шудаанд: киштии обӣ ё ҳавопаймои қонунан таҳти парчам ё аломатҳои шиносоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод ё фазои ҳавои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракаткунанда; киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз маҳалли воқеъбудаи онҳо.

Ҳамин тавр, қоидаҳои КМҶ ҳамчунин ҳангоми пешбурди парванда оид ба ҷиноятҳое татбиқ мегардад, ки дар ҳавопаймоҳо, киштиҳои баҳрӣ ва дарёӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод ё фазои ҳавоӣ таҳти пар-

чам ё нишони фарққунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракат мекунанд, содир шудаанд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонуни мурофиавии ҷиноятии давлати хориҷӣ аз тарафи мақомоти тафтишот ва судҳои давлати хориҷӣ ва ё бо супориши онҳо аз тарафи мақомоти дахлдор дар ҳолате мумкин аст, ки ин ҳолат дар санади ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида пешбинӣ шуда бошад.

**Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар замон** маънои онро дорад, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қонуни мурофиавии ҷиноятие татбиқ карда мешавад, ки дар вақти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё баррасии парванда дар суд амал мекунад. Яъне агар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун қоидаи умумӣ қонуни дар вақти содиршавии ҷиноят амалкунанда татбиқ карда шавад, дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бошад, қонуне татбиқ мегардад, ки дар лаҳзаи пешбурди парванда амал менамояд.

**Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ нисбати шахсон** маънои онро дорад, ки пешбурди парванда оид ба ҷиноятe, ки аз тарафи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бетабаа дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда шудааст, мутобиқи муқаррароти КМҶ анҷом дода мешавад. Яъне мутобиқи КМҶ на фақат нисбати шаҳрвандони ҷумҳурӣ, инчунин нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа низ татбиқ карда мешавад. Аммо аз қоидаи умумӣ истисноҳое мавҷуданд, ки ба шахсони истифодабарандаи имтиёзҳои (иммунитет) дахлнопазирӣ тааллуқ доранд. Ба инҳо роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ, аъзоёни ҳайати дипломатӣ, инчунин шахсоне, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз имтиёзҳои дахлнопазирии шахсӣ истифода мебаранд, дохил мешаванд.

Нисбат ба шахси дорои ҳуқуқи дахлнопазирии дипломатӣ, танҳо бо хоҳиш ё ризогии ӯ, ки тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад, амалиёти мурофиавии бо КМҶ пешбинишуда гузаронида мешавад.

Ба ғайр аз шахсони дар боло зикршуда мутобиқи қонунҳои амалкунанда баъзе шаҳрвандони ҷумҳурӣ низ аз имтиёзҳои дахлнопазирӣ истифода мебаранд, ба монанди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чунончӣ, мутобиқи м. 72 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Дахлнопазирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз ҷониби ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда мешавад.

Ё ин ки, мутобиқи м. 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» судяҳо ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд. Дахлнопазирии судя ба ҳаёт, қадр ва номуси ӯ, манзили истиқоматӣ, утоқи хизматӣ, воситаҳои нақлиёт ва алоқае, ки дар истифодаи ӯ қарор доранд, инчунин ба муросилот, ашё ва ҳуҷҷатҳои судя паҳн мегардад. Судяро бе ризоияти мақомот ва ё шахси мансабдоре, ки ӯро интихоб ё таъин намудааст ба ҷавобгарӣ кашидан ё ба ҳабс гирифтан мумкин нест. Яъне судяҳои Суди Олиро бе ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба ҳабс гирифтан мумкин нест. Судяҳои Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятӣ, Суди шаҳри Душанбе, суди шаҳр ва ноҳияро

бе ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати судя танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешаванд. Пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати судя аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

Бе ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидан, ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин нест.

Ё ин ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, судҳои шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе гирифтани ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтани судя, муваққатан дур кардан аз вазифа, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил ва утоқи хизматии ӯ, ҳабси молу мулк, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯйи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо, кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумот дар бораи пасандоз ва суратҳисобҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарордоштаи судя бо дархости прокурор ё муфаттиш бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

Ҳамчунин, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтукови шахсии судя, азназаргузаронии молу мулк, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, ки онҳоро истифода мебарад, танҳо дар вақти дастгир намудани ӯ ҳангоми содир кардани ҷиноят, дар дигар мавридҳо бошад, танҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятии оғозгардида нисбати судя бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ доир ба амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ин масъалаи татбиқи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс мебошад, ки вобаста ба ҳолатҳои мурофиавии дар меъёрҳои қонун танзимнашуда сурат мегирад. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ истифодаи қиёс манъ аст. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ он масъалаи баҳснок мебошад. Бархе аз олимон танзимнамоии фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро бе истифода аз қиёс ғайриимкон меҳисобанд[1].

Ба ақидаи В.И. Каминская бошад дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ холигӣ вуҷуд дошта наметавонад[2].

Аммо бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, яъне дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ қиёси қонуни мурофиавии ҷиноятиро

---

[1] Ниг.: Гродзинский М.М. Аналогия в советском уголовно-процессуальном праве // Ученые записки Харьковского юридического института, 1948. – Вып. 3. – С. 3.

[2] Ниг.: Каминская В.И. Уголовно-процессуальный закон // Демократические основы советского социалистического правосудия. – М., 1965. – С. 89.

мушоҳида намудан мумкин аст. Чунончӣ: мутобиқи КМҶ азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ҳолатҳои таъхирнопазир то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидан мумкин аст. Аммо тартиби иҷроиши азназаргузаронӣ ва ҳайати иштирокчиёни он дар ҳолатҳои таъхирнопазир дар қонун муайян нашудааст ё худ танзим карда нашудааст. Дар чунин ҳолат холигӣ дар қонун вуҷуд дорад. Бояд қайд намуд, ки дар қонуни амалкардаистода меъёрҳои мурофиавие муқаррар шудаанд, ки тартиби амалинамоии азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро танҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ танзим мекунанд. Чунин тартиб нисбати ҳолатҳои гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ (то оғози парвандаи ҷиноятӣ) татбиқ карда мешавад, яъне қиёси қонун истифода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки ба таркиби ҳудуди давлатӣ замин, об ва қаъри дар зери онҳо воқеъгардида, ҳамчунин фазои ҳавое, ки замин ва обҳоро иҳота мекунад, дохил мешаванд, ки ҳудуди он бо сарҳади давлатӣ муайян мегардад. Аз муқаррароти мазкур истисное бармеояд, ки он ба баррасии масъала оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният, дар ҳолати аз ҷониби онҳо содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ҳолати аз ҷониби шахсони мазкур содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ карда мешавад (қ. 4 м. 14 КҶ).

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Мафҳуми қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ. Тафовут ва алоқамандии онҳо.

**2.** Низоми қонуни мурофиавии ҷиноятӣ.

**3.** Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар маконро шарҳ диҳед.

**4.** Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар замон.

**5.** Амали қонуни мурофиавии ҷиноятӣ нисбати шахсони алоҳида.

**6.** Таърихи таҳия ва қабули КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**7.** Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ: мафҳум ва сохти таркибии онҳо.

**8.** Сарчашмаҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро муайян созед.

**9.** Нақши санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар батанзимдарории муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ.

**10.** Дахлнопазирӣ ва амали он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**4.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**5.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**6.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**7.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**8.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**9.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**12.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с. таҳти № 720.

**13.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**14.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.

**15.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**16.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**17.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**18.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**19.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**20.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**3.** Асноди асосии байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи башар. – Душанбе, 1999.

**4.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**5.** Қудратов Н.А., Сафарова З.М., Алиев Ф.Ш. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Маҷмӯаи (комплекси) таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2015.

**6.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**7.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**8.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**9.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**10.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**11.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**12.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**13.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**14.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

**15.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**16.** Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016.

**17.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**18.** Абдуллоев П.С., Кудратов Н.А., Ахмеджонов И.Г. Международно-правовое сотрудничество по уголовным, гражданским и арбитражным делам. Сборник международных документов. – Душанбе, 2013.

**19.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**20.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**21.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**22.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**23.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законода-

тельства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**24.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**25.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**26.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**27.** Раджабов С.Р. Развитие советского уголовно-процессуального законодательства в Таджикистане. – Душанбе: «Ирфон», 1974.

**28.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**29.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**30.** Строгович М.С. Курс советского уголовно права. В. 2 т. – М.: «Наука», 1968. Т. I.

**31.** Уголовный процесс Российской Федерации: учебник / отв. ред. проф. А.П. Кругликов. – М.: Проспект, 2009.

**32.** Уголовный процесс: учебник / С.Б. Россинский. – М.: Эксмо, 2009.

**33.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П.А. Лупинская. М.: НОРМА ИНФРА-М, 2011.

**34.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**35.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## БОБИ 4.
## НИЗОМИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

### § 1. Мафҳум ва низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ

Ҳар як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ, ки муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро ба танзим медарорад, дорои як катор муқарраротҳоест, ки онҳо муайянкунанда ва роҳбарикунанда мебошанд. Аз мазмуни онҳо таъинот ва хислати соҳаи мушаххас, муайян карда мешавад.

Фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз тарафи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровarda мешавад, ба маҷмӯи муқарраротҳои роҳбарикунанда ва муайянкунандае нигаронида шудааст, ки онҳо дар навбати худ таъинот, ва хислати тамоми мурофиаи ҷиноятиро ифода мекунанд ва дар рафти он нақши муҳим доранд. Ин гуна асосҳои мурофиаи ҷиноятиро принсип меноманд. Худи калимаи «принсип» аслан лотинӣ буда, маънои он «асосҳо», «ғояҳо» мебошад. Аз ин рӯ, *принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро ҳамчун қоидаҳои асосӣ ва умумиеро меноманд, ки дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ буда, сохтор, мазмун ва роҳҳои иҷроиши вазифаҳои онро инъикос мекунанд.*

Принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳамаи давраҳо ва марҳилаҳои пешбурд амал намуда, аҳамияти муайянкунанда доранд ва моҳияти қонунгузории мурофиавиро нишон медиҳанд. Принсипҳо нисбат ба дигар меъёрҳо муайянкунанда буда, татбиқ ва мушаххасоти онҳо дар институтҳо ва давраву марҳилаҳои алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад.

Принсипҳо дар маҷмӯъ баёнкунандаи тартиби раванд ва татбиқи адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки аз низоми ҳуқуқӣ ва сохти давлатдорӣ вобаста мебошанд. Конститутсияи амалкунанда Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф намудааст. Ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, дар меъёрҳои Конститутсия омадааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ доранд. Зиёда аз ин, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд (м. 1 ва 5 Конститутсия). Амалӣ намудани ин меъёрҳо шаҳодати онро медиҳанд, ки давлат барои инсон ва узви ҷамъият хизмат мекунад. Ин гуна муқарраротҳои инсондӯстонаи Конститутсия дар КМҶ низ ба инобат гирифта шудааст. Вобаста ба ин, дар КМҶ як қатор муқарраротҳо ҳамчун принсипҳои қонунгузорӣ нишон дода шудаанд. Дар КМҶ амалкунанда, принсипҳои қонунгузорӣ дар боби 2 ба шакли зерин ҷойгир карда шудаанд:

– татбиқи адолати судӣ;

– ҳифзи судӣ;
– қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– эҳтироми шаъну шарафи шахс;
– дахлнопазирии шахсият;
– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– дахлнопазирии манзил;
– маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ;
– эҳтимолияти бегуноҳӣ;
– баробарӣ дар назди қонун ва суд;
– мустақилияти судҳо;
– забони мурофиаи судии ҷиноятӣ;
– ошкоро будани муҳокимаи судӣ;
– мубоҳиса ва баробарии тарафҳо;
– тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор;
– таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда;
– ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа.

Дар давраҳои шӯрави баъзан муаллифон принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро одатан ба ду гурӯҳ ҷудо мекарданд. Аз ҷумлаи онҳо, И.М. Гуткин мебошад, ки принсипҳоро ба *конститутсионӣ* ва *махсус* ҷудо менамуд[1].

М.С. Строгович бошад, дар асарҳои худ принсипҳоро ба *мурофиавӣ* ва *сохтори судӣ* тақсим мекард[2].

Ин гуна тақсимоти принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти илмӣ-назариявӣ дошта, аз аломатҳои умумие, ки дар мазмуни принсипҳо дида мешавад, аз тарафи олимон пешниҳод карда шудааст. Дар навбати худ ин гурӯҳбанди афзалият доштан ва ё маҳдудияти таъсири принсипҳоро ифода намекунад. Ин гурӯҳбандӣ хусусияти илми-назариявӣ дошта барои таҳлили мазмун ва сохтори принсипҳо равона карда шудааст. Дар асарҳои муаллифони ватанӣ бошад, принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба *умумӣ* ва *махсус* гурӯҳбандӣ карда мешавад[3]. *Принсипҳои умумӣ* аз нуқтаи назари он умумӣ дониста мешаванд, ки онҳо на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ балки дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ амал мекунанд. *Принсипҳои махсус* – ин муқарраротҳое, мебошанд, ки хусусияти роҳбарикунанда доранд, аммо амали онҳо танҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дида мешавад. Ин маҷмӯи принсипҳо, муқарраротҳои конститутсиониро дар рафти пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд ва амали онҳо танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷоиз аст. Зеро онҳо дар маҷмӯъ ақида ва асосҳои роҳбарикунандаи соҳаи муайянро ифода мекунанд.

Бо назардошти гурӯҳбандии шартӣ, ки дар боло оварда шудааст, аз маҷмӯи принсипҳо, ҳамчун принсипҳои умумӣ нишон додан мумкин аст:
– татбиқи адолати судӣ;
– ҳифзи судӣ;
– қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– эҳтироми шаъну шарафи шахс;

[1] Белозеров Ю.Н., Беляйкин В.Л., Бородин С.В., Гуткин И.М., Сергеев А.И. Советский уголовный процесс: учебник. 3-е изд. – М.: Юрид. лит, 1984. – С. 35.
[2] Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. – М., 1968. – С. 125.
[3] Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: «Деваштич», 2009. – С. 4-6.

– дахлнопазирии шахсият;
– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– дахлнопазирии манзил;
– маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ;
– баробарӣ дар назди қонун ва суд;
– мустақилияти судҳо;
– ошкоро будани муҳокимаи судӣ.

Ба сифати принсипҳои махсус бошад, метавонанд баромад намоянд:
– эҳтимолияти бегуноҳӣ;
– забони мурофиаи судии ҷиноятӣ;
– мубоҳиса ва баробарии тарафҳо;
– тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор;
– таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда;
– ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа.

Аҳамияти низоми принсипҳои қонунгузорӣ дар он аст, ки онҳо асоси ҳуқуқии фаъолияти мурофиавиро ташкил медиҳанд. Онҳо дар маҷмӯъ сохтор ва механизми фаъолияти мурофиавиро ифода намуда, мазмуни шакли мурофиавӣ ва амалҳои тафтиширо муайян мекунанд. Ҳамаи принсипҳои ба низом ҷамъ оварда шуда, дар ягонагӣ амал мекунанд. Зеро низоми принсипҳо метавонанд имконияти кафолати иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин намояд. Дар ягонагӣ боз як хусусияти низоми принсипҳои қонунгузорӣ, ки як принсипи алоҳида онро надорад, ба назар мерасад. Бо назардошти ягонагии низом ва мазмуни гуногун доштани ҳар як принсипи алоҳида, таъсири онҳо ҳаматарафа ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин, принсипҳо мантиқан бо ҳамдигар алоқамандӣ доранд. Риоя нашудани як принсипи алоҳида тамоми низомро бекор намесозад, балки бо муқаррароти дигари он барқарор карда мешавад.

## § 2. Принсипҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ

Принсипҳои умумиро инчунин принсипҳои универсалӣ ва ё умумиҳуқуқӣ низ гуфтан мумкин аст. Зеро ин принсипҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва ҳамаи марҳилаҳои пешбурд амал мекунанд:
– татбиқи адолати судӣ;
– ҳифзи судӣ;
– қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– эҳтироми шаъну шарафи шахс;
– дахлнопазирии шахсият;
– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;
– дахлнопазирии манзил;
– маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ;
– баробарӣ дар назди қонун ва суд;
– мустақилияти судҳо;
– ошкоро будани муҳокимаи судӣ.

### *Принсипи татбиқи адолати судӣ*

Адолати судӣ – шакли махсуси фаъолияти давлатӣ буда, аз ҷониби суд тавассути баргузор намудани муҳокимаи ошкорову баробари парвандаҳо дар ҳузури васеи иштирокчиён бо мақсади мустаҷоб намудани адолат ба амал бароварда мешавад. Худи адолатӣ судӣ аз иҷро намудани амалиёте, ки барои қувваи қонунӣ гирифтани ҳолати татбиқи ҳуқуқ, ҳангоми ҳал намудани ҳар гуна баҳсҳо, иборат мебошад, ки дар натиҷаи он қарори баровардашуда, хусусияти ҳатмиро доро мешавад. Қарори қабул намуда, дар навбати худ, қувваи қонуниро мегирад. Дар ин фаъолият, яке аз таъиноти он, аломатҳои асосии ҳуқуқ ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. Адолати судӣ фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳисоб меравад.

Татбиқи адолати судӣ яке аз самтҳои фаъолияти афзалиятноки давлатӣ мебошад. Адолати судӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, граждани ва маъмурӣ танҳо аз тарафи суд татбиқ карда мешавад. Ин принсипи мурофиаи ҷиноятӣ аз мазмуни м. 84 Конститутсия бармеояд, ки мувофиқи он адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо суд амалӣ мекунад. Адолати судӣ дар Тоҷикистон аз тарафи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе, ба амал бароварда мешавад.

Нисбат ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Конститутсия чунин мазмун ифодаи худро ёфтааст, ки шахс дар содир кардани ҷиноят бо ҳукми суд гунаҳгор дониста мешавад (м. 20 Конститутсия; м. 7 КМҶ). Аз рӯйи мазмуни ин модда бармеояд, ки Конститутсия ваколати истисноии судро дар ба амал баровардани адолати судӣ муайян намудааст. Илова бар ин, Конститутсия тартиби таъин ва озод намудани судяҳои суди зинаи якум ва дуюмро низ муқаррар намудааст (м. 85 Конститутсия).

Вогузор кардани ваколати татбиқи адолати судӣ ба суд, дар он дида мешавад, ки суд, ягона мақомоте дар низоми мақомоти давлат мебошад, ки ҳамаи имкониятҳоро барои қабул намудани қарор дар асоси бевосита, пурра ва объективона дида баромадани ҳолатҳо дар шароитҳои ошкоро, мубоҳисагӣ ва баробарҳуқуқӣ дорад. Суд дар назди дигар мақомоти давлатӣ мақоми махсус дорад, дар итоати ягон мақомот қарор надорад ва яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва умуман, дар фаъолияти худ, судяҳо мустақил буда танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд (м. 87 Конститутсия).

### *Принсипи ҳифзи судӣ*

Принсипи ҳифзи судӣ дар м. 8 КМҶ омадааст ва он аз рӯйи мазмун мантиқан давоми принсипи татбиқи адолати судӣ мебошад. Ин принсип аз муқаррароти м. 19-и Конститутсия асос гирифтааст, ки мувофиқи он ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Моҳияти принсипи мазкур дар он аст, ки аз тарафи давлат ҳифзи судӣ кафолат дода мешавад. Мутобиқ ба мурофиаи ҷиноятӣ мазмуни ин принсип дар он

ифода мешавад, ки суд дар ҳолатҳои муайян ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс баромад менамояд.

Риоя ба ин, КМҶ дар меъёрҳои махсус қоидаҳои таъсиси судҳои зинаи якум ва дуюмро муқаррар намуда, мансубияти парвандаҳои ҷиноятиро ба судҳо вобаста ба аломатҳои алоҳидаи он, муқаррар намудааст. Дар навбати худ мустақилият ва беғаразии судҳо (судя), ки он метавонад бо ҳолатҳои объективӣ ва ё субъективӣ ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас ҷой дошта бошад, мумкин аст, ки ба тариқи эълон кардани раддия, аз моҳиятан дида баромадани парванда дур карда шавад. Дар ин ҳолат баррасии парванда ба зиммаи дигар судя (дигар ҳайати суд) вогузор карда мешавад.

### *Қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ*

Қонуният – принсипи бунёдии давлати ҳуқуқӣ ва демократӣ ҳисоб мешавад. Қонуният – принсипи умумиҳуқуқӣ ва универсалӣ буда, тамоми фаъолиятро ба низому интизом равона мекунад. Дар м. 10 Конститутсия омадааст, ки Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Талаботи принсипи қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, дар он аст, ки ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бояд, ки талаботи қонун аз тарафи шахсони мансабдор (таҳқиқбаранда, кормандони мақомоти таҳқиқ, сардори мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд) ва дигар иштирокчиён қатъӣ риоя карда шавад. Яъне ҳама амалҳои шахсони мансабдор ва иштирокчиён дар рафти пешбурд ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ бояд, ки мутобиқи талаботи меъёрҳои қонун ба роҳ монда шавад. Дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, ба ғайр аз меъёрҳои Конститутсия, меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, дар баъзан ҳолатҳо меъёрҳои қонунгузории граждани ва мурофиаи граждани истифода бурда мешаванд. Қонуни ҷиноятӣ ҷиноят будани кирдорро муайян намуда, барои содир намудани он ҷазо пешбинӣ мекунад. КМҶ бошад, тартиби оғоз ва пешбурдро аз руйи парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Ғайр аз ин, дар ҳолати расонидани зарар дар натиҷаи содир намудани ҷиноят, ҳангоми пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, меъёрҳои қонуни гражданӣ ва мурофиаи гражданӣ истифода бурда мешаванд.

Талаботи риояи қонуният дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, бе истисно ҳатмӣ буда, бояд аз тарафи ҳамаи иштирокчиён риоя карда шавад. Ба сифати иштирокчиён, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба монанди шоҳид, ҷабрдида, холис, намояндагон, ҳимоятгар баромад карда метавонанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ фаҳмонидани талаботи қонун дар рафти амали тафтишӣ ва ё судӣ ба шахси мансабдор (суд, судя, прокурор, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ) вогузор карда шудааст.

Риояи қонуният бо маҷмӯи усулҳо ва воситаҳо ба роҳ монда шудааст, ки онҳо татбиқи амалии ин принсипро кафолат дода метавонанд. Аз ҷумлаи онҳо: назорати судҳои болоӣ оид ба фаъолияти судҳои поёнӣ; назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; ҳуқуқи шикоят овардан аз амал ва қарорҳо ва монанди инҳо.

***Эҳтироми шаъну шарафи шахс***

Шаъну шараф категория ва мафҳумҳои маънавӣ буда мақоми шахсро дар ҷомеа, қадру қимат ва ҳурмати ӯро аз тарафи дигар шахсон нишон медиҳад. Принсипи эҳтироми шаъну шарафи шахс аз мазмуни м. 18 ва қ. 2 м. 23 Конститутсия бармеояд, ки дар он омадааст: ки ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Ин муқаррароти конститутсионӣ дар моддаҳои алоҳидаи КМҶ саҳеҳ ва дақиқ инъикоси худро ёфтааст. Ба хусус дар м. 10 КМҶ омадааст, ки эҳтироми шаъну шарафи шахс вазифаи шахсони мансабдор ва мақомотест, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳанд. Ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад, таҳти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гирад. Дар ҳамаи марҳилаҳои (давраҳои) мурофиаи ҷиноятӣ риояи ин муқаррарот ҳатмӣ мебошад.

Аҳамияти ин принсип дар зарурати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ифода меёбад. Татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ, чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо иштироки гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид ва дигар иштирокчиён бо дахолат намудан ба ҳаёти шахсии инсон, алоқаманд бошад. Дар аксар ҳолатҳо ин дахолат метавонад боиси маълум гаштани ҳолатҳои алоҳидаи ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ гардад. Бешубҳа манфиати адолати судӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар ин ҳолат афзалтар аст, аммо новобаста аз ин шахсони мансабдор уҳдадоранд, ки баҳри дастраси шахсони сеюм нагаштани чунин маълумот ҳамаи чораҳои қонуниро андешанд.

Моҳияти принсипи эҳтироми шаъну шарафи шахс дар он аст, ки суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва мақомоти таҳқиқ, фаъолияти худро бояд тавре ба роҳ монанд, ки дар рафти он паст задани шаъну шарафи шахс ҷой надошта бошад. Вобаста ба ин дар моддаҳои алоҳидаи КМҶ тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо назардошти талаботи ин принсип, нишон дода шудааст. Аз ҷумла, дар қ. 2 м. 192 КМҶ чунин омадааст, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш вазифадоранд барои фош накардани маълумоти дахлдори ҳаёти шахсии онҳое, ки дар ин бино зиндагӣ мекунанд ва ё шахсони дигари ҳангоми кофтуков ва дарёфт кардан ошкоршуда чораҳо андешанд. Гузаронидани кофтукови шахсӣ танҳо аз ҷониби шахси бо кофтуковшаванда ҳамҷинс ва бо иштироки шахсони холис ва мутахассисони ҳамҷинс анҷом дода мешавад (қ. 3 м. 193 КМҶ). Тартиби гузаронидани шаҳодаткунонӣ, ки бо бараҳна кардани шахси муоинашаванда алоқаманд бошад, бояд бо иштироки шахсони холиси ҳамҷинс сурат гирад (қ.3-4 м. 186 КМҶ).

Инчунин дар давраҳои судӣ бошад, татбиқи ин принсип назаррас мебошад. Қоидаи гузаронидани маҷлиси судӣ бо дарҳои пӯшида маҳз баҳри риояи талаботи ин принсип нигаронида шудааст. Зеро дар ҷараёни баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, таҷовуз ба номус ва дигар ҷиноятҳои дахлдор мумкин аст, ки маълумоти ҳаёти шахсӣ, ки дорои сирри оилавӣ ва шахсӣ мебошанд, даст-

раси дигарон мешавад. Ин масъаларо судя (суд) пеш аз оғози маҷлиси судӣ бояд баррасӣ намуда, қарори дахлдор барорад.

### *Дахлнопазирии шахсият*

Принсипи дахлнопазирии шахсият аз м. 3 ва 9 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, м. 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва м. 18 Конститутсия сарчашма мегирад, ки дар онҳо омадааст: ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад, ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ, ғайр аз асосҳо ва мутобиқи расмиёте, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд, маҳрум карда шавад. Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад (м. 18 Конститутсия).

Пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳама вақт бо маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон алоқаманд мебошад. Аз ҷумла, ҳангоми татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ ва маҷбуркунии мурофиавӣ ба монанди ба ҳабс гирифтан, дастгир кардан бо гумонбарӣ дар содир намудани ҷиноят, ки ҳуқуқи инсонро барои озодӣ маҳдуд мекунанд ва ғайраҳо. Татбиқи ин принсип риояи тартиби татбиқ намудани ин чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро аз тарафи субъектони тафтишот ва суд (судя) лозим ва зарур мешуморанд. Зиёда аз ин, чунин маҳдуд кардани ҳуқуқҳо танҳо дар ҳолатҳое бояд ҷой дошта бошад, ки он барои иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зарур бошад. Аз ин рӯ, мазмуни принсипи дахлнопазирии шахсият дар мурофиаи ҷиноятӣ се муқаррароти асосиро дар бар мегирад:

– ҳар як инсон ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад;

– дар ҳабс нигоҳ доштани инсон танҳо аз тарафи суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад;

– дастгир намудани шахс бе иҷозати судя (суд) танҳо дар ҳолатҳои махсус нишондодашудаи КМҶ ва ба муҳлати на зиёда аз 72 соат, иҷозат дода мешавад.

Шахсро худсарона, бе назардошти талаботи КМҶ дастгир кардан ва ё ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Мутобиқи КМҶ ба ҳабс гирифтан чораи пешгирии истисноӣ буда бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда татбиқ карда мешавад. Ба ҳабс гирифтан танҳо бо айбдорӣ (гумонбарӣ) дар содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо ҷазо ба муҳлати зиёда аз ду сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ намудааст, татбиқ карда мешавад. Қонунгузор дар мавридҳои истисно ин чораи пешгириро нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда оид ба ҷиноятҳое, ки барояшон қонун ҷазои маҳрум кардан аз озодиро ба муҳлати камтар аз ду сол пешбинӣ намудааст, иҷозат медиҳад, ба шарте ки ин шахсон:

– дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи истиқомати доимӣ надошта бошанд;

– шахсияташон муқаррар нашуда бошад;

– аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошанд;

– чораи пешгирии қаблан татбиқ шударо риоя накарда бошанд.

Аз ин бармеояд, ки ба ҳабс гирифтан ҳамчун чораи пешгирӣ танҳо нисбати айбдоршаванда, гумонбаршуда татбиқ карда шуда, масъалаи ҷоиз будани ин чораи пешгирӣ дар маҷлиси судӣ ва дар ҳузури тарафҳо баррасӣ карда мешавад. Сабабҳои вогузор кардани масъалаи иҷозат додан ба татбиқи ин чораи пешгирӣ ба мақомоти судӣ дар он дида мешавад, ки аввалан ин гуна талабот аз санадҳои байналмилалӣ бармеояд ва дигар он аст, ки суд дар ҷумҳури мақомоте мебошад,

ки аз рӯйи сохтор вазифа ва ваколати ба ӯ дода шуда, шароити объективона ва ҳаматарафа дида баромадани ин масъаларо дорад.

Шахс дар содир намудани ҷиноят бе иҷозати суд ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин дастгир карда мешавад, агар:

– дар вақти содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди содир кардани он боздошт шуда бошад;

– шоҳидони ҳодиса, аз он ҷумла, шахси аз ҷиноят ҷабрдида бевосита шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон диҳанд ё боздошт намоянд;

– дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахсбуда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷойи кор ё воситаи нақлиёти ӯ осори бараълои ҷиноят ошкор карда шуда бошанд, ки аз шарик будани ӯ дар содир намудани ҷиноят дарак медиҳанд;

– агар асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷуд бошанд, ба шарте ки вай кӯшиши аз ҷойи ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноят пинҳон шуданро карда бошад ё ҷойи зисти доимӣ надошта бошад ё дар маҳалли дигар зиндагӣ кунад, ё шахсияташ муайян карда нашуда бошад.

Дастгир намудани шахсро бо гумонбарӣ дар содир намудани ҷиноят КМҶ, ба муҳлати на дертар аз 72 соат муайян кардааст. Бо гузаштани ин муҳлат шахсе (ё мақомоте), ки чораи маҷбуркуниро татбиқ намудааст, уҳдадор аст, ки дастгиршударо озод намояд ва ё нисбаташ дигар чораи пешгирӣ татбиқ намояд (қ. 3 м. 92 КМҶ).

### *Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ*

Принсипи қонунгузории ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, аз рӯйи мазмун хеле васеъ ва нисбат ба дигар принсипҳо калонҳаҷм мебошад. Татбиқи ин принсип бо моддаҳои алоҳида ва ё бобҳо маҳдуд набуда, балки дар хислат ва мазмуни тамоми қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро нишон медиҳад. Умуман, гуфтан мумкин аст, ки мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, амалиётҳои махсусро баҳри ошкор, тафтиш намудани ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар мақомоти суд, муқаррар мекунад. Вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ва фаъолият, дар муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин гуна фаъолият аввалан ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар, равона карда шудааст. Аз ин нуқтаи назар, тартиби муқаррарнамуда аз тарафи КМҶ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ чунин аст, ки инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ, шароитҳои бетаъхир сафед намудани ӯро таъмин менамояд.

Замина барои татбиқи ҳуқуқҳои пешбининамуда аз тарафи шахсон ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ин бешубҳа фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии онҳо мебошад. Қонун фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиавиро ба зиммаи шахсони мансабдор – субъектони пешбурд (мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) ва суд (судя) вогузор кардааст (қ. 1 м. 12 КМҶ).

Дар қисми дигари м. 12 КМҶ омадааст, ки ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он ки ба ҷабрдида, шоҳид ё дигар иштирокчиёни мурофиаи

судии ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики онҳо бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда уҳдадоранд дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки ин шахсон чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд. Вобаста ба ин 29 декабри соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ" қабул карда шуда буд.

### *Дахлнопазирии манзил*

Талаботи дахлнопазирии манзил дар м. 22 Конститутсия, оварда шудааст, ки тибқи он манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Дар асоси ин муқаррарот КМҶ муайян намудааст, ки ворид шудан ба манзил бе ризои шахсони маскуни он манъ аст, азназаргузаронӣ ва кофтукови манзил бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ, амалӣ карда мешавад. Мазмуни принсипи дахлнопазирии манзил дар он аст, ки ворид шудан ба манзили шахс, танҳо дар ҳолатҳои нишондодашудаи КМҶ, ки тартиби гузаронидани азназаргузаронии манзил ва кофтукови онро муайян мекунанд, иҷозат дода шудааст.

Тартиби азназаргузаронии манзили истиқоматӣ дар қ. 8 м. 183 КМҶ дарҷ шудааст, ки тибқи он азназаргузаронии манзили истиқоматӣ бояд ҳангоми ҳозир будани шахси болиғи маскуни он ва бо розигии ӯ, гузаронида шавад. Дар сурати имконнопазирии ҳозир шудани ӯ намояндагони ташкилоти манзилию коммуналӣ ё маъмурияти маҳаллӣ даъват карда мешаванд ва азназаргузаронии манзил амалӣ мегардад.

Кофтукови манзили истиқоматӣ ва дарёфт кардан дар он бо қарори асоснок аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бо иҷозати суд (судя) гузаронида мешавад. Ғайр аз ин, қонун дар ҳолатҳои истисно, ҳангоми мавҷуд будани хавфи воқеӣ, ки объекти ҷустуҷӯшаванда ва ё дарёфташаванда аз сабаби сари вақт ошкор накардан, гум ё вайрон карда мешавад, ба мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мегардад ё шахси ҷустуҷӯшаванда пинҳон мешавад, имконияти бе иҷозати суд (судя) гузаронидани кофтуковро иҷозат медиҳад. Дар ин ҳолат бояд, ки дар давоми 24 соат ба суд маълумоти хаттӣ пешниҳод карда шавад (м. 192 КМҶ). Дар дигар ҳолатҳо вайрон кардани дахлнопазирии манзили шахс манъ аст.

Қайд кардан зарур аст, ки зери манзил – хона, ҳуҷра ва дигар ҷойҳои махсусе фаҳмида мешавад, ки он барои истиқомат мувофиқ карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки дахлнопазирии манзил, новобаста аз шакли моликият ба он аз тарафи шахсони маскун, амал мекунад. Яъне соҳибмулк будан, иҷоранишин ва ё киро кардани манзил ва ё ҳуҷраи истиқоматӣ (меҳмонхонаҳо) дар ин ҳолат, татбиқи ин принсипро коста намегардонад. Инкор кардани талаботи ин принсип метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад (м. 147 КҶ).

### *Махрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ*

Ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс – яке аз ҳуқуқҳои конститутсионӣ мебошад. Дар м. 23 Конститутсия омадааст, ки маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобиро-

ти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноим мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст. Вобаста ба ин муқаррарот дар м. 14 КМҶ омадааст, ки сирри шахсӣ ва оилавиро қонун ҳифз мекунад. Ҳар шахс ба сирри амонат ва пасандоз, мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот ва дигар ахборот ҳуқуқ дорад. Маҳдуд кардани ин ҳуқуқҳо дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонунгузорӣ бевосита муқаррар кардааст, мумкин мебошад.

Принсипи номбурда дахлнопазирии муошарати шахсро бо дигарон кафолат медиҳад. Маҳдуд намудани ин ҳуқуқ дар мурофиаи ҷиноятӣ танҳо бо қарори суд (судя) иҷозат дода шудааст. Амалҳои тафтишие, ки маҳз барои дастрас намудани маълумоти муошаратӣ равона карда шудаанд, инҳо мебошанд:

– ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо (м. 195 КМҶ);

– гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ (м. 196 КМҶ).

Аз ҷумла, дар қ. 2 м. 195 КМҶ омадааст, ки ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо танҳо бо иҷозати суд, судя анҷом дода мешавад. Таъсири ин принсип ба ҳамаи намуд ва воситаҳои алоқа, ки ба воситаи онҳо имконияти муошират вуҷуд дорад, паҳн мешавад. Вобаста ба тараққи намудани техника ва пайдоиши воситаҳои нави алоқа бо қабули КМҶ соли 2009, амали тафтишии нав “Гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ” (м. 196 КМҶ) пешкаш карда шуд. Моҳияти ин амали тафтишӣ дар он аст, ки ҳангоми оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои тахмини он ки гуфтугӯи телефонии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар шахсон ё гуфтугӯ бо дигар воситаҳои алоқа, ки дорои маълумот дар бораи ҷиноят шуда метавонанд ё дорои маълумоти барои парванда аҳамиятнок мебошанд, бо иҷозати суд, судя гӯш ва сабт кардани ин гуфтугӯро анҷом додан мумкин аст (қ. 1 м. 196 КМҶ). Ғайр аз ин, гирифтани маълумот оид ба амонатҳо, пасандоз ва дигар суратҳисобҳои аз бонкҳо ва ё муассисаҳои кредитӣ, сарфи назар аз шакли моликият (хусусӣ ва ё давлатӣ), ки сирри бонкиро ташкил медиҳад, танҳо бо иҷозати суд, анҷом дода мешавад.

Талаботи ин принсип на танҳо ба субъектони тафтишот, балки ба кормандон ва муассисаҳои алоқа низ паҳн мешавад, ки ин талабот аз Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» аз 1.08.2003; «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2.12.2002, бармеоянд.

### *Баробари дар назди қонун ва суд*

Мазмуни ин принсип аз меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сарчашма мегиранд (м. 7 ва 8). Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонунро эълон намудааст. Дар м. 17 Конститутсия омадааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Муқаррароти номбурда дар КМҶ дар ин мазмун инъикоси худро ёфтааст ва он дар ҳамаи марҳила ва давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунад (м. 16 КМҶ). Мутобиқан

баробарии ҳама шахсон дар назди на танҳо суд, балки мақомоти тафтишоти пешакӣ ва прокурор, паҳн мешавад.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ, баробарии ҳуқуқи шахсон нисбӣ мебошад ва ҳамчун мутлақият фаҳмида намешавад. Шахс ва ё шаҳрванд ҳачун як субъекти муайян дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун иштирокчӣ мавҷуд буда наметавонад. Зеро ҳар як шахсе, ки ба фазои муносибатҳои мурофиавӣ ҷалб карда мешавад, мақоми муайяни худро доранд. Мисол: ҷабрдида, шоҳид, шахси холис, ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар иштирокчиён, ки як гурӯҳи онҳо дар рафти пешбурд, ҳуқуқҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя мекунанд, ва ё барои мусоидат/иштирок дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҷалб карда мешаванд – мутахассис, шахсони холис. Вобаста ба ин мақоми ишғолкарда, ба ҳар як ин иштирокчиён ҳуқуқу уҳдадориҳои муайянро КМҶ пешбинӣ мекунад. Баробарӣ дар назди қонун ва суд сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ (молу мулкӣ) ва ба монанди инҳо, кафолат дода мешавад. Аммо мавқеи мурофиавии шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз манфиатҳои ӯ ҳангоми пешбурди парвандаи муайян вобастагӣ дорад. Ӯ метавонад ҳангоми зарар дидан аз ҷиноят ҷабрдида бошад, ё ба сифати шоҳид баромад кунад ва ё ҳамчун шахсе, ки тафтишоти парвандаро ба уҳда дорад (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор). Қайд кардан зарур аст, ки нисбати як катор шахсон дар мурофиаи ҷиноятӣ, тартиби махсуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо, амал мекунад[1].

Ин амал, дар додани афзалият ба шасони алоҳида набуда, он афзалан барои фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз тарафи ин гуна шахсон равона карда шудааст. Дар ҳолати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ин шахсон, минбаъд нисбати онҳо тартиби умумии пешбурд амалӣ карда мешавад ва ҳуқуқҳои мурофиавии субъекти муайянро доро мешаванд (гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ғ.).

### *Мустақилияти судҳо*

Мустақилияти судҳо яке аз принсипҳои – муайянкунанда ва муҳими мурофиаи ҷиноятӣ ва умуман, адолати судӣ мебошад. Мустақилияти судҳо дар м. 87 Конститутсия муқаррар карда шудааст, ки тибқи он судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст. Ин муқаррарот бетағйир дар м. 17 КМҶ ҳамчун яке аз принсипҳои қонунгузорӣ дарҷ карда шудааст. Бинобар, аҳамияти хоса доштани мустақилияти суд (судя), дар як қатор қонунҳо инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла: Қонунҳои конститутсионӣ: «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (м. 11); «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (м. 8). Ғайр аз ин, мустақилияти судҳоро қонунҳои мурофиавии соҳавӣ – ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ муқаррар мекунанд.

Аҳамияти ин принсип дар фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ намудани фаъолияти судҳо, дида мешавад. Ба амал баровардани адолати судӣ, яъне объективона, ҳаматарафа ва аз руйи қонун баровардани қарор бо мустақилияти судҳо ва дахлнопазирии онҳо алоқаи зич дорад. Дар ҳолати таъсир расонидан ба судя, монеа эҷод кардан ба фаъолияти ӯ, мустақилияти воқеии ӯ таъмин карда намешавад, ки ин метавонад боиси баровардани қарорҳои ғайриқонунӣ ва яктарафа гардад. Вобаста ба амалӣ кардани муста-

---

[1] Муфассалтар оид ба ин мавзӯъ ниг.: ба § 4, боби 3. Китоби мазкур.

қилияти воқеии судяҳо (судҳо), аз тарафи қонунгузор он бо як қатор чораҳо таъмин карда мешавад:

– тибқи қонун интихоб, таъин, озод ва бозхонд шудан;

– бо дахлнопазирии судя;

– бо ба амал баровардани адолати судӣ тибқи тартиби муқарраркардаи қонун;

– бо махфияти машварати судяҳо ҳангоми баровардани санадҳои судӣ;

– бо манъи ҳамагуна дахолат ба фаъолият оид ба баамалбарории адолати судӣ, таҳти таҳдиди ҷавобгарӣ;

– бо ҷавобгарӣ барои эҳтиром накардани суд;

– бо ҳуқуқ доштан барои ба истеъфо баромадан, бо хоҳиши худаш ба кори дигар гузаштан, аз вазифа озод шудан;

– ба нафақа баромадан ва бозхонди судя;

– бо ташкил намудани ҷомеаи судяҳо;

– бо муҳайё намудани шароити ташкилию техникӣ барои фаъолияти судҳо;

– мувофиқи мақомаш аз ҳисоби давлат аз ҷиҳати моддӣ ва иҷтимоӣ таъмин намудани судя.

Ғайр аз чораҳои номбаршуда, кафолати мустақилияти судяҳо, аз ҷумла чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии онҳо, бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст, ба ҳамаи судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд (м. 5).

### *Ошкоро будани муҳокимаи судӣ*

Дар м. 88 Конститутсия омадааст, ки мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Ошкоро будани муҳокимаи судӣ, барои суд ҳамчун қоидаи умумӣ барои баррасии ҳама парвандаҳо амал мекунад. Ин муқаррароти конститутсиониро КМҶ ҳамчун принсипи қонунгузорӣ дар м. 19 пешбинӣ намудааст. Мутобиқи он парвандаи ҷиноятӣ дар суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад. Муҳокимаи пӯшидаи судӣ танҳо дар ҳолатҳои зерин мумкин аст:

– дар ҳолатҳое, ки муҳокимаи ошкоро ба фош шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад;

– оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд;

– оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад;

– дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад;

Новобаста аз пӯшида ё ошкоро будани муҳокимаи судӣ, ҳукми суд ба таври ошкоро эълон карда мешавад. Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд (судя), танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад (қ. 7 м. 273 КМҶ).

Ошкоро будани муҳокимаи судӣ – яке аз принсипҳои муҳими давлати демократӣ мебошад. Он барои шаҳрвандон (ва шахсон) ҳузур доштан дар маҷлисҳои судӣ ва ба ин восита имконияти мушоҳида кардани мурофиаи судии ҷиноятиро, фароҳам месозад. Ҳамин тариқ, шаҳрвандон метавонанд оид ба фаъолияти адолати судӣ, тартиби рафти он ва ба амалбарории он огоҳ бошанд.

Илова бар ин, шахсони иштирокчии маҷлиси ошкорои суд ҳуқуқ доранд, ки рафти мурофиаро ба қоғаз ва навори магнитофон сабт намоянд. Суратгирӣ ва сабти видео бошад, танҳо бо иҷозати раисикунанда ва ризои тарафҳо мумкин аст (қ. 5 м. 273 КМҶ). Дар маҷлиси кушодаи судӣ метавонанд шахсоне, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидаанд, иштирок намоянд.

Муҳокимаи пушидаи судӣ, ки ин худ маҳдудкунии принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ мебошад, на танҳо бо мақсади пешгирӣ кардани фош шудани сирри давлатӣ, балки баҳри риоя намудани муқаррароти конститутсионӣ (м. 22), амалӣ карда мешавад.

## § 3. Принсипҳои махсуси мурофиаи ҷиноятӣ

### *Эҳтимолияти бегуноҳӣ*

Эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз муҳимтарин принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ эътироф карда мешавад. Ғайр аз КМҶ ин муқаррарот дар м. 20 -и Конститутсия низ пешбинӣ карда шудааст, ки он ба меъёрҳои байналмилалӣ асос мегирад.

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, ин муқаррароти нав нест, он аз ин пештар дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ маълум буд ва васеъ истифода бурда мешуд. Пештар аз КМҶ амалкунандаи ҳозира ин принсип дар Асосҳои пешбурди мурофиаи суди ҷиноятии соли 1958 (собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ) ва инкишофи он дар КМҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шуда буд. Дар м. 8-уми он чунин омада буд, ки ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор ҳисобида намешавад, ба ғайр аз ҳукми суд мувофиқи қонун[1].

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ғайр аз қонунгузории соҳавӣ ва роҳбарӣ принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар фаъолияти судҳо дида мешуд, ба хусус дар қарорҳои фаҳмондадиҳии Суди Олӣ, ки дар мазмун ва мундариҷаи эҳтимолияти бегуноҳӣ чунин мефаҳмонд: айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳ будани худро исбот кунад, балки мақомоти айбдоркунанда уҳдадоранд, ки дурустии айби эълон кардашударо исбот намоянд[2].

Айни замон ин муқаррароти роҳбарикунанда боз ҳам васеъ ва саҳеҳ дар КМҶ пешбинӣ шуда, дастовардҳои назарияи мурофиаи ҷиноятиро ба назар гирифтааст.

Дар навбати худ, принсипи қонунгузории эҳтимолияти бегуноҳӣ дар м. 15 КМҶ дарҷ гардидааст, ки он чунин маънидод карда шудааст:

1. ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.
2. уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад.
3. айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳ будани худро исбот намояд.
4. ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи КМҶ бартараф карда намешавад, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад.
5. ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест.

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.08.1961 с. (дар таҳрири қонунҳо то 20 марти 2008 с.) // «Ҷумҳурият», 2008. 30 март.

[2] Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 27 декабря 1946 г. по делу Калинина // Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР по вопросам уголовного процесса (1946-1962 гг.). – С. 46-47.

Худи калимаи презумпсия аз калимаи лотинии (praesumptio – гирифта шуда, маънои он эҳтимолияти аниқ аст, то он даме ки баръаксаш исбот карда нашудааст. Моҳияти ин принсип дар он мебошад, ки шахс бегуноҳ Дониста мешавад, то оне, ки баръакси ин ҳолат мувофиқи тартиби пешбинишудаи мурофиавии ҷиноятӣ исбот карда нашавад. Ба эҳтимолияти бегуноҳӣ монанд принсип дар давраҳои ҳуқуқи римӣ низ дида мешуд, ки он "презумпсияи покрафтори" шаҳрванди Рим, - praesumptio tio boni viri ном дошт.

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи асосгузор барои адлияи ҷиноятии ҳар як давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ба ҳисоб меравад. Ин муқаррарот ҳамчун принсип бори аввал дар қонунгузории Франсияи давраи инқилоби буржуазӣ эълон карда шуда буд. Сипас истифода аз таҷрибаи ин давлат ин гуна муқаррарот айни замон дар ҳамаи санадҳои байналмилалӣ дарҷ карда шудааст. Аз ҷумла: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (м. 11), Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон (м. 6) ва Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (м. 14).

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ танҳо дар он вақт эътироф намудани шахсеро, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар содир намудани ҷиноят кашида шудааст, ҳамчун гунаҳгор медонад, агар гуноҳи ӯ ба пуррагӣ ва бешубҳа исбот шуда бошад. То он даме, ки гуноҳи шахс исбот карда нашудааст, ӯ бегуноҳ дониста мешавад. Дар асоси ин принсип мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд метавонанд оид ба гунаҳгор будани шахс хулоса бароранд ба дараҷае, ки ин фикрҳо бо маҷмӯи далелҳои пурраи ҷамъовардашуда асоснок карда шуда бошанд. Дар навбати худ, оид ба гунаҳгор будани шахс ин мақомот ва шахсони мансабдор наметавонанд, ки хулосаҳои худро бо тахминҳо асоснок намоянд. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки: гуноҳи исбот нашуда, дар навбати худ ба исбот шудани бегуноҳӣ баробар мешавад, яъне агар исбот карда нашавад, ки айбдоршаванда гунаҳгор аст, пас ҳамзамон дар навбати худ исбот шудааст, ки ӯ бегуноҳ аст. Илова бар ин, оид ба ин масъала – гунаҳгор будани шахс танҳо як мақомот – суд (ба ҳар ҳол дар Тоҷикистон ва дар аксари давлатҳои ҷаҳон), метавонад хулоса барорад, дигар ягон мақомот ва ё шахси мансабдор наметавонад касеро дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор ҳисобад.

Вогузор кардани ин вазифа ба мақомоти судӣ, дар он дида мешавад, ки суд, мақомоте мебошад, ки дар ягон ҳолат аз тарафҳои мурофиавӣ, чи аз тарафи ҳимоя ва чи аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ баромад намекунад. Илова бар ин, суд дар фаъолияти худ мустақил буда танҳо аз рӯйи қонун ва ақидаи ботинии худ амал мекунад ва бо нишондодҳои ошкоршавии ҷиноят ва сатҳи ҷиноятқорӣ алоқаманд нест. Дахолат намудан ба фаъолияти суд, ба чи шакл ва намуде ки набошад манъ карда шуда, он аз рӯйи қонун кафолат дода шудааст. Судя мутофиқи Конститутсия (м. 91) ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ( м.м. 8, 10) дахлнопазир мебошад, ки ин кафолати боадолатона, объективона ва ҳаматарафа дида баромадани парвандаҳои ҷиноятиро аз нуқтаи назари риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, медиҳад.

Дар навбати худ, шахсони мансабдор ва мақомоте, ки нисбати айбдоршаванда таъқиби ҷиноятиро амалӣ менамоянд (муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор), ва ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидаанд, ӯро бешубҳа гунаҳгор меҳисобанд, зеро дар ҳолати дигар, наметавонистанд айб эълон кунанд. Аммо, ин хулоса танҳо ақидаи ботинии худи он шахс мебошад ва он барои дигарон ҳатмӣ нест, қарори ниҳоии ин парвандаро бевосита суд мебарорад ва танҳо суд метавонад гунаҳгор

буданро муайян намояд. Зеро давраи тафтишоти пешакӣ, худ як давраи пешакӣ мебошад ва ҳамчун давраи "омодасозӣ" барои баррасии парванда дар суд, ҳисобида мешавад. Аз ин бармеояд, ки касе, ки айбдоршавандаро гунаҳгор медонанд, бояд ки гуноҳи ӯро исбот намоянд, то он даме ки ин ҳолатро исбот накардаанд. Айбдоршаванда бинобар муқаррароти қонун бегуноҳ ҳисобида мешавад. Ин дар навбати худ, боз як мафҳумро ба вуҷуд меорад, ки мувофиқи он уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад.

Дар фаъолияти мурофиавии худ, суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда, наметавонанд, ки ҳуқуқи исбот карданро ба зиммаи айбдоршаванда вогузор намоянд. Мувофиқи қонун айбдоршаванда, бегуноҳ ҳисобида мешавад. Бинобар ин, эҳтимолияти бегуноҳӣ иҷозат намедиҳад, ки мафҳуми айбдоршаванда ва гунаҳгор мутаносиб эътироф карда шаванд. Илова бар ин, дар КМҶ мутаносибан бар ин принсип як қатор мафҳумҳо пешбинӣ шудаанд, ки мавқеи мурофиавии шахсро, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ифода мекунад: *гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда танҳо пас аз баровардани ҳукм ва ба қувваи қонунӣ даромадани он гунаҳгор эътироф карда мешаванд.*

Эҳтимолияти бегуноҳӣ ин аввал – асоси мурофиавии ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоятгар ва дигар ҳуқуқҳое, ки ба ин вобаста мебошанд; дувум – ин ҷамъи ҳама кафолати мурофиавие мебошанд, ки қонун барои ҳифзи ҳуқуқҳои на танҳо айбдоршаванда, балки ҳама шахсон равона карда шудааст; сеюм – эҳтимолияти бегуноҳӣ ин асоси аввалиндараҷа ва тақдирсоз барои истифодаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ барои асоснок намудани масъалаи гунаҳгор будан ва ё набудани айбдоршаванда, эътироф карда мешавад.

### *Забони мурофиаи судии ҷиноятӣ*

Мутобиқи м. 18 КМҶ, мурофиаи судии ҷиноятӣ ба забони давлатӣ баргузор мегардад. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки забони мурофиаро намедонанд, ҳуқуқи ба забони модариашон ё забони дигаре, ки онро медонанд, арз кардан, нишондод додан, изҳори дархост кардан, шинос шудан бо маводи парвандаро дошта, ба онҳо хизматрасонии тарҷумон таъмин карда мешавад ё мурофиаи судии ҷиноятӣ бо забони аксарияти аҳолии маҳал гузаронида мешавад.

Ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ки ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ин ҳуҷҷатҳоро таҳиянамуда дода мешаванд, бояд ба таври дахлдор тасдиқ карда шуда, ба забони давлатӣ ё забоне, ки онҳо медонанд, тарҷума шуда бошанд.

Муқаррароти КМҶ оид ба забони мурофиаи судии ҷиноятӣ аз м. 2 Конститутсия бармеояд, ки мутобиқи он забони давлатӣ – забони тоҷикӣ аст. Дар қисми дуюми моддаи номбурда омадааст, ки ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд. Дар тақвияти ин қоида м. 88 Конститутсия, ки ба суд бахшида шудааст, омадааст, ки мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд. Дар ҳолати надонистани забоне, ки бо он мурофиаи ҷиноятӣ сурат мегирад, нақши тарҷумон аҳамияти хоса дорад. Аз ин рӯ, дар КМҶ бахшида ба тарҷумон моддаи алоҳида бахшида шудааст, ки ӯ ҳамчун иштирокчиии дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ эътироф карда шудааст. Иштиро-

ки тарҷумон (м. 59), ғайриимкон будани иштироки ӯ (м. 68) инчунин дар давраҳои тосудӣ (м. 180) ва судӣ (боби 32; 33) дар моддаҳои алоҳидаи КМҶ нишондода шудааст. Таъмини иштироки тарҷумонро қонунгузор ба зиммаи субъектони тафтишот (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) ва суд (судя) вогузор кардааст (қ. 2 м. 59; қ. 1 м. 180 КМҶ).

Ҳамзамон, ҳангоми дар рафти пешбурди парванда ва ё баррасии он дар суд, риоя накардани талаботи КМҶ оид ба таъмини тарҷумон ба айбдоршавандае (гумонбаршуда, судшаванда), ки забони мурофиаро намедонад, ҳамчун ба таври ҷиддӣ вайрон шудани КМҶ ба ҳисоб меравад (м. 372 КМҶ). Бешубҳа, ин хатогӣ боиси бекор кардани ҳукм шуда метавонад (сархати 5 қ. 3 м. 375 КМҶ).

Умуман, дар ҳолати надонистани забони мурофиаи ҷиноятӣ, аз тарафи айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда), ҷабридида ва дигар иштирокчиён, гузаронидани он (мурофиаи ҷиноятӣ) моҳият ва маънои худро дар назари ин иштирокчиён гум мекунад. Зеро айбдоршаванда намедонад, дар кадом кирдор ӯро айбдор донистаанд, дар натиҷа худро ҳимоя карда наметавонад ва ин гуна ҳолат бо дигар иштирокчиён рӯй медиҳад.

Принсипи забони мурофиаи судии ҷиноятӣ хислати демократӣ доштани қонунгузор ва давлатро нишон медиҳад ва барои иштирокчиён имконияти воқеии ба амал баровардани ҳуқуқҳои мурофиавии онҳоро фароҳам меоварад. Таъмини ҳуқуқ дар бобати истифодаи забони модарӣ дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ба татбиқи дигар принсипҳои қонунгузорӣ – мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани мурофиаи суди ҷиноятӣ, таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа ва дигарон, замина мегузорад.

### *Мубоҳиса ва баробарии тарафҳо*

Конститутсия муқаррар намудааст, ки мурофиаи судӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад (м. 88). Ин муқаррароти конститутсионӣ хислати умумӣ дошта ба ҳамаи шаклҳои мурофиаи судӣ паҳн мешавад. Татбиқан ба мурофиаи суди ҷиноятӣ, принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мазмуни зерин маънидод карда мешавад:

– мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад;

– суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад;

– тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд (м. 20 КМҶ).

Мубоҳиса ва баробарии тарафҳо – яке аз принсипҳое мебошад, ки ба демократикунонии мурофиаи ҷиноятӣ равона карда шуда, ба таъмини баробарии тарафҳо – мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва ҳимоя, дар суд равона шудааст. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ин муқаррароти нав аст. КМҶ дар таҳрири соли 1961, ин гуна принсипро пешбинӣ намекард. Новобаста аз ин, он дар асарҳои илмии баъзан олимон нишон дода шуда буд[1]. Ҳамзамон набудани муқаррарот дар қонун маҳдудиятро ба амал намебаровард ва дар судҳо баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар шароитҳои мубоҳисагӣ ва баробарии тарафҳо сурат

[1] Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. Том I. – М.: «Наука», 1968. – С. 149.

мегирифт. Аммо бояд қайд намуд, ки дар ҳаҷми гуногун тибқи қоидаи умумӣ таъсири ин принсип ба тамоми мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҳамаи марҳила ва давраҳои он паҳн мешавад. Афзалан он инъикоси худро дар давраҳои судӣ ёфтааст, ва дар ҳаҷми камтар татбиқи он дар марҳилаҳои тосудӣ дида мешавад. Дар давраҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ, иҷрои ҳукм, аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда, предмети таъсири ин принсип тамоман дида намешавад. Зеро барои амали принсипи қонунгузории мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, иштирок ва мавҷудияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва тарафи ҳимоя зарур аст ва дар ин шароитҳо он метавонад татбиқ карда шавад. Дар ҳолати набудани ин тарафҳо, мутаносибан татбиқи ин принсип ғайриимкон мешавад. Аз ин рӯ, дар давраҳои дарҷгардида таъсири ин принсип тамоман дида намешавад, зеро заминаҳо барои амалӣ намудани он мавҷуд нестанд.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ бошад, баъзан унсурҳои мубоҳисагӣ ҷой доранд ва ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд. Аммо татбиқи пурра ва назарраси ин принсип дар марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла кассатсионӣ ва ҳангоми пешбурд дар судӣ марҳилаи назоратӣ, дида мешавад.

### *Тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор*

Принсипи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор дар м. 21 КМҶ пешбинӣ карда шудааст. Мутобиқи он:

– прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд;

– суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи исбот кардани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд;

– ҳамаи ҳолатҳои исботшаванда бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона санҷида шаванд;

– ҳангоми ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки аз парванда бармеоянд, бояд ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам сафедкунандаи айбдоршаванда, инчунин ҳолатҳои ҷавобгарии ӯро сабук ё вазнинкунанда муайян карда, ба инобат гирифта шаванд;

– суд, судя холисӣ ва беғаразиро риоя намуда, дар таҳқиқи пурраи ҳолатҳои парванда барои амалӣ намудани ҳуқуқи тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам меоварад.

Ин гуна муқаррарот нав набуда он дар КМҶ таҳрири соли 1961 низ амал мекард. Дар м. 15-и КМҶ, гуфта шуда буд, ки суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда уҳдадоранд, ки барои ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона тафтиш намудани ҳолатҳои кор ҳамаи чораҳои қонуниро андешанд, ва бо парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои сафедкунанда ва вазнинкунанда, инчунин ҳолатҳое, ки ҷавобгариро сабук ва ё вазнин мекунанд, муайян кунанд. Талаботи ин принсип дар давраҳои тосудӣ ва судӣ назаррас мебошад. Аз ҷумла, дар сархати 11 қ. 1 м. 247 КМҶ омадааст, ки прокурор парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, ҳамаҷониба, пурра ва холисона гузаронидани таҳқиқ ё тафтиши пешакиро санҷида мебарояд. Татбиқи ин принсип дар давраҳои судӣ бошад, ба воситаи муқарраротӣ моддаҳои алоҳида таъмин карда мешавад. Мувофиқи қ. 3 м. 333 КМҶ, ҳукми суд танҳо дар ҳолате асоснок эътироф карда

мешавад, ки он дар асоси таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳое, ки ба суд пешниҳод гардида, дар маҷлиси суд муҳокима шудаанд, бароварда шуда бошад.

Талаботи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор, ба мақсади инкор намудани истисмор аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ дар КМҶ ворид карда шудааст. Инчунин он бо мақсади роҳ надодан ба зуҳуроти бараъло ва бармаҳал айбдорӣ, равона карда шудааст. Бинобар, дахолат намудан ва маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, зиёда аз ин ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар ҳолати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс (имконияти татбиқи чораҳои пешгирӣ ва маҷбуркунӣ, ҳабси молу мулк ва ғайра), новобаста аз ҳолатҳои ҷойдошта бояд, ки ҳамаи ваҷҳҳои айбдоршаванда (гумонбаршуда) санҷида баромада шаванд. Тафтишот бояд, ки дар самти муайян намудани ҳолатҳои сабуккунанда низ, гузаронида шуда бошад. Зеро моҳияти мурофиаи ҷиноятӣ дар он зоҳир намегардад, ки оид ба ҷинояти содиршуда, ҳатман шахсе ҷавобгар карда шавад, балки тасодуфан шахси бегуноҳ беасос айбдор карда нашавад ва зиёда аз ин ҷазо набинад.

### *Таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда*

Мазмуни ин принсип аз м.м. 19 ва 92 Конститутсия сарчашма гирифтааст. Ба хусус дар ин моддаҳо омадааст, ки ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад ва ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Принсипи таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда дар м. 22 КМҶ пешбинӣ шуда муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

– ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода кунад;

– дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқ доранд барои ҳимояи худ аз айбдоркунӣ ҳуқуқҳояшонро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи КМҶ шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон истифода баранд;

– суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд;

– ҳуқуқи ҳимоя инчунин ба шахсе таъмин карда мешавад, ки нисбат ба ӯ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҷой дорад;

– дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахсоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, вазифадоранд иштироки ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшударо таъмин намоянд.

Ҳуқуқ ба ёрии адвокат ва ҳуқуқ ба таъмин намудани ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷузъӣ таркибии ҳуқуқ ба ёрии ихтисосмандонаи ҳуқуқӣ мебошад[1].

---

[1] Ниг.: Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. – С. 136.

Принсипи таъмини ҳуқуқи химоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда бо эҳтимолияти бегуноҳӣ алоқамандии зич дорад ва дар вобастагиву алоқамандӣ бо он амал мекунад. Ҳуқуқи айбдоршаванда барои ҳимоя аз мундариҷаи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ мебарояд. Татбиқи амалии ин принсип аз шахсони мансабдор вобаста буда, амалҳои воқеиро талаб мекунад, то ин муқаррарот татбиқи худро ёбад. Таъмини иштироки ҳимоятгар дар рафти тафтиш ва умуман, дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз амалҳои татбиқи эҳтимолияти бегуноҳӣ мебошад. Таъмини иштироки ҳимоятгар мувофиқи КМҶ ба зиммаи айбдоркунанда вогузор карда шудааст. Чунончӣ, мувофиқи қ.қ. 2 ва 3 -и м. 50 КМҶ, иштироки ҳимоятгар бо дархости дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ва намояндаи онҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя таъмин карда мешавад. Мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ягон кас даъвати ҳимоятгари муайянро тавсия намоянд.

Амалӣ намудани ин принсип ба объективона ва адолатона будани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ ва баррасии он дар суд, аҳамияти муҳим дорад. Он яке аз омилҳои асосӣ барои роҳ надодан ба истисмор, аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ равона карда шудааст. Шахс, ки ба фазои муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ кашида шудааст, аксаран вақт оид ба ҳуқуқҳои худ, тартиби пешбурди парванда умуман, ягон тасаввурот надорад ва ё умуман, маълумоти ҳуқуқӣ надорад. Дар чунин шароит ӯ мустақилона ва аз рӯйи тартиби пешбининамудаи қонун, ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда наметавонад.

Бинобар ин, дар КМҶ ҳуқуқи айбдоршаванда, гумонбаршуда, судшаванда ва маҳкумшуда ба ҳимоя, ҳамчун вазифаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд (судя) пешбинӣ шудааст. Ин ҳуқуқ бояд, ки аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, таъмин карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар КМҶ ҳолатҳои махсус мустаҳкам карда шудаанд, ки иштироки ҳимоятгарро ҳатмӣ месозанд, агар:

– дар ин бора гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дархост пешниҳод кунанд;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ноболиғ бошанд;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ ҳуқуқи худашонро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда натавонанд;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда забони пешбурди мурофиаро надонанд;

– шахс дар содир намудани ҷиноятe айбдор карда шавад, ки барои он ҷазои қатл ё ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шуда бошад.

Ҳамзамон, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳуқуқ доранд иштироки ҳимоятгарро оид ба дигар парвандаҳо низ зарур шуморанд, ба шарте онҳо чунин шуморанд, ки мураккабии парванда ва дигар ҳолатҳо метавонанд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда амалӣ гардонидани ҳуқуқашонро барои ҳимоя мушкил намоянд. Агар ҳимоятгар аз ҷониби худи дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё намояндаи қонунии онҳо, инчунин бо ризои онҳо аз ҷониби дигар шахсон даъват нашуда бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя *вазифадоранд* (ишора аз ман – А.Л.) иштироки ҳимоятгарро дар парванда таъмин намоянд. Дар ин сурат қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд дар бораи ҷудо кардани ҳимоятгар барои Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ аст (м. 51).

Татбиқи амалии ин принсип ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, танҳо дар ҳолати дархост ва ҳолатҳои дар боло нишондода шуда ҳатмӣ мебошад, мутаносибан ин иштирокчиён метавонанд, ки ихтиёран аз хизмати ҳимоятгар даст кашанд. Тартиби даст кашидан аз ҳимоятгар дар м. 52 КМҶ, пешбинӣ карда шудааст ва он бо мақсади сӯиистифода накардан, чунин коркард карда шудааст:

– гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ҳуқуқ доранд дар ҳар лаҳзаи пешбурди парванда бо ташаббуси худ, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод намудаанд, аз хизмати ҳимоятгар *дар ҳузури ӯ* (ишора аз ман – А.Л.), даст кашанд;

– даст кашидан аз ҳимоятгар бинобар, надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, иҷозат дода намешавад;

– дар ҳолатҳои ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар, ба даст кашидан аз ҳимоятгар иҷозат дода намешавад;

– даст кашидан аз ҳимоятгар гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро аз ҳуқуқи дар оянда изҳор кардани дархост доир ба роҳ додани ҳимоятгар барои иштирок дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маҳрум намесозад. Роҳ додани ҳимоятгар такроран доир намудани амалҳои мурофиавиро талаб намекунад.

Талаботи қонунгузор оид ба иштироки ҳатмии ҳимоятгар, ҳангоми даст кашидан аз хизмати ӯ, дар он дида мешавад, ки оқибатҳои ин амал ва сабабу шароитҳои даст кашидан муайян карда шуда аз тарафи худи ҳимоятгар фаҳмонида шаванд. Инчунин ин гуна тартиб ба инкор кардани имконияти аҳамият ва таъсир аз тарафи субъектони тафтишот, равон карда шудааст.

Беҳуда нест, ки инкор кардани талаботи ин принсип дар кадоме аз марҳила ва ё давраҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он дар суд, роҳ дода шуда бошад, ҳатман боиси бекор кардани ҳукм ва ё таъиноти баровардашуда мебошад (м.м. 372; 373 КМҶ).

### *Ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа*

Ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа дар м. 23 КМҶ нишон дода шудааст, ки муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

– иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон, намояндагони корхонаю ташкилот ва муассисаҳо, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ манфиатдоранд, ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи КМҶ аз амал ё қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда шикоят кунанд;

– шахси маҳкумшуда ё сафедкардашуда ҳуқуқ дорад бо тартиби дар КМҶ муқарраршуда, аз нав дида баромадани ҳукмро аз тарафи суди болоӣ талаб кунад.

Дар қатори муайян намудани ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба шикоят намудан аз амал ва қарорҳои субъектони тафтишот ва суд, қонунгузор дар навбати худ онҳоро вазифадор кардааст, ки ҳангоми ҷалб намудани шахсон, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро фаҳмонида диҳанд, аз ҷумла: ҳуқуқи онҳо барои шикоят овардан аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ. Бахусус, дар м. 174 КМҶ омадааст, ки муфаттиш вазифадор аст ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, инчунин шахсони дигари иштирокчии пешбурди амали тафтишӣ ҳуқуқи ҳар кадоми онҳоро фаҳмонида, имконияти татбиқи ҳуқуқҳояшонро ҳангоми тафтиши пар-

ванда таъмин намояд. Ҳамзамон, ба иштирокчиён бояд уҳдадориҳояшон ва оқибати иҷро накардани онҳо фаҳмонида шаванд.

Ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ба суд, барои амалӣ намудани назорати судӣ дар рафти тафтишот, замина мегузорад. Бо демократикунонии мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати ҷорӣ намудани назорати судӣ – ҳамчун кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба миён омад.

Қаблан то амали КМҶ соли 2009, оид ба амал ва қарорҳои ғайриқонунӣ дар рафти тафтишот ва давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба прокурори назоратбаранда шикоят оварда мешуд ва баррасии онҳо ба зиммаи ӯ, ҳамчун мақомоти назоратбаранда вогузор карда шуда буд[1].

Дар қатори назорати прокурорӣ ворид намудани ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа ба суд, дар он дида мешавад, ки суд ҳамчун мақомот аз рӯйи сохтор ва ваколати худ мустақилияти боз ҳам васеътар дошта дар фаъолияти худ дахлнопазир аст. Илова бар ин, суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва бо нишондодҳои оморији сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо вобастагӣ надорад[2]. Ин омилҳо имконияти баррасӣ намудани арзу шикоятҳоро объективона ва холисона бе таъсири беруна, фароҳам меоварад. Ҳамаи ин ҳолатҳо бешубҳа ба мусбӣ арзёбӣ намудани назорати судӣ ва ворид намудани принсипи ҳуқуқӣ шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа, оварда расониданд. Овардани шикоят, дар навбати худ ҳамчун сабаб ва мазмуни он асос, барои санҷидани фаъолияти мақомот ва субъектони тафтишот инчунин судҳо, қарорҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, ки бо парвандаи ҷиноятӣ бароварда шудаанд, баромад мекунад. Ҳамзамон, қонунӣ ва асоснок будани амал ва ё қарори баровардашуда, ҳуқуқи шикоят оварданро истисно намекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки назорати судӣ дар навбати худ, назорати прокурориро дар раванди тафтишот ва умуман, дар давраҳои тосудӣ маҳдуд намекунад. Зиёда аз ин, ба боз ҳам пурзӯр намудани риояи қонуният ва таъмини манфиатҳои адолати судӣ, равона карда шудааст.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ чист?
2. Намудҳои принсипҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ.
3. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун принсипи мурофиавии ҷиноятӣ.
4. Принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ.
5. Мустақилияти судҳо ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ.
6. Принсипи истифодаи забони модарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.
7. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ.

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.08.1961 (дар таҳрири 20 марти 2008 с.) // «Ҷумҳурият». 2008. 30 март.

[2] Юлдошев Р.Р. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы: монография. – Душанбе: Издательство «Андалеб-Р», 2016. – 144 с.; Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела : проблемы и перспективы : монография. 2-е изд., испр. и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017. – 160 с.

**8.** Принсипи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор.

**9.** Ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа ҳамчун принсипи мурофиаи ҷиноятӣ.

**10.** Принсипи таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**4.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**5.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**6.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**9.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с. таҳти № 720.

**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.

**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**12.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**13.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**14.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**15.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**16.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**3.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**5.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**6.** Раҳматулоев А.Э., Қаландарова М.Д. Присипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ – кафолати таъмини иҷтимоӣ. – Хуҷанд: «Меъроҷ», 2012.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**9.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**10.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**11.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

**12.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**13.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**18.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**21.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**22.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**23.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**24.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**25.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**26.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

## БОБИ 5.
## МАФҲУМИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

### § 1. Мафҳум ва таснифи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ

Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – ин шахсон ва мақомоте мебошанд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ иштирок намуда дорои ҳуқуқ ва вазифаҳои муайяни мурофиавӣ мебошанд. Мафҳуми иштирокчиёни пешбурди мурофиаи судӣ ба мафҳуми субъектони муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ муштарак мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқии солҳои пеш нуқтаи назари дигар дида мешавад. Нуқтаи назари дар онҳо омада аз он иборат буд, ки иштирокчиёни пешбурди судӣ – ин на ҳамаи субъектони муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд, балки онҳое, ки дар парванда манфиатҳои муайяни моддӣ-ҳуқуқии шахсии худро дастгирӣ менамоянд (айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ) ё шахсоне, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд (ҳимоятгар, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи қонунии ноболиғи айбдоршаванда, гумонбаршуда).

Аммо дар боби 5 КМҶ ба шумораи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ на танҳо шахсонеро, ки таъқиб ё намояндагии ин ё он манфиати моддӣ-ҳуқуқиро амалӣ менамояд, инчунин шахсоне, ки дар парванда чунин манфиат надоранд: суд, прокурор, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, шоҳид, коршинос (эксперт), мутахассис, тарҷумон, шахси холисро дохил мекунад.

Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ гуногунҷабҳа мебошанд. Онҳо метавонанд функсияҳои ҳархелаи мурофиавӣ-ҷиноятиро иҷро намоянд ва ҳуқуқу вазифаҳои гуногун доранд, яъне ҳаргуна мақоми ҳуқуқӣ доранд. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки *иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ – ин мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, инчунин шахсони воқеӣ, ки функсияҳои гуногуни мурофиавӣ-ҷиноятиро иҷро менамоянд, мақоми ҳуқуқии дахлдор доранд ва бо ҳамдигар ба муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ медароянд.*

Мафҳуми функсияҳои мурофиавӣ-ҷиноятиро чун салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин ё он иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ тавсиф кардан мумкин нест. Ба шарофати мафҳуми функсияҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои як қисми иштирокчиён ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигар иштирокчиён робитаи мутақобила пайдо мекунанд, ки бо ин фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд ва ҳар яке аз иштирокчиён дар он вазифаҳои муайяне доранд, нақши мурофиавии худро

иҷро мекунад (нақши муфаттиш, прокурор, судя, айбдоршаванда, ҳимоятгар, шоҳид ва ғайраро).

Фаъолияти ҳар гуна иштирокчӣ ё гурӯҳҳои онҳо, дар навбати худ самтҳои васеъ дорад, ки ба якдигар мувофиқат намекунанд ва дар як хел ҳолатҳо бевосита мухолифи якдигаранд, ташкил медиҳанд. Дар дохили ҳар як самт нақшҳои мурофиавӣ, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ онҳоро иҷро мекунанд ва ба ҳамдигар наздиканд, вуҷуд доранд, аммо нақши иштирокчиёне, ки ба самтҳои гуногуни фаъолияти мурофиавӣ тааллуқ доранд аз ҳамдигар қатъӣ фарқ мекунанд ва набояд ба ҳамдигар алоқаманд бошанд. Инро ба таври оддӣ шарҳ додан мумкин аст, яъне самтҳои гуногуни фаъолияти мурофиавӣ маҳз, барои он вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо манфиатҳои мухолифи мурофиавӣ гузошта шуданд. Агар дар фаъолияти ҳамон як иштирокчӣ чунин манфиатҳои мухталифро иҷозат диҳем, ин чунин маъно дорад, ки дар мурофиа пурра ва объективона маълум кардани ҳолатҳои кор зери хавф гузошта мешавад.

Пеш аз ҳама, тақсимоти функсияҳои мурофиавӣ таҳти назорати объективӣ ва мустақилонаи судӣ қарор доранд, ки он функсияи адолати судиро иҷро менамояд. Маълум аст, ки агар суд кӯшиши дар фаъолияти худ вазифаи таъқиби ҷиноятии гунаҳгорон ва вазифаи баррасӣ намудани парвандаро якҷоя намояд, ӯ наметавонад пурра, объективӣ ва беғараз бошад ва дар ин ҳолат вазифаҳои таъқиби ҷиноятӣ ба мадди аввал мегузаранду мақсади адолати судиро зери таъсири худ медарорад. Пеш аз он ки шахсро маҳкум намуд, гуноҳи ӯро дар содир кардани ҷиноят муайян кардан лозим аст.

Инчунин функсияҳои дигар иштирокчиёнро низ бо ҳамдигар алоқаманд кардан мумкин нест. Масалан, функсияи ҳимоятгариро шахсе, ки дар гуноҳгории ҳимояшавандааш ҳавасманд бошад, иҷро карда наметавонад, инчунин ҳимоятгар ҳуқуқ надорад, ки ба суд далелҳо ва хулосаҳои айбдоркунандаро пешниҳод намояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки мафҳуми функсияҳои мурофиавӣ, аз назарияи мубоҳисаи судӣ ба вуҷуд омадаанд, зеро, маҳз, дар ин самти мурофиавӣ он зиёдтар қобили қабул аст.

Инак функсияҳои мурофиавӣ – ин чунин самтҳои фаъолияти мурофиавӣ мебошанд, ки иштирокчиёни гуногуни муҳокимаи судии ҷиноятиро дар гурӯҳҳои алоҳида якҷоя карда, моҳияти ҳуқуқии онҳоро муайян намуда, дар фаъолияти мурофиавӣ манфиатҳои мутақобиларо ҷудо карда ва барои ба даст овардани мақсаду вазифаҳои умумии мурофиаи судии ҷиноятӣ равона карда шудаанд. Кутоҳ гуфтан мумкин аст, ки функсияҳои мурофиавӣ самти асосии фаъолияти мурофиавиро дарбар мегиранд, ки дар онҳо нақши махсус ва таъиноти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро баён мекунанд.

Ҳолати ҳуқуқии иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ – ин маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадории ӯ мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд ва барои иҷрои уҳдадориҳои мурофиавӣ ҷавобгӯ мебошанд. Ҳолати мурофиавӣ худсарона нест, он бо иҷрои функсияҳо аз тарафи иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда мешавад ва аз доираи он баромада наметавонад. Масалан: айбдоршаванда, гумонбаршуда ё дигар шахс уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро қонун муайян кардааст, нишондод диҳад, барои он, ки ин функсияи айбдоркунӣ мебошад, на ин ки ҳимоя.

Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро вобаста ба вазифа ва манфиатҳое, ки дар наздашон меистанд ва, инчунин, функсияҳое, ки онҳо ба амал меоранд, чунин тасниф намудан мумкин аст.

1. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки функсияи адолати судиро иҷро мекунанд, яъне функсияи баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ. Ин пеш аз ҳама, суде мебошад, ки парвандаи ҷиноятиро моҳиятан баррасӣ менамояд, ё ин, ки суде, ки парвандаи ҷиноятиро ба тариқи кассатсионӣ, назоратӣ ва ё аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда баррасӣ менамояд. Инчунин, ҳангоми иҷрои функсияи адолати судӣ машваратчиёни халқӣ низ иштирок менамоянд.

2. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки функсияи айбдоркуниро (таъқиби ҷиноятиро) дастгирӣ менамоянд. Дар КМҶ онҳо ҳамчун (боби 5 КМҶ) «Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд» пешбинӣ шудаанд. Ба онҳо дохил мешаванд: прокурор, роҳбари мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, сардори воҳиди тафтишот, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, сардори воҳиди таҳқиқ, таҳқиқбаранда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва айбдоркунандаи хусусӣ.

3. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки функсияи ҳимояро иҷро менамоянд. Мутобиқи боби 6 КМҶ онҳо ҳамчун «Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд» номида мешаванд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: гумонбаршуда, айбдоршаванда, намояндаи қонунии ноболиғ, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ, намояндаи ҷавобгари гражданӣ.

4. Иштирокчиёне, ки дар мурофиа функсияи ёрирасониро иҷро менамоянд. Дар боби 7 КМҶ онҳо ҳамчун «Иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ» пешбинӣ шудаанд. Ин функсияро шоҳид, мутахассис, коршинос (эксперт), тарҷумон ва шахсони холис иҷро менамоянд. Иштироки онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, чун қоида, хусусияти яклаҳзаина дорад ва онҳо дар парвандаи ҷиноятӣ манфиати худро надоранд.

Дар баробари ин гурӯҳбандии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, вобаста ба функсияҳое, ки онҳо иҷро менамоянд, универсалӣ нест ва барои тавсифи ҳаматарафаи онҳо нокифоя мебошад. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро дигар хел ҳам тақсим кардан мумкин аст. Мисол: вобаста аз қобилияти таъсиррасонии иштирокчиён ба самти тафтишот, яъне оид ба қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, қатъ ё давом додани тафтишот, аз як давра ба давраи дигар гузаронидани парвандаи ҷиноятӣ, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: субъектони фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ (тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя) ва иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ. Ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ шахсоне, ки ёрии техникӣ мерасонанд (тарҷумон, мутахассис) ва шахсоне, ки сарчашмаи далел мебошанд (шоҳид, коршинос ва ғайра) дохил мешаванд.

Вобаста ба ваколати мансабӣ, субъектони мурофиаи ҷиноятиро боз ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: мақомоти давлатӣ, ки салоҳияти пешбурди мурофиа ва қабул кардани қарорҳоро оид ба парвандаи ҷиноятӣ доранд (суд, прокурор, мақомоти тафтишоти пешакӣ) ва шахсоне, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд – гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида (намояндаи ӯ), ҳимоятгар, даъвогари гражданӣ, намояндагони онҳо ва ғайра, ки онҳо салоҳияти пешбурди мурофиа ва қабул кардани қарорҳо оид ба парвандаи ҷиноятиро надоранд. Аммо онҳо метавонанд ин ё он мавқеи мурофиавиро ишғол намоянд, ки он ба самти тафтиши парванда таъсири худро расонида метавонад.

Мисол: оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда дар баъзе мавридҳо метавонад ба қатъшавии парвандаи ҷиноятӣ оварда расонад ва ғайра.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои дар боло омада иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки функсияи адолати судиро ба амал мебароранд (боби 4 м.м. 33-35 КМҶ).
2. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд (боби 5 м.м. 36-45 КМҶ).
3. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд (боби 6 м.м. 46-55 КМҶ).
4. Иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ (боби 7 м.м 56-60 КМҶ).

Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ мафҳуми «Субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ» истифода бурда мешавад, ки ин дар мадди аввал барои муайян кардани ҳаҷми ҳуқуқ ва вазифаҳо, ки онҳо дар вақти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ба амал мебароранд, пешбинӣ шудааст. КМҶ ба ибораи «Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» мафҳуми васеъро медиҳад. Вазифаҳое, ки дар назди ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ истодааст ва хислати вазифаҳои мурофиавие, ки ӯ иҷро менамояд, мавқеи ҳуқуқии ин иштирокчиро муайян мекунад, ки дар ҳаҷми ҳуқуқ ва вазифаҳои ба ӯ гузошташуда ифода мегарданд.

## § 2. Суд – мақомоти адолати судӣ

Суд – мақомоти давлатии салоҳиятноке мебошад, ки ҳокимияти судиро аз номи давлат дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад. Иҷроиши функсияи баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ яке аз функсияҳо ва ҳуқуқи истисноии суд мебошад.

Адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамаи зинаҳои судҳои салоҳияташон умумӣ ба амал мебароранд.

Ба суд ҳуқуқи истисноӣ дода шудааст, ки аз номи давлат шахсони ҷиноятсодирнамударо гунаҳгор дониста, нисбати онҳо ҷазои ҷиноятии сазовор таъин намояд.

Танҳо ба суд ҳуқуқи баровардани санадҳои судӣ, ки мутобиқи онҳо ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон маҳдуд карда мешавад, дода шудааст. Инчунин иҷозат додан барои татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ дар намуди ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан ё муҳлати онҳоро дароз кардан – салоҳияти махсуси судӣ мебошад (м. 35 КМҶ).

Функсияи асосӣ ва муҳими суд – ин барқарор намудани адолати судӣ, яъне моҳиятан баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди зинаи якум ва аз нав дида баромадани санадҳои судӣ дар суди зинаи кассатсионӣ ва назоратӣ.

Иҷрои санадҳои судӣ (қарор, таъинот, ҳукм), дар баробари ба қувваи қонунӣ даромаданашон барои ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад (м. 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

Суд ҳамчун иштирокчии муносибатҳои мурофиавӣ – ҷиноятӣ ба таври дастаҷамъона ва ё танҳо (дар симои судя) фаъолият менамояд (м. 88 Конститутсия; м. 34 КМҶ).

Судя парвандаи ҷиноятиро, ба истиснои парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнин танҳо баррасӣ менамояд (қ. 4 м. 34 КМҶ).

Баррасии дастҷамъонаи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд, дар ҳайати судя ва ду машваратчии халқӣ анҷом дода мешавад. Ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парванда дар ҳайати се судяи касбӣ баррасӣ мегардад (м.м. 34, 365 ва 410 КМҶ). Дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ машваратчиёни халқӣ иштирок намоянд.

Суд, новобаста аз он, ки дар марҳилаи якум, кассатсионӣ ё назоратӣ фаъолият намояд ҳам, дар ҳамаи марҳилаҳои судӣ, оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки дар вақти баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба миён меоянд, мавқеи сарвариро дорад. Судя шахсан, новобаста аз ягон шахс, аз рӯйи ақидаи ботинии худ, қарор қабул менамояд, иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҳамаи амалҳои худро танҳо бо иҷозати суд ва таҳти назорати ӯ мегузаронанд.

Парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намуда, суд вазифадор аст татбиқи дурусти қонунро таъмин намояд, аз он ҷумла қонуни ҷиноятиро, бо мақсади он, ки нисбати ҳар як шахси ҷиноятсодиркарда ҷазои сазовор татбиқ гардад ва ягон шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад ва пасон маҳкум нагардад. Бо ин мақсад парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон, яъне шахсоне, ки мутобиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба онҳо бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад.

Санадҳое, ки аз тарафи суд қабул карда мешаванд ҳатмиянд барои иҷроиш на танҳо аз тарафи ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, балки аз тарафи худи суд ҳам. Бекор ва иваз кардани санадҳои судӣ мумкин аст, танҳо дар ҳолатҳои аз нав баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи суди марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ ва қатъиян дар доираи қонун.

Дар фаъолияти худ суд на танҳо аз хулосаҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, балки аз хулосаҳои судҳои зинаҳои болоистода ҳам, агар онҳо бар хилофи ақидаҳои ботинии суд бошанд, вобастагӣ надорад. Муносибатҳо миёни зинаҳои гуногуни низоми судӣ дар асоси принсипи мустақилияти судҳо ва танҳо ба қонун итоат кардани онҳо, сурат мегирад.

Суд дар фаъолияти худ аз рӯйи принсипҳои қонуният, мустақилият ва итоат намудан танҳо ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкорбаёнӣ, мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва дигар принсипҳои демократӣ амал менамояд.

Ба мақсади иҷрои вазифаҳое, ки дар назди суд меистанд, қонун ба суд ваколати зиёдеро додааст.

## § 3. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд

Инак, дар асоси таснифи дар боло овардашуда ваколати ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ва функсияҳои мурофиавӣ-ҷиноятие, ки онҳо иҷро менамоянд, дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

### Прокурор

Ваколат, ташкил ва тартиби фаъолияти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 25 июли соли 2005 ба танзим дароварда шудааст.

Мавқеи мурофиавии прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ, шакл ва усули фаъолияташ бо вазифаҳои умумии пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ва вазифаҳои бевоситаи ӯ муайян карда мешаванд, ки дар ҳар давраи мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ карда мешаванд.

Прокурор дар давраҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ ваколати васеи мурофиавӣ дорад. Дар ин давраҳо ӯ таъқиби ҷиноятӣ ва назорат аз болои иҷроиши қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро ба анҷом мерасонад.

Прокурор оид ба қонунӣ ва асоснок оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ назорат мебарад ё ин ки худаш шахсан парвандаи ҷиноятиро оғоз менамояд, роҳбарии умумиро аз болои тафтишот мегузаронад. Дар ин давраҳо прокурор, мутобиқи қ. 1 м. 168 КМҶ, ҳуқуқ дорад: иҷрои талаботи қонунро ҳангоми қабул, бақайдгирӣ ва баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноят назорат кунад; ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иҷрои талаботи қонунро санҷида, дар айни замон ҳуқуқ дорад аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳо, мавод ва маълумоти дигарро дар хусуси ҷиноятҳои содиршуда, ҷараёни таҳқиқ ва тафтиш, амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро, талаб намояд; ба таҳқиқбаранда, муфаттиш барои ба суд дархост пешниҳод намудан дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ ба тариқи ба ҳабс гирифтан, ба ҳабси хонагӣ гирифтан, аз ҷумла, дар бораи тағйир додан ва бекор кардани онҳо розигӣ диҳад; дар пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ шахсан амали тафтиширо анҷом диҳад, оид ба ҳар як парванда дар ҳаҷми пурра тафтиши ҳамаҷонибаи пешакӣ гузаронад (дар ин ҳолат прокурор мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳисобида намешавад, ӯ прокурор мемонад); дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ қарор ё амали муфаттиш ва таҳқиқбарандаро тасдиқ кунад; мӯҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакиро дароз кунад; аризаи оид ба радди таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёниро баррасӣ кунад; дар бораи амал ва қарори таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёнӣ шикоятҳоро баррасӣ кунад; дар хусуси иҷрои талаботи қонун ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дастурҳои хаттӣ диҳад; парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунад ё оғози онро рад мекунад; пешбурди парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад ё бозмедорад; оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ розигӣ медиҳад; қарорҳои ғайриқонунии таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурори поёниро бекор мекунад; ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад; дар бораи андешидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ошкор кардани ҷиноят ва пайдо кардани шахсони ҷиноятсодиркарда доир ба парвандаҳое, ки таҳти пешбурди прокурор ё муфаттиш қарор дорад, дастур медиҳад; бо дастури худ дар хусуси пешбурди тафтиши иловагӣ парвандаҳои ҷиноятиро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ бармегардонад; парвандаро аз мақомоти таҳқиқ гирифта, ба муфаттиш месупорад; парвандаро аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар ё бо риояи қоидаҳои тобеияти тафтишӣ аз як мақомоти тафтишот ба мақомоти дигари тафтишот месупорад, ба истисноии парванда оид ба ҷинояти хусусияти коррупсионидошта; таҳқиқбаранда ё муфаттишро, ки ҳангоми тафтиши парванда қонунро вайрон карда бошанд, аз пешбурди минбаъдаи тафтиш дур месозад; фикри айбдоркуниро тасдиқ мекунад; парвандаро ба суд ирсол мекунад ва дигар ваколати пешбининамудаи КМҶ анҷом медиҳад.

Иҷрои дастурҳои прокурор барои муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва таҳқиқбаранда, оид ба санҷиши пешакии аризаю маълумот дар бораи ҷиноят, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди тафтишоти пешакӣ, ки мутобиқи талаботи КМҶ дода шудаанд, ҳатмӣ мебошад.

Ҳудуди ваколати прокурор дар давраи тафтиши пешакӣ беохир намебошад. Аз ҳама бисёртар ин дар муносибатҳои ӯ бо муфаттиш ба назар мерасад. Прокурор ҳуқуқ надорад, ки мустақилияти муфаттишро маҳдуд созад.

Номгӯйи масъалаҳоеро, ки прокурор вобаста ба парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшуда баррасӣ менамояд, инчунин дар қонун пешбинӣ шудаанд (м. 247 КМҶ). Прокурор бояд парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, ҳолатҳои зеринро санҷад: оё кирдори ҷиноятии ба айбдоршаванда мансуб ҷой дорад ва дар ин кирдор таркиби ҷиноят мавҷуд аст ё не; оё дар парванда ҳолатҳое мавҷуд нестанд, ки метавонанд боиси қатъи он гарданд; оё айби эълоншуда асоснок аст ва он бо далелҳои дар парванда мавҷуда тасдиқ мегардад; оё нисбат ба ҳамаи кирдорҳои содиркардаи айбдоршаванда, ки муайян ва исбот шудаанд, айб эълон карда шудааст; оё ҳамаи шахсоне, ки дар парванда дар бораи ҷиноят содир намуданашон далел ба даст оварда шудааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб гардидаанд; оё кирдори айбдоршаванда дуруст бандубаст шудааст; оё чораи пешгирӣ дуруст интихоб гардидааст ва ё дар парванда барои тағйир додан ё бекор кардани он асос мавҷуд аст; оё барои таъмини даъвои гражданӣ ва имконпазирии мусодираи молу мулк чораҳо андешида шудаанд; оё фикри айбдоркунӣ мутобиқи талаботи КМҶ тартиб дода шудааст; оё дар пешбурди тафтиши пешакӣ ба вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳ дода нашудааст; оё таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҳамаҷониба, пурра ва холисона гузаронида шудааст; оё шароите, ки барои содиршавии ҷиноят мусоидат кардаанд, муайян карда барои рафъи оқибати онҳо чора андешида шудааст.

Дар муҳлати муайяннамудаи қонун (м. 247 КМҶ) прокурор вазифадор аст оид ба парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ дохилшуда ягон хел қарор қабул намояд, яъне прокурор ё муовини ӯ вазифадоранд дар муддати 7 шабонарӯз парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта оид ба он яке аз қарорҳои зеринро қабул намоянд: фикри айбдоркуниро тасдиқ кунанд; бо қарори худ бандҳои алоҳидаи айбдоркуниро хориҷ намоянд; кирдори айбдоршавандаро бо татбиқи қонун дар бораи ҷазои нисбатан сабук бандубаст намоянд; парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба айбдоршавандагони алоҳида қатъ намоянд; парвандаро бо дастуроти хаттии худ барои пешбурди тафтиши иловагӣ ё аз нав таҳия кардани фикри айбдоркунӣ ба муфаттиш баргардонанд; фикри айбдоркунӣ тартиб диҳанд (м. 248 КМҶ).

Фикри айбдоркунӣ ва замима ба ӯ аз тарафи прокурор ё муовини ӯ таҳти тафтиши қатъӣ қарор мегиранд. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор ба замимаи фикри айбдоркунӣ тағйирот ворид мекунад. Чунончӣ: прокурор ё муовини ӯ ҳуқуқ доранд, то равон кардани парвандаи ҷиноятӣ ба суд, бо қарори худ рӯйхати шахсонеро, ки бояд ба суд даъват карда шаванд кам кунад ё шахсони навро илова намоянд. Ҳамзамон, аз рӯйхат айбдоршаванда, ҷабрдидаи мукаллаф, намояндаи қонунии айбдоршавандаи ноболиғ, инчунин шаҳрвандоне, ки даъвогари гражданӣ эътироф шудаанд ё шахсоне, ки ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифати ҷавобгари гражданӣ ҷалб карда мешаванд ихтисор карда намешаванд. Ба рӯйхат шахсоне, ки дар тафтишоти пешакӣ ба сифати шоҳид пурсиш карда нашудаанд ё ба сифати коршинос хулоса надодаанд, ҳамроҳ карда намешаванд.

Фикри айбдоркуниро тасдиқ намуда прокурор парвандаи ҷиноятиро ба суд аз рӯйи тобеияти судӣ ирсол менамояд. Дархосту шикоятҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ инчунин ба ҳамон суде, ки парванда ба ӯ ирсол карда шудааст, барои ҳал кардани онҳо якҷоя бо парванда равон карда мешавад. Ҳамзамон, прокурор вазифадор аст, ки айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро ба дархосту шикоятҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ хабардор кунад. Инчунин мутобиқи талаботи қ. 1 м. 250 КМҶ, пас аз тасдиқ кардани фикри айбдоркунӣ прокурор ба айбдоршаванда супоридани нусхаи фикри айбдоркунӣ ва замимаи онро таъмин мекунад. Агар айбдоршаванда забонеро, ки бо он фикри айбдоркунӣ тартиб дода шудааст, надонад, нусхаи фикри айбдорӣ бо тарҷума ба забоне, ки ӯ медонад, супурда мешавад. Бо дархости ҳимоятгар ё ҷабрдида нусхаи фикри айбдоркунӣ ба онҳо низ супурда мешавад.

Ба зиммаи прокурор ҷавобгарии махсус, ҳангоми татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан гузошта шудааст. Ҳангоми зарурати интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо розигии прокурор дархости дахлдорро дар шакли қарор ба суд пешниҳод менамоянд.

Дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан асос ва сабабе, ки аз рӯйи он зарурати ба ҳабс гирифтани айбдоршаванда ба миён омадааст ва интихоби дигар чораи пешгирӣ ғайриимкон аст, дарҷ карда мешавад. Ба қарор маводе, ки асоснок будани дархостро тасдиқ менамояд, ҳамроҳ карда мешавад.

Бе розигии прокурор пешниҳод намудани дархост ба суд асос барои қабул накардани дархост ба пешбурди судӣ ё бе баррасӣ гузоштани он мегардад.

Прокурор пеш аз баён намудани розигии худ вазифадор аст, ки бо тамоми маводи парвандаи ҷиноятӣ, ки барои ба ҳабс гирифтан асос шуда метавонанд, шинос шуда гумонбаршуда ва ё айбдоршавандаро дар мавриди зарурӣ пурсиш намояд.

Бо гумонбаршуда, айбдоршавандаи ноболиғ ва бо шахсони гирифтори касалиҳои рӯҳӣ ва камбудиҳои ҷисмонӣ дошта бошад, прокурор шахсан вохӯрда, дар ҳама ҳолат бояд онҳоро мавриди пурсиш қарор диҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҳолатҳои ғайриқонунӣ дастгир намудани гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят, нодуруст будани маълумоти дарҷёфта дар протоколи дастгиркунӣ ва нишон додани ҳолатҳои ҷойнадошта, прокурор диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Розигии прокурор барои ба суд пешниҳод кардани дархост дар шакли гузоштани соядаст дар қисми болоии қарор ба расмият дароварда мешавад.

КМҶ асос ва оқибатҳои аз ҷониби прокурор надодани розигӣ барои муроҷиат ба судро пешбинӣ накарда бошад ҳам, албатта, чунин ҳуқуқи прокурорро истисно намекунад.

Дар сурати мавҷуд набудани асосҳои кофӣ прокурор аз додани розигӣ барои ба суд муроҷиат кардан даст кашида, дар ин бора дар матни қарори пешниҳодгардида сабти дахлдор гузошта, онро бо имзои худ тасдиқ мекунад. Додан ё надодани розигӣ ин ваколати прокурор буда, суд наметавонад ӯро ба додани чунин розигӣ маҷбур намояд.

Назорати прокурорӣ ба он равона гардидааст, ки ҳар як ҳолати дастгиркунӣ дар асл бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфат-

тиш дар муҳлати на зиёда аз 3 соати ба назди ӯ овардани дастгиршуда ба расмият дароварда шавад.

Прокуроре, ки дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунад, айбдоркунандаи давлатӣ номида мешавад. Ҳангоми тақвияти айбдоркунии давлатӣ прокурор мавқеи худро оид ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва таъин намудани ҷазо нисбат ба судшаванда, тибқи талаботи қонун ва эътимоди ботинии хеш, ки бо натиҷаҳои таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои парванда асоснок шудааст, изҳор менамояд.

Прокурор, ҳангоми тақвият додани айбдоркунии давлатӣ бояд талаботи КМҶ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирад. Агар дар асоси маълумоти тафтишотӣ-судӣ прокурор ба хулосае ояд, ки айби ба судшаванда эълонкардашударо иваз намоянд, ӯ вазифадор аст, ки дар ин бора ба суд арзи далелнок пешниҳод намояд.

Агар дар натиҷаи муҳокимаи судӣ прокурор ба хулосае ояд, ки судшаванда бегуноҳ аст, ӯ ҳуқуқ дорад аз айбдоркунӣ даст кашад (қ. 5 м. 24, қ. 10 ё 11 м. 279 КМҶ). Фикру мулоҳизаҳои прокурор оид ба иваз намудани айби эълонкардашуда ё сабаби даст кашидан аз айбдоркунӣ бояд хаттӣ ба суд пешниҳод карда шавад.

Айбдоркунандаи давлатӣ мутобиқи талаботи КМҶ даъвои граждании ҷабрдидаро пешниҳод ё дастгирӣ мекунад, ба шарте, ки онро ҳифзи манфиати давлат ё ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандон талаб намояд. Прокурор ҳуқуқ дорад дар суди марҳилаи кассатсионӣ, назоратӣ ё ҳангоми ҳал намудани масъалаҳое, ки бо иҷрои ҳукм вобастаанд ё ин ки дигар масъалаҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, иштирок намояд.

### Муфаттиш

Муфаттиш – шахси мансабдори давлатие мебошад, ки ваколати пешбурди тафтиши пешакиро дорад. Мутобиқи қ. 1 м. 159 КМҶ тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи тобеияти тафтишии пешбининамудаи КМҶ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад.

Ҳаҷми ҳуқуқ, вазифа ва салоҳиятҳои мурофиавии муфаттишон аз тобеияти идоравии онҳо вобастагӣ надорад. Аммо қатъи назар аз мансубияти идоравӣ, ба ҳамаи муфаттишон ваколати якхела дода шудааст. Қонун танҳо салоҳияти онҳоро вобаста аз предмети парвандаи ҷиноятие, ки аз рӯйи он тафтиш мебаранд ва зоҳиран дар муайянкунии ҷиноят инъикос меёбанд, ҷудо кардааст (м. 161 КМҶ). Мазмун ва самти фаъолияти муфаттиш бо вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда мешавад (м. 2 КМҶ).

Вазифаи муфаттиш ин ошкор кардани ҷиноят, муайян ва фош намудани шахси онро содиркарда мебошад, яъне муайян намудани кадом ҷиноят ва бо кадом тарз содир шудааст, муайян кардани шахсоне (иҷрокунандагон (ҳамиҷрокунандагон), таҳриккунандагон, ташкилкунандагон, ёрдамчиён ва ғайра), ки ба содир шудани ҷиноят дахл доранд. Муайян намудани ҳамаи аломатҳои ҷиноят, ки субъекти ҷиноятро тавсиф мекунанд, тарафи субъективӣ ва объективии он, сабаб ва шароите, ки барои содиршавии ҷиноят мусоидат кардаанд.

Муфаттиш дорои ҳуқуқҳо ва вазифаҳои васеъ буда, онҳоро дар чорчӯбаи муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ки байни ӯ ва гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, прокурор, сардори воҳиди тафтишот, мақомоти таҳқиқ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ пайдо мешаванд, амалӣ мегардонад. Дар қонун,

махсусан, қайд карда шудааст, ки муфаттиш тамоми қарорҳоро дар бораи пешбурди тафтиш ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ мустақилона қабул мекунад ва барои ба таври қонунӣ ва сари вақт гузаронида шудани ин амалҳо комилан ҷавобгар аст. Яъне ӯ ҳуқуқ дорад мустақилан пешбурди тафтишро муқаррар намояд, доираи амалҳои тафтишии зарурӣ ва паиҳам гузаронидани онҳоро муайян кунад, дар бораи ҳаракати парванда қарор қабул намояд ва ғайраҳо.

Муфаттиш вазифадор аст, ки барои таъмини зарари аз ҷиноят расонидашуда ва эҳтимолияти мусодираи молу мулк чораҳо андешад. Ба зиммаи муфаттиш андешидани чораҳои қонунӣ оид ба монеа шудан ба давом додани ҷиноят аз тарафи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, кӯшиши онҳо барои монеа шудан ба муайян кардани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, таъмини ҳозир шудани онҳо ба назди муфаттиш ва суд, инчунин монеа нашудан ба иҷрои ҳукм гузошта шудааст.

Ҳолатҳои кор бояд аз тарафи муфаттиш ҳамаҷониба пурра ва холисона санҷида шаванд, то ин ки шахси ҳақиқатан гунаҳгор ҷазои сазовор гирад ва ягон шахси бегуноҳ беасос айбдор ва маҳкум карда нашавад.

Муфаттиш вазифадор аст, ки барои муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидагон ҳамаи чораҳои дар қонун пешбинишударо андешад. Бо ин мақсад ӯ вазифадор аст ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқҳояшонро фаҳмонда иҷроишии онҳоро таъмин намояд (қ. 1 м. 12 КМҶ).

Дар фаъолияти худ оид ба ошкоршавии ҷиноят, муайян кардани гунаҳгорон ва таъмини дуруст татбиқ шудани қонун муфаттиш ба шаҳрвандон таъсири тарбиявӣ ва пешгирикунанда мерасонад.

Мутобиқи м. 39 КМҶ муфаттиш дорои ваколати зерин мебошад: дар сурати мавҷуд будани сабабҳои дар м. 140 КМҶ нишондодашуда парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд; парвандаи ҷиноятиро ба пешбурди худ қабул намуда, амалҳои тафтишӣ гузаронад; оид ба парвандаи ҷиноятӣ мустақилона қарор қабул кунад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки КМҶ гирифтани ризои прокурор ё иҷозати судро талаб мекунад; пешбурди парвандаи ҷиноятиро сари вақт анҷом диҳад; ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, бандубасти ҷиноят, андозаи айбдорӣ қарор қабул кунад; пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ қатъ кунад ё ба суд равон кунад; дар ҳолати розӣ набудан ба дастури прокурор ҳуқуқ дорад бо изҳори хаттии норизоии худ парвандаро ба прокурори болоӣ ирсол намояд; бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, мутобиқи қонунгузорӣ шинос шавад; ба кормандони мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳои хаттие диҳад, ки иҷрояшон ҳатмӣ буда, мусоидати ин мақомотро дар пешбурди амалҳои тафтишӣ талаб намояд; барои тафтиши ҳамаҷониба, холисона ва воқеъбинонаи парвандаи ҷиноятӣ чора андешад; нисбат ба шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноят далелҳои кофии тасдиққунанда ҷамъоварӣ шудааст, айб эълон кунад; бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ чораи пешгирӣ интихоб кунад; барои барқарор намудани зараре, ки аз ҷинояти содиршуда расидааст, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад; таъқиби ҷиноятиро анҷом диҳад ва парвандаро бо фикри айбдоркунӣ ба прокурор супорад.

Ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ муфаттиш тамоми қарорҳоро, ба истиснои мавридҳое, ки қонун гирифтани розигии прокурор ва иҷозати судро талаб менамояд, мустақилона қабул мекунад ва барои ба таври қонунӣ ва сари вақт гузаронидани онҳо комилан ҷавобгӯ мебошад.

Дар мавриди норозӣ будан бо супоришҳои хаттии прокурор оид ба масъалаҳои ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, муайян кардани банду басти (квалификатсияи) ҷиноят ва ҳаҷми айбдорӣ, дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё ба суд равон кардани он норозӣ будан, муфаттиш ҳуқуқ дорад парвандаро ба прокурори болоӣ пешниҳод намуда эродҳои худро ба таври хаттӣ баён намояд. Дар ин ҳолат прокурори болоистода бо қарори худ супориши прокурори поёниро бекор мекунад ё пешбурди тафтиши пешакиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба дигар муфаттиш месупорад.

Муфаттиш оид ба парвандаҳои дар пешбурдаш қарордошта, ҳуқуқ дорад, ба мақомоти таҳқиқ дар хусуси гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтишӣ супоришу дастурҳо диҳад ва аз онҳо талаб намояд, ки дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишии алоҳида кӯмак расонанд. Ин гуна супориш ва дастурҳои муфаттиш барои мақомоти таҳқиқ ҳатмист.

Қарорҳоеро, ки муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятии тафтиш кардаистодааш мувофиқи қонун баровардааст, ҳамаи идораю корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилот, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон бояд ҳатман иҷро намоянд (м. 39 КМҶ).

## Сардори воҳиди тафтишот

*Сардори воҳиди тафтишот* – шахси мансабдоре мебошад, ки ба раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар воҳидҳои тафтишот дар доираи ҳуқуқу ваколати худ сарварӣ менамояд (сархати 6 м. 6 КМҶ).

Мафҳуми «*сардори воҳиди тафтишот*», ки дар матни м.38 КМҶ оварда шудааст, он чунин шахсони мансабдорро дар бар мегирад: сардорони раёсатҳо, шуъбаҳо, қисмҳо, гурӯҳҳои мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони онҳо, ки дар доираи ҳуқуқу ваколати худ амал мекунанд. Ҳамаи шахсони мансабдори номбаршуда дорои ваколати мурофиавӣ-ҷиноятии дар м. 38 КМҶ пешбинишуда мебошанд.

Мутобиқи м. 38 КМҶ сардори шуъбаи тафтишот бо муфаттиш муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо карда, барои сари вақт амал кардани муфаттиш доир ба ошкор кардан ва пешгирӣ намудани ҷиноят назорат мебарад барои аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ пурра, ҳаматарафа ва объективона гузаронидани тафтиш чораҳо меандешад. Сардори воҳиди тафтишот дорои ваколати зерин аст: ба фаъолияти муфаттишон доир ба тафтиши ҷиноятҳо назорат мекунад; барои пурра, ҳаматарафа ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ чораҳо меандешад; парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, ба пешбурди худ қабул мекунад ё пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятиро ба муфаттиш месупорад; пешбурди парвандаи ҷиноятиро аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар медиҳад; ба прокурор дар бораи бекор кардани қарорҳои беасос қабулкардаи муфаттиш дархост пешниҳод мекунад; аз тарафи муфаттишон риоя шудани мӯҳлати тафтиши пешакиро назорат мекунад; аз тарафи муфаттишон иҷро шудани дастурҳои прокурорро таъмин менамояд; пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятиро ба якчанд муфаттиш месупорад; иҷрои супоришҳои дигар муфаттишонро, ки қонун муқаррар намудааст, назорат мекунад; дар тафтиши парвандаи ҷиноятии дар пешбурди муфаттиш қарордошта иштирок намуда, ҳамзамон аз ваколати муфаттиш истифода мебарад. Нишондоди сардори шуъбаи тафтишот доир ба парвандаи ҷиноятӣ, ки иҷрои он ҳатмист ба муфаттиш ба таври хаттӣ супорида мешавад.

Ҳамин тавр, м. 38 КМҶ сардори шуъбаи тафтишотро ваколатдор кардааст, ки ба муфаттиш аз рӯйи чунин масъалаҳои муҳим нишондодҳо диҳад: ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда; аниқ кардани таснифи ҷиноят; ҳаҷми айбдоркуниро бо роҳи хориҷ кардани ин ё он воқеа, илова ё васеъ кардани он тағйир диҳад; парвандаро қатъ кунад; тафтиши пешакиро бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ба анҷом расонад.

Ба ғайр аз ҳуқуқ ва вазифаҳои дар КМҶ пешбинишуда ба сардорони Раёсати тафтишотии ВКД, шуъбаҳои тафтишотии РВКД-ҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мувофиқи санадҳои идоравӣ ба онҳо як қатор ваколат дода шудаанд. Мутобиқи онҳо сардори раёсат ва шуъбаи тафтишот, аз ҷумла оид ба ташкил ва натиҷаи кори дастгоҳи тафтишотӣ, иҷро намудани вазифаҳои бар дӯши онҳо гузошташуда, оид ба омӯзиш ва тарбияи кадрҳо шахсан ҷавобгаранд; мутобиқи муқаррароти қонун, фармонҳои Прокурори генералӣ ва ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дароз намудани муҳлати парвандаҳои дар пешбурди муфаттишони ШВКД-ҳо буда, дархостҳо мекунанд; фаъолияти қисмҳои тафтишотиро тафтиш мекунанд ва баҳо медиҳанд, оид ба масъалаҳои фаъолияти тафтишотӣ нишондодҳо медиҳанд; ҳамкориро бо дигар шуъбаҳо оид ба пешгирӣ, ошкор ва тафтиш кардани ҷиноят таъмин мекунанд; ҳамкориро бо дигар мақомоти давлатии назоратӣ, прокуратура, амният ва адлия, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ муассисаҳои экспертӣ, таълимӣ ва монанди онҳо, таъмин менамоянд.

## Мақомоти таҳқиқ ва таҳқиқбаранда

Мутобиқи қ. 1 м. 40 КМҶ ба мақомоти таҳқиқ инҳо дохил мешаванд: воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; сардорони муассисаҳои ислоҳӣ; воҳидҳои мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор; воҳидҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти гумрук; воҳидҳои мақомоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; воҳидҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия.

Инчунин мутобиқи қ. 3 м. 40 КМҶ оғози парвандаи ҷиноятӣ ва иҷрои амалҳои тафтишии таъхирнопазир ба зиммаи инҳо вогузошта мешавад: сардорони дастаҳо ва гурӯҳҳои ҷустуҷӯи геологии зимистонгузароние, ки аз маҳалли будубошӣ мақомоти таҳқиқ дар масофаи дур ҷойгиранд – оид ба ҷиноятҳое, ки дар маҳалли будубоши дастаю гурӯҳҳои мазкури зимистонгузаронӣ содир карда шудаанд; роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон – оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди намояндагиҳо ва муассисаҳои мазкур содир карда шудаанд.

Баробари ин, ҳудуд ва ваколати ҳамаи мақомоти таҳқиқ, ки аз самтҳои асосии фаъолияти ин муассисаҳо бармеояд дар м. 40 КМҶ муқаррар карда шудааст (ба ғайр аз милитсия). Барои ин мақомот таҳқиқ самти асосии фаъолияташон намебошад. Масалан: мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор танҳо таҳқиқро оид ба парвандаҳои сӯхтор ва вайрон кардани қоидаҳои зидди сӯхторро амалӣ менамояд. Милитсияро бошад, қонун ҳамчун мақомоти таҳқиқ махсусан эътироф кардааст.

*Таҳқиқ* – ин фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ мебошад, ки ба тариқи оперативӣ чораҷӯйи намуда, ба воқеаи ҷиноят, баҳри ошкор кардани ҷиноят, муайян намудани шахси гумонбаршуда ва айбдоршаванда амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ мегузаронанд.

Таҳқиқ – яке аз шаклҳои тафтишоти пешакӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ таҳқиқ боз ба се шакли дигар ҷудо карда мешавад.

1. Таҳқиқ оид ба парвандаҳое ҷиноятие, ки оид ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист (м. 153 КМҶ).

2. Таҳқиқ оид ба парвандаҳое ҷиноятие, ки оид ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест (м. 154 КМҶ).

3. Пешбурди суръатнок (боби 46 КМҶ).

Дар қонун истилоҳи «мақомоти таҳқиқ» ва «таҳқиқбаранда» истифода бурда мешавад. Ин мафҳумҳо якхела нестанд, гарчанде баъзан ба ҳамдигар мутобиқат мекунанд. Сардори муассисаи ислоҳӣ, ки мақомоти таҳқиқро муаррифӣ менамояд, агар ба пешбурди худ парвандаро қабул намояд, ӯ якбора таҳқиқбаранда низ ба ҳисоб меравад. Вале дар ҳамаи ҳолатҳо таҳқиқро бевосита шахси муайян мегузаронад. Бинобар он, як қатор муқаррароти қонун ба онҳо равона карда шудааст (масалан: м.м. 21, 22, 26, 42, 66, 104, 119, 166, 167 ва ғайраи КМҶ). Дар бисёр мавридҳо муқаррароти қонун якбора ҳам ба мақомоти таҳқиқ ва ҳам ба таҳқиқбаранда равона карда шудааст. Масалан: талабот оид ба андешидани чораҳо бо мақсади таъмин намудани даъвои гражданӣ, оид ба муайян кардани сабаб ва шароите, ки барои содир шудани ҷиноят мусоидат кардаанд ва ғайраҳо.

Дар баъзе ҳолатҳо номбар кардани мақомоти таҳқиқ онро ифода мекунад, ки ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ танҳо ҳамон вақт қувваи қонунӣ пайдо мекунанд, ки агар онҳо на аз номи таҳқиқбаранда, балки аз номи мақомоти таҳқиқ ба тасвиб расида бошанд. Масалан: ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ба монанди қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва рад кардан аз оғози он, қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, фикри айбдоркунӣ бояд на танҳо аз тарафи таҳқиқбаранда ба имзо расанд, инчунин бояд аз тарафи роҳбари мақомоти таҳқиқ низ тасдиқ гардад ё иҷозат дода шавад.

Доираи вазифаҳои онҳо, инчунин мавқеи ҳуқуқии таҳқиқбаранда ва хусусияти муносибатҳои ҳуқуқие, ки онҳо дар он иштирок мекунанд вобаста ба таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие мебошад, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист ё ҳатмӣ нест.

Оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист, таҳқиқбаранда қоидаҳои КМҶ ба роҳбарӣ гирифта, дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят, парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, барои муқаррар ва қайду мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят, амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро мегузаронад, чунончӣ: азназаргузаронӣ; ёфта гирифтан; кофтуков; ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд; гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ; нишон додан барои шинохтан; шаҳодаткунонӣ; дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон. Баъд аз гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ парванда ба муфаттиш супорида мешавад.

Оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатми нест, таҳқиқбаранда ваколати муфаттишро ба ҷо меоварад, яъне

барои муқаррар кардани ҳолатҳое, ки аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ҳамаи чораҳои дар КМҶ пешбинишударо дида баромада, ҳамчун муфаттиш муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Дар ин ҳолат ҳамаи пешбурд оид ба парванда мутобиқи талаботи КМҶ гузаронида шуда, маводи таҳқиқ барои дар суд баррасӣ намудани парванда асос мешаванд.

Фарқияти таҳқиқбаранда аз муфаттиш дар он аст, ки ӯ вазифадор аст ҳамаи нишондодҳои прокурорро вобаста ба гузаронидани тафтиш иҷро намояд, шикояти онҳо ба прокурори болоӣ иҷрои нишондодҳоро боз намедорад.

Бояд ба назар гирифт, ки мақомоти таҳқиқ, ба ғайр аз тафтиши ҷиноят ба шакли таҳқиқ, дигар амалҳои хусусияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ доштаро низ иҷро менамояд: ариза ва хабарҳоро дар бораи ҷиноят дида мебароянд ва баррасӣ мекунанд; пешбурди суръатнокро мегузаронанд; бо супориши прокурор ё муфаттиш амалҳои тафтишӣ ва ҷустуҷӯиро мегузаронанд; дар вақти гузаронидани амалҳои ҷудогонаи тафтишӣ ба муфаттиш кӯмак мерасонанд (м.м. 39, 141, 145, 146-148, 153-154, 162 КМҶ).

Таҳқиқбаранда, ба монанди муфаттиш, дар асоси муқаррароти м. 66 КМҶ аз иштирок намудан дар мурофиа рад карда мешавад. Вале дар қонун махсусан, қайд карда шудааст, ки дар таҳқиқ қаблан иштирок доштани таҳқиқбаранда, барои рад кардани ӯ асос шуда наметавонад.

## Ҷабрдида

Ҷабрдида дар мурофиаи ҷиноятӣ шахси воқеие (ҳуқуқие) мебошад, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба ӯ зарар расонида шудааст. Ба муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ӯ на танҳо дар вақти ҷабрдида эътироф карданаш дохил мешавад, инчунин чанде пештар ҳам – аз лаҳзаи арз намудан дар бораи ҷиноят. Байни ҷабрдида ва шахсе, ки ба ӯ муроҷиат кардааст, муносибатҳои муайян, ки дар КМҶ пешбинӣ шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Агар ҷабрдида дар бораи ҷиноят арз нанамояд, парвандаи ҷиноятиро аз рӯйи сабабҳои дигар оғоз намуда, ӯро ҷабрдида эътироф менамоянд.

Шахсро на танҳо дар хотима ёфтани ҷиноят ҷабрдида эътироф менамоянд, ӯро инчунин дар вақти сӯиқасд ё тайёрӣ дидан ба ҷиноят ҳам ҷабрдида эътироф кардан мумкин аст (мисол: дар вақти сӯиқасди тасарруфи амволи шахсӣ дари даромади соҳибхонаро шикастанд ва ғ.).

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ***ҷабрдида*** *шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст. Инчунин ҷабрдида шахси ҳуқуқие низ эътироф шуда метавонад, ки дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст.*

Дар зери зарари ҷисмонӣ расонидани захмҳо, лату кӯб, аз даст додани саломатӣ ва дигар азияти ҷисмонӣ фаҳмида мешавад. Зарари моддӣ дар маҳрумиятҳо аз арзишҳои моддӣ, амвол ва ғайра ифода мегардад. Зарари маънавӣ дар дучори ҳисси тарс шудан, таҳқир дидан, аз даст додани ҷойи кор, фош гардидани сирри оилавӣ, паҳн гардидани маълумоте, ки аз воқеият дур аст, дигар дарду аламе, ки бо марги хеши наздик алоқаманд аст ва ғайра ифода ёфта метавонад[1].

[1] Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: «Деваштич», 2009. – С. 47.

Шахс метавонад, ки бо хоҳиши худ ё бо ташаббуси мақомоте, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд, ҷабрдида эътироф гардад.

Асос барои шахсро ҷабрдида эътироф кардан ин мавҷуд будани ҳодисаи ҷиноят; ба шахс бевосита аз ҷиноят расидани зарар; мавҷуд будани алоқа байни ҷинояти содиршуда ва оқибатҳои расонидашудаи он мебошанд. Ҷиноят ва оқибати он (зарари расонидашуда) бояд ба ҳам бевосита алоқаманд бошанд, яъне аз ҳамин ҷинояти содиршуда бевосита ҳамин зарар ба вуҷуд омадааст. Масъала оид ба он, ки дар ҳақиқат зарар аз ҳамин ҷиноят расидааст ё не ва миқдори ӯ танҳо дар рафти пешбурди тафтишоти пешакӣ ё муҳокимаи судӣ муайян карда мешавад, лекин ин барои эътироф кардани шахс ба сифати ҷабрдида монеа шуда наметавонад дар ҳолате, ки ӯ дар бораи зарари расонидашуда арз намудааст. Баръакси ҳол, агар шахсро, ки аз ҷиноят зарар дидааст, ҷабрдида эътироф нанамоянд, ӯ наметавонад сари вақт ҳуқуқи худро оид ба иштирок намудан дар исбот истифода барад ва манфиатҳои қонунии худро муҳофизат намояд.

Агар ҷабрдида ноболиғ, ғайриқобили амал ё ин ки, қобилияти амалкуниаш маҳдуд бошад, дар парванда иштироки намояндаи қонунии ӯ (падару модар, падархонд ва васию парасторҳо) ҳатмӣ мебошад.

Дар парвандаҳои оид ба ҷиноятҳое, ки дар натиҷаашон шахси ҷабрдида фавтидааст, яке аз хешони наздики ӯ тибқи мувофиқаи дар байни онҳо ҳосилшуда ҷабрдида эътироф карда мешавад[1]. Ин ҳолат бевосита дар қ. 6 м. 42 КМҶ мустаҳкам карда шудааст.

Дар ҳолате, ки ба шахс зарари моддӣ расонида шудааст, ӯ якбора ҳам ҷабрдида ва ҳам даъвогари гражданӣ эътироф карда мешавад (м.м. 42 ва 44 КМҶ).

Аз вақти шахсро ҷабрдида эътироф кардан ӯ дорои ҳуқуқҳои зиёде мегардад. Қонун ба ҷабрдида ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муайянеро пешбинӣ кардааст.

Ҷабрдида ҳуқуқ дорад ва вазифадор аст нишондод диҳад. Ҳуқуқи додани нишондод чунин маъно дорад, ки ӯ метавонад илтимос намояд, ки ӯро пурсиш намоянд. Нишондоди ҷабрдида яке аз намудҳои бештар паҳнгардидаи сарчашмаҳои далел ба ҳисоб меравад. Онҳо на танҳо барои муҳофизати манфиатҳои қонунии ҷабрдида, инчунин барои муайян намудани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ хизмат мерасонанд. Барои ҳамин ҳам ҷабрдида вазифадор аст, ки нишондод диҳад. Барои саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод ва барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ, мувофиқи м.м. 351 ва 352 КҶ, ҷабрдида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ҷабрдида ҳуқуқ дорад далелҳо пешниҳод кунад; дархост ё раддия изҳор намояд; бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад (дар як вақт додани нишондод инчунин ӯҳдадорияш мебошад); аз кӯмаки тарҷумон ройгон истифода барад; намоянда дошта бошад; бо протоколи амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, шинос шавад ва ба онҳо эродҳо баён кунад; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости намояндааш амалӣ мешаванд, иштирок кунад; пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шавад, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунад, дар суди марҳилаи якум дар муҳокима ва музокираҳои судӣ оид ба парванда иштирок кунад; бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шавад ва нисбат ба он

[1] Ҳамон асар. – С. 47.

эродҳои худро изҳор кунад; аз амал ё қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад; аз ҳукм ё таъинот ё қарори суд шикоят намояд; аз шикоят ва эътирозе, ки нисбат ба парванда баён шудааст, хабардор карда шавад ва нисбат ба онҳо норозигӣ баён кунад; дар баррасии судии эътирозу шикоятҳои пешниҳодгардида иштирок намояд.

Мавқеи мурофиавии ҷабрдида инчунин бо вазифаҳои зерин муайян карда мешавад: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳозир шавад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок ба даъват ҳозир нашудани ҷабрдида бо қарори асосноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ва ё бо таъиноти суд ӯ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран оварда мешаванд; дар бораи ҳамаи маълумоте, ки доир ба парванда ба ӯ маълум аст, хабар дода, ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб диҳад. Дар ҳолати саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод ва барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ, мувофиқи м.м. 351 ва 352 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад; маълумоти таҳқиқ ё тафтиши пешакиро, ки барояш маълуманд, фош накунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ шахси пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ ҷабрдидаро дар бораи норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ бе иҷозати ӯ огоҳ месозад. Аз ҷабрдида дар хусуси огоҳ карда шуданаш оид ба ҷавобгарии пешбиникардаи м. 361 КҶ забонхат гирифта мешавад; ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси суд тартиби муайяншударо риоя намояд. Барои иҷро накардани уҳдадориҳои мурофиавӣ, риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд ба ҷабрдида бо тартиби муқаррарнамудаи м. 118 КМҶ ҷарима таъин карда мешавад.

### Айбдоркунандаи хусусӣ

Айбдоркунандаи хусусӣ шахсест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ариза дода, дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, инчунин ҷабрдидаест, ки ҳангоми аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ дар суд айбдоркуниро дастгирӣ менамояд (қ.1 м. 43 КМҶ).

Оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва қатъ намудани он аз хоҳиши айбдоркунандаи хусусӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳолати мавҷуд набудани аризаи мутобиқи талаботи қонун тартибдодаи айбдоркунандаи хусусӣ, пешбурди парванда наметавонад оғоз гардад. Аз тарафи суд қабул намудани аризаи айбдоркунандаи хусусӣ маънои оғози парвандаи ҷиноятиро дорад. Пешбурди чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, дар ҳолати оштӣ шудани тарафҳо (айбдоршаванда ва айбдоркунандаи хусусӣ), қатъ карда мешавад.

Парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад.

Аз лаҳзаи аризаро барои пешбурд қабул кардани суд шахси онро пешниҳодкарда айбдоркунандаи хусусӣ эътироф шуда, ба ӯ бояд ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳое, ки дар м. 43 КМҶ пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида дода шаванд.

Айбдоркунандаи хусусӣ, ҳамчун иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад: бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад; аз кӯмаки тарҷумон ройгон истифода барад; намоянда дошта бошад; бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шавад ва нисбат ба он эродҳои худро изҳор кунад; аз амал ё қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад; аз ҳукм ё таъинот ё қарори суд шикоят намояд; аз шикоят ва эътирозе, ки нисбат ба парванда баён

шудааст, хабардор карда шавад ва нисбат ба онҳо норозигӣ баён кунад; дар баррасии судии эътирозу шикоятҳои пешниҳодгардида иштирок намояд.

Айбдоркунандаи хусусӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда шахсан ё ба воситаи намояндаи худ истифода мебарад.

**Даъвогари гражданӣ**

Даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст.

Шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ инчунин метавонад бо ташаббуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд даъвогари гражданӣ эътироф гарданд.

Барои шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро даъвогари гражданӣ эътироф намудан асосҳои зерин лозиманд: мавҷуд будани маълумоти воқеӣ дар бораи он, ки ҷиноят дар ҳақиқат вуҷуд дошт ва дар натиҷаи содиршавии ҳамин ҷиноят ба шахс зарари молумулкӣ расонида шудааст. Шахсеро, ки молу мулки дуздидашударо харидорӣ намудааст ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ин молу мулк аз ӯ мусодира карда шудааст, даъвогари гражданӣ эътироф кардан мумкин нест. Ба сифати даъвогари гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ танҳо ҳамон шахс эътироф карда мешавад, ки молу мулки ӯро тасарруф намудаанд, яъне шахсе, ки бевосита соҳиби ҳамин молу мулк мебошад ва аз ҷиноят зарар дидааст.

Мутобиқи м. 85 КМҶ яке аз ҳолатҳое, ки бояд оид ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ин «хусусият ва андозаи зарари аз ҷиноят расонидашуда» мебошад. Зарари молумулкӣ метавонад бо ҳар шакл расонида шавад. Дар натиҷаи содир шудани ҷиноят метавонанд предметҳо, пул ва дигар амвол тасарруф карда шавад; ба саломатӣ зарар расонида шавад, ки боиси сарф намудани маблағи муайяне барои табобат шудааст; дар ҳолати ба марг расонидан – маблағ барои дафн сарф карда шудааст ва ғайра. Дар рафти тафтишоти пешакӣ ва тафтиши судӣ бояд на танҳо миқдори ҳақиқии зарари расонидашуда муайян карда шавад, инчунин хислати ӯро низ бояд муайян кард, аз он ҷумла: аҳамиятнокии ин молу мулк барои соҳиби он (мисол, барои банду басти ҷиноят, муайян намудани масъалаи ба ҷабрдида расонидани зарари ҷиддӣ ё миёна); камёб ё нодир будани предмети тасарруфшуда ва ғайра.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вазифадоранд ба шахсе, ки аз ҷиноят зарари моддӣ дидааст, ҳуқуқи ӯро оид ба пешниҳод намудани даъвои гражданӣ фаҳмонанд, ки он дар протоколи дахлдор қайд карда мешавад (м. 128 КМҶ).

Даъвои гражданиро шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст, метавонад аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ то оғози тафтиши судӣ пешниҳод намояд, барои он, ки даъвои граждание, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, тибқи қоидаҳои муайяннамудаи КМҶ, исбот карда мешавад.

Даъвои гражданӣ ба айбдоршаванда ё шахсе, ки дар асоси қонун барои зарари расонидашудаи ҳаракатҳои ҷинояткоронаи айбдоршаванда аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгар аст, пешниҳод карда мешавад.

Дар сурати пешниҳод намудани даъвои гражданӣ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор қарор қабул мекунанд ва суд бошад таъинот мебарорад (қ. 2 м. 44 КМҶ). Агар барои пешниҳоди даъвои гражданӣ ба шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ, ки даъво арз кардааст, асосҳои пешбининамудаи қонун мавҷуд набошанд, ба эътирофи ӯ ба сифати даъвогари гражданӣ ҷавоби рад дода, дар ин бора қарор ё таъи-

ноти асоснок баровара, ба ӯ ҳуқуқи шикоят кардан фаҳмонида мешавад. Дар тафтиши пешакӣ рад кардани эътироф ба сифати даъвогари гражданӣ то оғози тафтиши судӣ ӯро аз ҳуқуқи пешниҳоди даъво дар суд маҳрум намесозад.

Барои ҳифзи манфиатҳои давлат, прокурор ҳуқуқ дорад дар мурофиаи ҷиноятӣ даъвои гражданӣ пешниҳод намояд (қ. 5 м. 127 КМҶ).

Ҳамин тариқ, даъвогари гражданӣ – ин:

– шахс (воқеӣ ё ҳуқуқӣ);

– аз ҷиноят зарари молумулкӣ дидааст;

– барои барқарор кардани зарар ба айбдоршаванда ё шахсе, ки дар асоси қонун барои зарари расонидашудаи ҳаракатҳои ҷинояткоронаи айбдоршаванда аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгар аст, даъво пешниҳод кардааст;

– бо баровардани қарор аз тарафи прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда шахсро даъвогари гражданӣ эътироф кардан.

Аз лаҳзаи шахсро даъвогари гражданӣ эътироф намудан ӯ иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта барои муҳофизати ҳуқуқҳои молумулкии худ ҳуқуқҳои муайянро доро мешавад. Мақомот ва шахсоне, ки ваколати пешбурди парвандаи ҷиноятиро доранд, на танҳо ҳуқуқҳои даъвогари гражданиро мефаҳмонанд, балки барои амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, чораҳо меандешанд.

Даъвогари гражданӣ ҳуқуқ дорад, ки намояндаи қонунӣ дошта бошад. Намояндаи даъвогари гражданӣ хешовандони наздик ё дигар шахсоне эътироф карда мешаванд, ки мутобиқи қонун ҳуқуқ доранд ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ манфиатҳои қонунии даъвогари гражданиро намояндагӣ кунанд ва бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя, таъиноти суд барои иштирок дар парванда роҳ дода мешаванд. Даъвогари гражданӣ ва ё намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд: даъвои гражданиро дастгирӣ кунанд ё аз даъво даст кашанд; далелҳо пешниҳод намоянд; дархост ва ё раддия пешниҳод кунанд; бо забони модарӣ ё забоне, ки медонанд, баёнот ва нишондод диҳанд; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода баранд; бо протоколҳои амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ сурат гирифтаанд, шинос шаванд; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишии мутобиқи дархости ӯ ё намояндааш доиршаванда иштирок кунанд; пас аз анҷоми тафтиш бо мавод оид ба даъвои гражданӣ шинос шаванд ва аз он маълумоти заруриро навишта гиранд; дар муҳокимаҳои судии марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок намоянд; дар муҳокимаҳо ва музокираҳои судӣ баромад кунанд; бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шуда, ба он эродҳо баён кунанд; аз амал ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят намоянд; аз ҳукм ва таъиноти суд, судя, қарори судя дар қисмати марбут ба даъвои гражданӣ шикоят кунанд; аз шикоят ва эътирозҳои вобаста ба парванда хабардор карда шаванд ва нисбат ба онҳо норозигӣ баён кунанд; дар баррасии судии шикоят ва эътирозҳои овардашуда иштирок намоянд.

Агар ба даъвогари гражданӣ дар натиҷаи амалҳои муштараки якчанд ашхос зарар расида бошад, он гоҳ ӯ ҳуқуқ дорад, барқарор намудани зарарро аз ҳамаи шахсони гунаҳгор дар якҷоягӣ ва аз ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ, талаб намояд[1].

Даъвогари гражданӣ ҳуқуқ дорад, ҳаҷми даъворо тағйир диҳад, инчунин, аз даъво даст кашад. Ӯ бо мавқеи айбдоркунанда алоқаманд набуда, метавонад, новобаста аз он ки прокурор аз айбдорӣ даст мекашад, даъворо дастгирӣ намояд.

[1] Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе:«Деваштич», 2009. – С. 49.

Ҳуқуқҳои худро даъвогари гражданӣ шахсан ва ё ба воситаи намоянда ба амал мебарорад.

Ба даъвогари гражданӣ ва намояндаи ӯ ухдадориҳои мурофиавии муайяне вогузошта мешаванд, аз он ҷумла онҳо ухдадоранд: бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳозир шавад; ба суд пешниҳод кардани нусхаҳои аризаи даъворо мутобиқи шумораи ҷавобгарони гражданӣ таъмин намояд; бо талаби мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ашё ва ҳуҷҷатҳои доштаашро пешниҳод намояд; ба амри қонунии мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ итоат намояд; маълумотро дар бораи ҳолатҳое, ки аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ба ӯ маълум гаштааст, фош насозад, ба шарте, ки ӯ дар ин бора аз тарафи мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ё суд огоҳ карда шуда бошад.

## § 4. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд

### Гумонбаршуда

Гумонбаршуда шахсест, ки нисбат ба ӯ бо асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонун бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ё таҳқиқбаранда хабар медиҳад ё ӯ дастгир карда шудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда шудааст.

Санади мурофиавие, ки мутобиқи он шахс гумонбаршуда эътироф мегардад – ин протоколи дастгиркунӣ (дастгиркунӣ инчунин метавонад бо қарор татбиқ карда шавад) ё қарор дар бораи нисбати шахс оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқ кардани чораи пешгирӣ то эълон кардани айб, мебошад.

Шахсро дар содир намудани ҷиноят ба шарте гумонбаршуда ҳисобидан мумкин аст, ки аз тарафи мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти худ ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин дастгир карда шавад, агар: дар вақти содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди содир кардани он боздошт шуда бошад; шоҳидони ҳодиса, аз он ҷумла, шахси аз ҷиноят ҷабрдида бевосита шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон диҳанд ё бо тартиби пешбининамудаи м. 94 КМҶ боздошт намоянд; дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахсбуда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷойи кор ё воситаи нақлиёти ӯ осори бараълои ҷиноят ошкор карда шуда бошанд, ки аз шарик будани ӯ дар содир намудани ҷиноят дарак медиҳанд; агар асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷуд бошанд, ба шарте ки вай кӯшиши аз ҷойи ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда бошад ё ҷойи зисти доимӣ надошта бошад ё дар маҳалли дигар зиндагӣ кунад ё шахсияташ муайян карда нашуда бошад. Ба ғайр аз асосҳо барои дастгир кардани шахс инчунин сабаби татбиқ намудани ин чораи маҷбуркунии мурофиавӣ низ лозим аст, ки он аз вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти гумонбаршуда ва дигар ҳолатҳо вобастагӣ дорад.

Шахс мумкин аст бо асосҳои пешбиникардаи қонун то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шавад. Дар айни замон масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгир кардан ҳал карда шавад. Дар сурати рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё дар мухлати муқарраршуда қабул накардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ дастгиршуда бояд озод карда шавад.

Шахс дар ҳолате гумонбаршуда ҳисобида мешавад, ки агар нисбати ӯ яке аз чораҳои пешгирӣ татбиқ карда шуда бошад. Моддаҳои 91, 92 ва 94 КМҶ ҳаҷм ва хислати маълумоти мавҷударо барои татбиқ намудани чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда аниқ пешбинӣ накардаанд. Омӯзиши қонун ба хулосае меоварад, ки далелҳои ҷамъовардашуда барои эълон кардани айб басанда нестанд ва ҳамзамон, онҳо ба хулосаи асоснок меоваранд, ки ҳамин шахс ҷиноят содир кардааст ва мутобиқи КМҶ зарурати татбиқ намудани чораи пешгирӣ ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, барои шахсро гумонбаршуда эътироф кардан бояд парвандаи ҷиноятӣ, шахси воқеӣ, маълумот дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани ин шахс ва ҳуҷҷати мувофиқ – протокол дар бораи дастгир кардан ё қарор дар бораи татбиқ намудани чораи пешгирӣ, мавҷуд бошад.

Гумонбаршуда – иштирокчии муваққатии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Шахс дар мақоми гумонбаршуда дар давоми муҳлати муайян қарор гирифта метавонад: дар мавриди дастгиркунӣ бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят то 72 соат ва дар мавриди татбиқи чораи пешгирӣ бошад, то 10 шабонарӯз. Дар давоми ин вақт муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда вазифадоранд, далелҳоеро, ки гуноҳи гумонбаршударо дар содир кардани ҷиноят тасдиқ мекунанд, ҷамъ оваранд ва ба ӯ айб эълон кунанд. Дар акси ҳол, бояд дастгиршуда озод ва чораи пешгирӣ бекор карда шавад.

Дар ҳолате, ки гумонбари тасдиқи худро наёфт, дастгиршуда фавран бояд озод карда шавад, чораи пешгирӣ бекор карда мешавад. Ҳамин тариқ, гумонбаршуда дар парвандаи ҷиноятӣ ё мақоми айбдоршавандаро мегирад дар ҳолати баровардани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда, ё аз мурофиаи ҷиноятӣ барканор карда мешавад дар ҳолати тасдиқ нашудани гуноҳ. Ӯро метавонанд ҳамчун шоҳид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷалб намоянд.

Гумонбаршуда – ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ дорои ҳуқуқ ва ухдадориҳои муайян мебошад.

Гумонбаршуда аз лаҳзаи дастгир шудан мутобиқи м. 49 КМҶ ҳуқуқ ба ҳимоя дорад.

Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад: нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш хабардор карда шавад. Додан ё надодани нишондод – ин ҳуқуқи гумонбаршуда мебошад ва барои ҳамин ҳам ӯ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ намудан аз додани нишондод ва додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда намешавад; донад, ки барои чӣ гумонбар шудааст. Бо роҳи пешниҳод кардани протоколи дастгиркунӣ шахс дар бораи асосҳои гумонбар шуданаш хабардор мешавад, инчунин дар вақти пурсиш ба гумонбаршуда эълон мекунанд, ки дар содир кардани кадом ҷиноят гумонбар шудааст; нусхаи протоколи дастгиршавӣ ё қарорро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ гирад; бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; далелҳо пешниҳод кунад. Гумонбаршуда метавонад пурра дар вақти пурсиш аз ин ҳуқуқаш истифода барад; дархост изҳор кунад; бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, ҳамчунин бо маводе, ки ба суд барои татбиқи ҳабс нисбат ба ӯ чун чораи пешгирӣ равон карда шудааст, шинос шавад. Гумонбаршуда танҳо бо ҳамон протоколҳои амалҳои тафтишие шинос карда мешавад, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд. Ин пеш аз ҳама протоколи пурсиш, рӯбарӯкунӣ, кофтуков, нишондиҳӣ барои шинохтан ва ғайра; раддия изҳор

намояд; аз амалу қарори суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда шикоят намояд.

Мутобиқи м. 46 КМҶ гумонбаршуда ҳуқуқ дорад нишондод диҳад ё надиҳад. Ӯ вазифадор нест, ки нисбати худ нишондод диҳад ва барои додани нишондоди бардурӯғ ва саркашӣ намудан аз додани нишондод ба ҷавобгарӣ кашида намешавад ва дар вақти пурсиш аз чунин ҳуқуқҳое, ки ба айбдоршаванда пешбинӣ шудаанд, истифода барад.

Қонун ба гумонбаршуда ухдадориҳои зеринро пешбинӣ намудааст: бо даъвати мақомоти пешбурди тафтишот ҳозир шавад (дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан маҷбурӣ оварда мешавад); ба амрҳои қонунии мақомоти пешбурди тафтишот итоат намояд; дар амали тафтишӣ ва дигари мурофиавӣ иштирок намояд, ба шарте ки мақомоти пешбурди тафтишоти пешакӣ лозим донад.

## Айбдоршаванда

Айбдоршаванда шахсе мебошад, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бароварда шудааст. Дар давраҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ айбдоршаванда ҳар хел номида мешавад. Айбдоршаванда дар давраи тафтишоти пешакӣ айбдоршаванда; пас аз парвандаро ба пешбурди худ қабул кардани суд судшаванда; пас аз баровардани ҳукми айбдоркунанда – маҳкумшуда ва пас аз баровардани ҳукми сафедкунанда бошад, сафедшуда номида мешавад.

Ҳуқуқи баровардани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро таҳқиқбаранда, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ва прокурор доранд. Шахсро танҳо дар асосҳои қонунӣ ва бо тартиби муайяннамудаи КМҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан мумкин аст (м. 221, 222, 225 ва 226 КМҶ).

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда, мутобиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ, хулосаи охирини мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба гунаҳгор будани шахс дар содир кардани ҷиноят намебошад. Баъди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят муайян карда шавад, прокурор дар суд аз айбдоркунӣ даст кашад ва суд ҳукми сафедкунанда барорад.

Дар вақти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда оқибатҳои мурофиавие ба миён меоянд, аз он ҷумла.

1) Айбдоршаванда мефаҳмад, ки барои чӣ айбдор шудааст ва дорои ҳуқуқҳои мурофиавӣ мешавад, ки онҳоро амалӣ намуда, манфиатҳои қонунии худро муҳофизат менамояд;

2) Ба айбдоршаванда ухдадориҳои муайян вогузошта мешаванд;

3) Мақомот ва шахсоне, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқаманданд, вазифадоранд, ки дар тамоми пешбурди парванда ба айбдоршаванда ҳуқуқҳояшро фаҳмонанд ва амалӣ намудани онҳоро таъмин менамоянд;

4) Мақомот ва шахсоне, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд, ҳуқуқ доранд нисбати айбдоршаванда дар доираи қонун чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро татбиқ намоянд, аз он ҷумла чораҳои пешгирӣ, кофтуков, ҳабси молу мулк ва ғайра (м. 92, 101, 114-116 КМҶ).

Дар мурофиаи судии ҷиноятӣ айбдоршаванда ҳамчун субъекти ҳуқуқ ба ҳимоя баромад менамояд, лекин мавқеи мурофиавии ӯ дар давраҳои гуногуни му-

рофиаи ҷиноятӣ якхела намебошанд. Аз ҳама ҳуқуқҳои зиёдтарро айбдоршаванда дар давраи муҳокимаи судӣ пайдо мекунад.

Асосҳои ҳуқуқии мавқеи мурофиавии айбдоршаванда дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м. 17, 19, 20) мустаҳкам карда шудаанд. Онҳоро муфассалтар КМҶ шарҳ додааст. Бояд қайд намуд, ки қонун на танҳо пурра мазмуни ҳуқуқҳои айбдоршавандаро шарҳ додааст, балки воситаҳои мурофиавии амалӣ намудани онҳоро низ пешбинӣ менамояд (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд вазифадоранд, ки ҳар як ҳуқуқи айбдоршавандаро ва воситаи амалӣ намудани онро ба ӯ фаҳмонанд; барои вайрон кардан ва маҳдуд намудани ҳуқуқҳои айбдоршаванда ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст; тартиби овардани шикоят ба амалҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ва ғ.).

Айбдоршаванда ҳуқуқҳои зерин дорад: нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш огоҳ карда шавад. Дар ҳолати саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод ва барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ, мувофиқи м.м. 351 ва 352 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад; донад, ки барои чӣ айбдор карда шудааст ва нусхаи қарорҳоро дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, оид ба татбиқ намудани чораи пешгирӣ, инчунин нусхаи фикри айбдоркуниро гирад; оид ба айби нисбат ба ӯ эълоншуда нишондод диҳад; далелҳо пешниҳод кунад; дархост ва раддия изҳор кунад; бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; аз лаҳзаи дастгир шудан ҳимоятгар дошта бошад, аз ҷумла тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи қонун аз кӯмаки ҳимоятгар ройгон истифода барад; аз лаҳзаи дастгир шудан бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як мулоқот кунад; дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости ҳимоятгар гузаронида мешавад, иштирок намояд; бо протоколи амалҳои тафтишӣ шинос шавад ва нисбат ба он эроди худро изҳор кунад; бо қарори таъин кардани экспертиза ва хулосаи коршинос шинос шавад; пас аз ба охир расонидани тафтиш бо маводи парванда шинос шавад ва аз он ҳама гуна маълумоти заруриро рӯйнавис кунад; аз амал ва қарорҳои шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад; оид ба қатъи пешбурди парванда норозигӣ изҳор намояд; дар муҳокимаи судӣ оид ба баррасии интихоби чораи пешгирӣ иштирок кунад.

Мавқеи мурофиавии айбдоршаванда инчунин бо ӯҳдадориҳои муайян муқаррар карда мешавад. Айбдоршаванда ӯҳдадор аст: бо даъвати мақомоти пешбурди тафтишот ҳозир шавад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок ба даъват ҳозир нашудани айбдоршаванда бо қарори асосноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ва ё бо таъиноти суд ӯ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран оварда мешавад; ба амрҳои қонунии мақомоти пешбурди тафтишот итоат намояд; дар амали тафтишӣ ва дигари мурофиавӣ иштирок намояд, ба шарте ки мақомоти пешбурди тафтишоти пешакӣ лозим донад. Дар ҳолати иҷро накардани ин ӯҳдадориҳо нисбати айбдоршаванда яке аз чораҳои маҷбуркунии мурофиавии мувофиқ татбиқ карда мешавад (м.м. 101, 113-118, 215, 224, 225 КМҶ).

## Ҳимоятгар

Ҳимоятгар шахсест, ки бо супориши гумонбаршуда (айбдоршаванда, судшаванда) ё бо розигии онҳо ё худ мувофиқи қонун ҳолатҳоеро, ки гумонбаршударо (айбдоршавандаро, судшавандаро) сафед мекунанд, ё ҷавобгарии ӯро сабуктар

мегардонанд, маълум карда ба ӯ ёрии зарурии ҳуқуқӣ мерасонанд, яъне, функсияи ҳимояро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба амал меоранд.

Ҳимоятгар ин иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ буда, яке аз самтҳои асосӣ – таъиноти ҳимояро иҷро мекунад. Таъиноти ӯ аз он иборат аст, ки тамоми воситаҳо ва усулҳои ҳимояи дар қонун пешбинишударо истифода бурда, ҳамаи ҳолатҳои сафедкунанда ва сабуккунандаи ҷавобгарии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро ошкор кунад, инчунин ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ расонад.

Давлат расонидани ёрии ҳуқуқиро дар тамоми давраҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат додааст (м. 92 Конститутсия).

Ҳимоятгар барои иштирок дар парванда аз лаҳзаи дар ҳаққи шахс баровардани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, инчунин аз лаҳзаи воқеан дастгир гардидани гумонбаршуда, роҳ дода мешавад.

Агар дар муддати 24 соат ҳозир шудани ҳимоятгари аз тарафи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшаванда интихобшуда имконнопазир бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ҳуқуқ дорад ба онҳо даъват намудани ҳимоятгари дигарро пешниҳод кунад ва ё бо воситаи ташкилотҳои адвокатии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро бо адвокат таъмин намояд.

Адвокат наметавонад дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати ҳимоятгар иштирок намояд, агар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки иштироки ӯро дар парванда истисно мекунанд (м. 71 КМҶ). Як шахс наметавонад ҳимоятгари ду дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бошад, агар манфиати яке аз онҳо хилофи манфиати дигаре бошад (қ. 3 м. 49 КМҶ). Агар чунин мухолифат байни онҳо набошад, як ҳимоятгар метавонад якчанд нафари онҳоро ҳимоя намояд. Як дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда метавонад якчанд ҳимоятгар дошта бошад.

Дар мурофиа ҳимоятгар бо даъвати гумонбаршуда ё айбдоршаванда, намояндаи қонунии онҳо, инчунин бо супориш ва ё розигии гумонбаршуда ё айбдоршаванда иштирок мекунад. Бо дархости гумонбаршуда ё айбдоршаванда иштироки ҳимоятгарро муфаттиш ва суд низ таъмин менамоянд. Ғайр аз ин, ҳимоятгар дар мурофиа бо таъиноти муфаттиш ва суд иштирок карданаш мумкин аст. Чунин таъинот дар ҳамон парвандаҳое ҷой дорад, ки агар қонун иштироки ҳимоятгарро новобаста аз хоҳиш ё супориши гумонбаршуда ё айбдоршаванда, пешбинӣ кардааст[1].

Дар тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ иштироки ҳимоятгар ҳатмист, ба шарте, ки дар ин бора гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дархост пешниҳод кунанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ноболиғ бошанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ ҳуқуқи худашонро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда натавонанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда забони пешбурди мурофиаро надонанд; судшаванда таҳти ҳабс қарор дошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси судӣ саркашӣ намояд; айбдоршаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот саркашӣ кунад; шахс дар содир намудани ҷиноятe айбдор карда шавад, ки барои он ҷазои қатл ё ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шуда бошад[2].

---

[1] Раҳматҷонов А., Оқилова М.М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Курси лексия. Қисми умумӣ. – Хуҷанд, 2003. – С. 107.

[2] Қисми 1 м. 51 КМҶ дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23.07.2016 с. таҳти № 1333 оварда шудааст.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳуқуқ доранд иштироки ҳимоятгарро оид ба дигар парвандаҳо низ зарур шуморанд, ба шарте онҳо чунин шуморанд, ки мураккабии парванда ва дигар ҳолатҳо метавонанд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда амалӣ гардонидани ҳуқуқашонро барои ҳимоя мушкил намоянд.

Иштироки ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ, мутобиқи қоидаҳои умумӣ аз рӯйи хоҳиш ва иродаи ҳимояшаванда вобастагӣ дорад. Муфаттиш ва суд ҳуқуқ надоранд, ки хоҳиши гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро, оид ба роҳ додан ба парванда, ба сифати ҳимоятгар, шахси муайянро рад намоянд. Иштироки ҳимоятгар бо дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ва намояндаи онҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя таъмин карда мешавад.

Агар иштироки ҳимоятгари интихоб ё таъиншуда дар давоми на камтар аз панҷ шабонарӯз имконнопазир бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳуқуқ доранд ба гумонбаршуда ё айбдоршаванда даъват кардани ҳимоятгари дигарро пешниҳод намоянд ва дар сурати даст кашидани ӯ аз таъин намудани ҳимоятгар чораҳо андешанд.

Ҳимоятгар доштан – ин ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда мебошад. Онҳо метавонанд, ки аз ёрии ҳуқуқии ҳимоятгар даст кашанд. Иштироки ҳимоятгар ба хоҳиши онҳо вобастааст, ҳатто агар ӯ дар мурофиа дар асоси қарори муфаттиш ва ё суд иштирок кунад. Даст кашидан аз ёрии ҳуқуқии ҳимоятгар танҳо бо ташаббуси худи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод намудаанд, роҳ дода мешавад.

Даст кашидан аз ҳимоятгар бинобар надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, иҷозат дода намешавад. Дар ҳолатҳои ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар, ба даст кашидан иҷозат дода намешавад.

Даст кашидан аз ҳимоятгар гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро аз ҳуқуқи дар оянда изҳор кардани дархост доир ба роҳ додани ҳимоятгар барои иштирок дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маҳрум намесозад. Роҳ додани ҳимоятгар такроран доир намудани амалҳои мурофиавиро талаб намекунад.

Даст кашидан аз ҳимоятгар барои иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ва дигар ҳимоятгарон дар парвандаи ҷиноятӣ монеа шуда наметавонад.

Ҳимоятгар вазифадор аст бо мақсади ошкор ва пешниҳод намудани далелҳои сафедкунандаи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё сабуккунандаи ҷавобгарии онҳо ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун ва КМҶ манъношударо истифода барад ва ба онҳо ёрии ҳуқуқии зарурӣ расонад.

Дар айни замон ҳимоятгар бо гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда алоқаманд буда, манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя менамояд. Барои ҳамин ҳам, мустақилиятии ҳимоятгар ҳудуди муайянеро дорад. Ҳимоятгар дар доираи қонун озод мебошад, дар интихоби усул ва воситаҳои ҳимоя, мавқеи ӯ аз мавқеи шахси ҳимояшавандааш фарқ карда метавонад. Лекин ҳимоятгар ҳуқуқ надорад, ки маълумотеро, ки вазъияти ҳимояшавандаашро вазнин мекунанд, фош намояд.

Адвокатро мутобиқи қ. 2 м. 56 КМҶ ба сифати шоҳид, оид ба маълумоте, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои вазифаи ҳимоятгариаш маълум шуда бошанд, пурсиш кардан мумкин нест. Ҳимоятгар ҳуқуқ надорад, ки худсарона ваколаташро қатъ намояд ва бе розигии ҳимояшавандааш ваколаташро дар бобати ҳимоя ба зиммаи дигар кас вогузорад. Ҳимоятгар ҳуқуқ надорад маълумотеро, ки бинобар татбиқи ҳимоя

ё расонидани дигар кӯмаки ҳуқуқӣ барояш маълум гаштаанд, фош намояд (қ. 6 м. 53, м. 177 КМҶ).

Ҳимоятгар ҳамчун дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вазифадор аст тартиботро дар толори суд риоя намояд (м. 292 КМҶ).

Барои бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои ҳимоятгарӣ, қонун ба ҳимоятгар ҳуқуқҳои муайяни мурофиавиро пешниҳод намудааст. Ҳимоятгар аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шуданаш ҳуқуқ дорад: донад, ки шахсе, ки ӯ манфиатҳояшро ҳимоя мекунад, барои чӣ гумонбар ё айбдор карда мешавад; бемамониат бо шахси таҳти ҳимояаш буда як ба як, бемаҳдуд кардани шумора ва давомнокӣ суҳбат кунад; далел ва маълумоти барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруриро ҷамъ оварад ва пешниҳод кунад; бо тартиби муқарраргардидаи КМҶ ҳангоми ба айбдоршаванда эълон кардани айб иштирок намояд; дар пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршаванда, инчунин дигар амалҳои тафтишӣ, ки бо дархости худи ҳимоятгар анҷом дода мешавад, иштирок кунад; бо протоколи дастгиркунӣ, қарори татбиқи чораҳои пешгирӣ, протоколи амали тафтишӣ, ки бо иштироки гумонбаршуда ё худи ҳимоятгар гузаронида шудааст, бо ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳод шудаанд ё бояд ба гумонбаршуда ё айбдоршаванда пешниҳод карда шаванд, шинос шавад; пас аз анҷоми таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ бо тамоми маводи парванда шинос шуда, аз он ҳама гуна маълумотро дар ҳар ҳаҷме, ки хоҳад, рӯйнавис кунад; дархост изҳор кунад; дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум иштирок намояд; дар музокираҳои судӣ баромад кунад; дар маҷлиси суд, ки парвандаро бо тартиби кассатсионӣ ё назоратӣ баррасӣ мекунад ё ҳангоми аз нав оғоз кардани парванда оид ба ҳолатҳои нав ошкоршуда иштирок намояд ва оид ба шикоятҳо тавзеҳот диҳад; раддия арз кунад; аз амал ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят кунад ва дар баррасии онҳо иштирок намояд; барои ҳимоя ҳама гуна воситаҳо ва усули хилофи қонун набударо истифода барад; оид ба эътироз ва шикоятҳои ба парванда пешниҳодшуда маълумот дошта бошад ва нисбат ба онҳо изҳори норизогӣ кунад.

Ҳаққи хизмати адвокат, ки дар асоси шартнома иштирок кардааст, аз тарафи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, хешовандони онҳо ё дигар шахсон бо розигӣ ва ё илтимоси онҳо пардохт карда мешавад. Иштироки ҳимоятгар аз рӯйи таъиноти мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя, чӣ тавре ки инро қонун муқаррар кардааст, аз ҳисоби давлат пардохт мешавад.

### Ҷавобгари гражданӣ

Чун қоида вазифаи барқарор намудани зарари дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ расонидашуда, ба зиммаи айбдоршаванда вогузошта мешавад. Дар ин ҳолат ҳамаи ҳуқуқҳои ҷавобгари гражданӣ ба айбдоршаванда фаҳмонида дода мешаванд. Ӯро алоҳида, ҳамчун ҷавобгари гражданӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҷалб намекунанд. Барои содир кардани ҷиноят, ки дар натиҷаи он зарари моддӣ расонида шудааст, айбдоршаванда ба ҷавобгарии моддӣ низ кашида мешавад, ки ин дар ҳукми суд қайд карда мешавад (м.м. 335 ва 347 КМҶ).

Ҷавобгари гражданӣ ҳамчун иштирокчии мустақили мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар он вақт фаъолият мекунад, ки агар шахсони дигар мутобиқи қонун ба кирдори айбдоршаванда пурра ё қисман ҷавобгар бошанд. Дар ҳамаи мавридҳои дигар даъво бевосита ба айбдоршаванда пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ба сифати ҷавобгари граждании шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқие, ки тибқи қонун барои зарари аз ҷиноятрасида масъулияти молӣ доранд (падару модар, васиҳо, парасторон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо), ҷалб карда мешаванд. Масъалаи дар кадом ҳад ва мавридҳо зарари расонидашуда аз амали як шахс ба ҷавобгарии моддии шахси дигар оварда мерасонад, субъекти пешбурди мурофиа оид ба ин парванда бояд дар асоси қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ баррасӣ намояд.

Дар фарқият аз даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, новобаста аз хоҳишаш ба парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчун иштирокчӣ, ҷалб карда мешавад. Ҷавобгари гражданӣ аз тарафи ҳимоя баромад мекунад, аммо ӯ иштирокчии мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам мавқеи ӯ дар баъзе ҳолатҳо аз мавқеи айбдоршаванда ва ҳимоятгар фарқ мекунад.

Санади ҳуқуқие, ки дар асоси он ҷавобгари гражданӣ ба мурофиаи ҷиноятӣ дохил карда мешавад, ин таъиноти суд ё қарори судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда оид ба ҷалб намудани шахс ба сифати ҷавобгари гражданӣ мебошад.

Мақсади ҷалб намудани шахс ба сифати ҷавобгари гражданӣ – ин барқарор кардани зарари аз ҷиноят расида. Масалан: ба воситаи ҳабс гузоштан ба амвол.

Ҳуқуқҳое, ки ба ҷавобгари гражданӣ дода шудаанд, бевосита ба даъвои пешниҳодшуда алоқамананданд. Ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқ дорад: моҳияти айбдоркунӣ ва даъвои гражданиро донад; зидди даъво норозигӣ баён кунад; оид ба моҳияти даъвои пешниҳодшуда нишондод диҳад; намоянда дошта бошад; далелҳо пешниҳод кунад; дархост ва раддия диҳад; пас аз анҷоми тафтиш бо маводи парванда, ки ба даъвои гражданӣ марбут аст, шинос шавад, маълумоти заруриро рӯйнавис кунад; дар мурофиаи судӣ иштирок намояд; дар музокираҳои судӣ баромад кунад; аз амал ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят кунад; бо протоколи маҷлиси суд шинос шуда, ба он эрод пешниҳод кунад; аз ҳукм ва таъиноти суд дар бобати даъвои гражданӣ шикоят кунад, эътироз ва шикоятеро, ки нисбат ба парванда пешниҳод шудааст, донад ва ба онҳо изҳори норизоӣ баён кунад; дар баррасии судии эътироз ва шикоятҳо иштирок намояд.

Ҷавобгари гражданӣ вазифадор аст, ки талаботи қонунии мақомот ва шахсоне, ки фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро анҷом медиҳанд, иҷро намоянд (пешниҳод намудани ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғ.), ба ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки ба пешбурди тафтишоти пешакӣ ва баррасии парванда дар суд халал мерасонанд, роҳ надиҳанд.

Ҷавобгари гражданӣ уҳдадор аст: бо даъвати мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва суд, судя ҳозир шавад; ба қарори қонунии мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва суд, судя итоат намояд; маълумотро дар бораи ҳолатҳое, ки аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ба ӯ маълум гаштааст, фош насозад, ба шарте ки ӯ дар ин бора аз тарафи мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ё суд, судя огоҳ карда шуда бошад.

Ба мақсади таъмини даъво амволи ҷавобгари гражданиро ҳабс кардан мумкин аст. Ба суд ҳозир нашудани ҷавобгари гражданӣ ва ё намояндаи ӯ барои дида баромадани даъвои гражданӣ монеа шуда наметавонад.

### Намояндаи ҷавобгари гражданӣ

Институти намояндагӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ барои аз тарафи ҷавобгари гражданӣ пурра ва ҳаматарафа истифода бурдан аз ҳуқуқҳои худ ташкил шудааст. Дар чунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муҳтоҷанд. Як гурӯҳи онҳо имконияти дар парванда иштирок карданро надоранд (номукаллафӣ, беморӣ, сафари хизматии дарозмуддат ва ғ.), дигарон дар парванда иштирок намуда дар муҳофизати манфиатҳои худ танқисии ҷиддӣ мекашанд (қобилияти амали маҳдуд), сеюмин хоҳиши ихтисоснок ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳояшонро доранд. Шахсони ҳуқуқӣ, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷавобгари гражданӣ эътироф шудаанд, дар парванда танҳо бо воситаи намояндагонашон иштирок менамоянд.

Намояндаи ҷавобгари гражданӣ ҳимоятгар, хешовандони наздик ва дигар шахсоне эътироф карда мешаванд, ки мутобиқи қонун ва КМҶ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд манфиатҳои қонунии ҷавобгари гражданиро ҳифз намоянд ва бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё бо таъиноти суд барои иштирок дар парванда роҳ дода шудаанд. Асос барои роҳ додани адвокат ба парвандаи ҷиноятӣ, ба сифати намоянда, ин ордер мебошад, барои шахсони дигар бошад – ваколатномаи дахлдор ё ҳуҷҷате, ки алоқамандии онҳоро бо ҷавобгари гражданӣ тасдиқ менамояд.

Қонун намояндаи ҷавобгари гражданиро дар тафтишот, ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ва дар суд ҳамчун яке аз тарафи мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст (м. 277 КМҶ).

Муносибатҳои ҳуқуқӣ байни намояндагон ва ҷавобгари гражданӣ ба инҳо асос меёбанд.

1. Шартномавӣ (бо маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ, ҳимоятгари эътимодноки иҷозатномадошта). Намояндагии шартномавӣ аз рӯйи хоҳиши ҷавобгари гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пайдо мешавад ва дар асоси шартнома фаъолият менамояд;
2. Хешу таборӣ байни намояндагон ва ҷавобгари гражданӣ;
3. Мансубияти намояндагон бо шахсоне, ки қонун онҳоро ваколатдор кардааст, манфиати ҷавобгари гражданиро намояндагӣ кунанд (масалан: намояндаи муассисае, ки ҷавобгари гражданӣ дар парастории онҳо мебошад);
4. Тааллуқ доштан ба доираи шахсоне, ки аз рӯйи мавқеи хизматии ишғолкардаашон ба онҳо ҳуқуқ барои иҷро намудани ваколати намояндагӣ оид ба парвандаҳои мутобиқ ба ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо дода шудааст;
5. Ба ваколати онҳое, ки аз тарафи қонун, низомнома ва ё дастур ба онҳо ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзоёни ташкилотҳои мутобиқ дода шудааст.

## § 5. Иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ

Дар боби 7 КМҶ ба сифати иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ *шоҳид, мутахассис, коршинос (эксперт), тарҷумон* ва *шахси холис* номбар шудаанд. Иштирокчиёни номбаршуда функсияҳои мурофиавӣ-ҷиноятиро (функсияи айбдоркунӣ, ҳимоя ё баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ) иҷро намекунанд. Бе иштироки онҳо муайян кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ номумкин аст. Онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи исбот (нишондоди шоҳид, хулоса ва нишондоди коршинос, мутахассис) ё ҳамчун шахсоне, ки ба тафтишот ёри мерасонанд (мутахассис, тарҷумон, шахси холис) ба ҳисоб мераванд.

Таъиноти асосии иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ дар он аст, ки онҳо барои исбот оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд. Дар давраҳои тосудии парвандаи ҷиноятӣ иштироки онҳо пеш аз ҳама, барои муайян кардани ҳақиқат мусоидат мекунад.

**Шоҳид**

Ба сифати шоҳид барои додани нишондод шахсе даъват карда мешавад, ки ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта маълум аст (қ. 1 м. 56 КМҶ).

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки на ҳамаи шахсоне, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумот доранд шоҳид шуда метавонанд. Шоҳид танҳо ҳамон шахсе шуда метавонад, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ, барои додани нишондод даъват карда шудааст.

Шоҳидро одатан шахсе даъват мекунад, ки парванда дар пешбурди ӯ қарор дорад, инчунин бо хоҳиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, ҷабрдида ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд шахси муайянеро барои додани нишондод ба сифати шоҳид даъват намоянд.

Тартиби даъват ва пурсиши шоҳид дар м.м. 197-202 КМҶ пешбинӣ шудааст.

Шоҳид барои пурсиш тавассути даъватнома даъват карда шуда, дар он ба ҳайси кӣ, ба назди кӣ, ба кадом суроға, вақти ҳозир шудан, оқибатҳои бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан қайд карда мешавад.

Даъватнома ба шахси шоҳид супорида шуда, имзои ӯ гирифта мешавад. Дар сурати набудани шоҳид даъватнома барои ба ӯ расонидан ба яке аз аъзои болиғи оила супорида шуда, имзои ӯ гирифта мешавад. Ҳангоми набудани онҳо даъватнома ба ташкилоти истифодаи манзил ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ё маъмурияти ҷойи кор супорида мешавад, ки онҳо вазифадоранд, онро ба шоҳид супоранд. Шоҳидро бо воситаҳои дигари алоқа низ даъват кардан мумкин аст.

Ба сифати шоҳид шахсони зерин даъват ва пурсиш карда намешаванд: шахсоне, ки бо сабаби норасоиҳои ҷисмонӣ ё рӯҳӣ қобилият надоранд, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршавандаро дуруст дарк ва барқарор намоянд; адвокат ва ёрдамчии ӯ барои аниқ намудани маълумоте, ки мумкин аст ба онҳо бо сабаби муроҷиат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ё расонидани чунин ёрӣ аён гардидааст; хешовандони наздики гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ба шарте ки онҳо барои пурсиш ба сифати шоҳиди парвандаи мазкур розӣ нашуда бошанд; судя, машваратчии халқӣ оид ба ҳолатҳои муҳокимаи масъалаҳое, ки ҳангоми иштироки онҳо дар баррасии парванда маълум гаштааст.

Шоҳид дар мурофиаи ҷиноятӣ ивазнашаванда аст. Маълумоте, ки барои муайян кардани ҳолатҳои парванда зируранд, танҳо дар ихтиёри ӯ буда метавонанд. Барои ҳамин, дар мавридҳое, ки интихоби иштироки шаҳрвандро дар парванда ба сифати шоҳид ё дигар иштирокчии мурофиа ҷой дошта бошад, қонун афзалиятро ба шоҳид медиҳад: агар оид ба ҳолатҳои парванда ягон маълумот дошта бошад, он гоҳ ӯ наметавонад оид ба ҳамин парванда судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, котиби маҷлиси суд, тарҷумон, коршинос, мутахассис ва ғайра бошад.

Агар шоҳид бе сабаби узрнок ҳозир нашавад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳуқуқ доранд, ӯро маҷбуран биёранд. Сабабҳои узрноки бо даъвати муфаттиш ҳозир нашудани шоҳид инҳо эътироф карда мешаванд: *беморӣ, ки ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад; фавтидани хешовандони наздик;*

*офатҳои табиӣ; нагирифтани даъватнома; ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад.*

Мутобиқи м. 202 КМҶ шоҳид ҳуқуқ дорад аз додани нишондод, ки худи ӯро ё хешовандони наздикашро барои содир намудани ҷиноят айбдор мекунанд, рад намояд. Инчунин мутобиқи қ.5 м. 12 КМҶ шоҳид уҳдадор нест ба муқобили худ ё хешовандони наздикаш нишондод диҳад. Ба хешовандони наздик, мутобиқи қонун дохил мешаванд: падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва ҳоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар.

Мутобиқи ҳуқуқҳои дар боло номбаршуда, агар шоҳид барои додани нишондод розигӣ диҳад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вазифадоранд ба ӯ фаҳмонанд, ки нишондодҳояш дар парвандаи ҷиноятӣ метавонанд ҳамчун далел истифода бурда шаванд, инчунин оқибатҳои рад кардан аз додани нишондод.

Шоҳид ҳуқуқ дорад бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад, аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад ва ба тарҷумоне, ки дар пурсиши ӯ иштирок мекунад, раддия изҳор намояд; бо дасти худ дар протоколи пурсиш нишондодашро сабт кунад; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят кунад, агар гумон оварад, ки ин шахсон ҳуқуқҳояшро поймол кардаанд.

Шоҳид ҳуқуқ дорад ба пурсиш якҷоя бо адвокат ҳозир шавад. Аз шоҳид талаб карда намешавад, ки сабаби бо адвокат ҳозир шуданашро шарҳ диҳад.

Дар бисёр мавридҳо шоҳидон аз тарси гирифтани ҷазо аз тарафи айбдоршаванда ва тарафдорони ӯ аз додани нишондод даст мекашанд. Барои ҳамин ҳам, чи хеле ки дар сархати 5 қ. 3 м. 56 КМҶ нишон дода шудааст, шоҳид ҳуқуқ дорад оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ дархост пешниҳод намояд. Чунин чораҳо, мутобиқи қ. 3 м. 12 КМҶ, ҳангоми мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он, ки ба шоҳид, инчунин аъзоёни оила ё хешовандони наздики ӯ бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амали ғайриқонунии хавфнок таҳдид мекунанд, татбиқ карда мешавад. Ин ҳолати умумӣ, ки дар қ. 3 м. 12 КМҶ пешбинӣ гардидааст, дар қ. 8 м. 172, қ. 2 м. 196, қ. 9 м. 206 ва қ. 2 м. 273 КМҶ вусъат дода шудааст, ки дар онҳо аниқ муқаррар карда шудааст, ки барои таъмини амнияти шоҳид кадом чораҳоро андешидан лозим аст.

Мутобиқи м. 138 КМҶ маблағе, ки шоҳидон ҳангоми ҳозир шудан ба маҳалли гузаронидани амали мурофиавӣ ва бозгашт ба ҷойи зисти доимӣ, барои иҷораи манзил, инчунин масрафи шабонарӯзӣ харҷ кардаанд барқарор карда мешавад. Хароҷоти мурофиавӣ ба шоҳид аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ пардохт карда мешавад.

Шоҳид вазифадор аст: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир шавад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан маҷбуран оварда мешавад. Сабабҳои узрноки бо даъвати муфаттиш ҳозир нашудани айбдоршаванда инҳо эътироф карда мешаванд: беморӣ, ки ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад; фавтидани хешовандони наздик; офатҳои табиӣ; нагирифтани даъватнома; ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад; ҳамаи он чизеро, ки оид ба парванда барояш маълум аст, саҳеҳ иттилоъ диҳад ва ба саволҳои гузошташуда дуруст ҷавоб диҳад. Барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад; бе иҷозати пурсишкунанда маълумоти оид ба ҳолатҳои парванда ба ӯ маълумро фош наку-

над; тартиби муайяншудаи пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси судро риоя кунад. Барои риоя накардани тартиби пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси судӣ шоҳид ҷарима карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ шоҳидро барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҷалб менамоянд (м.м. 183, 188, 205 КМҶ). Барои дар бадани шоҳид ошкор кардани нишонаҳои махсус, осори ҷиноят, захмҳои ҷисмонӣ, муайян кардани ҳолати мастӣ ё дигар хусусият ва аломатҳое, ки барои парванда муҳиманд, шаҳодаткунонияшро мегузаронанд (м. 186 КМҶ); барои муайян кардани ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии шоҳид, дар ҳолатҳое, ки қобилияти ӯ дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо тахти шубҳа қарор мегирад, экспертизаи ҳатмӣ таъин карда мешавад (м. 209 КМҶ).

Шоҳид барои дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додан мувофиқи м. 351 КҶ ва саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ба даъвати мақомоти таҳқиқ, тафтиш ё ба суд ё нахостани додани нишондод мувофиқи м. 352 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар бораи саркашӣ намудан аз додани нишондод ва додани нишондоди бардурӯғи шоҳид протокол тартиб дода мешавад. Парвандаи ҷиноятӣ оид ба додани нишондоди бардурӯғ ё саркашӣ намудан аз додани нишондод танҳо баъд аз парвандаи асосӣ дар суд баррасӣ карда мешавад.

## Мутахассис

Чи тавре, ки дар м. 57 КМҶ муайян гардидааст, мутахассис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дорои донишу таҷрибаи махсус аст ва барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар ошкор ё дарёфт намудани далел, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситаҳои техникӣ мумкин аст, ҷалб карда шавад.

Дар вақти расонидани ёрӣ – нисбат ба парвандаи ҷиноятӣ мутахассис ҳуқуқ дорад: сабаби даъват шуданашро донад; агар дорои донишу таҷрибаи соҳаи дахлдор набошад, аз иштирок дар пешбурди парванда даст кашад; бо иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ба иштирокчиёни амали тафтишӣ савол диҳад; бо протоколи амали тафтишӣ, ки дар он иштирок мекунад, шинос шавад ва арзу мулоҳизотеро пешниҳод намояд, ки бояд ба протокол дохил карда шаванд; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят кунад.

Мутахассис ҳуқуқ надорад аз даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё суд саркашӣ намояд, инчунин маълумоти тафтишоти пешакиро, ки ҳангоми иштирокаш дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба сифати мутахассис ба ӯ маълум гаштаанд, фош намояд, агар ӯ пешакӣ дар ин бора огоҳ карда шуда бошад. Барои фош намудани маълумоти тафтишоти пешакӣ мутахассис, мутобиқи м. 361 КМҶ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Муфаттиш мутахассисро барои иштирок дар амалҳои тафтишӣ ҷалб намуда, шахсияташро муайян мекунад, ҳуқуқҳояшро ва тартиби гузаронидани амали тафтиширо ба ӯ мефаҳмонад.

Мутахассис низ ба мисли коршинос шахсест, ки дар соҳаҳои гуногун дониш ва малакаҳои махсус дорад ва дар ниҳояти кор манфиатдор намебошад. Барои ҳамин, пеш аз оғози амалҳои тафтишӣ муфаттиш (таҳқиқбаранда) бояд на танҳо

ба босалоҳият будани мутахассис боварӣ ҳосил кунад, инчунин, муносибати ӯро бо гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдида муайян созад.

Фарқияти асосии байни коршинос ва мутахассис дар таъиноти мурофиавии онҳо зоҳир мегардад. Коршинос бо истифода аз донишҳои махсус ташхиси экспертӣ мегузаронад ва дар асоси он хулоса мебарорад. Қонун хулосаи коршиносро ба сифати яке аз намуди далелҳо эътироф менамояд. Мутахассис бошад, ташхис намегузаронад. Таъиноти ӯ аз он иборат аст, ки ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя барои ошкор кардан, мустаҳкам намудан ва гирифтани далелҳо ёрӣ расонад.

Муфаттиш метавонад мутахассисро дар пурсиши ноболиғ, азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, озмоиши тафтишӣ, гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ ҷалб намояд. Ҳангоми пурсиши гумонбаршудае (айбдоршавандае), ки ба синни 16-солагӣ нарасидааст, ҳамчунин ба ин син расидаасту ноқисулақл дониста шудааст, инчунин ҳангоми азназаргузаронии ҷасад, иштироки мутахассис ҳатмист.

Шахсе, ки ба сифати мутахассис ба пешбурди тафтиши пешакӣ ҷалб шудааст, уҳдадор мебошад: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад; дар пешбурди амали тафтишӣ ва муҳокимаи судӣ донишу таҷрибаи худ ва воситаҳои илмию техникиро истифода намуда, барои ошкор ё дарёфт намудани далел ва асоснок кардани он иштирок намояд; дар ҷараёни маҷлиси суд оид ба амалҳои анҷомдодааш тавзеҳот диҳад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ аз мутахассис забонхат дар бораи фош накардани маълумоти тафтишоти пешакӣ гирифта мешавад.

Ба мутахассис аз рӯйи ҳамон асосҳое, ки барои коршинос пешбинӣ шудааст, изҳори рад намудан мумкин аст. Мутахассис ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар м. 61 КМҶ нишондодашуда дар пешбурди парванда иштирок карда наметавонад. Иштироки қаблӣ дар парванда ба сифати мутахассис барои рад кардани ӯ асос шуда наметавонад. Масъалаи рад намудани мутахассис ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ мутаносибан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор, дар мурофиаи судӣ аз ҷониби суд, судяе, ки парвандаро баррасӣ мекунад, ҳал карда мешавад.

### Коршинос (эксперт)

***Коршинос*** – ин шахсест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш прокурор ё суд барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва аз рӯйи натиҷаҳои он додани хулоса оид ба масъалаҳое, ки донишҳои махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбу ҳунар талаб мекунанд, таъин карда мешавад.

Коршинос дар ҳолатҳое даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд.

Тамоми фаъолияти коршинос бо КМҶ ва санадҳои меъёрии идоравӣ дар бораи муассисаҳои экспертӣ ба танзим дароварда шудааст. Ба сифати коршинос ҳар шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст.

Коршиносон кормандоне мебошанд, ки дар воҳиди штатии муассисаи экспертӣ кор мекунанд ё кормандони дигар муассисаҳо, ки барои гузаронидани экспертиза оид ба парвандаи ҷиноятии мушаххас даъват карда шудаанд.

Дар КМҶ амалкунанда асос, тартиб ва шартҳои таъин намудани экспертиза, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коршинос пешбинӣ гардидаанд. Ҳангоми баамалбарории вазифаҳои хизматии худ коршинос ҳуқуқ дорад: бо маводи парвандаи ҷиноятӣ, ки ба мавзӯи экспертиза алоқаманд аст, шинос шавад; дар бораи ба ӯ пешниҳод намудани маводи иловагӣ, ки барои додани хулоса заруранд ё дар бораи таъини экспертизаи комплексӣ дархост кунад; бо иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок карда, ба пурсишшавандагон ва дигар шахсон, ки дар ин амал иштирок доранд, вобаста ба масъалаҳои мавзӯи экспертиза саволҳо диҳад; бо забони модарӣ ё дигар забоне, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя, ки ҳуқуқи ӯро ҳангоми пешбурди экспертиза маҳдуд мекунад, шикоят намояд; агар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда аз доираи дониши тахассусаш берун бошад ё маводи дар ихтиёраш буда барои додани хулоса нокифоя бошад, аз пешниҳоди хулоса даст кашад.

Масъалаҳое, ки коршинос, мутобиқи ваколаташ ҳал менамояд, набояд тарафи ҳуқуқии парвандаи ҷиноятиро дар бар гиранд, барои он, ки ин ба ваколати таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд дохил мешавад. Инчунин мутобиқи қонун коршинос ҳуқуқ надорад: бе огоҳ намудани таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя бо дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи масъалаҳои марбут бо экспертиза гуфтушунид кунад, барои тадқиқот мустақилона мавод ҷамъоварӣ намояд, агар барои он иҷозати махсуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя мавҷуд набошад, тафтише гузаронад, ки боиси пурра ё қисман несту нобуд гардидани объектҳо ё тағйир ёфтани намуди зоҳирӣ ё хосиятҳои асосии онҳо гардад.

Коршинос уҳдадор аст бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир шавад ва вобаста ба масъалаҳои тадқиқот ва саволҳои пешниҳодшуда хулосаи асоснок ва воқеъбинонаи хаттӣ пешниҳод намояд; маълумоти маводи парвандаро фош накунад; ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси суд тартиботро риоя намояд. Коршинос барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ, инчунин барои саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ ё иҷрои вазифаҳои худ мутобиқи м.м. 351 ва 352 КҶ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Тартиби таъин ва гузаронидани экспертиза дар боби 24 КМҶ («Экспертиза») ба танзим дароварда шудааст. Мутобиқи ин боб муфаттиш таъини экспертизаро зарур шуморида, дар ин бора қарор қабул мекунад ва гузаронидани онро ба мутахассиси соҳаи муайян месупорад. Маҳз, аз лаҳзаи баровардани қарор дар бораи таъин кардани экспертиза, мутахассиси соҳаи муайян мавқеи ҳуқуқии коршиносро доро шуда, ба ӯ уҳдадориҳои муайян вогузор карда дорои ҳуқуқҳои муайян мегардад.

Таъин ва гузаронидани экспертиза ҳатмӣ мебошад, агар оид ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар кардани ҳолатҳои зерин зарур шаванд: сабаби марг; хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ; синну соли гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳамият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол вуҷуд надошта ё шубҳаовар бошанд; ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд; ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад.

Нагузаронидани экспертиза дар ҳолатҳое, ки гузаронидани он мутобиқи қонун ҳатмист, ҳамчун вайронкунии ҷиддии талаботи КМҶ ба ҳисоб меравад ва асос барои баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтишоти иловагӣ шуда метавонад.

Фаъолияте, ки онро коршинос иҷро менамояд – экспертиза номида мешавад. Натиҷаи ин фаъолият дар хулосаи коршинос (м. 217 КМҶ) дарҷ карда мешавад, ки он сарчашмаи мустақили далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад (қ. 2 м. 72 ва м. 77 КМҶ). Коршинос барои хулосаи додааш комилан ҷавобгар мебошад. Хулосаи коршинос ба таври хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Коршинос – ин мутахассис мебошад. Лекин на ҳамаи мутахассисон коршинос шуда метавонанд. Ин ду иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Функсияҳои мутахассис аз функсияҳои коршинос фарқ мекунад, барои он, ки мутахассис тадқиқот намегузаронад, функсияи асосии коршинос бошад гузаронидани тадқиқот мебошад. Мутахассис оид ба масъалаҳои пайдошуда ба таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд маслиҳатҳо медиҳад. Мутахассис ҳуқуқ дорад, ки арзу мулоҳизаҳои худро оид ба дарёфт кардан, мустаҳкам намудан ва гирифтани далелҳо пешниҳод намояд, ки бояд ба протоколи дахлдор дохил карда шаванд. Лекин ин арзу мулоҳизаҳои мутахассис манбаи далел шуда наметавонанд. Ба ин нигоҳ накарда, хусусияти умумӣ барои коршинос ва мутахассис – ин талаботи манфиатдор набудан ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ ва салоҳиятнокии онҳо дар соҳаи донише, ки намояндаи он аст мебошанд.

**Тарҷумон**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ. 3 м. 88) муқаррар кардааст, ки мурофиа бо забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд.

Дар КМҶ (м. 18) нишон дода шудааст, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ ба забони давлатӣ баргузор мегардад. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки забони мурофиаро намедонанд, ҳуқуқи ба забони модариашон ё забони дигаре, ки онро медонанд, арз кардан, нишондод додан, изҳори дархост кардан, шинос шудан бо маводи парвандаро дошта, бо тартиби муайяннамудаи қонун ба онҳо хизматрасонии тарҷумон таъмин карда мешавад ё мурофиаи судии ҷиноятӣ бо забони аксарияти аҳолии маҳал гузаронида мешавад.

Тибқи м. 59 КМҶ тарҷумон шахсест, ки забонҳои барои тарҷума заруриро медонад ва барои иштирок дар амалҳои тафтишию судӣ дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгарони онҳо ё ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо, инчунин шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиа забонеро, ки пешбурди парванда ба воситаи он анҷом дода мешавад, намедонанд, инчунин барои тарҷумаи маводи хаттӣ даъват карда мешавад.

Тарҷумон инчунин мутобиқи қонун шахсе ҳисоб меёбад, ки имову ишораи гунгонро мефаҳмад ва қодир аст бо карҳо бо истифодаи аломатҳо суҳбат намояд.

Тарҷумон бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва таъиноти суд таъин карда мешавад.

Ба тарҷумон ҳамчун иштирокчии мурофиа мутобиқ ба нақше, ки ӯ дар мурофиа ба ҷо меорад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян ҷудо карда шудааст. Пеш аз таъин кардани тарҷумон таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бояд боварӣ

ҳосил намоянд, ки шахси таъиншуда забонеро, ки барои тарҷума зарур аст, медонад ва инчунин, аниқ кунанд, ки оё ҳолатҳое ҳастанд, ки барои шахси тарҷумон таъиншударо дар ҳамин парванда бевосита ё бавосита дар ниҳояти кор манфиатдор ҳисобиданд, асос диҳанд ва, инчунин, асосҳое ҳастанд, ки мувофиқи м. 68 КМҶ иштироки тарҷумонро дар парванда рад намоянд.

Вазифаи тарҷумон – ин дақиқ ва пурра тарҷума намудани матни ба ӯ супоридашуда мебошад. Бо ин восита принсипи забони мурофиаи судӣ ба амал бароварда мешавад, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ба даст оварда мешавад. Тарҷумон барои муайян кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад ва барои дуруст баррасӣ шудани парванда ёрӣ мерасонад.

Тарҷумон ҳуқуқ дорад: бо протоколи амали тафтишӣ, ки ҳангоми пешбурди он иштирок дошт, инчунин бо протоколи маҷлиси суд шинос шавад ва ба онҳо эрод гирад ва он бояд дар протокол дарҷ шавад; агар ӯ дониши барои тарҷума зарурӣ надошта бошад, аз иштирок дар парванда даст кашад; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя шикоят кунад.

Тарҷумон бояд ба талаботи салоҳиятнокӣ ва манфиатдор набудан ба ҳалли парванда ҷавобгӯ бошад. Салоҳиятнокии тарҷумон чунин маъно дорад, ки ӯ бояд ду забоне, ки барои тарҷума заруранд хуб донад, озодона муошират кунад ва бехатто нависад. Барои тарҷума кардан одатан тарҷумонҳои кордида, омӯзгорони забонҳои хориҷии муассисаҳои таълимӣ ва дигар шахсоне, ки аз рӯйи тахассуси худ ба фаъолияти тарҷумонӣ машғуланд даъват карда мешаванд.

Тарҷумон уҳдадор аст: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад; тарҷумаи матни ба ӯ супурдашударо дақиқ ва пурра ба ҷо орад, саҳеҳ будани тарҷума дар протоколи тафтиш, ки бо иштироки ӯ сурат гирифтааст, инчунин тарҷумаи матни ҳуҷҷатҳои мурофиавиро, ки ба иштирокчиёни мурофиа бо забони модарии онҳо ё дигар забоне, ки онҳо медонанд, додашударо бо имзои худ тасдиқ кунад; маълумоти маводи парвандаро фош накунад; ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси суд тартиботро риоя кунад.

Тарҷумон дар ҳолати дидаю дониста нодуруст тарҷума кардан, инчунин ҳангоми саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ба даъват ё аз иҷрои вазифаҳои худ бо тартиби муқаррарнамудаи м.м. 351 ва 352 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Вайронкунии муҳими талаботи КМҶ, ки боиси бекор кардани ҳукм мешаванд, ҳолатҳои зерин эътироф мегарданд: гузаронидани тафтиши пешакӣ ё тафтиши судӣ бе иштироки ҳимоятгар, агар айбдоршаванда ё судшаванда забоне, ки бо он мурофиа гузаронида мешавад намедонанд ё нокифоя медонанд; ба судшаванда таъмин накардани тарҷумаи нишондоди шоҳидон, ки дар вақти муҳокимаи судӣ додаанд; пешниҳод накардани фикри айбдоркунии тарҷумашуда ба забоне, ки судшаванда медонад.

## Шахси холис

Мутобиқи муқаррароти м. 60 КМҶ *шахси холис* шахсе мебошад, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дар амали тафтишӣ ё дигар амали мурофиавӣ иштирок намуда, барои тасдиқи далели пешбурди он, мазмун, ҷараён ва натиҷаҳои он аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя даъват шудааст.

Ба сифати шахси холис ҳар як шахсеро, ки дар парвандаи ҷиноятии баррасишаванда манфиатдор нест, даъват кардан мумкин аст. Тартиби муайян кардани

манфиатдор набудани шахси холис чунин аст, ки нисбати коршинос, мутахассис ва тарҷумон пешбинӣ шудааст. Ба сифати шахсони холис ба парванда ҷалб карда намешаванд: ноболиғон; шахсони номукаллаф; иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва хешовандони онҳо; кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои ваколати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқу тафтиши пешакӣ мебошанд.

Шумораи шахсони холис бояд аз ду нафар кам набошад. Амали тафтишие, ки бо бараҳна кардани шахс алоқаманд бошад, бо иштироки шахсони холиси ҳамҷинс анҷом дода мешавад.

Тартиби иштироки шахсони холис дар амалҳои тафтишӣ дар м. 181 КМҶ пешбинӣ шудааст. Шахсони холис барои тасдиқи рафт ва натиҷаи амалҳои тафтишӣ даъват карда мешаванд. Агар дар оянда яке аз иштирокчиён ба пуррагӣ ва объективӣ будани далелҳои пешниҳодшуда, ки бо иштироки шахсони холис ба даст оварда шудаанд, шубҳа пайдо намояд, онҳоро метавонанд ба сифати шоҳиди амали тафтишие, ки бо иштироки онҳо гузаронида шудааст, пурсиш намоянд.

Протоколи амали тафтишӣ, ки бо иштироки шахсони холис гузаронида шудааст, бояд дар ҷараёни пешбурди тафтиш ё бевосита баъди ба анҷом расонидани он тартиб дода шавад. Дарҳол, баъд аз тартиб додани протокол ва хонда додан он бояд аз тарафи иштирокчиёни ин амали тафтишӣ, аз он ҷумла шахсони холис, имзо гузошта мешавад.

Қисми 3 м. 173 КМҶ тартиби нави ҷалб намудани шахсони холисро барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешбинӣ намудааст. Мутобиқи он, дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид ё шахсони дигар бо сабаби камбудиҳои ҷисмонӣ ё вазъи саломатӣ протоколи амали тафтиширо имзо карда натавонад, он дар протокол зикр ёфта, бо имзои шахсони холис тасдиқ карда мешавад.

Шахсони холис бояд тамоми амалҳои тафтишии дар ҳузури ӯ гузаронидашударо пурра ва саҳеҳ дарк карда тавонад. Пеш аз гузаронидани амали тафтишӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд, ки ба шахсони холис ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонида диҳанд.

Шахси холис ҳуқуқ дорад: дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кунад; оид ба пешбурди амали тафтишӣ мулоҳизаҳояшро баён кунад, ба он эрод гирад ва ин мулоҳизаву эродҳо бояд дар протокол сабт шаванд; бо протоколи амали тафтишӣ, ки дар он иштирок кардааст, шинос шавад; аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор шикоят кунад. Дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин дар ҳолате, ки амали тафтишӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок бошад, амали тафтишӣ метавонад бе иштироки шахсони холис гузаронида шавад, ки дар ин бора дар протоколи дахлдор қайд карда мешавад.

Шахси холис уҳдадор аст: бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад; дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кунад; далели пешбурди ин амал, ҷараён ва натиҷаҳои онро дар протоколи тафтиш бо имзо тасдиқ намояд; маълумоти маводи тафтишро фош накунад (дар ҳолатҳои зарурӣ муфаттиш шахсони холисро дар бораи норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ бе иҷозати ӯ огоҳ месозад. Аз шахси холис дар хусуси огоҳ карда шуданаш оид ба ҷавобгарии пешбиникардаи м. 361 КҶ забонхат гирифта мешавад.); ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ тартиботро риоя кунад (барои иҷро накардани уҳдадориҳои мурофиавӣ, риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд ба шахси холис ҷарима таъин карда мешавад).

## § 6. Ҳолатҳое, ки иштироки шахсро дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно менамоянд

Объективӣ ва холисӣ ҳамчун талаботи асосии адолати судӣ мақомоти қонунгузорро водор месозад, ки дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ иштироки шахсоне, ки аз баррасии парванда манфиатдор мебошанд, ва аз қарор, мавқеъ ё андешаи онҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ, қарори ғайриқонунӣ ё беасос қабул карда мешавад, бартараф карда шаванд. Ин қоида танҳо ба ҳамон иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дахл дорад, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ваколати қабул кардани қарорро доранд (судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда), ё ин ки дар баамалбарории адолати судӣ ёрӣ мерасонанд (мутахассис, коршинос, тарҷумон), инчунин шахсоне, ки манфиатҳои дигар иштирокчиёнро ҳимоя ё намояндагӣ мекунанд (ҳимоятгар, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ).

Ҳамин тариқ, шахсони зерин аз иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ рад карда мешаванд: *судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, мутахассис, коршинос, тарҷумон, ҳимоятгар, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ.*

Мутобиқи м. 61 КМҶ судя, машваратчии халқӣ, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда наметавонанд дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок намоянд, агар: тибқи қонун барои баррасии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ваколатдор набошанд; оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё шоҳид бошанд; дар ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ба сифати коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахси холис, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, котиби маҷлиси суд, ҳимоятгар, намояндаи қонунии гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ иштирок карда бошанд; худашон, хешовандони наздики онҳо бевосита ё бавосита ба баррасии парванда манфиатдор бошанд; хешованди айбдоркунандаи давлатӣ, айбдоркунандаи хусусӣ, муфаттиш, таҳқиқбаранда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндаи онҳо, ҳимоятгар бошанд; ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки беғаразии судяро таҳти шубҳа гузоранд.

Ҳолатҳои номбаршуда инчунин асос барои рад кардани котиби маҷлиси суд, тарҷумон, мутахассис ва коршинос ҳам шуда метавонанд. Асос барои рад кардани ҳимоятгар ва намояндаи қонунии ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ аз дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятии дар боло номбаршуда фарқ мекунад.

Шахсан манфиатдор будани суд (прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ғ.) ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ, дар ҳолати онҳоро ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ эътироф намудан, аниқ маълум аст ва барои ҳамин ҳам онҳо аз иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ рад карда мешаванд. Аммо аз ин тартиби умумӣ истисноӣ он аст, ки агар ин иштирокчиёни дар боло зикргардида оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ шоҳид бошанд. Дар ин ҳолат онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ на ҳамчун шахсоне, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд, балки ҳамчун иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ эътироф карда мешаванд. Масалан: агар корманди мақомоти таҳқиқ, ки дастгиркуниро гузаронидааст ва муайян карда шудааст, ки шоҳиди ягонаи содиршавии ҷиноят мебошад ва ин дар оянда иштироки ӯро дар парванда ба сифати таҳқиқбаранда истисно мекунад, бояд ба сифати шоҳид пурсиш карда шавад. Вале, агар корманди мақомоти таҳқиқ ба вуҷуди ин як хел амалҳои тафтиширо

гузаронида бошад, ҳамаи маълумоти ба даст овардаашро ҳамчун далел истифода бурдан нораво мебошад. Бояд қайд намуд, ки қонун (қ. 1 м. 61 КМҶ) танҳо дар бораи номумкин будани иштироки чунин шахсонро дар пешбурди парванда пешбинӣ намудааст, бинобар ин, то оғози парвандаи ҷиноятӣ шахсони номбаршуда метавонанд як хел амалҳои маҷбуркунии мурофиавиро, ки қонун иҷозат додааст, ба анҷом расонанд, аз он ҷумла дастгиркунии воқеии гумонбаршударо гузаронанд (қ. 2 м. 92 КМҶ).

Дар баъзе ҳолатҳо, ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки корманди мақомоти таҳқиқ шоҳиди бевоситаи ҷиноят мебошад, ба фикри мо, аз тарафи ӯ гузаронидани амалҳои таъхирнопазир манъ карда намешавад ва рад карда шуданаш аз байн меравад. Сухан дар бораи амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ меравад. Дар ҳолате, ки дигар кормандони мақомоти таҳқиқ бо сабабҳои объективӣ наметавонанд фавран ба пешбурди парванда шурӯъ намоянд, аммо далелҳои зиёди дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки барои пурсиши таҳқиқбаранда ба сифати шоҳид зарурате надорад. Масалан: гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят бо нишондодҳои шоҳидони дигари ҳодиса тасдиқи пурраи худро меёбад. Дар ин ҳолат маводи ҷамъовардаи таҳқиқбарандаро ба сифати далел эътироф кардан мумкин аст.

Қаблан иштироки судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахси холис, котиби маҷлиси суд, ҳимоятгар, намояндаи қонунии гумонбаршуда, айбдоршаванда, намояндаи ҷабрдида, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ, судя бошад ба ғайр аз ин ба сифати таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор, аз пешбурди парванда онҳоро истисно мекунад бо он сабаб, ки дар фаъолияти чунин шахсон функсияҳои гуногун омехта мешаванд (адолати судӣ, айбдоркунӣ, ҳимоя, инчунин ёрӣ ба адолати судӣ), ки бо якдигар нобаробар мебошанд. Дар ин ҳолат беғаразии шахсе, ки фаъолияташ ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, зери шубҳа гузошта мешавад.

Судяе, ки дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ё ба тариқи назоратӣ иштирок намудааст, инчунин дар сурати бекор шудани ҳукм ё қарор (таъинот) дар бораи қатъ намудани пешбурди парвандае, ки бо иштироки ӯ қабул шудааст, ҳамзамон ҳангоми аз нав баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ иштирок карда наметавонад (м. 62 КМҶ).

Аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш ё котиби маҷлиси судӣ иҷро намудани ваколати мурофиавии худ, барои аз нав иштироки онҳо дар таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ оид ба ҳамон парвандаи ҷиноятӣ, монеа шуда наметавонад.

Ҳолатҳои номбаршуда, асосҳои умумӣ, барои рад кардани иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятии дар боло зикр гардида, шуда метавонанд. Барои рад кардани иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, вуҷуд доштани яке аз асосҳои дар қонун пешбинишуда, басанда мебошад.

Иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, ки нисбати ӯ ҳолатҳое муайян шудаанд, ки асос барои рад кардани ӯ аз иштирок дар пешбурди парванда шуда метавонад, бояд худрадкунӣ арз намояд. Ба ғайр аз ин, ӯро прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, судя, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо ҳам рад карда карда метавонанд.

Арзи раддияи баёнкардашуда бояд асоснок бошад. Иштирокчие, ки нисбати ӯ раддия арз карда шудааст, ҳуқуқ дорад баёноташро дар бораи раддияи ба ӯ арзшуда изҳор намояд.

Масъалаи рад намудани судя, инчунин дигар иштирокчиёни мурофиа, ки дар давраи мурофиаи судӣ арз шудааст, аз ҷониби суд тавассути баровардани таъинот дар хонаи машваратӣ баррасӣ карда мешавад.

Раддияе, ки нисбат ба судя арз шудааст, аз тарафи судяҳои дигар дар ғайби ӯ баррасӣ карда мешавад. Радшаванда ҳуқуқ дорад то ба хонаи машваратӣ даромадани суд баёноташро дар бораи раддияи ба ӯ арзшуда изҳор намояд. Ҳангоми баробар будани овозҳо судя рад кардашуда ҳисоб меёбад.

Раддияе, ки ба якчанд судя ё ҳайати пурраи суд арз шудааст, аз ҷониби ҳайати пурраи ҳамон суд бо аксарияти овозҳо баррасӣ карда мешавад.

Раддия нисбат ба судяе, ки парвандаро танҳо баррасӣ мекунад ё шикоятро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ ва дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дида мебарояд, аз тарафи судя танҳо тавассути қабули қарор баррасӣ карда мешавад.

Масъалаи рад кардани прокурор дар давраи пешбурди тосудии парванда аз ҷониби прокурори болоӣ, ҳангоми пешбурди судии парванда бошад, аз ҷониби судяи баррасикунандаи парванда баррасӣ карда мешавад.

Масъалаи рад кардани муфаттиш ё таҳқиқбаранда аз ҷониби прокурор баррасӣ карда мешавад.

Коршинос, мутахассис, тарҷумон ё шахси холис ҳангоми мавҷуд будани асосҳое, ки дар м. 61 КМҶ (ҳолатҳое, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд) пешбинӣ шудаанд инчунин дар ҳолате, ки бесалоҳиятии онҳо ошкор мегардад, дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ иштирок карда наметавонанд. Шахси холисро инчунин дар ҳолате рад мекунанд, ки агар ӯ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дорои ваколати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқу тафтиши пешакӣ бошад.

Ҳуқуқи дар парванда иштирок карданро коршиносе надорад, ки агар маълумоти ҷамъ кардаи ӯ, дар вақти санҷиш (ревизия), асос барои оғози ҳамин парвандаи ҷиноятӣ шудаанд.

Ҳимоятгар, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ё ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқ надоранд дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ иштирок кунанд, ба шарте, ки: қаблан дар парванда ба сифати судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, котиби маҷлиси суд, шоҳид, коршинос, мутахассис, тарҷумон ё шахси холис иштирок карда бошанд; бо судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ё котиби маҷлиси суд, ки дар тафтиш ё баррасии судии ҳамин парванда иштирок мекунанд ё бо шахси манфиаташ ба манфиати иштирокчиёни мурофиаи бо ӯ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ шартномабаста мухолифанд, муносибатҳои хешутаборӣ дошта бошанд; ба шахсе, ки манфиаташ ба манфиати айбдоршаванда ё гумонбаршудаи аз ҷониби ӯ ҳимояшаванда ё ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ, ки онҳоро намояндагӣ мекунад, мухолиф аст, ёрии ҳуқуқӣ мерасонад ё қаблан ёрӣ расонидааст.

Масъалаи рад намудани ҳимоятгар ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ мутаносибан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор, дар мурофиаи судӣ аз ҷониби суд, судяе, ки парвандаро баррасӣ мекунад, баррасӣ карда мешавад.

Дар бораи қонеъ кардан ё накардани радкунӣ ё худрадкунӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя қарор, суд бошад – таъинот мебароранд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳум ва таснифи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.
2. Суд ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ. Мафҳум, ҳайат ва зинаҳои судие, ки парвандаи ҷиноятиро баррасӣ ва ҳал мекунанд.
3. Иштирокчиёне, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд.
4. Дастгиршуда, гумонбаршуда ва айбдоршаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ.
5. Мафҳуми прокурор ва муфаттиш. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо.
6. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ. Мафҳум, тарз ва роҳҳои чунин ҳимоя.
7. Шоҳид кист? Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шоҳид.
8. Ҷабрдида ва намояндаи қонунии ӯ.
9. Мутахассис ва коршинос кистанд? Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо.
10. Тарҷумон ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
5. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16.04.2012 с. таҳти № 810.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25.07.2005 с. таҳти № 100.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.
14. Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш : фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2005 с. таҳти № 1570.

**15.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» аз 25.06.2012 с. таҳти № 1.

**16.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабридидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад» аз 23.12.2011 с. таҳти № 10.

**17.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**18.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**19.** Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

**20.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**21.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**22.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**3.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**4.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**5.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**6.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мавқеи прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ : дастури ёрирасони таълимӣ барои донишҷуён факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Хуҷанд: «Ношир», 2010.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**9.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**10.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**11.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**12.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

**13.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**14.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**15.** Алиева П.Х. Правовое положение потерпевшего в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан : монография. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2016.

**16.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**17.** Гуляев А.П. Следователь в советском уголовном процессе. – М., 1981.

**18.** Гафуров Х.М. Конституционный суд Республики Таджикистан : состояние и перспектива : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

**19.** Косимов О.А. Правовые и организационные аспекты взаимодействия следователя с оперативно-розыскными подразделениями органов дознания : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014.

**20.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**21.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**22.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**23.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**24.** Мухитдинов А.А. Процессуальное положение следователя в уголовном процессе (на материалах Республики Таджикистан) : монография / под общ. ред. Б.Я. Гаврилова. – Душанбе, 2015.

**25.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**26.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**27.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**28.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**29.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**30.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**31.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**32.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**33.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**34.** Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М. : ЮСТИЦИЯ, 2016.

# ДАЛЕЛҲО ВА ИСБОТ

## БОБИ 6.
## ДАЛЕЛҲО

### § 1. Мафҳум ва таснифи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ

Фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи далелро ҳамчун «раҳнамо», «раҳбар» ва «роҳбалад» маънидод кардааст, ки дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳамин маъно қабул кардани далел дуруст ва барҳақ аст, чунки бо ба даст овардани маълумоте, ки далел ҳисоб меёбанд, мақомоти тафтишотӣ, прокурор ва суд онро ба роҳбарӣ гирифта бо парвандаҳои ҷиноятӣ қарорҳои асосноки қонунӣ қабул менамоянд. Аз нуқтаи назари мантиқӣ бошад, далел воситаи исбот ба ҳисоб меравад. Дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ низ далел маънои асоснок кардани ҳолати амали содиршуда на вобаста аз он ки ин ҳолат айбдоркунанда ва ё сафедкунанда аст, дониста мешавад.

Мафҳуми далел дар м. 72 КМҶ оварда шудааст. Мувофиқи ин меъёри ҳуқуқӣ – далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор меравандмки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи КМҶ, мавҷуд будан ва ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ва ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд. Дар КМҶ солҳои 1935 ва 1961 мафҳуми далелҳо мустаҳкам нашуда, вале дертар аз 25 августи 1983 мафҳуми он дар таҳрири монанд аз ҷониби Раёсати Шӯрои Олии ҶССТ пешниҳод шуда буд.

Бадаст овардан ва тасдиқкунонии ҳолатҳои воқеии кор, он вақт далел дониста мешавад, ки бо шарт ва тартиби КМҶ пешбининамуда амалӣ шуда бошад. Дигар ҳолатҳои ба даст овардани далелҳо вуҷуд надорад ва дошта ҳам наметавонад. Бо вайрон намудани талаботи муқарраркардаи қонун ба даст овардани маълумот, эътибори ҳуқуқии онро ҳамчун далел аз байн мебарад. Вуҷуд доштани далел як тарафи масъаларо дар бар гирад, пас дар асоси талаботи КМҶ бо тартиби муайян ба даст овардани он, тарафи дигари муҳимтарини масъала ба ҳисоб меравад.

Маълумоти воқеиро қонун дар назар дошта – он маълумоте эътироф мешаванд, ки аз кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда ба вуҷуд омада дар предмету ашёҳо осоре аз худ боқӣ гузоштааст ва ё таассуроти он дар шуури инсон нақш бастааст ва ин маълумот бо роҳи муқарраркардаи қонун ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷамъоварӣ карда шудааст, ки бо онҳо имконият пайдо мегардад, ҳақиқати ҳол бо парвандаи ҷиноятӣ муайян карда шавад. Ҳаргуна тасдиққунӣ, гумонбарӣ, тахминҳо дар бораи он, ки ҷиноятро ин ва ё он кас содир кардааст, бе овардани маълумоти ҳақиқии тасдиқшавандаи бебаҳс, ки далел ном мебарем, имконнопа-

зир мебошад. Маълумоти воқеӣ ин ахбор дар бораи ҳолати содиршавии ҷинояти тафтишшуда мебошад, ки боэътимодии он бояд ҳаматарафа, холисона ва объективона санҷида шуда тасдиқи худро ёфта бошад. Маълумоти воқеӣ, ки дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба ихтиёри муфаттишу суд гузашта минбаъд барои муайян кардани ҳақиқат истифода бурда мешавад, далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд.

Далел ин муайянкунандаи на худи ҳодиса, балки маълумоти ҷамъоварда дар бораи ҳодиса мебошад. Дар қонунгузории дигар давлатҳо, алалхусус Федератсияи Россия ба ҷойи маълумоти воқеӣ – ҳамагуна ахборот дар бораи ҳодиса оварда шудаст, ки ин мантиқан дуруст ба ҳисоб рафта, оид ба фаҳмиши ҳуқуқии – «ҳамагуна маълумот» – васеъ буда, ҳуқуқҳои субъектони далелҷамъоварандаро зиёд мегардонад.

Маълумот дар бораи ҳолати ҷиноят, ки ба предмети исбот дохил мешавад моҳияти далелро дар бар мегирад. Дар баробари ин, моҳияти далел на танҳо ҳақиқат, балки ахбори комил дар бораи ҳолати кор аст, ки онро асос карда аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ қарори ниҳоӣ қабул кардан имконпазир мегардад.

КМҶ муқаррар кардааст, ки ҳамаи далелҳои бо парвандаи ҷиноятӣ ба даст оварда ҳамаҷониба, пурра ва объективона аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд санҷида шавад. Дар як вақт қонун ин субъектони ҷамъоварандаи далелҳоро вазифадор кардааст, ки ҷамъи далелҳоро омӯхта дар умум баҳодиҳӣ намоянд.

Ҳар як далел табиатан инъикоскунандаи ҳолатҳои муайяни кор буда чун дигар маълумот дорои мазмун ва шакли хоси худ ҳастанд. Ба мазмуни далел ин маълумоте, ки ба предмети исбот тааллуқ доранд ва ба шакли далелҳо бошад сарчашмаи маълумоти ҳолати корро муайянкунанда дохил мебошад.

Далелҳо хусусияти имконпазирӣ ва мансубият доштан бо парвандаи ҷиноятиро бояд дошта бошанд. Имконпазирии далелҳо ин дар доираи қонун ба даст овардани сарчашма, тартиби ба даст овардан, ҳуҷҷатгузорӣ ва санҷиши далелҳоро дарбар мегирад. Доираи сарчашмаҳои қонун муайянкарда маҳдуд мебошад. Мисол: нишондоди шахс, ки аз куҷо ба даст овардани маълумоти додаашро исбот карда наметавонад, далели раво дониста намешавад. Барои он, ки далел бо парвандаи ҷиноятӣ имконпазир ва ё раво дониста шавад талаботи зерин дар ҷамъоварии он бояд риоя карда шавад; далелро бояд шахсе, ки ваколати мурофиавии ҷамъ овардани онро дорад ба даст оварда бошад, аз сарчашмаҳои дар қонун нишондодашуда дастрас шуда бошад; бо риояи талаботи КМҶ амалӣ шуда бошад; тартиби ҷамъ овардан ва қайд кардани далелҳо риоя шуда бошад; маълумот дар ҷараёни ҷамъоварии далелҳо бояд саҳеҳ ва воқеӣ бошанд. Риоя накардани ин талаботҳо имконнопазирии (норавогии) далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, эътибори исботи худро гум мекунад.

Далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтишӣ пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста шуда, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд (қ. 3 м. 88 КМҶ).

Маълумоти бо роҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст омада танҳо он вақт далел ҳисобида мешавад, ки он аз тарафи мақомоти тафтишотӣ дар доираи КМҶ санҷида тасдиқи худро ёфта бошанд. Содиршавии ҷиноятҳои вазнин бо истифода аз воситаҳои техника тараққӣ карда, ошкорсозӣ ва тафтиши онро бе истифодаи техникаи ҳозиразамон имконнопазир гардонидааст. Аз ин ҷиҳат, истифодабарии

техникаи навин дар ФОҶ ва тафтишотӣ барои ошкор ва дастгир намудани ҷинояткорон ногузир аст. Дар ин сурат мақомоти тафтишотӣ ва судиро зарур аст, ки ба тарзу усул, воситаҳои истифодабурдаи мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ошкор намудани ҷиноят, дахолат накарда танҳо натиҷаҳои аз ин фаъолият ба даст омадаро барои қарор қабул намудан бо парвандаи ҷиноят ҳамчун далел ҳаматарафа истифода баранд.

Мансубияти далел ин алоқамандӣ доштани далел бо ҳолати исботшаванда, ки барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят зарур аст, дониста мешавад. Мансубияти далел маънои онро дорад, ки далели ба даст омада бояд алоқамандӣ бо предмети исботи парвандаи ҷиноятиро дошта бошад ва ин далел имконияти муайян кардани ҳолати ҳақиқии ҷиноятро доро бошад. Дар ҳолати мансубияти далел бояд ду ҳолат ба назар гирифта шавад. Аввалан, далели ба даст омада ба парвандаи ҷиноятӣ чӣ мансубият дорад. Дуюм, далели мансубиятдошта метавонад айбдорӣ ва ё бегуноҳии шахсро оид ба парвандаи ҷиноятӣ тасдиқ намояд.

Бебаҳсии далел маънои онро дорад, ки он ҳаматарафа санҷида шуда, паҳлӯҳои норавшани он бо гузаронидани амалҳои тафтишӣ пурра равшан гардидааст ва ба аслӣ будани он ягон шаку шубҳа боқӣ намондааст. Вуҷуд доштани далели бебаҳс тарафҳои манфиатдорро имконият намедиҳад, ки ҳаргуна баҳонаҳоро пеш оранд.

Ҳамаи маълумоти бо роҳи мурофиавӣ ба даст овардаи мақомоти тафтишотӣ ва суд, ки ҳаматарафа санҷида шудааст, бо қарори асоснок ҳамчун далел эътироф шуда бошад ва ин маълумот ҳолати воқеии ҳодисаи тафтишшавандаро муқаррар карда тавонад ва асоси комил диҳад, ки бо парвандаи ҷиноятӣ қарори объективона ва одилона қабул кардан мумкин аст, далел аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ баҳисоб рафта, ин далел инъикоскунандаи адолати судӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, далели исботкунандаи ҳақиқат сутуни парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Далел аломат ва хусусиятҳои хоси худро дорост, ва аз ин рӯ таснифи он низ хусусиятҳои хоси худро дорад. Бо назардошти хусусиятҳои хос доштани далелҳо, дар вақти ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ, барои муайян намудани ҳақиқат ин хусусиятҳо дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Вобаста аз хусусиятҳояшон далелҳо тақсим мешаванд:

– аз рӯйи пайдоиш ва муносибат ба сарчашмаи маълумот, ба ибораи дигар нисбат ба предмети исбот ба *далелҳои аслӣ* ва *далелҳои ғайриаслӣ;*

– аз рӯйи муносибат бо предмети айбдоркунӣ ба *далелҳои айбдоркунанда* ва *далелҳои сафедкунанда;*

– вобаста аз сарчашмаи мавҷудияти сарчашма маълумоти воқеӣ – ба *далелҳои бевосита* ва *далелҳои бавосита*;

– вобаста ба намуди маълумот – ба *далелҳои шахсӣ* ва *далелҳои ашёӣ.*

Аз сарчашмаи аслӣ ба даст омадани маълумот бо парвандаи ҷиноятӣ *далели аслӣ* ҳисобида мешавад. Мисол: нишондоди шоҳид, ки бевосита ҷиноятӣ содиршударо назорат бурда, онро бо чашми худ дида, бо вуҷуди худ ҳис кардааст; ва ё аз тарафи муфаттиш бевосита дар вақти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса гирифтани предмете, ки дар он осори ҷиноят боқӣ мондааст; ҳамчунин дар парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардани ҳуҷҷати аслӣ, ки дар он ягон ҳолати кор нишон дода шудааст, шуда метавонанд. Чунин маълумот бо он сабаб далелҳои аслӣ дониста мешаванд, ки онҳо аз осори ҷиноят дарак медиҳанд. Ҳамаи ин маълумот далел эътироф гашта, бевосита аз кирдори содиршуда осоре боқӣ мондааст ва эътимоднокии он бебаҳс аст.

*Далелҳои ғайриаслӣ* бошад, ин маълумоти аз дасти дуюм ва ба даст омада ҳисоб меёбад. Мисол: нишондоди шоҳиде, ки худаш бевосита ҳодисаро надида, аз нақли дигар кас оид ба он ҳодиса маълумот ба даст овардааст. Ба ин гуна далелҳо, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳо, гирифтани ҳаргуна қолибҳои изи пойафзол ва ба инҳо монанд предметҳо дохил мегарданд. Ин намуди далелҳо мумкин номувофиқ ва ё таҳрифона бошанд. Бо назардошти оне, ки шахси далелҳои ҳосилшударо пешниҳод карда, онро аз касе шунидааст ва ба натиҷаи он масъулияти баландро ҳис намекунад, ба чунин далелҳо асос карда, хулоса баровардани таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд оид ба айбдорӣ ва ё бегуноҳии шахс бахснок мебошад. Далелҳои ҳосилшуда, далелҳои нави ҷамъовардашуда аз тафтиши далелҳои асосии аслӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҷамъ оварда мешаванд. Дар ҳолати вуҷуд доштани далелҳои ғайриаслӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳар чӣ имкон аст, далелҳои аслӣ муайян ва ҷамъоварӣ карда шаванд. Ин маънои онро надорад, ки эътимоднокии далелҳои ғайриаслӣ паст буда, бе будани далелҳои аслӣ онҳо ҳақиқати ҳолатро муайянсозанда нестанд. Дар ҳолати несту нобуд шудани далелҳои аслӣ далелҳои ғайриаслӣ воситаи ягонаи муайянкунандаи ҳолати ҷиноят мебошад.

*Далели айбдоркунанда* он далелҳое дониста мешавад, ки бо он шахс айбдор дониста шудааст ва ё ҳолати вазнинкунанда бо парвандаи ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Ба ин мисол шуда метавонад: нишондоди худиқрории айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят, нишондоди шоҳид ва ё ҷабрдида дар бораи бо чӣ тарзу усул айбдоршаванда ҷиноятро содир кардааст ва ба ин монанд далелҳо.

*Далели сафедкунанда* он далелҳое дониста мешавад, ки дар асоси он бегуноҳии шахс исботи пурраи худро ёфтааст ва ё ҳолати сабуккунанда муқаррар карда шудааст. Далелҳое, ки таркиби ҷиноят набуданро истисно мекунад, ба далелҳои сафедкунанда дохил мешаванд, чунки дар ин ҷо на танҳо як шахс, балки ягон шахс айбдор набуданаш исбот мегардад. Инчунин, вуҷуд доштани кирдори муайяни айбдоршаванда, вале таркиби ҷиноятро дар бар нагирифтани ин кирдор низ далели сафедкунанда ҳисобида мешавад.

Далелҳо вобаста аз предмети исбот ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: *далелҳои бевосита* ва *далелҳои бавосита. Далелҳои бевосита* он далелҳое дониста мешаванд, ки бевосита предмети исботкунии қонун пешбинишударо дар бар мегирад. *Далелҳои бавосита* бошад, он далелҳои ёрирасон ва ё дуюмдараҷаи ҳолати ҷиноятро исботкунанда ҳисобида мешаванд. Бо далелҳои бевосита пеш аз ҳама ҳодисаи ҷиноят, шахси онро содиркарда, айби шахс ва шакли қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир шудани кирдор муайян карда мешавад. Он маълумоте, ки номгӯйи болоро муайян месозад ба далелҳои бевосита дохил мегардад. Ҳамаи маълумоти муайянкунандаи ҳолатҳои дар м. 85 КМҶ пешбинишуда ва ҳатто ҳолатҳои сабуккунанда ва ё вазнинкунандаи тарафи ҷиноят ба далелҳои бевосита тааллуқ доранд. Мисол: нишондоди ҷабрдида оид ба чӣ хел ва бо кадом асбоб ба ӯ расонидани зарари ҷисмонӣ аз тарафи айбдоршаванда шуда метавонад. Дар ҳолати истифодабарии далелҳои бевосита ба боэътимодии (дурустии) он бояд аҳамият дод, чунки ин далел ба предмети исбот равона карда шудааст. Далелҳои бевосита дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо баҳо дода мешавад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ далелҳои бевоситаро набояд ба далелҳои муҳим ва ё бартариятдошта ҷудо намуд. Алалхусус, нишондоди худиқрории айбдоршавандаро, ки ҳамаи ҳолати ҷинояти содиршударо нишон додааст, бе баҳодиҳии дигар далелҳои ҷамъоварда далели боэътимод ва аз ҳама «муҳим» донистан хатост. Дар қ. 2 м. 76 КМҶ омадааст, ки ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда барои гунаҳгор

эътироф намудани ӯ асоси басанда шуда наметавонад, ба шарте, ки он бо маҷмӯи далелҳои дар парванда ҷамъоварда исботи худро наёфта бошад.

Далелҳои бавосита бошад, ин маълумоте, ки дар фосилаи муайян ба даст оварда шудааст ва бо ҷамъи далелҳои бевосита ҳолати ҳодисаро аниқ месозад, дониста мешавад. Агар бо далелҳои бевосита ҳолати дар КМҶ пешбинишуда муайян карда шавад, пас бо далелҳои бавосита ҳолатҳои бо ҷиноят алоқаманд дошта муайян карда мешавад. Далелҳои бавосита имконияти ҳақиқӣ будани далелҳои бевоситаро пурра ва мустаҳкам мегардонад. Мисол: аз ҷойи ҳодиса гирифтани изҳои дасти айбдоршаванда, хулосаи ташхиси дактилоскопӣ бо ин изҳо ва дигарҳо шуданаш мумкин аст. Дар далелҳои бавосита ҳолати ҳодиса ғоибона буда, он асос медиҳад, ки гумон карда шавад, ки ҷиноятро ҳамин шахс содир кардааст. Мисол: нишондоди шоҳид дар бораи он, ки айбдоршавандаро дуртар дар ҷойи ҳодиса пеш аз содиршавии ҷиноят дидааст ё шинохтани кордеро, ки дар куштор истифода шудааст ва ин корд ба айбдоршаванда тааллуқ дорад ва ғайраҳо. Дар ҳардуи ин ҳолат шоҳид тасдиқ карда наметавонад, ки ҷиноятро шахсан ҳамин айбдоршаванда содир кардааст ва ё бо ҳамин корд куштор содир шудааст. Аз ин ҷиҳат, ин намуди маълумоти ба даст омада ба далелҳои бавосита дохил мегардад. Бо далелҳои бавосита муайянкунии ҳолати ҷиноят мураккаб мебошад. Бо вуҷуди ин ҳам зарур аст, ки далелҳои бавосита эътимоднок бошанд, бо тариқи объективӣ ба ҳам алоқамандӣ дошта бошанд ва дар маҷмӯъ ба хулосае оварда тавонад, ки ҳолати ҷиноят чунин аст, на таври дигар. Муайянкунии ҳақиқат бо парвандаи ҷиноятӣ дар якҷоягӣ бо далелҳои бевосита ва бавосита баҳодиҳӣ ва хулосабарорӣ карда мешавад.

Ба *далелҳои шахсӣ* он маълумоте, ки аз инсон баромада дар зери шуури ӯ ба вуҷуд омадааст дониста мешавад. *Далелҳои ашёӣ* бошад, он маълумоте, ки дар ташкилёбии он шуури инсон иштирок накардааст, дарбар мегирад. Агар дар далелҳои шахсӣ маълумот бо парвандаи ҷиноятӣ бо ифодаи сухан амалӣ гардад, пас дар далелҳои ашёӣ маълумот бо сухан изҳор карда нашуда он дида ва таассурот бардошта мешавад. Ба далелҳои ашёӣ ҳамаи далелҳои шайъӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки дар он аз ҷиноят осоре боқӣ мондааст, дохил мегардад. Далелҳои ашёӣ объектҳои моддианд, ки дар онҳо аз ҷиноят изҳо боқӣ мондаанд. Дар як вақт баъзе далелҳо ҳам шахсӣ ва ҳам ашёӣ шуданаш мумкин аст. Мисол: ба протоколи пурсиш замима кардани ҳаргуна сабт, сурат ва ё навор, ки дар бораи ҷиноят маълумот медиҳад. Далелҳои ашёӣ боэътимодтар дониста мешавад, чунки дар он аз осори ҷиноят изҳо бо шакли аслиаш боқӣ мемонанд. Далелҳои шахсӣ, ки аз одам, шуурнокӣ ва дарки шахс вобаста аст мумкин на ҳама вақт пурра ва ҳаматарафа ифодаи худро ёбад. Ба далелҳои шахсӣ нишондодҳои ҷабрдида, шоҳид, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, хулоса ва нишондоди эксперт дохил мегарданд.

### § 2. Намудҳои алоҳидаи далелҳо

Номгӯйи далелҳое, ки бо ёрии он таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд предмети исбот ва дигар паҳлуҳои ҷиноятро бо парвандаи ҷиноятӣ муайян менамоянд, дар КМҶ нишон дода шудааст.

Мувофиқи қ. 2 м. 72 КМҶ ҳамчун далел инҳо эътироф карда мешаванд:
– нишондоди шоҳид;
– нишондоди ҷабрдида;
– нишондоди гумонбаршуда;

– нишондоди айбдоршаванда;
– нишондоди судшаванда;
– хулоса ва нишондоди коршинос;
– хулоса ва нишондоди мутахассис;
– далелҳои шайъӣ;
– протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ;
– сабтҳои пинҳонӣ;
– гуфтугӯйи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида;
– мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ;
– ҳуҷҷатҳои дигар.

### *Нишондоди шоҳид*

1. Нишондоди шоҳид – (м. 73 КМҶ) – ин маълумот ва ё ахбори (чӣ шифоҳӣ ва чӣ хаттӣ) додаи шахс барои муайян кардани ҳолати ҷиноят бо парвандаи ҷиноятӣ, ки бо риояи талаботи қонун амалӣ карда шудааст, мебошад. Шоҳидро ҳолати бавуқӯъ омадаи ҷиноят (ҳодиса) тавлид месозад ва ӯ ивазнашаванда аст. Нишондоди шоҳид аз ҳама далели зиёдтар паҳн шуда ба ҳисоб меравад, чунки барои баррасии қонунии як парвандаи ҷиноятӣ якчанд шоҳидон пурсида мешаванд.

Пурсиши шоҳид мувофиқи талаботи қонун дар ҷойи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ё дар ҷойи будани шоҳид гузаронида мешавад. Мувофиқи қ. 1 м. 56 КМҶ, ба сифати шоҳид барои додани нишондод, шахсе даъват карда мешавад, ки ба ӯ ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта маълум аст. Доираи шоҳидони бо парвандаи ҷиноятӣ пурсида мешуда васеъ буда, новобаста аз синну сол, миллат, нажод, муносибат бо дигар иштирокчиёни мурофиа, шоҳидон оид ба ҳамаи ҳолатҳои маълумотдоштаашон доир ба ҳодиса пурсида мешаванд. Дар пурсиши шоҳид ғайр аз маълумоти ҳолати ҷиноят, инчунин ӯро оид ба шахсияти дигар иштирокчиён, аз он ҷумла гумонбаршуда, ҷабрдида, айбдоршаванда ва дигарон низ пурсидан мумкин аст. Шахси пурсишро ба анҷом мерасонида бояд, ки дар вақти пурсиши шоҳид дараҷаи ташаккулёбии рӯҳӣ, аз он ҷумла ба маълумотнокӣ, солимӣ ва то чи андоза вазъияти ба вуқӯъ омадаи ҷиноятиро дарк ва нақл карда тавонистани шоҳид, диққати махсус бояд диҳад.

Муҳимияти пурсиши шоҳид дар мурофиаи судӣ аз он иборат аст, ки ӯ дар алоҳидагӣ ва дар ғайби шоҳидони ҳанӯз пурсиданашуда пурсиш карда мешавад. Агар дар рафти тафтишоти пешакӣ шоҳидро тафтишбаранда пурсиш гузаронад, пас дар мурофиаи судӣ шоҳидро айбдоркунанда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, судшаванда ва ҳимоятгари ӯ пурсиш мекунанд. Пурсиши шоҳиде, ки бо мақсади ошкор нагардидани шахсияти ӯ ва ҳифзу эмин мондани ҳаёту саломатиаш, ки бо тахаллус пурсида шудааст дар маҷлиси судӣ низ бо таъиноти суд ё қарори судя бе эълон намудани маълумоти аслии шахсияти ӯ, бе рӯбарӯкунии вай бо дигар иштирокчиёни мурофиа амалӣ карда мешавад. Нишондоди чунин шоҳид бо риоя кардани ҳамин талаботҳо далел ҳисобида мешавад.

Мувофиқи талаботи КМҶ, агар шоҳид сарчашмаи маълумоти додаашро нишон дода натавонад, нишондоди ӯ далел шуда наметавонад (м. 73 КМҶ). Шоҳид бояд ҳодисаро худаш дида бо узвҳояш ҳис карда бошад. Тахминҳо, эҳтимолиятҳо ва ҳаргуна гумонҳое, ки шоҳид пешниҳод менамояд ва он асоси кофии эътимоднокӣ надорад, далел ҳисобида намешавад.

Натиҷаи пурсиши шоҳид дар асоси талаботи м.м. 197-213 ва 314 КМҶ дар протокол дарҷ карда мешавад. Пеш аз пурсиш ба сифати шоҳид шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан барои додани нишондоди бардурӯғ ва ё саркашӣ кардан аз додани нишондод ба тариқи хаттӣ огоҳ карда мешавад. Дар вақти пурсиши шоҳид ба саволҳое, ки пурсидашавандаро барои содир кардани ҷиноят фош месозад ҷавоб надоданаш, асоси ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои саркашӣ кардан аз додани нишондод шуда наметавонад, чунки мувофиқи қонун ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик нишондод диҳанд (қ. 5 м. 12 КМҶ).

КМҶ пурсиши шахсони зеринро ҳамчун шоҳид манъ кардааст:

– шахсоне, ки бо сабаби норасоиҳои ҷисмонӣ ё рӯҳӣ қобилият надоранд, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршавандаро дуруст дарк ва изҳор намоянд;

– ҳимоятгар ва ёрдамчиёни ӯ барои аниқ намудани маълумоте, ки мумкин аст ба онҳо бо сабаби муроҷиат барои расонидани ёрии ҳуқуқи ё расонидани чунин ёрӣ аён гардидааст.

– хешовандони наздики гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ба шарте, ки онҳо барои пурсиш ба сифати шоҳиди парвандаи мазкур розӣ нашуда бошанд;

– судя, машваратчии халқӣ оид ба ҳолатҳои муҳокимаи масъалае, ки ҳангоми иштироки онҳо дар баррасии парванда маълум гаштааст.

Ҳолати мурофиавии шоҳидро қонун муқаррар кардааст, ки он дар як вақт ҳам ҳуқуқҳои ӯро чун шоҳид ҳимоя менамояд ва дар ҳолати дигар аз ӯ гирифтани нишондодҳои объективиро бо парвандаи ҷиноятӣ талаб ва таъмин менамояд. Аз ин рӯ, шоҳид вазифадор аст:

– бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир шавад;

– ҳамаи он чизеро, ки оид ба парванда барояш маълум аст, саҳеҳ иттилоъ диҳад ва ба саволҳои гузошташуда дуруст ҷавоб гӯяд;

– бе иҷозати пурсишкунанда маълумот оид ба ҳолатҳои парванда ба ӯ маълумро фош накунад;

– тартиби муайяншудаи пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси судро риоя кунад.

Дар таҷриба шоҳид барои фош накардани маълумоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ огоҳонида мешаванд. Огоҳонидан бо гирифтани забонхат, ки мувофиқи он шоҳид бе иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор маълумоти таҳқиқ ё тафтиши пешакиро фош кардан ҳуқуқ надорад ва барои риоя накардани ин талабот ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 361 КҶ ҷалб мегардад, амалӣ карда мешавад. Ҷавобгарии ҷиноятии шоҳид бо моддаи мазкури КҶ танҳо баъди гирифтани забонхат ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар қатори уҳдадориҳо инчунин қонун ба шоҳид ҳуқуқҳои зеринро додааст:

– бо забони модарӣ ё бо забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад;

– аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;

– ба тарҷумоне, ки дар пурсиши ӯ иштирок мекунад, раддия изҳор намояд;

– бо дасти худ дар протоколи пурсиш нишондодашро сабт кунад;

– оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дархост пешниҳод намояд;

– аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ё судя шикоят кунад.

Ба шоҳид чунин ҳуқуқҳои васеъ додан, ин имконияти аз як тараф таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ бошад, аз тарафи дигар ҳавасмандгардонии шоҳид дар

масъалаи беғаразона маълумоти доир ба ҷиноят доштаашро баён кардан мебошад. Инчунин шоҳид ҳуқуқи барқарор кардани хароҷоташро барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ дорад.

### *Нишондоди ҷабрдида*

Пеш аз он, ки нишондоди ҷабрдидаро ҳамчун далел эътироф намоем, бояд донист, ки худи ҷабрдида кист. Мувофиқи м. 42 КМҶ – *ҷабрдида шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст.* Дар КМҶ таҳрири соли 1961, оид ба шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун ҷабрдида эътироф шудан чизе гуфта нашуда буд. Бо қабули КМҶ нав намояндаи шахси ҳуқуқӣ ҷабрдида эътироф карда мешавад, ки ӯ манфиатҳои корхона ва ё ташкилоти зарардидаро ҳимоя менамояд.

*Нишондоди ҷабрдида* – ин хабар ва ё маълумоти шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва ё ӯ аз ҳолатҳои ҳодиса маълумот ва ахбори аниқ дорад, дар асоси талаботи қонун ӯ ҳамчун ҷабрдида эътироф ва пурсида шудааст. Нишондоди ҷабрдида чӣ дар вақти пурсиш, чӣ дар вақти рӯбарӯкунӣ, чӣ дар вақти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, чӣ дар вақти нишон додан барои шинохтан далел ба ҳисоб меравад. Ба сифати ҷабрдида танҳо шахсе, ки дар асоси қонун ҷабрдида эътироф шудааст, пурсида мешавад. Дар бораи ҷабрдида эътироф кардан муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор – қарор, суд бошад – таъинот мебарорад. То ин лаҳза шахс ҳамчун шоҳид пурсида мешавад. Бо назардошти оне, ки нишондоди ҷабрдида бо нишондоди шоҳид тафовут дорад, ҳамаи он ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки шоҳид дорад ба ҷабрдида низ дода шудааст. Аммо фарқияти ҷабрдида аз шоҳид дар он аст, ки ӯ ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи мудофиа намудани манфиатҳои аз ҷиноят зарардидаи худро дорад. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад дар мурофиа иштирок намояд, далелҳо пешниҳод кунад, бо маводи парвандаи ҷиноятӣ аз лаҳзаи ба итмом расидани тафтишоти пешакӣ шинос шавад, барои пурра кардани тафтишот далел арз намояд, дар мурофиаи судӣ иштирок ва ҳуқуқҳои худро ҳимоя намояд.

Бо парвандаи ҷиноятӣ шахси мансабдор манфиатдор будани ҷабрдидаро ба инобат гирифта, дар вақти баҳодиҳии нишондодҳои ӯ аҳамият додан зарур аст, ки ҳодисаро аз будаш зиёд ва ё барои манфиатҳои шахсиаш шуда зарари расонидаро бар зиёд нишон надиҳад. Шахсияти ҷабрдида дар вақти пурсиш ва баҳодиҳии нишондодҳои ӯ бояд ба инобат гирифта шавад. Аз шахсияти ӯ, муносибати ӯ бо ҷинояти содиршуда, алоқамандии ӯ бо айбдоршаванда, манфиатдории ӯ аз қарори ниҳоӣ бо парвандаи ҷиноятӣ баҳо дода мешавад. Бо ҷиноятҳои ахлоқӣ ва шаъну шараф аксар вақт ҷабрдида мумкин аз ҳиссиёти шарм, ору номус ба пинҳон доштани баъзе маълумоте, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад, даст занад. Аз ин лиҳоз, дар вақти пурсиши ҷабрдида ба ҳамаи паҳлуҳои ин масъала аҳамият дода, ӯро барои додани нишондоди ҳаққонӣ даъват намуда, шароите омода сохтан лозим, ки ӯ ҳамаи ҳолатҳои тафтишшавандаро дақиқ баён намояд.

Ҷабрдида ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳама давраи мурофиаи судӣ иштирок намуда ҳуқуқи дастгирӣ намудани айбро дорад. Бо иҷозати раисикунанда ҷабрдида дар ҳар лаҳзаи тафтиши судӣ нишондод дода метавонад. Аз ин ҷиҳат, то охири мурофиа иштирок кардани ҷабрдида ба ӯ имконият медиҳад, ки дар ҳолатҳои мувофиқ нишондодашро боз пурра намояд ва ин баррасии масъала-

ро ба дараҷае осон мегардонад. Ҷабрдида чӣ дар вақти тафтишоти пешакӣ ва чӣ дар давраи мурофиа ҳуқуқи пешниҳод намудани далелҳоро дорад, аммо ӯ барои мустақилона ҷамъ овардани далелҳо ҳуқуқ надорад.

Ҳамин тариқ, ҷабрдида бо парвандаи ҷиноятӣ иштирокчии мустақили мурофиавӣ, сарчашмаи далел, иштирокчии фаъоли исбот, ҳамчун субъекте, ки ба ӯ зарари расонида баргардонида мешавад ва дар охир ҳамчун тарафи айбдоркунанда дар мурофиаи ҷиноятӣ баромад менамояд.

### *Нишондоди гумонбаршуда*

Мувофиқи м. 46 КМҶ *гумонбаршуда шахсест, ки нисбат ба ӯ бо асос ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят, парвандаи ҷиноятӣ огоз гардида, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда хабар додаанд, ё ӯ дастгир карда шудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда шудааст.* Агар ҳолатҳои номбаршуда нисбати шахси таҳти пурсиш қарор дошта татбиқ нашуда бошад, он гоҳ он шахс гумонбаршуда дониста намешавад.

*Нишондоди гумонбаршуда* – ин маълумоти додаи ӯ оид ба гумони нисбаташ дар содир кардани ҷиноят пешниҳодшуда мебошад, ки дар доираи қонун ба даст оварда шудааст.

Дар асоси талаботи қонун нишондод додан ва ба саволҳо ҷавоб гардонидан ин ҳуқуқи гумонбаршуда буда, уҳдадории ӯ нест. Пеш аз пурсиши гумонбаршуда муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки ҳуқуқҳои ӯро, ки қонун муқаррар кардааст фаҳмонида диҳанд. Аз он ҷумла: гумонбаршуда бояд донад, ки ҳуқуқ дорад нишондод диҳад ё надиҳад; донад, ки барои чӣ гумонбар шудааст; нусхаи протоколи дастгиркунӣ ё қарорро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ гирад; ба забони модарӣ ё забоне, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; далелҳо пешниҳод кунад; дархост изҳор кунад; бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, ҳамчунин бо маводе, ки ба суд барои татбиқи ҳабс нисбат ба ӯ чун чораи пешгирӣ равон карда шудааст, шинос шавад; раддия изҳор намояд; аз амалу қарори суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда шикоят намояд. Агар ин ҳуқуқҳои гумонбаршуда фаҳмонида нашуда бошад ва ин дар рафти тафтиши пешакӣ ва судӣ ошкор гардад, нишондоди ӯ ҳамчун бо вайрон кардани талаботи КМҶ ба дастоварда дониста шуда, эътибори далелии худро гум менамояд.

Аз нуқтаи назари мурофиавӣ нишондоди гумонбаршуда ба нишондоди айбдоршаванда наздикӣ дорад. Чунки гумонбаршуда ҳамчун айбдоршаванда барои додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, он кафолати ҳуқуқие, ки ба айбдоршаванда дода шудааст онро гумонбаршуда низ доро мебошад. Нишондоди гумонбаршуда фақат дар мавриди тафтишоти пешакӣ ҷой дошта метавонад, чунки минбаъд ӯ мумкин аст айбдоршаванда, судшаванда, шоҳид ва ё умуман, аз мурофиа барканор гардад. Дар ҳолати татбиқи чораи пешакӣ нисбат ба шахси дастгиршуда то 10 шабонарӯз айб бояд эълон карда шавад. Ин шаҳодати он аст, ки дар парвандаи ҷиноятӣ мавқеи гумонбаршуда муваққатӣ буда, он аз 10 шабонарӯз зиёд шуда наметавонад.

Нишондоди гумонбаршуда барои худи ӯ воситаи ҳимоя ҳисоб ёфта, ба муфаттиш ва таҳқиқбаранда бошад, маълумот барои исботсозии предмети парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар маълумоте, ки дар нишондодаш гумонбаршуда пеш меорад, ин ҳолатҳоро мақомоти тафтишотӣ ва судӣ вазифадоранд, ки

ҳаматарафа, пурра ва объективона санҷида исботшавӣ ва ё исботнашавии онро тасдиқ намуда дар марҳилаи қарор қабул намудан ба инобат гиранд.

Фарқияти пурсиши гумонбаршуда аз дигар иштирокчиёни мурофиа дар он аст, ки қонунгузор барои пурсиши ӯ пас аз дастгир шуданаш 24 соат вақт муқаррар кардааст. Дар ин муҳлат пурсидани ӯ аз тарафи таҳқиқбаранда ва муфаттиш ҳатмӣ буда, иҷро нагардидани он вайрон кардани ҳуқуқҳои гумонбаршуда дониста мешавад.

Таҷрибаи тафтишотии мақомоти тафтишотӣ ва таҳқиқ нишон медиҳад, ки шахс якчанд маротиба бо парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун шоҳид пурсида шуда, ӯ барои додани нишондоди бардурӯғ огоҳонида шудааст, баъдан ӯ ҳамчун гумонбаршуда бо ҳамин парванда ва бо ҳамин ҷиноят таҳти пурсиш қарор мегирад, ки ин вайрон кардани КМҶ мебошад. Сабаби вайрон шудани талаботи КМҶ он аст, ки дар як муҳлати муайян гумонбаршуда аз ҳуқуқҳои доштааш ҳамчун гумонбар маҳрум мегардад. Қонун ба гумонбаршуда дар баробари айбдоршаванда ҳуқуқ ба ҳимояро додааст, ки дар ҳолати риоя накардани он ва аз нишондодҳои пешинаи бе ҳимоятгар додааш даст кашидани гумонбаршуда, ин далелҳо моҳияти худро гум ва дар вақти баҳодиҳӣ ботил дониста мешаванд. Новобаста аз нишондоди худиқрорӣ ва ё пурра радкунӣ муфаттиш ва таҳқиқбарандаро зарур аст, ки ҳар як ҳолатҳои пешниҳоднамудаи гумонбаршударо бо пуррагӣ санҷида, ҳаққонӣ будан ва ё набудани ин нишондодҳоро тасдиқ ва ё рад намоянд. Дар ҳолати нишондоди худиқрорӣ додани гумонбаршуда тафтишбарандаро зарур аст, ки ин нишондодро бо дигар далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ буда, бо пуррагӣ тасдиқ намояд, дар акси ҳол як нишондоди худиқрорӣ асоси шахсро айбдор донистан намегардад.

### *Нишондоди айбдоршаванда*

*Нишондоди айбдоршаванда* – ин маълумоти шахсе, ки нисбати айби ба ӯ эълон кардашуда ва дигар ҳолатҳои бо парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта дода шудааст, мебошад. Айбдоршаванда низ чун гумонбаршуда фақат дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ вуҷуд дошта метавонад. Мувофиқи қонун айбдоршаванда шахсе мебошад, ки нисбати ӯ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бароварда шудааст. Агар чунин қарор вуҷуд надошта бошад шахси таҳти пурсиш қарордошта айбдоршаванда ҳисоб намеёбад.

КМҶ нишондоди айбдоршавандаро барои он далели алоҳида донистааст, ки бо ин роҳ ба ӯ имкон додаст то худро бо нишондодаш ҳимоя намояд. Ҳолатҳои бе гирифтани нишондоди айбдоршаванда ба суд ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ, ҳарчанде, ки дар таҷриба ҷой дошта бошад ҳам, ин ҳолатҳо хело кам ба назар мерасад. Айбдоршаванда чун ҷабрдида ба итмомрасии парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор буда, барои ҳимояи худ ӯ метавонад ҳамагуна восита, аз он ҷумла, нишондодҳои ба худ манфиатдоштаро диҳад. Аз ин рӯ, санҷиши ҳаматарафаи нишондодҳои айбдоршаванда имконият медиҳад, ки ҳамаи паҳлуҳои ноаёни ҳолат ошкор, шахсони дигари ба ҷиноят дастдошта маълум ва ба ҷавобгарӣ кашида шаванд ва ё беайбии шахс исботи худро ёбад.

Айбдоршаванда чун гумонбаршуда ҳуқуқ дорад нишондод диҳад, на он, ки барои нишондод додан уҳдадор аст. Дар ҳолати розигии айбдоршаванда барои додани нишондод ӯ бояд огоҳ карда шавад, ки ин нишондодҳояш мумкин ҳамчун далел бар зидди худаш истифода бурда шавад. Барои нишондоди бардурӯғ ва ё надодани нишондод айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, ки ин ҳам як роҳи ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоршаванда ба ҳисоб меравад. Нишондоди айбдор-

шаванда ҳамчун далел бо парвандаи ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки касе чун ӯ оид ба ҷинояти содиркардааш дақиқу пурра маълумот надорад. Дар навбати дигар айбдоршаванда ҳамчун шахси ба парванда манфиатдошта кӯшиш мекунад, ки ҳарчи зиёдтар маълумоти дар ҷиноят фош мешудаашро пинҳон дорад.

Нишондоди айбдоршаванда чун анъана ба се намуд ҷудо карда мешавад; ин ҳам бошад: *нишондоди ба гуноҳи худ пурра иқрор шудан; нишондоди ба гуноҳи худ қисман иқрор шудан* ва *нишондоди пурра рад кардани айбнома* мебошад. Ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда, ин нишондодҳои саҳеҳи ӯ оид ба ҷинояти содирнамудааш ба ҳисоб меравад. Нишондоди худиқрории айбдоршаванда бе исботи далелҳои дигар ҳамчун далел барои ҳукми айбдоркунанда баровардан нокифоя мебошад. Айбдоршаванда дар ҳама вақт метавонад аз ин нишондодҳои худиқроршавиаш даст кашад. Дар байни ҳуқуқшиносҳо ва баъзе кормандони амалӣ ақидае ҳаст, ки худиқрории айбдоршаванда ин *«шоҳи далелҳо»* ба ҳисоб меравад, ки ин аз нуқтаи назари ҳақиқат нодуруст ва ғайриобъективист. Чунки ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки шахс аз ҳисси раҳму шавқат айби шахси наздикашро ба дӯши худ гирад (мисол: куштори содиркардаи писарро ба дӯши худ гирифтани падар), ё ҷинояти сабуктареро ба дӯш гирифтан бо мақсади аз ҷинояти вазнин озод гардидан. Аз ин рӯ, нишондоди худиқрории айбдоршаванда бо ҷамъи далелҳои дигари дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд буда, далели комил баҳисоб меравад.

Ба гуноҳи худ қисман иқрор шудани айбдоршаванда маънои онро дорад, ки ӯ қисми кирдори ҷиноятиеро, ки содир кардааст ба дӯши худ мегирад ва ба қисми дигари айби эълонкарда розӣ шуда наметавонад, ки бояд инро дар нишондодаш асоснок карда баён намояд.

Ҳолати ба гуноҳаш пурра иқрор нашудани айбдоршаванда ва пеш овардани далелҳои гуногун мақомоти тафтишотӣ ва судиро вазифадор менамояд, ки ҳамаи далелҳои овардаи айбдорро бо санҷишу тафтиши ҳаматарафа, пурра тасдиқ ва ё онро пурра рад намоянд. Он ҳолатҳое, ки муаллақ боқӣ мемонанд аз рӯйи қонун ба манфиати айбдоршаванда ҳал карда мешавад.

### *Нишондоди судшаванда*

Ҳарчанде, ки КМҶ нишондоди судшавандаро ҳамчун далели алоҳида эътироф намудааст, аммо оид ба моҳияти нишондоди судшаванда маълумоте надода танҳо дар м. 311 КМҶ тартиби пурсиши судшаванда оварда шудааст. Нишондоди судшаванда ҳамчун нишондодҳои дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – маълумоти ӯ оид ба парвандаи бо айбдориаш дар суд баррасишавада мебошад. Судшаванда чун гумонбаршуда ва айбдоршаванда ҳуқуқи нишон доданро дошта барои ин уҳдадор нест. Инчунин судшаванда барои надодан ва ё додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Тартиби пурсиши судшаванда мувофиқи қонун фақат дар ҳолати розигӣ доданаш барои додани нишондод амалӣ карда мешавад.

Пурсиши судшаванда танҳо дар марҳилаи баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи судӣ ҷой дошта метавонад. Раисикунандаи мурофиа вазифадор аст, пеш аз пурсиши судшаванда оид ба хоҳиши нишондод додани ӯро пурсида бояд огоҳ намояд, ки нишондоди ӯ метавонад ҳамчун далел ба муқобили худаш истифода бурда шавад. Хусусияти дигари пурсиши судшаванда он аст, ки ӯро на суд, балки ҳимоятгараш пурсиш менамояд, пас дигар иштирокчиёни мурофиа аз он ҷумла раисикунанда саволҳо медиҳанд. Ба судшаванда инчунин ҳуқуқ дода шуда-

аст, ки ба саволҳои иштирокчиён ва раисикунанда ҷавоб надиҳад, барои ин, нисбати ӯ ягон чора андешида намешавад.

Дар мурофиаи судӣ судшаванда метавонад аз ҳама охир нишондод диҳад. Аз ин ҷиҳат ӯ бо нишондоди дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо пуррагӣ шинос гардида имконият пайдо менамояд, ки нишондодҳои пеш додаашро тағйир диҳад ва ё пурра аз он нишондодҳо даст кашад. Дар ин ҳолат айбдоркунандаи давлатӣ ва раисикунандаро зарур аст бо додани саволҳо сабаби тағйир додани нишондоди судшавандаро аниқ намоянд. Судшаванда метавонад, ин рафтори худро шарҳ надиҳад ва раисикунандаро зарур аст, ки аз ҷамъи далелҳои ба даст омада қарор қабул намояд.

Дар қонунгузории мурофиави ҷиноятии дигар давлатҳо аз он ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон нишондоди судшаванда ҳамчун далел дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст, гарчанде ки нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршавандаро далел ҳисобидаанд. Чун нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда далел ҳисоб ёбад, нишондоди судшавандаро ҳамчун далел дар қонун нишон надодан мантиқан нодуруст буда, дар ин ҷиҳат қонунгузории мурофиавии ҷиноятии мо мукаммалтар ҳисоб меёбад.

Мувофиқи КМҶ дар ҳолати аз додани нишондод саркашӣ кардани судшаванда, суд ва ё судя ҳуқуқ дорад нишондодҳои дар тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ додаи судшавандаро эълон намоянд, ки ин эълон намудан ҳам дар ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо ба инобат гирифта мешавад. Эълони нишондоди судшаванда ҳам танҳо дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода шудааст: дар ҳолати мавҷуд будани ихтилофоти назаррас байни нишондоди судшаванда дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ дар суд, саркашӣ кардани судшаванда аз додани нишондод дар суд ва дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парванда. Дар қатори эълони нишондоди судшаванда инчунин он далелҳои бо нишондод замимагардида низ намоиш дода мешаванд.

### *Хулоса ва нишондоди коршинос (эксперт)*

Аз ҷойи ҳодиса ва ё дар рафти тафтишоти пешакӣ ба даст овардани изҳо, осор, предмет ва объектҳои дигар фақат маълумотро дар бораи ҳодиса медиҳад. Барои он, ки маводи гирифта далел ҳисоб ёбанд, дар доираи талаботи КМҶ гузаронидани экспертиза ва гирифтани хулосаи он зарур аст. Хулосаи коршинос (эксперт) асос медиҳад муайян намуд, ки оё ҷиноят содир шудааст ё не; ки онро содир кардааст; ба кадом роҳ он ҷиноят содир шудааст; кадом олотҳо барои содиршавии ҷиноят истифода шудааст ва ғайраҳо. Коршинос дар доираи ваколати худ бо истифода аз воситаҳои нави илму техника тадқиқот гузаронида хулоса пешниҳод менамояд, ки он ҳамчун яке аз намудҳои далел дар парвандаи ҷиноятӣ баромад менамояд.

Коршинос (эксперт) шахси дониши махсуси соҳаи муайяни илмро дошта, ки барои баррасии масъалаи парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва ё суд ҷалб карда шуда, ухдадории додани хулосаро ба дӯш гирифтааст, дониста мешавад.

Хулосаи коршинос (эксперт), ин иттилои қатъии хаттии тасдиқкардаи шахси дорои дониши махсуси соҳаҳои илм, техника, санъат ва касбу ҳунар, ки бо гузаронидани тадқиқ ба саволҳои дар ихтиёраш гузоштаи муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва ё суд ҷавоб мегӯяд, мебошад. Моддаи 77 КМҶ дар ҳолатҳои зарурӣ бо парвандаи ҷиноятӣ истифодабарии дониши махсус дар соҳаи илм, техника,

санъат ё касбу ҳунарро бо гузаронидани ташхис ва гирифтани хулоса, дар ҳолати ба миён омадани зарурат пурсидани коршиносро ҳамчун далел нишон додааст.

Мафҳуми «дониши махсус» дар қонун оварда нашудааст. Дар сатҳи зарурӣ донистани соҳаи алоҳидаи илм, техника, санъат ва ё касбу ҳунар, таҷрибаи бой доштан дар ҳамон соҳаҳо, ки на ҳама шахс онро дорост – дониши махсус – дониста мешавад. Мақомоти тафтишотӣ ва суд ҳуқуқ доранд дар кадом соҳае, ки баррасии парвандаи ҷиноятӣ дониши махсусро талаб менамояд ташхис таъин намуда, хулосаи онро ҳамчун далел истифода баранд.

Тартиби омода намудани мавод барои ташхис, таъин кардани ташхис, намудҳо ва тартиби гузаронидани он дар боби 24 КМҶ оварда шудааст, ки риояи бечунучарои ин талаботи қонун асос медиҳад, ки мақомоти тафтишотӣ ва судӣ хулоса ва нишондоди коршиносро ҳамчун далел эътироф намуда, онро дар баррасии масъалаи парвандаи ҷиноятӣ истифода намоянд. Мувофиқи талаботи КМҶ доираи соҳаи ба ташхис ниёздошта – илм, техника, санъат ё касбу ҳунар муайян карда шудааст, ки мақомоти тафтишотӣ ва судӣ аз он истифода баранд.

Масъалаи ҳуқуқӣ набояд предмети тадқиқи коршинос қарор дода шавад. Ҳарчанде, ки дар қонун доираи соҳаи ташхис муайян карда шуда бошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки тафтишбаранда, прокурор ва ё суд ба дигар соҳаҳои лозимӣ муроҷиат нанамоянд. Вобаста аз масъалаҳои пешомада, ғайр аз масъалаи ҳуқуқӣ муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд метавонад ташхисҳои дигар соҳаро низ таъин намоянд ва хулосаи он ташхисҳо ҳамчун далел дар мурофиа истифода бурда мешавад.

Қонунгузор хулосаи коршиносро барои суд ҳамчун далел истифода бурдан ҳатмӣ надонистааст. Аммо суд ва судяро вазифадор кардааст, ки дар ҳолати бо хулоса розӣ набудан, ин норозигии худро асоснок карда тавонанд. Дар ҳолати норозигии худро асоснок карда натавонистан, хулосаи коршинос ҳамчун далел қабул гардида яке аз далелҳои асоснок барои бо парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул намудан истифода бурда мешавад.

Пурсиши коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ нест. Аммо вобаста бо ҳолатҳои аз хулосаи ӯ бармеомада, ва бо назардошти рафти тафтиши пешакӣ ва судӣ ӯ ҳамчун шоҳид пурсида шуданаш мумкин аст. Ин талаботи қонун дар ҳолатҳои нофаҳмо будани хулоса, дақиққунии паҳлуҳои алоҳидаи хулоса, шарҳ додани он ба иштирокчиёни мурофиа амалӣ карда мешавад. Инчунин бо дархости иштирокчиёни мурофиа дар рафти тафтиш муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва дар мурофиаи судӣ бо розигии тарафҳо бо иҷозати суд коршинос даъват ва пурсида мешавад. Чун шоҳид ва ҷабрдида коршинос барои додани нишондоди баръало бардурӯғ ва ё саркашӣ кардан аз додани нишондод дар асоси қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад. Барои ин ҳам пеш аз пурсиш коршинос бо м.м. 351 ва 352 КҶ огоҳонида мешавад.

Нишондоди коршинос, ин маълумоти шифоҳӣ ё хаттии ӯ оид ба маълумоти бо роҳи тадқиқотӣ ба даст овардааш мебошад. Коршинос танҳо дар доираи маълумоти дар ташхис ба даст овардааш пурсида мешавад. Агар ӯ бевосита шоҳиди ҳодисаи тафтишшуда бошад, он гоҳ ҳуқуқи гузаронидани ташхисро надошта ҳамчун шоҳид бояд бо парвандаи ҷиноятӣ пурсида шавад.

Хулосаи коршинос дар сатҳи дигар далелҳо баробар баҳо дода мешавад. Муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд ҳуқуқи санҷиш оид ба асоснок таъин карда шудани ташхис, ваколатдории шахси ташхисгузаронидаро доранд. Танҳо дар асоси риояи талаботи қонун ва хулосаи объективонаи коршинос, ин хулоса ҳамчун далел қабул карда мешавад.

Коршинос ба саволҳои дар наздаш гузоштаи мақомоти таъинамудаи ташхис ҷавоб медиҳад. Дар лаҳзаи тадқиқот агар ҳолатҳое пайдо шавад, ки ҷавоби он ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, коршинос метавонад дар ин бора дар хулоса ишора намояд. Худи коршинос ҳуқуқи ҷамъоварии мавод барои ташхис ва ё бе иҷозати шахси ташхис таъин карда вохӯрӣ намудан бо иштирокчиёни мурофиаро надорад.

КМҶ дар ҳолати пайдо шудани зарурат ба дониши махсус, гузаронидани ташхисро талаб менамояд. Аммо баъзе ҳолатҳое вуҷуд дорад, ки танҳо ва ҳатман бо гузаронидани ташхис ҳалли худро меёбад ва гузаронидани ин ташхисҳо ҳатмист: ин ҳам бошад барои муайян кардани сабаби марг, хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ, муайянкунии синну сол, ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии иштирокчиёни мурофиа. Дар ин ҳолатҳо хулосаи коршинос ягона далел ба ҳисоб рафта дар тамоми рафти мурофиа асос барои қабул кардани қарор бо парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

Чун анъана гузаронидани экспертиза ба як нафар коршинос вобаста карда мешавад. Лекин қонунгузор гузаронидани экспертизаи комиссионӣ ва комплексиро пешбинӣ намудааст (м.м. 213, 214 КМҶ). Экспертизаи комиссионӣ дар ҳолати пайдо шудани зарурат барои тадқиқоти мураккаби экспертӣ ва аз тарафи якчанд нафар коршиноси дорои як ихтисос гузаронида мешавад. Натиҷаи экспертизаи комиссионӣ дар ҳолати мухолифат накардани нуқтаи назари ҳамаи коршиносон, хулосаи ягона омода карда онро ҳамаи коршиносони ҷалбгардида имзо мегузоранд. Дар ҳолати мухолифат доштани нуқтаи назари коршиносон онҳо хулосаҳои алоҳида пешниҳод менамоянд ва агар мухолифатро як коршинос дошта бошад дар хулоса ақидаи ӯ бо далелҳои асоснокаш алоҳида нишон дода мешавад. Экспертизаи комплексӣ бошад дар ҳолати зарурат ба маълумоти соҳаи гуногуни дониш пайдо шудан, таъин карда мешавад. Дар ҳолати гузаронидани экспертизаи комплексӣ бояд нишон дода шавад, ки кадом коршинос, кадом қисми хулосаро бояд диҳад ва ба ҳамон хулосаи додааш ҳар як коршинос имзо мегузорад. Хулосаи умумиро бошад коршиносоне бароранд, ки дар баҳодиҳии натиҷаи ҳосилшуда салоҳият доранд. Дар ҳолати зарурӣ мақомоти тафтишотӣ, прокурор ва ё суд метавонанд ҳар кадом коршиноси дар экспертизаи комиссионӣ ва комплексӣ иштирокдоштаро даъват ва пурсиш кунанд, ки нишондоди онҳо дар қатори хулосаи додаашон далел ҳисоб меёбад. Дар ин сурат як коршиноси алоҳида ва ё ҳамаи онҳо даъват ва пурсида мешаванд.

### *Далелҳои шайъӣ*

Дар КМҶ моҳияти далелҳои шайъӣ, тартиб ва муҳлатҳои нигоҳ доштани он, тартиби ҷамъ овардани далел, тафтиши далелҳо ва баҳодиҳии онҳо мушаххас нишон дода шудааст, ки дар ҳолати пурра риоя намудани қонуни мазкур дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ашёҳои ба даст омада далел ҳисоб карда мешаванд.

*Далели шайъӣ* – ин предмети олами моддӣ буда, дар шакл ва хусусияти хос аккосӣ шудани маълумоте, ки бо парвандаи ҷиноятӣ санҷидан, баҳо додан, ҳатмӣ мебошад, дониста мешавад. Маънои калимаи «шайъ» ин «чиз» (ашё, мол, анҷом ва ғайра) аст, ки вуҷуд доштани он далелро ташкил медиҳад.

Далели шайъӣ аз рӯйи м. 78 КМҶ ин ашёе, ки ҳамчун олоти ҷиноят истифода шудааст, ё дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштааст, ё объекти таҷовузи ҷиноят будааст, пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шуда-

аст, ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайнкунии ҳолатҳои воқеии парвандаҳои ҷиноятӣ, тасдиқ ва ё радкунии айбдорӣ, сабук кардани ҷавобгарӣ хизмат кардааст, дониста мешавад.

Предметҳое, ки чун олоти ҷиноят истифода шудаанд – ин новобаста аз таъиноташ истифодабарии тамоми намуди предметҳо дар ба амалбарории кирдори ҷиноятӣ дониста мешавад. Мисоли ин дар куштор истифода шудани силоҳи оташфишон ё сард, дар дуздӣ истифода бурдани воситаҳои буриш, лом, интихоби калид ва ғайраҳо.

Предметҳое, ки дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд – ин ҳамагуна предметҳое, ки аз ҷиноят ба он осоре боқӣ мондааст дониста мешавад. Дар ҳолати дуздӣ ин дари шикастаи сейф ё дари шикастаи хона, дар ҳолати одамкушӣ ва расонидани зарари ҷисмонӣ ин либосҳои хунолуд ва боз дигарҳо ашёҳо шуданашон мумкин аст.

Предметҳое, ки объекти содир шудани кирдори ҷиноятӣ гардидаанд – он предметҳое ҳисоб меёбанд, ки ба онҳо кирдори ҷиноят бевосита равона карда шудааст. Инҳо метавонад пулҳои дуздида, мошини рабуда ва ғайраҳо бошанд.

Пул ва дигар арзишҳое, ки ба воситаи ҷиноят ба даст оварда шудаанд – ин аз содир кардани ҳаракатҳои ҷиноятӣ ба даст овардани маблағи пулӣ ва ё дигар арзишҳо ба ҳисоб меравад. Мисол: бо маблағи муайяни пулӣ содир намудани куштор ва ғайраҳо мебошанд.

Ашёи дигаре, ки барои ошкор кардани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳгорон истифода мешаванд ҳадду канор надоранд. Ба ин мисол шуда метавонад, дар ҷойи ҷиноят афтонидани ҳуҷҷати шахсии гунаҳгор, аз хонаи айбдоршавандаҳо ёфта гирифтани ашёҳои дуздида ва ғайра.

Ба ашёҳои дигаре, ки боиси рад кардани айб мегардад ҳаргуна далелҳое, ки набудани шахсро дар ҷойи ҷиноят ва ё ҳамиштирокии онро истисно менамояд дохил мегардад. Мисол: чиптаи ҳавопаймоии қайдгардида, ки ҳамон вақту рӯз дар ҷойи ҳодиса набудани гумонбаршударо шаҳодат медиҳад ва монанди ин дигар ашёҳо (предметҳо) мебошанд.

Предмети ба даст омада он гоҳ далели шайъӣ эътироф мешавад, ки агар шартҳои зерини қонун муқаррар карда риоя шуда бошанд;

– ҳолати пайдо кардан ва гирифтани далел дар асоси талаботи КМҶ амалӣ шуда бошад;

– далели шайъи муфассал азназаргузаронида шуда мукаммал дар протокол нишон дода шуда бошад;

– далели шайъӣ ба парвандаи ҷиноятӣ бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва ё таъиноти суд ҳамроҳ карда шуда бошад.

– далели шайъӣ бояд дуруст нигоҳдорӣ карда шавад. Чун қоида далели шайъӣ бо парвандаи ҷиноятӣ дар якҷоягӣ нигоҳ дошта мешавад. Бо риоя накардани талаботи номбурда гирифтани предметҳо ва ашёҳоро далел ҳисобидан мумкин нест.

Ашёе, ки далели шайъӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ё бино ошкор шудааст, ҳангоми пешбурди кофтуков, ёфта гирифтан, озмоиши тафтишӣ ё амали дигари тафтишӣ гирифта шудааст ё бо талаби муфаттиш аз корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон пешниҳод кардаанд, бо иштироки шахсони холис аз назар гузаронида мешаванд. Дар азназаргузаронӣ муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ доранд гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид, инчунин мутахассисро ҷалб намоянд.

Далели шайъӣ якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешавад (қ. 1 м. 79 КМҶ). Дар ҳолати далели шайъӣ ҳаҷми калон доштан ва ё бо сабабҳои дигар имконияти дар парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ доштанро надоштан, он гоҳ ин далел аксбардорӣ карда, мӯҳр зада, дар ҷойе, ки тафтишбаранда ё суд нишон медиҳад, нигоҳ дошта мешавад. Дар бораи далели шайъӣ эътироф намудани ашё ва ба парванда замима кардани он муфаттиш қарор мебарорад. Дар ҳамин қарор масъалаи ба парванда ҳамроҳ кардани далели шайъӣ ё ба молики он ё ба шахсони дигар ё ба ташкилот барои нигоҳ доштан, супоридани он ҳал карда мешавад. Ба кучое, ки парвандаи ҷиноятӣ ирсол карда мешавад ва ё аз як муфаттиш ба муфаттиши дигар ва ё аз як суд ба судӣ дигар дода мешавад, далели шайъӣ низ якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ супорида мешавад. КМҶ ҳатто муқаррар кардааст, ки агар нигаҳдории далели шайъӣ бар зарари парвандаи ҷиноятӣ набошад, он гоҳ далел ба нигоҳубини соҳибаш вогузор карда шуда ӯ огоҳонида мешавад, ки дар сурати содир кардани ҳаракати ғайриқонунӣ нисбат ба далелҳои шайъӣ тибқи қонунгузории ҷорӣ ба ҷавобгарии мушаххас кашида мешавад.

Далели шайъӣ то эътибор пайдо кардани ҳукм ва бо парвандаҳои ҷиноятии қатъшуда то ба охир расидани муҳлати шикоят нигоҳ дошта мешавад. Дар мавриде, ки оид ба далели шайъӣ баҳси ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, далелҳои шайъӣ то эътибори қонунӣ пайдо кардани санади суд нигоҳ дошта мешавад. Далелҳои шайъии зуднобудшаванда, ки имконияти ба ҷабрдида баргардонидани он нест барои мақсаднок истифода бурдан ба муассисаҳои дахлдор супорида мешавад. Агар зарур шавад ба ҷойи онҳо ба соҳибаш чизҳои ба ҳамин монанд ва ё арзиши он пардохт карда мешавад.

Далели шайъӣ, агар олоти ҷинояти айбдоршаванда бошад ва инчунин далелҳои шайъии гардишаш манъ буда мусодира карда шуда ба муассисаи дахлдор супорида мешавад ва ё несту нобуд карда мешавад. Пул ва дигар арзишҳои қимматноке, ки бо роҳи ҷинояткорӣ ба даст оварда шудаанд ва далелҳои мансубияташ ба ки тааллуқдоштанаш номаълум ба давлат супорида мешавад. Боқимонда далелҳои шайъӣ ба соҳибонашон баргардонида мешавад. Далелҳое, ки арзиш надорад ва ё истифодабарии он имконнопазир аст, несту нобуд карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳое, ки далели шайъӣ ҳисобида шудаанд то муҳлати нигоҳдории парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ё бо дархости корхонаю ташкилоти манфиатдор ба онҳо баргардонида мешаванд.

Суд он вақт ашёро далели шайъӣ эътироф менамояд, ки ҳолатҳои зайл риоя шуда бошад: бо тасвири мукаммали он, мӯҳргузорӣ ва дигар чунин амал, ки фавран баъди ба даст овардани он анҷом дода, имконияти иваз кардани он, ба таври назаррас тағйир додани нишона, хусусият, изҳои дар он мавҷуда бартараф карда шуда бошанд, он бевосита пеш аз таҳқиқ дар суд аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид шинохта шуда бошад.

### *Протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ*

Протоколи амали тафтишӣ, ки мувофиқи талаботи қонун тартиб дода шудааст, ҳолатҳоеро тасдиқ мекунанд, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, нишон додан барои шинохтан, санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯйи телефонӣ ва дигар воситаҳои техникии алоқа ҷой доштанд, инчунин протоколи маҷлиси суд, ки мутобиқи қонун тартиб дода шудаанд, далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ эъти-

роф карда мешаванд (м. 81 КМҶ). Ғайр аз ин, протоколи ҳабс гузоштан ба молу мулк, протоколи гирифтани намунаҳо барои ташхис, ки дар доираи талаботи қонун амалӣ карда шудааст, далел бо парвандаи ҷиноятӣ ҳисоб меёбанд. Протоколи амали тафтишӣ ва маҷлиси судӣ ҳуҷҷати хаттиест, ки дар он рафт ва натиҷаи амалҳои тафтишӣ ва судии гузаронидашуда, айнан қайд карда мешаванд.

Сабаби протоколи амали тафтишӣ ва маҷлиси судиро далели алоҳида эътироф кардан дар он аст, ки муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд ва ё судя предметҳо ва ҳолатҳоеро, ки бевосита дида худ ба амал баровардааст дар протокол айнан инъикос менамоянд, ки ин протокол бояд ҷавобгӯйи талаботи КМҶ бошад. Аз он ҷумла, иштироки шахсони холис, мутахассис ва ё дигаронро, ки қонун иштироки онҳоро ҳатмӣ донистааст, бояд дар рафти гузаронидани амали тафтишӣ иштирок дошта бошанд ва инро бо имзои худ тасдиқ намоянд. Аз ҳамин сабаб, нишондоди шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки ҳамаи онҳо бо тартиб додани протокол ба иҷро расонида мешавад, фарқият дорад. Муҳимияти ин протоколҳо дар он аст, ки шахси ваколатдори онро иҷро мекарда ҳолати муайянкарда ва мушоҳида кардаашро ба ҳамон шакле ки ҳаст сабт менамояд. Дар протоколи маҷлиси судӣ ҳамаи амалҳои гузаронидашуда пайдарпай оварда мешаванд, ғайр аз гузаронидани экспертиза. Дар тафтишоти пешакӣ бошад оид ба ҳар амали тафтишии амалигардида, дар алоҳидагӣ протокол тартиб дода мешавад.

Ба риояи талаботи мурофиавии протоколи амали тафтишӣ аҳамияти ҷиддӣ дода пуррагии он ҳаматарафа таъмин ва мафҳуму моҳияти он бояд фаҳмо нишон дода шуда бошад. Протоколи амали тафтишӣ ва маҷлиси судӣ танҳо аз тарафи шахси ваколатдор тартиб дода мешавад. Дар он ҳамаи ҷузъиётҳо, аз он ҷумла имзои ҳамаи иштирокчиён ҳатмист.

Ба протоколи амали тафтишӣ ва маҷлиси судӣ аксбардорӣ, сабти овоз ва видеоӣ татбиқ шуда бошад ё қолабгирӣ ва нақшгирӣ анҷом дода шуда, нақшаю тарҳ кашида шуда бошад, пас дар протокол воситаҳои техникие, ки ҳангоми анҷом додани амали дахлдори тафтишӣ истифода бурда шудаанд, шарт ва тартиби татбиқи онҳо, объектҳое, ки нисбати онҳо ин воситаҳо татбиқ шудаанд ва натиҷаҳои ба даст омада бояд инъикос гарданд (қ. 4 м. 172 КМҶ). Пеш аз истифодабарии воситаҳои техникӣ ҳатман иштирокчиёни он огоҳ карда мешаванд, ки кадом намуди воситаҳои техникӣ ва дар кадом андоза истифода бурда мешавад ва ин ҳолат дар протоколи амали тафтишӣ нишон дода мешавад (м. 201 КМҶ). Ба тариқи гайриошкоро сабт намудани гузаронидани амали тафтишӣ бар хилофи қонун буда он эътибори далелӣ надорад.

КМҶ дастӣ навиштан, чоп кардан ва ё бо тарзи компютерӣ тартиб додани протоколи амали тафтиширо иҷозат додааст. Аз тартибдиҳии сифатнокии протокол, дар он пайдарҳам нишон додани амалҳои иҷрошуда, фаҳмонида додани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни он ва ҳатман бо имзои ҳамаи иштирокчиён тасдиқ намудани маълумоти ба даст оварда имконият медиҳад, ки протоколи амали тафтишӣ бо парвандаи ҷиноятӣ далел ҳисоб карда шавад. Чи худи протокол ва чи мазмуни дурусти он дар якҷоягӣ далел шуда метавонанд. Барои ин ҳам шахси ваколатдори протокол тартибдиҳандаро зарур аст, ки танҳо дар доираи талаботи КМҶ онро тартиб диҳад, ки хусусияти далел доштани худро гум накунад.

Натиҷаи протоколи амалҳои тафтишӣ, ки дар он ҳолату далелҳои дар рафти азназаргузаронӣ, шаҳодаткунӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси молу мулк, барои шинохтан пешниҳод кардан, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯйи телефонӣ

ва дигар гуфтушуниди айбдоршаванда, судшаванда ва ё дигар шарикони ҷиноят муқарраршуда, ки дар он ҳолатҳои барои парванда аҳамиятнок инъикос ё тасдиқ шудаанд, аз тарафи раисикунанда дар мурофиаи судӣ эълон карда мешавад. Вобаста аз зарурати ба миён омада раисикунандаи мурофиа протоколи амали тафтиширо қисман ва ё пурра эълон менамояд (м. 322 КМҶ). Инчунин барои боваринок ҳисобидани протоколҳои амали тафтишӣ суд метавонад шахсони холис ва дигар шахсони иштироknамударо даъват ва пурсиш намояд.

Протоколи маҷлиси судии парвандаи ҷиноятӣ бояд аз ҷониби раисикунанда ва котиб таҳия ва на дертар аз панҷ шабонарӯз аз лаҳзаи хотимаи маҷлиси суд имзо карда шавад. Пас аз ба имзо расидани протоколи маҷлиси судӣ тарафҳо дар муҳлати панҷ шабонарӯз эродҳои худро доир ба протокол пешниҳод менамоянд. Муҳлати бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шуда эрод овардан мумкин аст ва аз тарафи раисикунанда бо дархости тарафҳо то даҳ шабонарӯз дароз карда шавад (м.м. 293 ва 294 КМҶ). Ин эродҳои тарафҳо дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар зинаҳои болои ҳамчун далел асоси омӯзиш ва предмети баҳодиҳӣ қарор мегирад.

Протоколи амали тафтишӣ дар ҷараёни пешбурди тафтиш ё бевосита баъди ба охир расидани он тартиб дода мешавад. Ба кашолдиҳии тартиб додани протоколи амали тафтишӣ роҳ додан мумкин нест, ки ин мумкин боиси изофанависӣ ва ё нодақиқ нишон додани натиҷаҳои ба даст омада гардад.

Протоколи амали тафтиширо вобаста аз сохташ ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст. Аввалан, ба қисми муқаддимавӣ, ки дар он маҳал ва санаи пешбурди амали тафтишӣ, вақти оғоз ва анҷоми он, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол, ном ва номи падари ҳар шахсе, ки дар амали тафтишӣ иштирок намудааст бо нишон додани суроғаи ӯ, фаҳмонида додани ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокчиёни амали тафтишӣ, дар ҳолати истифода шудани воситаҳои техникӣ фаҳмонида додани истифодабарии он ба иштирокчиён нишон дода мешавад. Дар ҳамин қисми протокол нишон додани ҷойи кор, ба чи корҳои ҷамъиятӣ машғул будан, дар кадом мақомоти интихоботӣ иштирок карданро нишон додан аз манфиат дур нест. Муайян кардани шахсияти пурраи пурсидашаванда имконият медиҳад, ки тафаккури пурсидашаванда ба ҳолати ҳодисаи тафтишшудаистода то чи андоза ҳаққонӣ ва объективона аст, муайян гардад (мисол: вакил будан, дар вазифаҳои масъул хизмат кардан, маълумоти кофӣ доштан ва ғ.).

Дуввум, бошад қисми баёнияи протокол, ки дар он муфассал амали мурофиавӣ бо ҳамон тартибе, ки онҳо ҷой доштан ва ба иҷро расонида шудаанд, нишон дода мешавад. Дар ин қисмат амали иҷро шуда бе ягон иловагӣ ва фаҳмиши зиёдатии шахси онро гузаронанда (муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд ё судя) навишта мешавад. Дар ҳамин қисмати протокол инчунин намуди воситаи техникӣ, тарзи истифодабарии он, тамғаи техникаи истифодашаванда низ нишон дода мешавад. Ҳамчунин кадом объектҳо аксбардорӣ ва ё сабт шудааст, тарҳи кадом изҳо омода ва гирифта шудааст нишон додан зарур аст. Он ҳолате, ки бо воситаи техникӣ ба даст оварда шудааст, дар протоколи амали тафтишӣ ҳатман нишон дода шавад, ки моҳияти далел будани худро гум накунад. Навор ва сабтҳои омодашуда бояд дар протоколи амали тафтишӣ айнан нишон дода шаванд, ки минбаъд ин натиҷаҳои ба даст омада далел ҳисобида шаванд.

Сеюм, ин қисми хулосавии протоколи амали тафтишӣ мебошад, ки дар он кадом предметҳо ва ё ҳуҷҷатҳо дар рафти амалиёт гирифта шудааст, нишон дода мешавад. Ҳамчунин дар ин қисм шинос намудани иштирокчиёни амали тафтишӣ бо протокол ва дар ҳолати ворид шудани арзу дархост нисбати тартиби гузаронидани амали тафтишӣ онро қайд кардан ва ё сабаби қайд нашуданашро нишон

додан шарҳ дода шуда бо имзои иштирокчиён дурустии тартиб додани протокол ва истифодабарии воситаҳои техникӣ ҷамъбаст карда мешавад.

### *Сабтҳои пинҳонӣ*

Сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далел бори аввал дар КМҶ нишон дода шудааст. Зарурати далел эътироф намудани сабтҳои пинҳонӣ ин аст, ки сол то сол ҷиноятҳои махсусан хавфнок зиёд шуда, барои ошкор намудани ин ҷиноятҳо истифодабарии техникаи махсуси кофтуковӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Истифодабарии воситаҳои махсуси техникӣ, ки бо он сабтҳои пинҳонӣ ба амал бароварда мешавад, қонунгузор ба мақомоти дахлдор вогузор кардаст, ки танҳо он мақомот бо риояи талаботи қонунҳои ҷорӣ онро амалӣ карда метавонанд, ки натиҷаи он имкон медиҳад ҳамчун далел истифода бурда шавад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мудофиа, адлия, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, гвардияи миллӣ, гумрук, мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад. Номгӯйи дигари мақомоте, ки истифода аз воситаҳои техникиро барои сабтҳои пинҳонӣ дошта бошанд, вуҷуд надорад. Ҳамаи сабтҳои пинҳонӣ ин бо роҳи ғайриошкоро ба даст овардани иттилооти ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта دониста мешавад.

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011 таҳти № 506 «Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯйи намудҳои воситаҳои махсуси техникие, ки барои ғайриошкоро ба даст овардани иттилоот дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъин гардидаанд» рӯйхати воситаҳои техникии махсус оварда шудааст, ки бо истифодабарӣ аз онҳо сабтҳои пинҳонӣ ба амал бароварда мешаванд.

Сабтҳои пинҳонӣ он вақт далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҳисобида мешаванд, ки агар дар доираи қонунҳои соҳавӣ амалӣ шуда, дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо роҳи мурофиавӣ санҷида, боэътимодии он тасдиқи худро ёфта бошанд. Ҳангоми мухолифат кардани сабтҳои пинҳонӣ ба талаботи КМҶ оид ба далеловарӣ вай далел ҳисобида намешавад.

### *Гуфтугӯйи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида*

Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрамияти суҳбатҳои телефониро яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон дониста онро зери ҳимояи бевоситаи худ гирифтааст. Дар м. 23 Конститутсия халалдор шудани маҳрамияти суҳбатҳои телефонии шахсро ба тариқи истисноӣ дар мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст пешбинӣ намудааст. Ин низоми ҳуқуқиро КМҶ низ танзим карда маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавиро дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонунгузорӣ бевосита муқаррар кардааст, мумкин мешуморад.

Қонунгузор бо парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ба шарти мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои таъмини он ки гуфтугӯйи телефонии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар шахсон ё гуфтугӯ бо дигар воситаҳои алоқа, ки дорои маълумот дар бораи ҷиноят шуда метавонанд ё дорои маълумоти барои парванда аҳамиятнок мебошанд, бо иҷозати суд, судя гӯш ва сабт кардани ин гуфтугӯҳоро иҷозат додааст. Ҳамчунин дар ҳолати мавҷуд

будани таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, тамаъкорӣ ва дигар амали ҷиноятӣ нисбат ба ҷабрдида, шоҳид ё аъзои оилаи онҳо, тибқи аризаи хаттии онҳо ё ҳангоми мавҷуд набудани чунин ариза тибқи дархости муфаттиш бо иҷозати суд, судя мумкин аст гуфтугӯе, ки тавассути телефонӣ онҳо ё бо воситаи дигари алоқа сурат мегирад гӯш ва сабт карда шаванд.

Мутобиқи талаботи м. 146 КҶ бошад барои вайрон кардани маҳрамияти суҳбатҳои телефонӣ ҷазои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст. Ҳам Конститутсия ва ҳам КҶ бо ин талаботи худ дахлнопазирии суҳбатҳои телефониро кафолат доданд. Тартиби гӯш кардани гуфтугӯйи телефонӣ дар КМҶ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи алоқа» ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд. Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯйи телефонӣ ба тариқи истисно дар ҳолатҳои зерин бо иҷозати суд амалӣ карда мешавад: *дар ҳолати таҳдид ба амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти иқтисодӣ, пешгири ҷиноят, муайян ва ошкор кардани ҷиноят ва ҷиноятկор, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс.* Ғайр аз ин, бо аризаи шахс дар ҳолатӣ таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва моликияти ӯ иҷозат дода мешавад, ки гуфтугӯйи телефонӣ аз телефони худи ӯ дар асоси қарори роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативию ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд гӯш ва сабт карда шавад.

Мувофиқи талаботи сархати 14 м. 35 КМҶ гӯш ва сабт кардани гуфтугӯйи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳоро танҳо суд ҳуқуқи иҷозат додан дорад. Дигар ҳолатҳои гӯш ва сабти гуфтугӯйи телефонӣ ғайриқонунӣ буда, бо парвандаи ҷиноятӣ далел ҳисоб карда намешавад.

Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ на вобаста аз шабакаҳои телефонӣ (яъне чӣ хусусӣ ва чӣ давлатӣ) – ин бо роҳи пинҳонӣ назоратбарии сомеавӣ ба ҳисоб рафта, бо истифода аз воситаҳои техникӣ аз тарафи мақомоти махсусгардонидашуда гӯш ва сабт карда мешавад. Мақсади ба амал баровардани ин амали тафтишӣ ба даст овардани маълумот дар бораи фаъолияти ҷиноятկоронаи шахси таҳти назорат қарордодашуда, ошкорсозии алоқаи ҷиноятկоронаи ӯ бо дигар ҳаммаслаконаш, аниқсозии тарзу усули содиркунии ҷиноят, барои муайянсозии молу ашёи бо роҳи ҷиноятӣ ба даст овардаи он шахс ва дар куҷо пинҳон кардани он далелҳо ва дигар ҳолатҳои барои фошсозии ҷиноят аҳамият дошта иборат мебошад. Бо истифода аз гӯш ва сабт кардани гуфтугӯйи телефонӣ инчунин шахсони дар кофтуков қарордошта муайян ва дастгир карда мешаванд.

Барои ба даст овардани ин далел муфаттиш ва прокурор қарор мебароранд. Қарори муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ бо дархости прокурор ба судя пешниҳод карда мешавад, ки онро судя бе котиб, шахсан ва фавран баррасӣ менамояд. Судя дар сурати мавҷуд будани маълумоти зерин иҷозати ба амал баровардани ин амали тафтиширо медиҳад.

1) Дар ҳолати ҷой доштани кирдори ҷиноятии тайёршаванда, содиршаванда ва ё содиршуда, ки бо он пешбурди тафтишотӣ пешакӣ ҳатмист.

2) Нисбати шахсони кирдори ҷиноятиро тайёркунанда, содиркунанда ва ё содиркарда, ки бо он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист.

3) Нисбат ба ҳодиса ва ё ҳаракатҳое, ки ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва иттилоотию экологии давлат таҳдид мекунад.

Муҳлати гӯш ва сабт кардани гуфтугӯйи телефонӣ то шаш моҳ иҷозат дода мешавад. Дар ҳолати ба миён омадани зарурат бо қарори асосноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор онро судя метавонад боз ба муҳлати муайяне дароз намояд. Мақомоти гӯш ва сабткунанда новобаста аз натиҷаҳои ба даст овардааш бо ба итмом расидани муҳлати судя муқарраркарда идомаи ин амали

тафтиширо қатъ менамояд. Бо парвандаҳои ҷиноятии қатъгардида ва парвандаҳои ҷиноятии ба суд ирсол карда давом додани гӯш ва сабти гуфтугӯйи телефонӣ иҷозат дода намешавад.

Дар тӯли тамоми мӯҳлати муқарраршудаи гӯшкунӣ ва сабткунии гуфтугӯйи телефонӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад, дар ҳар вақту замон фонограммаро барои азназаргузаронӣ ва шунидани он талаб карда гирад. Дар навбати худ бошад мақомоти гӯш ва сабтро ба амал бароварда фонограммаро ба муфаттиш дар шакли муҳршуда бо мактуб равон менамояд. Муфаттиш азназаргузаронӣ ва шунидани фонограммаро бо иштироки шахсони холис (ҳангоми зарурат бо иштироки мутахассис) гузаронида дар ин бора протокол тартиб медиҳад.

Ба ҳамин ҳолат бояд диққат дод, ки гуфтугӯйи телефониро гӯш ва сабт кардан, аз гӯш ва сабт кардани дигар гуфтугӯйҳо куллан фарқ дорад. Қонунгузор танҳо маҳрамияти гуфтугӯйи телефониро кафолат додааст. Дигар гуфтугуйҳое, ки гӯш ва ё сабт карда мешаванд, аз он ҷумла гӯш ва ё сабт кардани гуфтугӯйи тарафҳо дар кӯчаҳо, толорҳо, тарабхонаҳо, утоқҳои корӣ, биноҳо, иншоотҳо, дар воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо иҷозати судяро талаб наменамояд.

### *Мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ*

Бо тараққиёти ҷамъият ва пешрафти илму техника, ҷинояту ҷинояткорӣ низ дар канор намонда, бо истифодаи техникаҳои гуногун ба худ шаклҳои нав ва роҳҳои гуногунро пеша мекунанд. Хато нест, ки баъзе гурӯҳҳои мутташаккили ҷиноятӣ дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз воситаҳои техникии пешрафта бархурдор ҳастанд. Ин ҳолат талаб менамояд, ки дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ошкор кардани ҷиноят, муайян намудани ҳамаи иштирокчиёни он аз воситаҳои техникӣ ҳаматарафа истифода бурда шавад. Бо назардошти ин ҳам КМҶ бори аввал мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофониро ҳамчун далел эътироф кардааст, ки ин ҷавобгӯйи талаботи замон мебошад.

Пешравии техникӣ, истифодабарии мушоҳидаҳои электронию видеоӣ дар ҷамъият ба дараҷае тараққи кардааст, ки истифодабарии ин сабту наворҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ногузир гардидаанд. Имрӯзҳо наворбардории видеоӣ ва мушоҳидаи электронӣ намуди нави ҷамъоварии маълумот ба ҳисоб рафта дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодабарии онҳо ба ошкорсозии ҷиноят мадади калон мерасонад.

Мафҳуми мушоҳидаҳои электронӣ аз мафҳуми истифодабарии воситаҳои техникӣ барои таъмини фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯи васеъ буда, дар он дигар далелҳои ба даст оварда мешаванд, ки минбаъд тафтиш ва тасдиқи мурофиавии худро ёфтаанд, дохил мегардад.

Бо мушоҳидаҳои видеоӣ он сабтҳое, ки мақсаднок ба навор гирифта шудааст ва ё бемақсади муайян сабт гардидааст, дохил мегардад. Бо мақсади муайян ба навор гирифтан сабти ин ва ё он ҳодисаву воқеа ба шумор меравад, ки фақат барои ҳолати тафтишшаванда равон карда шудааст. Ин ба сабт гирифтани нишондоди шоҳид ва ё сабти нишондоди айбдоршаванда дар ҷойи ҷиноят ва ғайраҳо шуда метавонад. Ба сабтҳои видеоии бемақсад ин ба навор гирифтани рафти тӯй, сабти автоматии видеоии биноҳо, корхонаҳо ва ғайраҳо, ки дар лаҳзаи сабти видеоӣ мақсади сабткунанда дар минбаъд истифода бурдан ба тафтиши парвандаи ҷиноятӣ равон карда нашудааст.

Мушоҳидаҳои электронӣ, видеоӣ ва манитофониро вобаста аз сарчашмаи ба вуҷуд омадаашон ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

– маводи мушоҳидавии электронӣ, видео ва магнитофонии аз ФОҶ ба тафтишот ворид шуда;

– маводи мушоҳидавии электронӣ, видео ва магнитофонии аз шаҳрванд, корхонаҳо ва шахсони мансабдор ба тафтишот дохил шуда;

– маводи мушоҳидавии электронӣ, видео ва магнитофонии дар рафти амалҳои тафтишӣ ба даст оварда шуда.

Бо гурӯҳи аввал он маводе, ки шахсони ваколатдори оперативӣ дар асоси риояи талаботи Қонуни ФОҶ, ҷамъ овардаанд, дохил мегардад. Ҷамъоварӣ ва ба тафтишу таҳқиқ пешниҳод намудани маводи мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонии шахси ваколатнадошта далел ҳисоб намеёбад.

Дар таҷриба оид ба маълумоти бо роҳи воситаҳои техникӣ ба даст овардаи кормандони оперативӣ, ки бояд дар рафти тафтишот далел ҳисоб ёбад баҳсу мунозираҳо гуногунанд. Аксар вақт бо гирифтани маълумоти электронӣ, видеоӣ ва магнитофони кормандони оперативӣ дар марҳилаи амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бояд ки сарчашмаи бадастории онро муайян намоянд. Барои ин маълумотро тасдиқ кунонидан, дар таҷриба кормандони оперативӣ ба сифати шоҳид пурсида мешаванд. Маълумоти мазкур дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аксар бо роҳи ғайриошкоро ба даст оварда мешавад. Барои ин ҳам ошкор намудани ин маълумот мумкин аст боиси фош гардидани сирри давлатӣ гардад. Бо вуҷуди ин ҳам маводи бо воситаҳои тахникӣ ба даст оварда бояд ба талаботи имконпазирӣ ва мансубияти далелҳо ҷавобгӯй бошад. Барои ин бояд дар куҷо, кай, дар кадом ҳолат ин маълумотро омода ва ё ба даст оварда шудааст, бояд маълум карда шавад.

Ба гурӯҳи дуюм бошад он мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофоние, ки шаҳрванд, аз он ҷумла ҷабрдида, шоҳид, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда дар вақти пурсиш ва ё бо дархости хаттӣ, инчунин корхонаву шахсони мансабдор дар асоси мактуб пешниҳод менамоянд, дохил мешавад. Ин маълумот мумкин аст, то ҷиноят, рафти содиршавии ҷиноят ва ё пас аз содиршавии ҷиноятро сабт ва ё ба навор гирифта бошанд. Ин маълумоти дарҷгардида барои ошкоркунии ҷиноят ва тафтиши он ҳаматарафа бояд мадад расонанд. Бо роҳи пешниҳод намудани чунин далелҳо иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи худро дар иштирок намудани исбот амалӣ менамоянд. Гарчанде, ки қонунгузор тартиби аниқи гирифтани ин гуна маводро нишон надодааст, аммо аз тарафи шахси онро қабул мекарда (муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, судя ва суд) бояд протоколи гирифтан бо талаботи умумӣ тартиб дода шавад. Дар протокол бо иштироки холисон ва дигар иштирокчиён ҳатман, аз кӣ, дар асоси ариза ё нишондод гирифтани сабтҳои электронӣ, видеоӣ ва магнитофонӣ, дар кадом ҳолат (дар баста ё тариқӣ кушод), инчунин азназаргузаронии сабтҳои он ва нишон додани лаҳзаҳои аниқи он, бастан ва муҳр задани он барои минбаъд нигоҳ доштан, нишон дода мешавад. Протокол дар ду нусха тартиб дода шуда як нусхаи он ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ ва нусхаи дигари он ба шахси аз ӯ мушоҳидаҳо гирифта шуда дода мешавад. Бо гирифтани сабтҳо, агар дар ҷояш имконияти онро дида баромадан набошад, муфаттиш метавонад дар ҷойи дигар азназаргузарониро ба амал бароварда, протокол тартиб диҳад.

Ба гурӯҳи сеюм бошад мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофоние, ки худи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ё судя дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба даст овардаанд, дохил мегардад. Ин мавод мумкин аст, дар вақти азназаргузаронӣ, кофтуков, инчунин гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ ба даст омада бошад.

Истифодабарии воситаҳои электронӣ, видеоӣ ва магнитофонӣ аз дигар воситаҳои истифодашуда ва ҳатто протоколи амали тафтишӣ бартарӣ дорад, чунки дар он пуррагӣ, саҳеҳӣ, айният ва боваринокӣ дар шакли асл сабт мегардад. Шарти асосии истифодабарии воситаҳои техникии номбаршуда аз инҳо иборат аст: илман асоснок будан, ба иштирокчиёни амали тафтишӣ ва муҳити атроф зарар надоштан, шаъну шарафи шахсро таҳқир накардан, асоси ҳуқуқӣ доштан ва аз манфиат холӣ набудан аст.

### *Ҳуҷҷатҳои дигар*

Ҳуҷҷат дар мурофиаи ҷиноятӣ ин объекти дорандаи навиштаҷот буда, дар он шахси расмӣ ва ё шаҳрванд ба тариқи умум ва фаҳмо маълумотеро, ки барои ҳалли масъалаи баррасишаванда аҳамият дорад, сабт намудааст, мебошад. Ба ҳуҷҷатҳо ҳаргуна маълумотномаҳо, хабарҳо, забонхат, хислатнома ва ғайраҳо дохил мешавад.

Мувофиқи м. 82 КМҶ ҳуҷҷатҳои дигар (ғайр аз протоколҳои амали тафтишӣ ва судӣ) ҳамчун далел эътироф мешаванд, ба шарте, ки маълумоти дар онҳо аз ҷониби корхонаю ташкилот, шахсони мансабдор ва воқеӣ инъикос ё тасдиқнамуда барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта бошад. Аз мафҳуми КМҶ бармеояд, ки ҳуҷҷатҳои дигар аз тарафи корхонаву ташкилот, шахсони мансабдор ва воқеӣ пешниҳод мегардад ва дар он маълумоти инъикосшуда ва ё тасдиқнамуда барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятнок бояд бошад. Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дигари ба парвандаи ҷиноятии аҳамият надошта, далел ҳисобида намешавад.

Дар ҳуҷҷат мумкин аст, маълумот навишта шуда бошад (кашидани ҳаргуна лоиҳа, тарҳ, сурат ва ғайра), ё бо ҳаргуна аломату ишораҳои дигар инъикос ёфта бошад. Дар ҳуҷҷатҳои дигар ҳам ҳолати тасдиқкунанда ва ҳам ҳолати радкунандаи айбдории кас ҷой дошта метавонад. Мисол: забонхат дар бораи қарз доштан, маълумотномаи доғи судӣ дошта ва ғайраҳо, ки ба ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дохил мегарданд.

Ҳуҷҷатҳое, ки ҳамчун далел эътироф мегарданд, чӣ аз тарафи ташкилоту корхона ва чӣ аз тарафи шахсони алоҳида пешниҳод шуда метавонанд. Дар ҳолати аз ташкилоту корхона ворид шудани ҳуҷҷат бояд он ҳаматарафа омӯхта шуда, ваколатдории он ташкилоту корхонаи дар бораи додани чунин ҳуҷҷат санҷида мешавад. Дар ҳолатҳои лозимӣ барои тасдиқи ин маълумот аз тарафи мақомоти тафтишотӣ ва ё судӣ ба он корхонаи маълумот пешниҳоднамуда дархост ирсол карда дурустии ҳуҷҷати пешниҳодшуда санҷида мешавад. Дар ҳуҷҷати ташкилоту корхона ва муассисаҳо бояд қайд, муҳри корхона вуҷуд дошта бошад.

Ҳуҷҷатҳои ифодакунандаи ин ва ё он ҳолат, ки аз тарафи ташкилоту корхонаҳо дода мешавад ва ҳуҷҷати расмӣ ҳисоб меёбад: ба монанди хислатнома, протоколи маҷлис, қарорҳои мушовара шуда метавонанд. Инчунин, ариза, баёнот, мактуби шахс, ки барои ҳолати парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятнок аст, далел ҳисобида мешавад. Гарчанде, ки дар доираи талаботи КМҶ омода нашуда бошанд ҳам. Дар ин сурат шахси онро пешниҳоднамуда бо ҳолати ҷиноят пурсида мешавад.

Дар ҳолати ин ва ё он шакли ҳуҷҷат, ки ҳамчун олоти ҷиноят ба ҳисоб меравад (ба монанди мактуби тамаъҷуёна), ва ё дар ҳуҷҷат боқӣ мондани осори ҷиноят (ба монанди табели пулгирӣ бо имзои шахсони вуҷуд надошта) ин ҳуҷҷатҳо бо парвандаи ҷиноятӣ далели шайъӣ ҳисоб меёбанд. Ҳуҷҷатҳои исбот-

кунандаи ин ва ё он ҳолат дар парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҳуҷҷатҳои далели шайъӣ бошад бо роҳи азаназаргузаронӣ ва бо қарори асоснок ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Гарчанде, ки дар м. 72 КМҶ мушоҳидаҳои электронӣ, видеоӣ ва магнитофонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар дар алоҳидагӣ ҳамчун далел нишон дода шуда бошад ҳам, қонунгузорӣ маводи аккосӣ ва наворҳои кино, сабти аудиою видеоро дар м. 82 КМҶ ба қатори ҳуҷҷатҳои дигар дохил намудааст, ки мантиқан дуруст ҳисоб меёбад.

Фарқияти ҳуҷҷатҳои дигар аз боқимонда далелҳои тавсифшуда дар он аст, ки аввалан ҳуҷҷатҳои дигар бе риояи талаботи мурофиавӣ-ҷиноятӣ омода шудааст, дуввум ин ки онро шахси аз ҷиҳати мурофиавӣ ваколатдор набуда омода кардааст. Ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳои дигар аз протоколи амали тафтишӣ ва судӣ бо шарти омодашуданашон низ фарқият доранд. Ҳуҷҷатҳои дигар ба *«шакли тайёр»* пайдо мегарданд ва баҳодиҳии чунин далелҳо диққати махсусро талаб менамояд, ки имконпазирӣ ва мансубият доштани онҳо ҳамчун далел бо парвандаи ҷиноятӣ бебаҳс бошад.

Ҳуҷҷатҳои ба маҷлиси суд пешниҳодгардида мумкин аст, бо таъиноти (қарори) суд, судя ва дар рафти тафтиши пешакӣ пешниҳодгардида бо қарори тафтишбаранда ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Далел чист?
**2.** Таснифи далелҳо аз рӯйи кадом асосҳо ба намудҳо ҷудо карда шудаанд?
**3.** Дар муносибат ба айбдорӣ далелҳо ба кадом намудҳо ҷудо мешаванд?
**4.** Намудҳои далелҳо.
**5.** Далелҳои шайъӣ ва шахсӣ кадомҳоянд?
**6.** Ҳуҷҷатҳои дигар ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**7.** Протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ: нақши онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**8.** Сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**9.** Мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ.
**10.** Гуфтугӯйи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
**3.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
**4.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
**5.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.
**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

7. Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш: фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.06.2005 с. таҳти № 1570.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯйи намудҳои воситаҳои махсуси техникие, ки барои ғайриошкоро ба даст овардани иттилоот дар чараёни амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъин гардидаанд» аз 7.10.2011 с. таҳти № 506.

9. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

10. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

11. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

12. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
2. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.
3. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.
4. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
7. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.
8. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.
9. Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.
10. Александров А.С., Бостанов Р.А. Использование производстных доказательств в уголовном процессе. – М., 2012.
11. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.
12. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**14.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**15.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**16.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**17.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**18.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**19.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**20.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**21.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**22.** Шейфер С.А. Доказательство и доказывание по уголовным делам : проблемы теории и правового регулирования. – М. : Норма, 2009.

**23.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

# БОБИ 7.
# ИСБОТ

## § 1 Мафҳум ва мақсади исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ

Табиати ҳар як қонун муайянсозии ҳақиқат ва бо ин роҳ барқарорсозии адолат мебошад. Барои баррасии қонунӣ ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои зерин ҳатман бояд исбот карда шаванд:

– ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят);

– ҳолатҳое, ки шахсияти ҷиноятkорро муайян мекунад;

– ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад;

– ҳолатҳое, ки метавонад боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гардад;

– ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайн мекунад;

– ҳолатҳои сабуккунанда ва ё вазнинкунандаи ҷавобгарии айбдоршаванда;

– ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунад;

– ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд (м. 85 КМҶ).

Мурофиаи ҷиноятӣ ин фаъолияти давлатиест, ки дар асоси талаботи қонун бояд ҳақиқат муайян карда шавад. Дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон солҳои 1935 ва 1961 судҳо ухдадор буданд, ки бо парвандаҳои ҷиноятӣ ҳақиқатро муайян сохта, пас қарорҳои судӣ қабул намоянд. Мафҳуми ҳуқуқии ҳақиқат дар ягон санади ҳуқуқӣ зикр нашудааст.

Худи ҳақиқат қонунӣ буда наметавонад. Ҳақиқат ҳолатест, ки новобаста аз қонун арзӣ вуҷуд дорад. Ҳақиқат танҳо дар асоси қонунҳои ҷорӣ ва аз тарафи шахси ваколатдор муайян карда мешавад.Чунин ваколатро имрӯз муфаттиш, прокурор, таҳқиқбаранда, судя ва суд доранд.

Бо муайян сохтани ҳақиқат оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, имконият пайдо мегардад, ки аз болои ҷиноят назорат барқарор карда шавад. Бо роҳи ҳақиқат ҳуқуқҳои таҳқиршуда ва ё таҷовузшудаи ҷабрдидаҳо ҳифз ва барқарор карда мешавад. Муайянсозии ҳақиқат назариявӣ имконпазир буда, дар амалия бошад на ҳама вақт ба он ноил гардидан мумкин аст. Омилҳое, ки ба муайянкунии ҳақиқат таъсир мерасонад, ин вазъи ҷомеа, дараҷаи маърифати шаҳрвандон, ҳолатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонии ҷомеа мебошад. Сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, нооромиҳои ҷамъиятӣ, мухолифатҳои ҳарбӣ, нобоварии аҳолӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, имконияти муайянсозии ҳақиқатро душвор мегардонад.

Ошкорсозии на ҳамаи ҷиноятҳо ва муайянсозии на ҳама шахсони айбдор имконпазир аст. Мисол: сол то сол боқӣ мондани миқдори муайяни парвандаҳои ҷиноятии ошкорнагардида, ки боздошта шудаанд, мебошад.

Барои ошкорсозии ҷиноят ва ҳақро ба ҳақдор расонидан, зарурати таъмин намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мутахассисони босалоҳият, судяҳои малакаи

баланд дошта, дастгири ёфтани мақомот аз тарафи аҳолӣ, таъминоти ҳаматарафаи мақомоти дахлдор бо воситаҳои техникии ҳозиразамон, ба истифоданамоии технологияи навтарин, мукаммалгардонии қонунҳо, аз он ҷумла КМҶ зарурат дорад.

Муайян намудани ҳақиқат имкон медиҳад, ки ҷиноят ошкор ва паҳлуҳои нозуки он, аз он ҷумла ҳолати содиршавии ҷиноят, шахси онро содиркарда, омилҳое, ки шахсро барои содиркунии ҷиноят водор намудааст, вуҷуд доштани ҳолатҳои сабуккунанда ва ё баръакси он дар ҳаракатҳои шахс, баррасии пурра ва ҳамаҷонибаи худро ёбад. Бо амиқсозии ин ҳолатҳо суд вазифадор аст, ки исботи аслиро ба инобат гирифта қарзи хизматии худро бовиҷдонона амалӣ гардонад. Оғоз ва ба итмом расидани амалҳои тафтишиву судӣ танҳо барои ҳаққонӣ амалӣ намудани адолати судист. Аз ин рӯ, шахсони ваколатдор оид ба парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекарда вазифадоранд тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои ҷиноятро таъмин намуда, сипас бо парвандаи ҷиноятӣ қарори дахлдор қабул намоянд.

Ҳақиқат танҳо дар асоси далелҳои қотеъона ва раднашавандаи мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, ки дар асоси талаботи қонун ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Бе далелҳои кофӣ ба ҳақиқат расидан имконнопазир аст. Далелҳо дар навбати худ бояд боэътимод бошанд. Дар объектҳои моддӣ ва таассуроти инсон боқӣ мондани осори ҷиноят ва онро дар асоси талаботи мурофиавӣ ҷамъ овардан имконият медиҳад, ки ҳақиқат исбот гардад. Дар вақти исботкунии ҳақиқат мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо иштироки дигар субъектони мурофиа, далелҳоро ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ менамоянд.

Муайян кардани ҳақиқат дар мурофиаи ҷиноятӣ, ин амалӣ кардани вазифаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки мақсади он барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эхтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ба амал баровардани адолати судӣ равона карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

Гарчанде, ки дар КМҶ истилоҳи ҳақиқат оварда нашудааст, аммо вазифаҳои пушбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ), муқаррар кардааст, ки ҳамаи субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ муайянкунандаи ҳақиқатанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба моҳияти муайянкунии ҳақиқат дар мурофиаи ҷиноятӣ диққати зиёд дода шудааст. Аз ин рӯ, ҳақиқат муайяншуда ҳисоб меёбад, вақте ки ҳамаи ҳолатҳои воқеии ҷиноят аниқ карда шуда ба кирдори шахси ҷиноятсодиркарда баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда бо назардошти дараҷаи хавфнокии кирдор ҷазои сазовор таъин гардида бошад. Гарчанде, ки ҳақиқати пурраи ҳодисаи содиршуда бо парвандаи ҷиноятӣ исботи худро ёфта бошаду мақомоти судӣ ҷазои сазовори қонун пешбинишударо татбиқ накарда бошад, он гоҳ ҳақиқат барҷойшуда диониста намешавад. Яъне, муқаррарсозии ҳақиқат як паҳлуи мурофиаи ҷиноятӣ бошад, дар асоси далелҳои ҷамъомада ва дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда ҷазои сазовор татбиқ намудан паҳлуи дигари он аст, ки дар умум мафҳуму мақсади исботкуниро дарбар мегирад.

Ҳамин тавр, *исбот* – ин фаъолияти бо қонун ба танзимдаровардаи ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муайянкунии ҳолатҳои аҳамиятдошта барои қонунӣ, асоснок ва боадолатона баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ дониста мешавад.

## § 2. Предмет ва ҳадди исбот дар парвандаи ҷиноятӣ

Барои бо парвандаи ҷиноятӣ қарори қонунӣ қабул кардан, зарур аст, ки ҳамаи ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта дурусту саҳеҳ муайян карда шаванд. *Предмети исбот* – ин ҷамъи ҳолатҳои барои дуруст баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ воҷиб буда дониста мешавад. Исбот на танҳо будани ҳолати исботшаванда, балки набудани ин ҳолатро низ дар назар дорад, чунки аз муайян кардани будан ва ё набудани ҳолати тафтишшаванда бо парвандаи ҷиноятӣ қарори дуруст қабул карда мешавад. Мақсади исбот на танҳо муайян кардани шахси ҷиноятро содирнамуда, инчунин бегуноҳии гумонбаршударо низ дарбар мегирад. Барои ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ҳолати исботшаванда гуногун мебошад.

*Ҳадди исбот* – ин маҷмӯи далелҳои ба даст омада, ки онҳо имконият медиҳанд бо парвандаи ҷиноятӣ қарори асосноки ниҳоии қонунӣ қабул карда шавад. Ҳар парвандаи ҷиноятӣ вобаста аз предмети исботкуниаш ҳадди исботкунии худро дорад. Қонунгузор барои исботкунии предмети парвандаи ҷиноятӣ ҳадди исботкунии муайянеро муқаррар накардааст. Ин ҳадди исботкуниро худи тафтишбаранда интихоб ва амалӣ менамояд, ки барои қарор қабул кардан бо парвандаи ҷиноятӣ басанда бошад. Уҳдадории исбот ба зиммаи шахсони мансабдори қонун муайянкарда – муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор гузошта шудааст. Дар қатори ин дигар иштирокчиёни мурофиа низ ҳуқуқи иштирок намудан дар исботкуниро доранд. Инҳо гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо мебошанд. Шахси мансабдори дар асоси қонун ваколатдор уҳдадории исботкуниро иҷро намуда ба дигар иштирокчиёни мурофиа онро вогузор кардан наметавонад. Қонун танҳо бо шахсони мансабдори ваколатдор иҷозати исбот ва бо далелҳои ба даст овардаи ҳаматарафа санҷидашуда, аз рӯйи боварии ботинии худ қарор бароварданро иҷозат додааст.

Қонун ҳимоятгарро барои исботкунии бегуноҳии зерҳимояаш уҳдадор кардааст. Аз ин рӯ, ӯ ҳуқуқ надорад, ки мавқеи сустиро пеша кунад. Ҳимоятгар уҳдадор аст, ҳама воситаҳои қонун манъ накардаро барои ҳимоя ва ё сабуккунии кирдори содирнамудаи айбдоршавандаи зерҳимояаш ба кор барад.

Мувофиқи талаботи қонун бо ҳар парвандаи ҷиноятӣ зарур ва ҳатмист, ки ҳодисаи ҷиноят исбот карда шавад. Ба ҳодисаи ҷиноят дохил мегардад; вақти содиршавии ҷиноят, ҷойи содиршави ҷиноят ва тарзи содиршавии ҷиноят. Пеш аз ҳама бояд ҷой доштани кирдори барои ҷамъият хавфнок исбот карда шавад. Парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати вуҷуд доштани аломатҳои таркиби ҷиноят оғоз ва тафтиш карда мешавад.

Дар рафти тафтиши пешакӣ вуҷуд надоштани ҳодисаи ҷиноят муқаррар гардад, он гоҳ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад, суд бошад дар марҳилаи тафтишӣ судӣ ҳукми сафедкунанда мебарорад.

Исботкунии вақти содиршавии ҷиноят бо он сабаб предмети исбот эътироф шудааст, ки бо муайян кардани вақти содиршавии ҷиноят оқибатҳои муайянкунандаи субъекти ҷиноят ҳаллу фасл мегардад. Агар дар вақти содир шудани ҷиноят шахси онро содиркарда ба синну соли қонун мукаррар карда, ки бо он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад расидагӣ набошад, он гоҳ шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мегардад. Исботи ҷойи ҳодиса бошад имкон медиҳад, ки дар ҳамон вақти ҷиноят шахси айбдор дар ҷойи ҷиноят ҳузур дошт

ё надошт. Инчунин исботсозии ҷойи ҷиноят имконият медиҳад, ки шоҳидони воқеа муайян, далелҳои ҷиноят ёфта гирифта шаванд. Исбот намудани тарзи содиршавии ҷиноят, асос медиҳад, ки ба кадом самтҳои ҳодиса диққат дода далелҳо, предмети ҷиноят ва хавфнокии кирдори содиршуда баҳо дода шавад.

Исботкунии ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунад барои татбиқи чораи пешгирӣ нисбати айбдоршаванда, минбаъд таъин намудани намуди ҷазо ба назар гирифта мешавад. Ба ҳолатҳои муайянкунандаи шахсияти айбдоршаванда дохил мешавад: маълумоти пурсишномавӣ (анкетавӣ), ҳаёту зиндагии басарбурдаи ӯ, ҳолати саломатӣ, доштани мукофотҳои давлатӣ, дар тарбияаш доштани фарзандони ноболиғ ва ё шахсони корношоям, инчунин майл доштан ба нӯшокиҳои спиртӣ ё нашъамандӣ, хислатҳои хос ва ғайраҳо.

Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно менамояд мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ буда дар боби 8 КҶ муфассал оварда шудааст. Ба ин ҳолатҳо дохил мегардад: мудофиаи зарурӣ (м. 40 КҶ); расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м. 41 КҶ); зарурати ниҳоӣ (м. 42 КҶ); маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ (м. 43 КҶ); таваккали асоснок (м. 44 КҶ) ва иҷрои фармон ё амр (м. 45 КҶ).

Бо парвандаи ҷиноятӣ исбот кардани ҳолатҳое, ки метавонад боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гардад, низ мафҳуми категорияи КҶ ба ҳисоб рафта, имконияти аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод гардидани шахсро додааст. Дар бобҳои 11, 13 ва 14 КҶ асосҳои зерини он оварда шудааст: озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м. 72 КҶ); озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида (м. 73 КҶ); озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият (м. 74 КҶ); озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м. 75 КҶ); озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби татбиқи авф (м. 82 КҶ); озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби бахшиши ҷазо (м. 83 КҶ); озод кардани ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта (м. 89 КҶ).

Барои исботкунии ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунад, бояд *чор ҳолатро* ба инобат гирифт. *Аввалан,* муайян кард, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро кӣ содир кардааст. Чунки ҷиноятҳои ошкор нашуда шаҳодат медиҳанд, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок содир шудааст ва шахсони онро содир карда маълум нестанд. *Дуюм,* муайян бояд кард, ки оё кирдори ба ҷамъият хавфнокро айбдоршаванда содир кардааст ё ашхоси дигар. Агар исбот шуда бошад, ки ҷиноятро айбдоршаванда содир кардааст, пас омилҳои ба он мусоидаткунанда, муайян карда мешаванд. Дар ҳолати *сеюм,* мақсади содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок исбот карда мешавад. Ва *чаҳорум,* ангезаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок бояд исботи худро ёбад. Агар ҳамаи ин ҳолатҳо исботи худро наёфта бошанд (тарафи субъективии ҷиноят), ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан шахс ғайриқонунист.

Ҳолатҳои ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии айбдоршаванда таъсиррасонанда, ки дар м.м. 61 ва 62 КҶ пешбинӣ шудаанд, инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд – ҳатман бояд исбот карда шаванд, новобаста аз дархости ин ё он нафар дар ин бора. Исбот кардани ҳолати номбурда барои ба амал баровардани адолати судӣ, аз он ҷумла ҷазои мувофиқ таъин намудан имконият медиҳад.

Ғайр аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, ки м. 61 КҶ пешбинӣ намудааст, дигар ҳолатҳоеро, ки боиси ҷазоро сабук кардан мегардад, мумкин аст суд ҳамчун ҳолати сабуккунанда эътироф намояд.

Исботкунии ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд (м. 62 КҶ) дар вақти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бояд исбот карда шавад, то ки суд онҳоро асос карда ҷазои сазовор таъин намояд.

Муайян кардани хусусият ва андозаи зарари аз ҷиноят расида имконият медиҳад, ки кирдори содиршуда дуруст бандубаст карда шавад. Зарари расонидашуда вобаста аз хусусияташ мумкин зарари молиявӣ, ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ бошад. Андозаи зарари аз ҷиноят расонида, танҳо аз натиҷаи ҳаракатҳои ҷиноятӣ расонидашуда ба инобат гирифта мешавад. Ин талабот ба ҳимоя кардани манфиатҳои ҷабрдида ва дар як вақт баргардонидани зарари аз ҷиноят ба ӯ расонидашуда равона карда шудааст.

Исботкунии ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд, дар қатори дигар далелҳо ҳатмӣ буда бо муайян кардани он нисбати ин ҳолатҳои исботгардида чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат намудааст, бо он сабаб исботро талаб менамояд, ки дар асоси он нисбати шахсони масъул ва ё вазъияти ба вуқӯъ омада чораҷӯйиҳое, ки оқибати ҳуқуқӣ доранд, андешида мешаванд.

Муфаттиш ҳангоми пешбурди парванда ҳолатҳоеро, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунад, муқаррар намуда, ҳуқуқ дорад ба ташкилот, муассисаи дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ҳуқуқӣ ё шахси мансабдори дахлдор дар бораи андешидани чораҳо барои рафъи ин ҳолатҳо ё дигар қонуншиканиҳо пешниҳод равон намояд (м. 178 КМҶ). Гарчанде, ки қонун ба муфаттиш ҳуқуқ додааст, ки оид ба омилҳои содиршавии ҷиноят пешниҳод равон намояд, дар асл муайянсозии қонуншиканӣ ва дигар омилҳои ба ҷиноят мусоидаткунандаро муайян намудан ва нисбати он чораҷӯйи накардан ин худ ба қонуншиканӣ роҳ додан ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, исботсозии омилҳои содиршавии ҷиноят ҳангоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ, мувофиқи талаботи м. 85 КМҶ ҳатмист, пас чораҷӯйи намудан бо ин ҳолатҳо низ ҳатмӣ мебошад.

Предмети исбот зарурати муайян кардани ҳолати дар боло номбаргардидаро дар бар мегирад ва ҳадди исбот бошад, ин ҷамъи исботҳои зарурӣ ва басандаи ба даст оварда барои қарори қонунӣ қабул кардан бо парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мисол: барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот шуда бошад, ки ҳодисаи ҷиноят ҷой дорад. Ҳамин тариқ, агар предмети исбот он чизеро, ки зарур ба исбот карданро дар бар гирад, пас ҳадди исбот ин кифоя ва басанда будани далелҳои ҷамъоварда барои қарор қабул кардан оид ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Мақомоти тафтишотӣ бо парвандаи ҷиноятӣ ҳадди исботкуниро худаш интихоб ва онро амалӣ менамояд. Мисол: авбошие, ки дар ҳузури одамони зиёде содир шудааст. Муфаттиш ва суд муайян менамоянд, ки кадом миқдори шахсони шоҳид бо ин авбошӣ пурсида мешаванд, ки нишондоди онҳо барои қарор қабул кардан басанда бошад.

## § 3. Ҷараёни исбот

*Ҷараёни исбот* – ин ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳо бо мақсади оид ба парвандаи ҷиноятӣ дуруст ва дақиқ қабул намудани қарор мебошад.

Ҳамин тавр, се унсури асосии ҷараёни исбот, ба монанди: *ҷамъоварии далелҳо, тафтиши далелҳо* ва *баҳодиҳии далелҳо* вуҷуд дорад.

### *Ҷамъоварии далелҳо*

*Ҷамъоварии далел* (м. 86 КМҶ) – дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи КМҶ амалӣ карда мешавад. Ҷараёни исбот мақсади ягонаи ба даст овардани далелҳои қотеъонае, ки бо парвандаи ҷиноятӣ хулосаи ҳақиқӣ, асоснок ва исботёфта қабул карда мешавад, дар бар мегирад. Ҳамагуна ҷамъоварии далелҳо бо гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ ба иҷро мерасад. Ҷамъоварии далел ин пайдо кардан ва аз ҷиҳати мурофиавӣ ҳуҷҷатгузорӣ намудан ва барасмиятдарории онро дарбар мегирад. Мақомоти тафтишотӣ ва суд аз шаҳрвандон, ташкилоту корхонаҳо, метавонад ҳуҷҷатҳои зарурӣ, санадҳои санҷишӣ (ревизия)-ро низ талаб намояд, ки ба даст овардани ин ҳуҷҷатҳо низ ҷамъоварии далелҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин далелро метавонад иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон, ташкилоту корхонаҳо низ пешниҳод намоянд.

Тартиби мустаҳкамкунии далелро КМҶ ба тартиб даровардааст, ки риоя намудани ин талабот далелҳои ба даст овардаро бо парвандаи ҷиноятӣ эътимоднок ва истифодабарии онро барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ раво мешуморад. Бо вайрон кардани талаботи мурофиавӣ-ҷиноятӣ ба даст овардани далелҳо, қувваи қонуни доштани онҳоро барҳам мезанад.

Таҳти мафҳуми мустаҳкам кардани далел ин ба парвандаи ҷиноятӣ дар асоси шакли КМҶ муайян карда ҳамроҳ кардани далел дониста мешавад. Ҳамаи далелҳои бо амали тафтишӣ ба даст оварда бо роҳи протокол тартиб додан амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати ворид шудани далел бо воситаи алоқа ва ё объектҳои моддӣ тартиб додани протокол (ғайр аз протоколи азназаргузаронӣ) талаб карда намешавад.

Далелҳоеро, ки ҳимоятгар пешниҳод менамояд танҳо баъди аз тарафи тафтишбаранда ва ё суд онро ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардан, далел эътироф карда мешаванд.

Мувофиқи талаботи КМҶ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя бо дархости тарафҳо ҳуқуқ доранд; ҳар шахсро барои пурсиш ва пешниҳод кардани хулоса ба сифати коршинос бо парвандаи таҳти пешбурдаш карордошта ҷалб намояд; азназаргузаронӣ, кофтуков ва дигар амали тафтишии КМҶ пешбинишударо анҷом диҳанд; аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро анҷом додаанд, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳамиятдоштаро талаб намояд; пешбурди тафтиш ва санҷишро (ревизия) аз мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор талаб кунад (м. 86 КМҶ).

### *Тафтиши далелҳо*

*Тафтиши далелҳо* – ин фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ё судя дар бораи таҳлил ва натиҷагирии далелҳои ба даст омада, муқоисасозии ин далелҳо бо далелҳои дигар ва бо ин роҳ ба даст овардани далелҳои нав мебошад. Мувофиқи талаботи КМҶ далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шаванд (м. 87 КМҶ). Ягон далел новобас-

та аз боваринокӣ ва боэътимодиаш, бетафтиши ҳаматарафа ва холисона ҳамчун асос барои бо парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул намудан ба инобат гирифта намешавад.

КМҶ муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд ва судяро вазифадор кардааст, ки ҳамаи ҳолатҳои исботшавандаро ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш намоянд (қ. 3 м. 21 КМҶ).

Муфаттиш дар вақти тафтиши далел онро қисм ба қисм бемуқоиса бо далелҳои дигар тафтиш намуда, бо ин роҳ асоснокии далел, аз кадом сарчашма ба вуҷуд омадани он, то чи андоза аҳамият доштани онро ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд. Дар вақти тафтиши сарчашмаи далел муфаттиш бояд шахсияти нишондиҳанда, муносибати ӯ ба ҷинояти содиршуда, қобилияти фаҳмиш, синну сол, ҳолати саломатии ӯро бояд ба инобат гирад.

Бо муқоиса намудани далелҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя зиддиятҳои ҷойдоштаи байни далелҳо, ҳамшабоҳатии онҳо ва аз ҷамъи далелҳо ба даст овардани далели навро метавонад ба даст орад. Ҳамшабоҳатии далелҳо асос медиҳад, ки далелҳои ҷамъоварда барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар талаботи чорчӯбаи қонун қарор қабул кардан басанда бошад. Бо роҳи муқоиса намудани далелҳо бошад, мухолифати байни онҳо ошкор мегардад, ки бартараф кардани ин мухолифатҳо имконият медиҳад далелҳои нав ба даст оварда шаванд.

Ҳамин тариқ, тафтиши далелҳо аз *таҳлил, муқоиса, ба даст овардани далели нав ва манбаъҳои дигар* иборат мебошад.

### *Баҳодиҳии далелҳо*

Давраи ниҳоии ҷараёни исботкуниро *баҳодиҳии далелҳо* меноманд. Ин марҳилаест, ки шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё судя бо роҳи фаъолияти зеҳнию мантиқӣ, тамоми маълумоти бо парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардаро аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ будан, кифоягӣ барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ баҳогузорӣ менамояд. Баҳодиҳии мансубияти далелҳо вобаста аз предмети исбот бо парвандаи ҷиноятӣ, бо ба инобат гирифтани, чи далелҳои бевосита ва чи далелҳои бавосита амалӣ карда мешавад. Агар муқаррар гардад, ки далелҳои ҷамъоварда ба предмети исботкунии парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ надорад, баҳодиҳии минбаъдаи он мумкин нест.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қонун ва маърифати ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳамаи ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмӯи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳад.

*Далел ба парванда мансубиятдошта* эътироф карда мешавад, агар аз маълумоти воқеие иборат бошад, ки онҳо хулосаҳо оид ба мавҷуд будани ҳолатҳои барои парвандаи мазкур аҳамиятдоштаро тасдиқ намоянд, рад кунанд ё таҳти шубҳа гузоранд.

*Далел қобили қабул* (имконпазир) эътироф карда мешавад, агар он бо тартиби дар КМҶ пешбинишуда ба даст оварда шуда бошад.

*Далел саҳеҳ* эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи тафтиш маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст.

*Далелҳо гайри қобили қабул* ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо вайрон кардани талаботи КМҶ бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни

мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба саҳеҳияти маълумоти воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, аз ҷумла бо:

– истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ;

– истифодаи гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст;

– гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт;

– гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд;

– ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ;

– ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст;

– истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исбот.

Қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя бо ташаббуси худи онҳо ё бо дархости тарафҳо муайян карда мешаванд. Маълумоти воқеӣ дар бораи истифода шудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, новобаста ба ворид шудани аризаи онҳо ё дархости ҳимоятгар аз нигоҳи қобили қабул будани нишондодҳои онҳо ҳамчун далел, мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳангоми ҳал кардани масъалаи ғайри қобили қабул будани далелҳо вазифадоранд дар ҳар як ҳолат маҳз дар чӣ зоҳир шудани қонунвайронкуниро муайян карда, қарори асоснок қабул намоянд. Ҳангоми ғайри қобили қабул ҳисобидани далел бо сабаби истифода намудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ оид ба ҷавобгарии дахлдори шахсони ба ин амалҳо роҳдода, чораҳо меандешанд.

Далелҳое, ки ғайри қобили қабул ҳисобида шудаанд, беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар м. 85 КМҶ зикрёфта истифода шуда наметавонанд.

Маълумоти воқеие, ки бо вайрон кардани талаботи дар қ. 1 м. $88^1$ КМҶ пешбинигардида ба даст оварда шудаанд, метавонанд ба сифати далели ҳолати вайрон кардани қонуни дахлдор ва айбдоркунии шахс, ки дар рафти таъқиби ҷиноятӣ роҳ дода шудааст, истифода шаванд.

Маҷмӯи далелҳо барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ кофӣ эътироф карда мешавад, агар далелҳои ба парванда мансубиятдошта ва қобили қабуле ҷамъоварӣ шуда бошанд, ки ҳақиқатро оид ба ҳама ва ҳар як ҳолате, ки бояд бо парвандаи мазкур исбот карда шаванд, бебаҳс муайян намоянд. Ягон далел барои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қувваи пешакӣ муқарраршударо доро нест.

Танҳо баҳодиҳии озоди далелҳо имкон медиҳад бо парвандаи ҷиноятӣ қарори асоснок қабул карда шавад. Баҳодиҳии озод маънои онро дорад, ки му-

фаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд ва ё судя ҳар як далелро омӯхта аз рӯйи виҷдон, бедахолату маслиҳати дигарон худашон баҳогузорӣ намоянд.

Баҳодиҳии далелҳо ҳам барои қарор қабул кардан ба қисми парвандаи ҷиноятӣ ва ҳам хулосаи ниҳоиро оид ба парвандаи ҷиноятӣ дарбар мегирад.

Баҳодиҳии далел дар асоси боварии томи ботинӣ, яке аз қоидаҳои принсипи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ин баҳодиҳӣ бояд дар асоси ҷамъи ҳамаи ҳолати парванда гузаронида шавад. Баҳодиҳӣ дар асоси боварии томи муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд ва судя – ин ҳолати бошуурона ва дарки ботинӣ, бо эҳсоси баланд дарк намудани он, ки далелҳои ҷамъоварда басанда ва ба тарзи лозимӣ санҷидашуда ба ҳисоб рафта, барои қарори ниҳоӣ қабул намудан бо парвандаи ҷиноятӣ, оид ба гунаҳгорӣ ва ё бегуноҳии шахс бебаҳсанд, ба ҳисоб меравад.

Баҳодиҳии бовариноки ботинии далелҳо танҳо аз тарафи шахсе, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро бар уҳда дорад амалӣ карда мешавад ва ҳеҷ кас ҳуқуқи аз ӯ талаб кардани дигар баҳодиҳиро надорад. Қонун боварии ботинии баҳодиҳии далелҳоро ба қоида дароварда дар як вақт талаб менамояд, ки он ҳамаҷониба, пурра ва объективона бо ба инобат гирифтани ҷамъи далелҳо татбиқ карда шавад. Дар мавриди баҳодиҳии бовариноки ботинӣ шахси ваколатдор танҳо ба қонун такя менамояд.

### *Субъектони исбот*

Субъектони исботро вобаста аз талаботи КМҶ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

1. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки вазифадоранд адолати судиро амалӣ гардонанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд; суд, прокурор (муовинон ва ёрдамчиёни прокурор), сардори воҳиди тафтишот, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда.

2. Шахсоне, ки бо парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи иштирок кардан доранд. Ба ин гурӯҳ адвокат (ҳимоятгар ва ё намояндагӣ), айбдоркунандаи хусусӣ, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо дохил мегарданд.

Барои гурӯҳи якум, агар исбот ҳамчун уҳдадорӣ ҳисоб ёбад, пас барои гурӯҳи дуюм танҳо ҳуқуқ доштанро дар бар гирифта дар ҳолати хоҳиш доштан онро амалӣ менамоянд.

*Суд* ягона мақомоти давлатиест, ки адолати судиро ба амал мебарорад.

Парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи якум дастаҷамъона ва ё танҳо баррасӣ карда мешавад. Баррасии дастаҷамъона аз судя ва ду нафар машваратчии халқӣ иборат мебошад. Дар вақти ба амал баровардани адолати судӣ машваратчиёнии халқӣ аз тамоми ҳуқуқҳои судя истифода мебаранд. Парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаи кассатсионӣ аз тарафи суд дар ҳайати се нафар судя баррасӣ карда мешавад (м. 365 КМҶ). Дар марҳилаи назоратӣ бошад дар коллегияҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати се нафар судя, дар раёсати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, Суди шаҳри Душанбе ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баррасӣ карда мешавад. Ҳар як иштирокчии марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ҳамчун субъекти исбот ҳуқуқҳои баробари амаликунандаи адолатӣ судиро доранд.

*Прокурор* ҳамчун субъекти исбот мунтазам дар тамоми марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ иштирок менамояд. Ҳамчун субъект аз номи мақомоти прокуратура

прокурор, муовинони он, сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои прокуратура, прокурори раёсатҳо ва шуъбаҳо, ёрдамчиёни прокурор баромад менамоянд.

*Муфаттиш* шахси мансабдори мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, агентии назорати маводи нашъаовар буда, мувофиқи КМҶ дар қабул намудани қарорҳо бо парвандаи ҷиноятӣ мустақил ҳисоб меёбад. Аз нуқтаи назари субъекти исбот муфаттиш аввалин субъект барои ҷамъоварии далелҳо ба ҳисоб меравад.

*Сардори воҳиди тафтишот* низ чун муфаттиш ҳамаи ваколатро доро буда бар зимми он функсияи роҳбарӣ ва назоратӣ мурофиавиро аз болои муфаттишон таъмин менамояд. Мувофиқи талаботи КМҶ сардори воҳиди тафтишот ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ба пешбурди худ қабул намудани тафтишӣ онро дорад ва инчунин дар тафтиши парвандаи ҷиноятии дар пешбурди муфаттиш қарордошта иштирок намуда, ҳамзамон аз ваколати муфаттиш метавонад истифода барад. Иҷроиши ин ва дигар ваколати қонун барои сардори воҳиди тафтишот муайянкарда имконият медиҳад, ки ӯ ҳамчун яке аз субъектони исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ баромад намояд.

*Мақомоти таҳқиқ* – мақомоти давлатиест, ки функсияи маъмурӣ, хоҷагидорӣ ва тақсимотиро дошта қонун ваколати тафтиши ҷиноятро дар шакли таҳқиқ ба он иҷозат додааст. Мақомоти таҳқиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд; воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, сардорони муассисаҳои ислоҳӣ, воҳидҳои мақомоти давлатии зидди сухтор, Гвардияи миллӣ, гумрук, Агентии назорати маводи нашъаовар, воҳидҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия.

*Таҳқиқбаранда* шахси мансабдор буда бо супориши мақомоти таҳқиқ парвандаи ҷиноятии алоҳидаро тафтиш мебарад.

Гурӯҳи дуюми субъектон дар исбот ҳуқуқи иштирок карданро дошта уҳдадории исботкуниро бар дӯш надоранд. Бо ин роҳ қонунгузор имконият додааст, ки субъектони гурӯҳи дуюм фақат ҳуқуқҳои худро барои ҳимоя истифода баранд. Дархости айбдоршаванда дар бораи даъват ва пурсиши шоҳид, таъин намудани ташхис, ки бо ин роҳ далелҳои исботкунанда ба даст овардан мумкин аст, аз уҳдадории айбдоршаванда ҳамчун субъекти исбот шаҳодат надода баръакс ин ҳуқуқи ӯст, ки метавонад онро истифода намояд. Дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба мавқеи гурӯҳи дуюми субъектони исбот такя намудан, ки бо воситаи онҳо ҳақиқат исбот карда мешавад нодуруст аст. Аз ин рӯ, вазифаи исбот ба зиммаи гурӯҳи якум гузошта шудааст ва ин вазифаро ба каси дигар вогузор кардан ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Исбот чист?
2. Мақсади исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ.
3. Ҷараёни исботро шарҳ диҳед.
4. Ҷамъоварии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ.
5. Тафтиши далелҳо ва преюдитсия дар исбот.
6. Санҷиши далелҳо.
7. Предмети исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ.
8. Ҳадди исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**9.** Субъектони исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**10.** Кадом ҳолатҳо бояд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд?

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**3.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**4.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**6.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**7.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**8.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:

**1.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**2.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ : рисолаи илмӣ-амалӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**7.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**8.** Александров А.С., Бостанов Р.А. Использование производных доказательств в уголовном процессе. – М., 2012.

**9.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

10. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

11. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

12. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

13. Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

14. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

15. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

16. Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

17. Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

18. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

19. Шейфер С.А. Доказательство и доказывание по уголовным делам : проблемы теории и правового регулирования. – М. : Норма, 2009.

20. Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

# БОБИ 8.
# НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР ИСБОТ

## § 1. Таърихи батанзимдарории меъёрии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Агар ба таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ назар намоем, мушоҳида менамоем, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) чун объекти батанзимдарории ҳуқуқӣ дар аввалҳои солҳои 20-уми асри XX арзи вуҷуд намудааст. Дар давраи Шӯравӣ амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ) дар КМҶ Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия (минбаъд – ҶШФСР) с.1923 (м. 93) дар шакли умум пешбинӣ шуда буд, ки имконияти аз ҷониби мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронидани санҷишҳои ғайриошкороии аризаҳои беномро оид ба ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда иҷозат медод. Баъд аз анҷом ёфтани санҷиш оид ба ҳаққонӣ будани чунин маълумот, онҳо ба сифати сабаб барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хизмат мекарданд. Дар дигар ҳолатҳо ФОҶ чун фаъолияти махсусан ғайриошкоро эътироф карда мешуд ва натиҷаҳои он дар тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурда намешуд.

Муқаррароти мазкур то с.1926 дар ҳудуди Тоҷикистон мавриди амал қарор дошт. Минбаъд ин муқаррарот дар КМҶ солҳои 1926 ва 1929-и ҶШС Ӯзбекистон, ки дар ҳудуди Тоҷикистон то с.1935 амал мекарданд (яъне, то қабул шудани КМҶ аввалини ҶШС Тоҷикистон), тасдиқи худро ёфта буданд.

Имконияти амалигардонии натиҷаҳои ЧОҶ ҳангоми ошкор, кушодан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо аввалин маротиба ба таври меъёрӣ дар Асосҳои пешбурди судии ҷиноятии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ с.1958 мустаҳкам шуда буд. Дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) бошад, ин меъёр мушаххас гардида, ба ҳайси чораҳое, ки барои ошкор намудани ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содиркарда татбиқ карда мешуданд.

Аз ҷумла, дар м. 114 КМҶ ҶШС Тоҷикистон муқаррароти зерин ҷойгир шуда буд: ба мақомоти таҳқиқ татбиқи чораҳои зарурии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораҳои бо КМҶ пешбинишуда, бо мақсади ошкор намудани ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содиркарда, вогузошта мешавад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки меъёри мазкур дорои мазмуни номуайян буда, хусусияти шартӣ дошт, чунки механизми истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар КМҶ аниқ муайян нашуда буд. Ғайр аз ин, тартиби муносибати муфаттишон, прокуророн ва судяҳо нисбат ба ФОҶ, ки аз ҷониби мақомоти милитсия ва мақомоти амнияти давлатӣ амалӣ гардонида мешуд, ба танзим дароварда нашуда буд.

Зиёда аз ин, дар солҳои 60-70-и асри гузашта аз ҷониби Прокурори генералии ИҶШС як қатор фармонҳо ба табъ расонида шуда буданд, ки дар онҳо дахолат

намудани муфаттишон ва прокуророн ба фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манъ карда шуда буд. Минбаъд тибқи банди 12 Низомнома дар бораи Шуъбаи (Раёсати) тафтишотӣ, ки бо фармони ВКД ИҶШС аз 19.10.1973 тахти № 325 тасдиқ шуда буд, ба сардорони Раёсатҳои тафтишотӣ ҳуқуқ дода шуда буд, ки бо маводи ФОҶ шинос шаванд. Лекин чунин дигаргуниҳо, ки хусусияти идоравӣ доштанд, проблемаҳои умумии истифодабарии маълумоти ғайримурофиавиро ҳаллу фасл карда наметавонистанд.

Новобаста аз ин, дар ин давра дар назарияи ФОҶ кӯшишҳои коркарди методика ҷиҳати дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ ба роҳ монда шуданд. Бори нахуст чунин кӯшишҳо дар корҳои илмии як қатор олимон (Б.В. Бойцов, В.М. Барикин) дар с.1965 доир ба назарияи ҳуҷҷатноккунӣ ифодаи худро ёфт. Дар оянда бошад, ба ин проблема, яъне ба сифати далел истифода бурдани маводе, ки дар натиҷаи амалигардонии ФОҶ ба даст оварда шудаанд, диққати махсусро дигар олимон (Р.С. Белкин, А.И. Винберг, Д.И. Бедняков, Е.А. Доля, Л.М. Карнеева, А.М. Ларин, Г.М. Минковский, В.Г. Самойлова ва дигарон) низ медоданд.

Дар солҳои 80-уми асри гузашта профессор В.Г. Самойлов ибрози ақида намуда буд, ки ФОҶ барои амалӣ гардидани фаъолияти мурофиавӣ ва билохира, барои баамалбарории меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Ӯ аз ҷумла, пешниҳод намуд, ки фаъолияти кормандони оперативӣ барои самараноктар гузаронидани ЧОҶ, ки ба кушодани ҷиноят равона карда шудаанд, нигаронида шавад ва муфаттишон бошанд, дар навбати худ, фаъолияташонро дар ҷодаи истифода бурдани чунин натиҷаҳои дар раванди кушодани ҷиноят бадастовардашуда ба роҳ монанд[1].

Масъалаи дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати далел истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ муддати дурудароз баҳснок буд. Сабаби чунин ҳолат дар он мушоҳида карда мешавад, ки қонунгузории онвақта масъалаи мазкурро аниқ ва мушаххас ба танзим надароварда буд. Бинобар ин, ҳатто дар солҳои 90-уми асри гузашта, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд, аз ҷумла, ислоҳоти васеи ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда буд, натиҷаҳои ЧОҶ аз тарафи судҳо дар бисёр мавридҳо ба сифати маводе, ки аҳамияти далелнокӣ дошт, эътироф карда намешуд.

Албатта, вазъияти бамиёномада ошкор намудани ҷиноятҳоро, махсусан ҷиноятҳои муташаккилро, мураккаб менамуд. Аз ин сабаб дар сатҳи қонунгузорӣ кӯшишҳои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда оид ба масъалаҳои дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ баррасӣ мешуд. Масалан: бо мақсади муайян намудани аломатҳои ҷиноят ва шахсони онро содиркарда, ҳамзамон, барои муайян намудани ҳолатҳои воқеие, ки онҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст ба сифати далел истифода бурда шаванд, тибқи Қонуни ИҶШС «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Асосҳои пешбурди судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» аз 12 июни с.1990, имконияти амалӣ гардонидани ЧОҶ бо истифода намудани сабти видео ва аудио, инчунин, навори кино муқаррар карда шуда буд[2]. Бояд қайд намуд, ки ин санади меъёрии ҳуқуқӣ истифода бурдани натиҷаҳои

---

[1] Ниг.: Самойлов В.Г. Правовые, морально-этические основы и принципы ОРД ОВД: материалы и лекции для слушателей и курсантов учебных заведений МВД СССР. – М., 1984. – С. 8-9.

[2] Ведомостҳои Съезди депутатҳои халқии ИҶШС ва Совети Олии ИҶШС. – 1990. – № 26. – Мод. 495.

ЧОҶ-ро дар мурофиаи ҷиноятӣ иҷозат медод. Ғайр аз ин, қонуни мазкур моддаи иловагии 35[1]-ро ба Асосҳои пешбурди судии ҷиноятӣ ворид намуд, ки тибқи он ба гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо иҷозат дода шуда буд.

Барои амалӣ гардонидани ин муқаррароти Қонун, аз ҷониби Вазорати адлия, Суди Олӣ, Кумитаи амнияти давлатӣ ва ВКД ИҶШС 30 июни с.1990 «Дастурамал оид ба татбиқ намудани воситаҳои сабти видео ва аудио, воситаҳои наворбардорӣ ва аксбардорӣ, алоқаҳои телефонӣ ва истифода бурдани натиҷаҳои бадастовардашуда ҳангоми кушодан ва тафтиш намудани ҷиноят», ки бо Прокуратураи генералии ИҶШС мувофиқа карда шуда буд, тасдиқ шуд. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ татбиқ намудани воситаҳои криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шуда буд.

То андозаи муайян санади меъёрии ҳуқуқии мазкур он норасогие, ки дар қонунгузории ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ ҷой дошт, бартараф намуд. Лекин, баъзе муқаррароти он, аз ҷумла, имконияти васеи гузаронидани ЧОҶ то оғози парвандаи ҷиноятӣ, муқовимати ҷиддиро аз ҷониби судяҳо ва прокуророн ба миён овард. Ҳамзамон, дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ предмет ва доираи назорати прокурорӣ, инчунин, тартиби табдил додани натиҷаҳои ЧОҶ ба сифати далелҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ ифодаи аниқи худро наёфта буданд.

Танҳо баъди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.1993) тартиби истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ дар тайёр ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ҳамчунин, ба сифати далел истифода бурдани онҳо аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври пурра ва саҳеҳ ба танзим дароварда шуданд. Муқаррароти мазкур дар қонунҳои минбаъда «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (аз с.1998 ва с.2011) мустаҳкам карда шуданд. Аз ҷумла, тибқи м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (с.2011) натиҷаҳои ФОҶ метавонанд барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун сабаб ва асос хизмат намоянд, ба мақоми таҳқиқ, муфаттиш ё суде, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурдашон мебошад, пешниҳод карда шаванд, инчунин, барои исбот марбут ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танзим менамояд, истифода шуда метавонанд.

Ҳамин тариқ, қабул шудани санади меъёрии ҳуқуқие, ки дорои хусусияти ошкоро мебошад, тамоми ФОҶ-ро ба таври қонунӣ ба танзим даровард. Вобаста ба ин, маводе, ки дар ҷараёни амалигардонии ин фаъолият ба даст оварда шудаанд, аз тарафи қонунгузор чун маводе эътироф карда шуд, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҷамъоварӣ карда шудааст. Яъне, масъалаи имконпазирии истифодаи чунин маълумот аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ба таври мусбӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст.

Қонунгузор муқаррар намуд, ки маводи дар ҷараёни амалӣ гардонидани ФОҶ дастрас шудааст, метавонанд бевосита барои истифода бурдан дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод карда шаванд. Акнун шарту шароитҳое, ки қаблан мавҷуд буданд ва тибқи онҳо манбаи чунин маълумот набояд ифшо карда шаванд, аз байн рафтанд. Чунки тибқи қонунгузорӣ субъектони ФОҶ вобаста ба зарурати бамиёномада, худ ихтиёран маълум менамоянд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ кадом намуди маълумоти оперативӣ ва дар кадом ҳаҷм истифода бурда шаванд.

Айни замон бо мақсади такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ, ки дар он ФОҶ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамояд, зарурати қабул намудани қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон вобаста ба таҳлили амалияи судӣ оид ба баҳо додан ва истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён омадааст.

## § 2. Мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ

Дар чанд соли охир яке аз проблемаҳои мубрам дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии дастгоҳҳои оперативӣ – ин тартиби пешниҳод ва истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Тахти натиҷаҳои ФОҶ маълумот оид ба аломатҳои ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, инчунин, маълумот оид ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят тайёрӣ мебинанд ё онро содир менамоянд ё ин ки, содир намудаанд ё аз мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд пинҳон гаштаанд ва мутобиқи Қонуни ФОҶ ба даст оварда шудаанд, фаҳмида мешаванд[1].

Бояд ба инобат гирифт, ки гарчанде сухан дар бораи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ меравад, бояд донист, ки чунин истифодабарӣ ҳам бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (минбаъд – Қонуни ФОҶ) ва ҳам бо меъёрҳои КМҶ ба танзим дароварда шудаанд. Қонуни ФОҶ раванди гирифтан, сабт кардан, пешниҳод намудани маълумоти оперативие, ки барои тафтишот ва суд аҳамият доранд, ба танзим медарорад. КМҶ бошад, ҷараёни пешниҳод намудан, санҷидан, баҳо додан ва истифода бурдани чунин маълумотро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд[2].

Натиҷаҳои ФОҶ мутобиқи муқаррароти м.м. 7 ва 11 Қонуни ФОҶ мумкин аст дар самтҳои зерин истифода бурда шаванд:

1. Барои тайёр ва амалӣ гардонидани чорабиниҳо ва амалҳои: а) оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; б) тафтишӣ; в) судӣ;
2. Барои гузаронидани ЧОҶ ҷиҳати: а) ошкор кардани ҷиноят; б) огоҳонидани ҷиноят; в) пешгирӣ кардани ҷиноят; г) кушодани ҷиноят; д) ошкор ва муқаррар намудани шахсони ҷиноятро тайёркунанда, содиркунанда ва содиркарда; е) ҷустуҷӯӣ шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд пинҳонгашта; ж) ҷустуҷӯӣ шахсони аз адои ҷазо саркашинамуда; з) ҷустуҷӯӣ шахсони бедарак гумшуда;
3. Барои муайян намудани номгӯй ва ҷойи молу мулки аз ҷониби суд мусодирашаванда;
4. Барои муайян намудани шахсияти ҷасадҳои ношинохта;
5. Ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ;
6. Барои исботи ҳолатҳое, ки марбут ба парвандаи ҷиноятӣ мебошанд;
7. Барои истифода бурдан ба сифати далел дар парвандаи ҷиноятӣ;
8. Барои иҷозат додан ба маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд;

---

[1] Ниг.: Шахматов А.В., Бухаров Н.Н. О порядке предоставления результатов оперативно-розыскной деятельности органам дознания, следствия и суда. – Оперативник. – 2006. – № 2. – С. 25-28.

[2] Ниг.: Корнеевский Ю.В., Токарева М.Е. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам. Методическое пособие. – М.: Юрлитинформ, 2000. – С. 6-7; Виппиченко Н.А., Захарцев С.И., Рохлин В.И. Правовая регламентация использования результатов оперативно-розыскной деятельности. – СПб., 2004; Бухаров Н.Н., Шахматов А.В. и др. Прослушивание телефонных переговоров в оперативно-розыскной деятельности. – СПб., 2005.

9. Барои иҷозат додан ба корхое, ки бо истифодабарии объектҳои барои ҳаёт ва саломатии одамон, ҳамчунин муҳити зист хатари зиёддошта алоқаманд мебошанд;

10. Барои иҷозат додан ҷиҳати иштирок дар ФОҶ ва ё додани рухсат барои дастрасӣ ба маводе, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани он ба даст оварда шудаанд;

11. Барои муқаррар намудан ё нигоҳ доштани муносибатҳои ҳамкорӣ бо шахс ҳангоми тайёр кардан ва гузаронидани ЧОҶ;

12. Барои иҷозат додан ба фаъолияти хусусии детективӣ ва муҳофизавӣ;

13. Барои ба давлатҳои дигар пешкаш намудан.

Самтҳои номбаршударо мушаххасан баррасӣ менамоем.

Натиҷаҳои ФОҶ метавонанд ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд ва ба мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва ё судие, ки дар пешбурдашон парвандаҳои ҷиноятӣ мавҷуданд, пешниҳод гарданд ва ҳамзамон, мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳоро ба танзим медароранд, ба сифати далел дар парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурда шаванд.

Пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва ё суд (судя) дар асоси қарори роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, тибқи тартиби бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ пешбинигардида амалӣ карда мешавад.

Барои он ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст истифода бурда шаванд, лозим аст, ки ба як қатор меъёрҳои санадҳои зерқонунӣ муроҷиат намуд, ки дар онҳо нишондодҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд. Ба ин мисол шуда метавонад Дастурамал «Дар бораи тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё ба суд». Дар низоми ВКД ин Дастурамал бо Фармони ВКД аз 12 июли с.2010 таҳти № 16 тасдиқ шудааст.

Санади мазкур натиҷаҳои ФОҶ-ро чунин муайян менамояд: ин далелҳои шайъӣ дар бораи аломатҳои ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, дар бораи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят тайёрӣ мебинанд ё онро содир менамоянд ё ин ки, содир намудаанд ё аз мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд пинҳон гаштаанд, аз адои ҷазо саркашӣ намудаанд, бедарак гум шудаанд ва ҳамзамон ҳодисаҳо ва кирдорҳое, ки боиси таҳдиди амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд ва аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба даст оварда шудаанд.

Натиҷаҳои ФОҶ дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (гузоришҳо, маълумотномаҳо, ахборотҳои оперативӣ дар бораи ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо, санадҳо, ҳисоботҳо ва ғайраҳо) инъикос мегарданд. Ба ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ашё (предметҳо) ва ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ ба даст дароварда шудаанд, метавонанд замима карда шаванд. Дар сурате, ки агар дар доираи ФОҶ чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ гузаронида шаванд, он гоҳ натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст дар барандагони моддии (физикии) иттилоот инъикос гарданд (фонограммаҳо, наворҳои видеоӣ, кино, плёнкаҳои расмгирӣ, наворҳои расмгирӣ, дискҳои магнитию лазерӣ (флэшкаҳо), қолабҳо ва ғайраҳо).

Натиҷаҳои ФОҶ ин категорияи иттилоотӣ мебошад ва истифодабарии онҳо барои таъмини иттилоотии баррасии масъалаҳои зерин нигаронида шудааст:

– **фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ** – барои тайёр намудан ва амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ ва судӣ; мусоидат намудан барои исбот аз рӯйи парвандаҳои

ҷиноятӣ. Дар ин сурат натиҷаҳои ФОҶ метавонанд ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ баромад кунанд;

– **фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** – барои гузаронидани ЧОҶ дар самти ошкорсозӣ, огоҳонидан, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо; ошкор ва муқаррар намудани шахсони ба фаъолияти ҷиноятӣ дастдошта; ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳон шудаанд; ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда;

– **фаъолияти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** – барои ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз адои ҷазо пинҳон шудаанд; огоҳонидани бадқасдона вайрон намудани низоми адои ҷазо ва ғайра;

Натиҷаҳои ФОҶ, ки барои тайёр намудан ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ, амалҳои тафтишӣ ва судӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд дорои маълумот дар бораи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд пинҳоншуда, оид ба манбаъҳои исбот, дар бораи шахсоне, ки ба онҳо ҳолат ва далелҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта маълуманд, дар бораи макони воқеъ будани олот ва воситаҳои ҷинояти содиршуда, оид ба маблағҳои пулӣ ва ашёҳои қиматноке, ки бо роҳи ҷиноятkорӣ ба даст оварда шудаанд, дар бораи ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки бо предмети исбот алоқамананд, инчунин, ҳатман дорои маълумот дар бораи дигар далелҳо ва ҳолатҳо бошанд, ки онҳо имконият медиҳанд ҳаҷм ва пайдарҳамии гузаронидани амалҳои тафтиширо муайян созанд, интихоби тактикаи самараноктарини гузаронидани чунин амалҳои тафтишӣ ва коркарди усулҳои беҳтарини онро аз рӯйи парвандаи ҷиноятии мушаххас таъмин намоянд.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ (иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ), ки барои тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ равона карда шудаанд, асосан бо ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-тактикӣ, ба монанди таъсис додани гурӯҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ, ҷалби мутахассисон, интихоби воситаҳои техникии криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, муайян намудани ҷой, вақт ва тактикаи амалҳои тафтишӣ ва ғайраву ҳоказо алоқамандӣ дорад.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҷиҳати амалӣ гардонидани амалҳои тафтишӣ, пеш аз ҳама, дар бақайдгирии иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ифода мегардад. Чунин ахборот имконият медиҳад, ки:

– доираи шахсоне, ки ҷиҳати парвандаи ҷиноятӣ дорои маълумоти зарурӣ мебошанд, муайян карда шаванд ва онҳо ба ҳайси шоҳид бо интихоб намудани тактикаи беҳтарини мақсаднок пурсиш карда шаванд;

– дар ҷойгиршавии иморат ва мавқеи ҳуҷраҳо хуб сарфаҳм рафта, ҷойҳои воқеъгаштаи ашёи кофтуковшаванда аниқ муайян карда шаванд;

– кирдорҳои зиддиҳуқуқии шахсоне, ки нисбаташон амалҳои тафтишӣ гузаронида мешаванд, инчунин, ҳаракатҳои номатлуби дигар шахсони манфиатдор пешбинӣ ва пешгирӣ карда шаванд (мисол: рафтори таҷовузкоронаи онҳо, ҳаракатҳои алоқаманд бо кӯшиши аз ҷониби дастгиршуда ё ҳабсшуда пинҳон шудан, нест кардани далелҳо, таъсиррасонии рӯҳӣ ба шахсоне, ки барои шинохтан ё рӯбарӯкунӣ ҷалб карда шудаанд ва ғайраҳо).

Дар КМҶ оид ба имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ муқаррароти махсус пешбинӣ шудааст. Алалхусус, м. 84 КМҶ (Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) муқаррар кардааст, ки натиҷаҳои ФОҶ ба даст овардашуда ба сифати далел эътироф карда мешаванд, агар онҳо бо риояи муқаррароти кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Гарчанде дар як қатор меъёрҳои дигари КМҶ муқаррароти бевосита дар бораи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, лекин маънидодкунии мантиқии онҳо имконият медиҳад чунин хулоса барорем, ки натиҷаҳои ин фаъолият бечуну чаро барои пурзӯр намудани асоси исбот васеъ истифода бурда мешавад. Мисол: тибқи м. 190 КМҶ (Асосҳо барои гузаронидани кофтуков) барои кофтуков мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи тахмини он, ки дар ягон бино ё ягон ҷой ё дар ягон шахс мумкин аст олоти ҷиноят, ашё, ҳуҷҷатҳо ё чизҳои арзишманди барои парванда аҳамиятнок мавҷуд бошад, асос мегардад. Кофтуков, инчунин мумкин аст бо мақсади ошкор намудани шахси ҷустуҷӯшаванда гузаронида шавад.

Ё ин, ки тибқи м. 191 КМҶ ёфта гирифтани ашё ва ё дигар ҳуҷҷатҳои муайяне, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, дар он маврид ва ба он шарте гузаронида мешавад, ки «дар куҷо ва дар дасти кӣ будани онҳо маълум бошад».

Яқин аст, ки чунин маълумот мумкин аст на танҳо дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ, балки дар доираи мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дастрас карда шаванд.

Имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҷиҳати тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ҳамчунин, аз ҳуқуқҳои муфаттиш ва прокурор бармеояд, ки онҳо ба дастгоҳҳои оперативӣ супоришҳои иҷроишашон ҳатмибударо аз рӯйи парвандаҳои дар пешбурдашон қарордошта медиҳанд.

Имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ, ҳамчунин, дар рафти тайёр ва амалӣ намудани амалҳои судӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Гуфтаҳои боло аз муқаррароти қ.қ. 4 ва 5 м. 41 КМҶ бар меоянд, ки тибқи он таҳқиқбаранда вазифадор аст супоришҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтишоти пешакиро дар бораи анҷом додани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ, дар бораи татбиқи чораҳои таъмини амнияти шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда иҷро намояд. Дастурҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтиши пешакӣ, сардори мақомоти таҳқиқ барои таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошанд.

Ё ин, ки сархати 3 қ. 2 м. 86 КМҶ (Ҷамъ овардани далел) ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя ҳуқуқ додааст, аз мақомоте, ки ФОҶ-ро анҷом медиҳанд, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳамиятдоштаро талаб намоянд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки пешниҳод намудани маводи оперативӣ-хизматӣ ба шахсони номбаркардашуда беҳадду канор намебошад. Чунин маҳдудият аз мазмуни сархати 8 м. 39 КМҶ бармеояд, ки он ваколати муфаттишро ба танзим даровардааст. Аз ҷумла, дар он омадааст, ки муфаттиш ҳуқуқ дорад бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, **мутобиқи қонунгузорӣ шинос шавад**. Ибораи «мутобиқи қонунгузорӣ» чунин маъно дорад, ки корманди оперативӣ ҳангоми ба муфаттиш пешниҳод намудани маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ талаботи Қонуни ФОҶ ва дигар қонунҳои самтию соҳавиро ба назар гирифта, дар ҳолатҳои зарурӣ (масалан: бо мақсади ифшо нагардидани сирри давлатӣ, махфӣ нигоҳ доштани шахсияти шахсони ба мақомоти ФОҶ ба таври махфиёна мусоидаткунанда ва ғайра) онҳоро пешкаш наменамоянд.

Натиҷаҳои ФОҶ-ро мумкин аст барои тайёр намудан ва гузаронидани ҳама намуди ЧОҶ, ки дар м. 6 Қонуни ФОҶ пешбинӣ шудааст ва инчунин, ҳангоми амалӣ намудани дигар ҳаракатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурд (масалан: ҳангоми муҳосира, камингирӣ, таъқиб, дастгиркунӣ ва ғайра). Мисол: натиҷаҳое, ки вобаста ба гузаронидани воридсозии оперативӣ ба даст оварда

шудаанд, мумкин аст барои гузаронидани харидории санҷишии оперативӣ истифода бурда шаванд.

Ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ бо назардошти хислат ва мазмуни ахбороти мушаххаси оперативӣ муайян карда мешаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ метавонанд барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун асос хизмат намоянд. Мутобиқи сархати 5 қ. 1 м. 140 КМҶ асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ин аз ҷониби таҳқиқбаранда бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд, ба шумор меравад.

Ба ин ҳайс, инчунин, он маълумоте, ки дар рафти амалӣ намудани ФОҶ ба даст омадаанд, дохил мешаванд. Агар дар иттилооте, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро ташкил медиҳанд, маълумоти басанда оид ба ҷой доштани аломатҳои ҷиноят мавҷуд бошанд, он гоҳ мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад, ки мустақилона парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи аломатҳои ҷиноят, ки дар рафти ФОҶ ба даст оварда шудаанд, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият дароварда шаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ чун ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё ин ки, ба прокурор барои баррасии масъала ҷиҳати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод карда шавад (яке аз шаклҳои амалисозии ахбороти оперативӣ, аз он ҷумла, маводи коркарди оперативӣ баромад менамояд).

Натиҷаҳои ФОҶ, ки барои баррасии масъала ҷиҳати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод мегарданд, бояд маълумоти басандаро дар бораи ҷой доштани аломатҳои ҷиноят дошта бошанд. Мисол: маълумот дар бораи дар куҷо, кай, кадом аломатҳо ва кадом намуди ҷинояти мушаххас муайян карда шудааст, дар кадом ҳолат аломатҳои ҷиноят ошкор карда шудаанд, маълумот дар бораи шахсе (шахсоне), ки онро содир намудааст (агар он маълум бошад), оид ба шоҳидони ҷиноят (агар онҳо маълум бошанд), дар бораи ҷойи ҷойгиршавии изҳои ҷиноят, ҳуҷҷатҳо ва олотҳо, ки метавонанд ҳамчун далели шайъӣ баромад кунанд, дар бораи ҳар намуди далелҳо ва ҳолатҳо, ки барои ҳалли масъала ҷиҳати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд. Маълумоте, ки натиҷаҳои пешниҳодшавандаро дар бар мегиранд, бояд имконият диҳанд, ки дар бораи ҷой доштани ҳодиса ва зиддиҳуқуқӣ будани он хулоса бароварда шавад.

Натиҷаҳои ФОҶ, чун қоида, ҳангоми пешниҳод намудани фарзияҳои тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши пешакӣ ба инобат гирифта мешаванд (дар ҳолати зарурӣ нақшаҳои мувофиқанамудаи амалҳои тафтишӣ ва ЧОҶ тартиб дода мешаванд). Тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ бо роҳбаладии оперативӣ таъмин карда мешавад (он, ҳамчунин, пешниҳод намудани иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар бар мегирад).

Натиҷаҳои ФОҶ-ро мумкин аст барои исбот намудан аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳогузории далелҳои шайъиро ба танзим медароранд, истифода бурда шаванд. Дар раванди исбот истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ манъ аст, агар онҳо ба талаботҳое, ки КМҶ ба далелҳои шайъӣ пешниҳод менамояд, ҷавобгӯ набошанд.

Далелҳои шайъӣ ба талаботи ҳатмии м. 88 КМҶ бояд аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ, пурра ва кифоя будан ҷавобгӯ бошад. Ин чунин маъно дорад: 1) далелҳои шайъӣ барои муқаррар намудани ҳақиқат қобилият доранд; 2) далелҳои шайъӣ аз сарчашмаҳои қонунӣ ба вуҷуд омадаанд ва дар натиҷаи исти-

фода бурдани тарзҳои дарёфткунӣ ва мустаҳкамкунии маълумоти дахлдор, ки бо КМҶ танзими худро ёфтаанд, ба даст даровarda шудаанд. Аз ин чунин бармеояд, ки натиҷаҳои ФОҶ аз ибтидо дар маънои мурофиавӣ-ҷиноятиаш далелҳои шайъиро ташкил надода, фақат асос барои ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани далелҳои шайъӣ ба ҳисоб меравaнд.

Натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст дар раванди исбот бевосита ба сифати далели шайъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода бурда шаванд (яъне, дар он ҳолате, ки чӣ хел онҳо дарёфт шудаанд ва ё он маълумоте, ки дар барандагони моддӣ ба сифати иттилоот мустаҳкам шудаанд), новобаста аз он, ки онҳо дар натиҷаи гузаронидани ҶОҶ-и ошкорро ё ғайриошкоро ба даст омадаанд. Лекин, дар ҳар ҳолат эътироф намудани онҳо ба сифати далелҳои шайъӣ бо тартиби ба онҳо баҳои мурофиавӣ додан аз нуқтаи назари мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ, пурра ва кифоя будан алоқаманд аст. Мисол: ҳар як ашёе, ки чун олоти ҷиноят хизмат намудааст ва ё дар худ изи ҷиноятро нигоҳ медорад; дигар ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки метавонанд барои ошкор намудани ҷиноят ва муайян намудани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ зарурӣ хизмат намоянд.

Он натиҷаҳои ФОҶ, ки дар ҷараёни гузаронидани ҶОҶ ба даст оварда шудаанд, танҳо баъди бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ муайян намудани ҳолатҳои дарёфти онҳо ва бартараф намудани ҳамаи шубҳаҳо нисбати ҳаққонӣ будани онҳо ба сифати далелҳои шайъӣ эътироф карда мешаванд.

Чунин муқаррарот аз мазмуни қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри с.2014 «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ», ки барои ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудааст, бармеояд. Дар банди 4 қ. 19 қарори мазкур чунин омадааст: диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки натиҷаҳои ҶОҶ, ки тавассути маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, инчунин дахлнопазирии манзил (ба ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун) ба даст оварда шудаанд, ҳамчун далел аз рӯйи парвандаҳо дар сурате истифода бурда мешаванд, агар онҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда бошанд.

Ба дигар намудҳои ҳуҷҷатҳои ба сифати далел баромадкунанда он ҳуҷҷатҳое дохил мешаванд, ки барои муайян намудани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, аҳамият доранд ва дар намуди хаттӣ, инчунин дар маводи наворҳои аксӣ ва наворҳои филмӣ, сабтҳои аудио-видеоӣ ва дар дигар барандагони иттилоот қайд шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо мумкин аст дар рафти ФОҶ дарёфт карда шаванд ё тартиб дода шаванд ва истифодабарии онҳо дар раванди исбот бо талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муайян карда мешаванд.

Масалан: ҳуҷҷатҳои матние, ки дар онҳо маълумот дар бораи натиҷаҳои ФОҶ инъикос гардидаанд ва бо роҳи ошкорро ба даст оварда шудаанд (мисол: гузоришҳо, маълумотномаҳо, санадҳои гирифтани ашё, намунаҳо ва ғайраҳо), метавонанд ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда, иҷрокунандагон ва шахсоне, ки дар онҳо ёдовар гардидаанд, мумкин аст ба ҳайси шоҳидон пурсида шаванд (қ. 5 м. 11 Қонуни ФОҶ).

Саҳеҳии маводи видеоӣ-киноӣ ва дигар мавод мумкин аст бо роҳи пурсиши шахсоне, ки онҳоро бевосита амалӣ кардаанд, ҳамчунин бо татбиқи дигар амал-

ҳои тафтишӣ санҷида шаванд, агар ба ин талаботи риоя намудани махфият монеъ нашавад (масалан: бо роҳи азназаргузаронии объект ё маҳалле, ки дар навори видеоӣ-киноӣ-аксӣ инъикос гардидаанд; бо роҳи пурсиши шахсоне, ки дар онҳо сабт гардидаанд; бо хулосаҳои экспертӣ-криминалистӣ; озмоиши (экспериментӣ) тафтишӣ ва ғайраҳо). Агар маълумот дар бораи шахсон, ки наворгирии видеоӣ-киноӣ-аксиро гузаронидаанд, махфӣ нигоҳ доштани онҳоро талаб намояд, он гоҳ дурустии (ҳақиқии) маводи пешниҳодгардида мумкин аст бо амалҳои тафтишии дар боло қайдшуда санҷида шаванд, ба истисноӣ пурсиши иҷрокунандагон.

Агар натиҷаҳои ФОҶ бо роҳи маҳдудкунии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, ҳамчунин дахлнопазирии манзил дастрас шуда бошанд, он гоҳ онҳо ба сифати далел танҳо дар он ҳолатҳое истифода бурда мешаванд, ки агар тибқи тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дастрас ва ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд пешниҳод карда шуданд ва аз ҷониби онҳо санҷида, баҳои мусбӣ дода шуда, ба парванда ҳамроҳ карда шуда бошад.

Тартиби ғайримахфигардонии маълумот бо мақсади дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани онҳо - ин аз байн бардоштани маҳдудиятҳои қаблан ҷоригардида нисбат ба паҳн кардани он маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медоданд, ба ҳисоб меравад. Танҳо баъд аз ин шахсони далхдор ҳуқуқи бо чунин маълумот шинос шуданро пайдо менамоянд. Муҳимтарин асоси ғайримахфигардонии натиҷаҳои ФОҶ ин тағйирёбии вазъияти объективӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ҳифзи ояндаи маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, ғайримақсаднок мебошад.

Асос барои ғайримахфигардонии натиҷаҳои ФОҶ дар чунин ҳолатҳои зерин ба миён меояд, агар:

– рафти ҳуҷҷатноккунии оперативӣ хотима ёфта бошад ва мақсади ҳуҷҷатноккунонӣ пурра ҳаллу фасли худро ёфтааст;

– рафти ҳуҷҷатноккунонии оперативӣ ба итмом нарасида, мақсади ҳуҷҷатноккунонӣ пурра дар ҳаҷми зарурӣ анҷом наёфта бошад ҳам, аммо аз ҷиҳати фаҳмиши тактикӣ ҳуҷҷатноккунонии оянда ғайримақсаднок ҳисобида шудааст;

– рафти ҳуҷҷатноккунонии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба итмом нарасидааст, вале натиҷаҳои ба даст овардашуда барои фошсозии шахси санҷидашаванда басанда ҳисобида шуда, таъхирандозии ояндаи он ба оқибатҳои ғайричашмдошт оварда расониданаш мумкин аст (аз он ҷумла, ба нест кардани натиҷаҳои ба даст овардашуда)[1].

Дар ин ҳолатҳо бояд ба инобат гирифт, ки ошкор кардани маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва ҳамчунин дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна (конфиденсиалӣ) ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунанд ё мусоидат кардаанд, фақат дар холатҳои истисноӣ мувофиқи ҳолатҳое, ки Қонуни ФОҶ пешбинӣ намудааст, иҷозат дода мешавад (қ. 2 м. 12 Қонуни ФОҶ). Маълумот дар бораи ин гуна шахсон танҳо бо розигии хаттии онҳо, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳоро талаб мекунанд, ба прокурор ё судя пешкаш карда мешавад.

[1] Ниг.: Шахматов А.В., Бухаров Н.Н. О порядке предоставления результатов оперативно-розыскной деятельности органам дознания, следствия и суда. – Оперативник. – 2006. – № 2. – С. 25-28.

## § 3. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки барои фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти бевосита ва муайян дорад, мутобиқи м. 11 Қонуни ФОҶ ба танзим даровардa шудааст. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд бо Дастурамалҳои махсуси идоравӣ, ки ҳар як мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ онро қабул кардааст, ба танзим дароварда мешавад.

Мутобиқи ин санади ҳуқуқӣ аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ натиҷаҳои ФОҶ дар асоси қарори тасдиқнамудаи роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд барои омӯзиш ва қабули қарори мурофиавӣ тибқи м.м. 84 ва 86 КМҶ пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва мутобиқи тартиби дар Дастурамал нишондодашуда, ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд супорида мешаванд ва онҳо баъд аз муайян намудани мансубият ва аҳамиятнокиашон барои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, метавонанд ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Ҳангоми омода намудани мавод ҳатман бояд ба назар гирифт, ки маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо, нақшаҳо ва натиҷаҳои ФОҶ, ки ҳангоми гузаронидани ЧОҶ-и пинҳонӣ истифода бурда мешаванд ва ё истифода бурда шудаанд, инчунин маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкоро, дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна ба онҳо мусоидат менамоянд (ё мусоидат намудаанд), ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ сирри давлатиро ташкил медиҳанд.

Пеш аз он, ки чунин мавод пешниҳод карда шавад, маълумоти мазкур дар асоси қарори асоснокшудаи корманди мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, бояд ғайримахфӣ гардонида шаванд. Қарор дар бораи ғайримахфигардонии чунин маълумот аз ҷониби роҳбаре, ки ба он салоҳияти дахлдор дорад, тасдиқ карда мешавад.

Номгӯи шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки ҳуқуқи баровардани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ-ро ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё судро доранд, ба номгӯйи шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқи дар қарорҳо гузоштани имзо ва тасдиқ намудани супоришҳо ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-техникиро доранд, мувофиқат мекунад. Номгӯи шахсони номбаргардида мумкин аст бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ васеъ карда шавад.

Пешниҳод намудани натиҷаҳо инҳоро дар бар мегирад:

– баровардани қарор дар бораи ғайримахфигардонии ҳуҷҷатҳои алоҳидаи оперативӣ-хизматие, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд;

– аз ҷониби роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, тасдиқ намудани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд;

– барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои содиротии ирсолшаванда ва супоридани мавод ба ҷойи дахлдор (тибқи почта ирсол намудан, аз даст ба даст супоридан ва ғайра).

Дар ҳар як ҳолатҳои мушаххас имконияти пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки дорои маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани

чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ мебошанд, ҳамчунин дорои маълумот дар бораи воситаҳои техникии истифодашаванда, кормандони штатии ғайриошкорои воҳидҳои оперативӣ-техникӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд, бояд ҳатман бо иҷрокунандагони чунин чорабиниҳо мувофиқа карда шавад.

Қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд, чун қоида бояд аз *се қисм* иборат бошад: *қисми муқаддимавӣ, баёнӣ* ва *хулосавӣ.*

Қисми муқаддимавӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад: номи ҳуҷҷат, ҷой ва вақти баровардани он, ном, насаб, номи падар, вазифа ва рутбаи (ҳарбӣ ё махсуси) роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва ҳамчунин, асосҳои баровардани чунин қарор.

Дар қисмати тасвирии қарор маълумоти зерин нишон дода мешаванд: дар натиҷаи гузаронидани кадом намуди ЧОҶ кадом мавод гирифта шудааст, бо кадом мақсадҳо онҳо пешниҳод мегарданд (мисол: барои истифода бурдани онҳо ба сифати сабаб ва асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, барои тайёр ва амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, барои дар исбот истифода намудани онҳо аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра), кай ва аз ҷониби кӣ гузаронидани ЧОҶ мушаххас иҷозат дода шудааст, мавҷуд будани қарори судӣ барои гузаронидани он ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мекунанд. Қисми тасвирии қарор бояд бо нишон додани қисми дахлдори м. 11 ва қ. 4 м. 12 Қонуни ФОҶ ба итмом расад.

Дар қисмати хулосавии қарор бошад, қарори роҳбари мақомот дар бораи фиристонидани ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро инъикос менамоянд, дарҷ карда мешавад. Дар ҳамин ҷо ҳуҷҷатҳои мушаххасе, ки бояд фиристонида шаванд, пурра номбар мегарданд.

Дар ҳолати ба миён омадани зарурат, дар баробари қабул намудани қарор нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳифзи маълумот дар бораи мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва амнияти иштирокчиёни бевоситаи ЧОҶ омода карда мешавад.

Қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ дар ду нусха тайёр карда, нусхаи аввал ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд фиристода шуда, нусхаи дуюм ба маводи парвандаи баҳисобгирии оперативӣ (ПБО) ё дар ҳолати набудани он, ба маводи парвандаи феҳристии махсус ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, ки дар натиҷаи гузаронидани харидории санҷишии оперативӣ ё таҳвили назоратшавандаи предметҳо ва воситаҳое, ки муомилоти озоди онҳо манъ шудааст ё гардиши онҳо маҳдуд карда шудааст, инчунин эксперименти оперативӣ ба даст оварда шудаанд, ба мавод қарор дар бораи гузаронидани ин намудҳои ЧОҶ, ки аз ҷониби яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ (сардор ё муовини ӯ) тасдиқ шудааст, замима карда мешавад.

Агар дар натиҷаи гузаронидани харидории санҷишии оперативӣ ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ба пуррагӣ ҳуҷҷатгузорӣ нашуда бошанд (яъне, ҳангоми гузаронидани ЧОҶ давомдор), натиҷаҳои аввалаи он ба маводи харидории санҷишии оперативии такроран гузаронидашуда ҳамроҳ карда, ба муфаттиш, прокурор ва ё суд мувофиқи тартиби муайяншудаи Дастурамал пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки дар рафти чорабинии оперативӣ-техникии давомдор ба даст меоянд, бояд чораҳои мушаххас оид ба таъмин намудани хусусияти

пинҳон доштани чорабиниҳои гузаронидашуда (конспиратсия), ҳатто то худи қатъ намудани давом додани онҳо андешида шаванд.

Ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё суд, ки дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯйи телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, ба мавод қарор дар бораи гузаронидани ин намудҳои ЧОҶ, ки аз ҷониби яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ (сардор ё муовини ӯ) тасдиқ шудааст, ҳамчунин мактуби (дархости) прокурор ва қарори суд дар бораи додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани ин ЧОҶ замима карда мешаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ, ки ба қарор замима мегарданд, мумкин аст дар намуди ахбороти расмии ҷамъбастӣ (маълумотнома-меморандум) ва ё дар намуди нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии дахлдор пешниҳод карда шаванд. Дараҷаи махфиятнокии маводи пешниҳодшаванда, намуди замимаҳо ва тарзҳои супоридани онҳо мутобиқи қоидаҳои пешбурди ҳуҷҷатгузории махфӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври алоҳида муайян карда мешаванд, аз он ҷумла, вобаста аз моҳияти дархости (супориши) гирифташуда ва вобаста аз ҷой доштани маълумот, ки бояд таҳти махфигардонӣ қарор гирад[1].

Маводи пешниҳодшаванда бояд иттилоотро дар бораи вақт, ҷой ва ҳолати дар рафти ФОҶ гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин ҳолатҳои ба даст овардани сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, наворҳои филмию суратҳои аксӣ ва нусхаҳои қолабҳо ҳамроҳӣ намояд ва инчунин, дар чунин мавод бояд тасвири нишонаҳои инфиродии ашё ва ҳуҷҷатҳо нишон дода шавад.

Иҷозат дода мешавад, ки мавод дар шакли нусха пешниҳод карда шавад, аз он ҷумла, бо роҳи кӯчонидани қисмҳои муҳими он (гуфтугӯҳо, лаҳзаҳои наворӣ) ба барандаи ягонаи ахборот, ки ин ҳатман дар ҳуҷҷатҳои (протоколҳои) пайвастномавӣ қайд карда мешавад. Навъи чунин баранда аз ҷониби ташаббускори ЧОҶ муайян карда мешавад. Дар ин маврид маводи аслӣ дар воҳиди оперативӣ то ба охир расидани баррасии судӣ ва то қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳукм нигоҳ дошта мешаванд.

Барасмиятдарории натиҷаҳои ФОҶ, ки дар вақти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ ба даст оварда шудаанд, мутобиқи талаботи дастурамалҳои идоравии мақомоти салоҳиятдоре, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, ба роҳ монда мешаванд.

Ҳангоми тайёр намудан ва барасмият даровардани натиҷаҳои ФОҶ, ки ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд ва ё судя пешниҳод карда мешаванд, ҳатман ҳангоми ирсол намудани онҳо чораҳои зарурӣ оид ба муҳофизат ва бутунии маводи пешниҳодшаванда андешида шаванд (муҳофизати он аз дигаргуншавӣ, бемагнитшавӣ, берангшавӣ, тозакунӣ ва ғайраҳо).

Шахсони мутасаддии мақомоти прокуратура, суд уҳдадоранд, ки барои ҳифзи маълумоти дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодкардашуда шароит фароҳам оваранд (м. 9 Қонуни ФОҶ).

[1] Ниг.: Шахматов А.В., Бухаров Н.Н. О порядке предоставления результатов оперативно-розыскной деятельности органам дознания, следствия и суда. – Оперативник. – 2006. – № 2. – С. 25-28.

Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки метавонанд ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин оварда расонад ва инчунин ҳангоми мавҷуд будани маълумот оид ба хатар ба амнияти миллии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд фавран пешниҳод карда мешаванд. Дар ин маврид воҳиди оперативӣ уҳдадор аст, ки оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноят ва инчунин, барои нигоҳ доштани изҳои ҷиноят чораҳои зарурӣ андешад.

Пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки дар натиҷаи иҷро намудани супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё таъиноти суд (қарори судя) дар бораи гузаронидани ЧОҶ аз рӯйи парвандаҳои дар пешбурдашонбуда ба даст оварда шудаанд, бояд ба тартиби муқаррарнамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

Агар тибқи супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё таъиноти суд гузаронидани ЧОҶ ғайриимкон бошад, он гоҳ ба суроғаи онҳо дар муддати се рӯз аз лаҳзаи гирифтани супориш мактуби асоснокгардида бо имзои роҳбари мақомоте, ки ба зиммаи ӯ иҷрои супориши мазкур вогузор карда шудааст, фиристонида мешавад.

Мақомоте, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро пешниҳод менамояд ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бо имконоти пайдоиши таҳдиди воқеӣ барои амнияти иштирокчиёни ФОҶ алоқаманд мебошад, уҳдадор аст чораҳои мушаххасро оид ба ҳифзи онҳо андешад. Дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои мазкур бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд, ки ба онҳо натиҷаҳои нишондодашуда пешниҳод мегарданд, мувофиқа карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ бояд бо назардошти талаботи принсипи пинҳонкорӣ (конспиратсия) амалӣ карда шавад.

Натиҷаҳои ФОҶ дар чунин ҳолатҳо пешниҳод карда намешавад:

– агар таъмин намудани амнияти субъектҳои (иштирокчиёни) ФОҶ вобаста бо пешниҳод ва истифодаи натиҷаҳои мазкур дар мурофиаи ҷиноятӣ ғайриимкон бошад;

– агар истифодабарии онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ эҳтимолияти амалан фошгардии (ифшои) маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо, нақшаҳо ва натиҷаҳои ФОҶ-ро ба миён оварад, ки онҳо ҳангоми гузаронидани ЧОҶ-и ба таври пинҳонӣ гузаронидашуда истифода бурда шудаанд ва ё истифода бурда мешаванд, инчунин ба фошсозии маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкоро, дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна ба онҳо мусоидат менамоянд (ё мусоидат намудаанд), ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд, оварда мерасонанд (ғайр аз ҳолатҳое, ки маълумоти номбаргардида тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ФОҶ ғайримахфӣ гардонида мешаванд).

Қарор дар бораи пешниҳод накардани натиҷаҳои ФОҶ аз рӯйи асосҳои нишондодашуда бо қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба расмият даровварда, он ба маводи парвандаи баҳисобгирии оперативӣ ё ба парвандаи феҳристи дахлдор ҳамроҳ карда мешавад. Дар бораи қарори қабулшуда ташаббускори дархост хабардор карда мешавад.

### § 4. Баррасии маводи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби прокурор ва суд то оғози парвандаи ҷиноятӣ

Баррасии маводи ФОҶ-ро то оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор ва суд (судя) аз ду нуқтаи назар омӯхтан қобили қабул аст:

а) баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби прокурори ваколатдор ҷиҳати ба судяи ба он ваколатдодашуда пешниҳод намудани дархост барои гузаронидани ЧОҶ ва баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби судяи дахлдор ҷиҳати додани иҷозат барои гузаронидани ЧОҶ (тибқи м.м. 8 ва 9 Қонуни ФОҶ);

б) баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби прокурори ваколатдор ва ё судяи ба он ваколатдодашуда дар асоси арзу шикояти шаҳрвандон нисбати шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ (тибқи м. 5 Қонуни ФОҶ).

Омӯзиши ин ду ҳолат дар алоҳидагӣ барои кормандони оперативӣ, тафтишот, прокуратура ва суд аҳамияти муҳим дорад. Ҳамзамон, ҳолати якум яке аз давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад ва ҳангоми гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд менамояд, дар ҳама маврид ҷой дорад. Ҳолати дуюм бошад, давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил намедиҳад ва он танҳо дар он мавриде ҷой дорад, ки агар нисбати ҳаракатҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ арзу шикоятҳои шаҳрвандон ворид гардида бошад.

*Ҳолати якум.* Мувофиқи муқаррароти м.8 Қонуни ФОҶ гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, бо дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судяи ба он ваколатдодашуда ва дар сурати мавҷуд будани маълумоти зерин роҳ дода мешавад:

1) дар бораи аломатҳои кирдори ҷиноятии тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, ки нисбат ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист;

2) дар бораи шахсони кирдори ҷиноятиро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда, ки нисбат ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист;

3) дар бораи ҳодиса ё ҳаракати (беҳаракатие), ки ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд.

Ин талаботи Қонуни ФОҶ аз м.м. 22 ва 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки мувофиқи онҳо манзили шахс дахлнопазир аст, маҳрамияти мукотиба, суҳбати телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун нишон додааст дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Чӣ тавре, ки қаблан қайд шуда буд, асос барои аз ҷониби судя ҳал намудани масъалаи гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мегардонад, қарори асосноки аз ҷониби яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ тасдиқшуда ва дархости прокурори ваколатдор мебошад.

Номгӯи роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки салоҳияти тасдиқ намудани чунин қарорро доранд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ муқаррар

карда мешаванд. Асосан ин сардор ва муовинони сардорони раёсатҳои мақомоти оперативии вилоятҳо, сардор ва муовинони сардорони шуъбаҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ-и дар шаҳру ноҳияҳо мебошанд.

Дар қарори номбаршуда мансаб, рутбаи ҳарбӣ ё махсус, ному насаби корманди ташаббускори чорабинӣ, ҷой ва санаи баровардани қарор, моҳияти маълумоти бадастовардашуда; аломатҳои ҷиноят, ки дар ҳаракатҳои шахс дида мешаванд (ҳатман бо нишон додани моддаи дахлдори КҶ); асоснокии зарурати гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор; дар кадом минтақа, нисбати кадом шаҳрванд, аз рӯйи кадом тартиб гузаронида мешавад ва муҳлати гузаронидани ЧОҶ қайд карда мешаванд.

Инчунин, дар қисми хулосавии қарор дар баробари ЧОҶ дархостшаванда, муқаррарот дар бораи он, ки гузаронидани чорабинии дахлдор ба кадом воҳидоти оперативӣ-техникӣ вогузор мегардад, нишон дода мешавад.

Баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, дахлнопазирии манзил ҳангоми гузаронидани ЧОҶ *аз ҷониби* прокурори ваколатдори маҳалли гузаронидани чунин чорабиниҳо ё маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани онҳоро дархост намудааст ё маҳалле, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст ё маҳалле, ки дар он ҷо шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат мекунад ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад ё маҳале, ки дар он ҷо шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра *сурат мегирад*.

Қарори тасдиқнамудаи роҳбари амаликунандаи ФОҶ ба воситаи мактуби имзонамудаи ӯ ба прокурори ваколатдор фиристода мешавад. Дар мактуб мақсад ва асоси гузаронидани чорабинӣ ва оид ба суд дархост пешниҳод намудан инъикос карда мешавад, Ба мактуб дараҷаи махфият (махфӣ, комилан махфӣ ё фавқулода муҳим) дода, ба он шумораи маводи дахлдор замима карда мешавад.

Ба маводи пешниҳодшуда мумкин аст гузоришҳои корманди оперативӣ, ариза, баёнот, маълумотнома, санадҳо, маълумотнома-меморандум оид ба ахбороти ҷамъовардашуда нисбати шахси коркардшаванда, ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ дигар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (нақшаи ЧОҶ, нусхаи ахбороти шахсони мусоидаткунанда, аксҳо, сабтҳои видеоӣ, аудиоӣ ва ғ.) ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳамзамон, пешниҳод намудани маълумот дар бораи шахсони ба муҳити ҷиноятӣ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна ба онҳо мусоидат менамоянд, ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил, тактика, усул, қувва ва воситаҳои гузаронидани ЧОҶ қатъиян манъ аст.

Мактуб ва маводи ба прокуратура дохилшуда дар китоби алоҳидаи махфикунонидашуда ба қайд гирифта мешавад. Маводи номбурдаро прокурори ваколатдор бе иштироки котиб, шахсан ва бетаъхир (фавран) баррасӣ менамоянд. Прокурори ваколатдор ҳақ надорад, ки баррасии чунин маводро дар ҳолати пешниҳод гардидан рад намояд.

Маводи дохилшударо прокурори ваколатдор омӯхта, оид ба пешниҳод намудани дархост ба судяи ба он ваколатдодашуда ҷиҳати гирифтани иҷозат барои гузаронидани ЧОҶ розигии худро медиҳад ё ин, ки барои пешниҳод намудани чунин дархост розигӣ намедиҳад.

Ҳангоми розӣ шудан ҷиҳати пешниҳод намудани дархост ба суд прокурори ваколатдор ба қарори аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ пешниҳодшуда имзои худро гузошта, розигиашро оид ба гузаронидани ЧОҶ бо гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Баъдан прокурори ваколатдор мактуби расмиро дар бораи дархости худ оид ба додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ таҳия намуда, онро тавассути ташаббускори ЧОҶ ба судяи ба он ваколатдодашуда ирсол менамояд. Дар мактуби мазкур асоси ҳуқуқӣ, зарурати гузаронидани ЧОҶ-и дархостшаванда ва хоҳиши додани иҷозат барои гузаронидани он нишон дода мешаванд. Сипас, прокурори ваколатдор мактуби ба номи судяи дахлдор имзонамудаашро якҷоя бо мавод ба ташаббускори ЧОҶ бармегардонад, яъне мавод бо қарорҳо ва нусхаҳои онҳо дар прокуратура боқӣ намемонад.

Прокурори ваколатдор барои ҳифзи маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда мавҷуданд, шароит фароҳам меоварад ва барои гум кардан ё ифшо намудани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (қ. 7 м. 9 Қонуни ФОҶ).

Ташаббускори гузаронидани ЧОҶ мактуби прокурори ваколатдорро бо қарори гузаронидани ЧОҶ ба судяи ба он ваколатдодашуда пешниҳод намуда, дар ҷараёни баррасии он иштирок менамояд.

Таҳти мафҳуми судяи ба он ваколатдодашуда судяе фаҳмида мешавад, ки махсус барои баррасии мавод оид ба гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро маҳдуд мекунанд, ваколатдор карда шудааст.

Судяи ба он ваколатдодашуда тибқи муқаррароти сархати 7 ва 12 қ. 1 м. 35 КМҶ маводи дохилшударо омӯхта, тибқи м. 35[1] КМҶ, яъне бо тартиби муайяннамудаи Қонуни ФОҶ онро баррасӣ менамояд.

Баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, ҳамчунин дахлнопазирии манзил ҳангоми гузаронидани ЧОҶ *аз ҷониби* судяи маҳалли гузаронидани чунин чорабиниҳо ё маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани онҳоро дархост намудааст ё маҳалле, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст ё маҳалле, ки дар он ҷо шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат мекунад ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад ё маҳалле, ки дар он ҷо шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра *сурат мегирад.*

Маводи номбурдаро судя низ бе иштироки котиб, шахсан ва фавран баррасӣ менамоянд. Судя ҳақ надорад, ки баррасии чунин маводро дар ҳолати пешниҳод гардидан рад намояд. Зери мафҳуми фавран баррасии мавод дарҳол баъд аз пешниҳод кардани он ба судя фаҳмида мешавад.

Тартиби баррасии маводи пешниҳодшуда муҳокимаи судиро ва ҳатто қисми омодасозии маҷлиси судиро ташкил намедиҳад. Чунки дар чунин муносибатҳои ҳуқуқии бамиёномада ҳоло тарафҳо мавҷуд нестанд. Дар ин раванд риояи принсипҳои ошкоро ва мубоҳиса пешбинӣ карда нашудаанд ва пешбинӣ шуда-

нашон ҳам мумкин нест. Дар акси ҳол ЧОҶ-е, ки хусусияти ғайриошкорой дорад, аҳамияти худро гум мекунад[1].

Бо талаби судяи ба он ваколатдодашуда мумкин аст ба ӯ ҳамчунин маводи дигаре, ки ба асосҳои гузаронидани ЧОҶ дахл доранд, *ба истиснои маълумот* дар бораи шахсони ба муҳити ҷиноятӣ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна ба онҳо мусоидат менамоянд, ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил, тактика, усул, қувва ва воситаҳои гузаронидани ЧОҶ пешниҳод карда шаванд. Чунки ин маълумот сирри давлатиро ташкил намуда, воқеан асоси гузаронидани ЧОҶ-ро инъикос наменамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии маводи пешниҳодшуда, судяи ба он ваколатдодашуда гузаронидани ЧОҶ дархостшавандаро, ки он ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мегардонанд, иҷозат медиҳад ё гузаронидани онро рад мекунад ва дар ин бора қарори асоснок мебарорад.

Дар қисми хулосавии қарор дар баробари додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ-и дархостшаванда, ба кадом воҳидоти оперативӣ-техникӣ гузаронидани ин чорабинӣ вогузор карда мешавад, нишон дода мешавад. Қарори бо муҳр тасдиқгардида дар як вақт бо баргардонидани маводи пешниҳодшуда ба ташаббускори гузаронидани ЧОҶ супорида мешавад, яъне мавод бо қарорҳо ва нусхаҳои онҳо дар суд боқӣ намемонад.

Судяи ба он ваколатдодашуда барои ҳифзи маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда мавҷуданд, шароит фароҳам меоварад ва барои гум кардан ё ифшо намудани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (қ.7 м. 9 Қонуни ФОҶ).

Тибқи талаботи қ. 2 м. 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли с.2014 таҳти № 1095, ки дар он тартиби махсуси рухсат ба сирри давлатӣ муқаррар карда шудааст, судяи ба он ваколатдодашуда дар бораи ифшо накардани сирри давлатӣ, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои ваколат ва уҳдадориҳои мансабиаш маълум мегардад ва дар бораи тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ дар ҳолати ифшои онҳо огоҳонида мешавад ва дар ин бора аз ӯ забонхати дахлдор гирифта мешавад.

Муҳлати амали қарори қабулкардаи судя аз рӯзи баровардани он бо шабонарӯз ҳисоб карда мешавад ва аз шаш моҳ зиёд буда наметавонад, агар дар худи қарор муҳлати дигар нишон дода нашуда бошад. Дар ин ҳолат ҷараёни муҳлат қатъ намегардад. Дар сурати зарурати тамдиди муҳлати амали қарор судя дар асоси маводи аз сари нав пешниҳодшуда қарори нав қабул менамояд (иҷозати нав медиҳад).

Дар сурати аз ҷониби судя рад намудани гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мекунад, прокурори ваколатдор ва ё шахси мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҳуқуқ доранд доир ба ҳамин масъала ба суди болоӣ муроҷиат намоянд.

Радди суд ё прокурор оид ба гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор гузаронидани онро дар ҳолати таъхирнопазир истисно намекунад. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки мумкин аст боиси содир шудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин гарданд, ҳамчунин дар мавриди мавҷуд будани маълумот дар бораи ҳодисаҳо ё ҳаракати

---

[1] Чунин ақида тасдиқи худро, аз ҷумла, дар ҳалномаи Суди Конститутсионии Федератсияи Россия аз 14 июли с.1998 таҳти № 86-0 ёфтааст. Ниг.: *Захарцев С.И.* Оперативно-розыскные мероприятия. – СПб: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 203-204.

(беҳаракатие), ки ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд, дар асоси қарори тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ гузаронидани чунин ЧОҶ бо ҳатман дар оянда ба таври хаттӣ хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор дар давоми 24 соат иҷозат дода мешавад (қ. 3 м. 8 Қонуни ФОҶ).

Хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор тавассути аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ пешкаш намудани мактуби расмӣ ба номи онҳо, ки дар он ҳолатҳои таъхирнопазири дар қ. 3 м. 8 Қонуни ФОҶ пешбинишуда нишон дода мешаванд, амалӣ карда мешавад. Мактуби расмӣ ҳам ба суроғаи прокурори ваколатдор ва ҳам ба судяи дахлдор ирсол карда мешавад. Ҳангоми ба прокурори ваколатдор ирсол намудани мактуби расмӣ (хабар), ӯ ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор ба судя дархост пешниҳод наменамояд.

Дар ин ҳолат низ муайян намудани прокурори ваколатдор ва судяи ба он ваколатдодашуда барои кормандони оперативӣ аҳамияти калон дорад, яъне, кадом прокурор ва судя бояд хабардор карда шаванд. Аз мазмуни қ. 1 м. 9 Қонуни ФОҶ бармеояд, ки кормандони оперативӣ, чун қоида, бояд ба прокурор ва судяи ҷойи гузаронидани чунин чорабинӣ ё ба прокурор ва судяи маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани ин чорабиниҳоро дархост намудааст, муроҷиат намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки роҳҳои дар Қонуни ФОҶ нишондодашуда пурра нестанд ва қонун дигар роҳҳоро низ иҷозат медиҳад. Масалан: барои хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ мумкин аст, инчунин муроҷиат намуд:

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст;

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки дар он ҷо шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад;

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки дар он ҷо шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра.

Дар давоми 48 соат аз лаҳзаи оғози гузаронидани ЧОҶ мақомоти амаликунандаи ФОҶ уҳдадор аст дар бораи гузаронидани чунин чорабинӣ қарори судяи ба он ваколатдодашударо гирад ё гузаронидани онро қатъ намояд.

Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва гуфтугузорҳои дигар танҳо нисбати шахсоне раво дида мешавад, ки дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин гумонбар ё айбдор шудаанд, ҳамчунин нисбати шахсоне, ки дар бораи ҷиноятҳои мазкур метавонанд маълумот дошта бошанд. Фонограммаҳое, ки дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ё гуфтугузорҳои дигар ба даст омадаанд, дар шакли мӯҳршуда дар шароите, ки имконияти аз ҷониби шахсони бегона гӯш кардан ва нусхабардории онҳоро истисно мекунад, нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шахсони алоҳида, мувофиқи ариза ва ё розигии хаттии онҳо иҷозат дода мешавад, ки гуфтугӯҳои тавассути телефонҳои онҳо бурдашаванда дар асоси қарори тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ гӯш карда, сабт шаванд ва оид ба он ҳатман дар давоми 24 соат ба таври хаттӣ ба прокурори ваколатдор ва суди (судяи) дахлдор хабар дода шавад. Хабар бо мактуби расмӣ ирсол карда мешавад, ки мазмуни он дар боло қайд шудааст.

*Ҳолати дуюм.* Вобаста ба он, ки дар ҷараёни амалигардонии ФОҶ мумкин аст ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд вайрон карда шаванд, Қонуни ФОҶ низоми кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳангоми амалӣ намудани чунин фаъолият пешбинӣ намуда, онро дар м. 5 мустаҳкам кардааст.

Тибқи талаботи ин меъёр ФОҶ танҳо барои ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои муқаррарнамудаи Қонуни ФОҶ амалӣ карда мешавад. Мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, дахлнопазирии манзил ва маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахсӣ таъмин менамояд.

Барои вайрон намудани талаботи қайдшуда КҶ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ ҷамъ ё паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ, ки сирри шахсӣ ё оилавии шахси дигарро дар бар мегирад, бидуни иҷозати ӯ (м. 144); ошкор намудани маълумот оид ба бемории ё дигар натиҷаҳои таҳқиқи тиббии бемор аз ҷониби корманд бидуни зарурати хизматӣ (м. 145); вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот (м. 146); ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда, яъне вайрон намудани дахлнопазирии манзил (м. 147); сӯиистифода аз ваколати мансабӣ (м.314); сохтакории далелҳо (м. 359) муқаррар кардааст.

Қонуни ФОҶ (м. 5) номгӯи ду гурӯҳи мақомоте, ки шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта метавонад ба он муроҷиат (шикоят) намояд, муқаррар намудааст (чунин тартиби шикоят намудан аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» аз 23 июли с.2016 таҳти № 1339 бармеояд).

*Ба гурӯҳи якум* дохил мешавад мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, яъне мақомоте, ки нисбати шаҳрванд ЧОҶ-ро бевосита гузаронидааст. Дар ин маврид шахсе, ки гуноҳи ӯ дар содир намудани ҷиноят мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун исбот нашудааст, яъне нисбати ӯ оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст ва ё бо сабаби мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят ё бинобар дар кирдори ӯ мавҷуд набудани таркиби ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст ва ӯ далелҳое дорад, ки нисбаташ ЧОҶ гузаронида шудаанд ва чунин шуморад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқҳояш вайрон карда шудаанд, ҳуқуқ дорад ба чунин мақомот оид ба пешниҳод намудани асос барои гузаронидани ЧОҶ-и мушаххас, талаб намудани маълумоти дар борааш ҷамъоваришуда ва ғайра муроҷиат намояд.

Дар ҳолати муроҷиат намудан ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, пешниҳод намудани маълумот ба ӯ бо талаботи пинҳонкорӣ ва фош нагардидани сирри давлатӣ маҳдуд гардонида шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ба шаҳрванд мумкин аст танҳо маълумот дар бораи гузаронидани ЧОҶ нисбати ӯ пешкаш карда шавад. Дар маълумот танҳо намуд ва асоси гузаронидани ЧОҶ, инчунин воҳиди оперативӣ, ки чунин ЧОҶ-ро нисбати ӯ гузаронидааст, дарҷ карда мешавад. Яъне, ба шаҳрванд маводи оперативӣ (ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ) пешкаш карда намешаванд. Ба шаҳрванд маълумот дар он ҳаҷм ва бо он мазмуне пешниҳод карда мешавад, ки сарчашма ва тарзи гирифтани чунин маълумот номаълум боқӣ монад.

Маҳдудият нисбат ба пешниҳод намудани маълумот бо он асоснок карда мешавад, ки иттилоот дар бораи ташкил, тактика, методикаи ФОҶ, дар бораи шахсони ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда ва ғайра сирри давлати-

ро ташкил медиҳанд ва ифшо намудани онҳо танҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мумкин мебошад. Аз ин сабаб қонунгузор қайд намудааст, ки ба шаҳрванд маълумот ба он шарте пешниҳод намуда мешавад, ки ифшои сирри давлатиро истисно намояд.

*Ба гурӯҳи дуюм* дохил мешаванд: а) мақомоти болоии амаликунандаи ФОҶ; б) прокурор; в) суд (судя). Яъне, агар шахс чунин шуморад, ки ҳаракатҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ боиси вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ гардидааст, ҳуқуқ дорад нисбати ин ҳаракатҳо ба мақомоти номбаршуда шикоят кунад.

Асосан ба ин се намуди мақомот шаҳрванд дар он ҳолате бо шикоят мурочиат менамояд, ки агар талаби ӯ дар бораи додани маълумоти дархосткардааш аз ҷониби мақомоте, ки нисбати шаҳрванд ЧОҶ-ро бевосита гузаронидааст, рад карда шавад ё агар шахси мазкур пиндорад, ки маълумот дар ҳаҷми пурра ба вай дода нашудааст.

Қонун барои асоснок намудани шикоят ягон хел талаботро ба шаҳрванд пешкаш наменамояд. Аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ рад намудани пешниҳоди маълумот ба шаҳрванд дар дилхоҳ шакл (шифоҳӣ ё хаттӣ), аз он ҷумла, рад намудани пешниҳоди маълумот дар ҳаҷми пурра, барои пешниҳод намудани шикоят кифоя мебошад. Аз ин сабаб Қонуни ФОҶ муайян намудааст, ки дар ҷараёни баррасии шикоят вазифаи исботи асоснокии радди пешниҳоди маълумот ба чунин шахс, аз он ҷумла, радди пешниҳоди маълумот дар ҳаҷми пурра ба зиммаи мақомоти дахлдори амаликунандаи ФОҶ гузошта шудааст.

Ҳангоми ба мақомоти болоии амаликунандаи ФОҶ шикоят намудани шаҳрванд арзи ӯ бо он тартибе, ки барои баррасии мурочиати шахс ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда мешавад. Яъне, дар ин ҳолат низ ба шаҳрванд танҳо маълумот дар бораи намуд ва асоси гузаронидани ЧОҶ, инчунин воҳиди оперативӣ, ки чунин ЧОҶ-ро нисбати ӯ гузаронидааст, пешниҳод карда, ба ӯ ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ пешкаш карда намешаванд. Яъне, ба шаҳрванд маълумот дар он ҳаҷм ва бо он мазмуне пешниҳод карда мешавад, ки аз он сарчашма ва тарзи гирифтани чунин маълумот маълум нагардад.

Ҳангоми ба мақомоти прокуратура ва ё суд шикоят намудани шаҳрванд бо талаби прокурори ваколатдор ё судяи ба он ваколатдодашуда мақомоти амаликунандаи ФОҶ уҳдадор аст бо мақсади таъмини баррасии пурра ва ҳаматарафаи шикоят ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии дорои иттилоот дар бораи маълумоте, ки барои пешниҳод намудани онҳо ба аризадиҳанда рад карда шудааст, диҳанд. Ҳамзамон, ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматие, ки дорои маълумот оид ба шахсони ба муҳити ҷиноятӣ ворид кардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва шахсони ба таври махфиёна ба онҳо мусоидаткунанда мебошанд, инчунин маълумот дар бораи ташкил, тактика, усул ва воситаҳои амалӣ гардонидани ФОҶ ба прокурори ваколатдор ё судяи ба он ваколатдодашуда пешниҳод карда намешаванд.

Баррасии шикоят аз ҷониби прокурори ваколатдор ё судяи ба он ваколатдодашуда ва иҷро намудани қарори онҳо тибқи қонунгузорӣ амалӣ гардонида мешавад. Прокурори ваколатдор ва ё судяи ба он ваколатдодашуда салоҳият доранд асоснок ё беасос будани радди пешниҳод намудани маълумоти заруриро ба аризадиҳанда муайян намоянд. Агар прокурор ва ё судя ба хулоса оянд, ки рад кардани пешниҳоди маълумот ё дар ҳаҷми пурра пешниҳод нанамудани он асос-

нок мебошад, он гоҳ аз ҷониби онҳо қарори дахлдор дар бораи рад намудани қонеъ гардонидани шикоят бароварда мешавад.

Ва баръакс, дар ҳолати беасос эътироф намудани қарори мақомоти амаликунандаи ФОҶ оид ба радди пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ ба аризадиҳанда, прокурор ё судя метавонад мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро вазифадор созад, ки ба аризадиҳанда маълумоти дахлдорро пешниҳод намояд. Ҳаҷми чунин маълумот бояд дар қарори прокурор ва ё суд нишон дода шавад.

Прокурор ва ё судя қарори худро бояд асоснок намуда, дар он мавқеи расмии худро дар бораи қонунӣ будани оғози парвандаи баҳисобгирии оперативӣ, дар бораи нисбати шахс гузаронидани ЧОҶ муайян намояд ва ба ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда баҳои ҳуқуқӣ диҳад.

Прокурор ва судя, ки шикоятро баррасӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд аризадиҳандаро бо ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ шинос намуда, мазмуни онҳоро ба ӯ пешкаш намоянд. Дар акси ҳол, чунин ҳаракатҳо таркиби ҷинояти бо м. 311 КҶ пешбинишударо (ифшои сирри давлатӣ) ташкил менамояд.

Қарорҳои қабулшудаи прокурор ва ё судя ба роҳбари мақомоти дахлдор – субъекти ФОҶ, ки нисбат ба ҳаракатҳои (қарорҳои) он шикоят оварда шудааст ва ё ба мақомоти болоии амаликунандаи ФОҶ ва ё ба шахси мансабдори болоӣ ирсол карда мешавад.

Ҳангоми бо қарори прокурор, суд (судя) норозӣ будани шахс ё мақомоти амаликунандаи ФОҶ, онҳо ҳуқуқ доранд нисбат ба қарори прокурор, суд (судя) ба прокурори болоӣ ва ё суди болоӣ шикоят намоянд.

Бо мақсади таъмин намудани риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар м. 5 Қонуни ФОҶ муҳлати нигаҳдории маводи оперативӣ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, маводи дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ бадастомада нисбати шахсоне, ки гуноҳи онҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар содир кардани ҷиноят исбот нашудааст, дар муддати шаш моҳ баъд аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта, сипас нобуд карда мешаванд, агар манфиатҳои хизматӣ ё адолати судӣ тартиби дигарро талаб накунанд. Фонограмма ва маводи дигари дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва гуфтугузорҳои дигари бадастомадаи шахсоне, ки нисбати онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда нашудааст, дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи қатъ гардидани гӯш кардан нобуд карда мешаванд ва дар ин хусус протоколи дахлдор тартиб дода мешавад. Суди (судяи) дахлдор се моҳ пеш аз нобуд кардани маводе, ки натиҷаҳои ЧОҶ-ро инъикос менамоянд ва ин чорабиниҳо дар асоси қарори он гузаронида шудаанд, хабардор карда мешавад.

Нисбат ба категорияи дигари шахсоне, ки объекти ФОҶ мебошанд (яъне, таҳти коркарди оперативӣ қарор доранд), муҳлати нигаҳдории маводи оперативӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ муайян карда мешавад.

Дар сурати аз тарафи мақомоти амаликунандаи ФОҶ (шахси мансабдори он) вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мақомоти (шахси мансабдори) болоии амаликунандаи ФОҶ, прокурор ё суд (судя) вазифадоранд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор кардани ин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ ва (ё) ҷуброни зарари расонидашуда чораҳо андешанд.

Агар зарар дар доираи риояи талаботи қонун расонида шуда бошад (мисол: ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор дару тирезаи соҳиби манзиле, ки дар он ҷо ҷинояткор қарор дорад, вайрон карда мешавад), он гоҳ чунин зарар аз ҷониби

мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҷуброн карда мешавад. Дар сурати ғайриқонунӣ расонидани зарар ба шаҳрванд, он аз ҷониби худи корманди оперативие, ки чунин зарарро расонидааст, ҷуброн карда мешавад.

Бо мақсади пурзӯр намудани кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тибқи муқаррароти қ. 7 м. 5 Қонуни ФОҶ ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (шахсони мансабдори он) амалҳои зерин манъ карда шудааст:

1) гузаронидани ЧОҶ ба манфиати ягон ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла динӣ;

2) иштироки ғайриошкоро дар кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла динии бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташуда ва манъношуда бо мақсади таъсир расонидан ба фаъолияти онҳо;

3) бе розигии шаҳрвандон ифшо намудани маълумоти мансуб ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, шаъну шараф ва дигар манфиатҳои шаҳрвандон, ки дар ҷараёни гузаронидани ЧОҶ маълум гардидаанд, ба истисноп мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

4) ба таври бевосита ё бавосита таҳрик кардан, моил сохтан ва ё водор намудан ба содир кардани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ (иғво);

5) сохтакории натиҷаҳои ФОҶ.

Аз ҷониби кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон кардани талаботи қонун ҳангоми амалӣ намудани ФОҶ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

### § 5. Баррасии маводи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар тафтишот, прокуратура ва суд баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ

Баррасии натиҷаҳои ФОҶ-ро пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфатиш, прокурор ва суд (судя) низ аз ду нуқтаи назар омӯхтан қобили қабул аст:

а) баррасии натиҷаҳои ФОҶ-и пешниҳодгардида аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва ё суд ҷиҳати санҷидан ва баҳо додани онҳо ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчунин ҷиҳати истифода бурдани онҳо барои тайёр ва амалӣ гардонидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, истифода бурдани онҳо ба сифати далел барои исбот дар парвандаи ҷиноятӣ;

б) баррасии маводи ҷамъоваришудаи ФОҶ аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва ё суд, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ ба даст оварда шудаанд ва онҳо барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд.

Дар ин сурат низ омӯзиши ҳар ду ҳолати номбаршуда дар алоҳидагӣ чӣ барои кормандони оперативӣ ва чӣ барои кормандони мақомоти тафтишот, прокуратура ва суд аҳамияти калон дорад. Дар ин ҷо низ ҳолати якум яке аз давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад ва ҳангоми оғоз ва тафтиш намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ҳама маврид ҷой дорад. Ҳолати дуюм – давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил намедиҳад ва он танҳо дар он мавриде ба миён меояд, ки агар дар ҳаракатҳои кормандони мақомоти амаликунандаи ФОҶ таркиби ҷиноят вуҷуд дошта бошад.

*Ҳолати якум.* Тибқи қ.2 м. 11 Қонуни ФОҶ натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суде (судяе), ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ қарор дорад, пешниҳод гарданд, ҳамчунин барои исботи марбут ба парвандаҳои

ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд[1].

Пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд (судя) дар асоси қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ тибқи тартиби бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ пешбинигардида амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ натиҷаҳои ФОҶ, ки бо роҳи гузаронидани ЧОҶ ҷамъоварӣ карда шудаанд, (масалан: сабти гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугузорҳои шахс, фонограмма, иттилооти каналҳои техникӣ, хабарҳои телеграфӣ ва дигар маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) ба муфаттиш барои ҳамроҳ кардан ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далелҳои шайъӣ расман фиристода мешаванд. Дар ин ҳолат чунин натиҷаҳои ФОҶ аз ҷониби муфаттиш бояд таҳти санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифта, мумкин аст ҳамчун далел ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далел истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ шахсони мансабдори мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумот пурсиш карда шаванд. Дар ин маврид шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва шахсоне, ки ба таври ғайриошкоро ба онҳо мусоидат менамоянд, метавонанд фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истисноı ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят пурсиш карда шаванд. Тартиби минбаъдаи истифодаи онҳо дар тафтишот ва мурофиаи судӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва суд низоми махфият нисбати маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, бояд пурра риоя гардад. Яъне, ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ низоми махфияти ташкил, тактика, усулу воситаҳои ФОҶ, маълумот нисбати шахсони ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда ва ғайра пурра риоя карда мешавад.

Мутобиқи қ. 8 м. 172 КМҶ ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимоли он, ки таъмини амнияти ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо зарур аст, муфаттиш ҳуқуқ дорад дар протоколи амали тафтишӣ, ки дар он ҷабрдида, намоянда ва шоҳид иштирок доранд, маълумотро дар бораи шахсияти онҳо зикр накунад. Дар ин сурат муфаттиш вазифадор аст қароре барорад, ки дар он сабаби дар хусуси махфӣ нигоҳ доштани маълумот оид ба шахсияти иштирокчии амали тафтишӣ қабул кардани қарорро зикр намуда, намунаи имзоро, ки вай дар протоколи амали тафтишӣ бо иштироки ӯ аз он истифода мебарад, сабт кунад. Қарор дар лифофаи муҳршуда нигоҳ дошта мешавад, ки бо мазмуни он ба ғайр аз муфаттиш, прокурори назораткунанда, ҳайати суд ё судя шинос шуда метавонанд.

Тибқи қ. 2 м. 19 ва сархати 4 қ. 2 м. 263 КМҶ судя мавҷуд набудани асосҳои барои баррасии парванда дар маҷлиси суд монеашавандаро муайян намуда, дар бораи таъини маҷлиси суд қарор мебарорад. Дар қарори таъини маҷлиси суд дар қатори дигар масъалаҳои баррасишаванда, инчунин дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ кардани парвандаро дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 273 КМҶ пешбинӣ менамояд. Тибқи муқаррароти ин модда, суд бояд ҳолатҳое, ки он ба фош нашудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад, пешгирӣ намояд.

[1] Ин масъала муфассалтар дар § 2 боби 8 Китоби мазкур баррасӣ гардидааст.

Муҳокимаи пӯшидаи судӣ, инчунин бо таъиноти асосноки суд (қарори судя) оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоте, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, мумкин аст гузаронида шавад (қ. 2 м. 273 КМҶ).

Ин талабот инчунин, аз муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри с.2010 таҳти № 644 бармеояд.

Парванда дар маҷлиси пӯшидаи судӣ бо риояи ҳамаи қоидаҳои пешбурди судӣ баррасӣ карда мешавад. Таъиноти суд (қарори судя)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парванда оид ба тамоми муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст (қ. 3 м. 273 КМҶ).

Бо мақсади риояи маҳрамияти мукотиба ва муросилоти телеграфӣ, тафтиш намудани мукотибаи хусусӣ ва иттилооти шахсии шаҳрвандон дар маҷлиси ошкорои суд танҳо бо иҷозати шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад. Дар акси ҳол чунин мукотиба ва иттилооти телеграфӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд эълон ва тафтиш карда мешавад. Қоидаҳои зикршуда, инчунин ҳангоми тафтиши сабтҳои овоз ва видео, ки дорои хусусияти шахсӣ мебошанд, татбиқ карда мешаванд (қ. 4 м. 273 КМҶ).

Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад (қ. 7 м. 273 КМҶ).

Суде (судяе), ки барои гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд месозад, иҷозат додааст, тибқи м. 61 КМҶ парвандаҳои ҷиноятиро, ки ба он ин мавод ҳамроҳ карда шудааст, баррасӣ карда наметавонад.

*Ҳолати дуюм.* Натиҷаҳои ФОҶ, ки бидуни иҷозати суд ва муқаррароти қонун ба даст омадаанд, ҳамчун далел эътироф нашуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда намешаванд.

Чунин муқаррарот низ аз мазмуни қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри с.2014 «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ», ки барои ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудааст, бармеояд.

Ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ (мисол: гузаронидани ЧОҶ бе иҷозати судяи ба он ваколатдодашуда ё ба манфиати ягон ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ин ки, бевосита ё бавосита таҳрик кардан ва ё моил сохтани шахс ба содир кардани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ё сохтакорӣ намудани натиҷаҳои ФОҶ ва ғайра) мумкин аст ҳамчун асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ хизмат кунад. Дар сурати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ бо сабаби аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ, натиҷаҳои ҷамъоваришудаи ФОҶ ба сифати далел ва исботи гуноҳи чунин корманд истифода бурда мешаванд. Яъне, агар маводи оперативии ҷамъоваришуда (мисол: сабти гуфтугӯҳои телефонӣ, иттилооти каналҳои техникӣ, хабарҳои телеграфӣ ва ғайра) бо роҳи ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ ба даст оварда шуда бошанд, он гоҳ муфаттиш, прокурор ва суд онҳоро ҳамчун далел баҳодиҳӣ намуда, ба парвандаи ҷиноятие, ки нисбати корманди оперативӣ оғоз карда мешавад, ҳамроҳ менамояд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки вобаста аз хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракатҳои ғайриқонунии кормандони оперативӣ, амалҳои онҳо мумкин аст боиси ҳам ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам ҷавобгарии интизомӣ гардад. Дар ин сурат таҳлили ҳаматарафаи шароит ва вазъияти оперативии бамиёномада, сабабҳои аз ҷониби корманди оперативӣ содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, дараҷаи зарари расонидашуда ба манфиатҳои шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат ва дигар ҳолатҳо аҳамияти калон дошта, онҳо ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар сурати ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ бо ниятҳои ғаразнок ё дигар мақсадҳои нопоку паст, сохтакорӣ намудани натиҷаҳои ФОҶ, дағалона вайрон намудани тартибу шартҳои гузаронидани ЧОҶ, ки қонун муқаррар намудааст ва дигар ҳолатҳое, ки боиси ба миён омадани оқибатҳои вазнин гардидаанд, онҳо бе чуну чаро ба сифати асоси ҷавобгарии ҷиноятии корманди мақомоти амаликунандаи ФОҶ баромад мекунанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби корманди оперативӣ ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ дар натиҷаи саҳв, вайрон намудани муҳлатҳое, ки барои гузаронидани ЧОҶ муқаррар карда шудаанд, расман риоя нанамудани тартиб ва шартҳои гузаронидани он ва ғайра боиси ҷавобгарии интизомӣ мегардад. Масалан: аз лаҳзаи гузаронидани ЧОҶ дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд менамояд, корманди оперативӣ прокурори ваколатдор ва судяи ба он ваколатдодашударо на дар давоми 24 соат, балки, мисол, дар давоми 30, 32, 34 соат ба таври хаттӣ хабардор менамояд.

Албатта, чунин амал боиси вайрон намудани талаботи муқаррарнамудаи қонун мебошад. Вале чунин ҳолат ба сифати асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ хизмат карда наметавонад.

Агарчӣ ЧОҶ ғайриқонунӣ гузаронида шуда бошанд ҳам, вале онҳо бо истифодаи тактика ва усулу воситаҳои ФОҶ, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд, амалӣ гардонида шуда бошанд, ҳамчунин агар дар натиҷаҳои ФОҶ-и бадастовардашуда маълумот дар бораи шахсони ба муҳити ҷиноятӣ воридшуда, маълумот дар бораи шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунанда ва кормандони штатии ғайриошкоро мавҷуд бошанд, дар ҳолати оғоз ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ин маълумот хусусияти сирри давлатӣ доштанашонро гум намекунанд. Чунки ҳаракати корманди оперативӣ ғайриқонунӣ бошад ҳам, манфиатҳои ФОҶ ва шахсони номбурда ба ин кирдори ғайриқонунии корманд вобастагӣ надорад ва набояд поймол шаванд.

Ҳолатҳое ба миён омаданашон мумкин аст, ки баъзе ҳаракатҳои ба ЧОҶ монандро шахсони алоҳида низ амалӣ гардонанд. Масалан: шахси воқеӣ бо нияти ғараз ё дигар мақсадҳои нопоку паст маълумотеро, ки сирри шахсӣ ё оилавии шахси дигарро дар бар мегирад, бидуни иҷозати ӯ ҷамъ ва паҳн менамояд; бо мақсади ба даст овардани маълумоти дахлдор шахс ба манзили шаҳрванд бар хилофи хоҳиши ӯ медарояд ё гуфтугӯи телефонии ӯро бо истифода аз воситаҳои махсуси техникӣ гӯш мекунад, бо муросилоти почта ва хабарҳои дигари шахс шинос мешавад ва ғайра.

Бинобар ин, Қонуни ФОҶ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ваколатдор нестанд, гузаронидани ЧОҶ ва истифодаи воситаҳои махсус ва воситаҳои дигари техникии барои гирифтани иттилооти ғайриошкоро таъиншударо (коркардшударо, мутобиқшударо, барномарезишударо) манъ намудааст (қ. 8 м. 6).

Чунин амалҳо ғайриқонунӣ ҳисобида шуда, дар ҳаракатҳои шахс аломатҳои таркиби ҷиноятҳои бо м.м. 144 (ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид

ба ҳаёти шахсӣ), 146 (вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот), 147 (вайрон намудани дахлнопазирии манзил) пешбининамудаи КҶ дида мешаванд.

Қонуни ФОҶ муайян кардааст, ки коркард, истеҳсол, ба соҳибияти каси дигар додан, соҳиб шудан ба воситаҳои махсуси техникии барои гирифтани иттилооти ғайриошкоро таъиншуда аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танҳо дар асоси иҷозатнома метавонад сурат гирад ва он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад (қ. 9 м. 6). Аз ин сабаб, ғайриқонунӣ истеҳсол кардан, ба соҳибияти каси дигар додан ё соҳиб шудан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси техникӣ, ки барои ниҳонӣ ба даст овардани маълумот пешбинӣ шудаанд, боиси бо қ. 3 м. 146 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мегардад.

### Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Таърихи батанзимдарории меъёрии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**2.** Мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**3.** Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд.

**4.** Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**5.** Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун сабаб ва асос дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**6.** Эътироф намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати далел дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**7.** Мақомти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун мақомоти таҳқиқ.

**8.** Прокурори ваколатдор ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**9.** Судяи ваколатдор ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**10.** Баррасии маводи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар тафтишот, прокуратура ва суд то ва баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ.

### Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**2.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29 сентябри с.2014 таҳти № 5.

**10.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**11.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**12.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**13.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**2.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ : рисолаи илмӣ-амалӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**7.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**8.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**9.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: "Глобус", 2006.

**10.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.

11. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

12. Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

13. Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

14. Косимов О.А. Правовые и организационные аспекты взаимодействия следователя с оперативно-розыскными подразделениями органов дознания : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014.

15. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

16. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

17. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

18. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

19. Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

20. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

21. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

22. Махмудов И.Т. Прокурорский надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности : проблемы теории, практики и законодательной регламентации : монография. – Душанбе: «Ирфон», 2010.

23. Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

24. Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

25. Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

26. Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

27. Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

28. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

29. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 9.
# ЧОРАҲОИ МАҶБУРКУНИИ МУРОФИАВӢ

## § 1. Мафҳум ва моҳияти чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ

Воситаҳои гуногуни таъсиррасоние, ки аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷамъият дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ татбиқ карда мешаванд – ин боварикунонӣ ва маҷбуркунӣ мебошанд.

Боварикунонӣ – ин яке аз воситаҳои муқаррарии таъсиррасонӣ ба одам мебошад. Боварикунонӣ аз он иборат аст, ки бо роҳи кушодани омилҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ба шахсон фаҳмонида дода шуда, дар онҳо бовари ба ихтиёрона ва дақиқ риоя намудани тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷамъиятии муқарраркардашуда пайдо мегардад.

Дар қатори боварикунонӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ нақши муҳим ва муайяншударо маҷбуркунӣ мебозад. Он шакли таъсиррасонии давлатӣ ё ҷамъиятиро дорад ва вазифаҳои худро бо воситаҳои таҳдид ё истифодаи воқеии он, дар ҳолатҳое, ки боварикунонӣ ва таҳдиди маҷбуркунонӣ на он қадар таъсир расонданд ва меъёрҳои ҳуқуқӣ вайрон карда шудаанд, татбиқ карда мешавад.

Тамоми пешбурд оид ба парвандаи ҷиноятӣ асосан аз қарорҳое, ки аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд қабул мешаванд ва дар асоси онҳо амалҳои гузаронидашаванда, ки онҳо дар ҳар ҳолат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таъсир мерасонанд ва онҳоро маҳдуд месозанд, иборат мебошанд.

Бе чунин маҳдудкунӣ дар бисёр мавридҳо ҳал кардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, вобаста ба кушодани ҷиноят, ҷамъ овардани далелҳо, муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон номумкин аст. Ҳоло он, ки на ҳама ва на ҳар вақт тайёранд, ки чунин маҳдудиятҳо ва талаботи пешниҳодкардаро ихтиёрона қабул намоянд, бо ҳамин сабаб мақомот ва шахсони мансабдоре, ки фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятиро ба амал мебароранд, ваколати васеи истифода бурдани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро доро мебошанд.

Одатан чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро аз рӯйи мазмун ва ба мақсад мувофиқ будани истифодабарии онҳо фарқ кардан мумкин аст. Яке аз онҳо вазифаҳои ҳозиршавии ин ё он шахсро (мутахассис, коршинос, айбдоршаванда, гумонбаршуда ва ғ.) ба суд, прокуратура ва мақомоти тафтишоти пешакӣ таъмин мекунад, бо воситаи дуюм (кофтуков, ёфта гирифтан, шаҳодаткунонӣ, ба муассисаи тиббӣ дохил кардани айбдоршаванда, гумонбаршуда ва ғ.) далелҳои нав ба даст оварда мешаванд, бо воситаи сеюм бошад (ҳабси молу мулк ё ҳуҷҷатҳои қиматнок) иҷрои ҳукм дар хусуси ситонидани моликият ва ғайра таъмин карда мешавад.

Бо назардошти самти вазифаҳои мурофиавие, ки ҳал карда мешаванд, инчунин хусусиятҳои татбиқ намуданашон чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро ба се гурӯҳи алоҳида тақсим кардан мумкин аст:

1.Дастгиркунӣ (боби 11 м.м. 91-100 КМҶ).

2.Чораҳои пешгирӣ (боби 12 м.м. 101-112 КМҶ).

3.Дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ (боби 13 м.м. 113-118 КМҶ).

Дар вақти татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, риоя намудани талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти калон дорад. Моҳияти ин талаботҳо, дар роҳ надодан ба азобу уқубат ва шиканҷаи одамон ё ин, ки муомилаи бо бераҳмӣ, сангдилӣ ё паст задани қадри инсон алоқаманд буда, иборат мебошад.

Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар худ шакли махсуси маҷбуркунии ҳуқуқиро доранд. Онҳо аз ҳар гуна чораҳо иборат мебошанд, ки низоми ягонаро тартиб медиҳанд ва бо аломатҳои муайян тавсиф карда мешаванд:

1. Танҳо дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ карда мешаванд.
2. Онҳоро танҳо мақомоти ваколатдор татбиқ менамоянд.
3. Дар шакли муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад менамоянд.
4. Хислати маҳдудкунии ҳуқуқҳои субъективӣ ва шахсию моликиятӣ доранд.
5. Дар таъсиррасонии маънавӣ, рӯҳӣ ва ҷисмонии субъектон, ба фаъолияти онҳо, ё ин, ки моликияташон ифода мегардад.
6. Қонунӣ ва асоснок татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ бо кафолати ҳуқуқии мурофиавии шахс ва назорати прокурорӣ таъмин карда мешавад.

Ҳуқуқи татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд доранд.

Вобаста аз таъиноти маҷбуркунии мурофиавӣ, хусусиятҳои он ва муносибатҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омада, ҳамаи чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро ба 2 гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Воситаҳои пешгирӣ.
2. Воситаҳои таъминкунанда.

***Воситаҳои пешгирӣ*** ҳамчун амалиёти маҷбуркунии мустақил барои бартараф намудани амалҳои ғайриқонунӣ, ки барои муайян кардани ҳақиқат монеа мешаванд, хизмат мерасонад. Таъиноти онҳо, аз он иборат мебошад, ки вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятиро бо роҳи татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ иҷро менамоянд. Ба гурӯҳи воситаҳои пешгирӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Чораҳои пешгирӣ.
2. Гирифтани уҳдадорӣ дар бораи ҳозир шудан.
3. Дастгиркунӣ.
4. Маҷбуран овардан.
5. Эълон кардани кофтуков.
6. Дур кардани айбдоршаванда аз вазифаи ишғолкардааш.
7. Чораҳое, ки нисбати вайронкунандагони тартиботи маҷлисӣ судӣ татбиқ карда мешавад.

Таъиноти мурофиавии ***воситаҳои таъминкунӣ*** аз ташкил кардани шароитҳои маҷбурӣ барои иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ иборат мебошанд. Маҷбурӣ будани ин воситаҳо аз фаро расидани шароитҳои муайяне вобастагӣ доранд, ки дар як хел ҳолатҳо муайян кардани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аз рафтори субъектоне, ки барои фаро расидани ин шароитҳо монеагӣ мекунанд, вобастагӣ дорад.

Ба гурӯҳи воситаҳои таъминкунӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Кофтуков.
2. Ёфта гирифтан.
3. Ҷойгиркунии айбдоршаванда ё гумонбаршуда дар муассисаи тиббӣ барои гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ ё судӣ-рӯҳшиносӣ.

4. Ҳабси молу мулк.

Гуфтаҳои дар боло зикр шударо ба инобат гирифта дар зери мафҳуми «**чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ**» чунин усули таъсиррасонии давлатиро меноманд, ки дар воситаҳои пешгирии мурофиавӣ-ҷиноятӣ зоҳир гашта, аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки барои муайян кардани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ монеагӣ мекунанд, татбиқ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дар вақти гузаронидани тафтишот оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар ҳар ҳолат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таъсир расонида мешавад, ё онҳоро маҳдуд месозад. Бе чунин маҳдудкуниҳо ва таъсиррасониҳо тафтишот аксар вақт гузаронида намешавад. Барои ҳамин, дар мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Дастгиркунӣ.
2. Чораҳои пешгирӣ.
3. Дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ.

## § 2. Дастгиркунӣ

Асос ва тартиби дастгиркунии гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят дар м.м. 91-100 боби 11 КМҶ ба танзим дароварда шудааст.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки моҳияти ин амалиёти мурофиавиро ҳар хел шарҳ додан мумкин аст. *Дастгиркунӣ* – ин як намуди чораи маҷбуркунии мурофиавӣ мебошад, ки дар муддати кӯтоҳ бе иҷозати суд, шахси гумонбар дар содир намудани ҷиноят аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Дастгиркунии гумонбаршуда барои ҷамъ овардани далелҳо ёрӣ мерасонад.

Дастгиркунӣ хислати таъхирнопазирӣ дорад, нисбати шахс татбиқ карда мешавад ва барои ҳамин, мӯҳлати дастгиркунӣ ба 72 соат маҳдуд карда шудааст ва ин мӯҳлат дароз карда намешавад.

Дастгиркунӣ танҳо бо мақсади санҷидани иштироки гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят ва баррасӣ намудани масъалаи нисбати ӯ татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, гузаронида мешавад.

Дастгиркунӣ бо риояи шартҳо ва тартиби мурофиавии дар м. 92 КМҶ пешбинишуда гузаронида мешавад.

Шахсро дар содир намудани ҷиноят ба шарте гумонбаршуда ҳисобидан мумкин аст, ки аз тарафи мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти худ ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин дастгир карда шавад, агар:

– дар вақти содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди содир кардани он боздошт шуда бошад;

– шоҳидони ҳодиса, аз он ҷумла, ҷабрдида бевосита шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон диҳанд ё бо тартиби пешбининамудаи м. 93 КМҶ боздошт намоянд;

– дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахсбуда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷойи кор ё воситаи нақлиёти ӯ осори бараълои ҷиноят ошкор карда шуда бошанд, ки аз шарик будани ӯ дар содир намудани ҷиноят дарак медиҳанд;

– агар асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷуд бошанд, ба шарте ки ӯ кӯшиши аз ҷойи ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда бошад ё ҷойи зисти доимӣ надошта бо-

шад ё дар маҳалли дигар зиндагӣ кунад ё шахсияташ муайян карда нашуда бошад.

Зери мафҳуми “дигар асосҳо” бояд далелҳо, инчунин маълумоти дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ ба даст овардашударо фаҳмид, ки ба муфаттиш бо тартиби муқаррароти Қонуни ФОҶ пешниҳод карда шудаанд.

Дастгиркунӣ на танҳо дар ҳолати мавҷудияти асос, балки мавҷуд будани ангеза, яъне андешаи муфаттиш оид ба он, ки гумонбаршуда дар озодӣ монда аз мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё суд пинҳон мешавад, ё бо амалиёти ҷиноятkорона машғул шуданаш аз эҳтимол берун нест, низ қонунӣ ва асоснок мебошад.

Дар амалия якҷоя бо дастгиркунӣ кофтукови шахсии дастгиршуда гузаронида мешавад. Кофтукови шахсӣ мутобиқи талаботи м. 190, 192-194 КМҶ бе баровардани қарори алоҳида гузаронида мешавад. Натиҷаи кофтукови шахсӣ дар протоколи дастгиркунӣ қайд карда мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ дар бораи дастгир кардани шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст мақомоти таҳқиқ ё муфаттиш қарор мебароранд.

Муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ қарор дорад, вазифадор аст ба яке аз хешовандони наздики гумонбаршуда ва ё маъмурияти ҷойи кор ё таҳсил, ҷойи дар ҳабс нигоҳдории ӯро хабар диҳад. Дар бораи дастгир кардани хизматчии ҳарбӣ, роҳбарияти қисми ҳарбӣ хабардор карда мешавад.

Дастгиршуда дар асоси қарори (таъиноти) мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин бояд озод карда шавад, агар:

1) гумони аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят тасдиқ нагардида бошад;

2) асосҳои минбаъд дар ҳабс нигоҳ доштан аз байн рафта бошанд;

3) муқаррар карда шуда бошад, ки дастгиркунӣ бо риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи КМҶ амалӣ шудааст;

4) мӯҳлати дастгиркунӣ гузашта бошад.

Таҳқиқбаранда ё муфаттиш минбаъд набудани асосҳоро барои дастгиркунӣ муқаррар карда, вазифадор аст, ки шахси дастгиршударо дарҳол озод намоянд. Прокурор ғайриқонунӣ будани дастгиркуниро муқаррар карда, вазифадор аст шахси дастгиршударо фавран озод намояд.

Мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар бораи озод кардани дастгиршуда қарор қабул кардааст, ба ӯ маълумотномае медиҳад, ки дар он аз тарафи кӣ дастгир шудан, асос, ҷой ва вақти дастгиркунӣ, асос, сабаб ва вақти озодшавӣ нишон дода мешавад.

Дар қонун тартиби махсуси дастгиркунии шахсоне, ки дахлнопазирӣ доранд (вакилон, намояндагони консулгариҳо ва ғайра) пешбинӣ шудааст. Хусусияти чунин тартиб дар он аст, ки дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо ва шартҳое, ки дар м. 92 КМҶ пешбинӣ шудаанд, шахсони номбурдаро танҳо дар вақти содир кардани ҷиноят дастгир кардан мумкин аст. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар шахсони номбаршуда баъди муайян кардани шахсияташон бояд фавран озод карда шаванд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан ба маврид аст, ки дастгиркунии гумонбаршуда ин чораи маҷбуркунии таъҷилие мебошад, ки аз тарафи мақомоти таҳқиқ ё муфаттиш дар давраи тафтишоти пешакӣ гузаронида мешавад. Моҳияташ дар он аст, ки барои муайян кардани дахлдории гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят ва интихоб кардан ё накардани чораҳои пешгирӣ, муваққатан дастгир карда мешавад. Мӯҳлати дастгиркунӣ 72 соат мебошад. Дар ин мӯҳлат ба шахс айб эълон

намуда нисбати ӯ чораи пешгирӣ татбиқ менамоянд, ё ин ки дар ҳолати бегуноҳ буданаш ӯро озод менамоянд.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунии дастгирнамудани ашхос, соли 2012 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҳуҷҷати расмие қабул карда шуд, ки дар навбати худ механизми дигаре дар ин самт пешбинӣ менамояд[1].

Дар навбати худ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо тағйироту иловаҳои дахлдор[2] дар ин самт мукаммал гардонида шуд. Яке аз ин тағйирот – ин ворид намудани мафҳуми лаҳзаи воқеии дастгиркунӣ дар сархати 8 м. 6 КМҶ. Тибқи ин модда, *лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ* – лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран дар ҷойи муайян нигоҳ доштан, маҷбуран овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё мамониат кардан ба анҷом додани дигар ҳаракатҳои шахс тибқи иродаи худ новобаста ба расман додани ягон мақоми мурофиавӣ ба шахси дастгиршуда ё иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршуда, эътироф карда мешавад.

Ҳамзамон, тартиби дастгир намудани шахс дигаргун карда шудааст. Ҳангоми дастгир намудани шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда корманди ваколатдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё дигар шахси босалоҳият вазифадор аст дар ҷойи дастгиркунии воқеӣ ба таври шифоҳӣ ба шахс эълон намояд, ки барои содир намудани кадом ҷиноят ӯ дастгир карда шудааст, ҳуқуқи ӯро ба занги телефонӣ ё хабар додан ба адвокат ё хешованди наздик, доштани ҳимоятгар ва даст кашидан аз додани нишондод фаҳмонида, огоҳ намояд, ки нишондодҳои ӯ метавонанд ба сифати далел дар парвандаи ҷиноятӣ муқобили ӯ истифода шаванд.

Баъд аз ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани дастгиршуда шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш дар давоми се соат протоколи дастгиркунӣ тартиб медиҳанд. Ҳангоми тартиб додани протоколи мазкур ба гумонбаршуда ҳуқуқҳои ӯ, ки бо м. 46 КМҶ пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида шуда, дар ин бора дар протоколи дастгиркунӣ сабт карда мешавад. Дар протоколи дастгиркунӣ маълумоти зерин дарҷ карда мешаванд:

– сана, ҷой ва вақти тартиб додани протокол, рақами тартибии он;

– насаб, ном ва номи падар, вазифа ва рутбаи кормандони мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, шахсони мансабдор ва шахсони дигар, ки дар анҷом додани амалиёти дастгиркунӣ иштирок кардаанд;

– дар сурати иштирок кардани шахсони холис, тарҷумон ва дигар шахсон дар амалиёти дастгиркунӣ насаб, ном, номи падар, суроға ва дигар маълумоте, ки шахсияти онҳоро муайян мекунанд;

– асос ва ваҷҳҳои дастгир намудан, ҷой ва вақти дастгиркунии воқеӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани шахс (бо зикри сана, соату дақиқа);

---

[1] Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24 октябри соли 2012 ва № 73 аз 17 ноябри соли 2012.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.05.2016 таҳти № 1306 // «Ҷумҳурият». 20.05.2016. № 96 (22 918).

– маълумот дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқҳои гумонбаршуда, холисон ва шахсони дигар, ки дар амалиёт иштирок мекунанд;

– натиҷаҳои кофтукови шахсии дастгиршуда;

– сана ва вақти дастгиркунии шахс ва ҷойи нигоҳдории ӯ хабардор кардани аъзои болиғи оила ё хешованди наздики шахси дастгиршуда, тарзи хабардоркунӣ (аз ҷониби кӣ ва ба кадом восита хабар расонида шудааст, агар хабари телефонӣ бошад, рақами телефон нишон дода мешавад), насаб, ном ва номи падари шахсе, ки аз дастгиркунӣ ва ҷойи нигоҳдории дастгиршуда хабардор карда шудааст.

Протоколи дастгиркунӣ ба дастгиршуда эълон карда шуда, аз ҷониби шахси мансабдори онро тартибдода, дастгиршуда, ҳимоятгари ӯ (агар ӯ иштирок дошта бошад) ва дигар шахсон, ки дар амалиёти мазкур иштирок кардаанд, имзо карда мешавад.

Ҳангоми ҷойгир кардани гумонбаршуда ба изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ барои муайян намудани вазъи умумии саломатӣ ва ё мавҷуд будани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ аз ҷониби корманди тиб муоинаи тиббии ӯ гузаронида мешавад. Гумонбаршуда ё ҳимоятгари ӯ ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки муоинаи тиббиро табиби мустақил ё коршиноси судӣ-тиббӣ гузаронад. Хулосаи муоинаи тиббӣ ба протоколи дастгиркунӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Баъд аз ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани дастгиршуда, фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ, тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ва гузаронидани муоинаи тиббӣ шахси дастгиршуда бетаъхир ба изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда мешавад.

Дар бораи дастгир намудани гумонбаршуда мақомоти тaҳқиқ, таҳқиқбаранда ё муфаттиш ухдадоранд дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеии шахс ба прокурори дахлдор ба таври хаттӣ хабар диҳанд.

## § 3. Чораҳои пешгирӣ

### а) Мафҳум, моҳият ва намудҳои чораҳои пешгирӣ

Айни замон чораҳои пешгириро воситаҳои таъсиррасонии психологӣ нисбати гумонбаршуда / айбдоршаванда ва маҳдуд кардани озодии ӯро меноманд, ки бо мақсади саркашӣ накардани ӯ аз тафтишот ва суд, пешгирӣ кардани давом додани фаъолияти ҷиноятконаааш ва халал нарасонидан ба рафти тафтишот татбиқ карда мешавад.

Дар ин бора дар м. 101 КМҶ чунин гуфта шудааст, ки чораҳои пешгирӣ амалҳои маҷбурие мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда барои пешгирии аз тарафи онҳо содир шудани ҷиноят ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд.

Тибқи ин модда, чораҳои пешгирӣ инҳоянд:

1) забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат;
2) кафолати шахсӣ;
3) супоридани хизматчии ҳарбӣ таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ;
4) таҳти парасторӣ супоридани ноболиғ;
5) гарав;
6) ҳабси хонагӣ;
7) ба ҳабс гирифтан.

Аз ин номгӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки чораҳои пешгирӣ – ин чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мебошанд. Аз ҳама вазнинтарин чораи пешгирӣ – ин ба ҳабс гирифтан мебошад.

Бисёрии амалҳои тафтишӣ хислати маҷбуркунӣ доранд, аз он ҷумла: кофтуков, шаҳодаткунонӣ, таъин кардани экспертиза ва ғайраҳо. Маҷбуркунӣ инчунин аз мансаб дур кардан ва пурсиш, маҷбуран овардан ба ҳисоб меравад.

Мақсади татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ набояд аз ҳамдигар қатъиян ҷудо карда шаванд. Масалан: кофтуков барои ҷамъ кардани далелҳо, пайдо намудани шахсони ҷустуҷӯшаванда, ҷасад ва ашёҳои қимматбаҳо, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд, мусоидат менамоянд. Маҷбуран овардани шоҳид барои пурсиш оид ба ҳолатҳое, ки муайян намудани онҳо барои ҷустуҷӯи гумонбаршуда ва пешгирӣ кардани фаъолияти ҷинояткоронаи вай заруранд, имконият фароҳам меоварад. Дур кардани шахс аз маҷлиси судӣ ҳангоми вайрон кардани тартибот дар ҷаласаи судӣ барои самаранок гузаронидани мурофиаи судӣ мамониатро бартараф карда, дигар шаҳрвандонро аз итоат накардан ба амрҳои раисикунандаи маҷлиси судӣ, зоҳир намудани беҳурматӣ ба суд огоҳ месозад.

Чораҳои пешгирӣ пеш аз ҳама хислати маҷбуркунӣ доранд, ва онҳо аз дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ бо он фарқ мекунанд, ки танҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда татбиқ карда мешаванд. Дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро бошад нисбати дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳам татбиқ кардан мумкин аст.

Дар чораҳои пешгирӣ бисёртар ваколати ҳокимиятии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд ифода меёбанд, онҳо ҳуқуқ доранд ки чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро барои таъмин кардани манфиатҳои тафтишот аз он ҷумла адолати судӣ, татбиқ намоянд.

***Чораҳои пешгирӣ*** – ин воситаҳои дар қонун пешбинигардидаи таъсиррасонӣ ба гумонбаршудаҳо, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо мебошад, ки бо мақсади маҳрум кардани имконияти монеъ шудан ба муқаррар намудани ҳақиқат оид ба парванда, давом додани фаъолияти ҷинояткорона ва пинҳон шудан аз тафтишоти пешакӣ, муҳокимаи судӣ ва ба иҷро расонидани ҳукм татбиқ карда мешавад.

Бе татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ на дар ҳама маврид пешбурд оид ба парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, барои он, ки манфиатҳои шахси ҷиноят содиркарда дар бисёр маврид муқобили манфиатҳои мақомоти тафтишотӣ ва судӣ оид ба муайян кардани ҳақиқати воқеӣ равона карда шудаанд. Ин чораҳо барои таъмин кардани вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар м. 2 КМҶ пешбинӣ шудаанд, лозиманд.

Чораҳои пешгирӣ, ки ҳатто аз озодӣ маҳрум месозанд, ба сифати ҷазо баромад карда наметавонанд, ҳарчанд ба онҳо шабоҳат дошта бошанд ҳам (ба ҳабс гирифтан ва аз озодӣ маҳрум сохтан). Онҳо бо мақсади хусусии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷазои ҷиноятӣ мақсади ислоҳ, тарбия ва пешгирӣ намуданро доранд, ки ин гуна мақсадҳоро чораҳои пешгирӣ надоранд. Моҳияти чораҳои пешгирӣ дар он мебошад, ки онҳо шароити ошкор намудани ҷиноят ва ҷазо додани гунаҳгоронро таъмин менамоянд, лекин худ ба худ ин чораҳо ҷазои ҷиноятӣ шуда наметавонанд.

Масъалаи муҳимтарини чораҳои пешгирӣ – ин қонунӣ татбиқ кардани онҳо мебошад. Барои таъмин кардани қонуният ҳангоми татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ, қонунгузор кафолати зеринро муқаррар кардааст:

1. Татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ ҳуқуқ, на ин ки вазифаи мақомоти тафтишотӣ мебошад;

2. Татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ танҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда;

3. Имконияти интихоб намудани чораи пешгирии мувофиқ – пурзӯр ё ин ки на он қадар сахт;

4. Имконияти иваз кардани чораи пешгирӣ (яъне сабук ё ин ки пурзӯр кардани онҳо);

5. Дар ҳолати нодуруст татбиқ кардани чораи пешгирӣ – ин дағалона вайрон кардани қонуният ба ҳисоб меравад, ва барои ин шахсе, ки онро татбиқ кардааст, ҷазо таъин карда мешавад;

6. Прокурор вазифадор аст, ки дуруст интихоб кардани чораи пешгириро тафтиш намояд (сархати 7 қ. 1 м. 247 КМҶ);

7. Ба ҳабс гирифтан ва ҳабси хонагӣ танҳо бо иҷозати суд татбиқ кардан мумкин аст;

8. Суд вазифадор аст, ки баъд аз парвандаи ҷиноятиро аз прокурор қабул намудан, дуруст интихоб шудани чораи пешгириро тафтиш намояд ва ҳуқуқ дорад, ки онро иваз кунад (сархати 5 қ. 1 м. 262 КМҶ);

9. Ҳуқуқи шикояткунӣ (м.м. 46, 47, 119-124 КМҶ);

10. Ҳуқуқи ҳимоятгар ба вохурӣ бо айбдоршаванда бе маҳдуд кардани давомнокии он (м. 53 КМҶ);

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ин кафолат, ҳангоми татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ бояд дуруст таъмин карда шаванд, то ин ки хатогиҳо дар навбати худ камтар мушоҳида карда шаванд.

Дар м. 101 КМҶ намудҳои зерини чораҳои пешгирӣ пешбинӣ шудааст:

**1. Забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат (м. 105 КМҶ).** Забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат дар гирифтани уҳдадории хаттӣ аз гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомати доимӣ ё муваққатӣ бе иҷозати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд, судя, монеъ нашудан ба тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии он дар суд, дар вақти таъиншуда ҳозир шудан бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ифода меёбад. Дар сурати аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда риоя накардани талаботи забонхат дар ҳаққи ӯ чораи сахттари пешгирӣ татбиқ карда мешавад, ки ин талабот ҳангоми гирифтани забонхат бояд ба ӯ эълон карда шавад. Ин чораи пешгирӣ танҳо нисбати айбдоршавандагоне, ки ҷойи истиқомати аниқ доранд, татбиқ кардан мумкин аст. Забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат, ҳозир будани шахсро дар ҷойи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ таъмин мекунад ва аз саркашӣ кардан ба ҳозир шудан монеъ мешавад. Ҷойи истиқоматро худи айбдоршаванда муайян месозад. Ӯ танҳо ҳуқуқ надорад, ки аз ҷойи истиқомат ё ҷойи муваққатан истодаи худ бе иҷозат баромада равад. Барои дар маҳалли истиқоматии худ гашту гузор кардан иҷозат гирифтан лозим нест. Айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) вазифадор аст танҳо дар бораи иваз кардани суроғаи истиқоматии худ ба мақомоте, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди он мебошад, хабар диҳад.

**2. Кафолати шахсӣ (м. 106 КМҶ)** – аз он иборат аст, ки шахсони сазовори боварӣ бар зиммаи худ уҳдадории хаттӣ мегиранд, ки онҳо барои рафтори дурусти айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) зомин ҳастанд, инчунин зоминанд, ки айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳозир хоҳанд шуд. Шумораи кафилон бояд аз 2 нафар

кам набошанд. Одатан шахсони кафолатдиҳанда падару модар, хешу табор, шиносон, ҳамсояҳо ё ин ки ҳамхизматони айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) мебошанд. Шахсе, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ мебошад, вазифадор аст, ки дар асоси қонун кафолатдиҳандагонро бо моҳияти парванда шинос созад ва онҳоро огоҳ намоянд, ки агар айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) ҷинояти нав содир кунад, аз тафтишот ё суд пинҳон шавад ё ин ки барои муайян кардани ҳақиқат монеъ шавад, он гоҳ онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар ин сурат суд метавонад ба ҳар як кафил, аз рӯйи тартиби дар м. 117 КМҶ пешбинишуда ҷарима татбиқ намояд ё чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятиро истифода барад. Шаҳрвандонеро, ки ба худ уҳдадории кафилиро гирифтаанд, ҳуқуқ доранд аз он даст кашанд.

**3. Таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ супоридани хизматчии ҳарбӣ (м. 107 КМҶ)**. Таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ супоридани хизматчии ҳарбӣ маънои ба зиммаи фармондеҳии қисми ҳарбӣ, қӯшун, сардори муассисаи ҳарбӣ, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар он адои хизмат мекунанд ё барои таълими ҳарбӣ ҷамъ омадаанд, гузоштани вазифаи таъмини рафтори матлуби онҳоро дорад.

Хизматчии ҳарбие, ки нисбати ӯ чораи пешгирӣ татбиқ шудааст, аз ҳуқуқи бо худ гирифта гаштани силоҳ маҳрум мегардад, доимо таҳти назорати ҳайати фармондеҳии худ ё навбатдорон мебошад, барои кор як худаш танҳо берун аз ҳудуди қисми ҳарбӣ фиристода намешавад, ба посбонӣ ва дигар вазифаҳои масъулиятнок таъин карда намешавад. Нисбати афсарон ва прапоршикҳо одатан намуди дигари чораҳои пешгирӣ татбиқ карда мешавад.

**4. Таҳти парасторӣ супоридани ноболиғи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда (м. 108 КМҶ).** Таҳти парастории падару модар, парасторон, васиён ё дигар шахсони сазовори эътимод, инчунин намояндагони муассисаҳои махсуси кӯдакон додани ноболиғон аз он иборат аст, ки яке аз шахсони номбаршуда ба зиммаи худ уҳдадории хаттӣ мегирад, ки ноболиғи дар озодӣ будаи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон намешавад, ба тафтиши парванда ва баррасии судии он монеъ намегардад ва бо фаъолияти ҷинояткорӣ машғул намешавад. Шахсоне, ки ноболиғи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда таҳти парасториашон супорида шудааст, дар сурати аз ҷониби онҳо риоя накардани уҳдадорӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**5. Гарав (м. 109 КМҶ)** – гарав аз супоридани маблағ ба депозити мақомоти тафтишот ё судӣ аз тарафи худи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои таъмини ҳозир шудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда бо даъвати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд иборат аст. Маблағи гаравро мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ва суде, ки ин чораи пешгириро татбиқ мекунад, вобаста ба вазнинии ҷиноят, шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, вазъи молумулкии гаравгузор, вале на камтар аз шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо[1] муайян менамояд.

---

[1] Бори аввал ин ченак бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз 06.10.2008 с. таҳти № 422 ба матни КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда буд. Вобаста аз вазъи иқтисодӣ-молиявӣ ҳар сол ин ченак каме ҳам бошад иваз мешавад дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон». То соли 2017 як нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар буд ба 40 сомонӣ. Тибқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 ноябри соли 2016 таҳти № 1377 ин ченак баробар аст ба 50 сомонӣ.

Гарав ба шарте татбиқ карда мешавад, ки товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда пурра баргардонида шуда бошад. Гарав нисбат ба шахсони дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин гумонбаршуда ё айбдоршаванда татбиқ намегардад.

Таҳқиқбаранда ва муфаттиш гаравро бо ризои прокурор татбиқ менамоянд.

Ба гаравгузор, агар ӯ гумонбаршуда ё айбдоршаванда набошад, моҳияти гумонбарӣ ё айбдоркунии шахси нисбаташ ин чораи пешгирӣ татбиқшаванда фаҳмонида, бо имзои шахси нисбаташ ин чораи пешгирӣ татбиқшаванда, гаравгузор ва шахси мансабдори ин чораи пешгириро татбиқнамуда тасдиқ карда мешавад. Нусхаи қарор, таъинот барои супоридани гарав ба гаравгузор дода мешавад.

Дар сурати саркашӣ намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз ҳозир шудан бо даъвати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд чораи пешгирӣ иваз карда, маблағи гарав тибқи талаботи м. 118 КМҶ, дар асоси қарори суд ба фоидаи давлат гузаронида мешавад.

Дар дигар ҳолатҳо суд ҳангоми баровардани ҳукм ё таъинот (қарор) дар бораи қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, масъалаи ба гаравдеҳ баргардонидани маблағи гаравро баррасӣ менамояд. Ҳангоми қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ маблағи гарав, бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ба гаравдеҳ баргардонида мешавад.

**6. Ҳабси хонагӣ (м. 110 КМҶ).** Ҳабси хонагӣ аз комилан ҷудо нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷамъият бе таҳти ҳабс қарор додан, вале бо татбиқи маҳдудиятҳои ҳуқуқии муайянкардаи суд, судя иборат аст.

Ҳабси хонагиро метавон бо чораҳои зерин дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ татбиқ кард:

– тамоман ё дар вақти муайян набаромадан аз манзил;

– манъи гуфтугӯйи телефонӣ, мукотибот ва истифодаи воситаҳои алоқа;

– манъи робита бо шахсони муайян ва дар хонаи худ қабул кардани ягон шахс;

– истифодаи воситаҳои электронии назоратӣ, вогузории уҳдадорӣ оид ба гирифта гаштани ин воситаҳо бо худ ва кори онҳоро таъмин намудан;

– уҳдадор кардан дар хусуси ҷавоб додан ба зангҳои назорати телефонӣ ё дигар ишораҳои (сигналҳои) назоратӣ, занг задан бо телефон ё шахсан ҳозир шудан дар вақти муайян ба мақомоти таҳқиқ ё дигар мақомоти назораткунандаи рафтори гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда;

– ба зери назорат гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ё ин ки манзил, инчунин муҳофизати манзил ё дигар ҷойи ба ӯ чун манзил ҷудо кардашуда;

– чораҳои дигар, ки рафтори дахлдор ва аз ҷамъият ҷудо нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро таъмин менамоянд.

Асосҳо ва тартиби ҳамчун чораи пешгирӣ татбиқ кардани ҳабси хонагӣ, муқаррар намудан ва дароз кардани муҳлати он, бекор кардани ҳабси хонагӣ бо меъёрҳои дахлдори марбут ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан танзим мегарданд. Дар қарори судя ва таъиноти суд дар бораи ба ҳабси хонагӣ гирифтан маҳдудиятҳои мушаххасе, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда татбиқ мегарданд, инчунин мақомот ё шахси мансабдоре нишон дода мешавад, ки чунин назоратро анҷом медиҳад.

**7. Ба ҳабс гирифтан** – дар бораи ин чораи пешгирӣ мо дар зерсаволи дигар маълумоти муфассал пешниҳод кардаем.

## б) Асосҳо ва тартиби татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ

Чи хеле, ки дар боло қайд намудем, чораҳои пешгирӣ танҳо нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳангоми мавҷуд будани асос, тибқи тартиботи қонун татбиқ карда мешаванд. Ин талаботи қонун баҳри муҳофизати дахлнопазирии шахс, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, равона карда шудааст.

Шахсро беасос дар ҳабс нигоҳ доштан ё ин ки роҳ надодан барои иваз кардани ҷойи истиқомат дар вақти татбиқ кардани чораи пешгирии забонхат дар бораи нарафтан аз ҷойи истиқомат номумкин аст. Барои ҳамин ҳам қонун қатъиян пешбинӣ кардааст, ки чораҳои пешгириро танҳо баъд аз он ки тафтишоти зарурӣ гузаронида шуда бошад ва пурра далелҳои ҳақиқӣ ба даст оварда шуда бошанд, татбиқ кардан мумкин аст. Мақсади асосии ин талабот – ин бартараф намудани оқибатҳои вазнин, ки аз хатогиҳои тафтишот ба амал меоянд.

Мавҷуд будани далелҳои кофӣ ва айбдории шахс дар содир кардани ҷиноят, шартҳои ҳатмӣ ва асосии татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ мебошанд.

Танҳо як гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят барои татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ басанда намебошад. Мутобиқи м. 102 КМҶ мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате чораи пешгириро татбиқ карда метавонанд, агар:

– далелҳои аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ овардашуда асоси кофӣ диҳанд, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда метавонанд аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон шаванд;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он аз тарафи суд мамониат кунанд, аз ҷумла маводи барои парванда аҳамиятдоштаро пинҳон ё сохтакорӣ кунанд ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонанд, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашаванд, ҷинояти дигарро содир намоянд, ба иҷрои ҳукм монеъ шаванд.

Ҳангоми зарурати татбиқи чораи пешгирӣ дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда хусусияти гумонбаркунӣ ё айбдоркунӣ, шахсият, синну сол ва вазъи саломатии онҳо, намуди машғулият, вазъи оилавӣ ва молумулкӣ, мавҷудияти ҷойи доимии истиқомат ва ҳолатҳои дигар ба инобат гирифта мешаванд. Танҳо маҷмӯи исботи гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят ва ин маълумот асос барои татбиқ кардани чораи пешгирӣ шуда метавонад.

Ин маҷмӯи маълумотро таҳлил карда шахси тафтишбаранда бояд на танҳо гузаштаро (яъне, ҷиноят аллакай содир шудааст) ба инобат гирад, балки ояндаро ҳам, яъне нияти айбдоршаванда вобаста ба ҷавобгарии минбаъдааш. Пешбинӣ намудани рафтори оянда хело ҳам мушкил мебошад, ва дар асоси ин рафтор бояд тахмин гузошта нашавад. Бояд далелҳое бошанд, ки саркашӣ кардани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро, монеъ шудан ба муайян кардани ҳақиқат ё ин, ки давом додани фаъолияти ҷиноятлоронаашонро тасдиқ мекунад. Қисман ин вазифаи мушкил аз тарафи қонунгузор ҳал карда шудааст, ва он таҷрибаеро ба назар гирифтааст, ки шахси содиркардаи ҷиноятҳои вазнин бо ҳар роҳ кӯшиш мекунад, ки аз ҷавобгарӣ озод шавад. Барои ҳамин ҳам қонунгузор дар м. 111 КМҶ татбиқ кардани чораи пешгирии сахттарин, ба ҳабс гирифтанро бо сабаби ҷинояти содиркарда пешбинӣ кардааст. Нисбати шахсоне, ки дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, ки дар КҶ пешбинишуда айбдор карда мешаванд, ба ҳабс ги-

рифтанро ба сифати чораи пешгирӣ танҳо бо ваҷҳи хавфнок будани ҷиноят татбиқ кардан мумкин аст.

Ба ғайр аз он ҳолатҳое, ки дар қ. 1 м. 102 КМҶ пешбинӣ шудаанд, яъне гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз тафтишот ё суд пинҳон мешавад, барои муайян кардани ҳақиқат монеа мешавад ё амалиёти ҷинояткоронаашро давом медиҳад, дар вақти татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ инчунин ҳолатҳое, ки дар қ. 2 м. 102 КМҶ пешбинӣ шудаанд ба назар гирифта шаванд: яъне хусусияти гумонбаркунӣ ё айбдоркунӣ, шахсият, синну сол ва вазъи саломатии онҳо, намуди машғулият, вазъи оилавӣ ва молумулкӣ, мавҷудияти ҷойи доимии истиқомат ва ҳолатҳои дигар.

Тартиби мурофиавии татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ дар қонун қатъӣ ба тартиб дароварда шудааст. Ҳалли ин масъаларо танҳо ҳамон шахсоне ёфта метавонанд, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди онҳо мебошад, яъне таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд.

Дар бораи татбиқ кардани чораи пешгирӣ қарори ваҷҳнок, суд бошад таъинот мебарорад. Дар он бояд мувофиқи талаботи м. 102 КМҶ моҳияти ҷиноят, ки дар он шахс гумонбар ё айбдор шудааст, инчунин асосҳо барои татбиқ кардани чораи пешгирӣ қайд карда шуда бошанд. Ба ғайр аз ин, қарор бояд ба талаботи қонун ҷавобгӯ бошад, яъне дар он бояд вақт ва ҷойи тартиб доданаш; вазифа, унвон ва ному насаби шахсе, ки онро тартиб додааст; моддаи КМҶ, ки дар асоси он чунин қарор қабул карда шудааст, қайд карда шуда бошад. Қарор бояд аз 3 қисм иборат бошад: муқаддимавӣ, баёнӣ-асосноккунӣ ва хулосавӣ. Дар қисми хулосавии он, мутобиқи талаботи м. 104 КМҶ асоси татбиқ кардани чунин чораи пешгирӣ нишон дода мешавад.

Қарор дар бораи татбиқ кардани чораи пешгирӣ ба шахсе, ки нисбати ӯ бароварда шудааст эълон карда шуда, дар баробари ин ба ӯ тартиби шикояткунӣ оид ба чораи пешгирии татбиқшуда фаҳмонида мешавад.

Ба ғайр аз қарор, дар вақти татбиқ намудани чораи пешгирӣ боз дигар ҳуҷҷатҳо ҳам тартиб дода мешаванд.

Чунончӣ, дар вақти татбиқ кардани чораи пешгирии *забонхат дар бораи нарафтан аз ҷойи истиқомат,* ба ғайр аз қарор боз забонхат ҳам, яъне ӯҳдадории хаттии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар бораи бе иҷозат нарафтан аз ҷойи истиқомат, гирифта мешавад. Дар забонхат маълумот дар бораи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, суроғаи вай, ӯҳдадорӣ дар бораи аз ҷойи истиқомат бе иҷозат баромада нарафтан, фаҳмонида додани натиҷаи вайронкунии забонхат, қайд карда мешавад.

Дар мавриди татбиқ намудани чораи пешгирии *кафолати шахсӣ* ба ғайр аз қарор боз забонхат дар бораи ба кафолати шахсӣ гирифтан тартиб дода мешавад. Шумораи кафилон бояд аз 2 нафар кам набошад. Аз ҳар як кафил забонхати алоҳида гирифта мешавад. Дар забонхат оид ба кафолати шахсӣ гирифтан, маълумот дар бораи кафилон, ба онҳо фаҳмонида додани моҳияти парванда ва ҷавобгарии кафилон нишон дода мешавад.

*Гарав* ҳангоми тафтишоти пешакӣ бо қарори таҳқиқбаранда ё муфаттиш бо розигии прокурор ва тартиб додани протокол оид ба қабул намудани гарав ба расмият дароварда мешавад. Як нусхаи қарор ва протокол ба гаравдиҳанда супорида мешавад.

*Таҳти назорат супоридани ноболиғ* бо тартиб додани қарор дар бораи татбиқ намудани чунин чораи пешгирӣ ва забонхати шахси назоратро ба ӯҳда гирифта ба расмият дароварда мешавад. Дар забонхат вазифаҳои забонхатдиҳанда ва

масъулияти ӯ, дар мавриди вайрон кардани ухдадории ба зимма гирифтааш, нишон дода мешавад.

Дар мавриди татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди *назорати ҳайати фармондеҳии қисми ҳарбӣ* қарор баровардa шуда он ба сардори қисми низомӣ фиристода мешавад. Ба вай моҳияти парванда, ки нисбати он чораи пешгирӣ интихоб карда шудааст, хабар дода мешавад. Ҳайати фармондеҳии қисми ҳарбӣ дар бораи муқаррар кардани назорат ба мақомоте, ки ин чораи пешгириро интихоб кардааст, дар шакли хаттӣ хабар медиҳанд.

Дар мавриди татбиқ кардани чораи пешгирии *ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан* як ҳуҷҷат – қарор, ки дар 4 нусха тартиб дода мешавад. Ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан танҳо бо розигии прокурор ва иҷозати судя ё таъиноти суд татбиқ кардан мумкин аст. Қарори мақомоти тафтишотӣ пешакӣ оид ба ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан бе иҷозати суд ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳо ҳангоми татбиқи чораҳои пешгирие, ки бо маҳдуд сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, бояд гузориш дар бораи назорати нозири минтақавӣ аз болои гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, варақаи посбонӣ, ки ба шуъбаи шиносномадиҳӣ равон карда мешавад, бо мақсади пешгирӣ кардани аз қайди ҷойи истиқомат баромадан ва огоҳ кардани ҷойи кораш, бо мақсади он, ки агар ӯ аз ҷойи кор рафтани шавад. Ҳамаи ин, чораҳои иловагӣ мебошанд оид ба саркашӣ накардани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз тафтишот ва суд.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ тартиби татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ хело гуногун мебошад. Асосан дар амалия забонхат дар бораи нарафтан аз ҷойи истиқомат ва ба ҳабс гирифтан васеъ татбиқ карда мешаванд. Татбиқ кардани дигар намуди чораҳои пешгирӣ хело ҳам кам ба назар мерасад. Қонун ин масъаларо ба танзим надаровардааст ва барои ҳамин шахсоне, ки парванда дар пешбурди онҳо мебошад бо роҳи осонтар мераванд (бо татбиқ кардани чораҳои пешгирии кафолати шахсӣ, ҳабси хонагӣ ё ин ки гарав ташвиш бисёртар мешавад).

Моддаи 104 КМҶ муқаррар кардааст, ки чораи пешгирӣ бекор карда мешавад, агар дар он зарурат намонад, ё агар ҳолатҳои парванда талаб кунанд, ба чораи пешгирии сабуктар иваз карда мешавад. Ин талабот хислати маҷбурӣ дорад, яъне муфаттиш вазифадор аст, ки дар вақти мавҷуд будани имконият ин талаботро иҷро намояд. Аммо афсӯс, ки дар амалия ин талаботи қонун мунтазам вайрон карда мешавад. Барои муайян кардани ҳамаи ҳолатҳои парванда, мустаҳкам кардани далелҳо, нигоҳ доштани айбдоршаванда дар ҳабс 10-20 шабонарӯз кифоя мебошад, аммо чораи пешгирӣ одатан иваз карда намешавад, шахсро бе зарурат дар ҳабс нигоҳ медоранд, гарчанде ки ӯ ба тафтишот халал намерасонад.

Чораи пешгирӣ ба тарафи пурзӯр кардан, одатан дар вақти вайрон кардани шартҳои забонхат дар бораи нарафтан аз ҷойи истиқомат ё ин ки бо дигар ҳаракатҳо, дар ҳолати муайян кардани далелҳои нав дар бораи ҷинояти вазнинтар, иваз карда мешавад.

Одатан чораи пешгирӣ аз тарафи таҳқиқбаранда ё муфаттиш иваз карда мешавад, аммо, агар чораи пешгирӣ бо нишондоди прокурор татбиқ карда шуда бошад, он гоҳ чораи пешгирӣ танҳо бо иҷозати прокурор иваз карда мешавад.

Бекор ё иваз кардани чораи пешгирӣ бо баровардани қарори ваҷҳнок ё таъинот иҷро карда мешавад. Дар он бояд ҳолатҳое нишон дода шуда бошанд, ки дар асоси онҳо чораи пешгирӣ иваз ё бекор карда мешавад. Тартиби мурофиавии дигари иваз ё бекор кардани чораи пешгирӣ ҳам ҳаст, хусусан нишондод дар бораи иваз ё бекор кардани чораи пешгирӣ ба қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи

ҷиноятӣ, бо таъиноти суд дар бораи баргардонидани парванда ба тафтишоти иловагӣ ё ба ҳукми суд дохил карда мешавад. Ин ҳуҷҷатҳо бояд ба шахсе, ки нисбати ӯ онҳо бароварда шудаанд, эълон карда шаванд.

Ҳамин тариқ, чораҳои пешгирӣ танҳо дар асоси далелҳои кофӣ, ки аз онҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз тафтишот ё суд пинҳон мешавад, барои муайян кардани ҳақиқат монеъ мешавад ё фаъолияти ҷиноятkоронаашро давом медиҳад, асосҳои дигар аз хулоса татбиқ кардан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, бояд вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, касбу кораш, синну солаш, вазъи саломатиаш, аҳволи оилавиаш ва дигар ҳолатҳо ба назар гирифта шаванд.

### в) Ба ҳабс гирифтан

***Ба ҳабс гирифтан* (м. 111 КМҶ)** – чораи пешгирии сахттарин ба шумор рафта, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсро, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, маҳдуд мекунад. Татбиқ кардани ин чораи пешгирӣ муносибати ҷиддиро талаб менамояд.

Ба ҳабс гирифтан ҳамчун чораи пешгирӣ озодии шахсро, ки ҳанӯз тибқи ҳукми бо қонун даромадаи суд, гунаҳгор эътироф нашудааст, маҳдуд менамояд. Шахс муваққатан аз озодӣ маҳрум карда мешавад, вале парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ мумкин аст қатъ гардад, суд метавонад ӯро сафед кунад ва ё ҷазои аз озодӣ маҳрумкунандаро татбиқ нанамояд. Ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ва инчунин маҳкумшуда, то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм нисбати ӯ, татбиқ шуданаш мумкин аст.

Қисми 1 м. 111 КМҶ пешбинӣ кардааст, ки ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае татбиқ карда мешавад, ки барои ҷинояти содиркардаашон қонуни ҷиноятӣ ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст. Дар мавридҳои истисно ин чораи пешгирӣ, мумкин аст, нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда оид ба ҷиноятҳое, ки барояшон қонун ҷазои маҳрум кардан аз озодиро ба муҳлати камтар аз ду сол пешбинӣ намудааст, татбиқ карда мешавад, ба шарте, ки онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи истиқомати доимӣ надошта бошанд ё шахсияташон муқаррар карда нашуда бошад ё ин ки онҳо аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошанд ё чораи пешгириро риоя накарда бошанд. Бинобар ҳамин ҳам, ба ҳабс гирифтани шахсоне, ки барои кирдорашон КҶ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ накарда бошад, татбиқ кардан мумкин нест.

Нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан танҳо мутобиқи вазнинии ҷиноят татбиқ карда шуданаш мумкин аст.

Нисбат аз озодӣ маҳрум сохтан, ки ҷазои ҷиноятӣ мебошад, чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб намеравад, мутобиқан ба ҳабс гирифташудагон дар ҷойҳои нигаҳдории муваққатӣ нигоҳ дошта мешаванд, маҳкумшудагон бошанд дар колонияҳои ислоҳӣ. Аммо муҳлати ба ҳабс гирифтан, мутобиқи м. 70 КҶ ба муҳлати ҷазо илова карда мешавад.

Мутобиқи м. 176 КМҶ мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд вазифадоранд: агар дастгиршуда ё ба сифати чораи пешгирӣ таҳти ҳабс қарордошта фарзандони ноболиғи бидуни сарпараст ё ғамхор, падару модари пиронсол ё дигар шахсони эҳтиёҷманд дошта бошанд, онҳоро барои парасторӣ ба падару модар ё дигар шахсон супорад ё дар муассисаҳои барои кӯдакони бепарастормонда ё иҷтимоӣ (муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигар) ҷойгир кунад.

Барои ҳифзи молу мулк ва манзили гумонбаршуда ё айбдоршавандаи дастгиршуда ё ба ҳабс гирифташуда тибқи қонунгузорӣ чораҳо андешад.

Дар бораи чораҳои парасторӣ ва ҳифзи молу мулк гумонбаршуда ё айбдоршаванда огоҳ карда мешаванд.

Ҷойҳои нигоҳдории шахсоне, ки нисбат ба онҳо ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан интихоб карда шудааст, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотии нигаҳдории муваққатӣ мебошанд. Дар мавридҳои ҷудогона, ин шахсонро дар колонияҳои ислоҳотӣ ва инчунин дар гаупвахтаҳои низомӣ нигоҳ доштан мумкин аст.

Нисбат ба дигар чораҳои пешгирӣ, ки бе муҳлат мебошанд, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан 2 моҳ муайян карда шудааст (м. 112 КМҶ). Ин муҳлат ба муҳлати тафтиши пешакӣ баробар мебошад (м. 164 КМҶ). Муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан аз вақти ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда то рӯзи аз тарафи прокурор ба суд фиристодани парванда ҳисоб карда мешавад. Ба ин муҳлат вақти нигоҳ доштани шахс дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ изолятори (тавқифгоҳи) нигоҳдории муваққатӣ ва дигар ҷойҳои нигоҳдории МКД ва дигар мақомоти пешбурди тосудӣ), инчунин муҳлати ба таври маҷбурӣ дар беморхона ё табобатгоҳи равонпизишкӣ будан ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар мавриди имконнопазирии тамом кардани тафтишот дар 2 моҳ ва набудани асос барои тағйир додани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дароз карда мешавад. Дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда дар вақти тафтиши пешакӣ то 6 моҳ аз ҷониби судяи суди ноҳия ва шаҳр ё суди ҳарбии гарнизон бо тартиби муқарраркардаи қ. 2 ва 3 м. 111 КМҶ дар сурати ғайриимкон будани анҷом додани тафтиш дар муҳлати 2 моҳ ва дар сурати набудани асос нисбат ба айбдоршаванда татбиқ намудани чораи дигари пешгирӣ мумкин аст. Минбаъд дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ба мухлати зиёда аз 6 моҳ танҳо дар ҳаққи шахсони дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин айбдоршаванда, инчунин дар ҳаққи шахсони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содирнамудае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи зисти доимӣ надоранд, мумкин аст, ба шарте, ки барои гумон кардан асосҳои кофӣ бошанд, ки онҳо аз тафтиш ва суд берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пинҳон мешаванд. Дар ин сурат дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштанро судяи ҳамон суд дар асоси дархости муфаттиш бо розигии прокурори ВМКБ, прокурори вилоят, прокурори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда, барои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо розигии муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбӣ пешниҳодкарда ба муҳлати то 12 моҳ амалӣ менамояд.

Муҳлати зиёда аз 12 моҳ дар ҳабс нигоҳ доштан танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, нисбат ба шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин айбдор карда мешаванд, аз ҷониби судяҳои суди ВМКБ, судҳои вилоят, ш. Душанбе ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости муфаттиш, ки бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва муовинони ӯ пешниҳод гардидааст, ба муҳлати то 18 моҳ дароз намудан мумкин аст. Муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дароз карда мешавад.

Минбаъд ба дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан роҳ дода намешавад ва айбдоршаванда бояд фавран озод карда шавад.

Дар ин самт механизми аз тарафи прокуророн дароз намудани муҳлати татбиқи чораи пешгирӣ ва муҳлати тафтишоти пешакӣ оварда мешавад, ки аз аҳамият холӣ нест. Дархостҳои муфаттишон ва прокурорҳо дар бораи дароз намудани муҳлати тафтишоти пешакӣ ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандагон аз 2 то 6 моҳ дар асоси қарори маҷлиси фаврӣ, аз 6 моҳ то 1 сол бошад, бе истисно дар асоси қарорҳои ҷаласаҳои ҳайати мушовараи прокуратураи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ба онҳо баробар кардашуда, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (вобаста ба парвандаҳои ҷиноятии дар прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва аз ҷониби сохторҳои тафтишотии Прокуратураи генералӣ, ВКД, АНМН-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АНДМ ва МК Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтишшуда) баррасӣ карда шаванд. Дархостҳо дар хусуси аз 1 сол зиёд дароз намудани муҳлати тафтиши пешакӣ ва дар ҳабси пешакӣ нигоҳ доштани айбдоршавандагон барои баррасӣ ба ҷаласаи ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, рафти тафтиши минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ таҳти назорати бевоситаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуда, масъалаи дароз намудани ин муҳлатҳо мувофиқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

Ҳангоми дароз намудани муҳлати тафтиши пешакӣ ва дар ҳабс нигоҳ доштан, самаранок истифода шудани муҳлати муқарраркардаи қонун ва муҳлате, ки дароз карда шудааст, сабабҳои дар вақташ нагузаронидани амалҳои тафтишие, ки барои анҷом додани онҳо муҳлати иловагӣ дархост карда шудааст, ҷой доштани кашолкорӣ, бо омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ аниқ карда шуда, дар сурати ошкор шудани ҳолатҳои ба кашолкорӣ роҳ додани прокурорҳо, муфаттишон ва таҳқиқбарандагон, нагузаронидани амалҳои тафтишӣ ва бе ҳаракат нигоҳ доштани парвандаи ҷиноятӣ, масъалаи ҷавобгарии онҳо баррасӣ карда мешавад.

Дархостҳо дар бораи дароз намудани муҳлати тафтиши пешакӣ ва нигоҳ доштани айбдоршавандагон дар ҳабси пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятии ҳаҷман хурд 10 рӯз ва бо парвандаҳои ҷиноятии калонҳаҷм 15 рӯз пеш аз тамомшавии муҳлати тафтиш ва дар ҳабс нигоҳ доштан пешниҳод карда мешавад (б. 7)[1].

Маводи тафтиши анҷомёфтаи парвандаи ҷиноятӣ барои шиносшавӣ ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ бояд дар муҳлати на дертар аз 30 шабонарӯз то анҷоми муҳлати муайяншудаи дар ҳабс нигоҳ доштан пешниҳод гардад.

Агар баъд аз анҷом ёфтани тафтиши пешакӣ маводи парвандаи ҷиноятӣ ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ дар муддати камтар аз 30 шабонарӯз то анҷоми муҳлати ниҳоии дар ҳабс нигоҳ доштан пешниҳод шуда бошад, он гоҳ пас аз гузаштани ин муҳлат айбдоршаванда ҳатман озод карда мешавад. Дар ин маврид

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ барои шинос шудан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд.

Агар баъд аз анҷом ёфтани тафтиши пешакӣ муҳлат, оид ба пешниҳоди маводи парвандаи ҷиноятии мазкур ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ риоя шуда бошаду лекин 30 шабонарӯз барои шиносшавӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ кофӣ набошад, муфаттиш ҳуқуқ дорад на дертар аз 5 рӯзи то анҷом ёфтани муҳлати ниҳоии дар ҳабс нигоҳ доштан бо ризогии прокурор ба судҳои ВМКБ, ш. Душанбе, вилоятӣ, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дархост пешниҳод намояд.

Судяи суди дахлдор дар давоми 5 шабонарӯзи баъди қабул кардани дархост бояд яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд:

1. Дар бораи дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан то лаҳзаи анҷом додани шиносшавии айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ва аз ҷониби прокурор ба суд фиристонидани парвандаи ҷиноятӣ;

2. Дар бораи рад кардани дархост ва аз ҳабс озод кардани айбдоршаванда.

Ба муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ҳамчунин муҳлатҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

1. Муддати дастгир шудани шахс ба сифати гумонбаршуда;

2. Муддати дар ҳабси хонагӣ будан;

3. Муддати дар ҳабс будани шахс дар ҳудуди давлати хориҷа аз рӯйи талаботи расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ё ин ки мутобиқи талаботи м. 481 КМҶ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ӯ;

4. Муддати дар асоси қарори суд ба таври маҷбурӣ дар беморхона ё табобатгоҳи равонпизишкӣ будан.

Дар сурати такроран татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда дар рафти тафтиши пешакии ҳамон як парванда, инчунин парвандаи ҷиноятии ба он ҳамроҳ ё аз он ҷудо кардашуда муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан бо ба ҳисоб гирифтани муҳлати пештар таҳти ҳабс қарор доштанашон ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятие, ки муҳлати бо қ. 1 м. 112 КМҶ пешбинишудаи дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда ба охир расидаасту аз рӯйи ҳолатҳои кор бошад, чораи пешгириро дар намуди ба ҳабс гирифтан тағйир додан мумкин нест, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан бо тартиби муқарраркардаи қ. 3 ва 4 м. 112 КМҶ дароз карда мешавад. Дар ин маврид муҳлати дар суд будани парвандаи ҷиноятӣ ба инобат гирифта намешавад.

Дар қарори дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан бояд ҳолатҳои ҷиноят, моҳияти айбдорӣ, далелҳо, ки дар асоси онҳо айб эълон карда шудааст, муҳлати амалҳои асосии мурофиавӣ, маълумот дар бораи шахсияти айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) ва сабабҳои номумкинии озод намудани ӯ, номгӯи амалҳои тафтишие, ки бояд гузаронида шавад, нишон дода мешавад.

Оид ба татбиқ кардани чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда), ҳимоятгар ва намояндаи қонунии ӯ ҳуқуқ доранд ба суди болоӣ бо тариқи кассатсионӣ шикоят намоянд.

Тафтиши қонунӣ ва асоснок будани ба ҳабс гирифтан ва ё дароз кардани муҳлати он дар ҷаласаи судӣ бо иштироки прокурор, ҳимоятгар, агар ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок кунад, инчунин намояндаи қонунии ҳабсгардида сурат мегирад. Ба ҷаласа айбдоршаванда ҳам даъват карда мешавад, дар набудани вай,

шикоят ҳамон вақт баррасӣ карда мешавад, ки агар ӯ дар ин бора дархост кунад ё дар ҷаласа иштирок карданро рад намояд.

Дар натиҷаи тафтиши судӣ, судя яке аз чунин қарорҳоро қабул менамояд:

1. Қарорро бетағйир ва шикоятро бе қаноат мемонад;

2. Қарорро бекор ва шахсро аз ҳабс озод менамояд.

Мутобиқи қонун Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ва ҳам ба воситаи прокуророни тобеи худ ба аниқ иҷро карда шудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мурофиаи парвандаи ҷиноятӣ назорат мебарад.

Прокурор вазифадор аст, ки дар ҳамаи давраҳои мурофиаи судии ҷиноятии парвандаи ҷиноятӣ ба сари вақт бартараф намудани ҳама гуна вайронкунии қонун, аз тарафи касе, ки содир шуда бошад чораҳои дар қонун пешбинишударо андешад.

Чораи пешгирии сахттарин – ба ҳабс гирифтан таҳти назорати махсуси прокурор истодааст. Ваколати назоратро иҷро намуда, прокурор вазифадор аст, парвандаи ҷиноятиро ҳаматарафа омӯхта ва аниқ ба моҳияти масъала сарфаҳм равад.

Дар мавриди додани розигӣ ба муфаттиш ва таҳқиқбаранда барои аз ҷониби суд интихоб намудани чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс ва дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан, прокурор вазифадор аст бо парвандаи ҷиноятӣ, ки барои ҳабс гирфтан ва дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан пешниҳод шудааст, пурра шинос шуда, гумонбаршуда ва айбдоршавандаро дар мавридҳои зарурӣ пурсиш намоянд.

Бо гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ, занҳои ҳомила, занҳои аз 58-сола боло, мардони аз 63-сола боло ва шахсони дорои камбудиҳои ҷисмонӣ прокурор шахсан вохӯрда, дар ҳама ҳолатҳо бояд онҳоро мавриди пурсиш қарор диҳад.

Прокурор бояд ба хавфнокии кирдори содиршуда, шахсияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда, оқибатҳо, ангеза, тарз ва ҳолати содиршавии ҷиноят аҳамият дода, танҳо дар асоси далелҳои кофӣ ва асосноки дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда ба интихоби чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан ва дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан, розигӣ диҳад.

Инчунин ҳангоми додани розигӣ барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба додани иҷозат ба татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан барои содир кардани ҷиноятҳои категорияҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҳолатҳои истисноиро (аз ҷониби шахс қаблан содир шудани ҷиноят, ки номбурда минбаъд бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудааст, агар муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданаш нагузашта бошад, доғи судӣ доштан, мавҷудияти маълумоти дақиқ дар бораи аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон шудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда ё содир кардани ҷинояти нав, содир кардани маҷмӯи ин намуди ҷиноятҳо, ноороми вазъият дар минтақаи содир шудаи ҷиноят, ки бевосита дар натиҷаи содир кардани чунин намуди ҷиноятҳо ба амал омадааст, ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ мамониат намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда аз ҷумла маводи барои парванда аҳамиятдоштаро пинҳон сохтакорӣ кардан ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонидан, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашудани онҳо) ба инобат гиранд.

Дар ҳолати рад намудан аз додани розигӣ прокурор ба муфаттиш ва таҳқиқбаранда барои пешниҳоди дархост ба суд оид ба гирифтани иҷозат барои татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, дар қарори муфаттишон ва

таҳқиқбарандагон оид ба пешниҳод намудани дархост ба суд ҷиҳати татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан сабабҳои надодани розигиро дарҷ намояд ё дар ин хусус қарори алоҳида барорад (б. 5)[1].

## § 4. Чораҳои дигари маҷбурии мурофиавӣ

Бо мақсади таъмини тартиби бо КМҶ пешбинишудаи тафтиш ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, иҷрои дахлдори ҳукм таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда чораҳои дигари маҷбурии мурофиавиро татбиқ намоянд.

Ба намуди дигари чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, мутобиқи КМҶ инҳо дохил мешаванд:

1. Муваққатан дур кардан аз вазифа (м. 114 КМҶ);
2. Маҷбуран овардан (м. 115 КМҶ);
3. Ҳабси молу мулк (м. 116 КМҶ);
4. Ҷарима (м. 117 КМҶ).

***Муваққатан дур кардан аз вазифа*** (м. 114 КМҶ). Дар сурати ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахси мансабдор, агар андешаи асоснок бошад, ки айбдоршаванда аз вазифаи хизматии худ истифода бурда барои муайян кардани ҳақиқат монеагӣ мекунад ё фаъолияти ҷиноятkоронаашро давом медиҳад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя бо баровардани қарори важҳнок шахсро аз мансаби ишғолкардааш дур мекунанд.

Муваққатан дур кардан аз вазифа аз он иборат аст, ки ба айбдоршаванда иҷро намудани ваколат ё машғул шудан ба фаъолияте, ки ӯ пештар анҷом медод, манъ карда мешавад.

Ин чораи маҷбурӣ аз рӯйи мақсадҳояш ба чораҳои пешгирӣ монанд мебошад.

Ин чора чун қоида нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ, мансабӣ ё хусусияти коррупсионидошта содир намудаанд.

Зарурати қабули чунин чораи маҷбурии мурофиавӣ нисбати айбдоршаванда дар чунин ҳолатҳо ба миён меояд, ки агар ӯ:

1. Фаъолияти ҷиноятkоронаи худро идома дода, ба сохтакори намудани асноду ҳуҷҷатҳои расмӣ даст занад;

2. Ба гузаронидани таҳқиқ ва тафтиш халали ҷиддӣ расонида, ба ҷабрдидагон ва шоҳидоне, ки дар итоати ӯ мебошанд, таъсир расонад;

3. Ҳуҷҷатҳоеро, ки дар онҳо осори ҷиноят дида шуда, ҳамчун далели шайъӣ эътироф шудаанд, ёфта гирифта, нобуд созад;

4. Ба иҷроиши дахлдори қарорҳои судӣ халал расонад.

Ин чораи маҷбурии мурофиавӣ нисбати айбдоршавандагоне, ки дар озодӣ қарор доранд, дар ҳама давраҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ танҳо баъди айб эълон кардан ба онҳо аз тарафи шахсони салоҳиятдори мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ бо розигии прокурор ва бо қарори важҳноки судя ба амал бароварда мешавад.

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

Мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор барои муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда ба суд дархост пешниҳод менамояд. Ин дархост аз ҷониби судя бо тартиби пешбининамудаи қ. 2-10 м. 111 КМҶ баррасӣ карда мешавад.

Агар бо парвандаи ҷиноятӣ якчанд нафар айбдоршавандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошанд, нисбати ҳар кадоми онҳо татбиқ намудани чунин намуди чораи маҷбурии мурофиавӣ қарори алоҳида бароварда мешавад.

Дар қарор асос ва сабабҳое, ки аз рӯйи он зарурати татбиқи чунин чораи маҷбурии мурофиавӣ ба миён омадааст ва интихоби дигар чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ғайриимкон аст, дарҷ карда мешавад.

Таҳқиқбаранда ё муфаттиш бояд ба прокурор қарори худро оид ба муроҷиат ба суд бо замимаи ҳуҷҷатҳои барои татбиқ намудани ин чораи маҷбуркунии мурофиавӣ асосдиҳанда, пешниҳод намояд.

Қарор чун қоида, дар 4 нусха таҳия карда мешавад (як нусха барои нигоҳ доштан дар парвандаи ҷиноятӣ, як нусхагӣ барои прокурор, суд ва ҳимоятгар ё айбдоршаванда).

Қарори муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда ба роҳбари ҷойи кораш равон карда мешавад ва ӯ вазифадор аст дар муҳлати 3 шабонарӯз баъди гирифтани қарор онро иҷро карда, дар ин бора ба шахси мансабдори мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ва суд, ки қарори дур карданро аз вазифа қабул кардааст, огоҳ кунад.

Айбдоршавандаи аз вазифа дуркардашуда ҳуқуқ дорад бо кӯмакпулии ҳармоҳаи давлатӣ дар ҳаҷми на камтар аз як ҳадди ақалли музди меҳнат таъмин карда шавад, ба шарте, ки ӯ дар натиҷаи ҳолатҳои ба ӯ новобаста ба кори дигар гузашта натавонад.

Агар татбиқ карда шудани ин чораи маҷбурӣ дар оянда зарур набошад, татбиқ намудани ин чора бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя бекор карда мешавад.

***Маҷбуран овардан*** (м. 115 КМҶ) – ин бо қарори ваҷҳноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя (ё таъиноти суд) оид ба маҷбуран овардани шахсе, ки бе сабабҳои узрнок ба тафтишот ё суд ҳозир намешавад. Сабабҳои узрноки ҳозир нашудан ба даъват ҳолатҳои дар қ. 2 м. 224 КМҶ нишондодашуда эътироф мешаванд. Дар бораи мавҷуд будани сабабҳои узрнок, ки ба ҳозир шудан дар муҳлати муайяншуда тибқи даъват монеа шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, инчунин шоҳид ва ҷабрдида бояд мақомоти даъватнамударо огоҳ созанд.

Ин чора мумкин аст, ки нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳид татбиқ карда шавад.

Маҷбуран овардан аз тарафи мақомоти таҳқиқ бо супориши таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд иҷро карда мешавад.

Маҷбуран овардан ҳангоми шаб ба истисноӣ ҳолатҳои таъхирнопазир иҷозат дода намешавад.

Маҷбуран овардани ноболиғи то 14-сола, зани ҳомила, инчунин беморе, ки бо вазъи саломатӣ наметавонанд ё набояд маҳалли будубоши худро тарк намоянд ва ин ҳолат аз ҷониби духтури муассисаи тиббӣ тасдиқ гардидааст, иҷозат дода намешавад.

***Ҳабси молу мулк*** (м. 116 КМҶ) – ин чораи маҷбурии мурофиавӣ буда, аз номнависи молу мулк ва ба молик ё соҳиби он манъ кардани ихтиёрдорӣ ва дар

ҳолатҳои зарурӣ истифода бурдани ин молу мулк иборат мебошад. Дар натиҷаи ҳабси молу мулк соҳиб ё дорандаи он аз ҳуқуқи идоракунии молу мулк ва воситаи нақлиёт маҳрум мегардад.

Ҳабси молу мулк барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк татбиқ карда мешавад. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор дар бораи ҳабси молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсоне, ки мувофиқи қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ба суд дархост менамояд. Судя дар бораи ҳабси молу мулк қарор мебарорад.

Ҳабси молу мулк аз он иборат аст, ки ба молик ё соҳиби он манъи ихтиёрдорӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ манъи истифодаи ин молу мулк эълон карда ё ситонида, барои нигоҳдошт супорида мешавад.

Ҳабси молу мулк ва тартиб додани протокол тибқи талаботи м. 172 ва 173 КМҶ сурат мегирад.

Ҳабси молу мулк бо иштироки шахсони холис ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо иштироки мутахассисе, ки арзиши онро муайян менамояд, сурат мегирад.

Молу мулки ба ҳабс гирифтаро ситонидан ё бо салоҳияти шахсе, ки онро боздошт кардааст, барои нигоҳдошт ба намояндаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилоти истифодаи манзил, молики ин молу мулк ё ба дигар шахсе, ки барои таъмини нигоҳдошти он мутассадӣ шудааст, супоридан мумкин аст, ки дар ин бора забонхат гирифта мешавад.

Ҳабси маблағи амонатҳо, суратҳисобҳои бонкӣ, коғазҳои қиматнок ҳама гуна амалиёти додугирифтро қатъ мекунад.

Ҳабси молу мулк бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, таъиноти суд, судяе, ки парванда таҳти пешбурди онҳо қарор дорад, бекор карда мешавад, ба шарте, ки зарурат ба ин чора аз байн равад.

***Ҷарима*** (м. 117 КМҶ) – ин чораи маҷбуркунии мурофиавие мебошад, ки аз ситонидани маблағи пулӣ бо қарори суд аз шахси муайян иборат мебошад. Ин чора нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад, ки уҳдадориҳои мурофиавии худро иҷро намекунанд ё тартиботи гузаронидани маҷлиси судиро вайрон мекунанд.

Мутобиқи м. 117 КМҶ барои иҷро накардани уҳдадориҳои мурофиавӣ, риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи м. 118 КМҶ ба миқдори то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Ҷарима аз ҷониби суд таъин карда мешавад.

Агар уҳдадориҳои мурофиавӣ иҷро нашуда, дар маҷлиси суд тартибот риоя нашуда бошад, қарори ҷарима таъин кардани суд, судяе, ки парвандаро баррасӣ мекунад, дар ҳамон маҷлиси суд қабул карда, дар ин бора таъинот (қарор) бароварда мешавад.

Агар ҳуқуқвайронкуниҳо дар давраи тосудии пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ содир шуда бошанд, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар ин хусус протокол тартиб дода, онро ба суд ирсол мекунад. Протокол аз ҷониби судя дар давоми 5 шабонарӯз бо даъвати шахси протоколро тартибдода ва шахсе, ки дар бораи ӯ протокол тартиб дода шудааст, баррасӣ карда мешавад. Ҳозир нашудани ҳуқуқвайронкунанда барои баррасии он монеъ шуда наметавонад.

Оид ба баррасии протокол судя дар бораи таъин кардан ё накардани ҷарима қарор мебарорад. Нусхаи қарор ба шахси протоколро тартибдода ва шахсе, ки нисбаташ ҷарима таъин карда шудааст, ирсол карда мешавад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳуми чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ.
2. Намудҳои чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро номбар кунед.
3. Дастгир кардани шахс.
4. Чораҳои дигари маҷбуркунии мурофиавӣ кадомҳоянд?
5. Чораҳои пешгирӣ кадомҳоянд?
6. Муваққатан дур кардан аз вазифаро шарҳ диҳед.
7. Ба ҳабс гирифтан аз ҳабси хонагӣ чӣ фарқ дорад?
8. Кафолати шахсӣ чӣ тавр татбиқ карда мешавад?
9. Ҳабси молу мулк ҳамчун чораи маҷбуркунӣ.
10. Намудҳои тавқифгоҳҳое, ки дастгиршуда дар он ҷо нигоҳ дошта мешавад.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**3.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**4.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**5.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с. таҳти № 720.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» аз 25.06.2012 с. таҳти № 1.

**10.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр кардани назорати прокурорӣ аз рӯйи риояи қатъии қонуният ҳангоми дастгир кардан, ҳабс намудан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба суд додан ва маҳкум намудани шаҳрвандон» аз 14.10.2008 с. таҳти № 2.

**11.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**12.** Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


1. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
2. Қудратов Н.А., Сафарова З.М., Алиев Ф.Ш. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ. Маҷмӯаи (комплекси) таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2015.
3. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.
4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.
5. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.
6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
8. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
9. Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.
10. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.
11. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013.
12. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.
13. Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.
14. Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.
15. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.
16. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.
17. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.
18. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.
19. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.
20. Маджитов А.М. Меры процессуального принуждения и порядок их применения : практическое пособие. – Душанбе, 2013.

**21.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**22.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**23.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**24.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**25.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**26.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**27.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**28.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**29.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**30.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**31.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**32.** Франк Л.В. Задержание и арест подозреваемого. – Душанбе, 1963.

**33.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

**34.** Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М. : ЮСТИЦИЯ, 2016.

**35.** Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

# ДИГАР МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## БОБИ 10. ШИКОЯТ АЗ АМАЛ ВА ҚАРОР ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

### § 1. Шикоят аз амал ва қарори суд ва шахсони мансабдори дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъул

Шикоят – аз болои амал (беамалӣ) ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки манфиати онҳо халалдор шудааст, ба мақомоти давлатӣ ё шахси мансабдоре, ки барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ масъуланд, оварда мешавад.

Дар навбати худ м. 124 КМҶ тартиби судии баррасии шикоят аз қарор ва амали (беамалии) шахсони мансабдоре, ки пешбурди таъқиби ҷиноятиро дар марҳилаи тосудӣ ба амал мебароранд, муайян менамояд.

Дар боби 14 КМҶ нишондоди умумии тартиби барои ҳама марҳилаҳои шикоят кардан, ки онҳо дар меъёрҳое, ки пешбурди ин ё он марҳиларо ба таври мушаххас ба танзим медароранд, бо роҳи нишон додани шахсоне, ки ҳуқуқи шикоят карданро доранд, талабот нисбат ба мазмуни шикоят, асос ва мӯҳлатҳои шикоят кардан, ҳамчунин қарорҳое, ки аз рӯйи ин шикоятҳо мумкин аст, қабул карда шаванд.

Ҳуқуқи шикоят кардан аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои суд ва шахсони мансабдори мурофиаи судии ҷиноятиро ба амалбароранда, ин давоми принсипи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ (м. 12 КМҶ) ба ҳисоб меравад. Дар он меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, ки ҳуқуқи ҳар фардро барои ҳифз кардани ҳуқуқ ва озодиҳои худ бо ҳар роҳу воситаи бо қонун манънабуда пешбинӣ кардааст.

Аз моҳият ва мазмуни меъёрҳои Конститутсия бармеояд, ки на танҳо аз амал, балки аз беамалӣ ва қарорҳои мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор шикоят кардан мумкин аст.

Ин муқаррарот имконият медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқро ҳамчунин дар он ҳолатҳое, ки аз тарафи муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд ягон қарори мурофиавӣ бароварда намешавад, ки ин қарор асоси шикоят кардан мегардид ва ин ҳуқуқи ашхоси манфиатдорро вайрон мекунад. Ба сифати мисол ин ҳолатҳо шуда метавонанд: саркашӣ аз ба расмиятдарории хабар дар бораи содиршавии ҷиноят ё рад намудан аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бе баровардани қарор ва дигар ҳолатҳо, ба амал бароварда шавад.

Бо ворид кардани қ. 5 м. 124 ба КМҶ имкониятҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ маҳдуд гардида, қонунгузор тартиби шикоят кардан ва баррасии шикоятро ба таври возеҳу равшан нишон надодааст. Ҳамчунин ба

таври пурра дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни маҷлиси судӣ, аз ҷумла: муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, арзкунанда инъикос наёфтааст. Аз ин рӯ, судҳо талаботи м. 124 КМҶ татбиқ карда ба онҳо лозим меояд, ки як қатор саволҳои ба миён омадаро ба таври гуногун ҳал намоянд то як таҷрибаи судии ягона кор карда баромада шавад. Ба ин мисол шуда метавонад қарориислоҳкунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба парванда аз рӯйи дархости шаҳрванд Раҷабов А.А. «Дар хусуси муайян намудани мутобиқати қ. 5 м. 124 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба м.м. 14 ва 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, 20 декабри соли 2012)»[1], ки баъд аз қабул шудани ин қарор, тағйиротҳои зарурӣ ба матни КМҶ ворид карда шуданд[2].

Аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои қабулгардида дар марҳилаи тосудӣ ба прокурор ва ё суд шикоят кардан мумкин аст, яъне ба маҳалли ҷойгиршавӣ ва гузаронида шудани тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ.

Фаҳмонидан ва таъмин намудани ҳуқуқ ба шикоят кардан ба зиммаи шахсони мурофиаи судии ҷиноятиро пешбаранда гузошта шудааст. Ҳуқуқ ба шикоят карданро аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои шахсони мансабдори мурофиаи судии ҷиноятиро ба амалбароранда, ҳама иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, доро мебошанд.

Ҳуқуқ ба шикоят карданро инчунин дигар шахсон дар он қисм доранд, ки амалҳои гузаронидашуда ва қарорҳои қабулкарда манфиатҳои онҳоро халалдор месозад. Чунончӣ, шикоят мумкин аст аз ҷониби шахс дар он хусус пешниҳод карда шавад, ки дар хонааш кофтуков гузаронида шуда дар вақти он ба моликияташ зарар расонида шудааст ё ин, ки ба моликияти шахс саҳван ҳабс гузошта шудааст.

Дар боби 14 КМҶ танҳо қоидаҳои умумӣ оид ба шикоят кардан ва баррасии шикоят дар марҳилаи тосудӣ ва дар суд оварда шудаанд. Дар як вақт тартиби судии баррасии шикоят аз қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор аз ҷониби суд ба таври муфассал нишон дода шудааст (м. 124 КМҶ).

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин самти нави таъмини ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар марҳилаи тосудӣ мебошад. Чунки тартиби пештар ҷойдошта ҳангоми қарори қабул гардида то марҳилаи пеш аз судӣ танҳо ба прокурор шикоят кардан мумкин буду халос, ки ин ба муқаррароти м. 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамуд.

## § 2. Тартиби баррасии шикоят аз тарафи прокурор

Ба амалбарории ҳуқуқ ба шикоят кардан, талаб менамояд, ки шикояти воридшуда аниқ ба шахси шикояткарда шифоҳӣ ё хаттӣ оид ба пешбурд қабул кардани шикоят ва муҳлати баррасии он хабар дода шуда, шахси шикояткарда дар бораи қарори қабулкарда аз рӯйи шикоят огоҳ карда шавад.

[1] Маҷмӯаи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2015). – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – С. 74-81; Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016. – С. 70-77.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» азз 22.07.2013 с. таҳти № 982.

Шикояти шифоҳии ҳангоми амалҳои тафтишӣ баёнгардида, ба протоколи амали тафтишӣ қайд карда мешавад.

Прокурори аз болои фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ назоратбаранда вазифадор аст, ки шикоятро дар муҳлати се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани он баррасӣ намояд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш оянд мумкин аст, ки шикоят дар муҳлати то ҳафт шабонарӯз баррасӣ гардад ва дар ин бора шахси шикоят карда ва манфиатдор огоҳ карда мешаванд (м. 123 КМҶ).

Дар бораи дароз кардани муҳлати баррасии шикоят прокурор вазифадор аст қарори ваҷҳнок дар шакли қарор барорад. Бо натиҷаи баррасии шикоят прокурор қарори ваҷҳнок оид ба пурра ё қисман қонеъ кардан ва ё рад кардани он баровarда, шахси шикояткардаро огоҳ месозад.

Хабар додан ба шахси шикояткарда дар хусусӣ қарори қабулгардида аз ҷониби прокурор аз рӯйи шикоят ва фаҳмонида додани масъалаи шикоят карданро аз рӯйи қарори қабулгардида талаб менамояд, ки дар хабарнома таърихи рӯз, моҳ, соли қабул шудани қарор ва рӯзи ба шахси шикояткарда хабар додан аниқ нишон дода шавад. Қарори прокурор аз рӯйи шикоят дар шакли қарор қабул карда шуда дар якҷоягӣ бо шикоят ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

## § 3. Тартиби судии баррасии шикоят

Тибқи талаботи м. 124 КМҶ (тартиби судии баррасии шикоятро муайян менамояд) дар суд аз рӯйи на ҳама қарорҳо ва амалҳои (беамалии) таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор шикоят кардан мумкин аст, танҳо аз рӯйи:

а) дар хусуси рад кардан аз қабул намудани ариза оид ба ҷиноят;

в) вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ шикоят карда мешавад.

Саволи амалӣ ба миён меояд, ки дар суд дигар қарорҳо ва амалӣ (беамалии) таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, ки ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд зиён расонанд ё ин, ки дастрас намудани адолати судӣ ба шаҳрвандон душвор мегардонад (аз ҷумла, дастгиркунии ғайриқонунӣ, кофтуков, ҳабси молу мулк ва ғайра, вайрон кардани меъёрҳои КМҶ) шикоят кардан мумкин аст.

Чунин тарзи маҳдуди батартибдарорӣ аз нигоҳи мо яқин ба ҳолатҳои дар боло оварда ва муқаррароти дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ки ба ҳар кас ҳуқуқи ҳифзи судиро кафолат медиҳад мухолифат карда, амали ин ҳолат аз ҷониби ҳокимияти судӣ таъмин карда намешавад, чуноне дар м. 14 Конститутсия нишон дода шудааст.

Гузашта аз ин, ҳимоятгарон дар ин ҳолат наметавонанд ҳимояро ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ дуруст ба роҳ монанд дар сурате, ки судяи мустақил оид ба баррасии вайронкунии мурофиавӣ аз ҷониби айбдоркунӣ вуҷуд надорад.

Бояд аз ёд набаровард, ки то ворид намудани тағйиротҳои дахлдор ба КМҶ ба амалбарории ҳуқуқ ба шикоят кардан дар суд аз рӯйи амал ва қарорҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, ҳамчунин бо қ. 5 м. 124 КМҶ маҳдуд карда шуда буданд, ки дар он шикоят кардан аз қарори судя дар бораи рад кардан аз баррасии шикоят бо асосҳое, ки дар м. 124 КМҶ пешбинӣ нагардидаанд, манъ карда шуда буд.

Чунин мухолифат дар меъёрҳои КМҶ консепсияи қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро, ки он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, бунёди барномаи раванди баробариро дар давраи тафтиши пешакӣ, ночиз менамояд. Асоси барҳам задани ин механизми нодуруст қарори ислоҳкунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид[1].

Танҳо ҳолати вайрон гаштани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бинобар аҳамияти махсус доштанашон, ки метавонад бо ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон зиён оварда ё ин, ки дастрас кардани адолати судиро душвор мегардонад, бояд барои муроҷиат ба ҳифзи судӣ дар марҳилаи баррасии тосудӣ асоси кофӣ дастрас бошад.

Чунин тарзи татбиқи қонун аз муқаррароти м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва он пешбинӣ менамояд, ки Конститутсияи Тоҷикистон қувваи олии ҳуқуқӣ дошта меъёрҳои он амали бевосита доранд. Қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доранд қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Бо ин тарз фаҳмидан ва татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро оид ба муроҷиат ба суд, ки дар м. 124 КМҶ пешбинӣ гардидаанд, самаранок истифода намоянд.

Дар м. 124 КМҶ шаклҳои назорати судӣ аз рӯйи риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар марҳилаи баррасии тосудӣ нишон дода шудаанд.

Баррасии шикоят дар суд аз амал ва қароре, ки дар рафти тафтишӣ пешакӣ қабул гардидаанд, бо иштироки тарафҳо ин яке аз нишонаҳои принсипи конститутсионии баробарии тарафҳо ва тарзи мубоҳисавӣ то марҳилаи баррасии мурофиаи тосудии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми баррасии чунин шикоят суд наметавонад ва набояд маълумотро барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ баҳо диҳад, чунки ин танҳо имтиёзи он шахсоне мебошад, ки ба онҳо чунин ҳуқуқ дода шудааст. Дар ҳолати шикоят кардан дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ суд метавонад санҷида барояд, ки ҳама чораҳои зарурӣ бо хоҳиши арзкунанда барои муайян намудани асосҳо оид ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шудаанд ё не, ё ин, ки бо хулоса оид ба он, ки дар маълумоти ҷой дошта аломатҳои ҷиноят дида намешавад, розӣ нашавад.

Суд рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятиро ҳамчун қарори маҳдуд кардани ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дида баромада, аз ин лиҳоз бояд санҷида барояд, ки барои ин асосҳои қонунӣ мавҷуд мебошанд ё не. Бо хоҳиши шахсе, ки бо қарори рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ розӣ набуда, ӯ бояд бо маводи кор, ки барои оғози парвандаи ҷиноятӣ нокифоя дониста шудаанд, шинос карда шавад, ин ба ӯ имкон медиҳад, ки шикояти худро оид ба рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ асоснок намояд. Ҳамчунин аз рӯйи қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ кардани таъқиби ҷиноятӣ шикоят кардан мумкин аст.

Аз рӯйи шикояти ба қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ овардашуда ба суд лозим аст, ки ҳолати мурофиавии қабули чунин қарор, ваколати шахси мансабдорро, асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолатҳои истиснокунандаро санҷида барояд.

---

[1] Маҷмӯаи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2015). – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – С. 74-81; Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016. – С. 70-77.

Агар шикоят аз қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бошад зарур аст, то аз тарафи шахси мансабдор ҳангоми қабул кардани чунин қарор ҳама ҳолатҳое, ки дар шикоят аз тарафи арзкунанда оварда шудаанд ба инобат гирифта шудаанд, санҷида шавад. Дар ин сурат суд ҳуқуқ надорад ба далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд буда баҳо диҳад, агарчӣ баҳодиҳии далелҳо дар ҳама давраҳои фаъолияти на танҳо муфаттиш, ҳамчунин суд низ ба амал бароварда мешаванд.

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуд дар якҷоягӣ бо қарори таҳқиқбаранда ва муфаттиш дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо тариқи судӣ мумкин аст, ки ба дигар амал ва қарорҳои то давраи баррасии тосудии мурофиаи судии ҷиноятӣ қабулгардида, шикоят оварда шавад. Ин дар ду маврид мумкин аст, аввалан агар чунин амал ва қарор метавонанд ба ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон зарар расонад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо вайрон карда шудаанд ва дувум агар ин ҳолат метавонад дастрас гардидани адолати судиро ба шаҳрвандон душвор гардонад.

Бо тартиби дар м. 124 КМҶ пешбинигардида инчунин, мумкин аст аз амалҳои шахсони мансабдор низ шикоят карда шавад. Чунин ақида ҷой дорад, ки аз рӯйи ин хел амал ва қарорҳо бо тартиби мурофиаи судии граждани бояд шикоят карда шавад. Ҳол он, ки дар мазмуни м. 124 КМҶ дигар мавқеъ инъикос шудааст, яъне аз амалҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шикоят кардан низ мумкин аст.

Дар ин ҷо дар назар дошта шудааст он ҳолатҳое, ки шахсони мансабдор чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро аз рӯйи аризаҳо ва хабарҳо оид ба ҷинояти содиршуда ё тайёршудаистода воридгардида, ки бо супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё ин, ки роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ ба амал баровардаанд.

Ҳамчунин рад кардани муфаттиш ё таҳқиқбаранда аз гузаронидани амалҳои тафтишӣ метавонанд асоси баррасии чунин шикоят гарданд. Мувофиқи қ. 1 м. 175 КМҶ муфаттиш вазифадор аст, тамоми дархостҳои оид ба парванда арзшударо баррасӣ кунад. Дар айни замон ӯ ҳуқуқ надорад дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро дар хусуси пурсиши шоҳидон, пешбурди экспертиза ва дигар амали тафтишӣ рад намояд, агар ҳолатҳое, ки барои муқаррар намуданашон онҳо дархост додаанд, барои парванда аҳамиятнок бошанд. Ҳамзамон, тибқи талаботи қ. 2 м. 175 КМҶ муфаттиш вазифадор карда шудааст, ки дар хусуси рад ё қисман рад кардани чунин дархостҳо қарори ваҷҳнок бароварда дар муҳлати то панҷ шабонарӯз ба дархостдиҳанда хабар диҳад.

Инчунин тибқи мазмуни м. 123 КМҶ ба чунин қарорҳо дар асоси муқарраротӣ боби 14 КМҶ шикоят кардан мумкин аст, яъне ариза мувофиқи талаботи м. 123 КМҶ на танҳо ба прокурор ё роҳбари мақомоти тафтишотӣ метавон пешниҳод кард, балки ба суд низ шикоят кардан мумкин аст, чӣ тавре, ки дар м. 124 КМҶ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҷумла, мумкин аст ба суд оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ки дар шакли манъ намудан аз истифодаи далелҳое, ки бо вайрон кардани талаботи меъёрҳои КМҶ ба даст оварда шудаанд, шикоят карда шавад.

Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки аз рӯйи ҳама гуна амалҳои тафтишӣ ва ё дигар амалҳои мурофиавӣ оид ба ҷамъ овардану санҷиши далелҳо метавонад дар

суд шикоят карда шавад, бо он асосҳо, ки ҳангоми гузаронидани ин амалҳо талаботи қонун вайрон карда шудаанд.

Шикоят кардан пешбурди амал ва иҷрои қарорро боз намедорад, лекин мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё судя ҳуқуқ доранд бо дархости тарафҳои манфиатдор ва ё бо ташаббуси худ иҷроиши амал ва ё қарорро боздоранд.

### § 4. Тартиби судии баррасии шикоят аз амал (беамалӣ) ва қарори шахсони мансабдор

Дар қ. 3, 4 ва 5 м. 124 КМҶ тартиби аз ҷониби судя санҷида баромадани шикоят оид ба қонунӣ ва асоснок будани амал (беамалӣ) ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор нишон дода шудааст. Шарти муҳими ба амал баровардани ҳуқуқ барои шикоят кардан аз амал ва қарорҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин шинос кардани иштирокчии мурофиа бо маводи парванда, ки муфаттиш ва прокурор дархости худро асоснок мекунанд (мисол, дархост дар бораи дароз кардани муҳлати зери ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда) ё бо маводе, ки дар асоси он аз тарафи суд қароре бароварда шудааст, ки он ба ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчии мурофиа ва дигар шахсон халал ворид менамояд.

Шикоят ба суд аз тарафи аризадиҳанда, ҳимоятгари ӯ, намояндаи қонунӣ ё намояндааш пешниҳод карда мешавад. Судя қонунӣ ва асоснокии амал (беамалии) шахсони мансабдори тафтиши пешакӣ гузаронида ва прокурорро вобаста ба қарори пас аз панҷ шабонарӯзи воридшавии шикоят дар маҷлиси судӣ бо иштироки арзкунанда, ҳимоятгари ӯ, намояндааш, агар онҳо дар парванда иштирок мекарда бошанд, санҷида мебарояд.

Дар маҷлиси судӣ дигар шахсон низ иштирок карда метавонанд, агар манфиатҳои онҳоро амал (беамалӣ) ва қарорҳои шикоятоварда дахл мекарда бошанд. Дар баррасии парванда прокурор иштирок менамояд. Ба маҷлиси суд ҳозир нашудани ашхосе, ки онҳо сари вақт аз вақти баррасии шикоят огоҳ карда шуда буданд барои баррасии он монеъ шуда наметавонад.

Судя оид ба он, ки кадом шикоят мавриди баррасӣ қарор дода мешавад эълон карда, ба шахсони ҳозиршуда худро муаррифӣ карда, ҳуқуқ ва вазифаҳояшонро фаҳмонида медиҳад.

Агар дар маҷлиси судӣ аризадиҳанда иштирок намояд, пас ба ӯ имконият дода мешавад то арзи худро асоснок намояд. Баъд аз ин фикри дигар иштирокчиён шунида мешавад.

Ба аризадиҳанда шароит фароҳам оварда мешавад, ки дар луқмапартоӣ иштирок карда бо ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи тарафҳо, ки аз рӯйи амали онҳо шикоят оварда шудааст, шинос гардад.

Маҷлиси судӣ бо баровардани яке аз ин қарорҳо анҷом меёбад:

– дар бораи ғайриқонунӣ эътироф кардани амал (беамалӣ) ва ё қарори шахсони мансабдор ва дар бораи уҳдадории бартараф кардани вайронкуниҳои роҳ додашуда;

– дар бораи қонеъ нанамудани шикоят.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дахлдор суд на дар бораи бекор кардани амал ва ё қарор, қарор мебарорад, балки дар бораи ғайриқонунӣ ва беасос донистани онҳо ва дар бораи уҳдадор кардани шахсони

мансабдори дахлдор оид ба бартараф кардани вайронкуниҳои роҳ додашуда қарор қабул менамояд.

Ин барои он ҳолатҳо зарур аст, ки вақте аз рӯйи қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар бораи қатъ кардани он шикоят карда шудааст, азбаски аз тарафи суд бекор кардани чунин қарор воқеан маънои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё ҷоннок кардани пешбурди онро дорад.

Нусхаи қарори қабулкардаи судя ба аризадиҳанда ва прокурор фиристонида мешавад.

Суд қонунӣ ва асоснокии амал (беамалӣ) ва қарорҳои шахсони зикршударо дар давоми даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ворид шудани шикоят санҷида мебарояд. Ин бо сабаби зарурати дар ҳол аҳамият додан ба шикоят ва қарорҳои дар рафти таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ қабул гардида ва риояи мӯҳлатҳо, ки он яке аз шарти тафтишот ба шумор меравад, аз ҷумла зери ҳабс нигоҳ доштани шахс.

Шикоят кардан пешбурди амал ва иҷрои қарорро боз намедорад агар инро мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд лозим нашуморанд. Тафтиши судӣ оид ба баррасии шикоят аз амал (беамалӣ) ва қарори шахсони пешбарандаи тафтиши пешакӣ дар асоси баробарии тарафҳо ва мубоҳиса ба амал баровварда мешавад.

Дар маҷлиси судӣ аризадиҳанда, ҳимоятгари ӯ, намояндаи қонуниаш, намояндааш агар онҳо дар парванда иштирок намоянд ва дигар шахсоне, ки манфиатҳои онҳоро бевосита амал ва қарорҳои аз рӯйи онҳо шикоят карда шуда дахолат менамоянд, ҳамчунин прокурор иштирок менамояд.

Қонун иштироки муфаттиш ва роҳбари мақомоти тафтишотро дар маҷлиси судӣ пешбинӣ менамояд, лекин онҳоро барои иштирок дар ҳар як ҳолат ӯҳдадор накардааст. Мақомоти прокуратура тибқи талаботи қонун назоратро аз болои тафтишот ба амал мебарорад, яъне прокурор вазифадор аст дар назди суд манфиатҳои давлатро ифода намояд.

Муфаттиш ва роҳбари мақомоти тафтишот дар маҷлиси судӣ мумкин аст фаҳмонад, ки бо кадом сабаб мисол ин ё он қарор қабул карда шудааст. Албатта ин вақт онҳо бо сирри тафтишот маҳдуд карда шуда ва наметавонанд ҳама паҳлуҳои парвандаро кушода диҳанд.

Ҳозир нашудани шахсон ба маҷлиси судӣ, ки онҳо оид ба вақти баррасии шикоят сари вақт огоҳ карда шуда буданд, барои баррасии шикоят монеъ шуда наметавонад.

Дар маҷлиси судӣ аризадиҳанда шикояти овардаашро асоснок менамояд, пас аз он дигар шахсони ба суд ҳозиргашта шунида мешаванд (мисол, шикояти айбдоршаванда оид ба ғайриқонунӣ гузоштани ҳабс ба молу мулк, ки ин ба манфиатҳои ҷабрдида дахолат мекунад, аз ин рӯ вай низ бояд аз тарафи суд пурсида шавад).

Суд фикри прокурорро мешунавад. Ба аризадиҳанда бо луқмапартоӣ баромад кардан имконият дода мешавад.

Судяи шикоятро баррасикунанда дар қарори худ нишон медиҳад, ки барои чӣ амал (беамалии) шахси мансабдор ё ин, ки қарорро ғайриқонунӣ ва беасос шуморидааст, лекин худ қарори нав аз рӯйи моҳияти масъала намебарорад, танҳо шахсони масабдори дахлдорро ӯҳдадор менамояд, ки вайронкуниҳои роҳдодаро бартараф намоянд (чунончӣ, қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятиро ғайриқонунӣ დониста суд ҳуқуқ надорад худаш қарор дар бораи оғоз

кардани парвандаи ҷиноятӣ барорад, ки ин ба вазифаҳои суд дар мурофиаи судӣ мувофиқ намебошад).

Суд метавонад нишон диҳад, ки вайрон кардани кадом меъёрҳои КМҶ барои баровардани қарори нодуруст дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ мусоидат кардааст (таъқиби ҷиноятӣ) ё ин, ки барои чӣ асосҳои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, ки дар қарор нишон дода шудаанд ба меъёрҳои КҶ ва КМҶ мувофиқат намекунанд.

Бо назардошти иҷрои ба қувваи қонунӣ даромадаи қарори суд аз ҷониби ҳама шахсони мансабдор, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор уҳдадоранд вайронкуниҳои роҳдодаро бартараф намоянд.

## § 5. Иҷроиши қарори суд

Прокурор пас аз гирифтани қарори суд он амалҳои мурофиавиеро ба амал мебарорад, ки аз тарафи суд нишон дода шудаанд ё ин, ки аз қарор бармеоянд, инчунин вайронкуниҳои мурофиавии пеш роҳдодаро бартараф менамояд.

Дар сурати агар қарори суд аз рӯйи шикоят бо тартиби м. 124 КМҶ қабул гардида аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ба иҷро расонида нашавад он гоҳ мумкин аст шикояти такрорӣ оварда шавад, ки он низ бо тартиби пешбининамудаи м. 124 КМҶ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, судҳо вазифадоранд ба ҳар як чунин беамалӣ таъинотҳои хусусӣ ба унвонии шахсони мансабдори мухталиф равон намоянд.

Бояд қайд кард, ки судҳо ҳангоми баррасии шикоят бо тартиби пешбининамудаи м. 124 КМҶ мумкин аст ба хатогӣ роҳ диҳанд, чунки дар қарори онҳо набояд ҳолатҳое ҷой дошта бошанд, ки дар он чораҳое, ки аз ҷониби муфаттиш барои гузаронидани тафтиши ҷинояти содирнамудаи шахс андешида мешаванд, нишон дода шавад.

Муҳим он аст, ки шикояти арзкунандаро оид ба ғайриқонунӣ будани амалҳои шахси мансабдор қонеъ карда суд ҳуқуқ надорад амалҳои ӯро оид ба тафтиши ҷиноят муайян намояд.

Ба судяе, ки шикоятро тибқи тартиби м. 124 КМҶ баррасӣ кардааст, раво намебошад, ки ӯ дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи якум иштирок намояд. Дар ин маврид принсипи беғаразӣ мувофиқи қ. 5 м. 124 КМҶ вайрон карда мешавад.

### Саволҳо барои худсанҷӣ:

1. Шикоят чист?
2. Эътироз чист?
3. Шикоят дар кадом шакл пешниҳод карда мешавад?
4. Шикояти шифоҳӣ чи тавр пешниҳод карда мешавад?
5. Тартиби умумии баррасии шикоят.
6. Тартиби судии баррасии шикоят аз қарори прокурор.
7. Тамдид ва барқарор намудани муҳлати пешниҳоди шикоят.
8. Ҷуброни зарар дар мурофиаи ҷиноятӣ.
9. Ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар дар кадом ҳолатҳо ба вуҷуд меояд:
10. Ҳангоми рӯёнидани товони зарар ҷабрдида чӣ ҳуқуқҳо дорад?

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**4.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**5.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**6.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**7.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2016 с. таҳти № 1339.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда» аз 25.06.2012 с. таҳти № 2.

**10.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» аз 23.12.2011 с. таҳти № 7.

**11.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.


**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

11. Гафуров Х.М. Конституционный суд Республики Таджикистан : состояние и перспектива : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

12. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

13. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

14. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

15. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

16. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

17. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

18. Назаров А.Д. Влияние следственных ошибок на ошибки суда. – СПб., 2003.

19. Нарижный С.В. Компенсация морального вреда в уголовном судопроизводстве России. – СПб., 2001.

20. Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

21. Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

22. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

23. Прокудина Л.А. Возмещение ущерба, причиненного незаконными действиями правоохранительных органов (научно-практический комментарий). – М., 1998.

24. Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

25. Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

26. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

27. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

28. Химичева О.В. Судебный контроль за процессуальными действиями и оперативно-розыскными мероприятиями (досудебное производство). – М., 1998.

29. Химичева О.В. Ходатайства и жалобы. – М., 2002.

**30.** Химичева О.В. Реабилитация: учебное пособие. – М., 2002.

**31.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

**32.** Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

# БОБИ 11.
# ДАЪВОИ ГРАЖДАНӢ
# ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. Мафҳум ва предмети даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ

Шахси ҷисмонӣ ё ҳуқуқие, ки аз ҷиноят зарари моддӣ дидааст, ҳуқуқ дорад, дар вақти мурофиаи парвандаи ҷиноятӣ ба айбдоршаванда ё шахсоне, ки барои рафтори вай аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ҷиҳати барқарор намудани зарари расонидашуда, даъвои гражданӣ пешниҳод намоянд, ки онро суд дар якҷоягӣ бо парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ менамояд ва дар вақти баровардани ҳукм ҳал мекунад (қ. 1 м. 44 КМҶ).

Даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст. Даъвогари гражданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои гражданӣ пешниҳод намояд.

Дар бораи эътироф кардани даъвогари гражданӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор қарор қабул мекунанд ва суд таъинот мебарорад.

Барои ҳимояи манфиатҳои ноболиғон, инчунин шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида ғайриқобили амал эътироф шудаанд, даъвои гражданӣ аз тарафи намояндагони қонунии онҳо метавонад пешниҳод карда шавад.

***Даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ*** – ин арз дар хусуси барқарор намудани зарари аз ҷиноят расида мебошад, ки ҳангоми мурофиа оид ба парвандаи ҷиноятӣ арз гардида, аз ҷониби суд якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

Сабаби дар парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ шудани даъвои гражданӣ дар он аст, ки аниқ муайян кардани ҳаҷми зарар на танҳо аҳамияти ҳуқуқӣ-гражданӣ, балки ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ дорад.

Дар як пешбурд муттаҳид намудани парвандаи ҷиноятӣ ва гражданӣ барои мақомоти тафтишот, суд ва шахсони манфиатдор барои он мувофиқ аст, ки ин ҷо:

а) барои муайян кардани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, аз ҷумла, хислат ва андозаи зараре, ки аз ҷиноят расидааст, имконияти беҳтар муҳайё карда мешавад;

б) далелҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ карда шудаанд, барои ҳал кардани талаботи даъвогӣ истифода мегарданд;

в) шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст, аз супоридани боҷи давлатӣ, ҳамчунин, бори исботкунии даъвои гражданӣ озод мешавад (дар мурофиаи ҷиноятӣ охирон ба зиммаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш гузошта мешавад);

г) ба такрорёбии баррасии ҳамон як ҳолатҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ роҳ дода намешавад;

д) дар як вақт татбиқ кардани меъёрҳо дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва моддӣ ҳимояи ҳуқуқҳои шахсиро таъмин намуда, ба таъин намудани ҷазои одилона мусоидат менамояд;

е) вақт, восита ва қувваи кам харҷ мешавад.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ мавзӯи даъвои гражданӣ талаби барқарор кардани зарари моддӣ мебошад.

Дар зери **зарари моддие, ки аз ҷиноят расидааст**, фаҳмида мешавад:

– зараре, ки дар натиҷаи талаф ёфтани амвол ё зарар дидани он расонида шудааст;

– зараре, ки дар натиҷаи он маъюб шудан, пурра ё қисман аз даст додани саломатӣ ба вуҷуд омадааст;

– хароҷоте, ки бо хариди доруворӣ, табобат ва протезкунонии узвҳои алоҳидаи ҷабрдида алоқаманд аст;

– маблағҳое, ки дар табобати статсионарии ҷабрдида харҷ гардидаанд;

– хароҷоти алоқаманд бо нигоҳубини шахсоне, ки таҳти тарбияи саробони фавтида қарор доштанд;

– хароҷоти маросими дафн дар мавриди фавтидани ҷабрдида.

Дар КМҶ амалкунанда имконияти пешниҳоди талабот дар бораи барқарор кардани зарари маънавӣ бевосита пешбинӣ нагардидааст. Ҳамзамон, чи хеле ки аз таҳлили қонунгузории гражданӣ бармеояд, зарари дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон (шаъну шараф, номи нек, озодӣ, дахлнопазирӣ, сирри ҳаёти шахсӣ ва ғайра) бавуҷудомада бояд барқарор карда шавад.

Мувофиқи м. 1115, 1116 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зарари маънавӣ дар сурати мавҷуд будани гуноҳи зараррасон аз ҷониби зараррасон дар шакли пулӣ ҷуброн карда мешавад. Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби маънавӣ ва ҷисмонӣ, инчунин, дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ дар хусуси барқарор кардани на танҳо зарари моддӣ, инчунин, маънавӣ низ пешниҳод шуда метавонад.

Даъвоҳои дорои хислати ғайримолумулкӣ, масалан, дар бораи аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардани айбдоршаванда; рад кардани маълумоти бадномкунанда; ҳимояи шаъну шараф ва ғайра, ҳарчанд онҳо бо содир кардани ҷиноят алоқаманданд, якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ арз карда ва баррасӣ шуда наметавонанд. Чунин даъвоҳо ба тартиби мурофиаи судии гражданӣ баррасӣ карда мешаванд.

## § 2. Тартиби пешниҳод ва баррасӣ намудани даъвои гражданӣ

Даъвои гражданиро ҷабрдида аз ҷиноят, инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки молик ё соҳибони амволи дуздидашуда, зарардида ё талафёфта мебошанд, пешниҳод карда метавонанд.

Даъворо шаҳрвандон шахсан ё тавассути намояндаҳои худ пешниҳод мекунанд. Аз номи шахсони ҳуқуқӣ даъвоҳоро намояндаҳои онҳо, ки бо бовариномa баромад мекунанд, пешниҳод мекунанд.

Пешниҳоди аризаи даъвогӣ аз изҳори иродаи даъвогари граждан ӣ вобастагӣ дорад, ки метавонад, андозаи талаботи даъвогии худро тағйир диҳад, пурра ё қисман аз даъво даст кашад.

Аз даъво даст кашидани даъвогари гражданӣ дар тамоми давраҳои мурофиавӣ то ба хонаи машваратӣ барои баровардани ҳукм даромадани суд ҷой дошта метавонад. Аз даъво даст кашидан боиси қатъ гадидани пешбурди он мегардад, вале наметавонад ба ҳалли масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахси содиркардаи ҷиноят таъсир расонад.

Аризаи даъвогар дар бораи даст кашидан аз даъво ба протоколи амали тафтишӣ ва маҷлиси суд дохил карда мешавад. Агар даст кашидан аз даъво аз ҷониби даъвогар хаттӣ пешниҳод шуда бошад, он ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Даст кашидан аз даъво аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар ҳар лаҳзаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қабул гардида, дар ин бора қарор бароварда мешавад. Инчунин суд дар ҳар лаҳзаи муҳокимаи судӣ таъинот бароварда, то даромадани суд ба хонаи машваратӣ барои баровардани ҳукм аз даъво даст кашиданро қабул карда метавонад.

Қабули даст кашидан аз даъво боиси қатъ намудани пешбурди он гардида, даъвогари гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ё гражданӣ аз ҳуқуқи такроран пешниҳод кардани даъво ба ҳамон шахс ва бо ҳамон асос маҳрум месозад.

То даст кашидани даъвогар аз даъво таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд вазифадоранд ба даъвогар оқибатҳои муқаррарнамудаи қонунро фаҳмонанд.

Агар даст кашидани даъвогари гражданӣ аз даъво хилофи қонун бошад ё ҳуқуқу манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи дигар шахсонро вайрон кунад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд аз даъво даст кашидани даъвогарро қабул намекунанд ва дар ин бора қарор ё таъиноти асоснок мебароранд.

Даъвои гражданиро ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ арз кардан мумкин аст. Арзи шифоҳӣ бо тартиби пешбининамудаи қ. 3 м. 141 КМҶ дар протокол сабт мешавад.

Номаълум будани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ҷалб шавад, ба пешниҳоди даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ монеъ шуда наметавонад.

Шахсе, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ даъвои гражданӣ арз накардааст, инчунин шахсе, ки даъвои ӯро суд бе муҳокима гузоштааст, ҳуқуқ дорад бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ даъво кунад.

Агар муҳофизати манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ё ҳуқуқҳои шаҳрвандон талаб намояд, прокурор даъвои гражданӣ арз мекунад, ё даъвои граждании арзкардашударо қувват медиҳад (қ. 5 м. 127 КМҶ).

Пешниҳоди даъвои гражданӣ мавҷудияти асосҳои **моддӣ-ҳуқуқӣ** ва **риояи шартҳои мурофиавиро** талаб мекунад.

***Асосҳои моддии пешниҳод кардани даъвои гражданӣ*** дар мурофиаи ҷиноятӣ инҳоянд:

1. Воқеаи содир шудани ҷиноят. Бояд муайян кард, ки оё дар ҳаракатҳои айбдоршаванда аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой доранд. Агар зарари моддӣ аз ҳаракатҳое, ки ҷиноят нестанд, расида бошад, барои пешниҳод кардани даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ асос нест.

2. Аз ҷиноят расидани зарари моддӣ ё маънавӣ. Вуҷуд доштани зарари аз ҳаракатҳои ҷиноятии айбдоршаванда расонидашуда бояд мувофиқи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ исбот карда шавад.

3. Вуҷуд доштани робитаи сабабӣ байни ҷинояти содиршуда ва зараре, ки барқарор ё ҷуброн кардани онро даъвогари гражданӣ талаб менамояд. Бояд исбот карда шавад, ки оқибатҳои барои ҷабрдида номусоид маҳз аз ҳаракатҳои ҷиноятии ба гуноҳи айбдоршаванда гузошта шуда, фаро расидааст.

***Асосҳои мурофиавии пешниҳод кардани даъвои гражданӣ*** инҳо мебошанд:

1. Соҳибҳуқуқ будани шахсе, ки даъвои гражданиро пешниҳод намудааст. Соҳибҳуқуқии комили мурофиавӣ-гражданиро шахсоне, ки ба синни балоғат расидаанд, инчунин, муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилот ва ширкатҳое, ки ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад мекунанд, дошта метавонанд.

2. Вуҷуд надоштани қарори ба қувваи қонун даромадаи суд, ки оид ба баҳси ҳамон як тарафҳо, ҳамон предмети баҳс, бо ҳамон асосҳо бароварда шудааст. Агар даъво ба тариқи мурофиаи судии гражданӣ рад карда шуда бошад, пас, ин даъвогарро аз ҳуқуқи дубора арз кардани худи ҳамон даъво оид ба парвандаи ҷиноятӣ маҳрум мекунад (м. 129 КМҶ).

Ҳангоми баррасии даъвои гражданӣ, ки дар парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, асос, шарт, ҳаҷм ва тарзи рӯёнидани зарар мутобиқи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муайян карда мешавад.

Ҷавобгариро оид ба даъвое, ки дар парвандаи ҷиноятӣ арз карда шудааст, чун қоида, айбдоршаванда мебарад ва даъвои гражданӣ бевосита маҳз ба ӯ пешниҳод карда мешавад. Лекин ба айбдоршаванда пешниҳод кардани даъво дар бораи барқарор кардани зараре, ки онро ӯ на дар натиҷаи ҷиноят расонидааст, мумкин нест.

Агар зарар аз ҳаракатҳои якҷояи якчанд ашхос расонида шуда бошад, ба шарте, ки онҳо бо ҳамин парвандаи ҷиноятӣ айбдоршаванда ё судшаванда бошанд, доир ба ҳамин даъво ҳам ҷавобгар буда метавонанд.

Шахсе, ки барои хабар надодан дар бораи ҷиноят маҳкум шудааст, барои зараре, ки аз ин ҷиноят расонида шудааст, ба ҷавобгарии моддӣ кашида намешавад.

Даъвои гражданиро аз вақти оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ то сар шудани тафтиши судӣ арз кардан мумкин аст.

Агар муфаттиш аз рӯйи парванда муайян созад, ки аз ҷинояти содиркардашуда ба шаҳрванд, корхона, муассиса ё ташкилот зарари моддӣ расонида шудааст, ба онҳо ё намояндагони онҳо ҳуқуқи пешниҳод кардани даъвои гражданиро мефаҳмонад, ки дар ин бора протокол тартиб медиҳад ё хабарнома менависад (қ. 1 м. 127 КМҶ).

Агар даъвои гражданӣ арз карда шавад, муфаттиш вазифадор аст, ки вобаста ба ҳолатҳои оид ба парванда муайянгардида дар бораи даъвогари гражданӣ эътироф кардан ё дар бораи рад кардани он қарори васҷнок ба тасвиб расонад. Ба даъвогари гражданӣ ҳуқуқҳои вай фаҳмонида мешавад.

Аризаи даъвогӣ ба суде, ки парвандаи мавриди тафтиш қароргирифта ба он тобеияти судӣ дорад, пешниҳод карда мешавад.

Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки дар аризаи даъвогӣ бояд ин ҳолатҳо нишон дода шаванд:

1. Номи суде, ки ба он даъвои гражданӣ дода мешавад;
2. Номи даъвогар, ҷойи истиқомат ё буду боши вай;
3. Номи ҷавобгар, ҷойи истиқомат ё буду боши вай;
4. Андозаи талаботи даъвогӣ;
5. Ҳолатҳое, ки ба онҳо ин талабот асос меёбад ва далелҳое, ки онҳоро тасдиқ мекунанд;

6. Талаботи даъвогар;

7. Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки замима карда мешаванд.

Муфаттиш баъд аз муқаррар кардани он, ки барои зарари дар натиҷаи ҳаракатҳои ҷиноятии айбдоршаванда расонидашуда мувофиқи қонун бояд падару модар, васиҳо, парасторон ё шахсони дигар ва ё корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилот аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгар бошанд, дар бораи ба сифати ҷавобгари граждани ҷалб кардани шахс ё корхона, муассиса, ташкилоти дахлдор қарори ваҷҳнок мебарорад (қ. 1 м. 130 КМҶ).

Агар талаботи даъвогӣ пас аз ба суд фиристодани парванда арз карда шавад, ин масъаларо судя дар танҳоӣ ё суд ба тарзи дастаҷамъӣ ҳал менамояд.

Дар сурати мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи он, ки дар натиҷаи ҷиноят зарари моддӣ расонида шудааст, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор вазифадоранд, барои таъминкунии даъвои граждание, ки арз карда шудааст ё мумкин аст дар оянда арз карда шавад, чораҳо андешанд.

Ба ин мақсад муфаттиш вазифадор аст, ки молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсонеро, ки мувофиқи қонун барои ҳаракати онҳо аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ҳабс кунад (м. 116 КМҶ). Ҳабси амвол дар эълон кардани манъи амволро ихтиёрдорӣ кардани соҳибмулк ифода меёбад.

Хусусияти баррасии даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ дар он аст, ки ҳангоми ҳал кардани даъво меъёрҳои ҳам ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳам гражданӣ, мурофиавии гражданӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ татбиқ карда мешаванд.

Дар маҷлиси судӣ ҳамаи ҳолатҳое, ки бо исбот кардани асосҳои моддии арзи даъвои гражданӣ ва муайян кардани андозаи он алоқаманданд, бояд тадқиқ карда шаванд. Ғайр аз ин, маълум карда мешавад, ки оё шароити мурофиавӣ барои дар парвандаи ҷиноятӣ ҳал кардани даъвои гражданӣ вуҷуд дорад. Зимнан, бояд ба таъмин кардани ҳуқуқҳои ҳам даъвогари гражданӣ ва ҳам ҷавобгари гражданӣ диққати махсус дода шавад.

Ҳангоми ҳозир нашудани даъвогари гражданӣ ё намояндааш суд даъворо бе баррасӣ мемонад. Дар ин маврид ҷабрдида ҳуқуқи ба тариқи мурофиаи судии гражданӣ арз кардани даъворо нигоҳ медорад. Вале суд ҳуқуқ дорад, бо илтимоси даъвогари гражданӣ даъворо дар ғоибии ӯ баррасӣ кунад. Агар аризаи даъвогиро прокурор дастгирӣ кунад ва, инчунин, агар инро суд зарур донад, новобаста аз ҳозир шудани даъвогари гражданӣ ё намояндааш суд даъвои граждaниро баррасӣ мекунад. Ҳозир нашудани ҷавобгари гражданӣ баррасии даъвои граждaниро боз намедорад.

Даъвои гражданӣ дар ҳукми суд ҳал карда мешавад. Дар вақти баровардани ҳукми айбдоркунанда суд ба исбот шудани асосҳо ва андозаи даъвои гражданӣ нигоҳ карда, даъвои арз кардашударо пурра ё қисман қаноат мекунонад ё ки онро рад мекунад (қ. 1 м. 335 КМҶ). Зимнан, суд бояд дар ҳукм хулосаашро дар бораи барқарор намудани зарари расонидашуда ваҷҳнок карда нишон диҳад, ки бо кадом ҳаракат ё беҳаракатӣ зарар расонида шудааст ва он бо кадом далелҳо исбот карда мешавад. Инчунин, суд ҳисобу китоби дахлдори андозаи зарарро оварда, қонунеро, ки дар асоси он даъво ҳал карда шудааст, нишон медиҳад.

Дар мавридҳои истисноӣ, агар дида баромадани парвандаро боз надошта аз рӯйи даъвои гражданӣ ҳисобу китоби муфассал гузаронидан номумкин бошад, суд метавонад, эътироф намояд, ки даъвогари гражданӣ барои қонеъ кунонидани даъвояш ҳуқуқ дорад, баъд аз масъалаи оид ба андозаи даъворо дида баромадан, даъворо ба тартиби мурофиаи судии гражданӣ супорад.

Ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда, ҳамчунин баровардани таъинот ва қарори қатъ намудани парванда; дар бораи татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, суд метавонад:

– қонеъ гардонидани даъвои гражданиро рад кунад, ба шарте, ки ҳодисаи ҷиноят ё кирдори барои ҷамъият хавфноки айбдоршаванда ё иштироки судшаванда ё шахсе, ки нисбати ӯ масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳал карда мешаванд, содир намудани ҷиноят ё кирдори барои ҷамъият хавфнок муайян ва исбот карда нашуда бошад;

– даъворо бе баррасӣ монад, дар сурати аз сабаби мавҷуд набудани таркиби ҷиноят судшаванда сафед карда шуда бошад ё ин ки қатъ намудани парванда барои набудани асоси татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ки бо хусусияти кирдори аз ҷониби ӯ содиршуда ва вазъи худ барои ҷамъият хавфнок нест ва ба муоличаи маҷбурӣ муҳтоҷ намебошад;

– дар сурати имконнопазирии муайян кардани миқдори аниқи маблағи талаби даъво ба даъвогари гражданӣ фаҳмонида мешавад, ки ӯ ҳуқуқ дорад, ба тариқи умумӣ бо даъвои гражданӣ ба суд муроҷиат намояд.

Дар сурати қонеъ гардонидани даъвои гражданӣ суд ҳуқуқ дорад то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм дар бораи қабули чораи таъмини даъво, ба шарте, ки чунин қарор қаблан бароварда нашуда бошад, қарор қабул кунад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Даъвои гражданӣ чист?
**2.** Предмети даъвои гражданӣ.
**3.** Даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**4.** Тартиби пешниҳоди даъвои гражданӣ.
**5.** Муҳлати пешниҳод намудани даъвои гражданӣ.
**6.** Тартиби даст кашидан аз даъвои гражданӣ.
**7.** Тартиби ҳалли даъвои гражданӣ чи тавр сурат мегирад?
**8.** Ҳангоми қатъ намудани парванда бо кадом асосҳо суд даъвои гражданиро бе баррасӣ мемонад?
**9.** Даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва нақши онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ.
**10.** Нақши суд, судя дар баррасии даъвои гражданӣ.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**3.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**4.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**5.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**6.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**8.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда» аз 25.06.2012 с. таҳти № 2.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» аз 23.12.2011 с. таҳти № 7.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**7.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**8.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016.

**11.** Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

**12.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**13.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**18.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**21.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**22.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**23.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**24.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**25.** Уголовный процесс :учебник / отв. ред. К.Ф. Гуценко. – М.: Зерцало, 2007.

**26.** Уголовный процесс : учебник / отв. ред. В.П. Божьев. – М., 2011.

**27.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**28.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**29.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

**30.** Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

# БОБИ 12.
# МУҲЛАТ ВА ХАРОҶОТИ МУРОФИАВӢ

## § 1. Муҳлатҳои мурофиавӣ

Муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ кафолати муҳимтарини таъмини иҷроиши фаврӣ ва саривақтии вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд. Мафҳуми муҳлатҳои мурофиавӣ, баҳисобгирии онҳо ва оқибатҳои гузаронидани муҳлат ва барқарор намудани онҳо дар м.м. 136-137 КМҶ пурра оварда шудаанд.

***Муҳлатҳои мурофиавӣ*** – ин фосилаи вақтест, ки дар давоми онҳо бояд амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ иҷро карда шаванд ё ин ки аз иҷроиши онҳо худдорӣ карда шаванд.

Иҷроиши муҳлатҳои мурофиавӣ барои ҳамаи иштирокчиёни мурофиа ҳатмӣ мебошад.

Ҳамаи меъёрҳои қонунро, ки муҳлатҳои мурофиавии ҷиноятиро муқаррар мекунанд, ба ду намуд тақсим кардан мумкин аст:

1) меъёрҳое, ки фавран иҷро кардани амали мурофиавии ҷиноятиро таъкид мекунанд (масалан, пурсиши гумонбаршуда пас аз дастгир кардани ӯ бояд фавран гузаронида шавад).

2) меъёрҳое, ки муҳлатҳои мушаххасан муайянро муқаррар менамоянд (масалан, тафтиши пешакӣ дар муҳлати на дертар аз ду моҳ бояд ба охир расонида шавад).

Муҳлатҳоро шартан ба гурӯҳҳои зерин чудо намудан мумкин аст:

1. Муҳлатҳое, ки зуд гузаронидани мурофиаро кафолат медиҳанд: муҳлатҳои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ; таҳқиқ; тафтиши пешакӣ; иҷрои супориши алоҳида ва ғайра;

2. Муҳлатҳое, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаро кафолат медиҳанд: муҳлатҳои дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда; татбиқи чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда; эълон кардани айбдорӣ ва пурсиши айбдоршаванда; дар ҳабс нигоҳ доштан; шикоятро баррасӣ кардани прокурор; супоридани хулосаи (фикри) айбдорӣ ва ғайра;

3. Муҳлатҳое, ки ба амал баровардани назорати прокурориро аз болои иҷроиши қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ таъмин мекунанд: муҳлати ба прокурор равон кардани нусхаи қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ба охир расонидан ё боздоштани тафтишот, қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ; хабар додан дар бораи кофтукови бе розигии прокурор ва иҷозати суд гузаронидашуда ва ғайра.

Муҳлатҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо соат, шабонарӯз, моҳ ва сол ҳисоб карда мешаванд. Масалан, муҳлати дастгиркунии гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят – 72 соат; таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест – 15 шабонарӯз; таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист – 10 шабонарӯз; тафтиши

пешакӣ – ду моҳ. Дар баъзе моддаҳои КМҶ муҳлатҳо бо рӯзҳо муқаррар гардидаанд, ки он ба маънои шабонарӯз баробар аст.

Дар ҳисоби муҳлат соат ва рӯзе, ки ҷараёни муҳлат оғоз мегардад, ба ҳисоб гирифта намешавад. Ин қоида ба ҳисоби муҳлати дастгиркунӣ дахл надорад. Ба ҳисоби муҳлат, инчунин вақти ғайрикорӣ низ зам карда мешавад.

Агар муҳлатҳо бо шабонарӯз ҳисоб карда шаванд, муҳлат дар соати дувоздаҳи шаби шабонарӯзи охирин тамом мешавад.

Дар ҳисоби муҳлат бо моҳ ё сол муҳлат дар рӯзи дахлдори моҳи охирин хотима меёбад, агар ин моҳ санаи дахлдор надошта бошад, муҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ ба охир мерасад. Агар баохиррасии муҳлат ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, рӯзи охирини муҳлат рӯзи кории баъди он рӯз фарорасанда ба ҳисоб меравад, ба ғайр аз ҳолатҳои ҳисоби муҳлат ҳангоми дастгиркунӣ, ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ва муҳлати дар муассисаи тиббӣ ҷойгир будан.

Ҳангоми дастгиркунӣ муҳлат аз лаҳзаи татбиқи воқеии ин чора ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан: агар шахс бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят дар соати 15.[20] дақиқаи 4 августи соли 2017 дастгир шуда бошад, он гоҳ муҳлати дастгиркунии баробар ба 72 соат бояд аз соати 15.[20] дақиқаи 4 августи соли 2017 ҳисоб карда шавад ва он соати 15.[20] дақиқаи 7 августи ҳамин сол тамом мешавад.

Агар парвандаи ҷиноятие, ки дар хусуси он гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ бошад, аз тарафи мақоми таҳқиқ 16 сентябри соли 2017 оғоз гардида бошад, он гоҳ муҳлати таҳқиқ баробар ба 10 шабонарӯз аз 17 сентябри 2017 ҳисоб карда шуда, он дар соати 12 шаби 26 сентябри ҳамин сол ба охир мерасад.

Агар парвандаи ҷиноятӣ 31 декабри соли 2017 оғоз карда шуда бошад, он гоҳ муҳлати тафтиши пешакӣ баробар аст ба ду моҳ ва бояд 28 феврали соли 2018 ба охир мерасид.

Дар мавридҳои истисноӣ баъзе муҳлатҳои мурофиавӣ, масалан, муҳлати таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда дароз карда шуданашон мумкин аст.

Баъзе муҳлатҳое, ки пешниҳоди шикояту аризаҳо ва дархостҳоро ба танзим медароранд, агар бо сабабҳои узрнок (беморӣ, офати табиӣ ва ғайра) гузашта бошанд, бояд аз нав барқарор карда шаванд. Қарор дар бораи барқарор намудани муҳлати гузашташуда бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё бо таъиноти суде, ки парванда дар пешбурди он қарор дорад, ба расмият дароварда мешавад.

Амалҳои мурофиавие, ки бо гузаштани муҳлат содир шудаанд, дар сурати барқарор карда нашудани муҳлат, беэътибор дониста мешаванд.

Шахсе, ки ба барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда манфиатдор аст, ба мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ бо дархост ё хоҳиш муроҷиат мекунад. Мутобиқи дархост ё хоҳиши шахси зикргардида иҷрои қароре, ки вобаста ба гузашти муҳлат шикоят шудааст, мумкин аст, то ҳалли масъалаи барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда боздошта шавад.

Муҳлати бо сабабҳои узрнок гузаронидашуда бояд бо қарори мақомоте, ки мурофиаи судии ҷиноятиро пеш мебарад, бо дархост ё хоҳиши шахси манфиатдоре, ки муҳлатро гузаронидааст, барқарор карда шавад.

Дар хусуси рад кардан аз барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ шикоят овардан мумкин аст.

## § 2. Хароҷоти мурофиавӣ

***Хароҷоти мурофиавӣ*** аз маблағҳое, ки ҳангоми гузаронидани мурофиа оид ба парвандаи ҷиноятӣ харҷ карда шудаанд ва онҳо бояд аз маҳкумшуда ё шахсе, ки бо айби вай ин хароҷот ба амал омадааст, рӯёнида шаванд ё ин ки ба ҳисоби давлат гузаронида шаванд, иборат мебошад. Хароҷоти мурофиавӣ ва тартиби ситонидани он дар м.м. 138-139 КМҶ дарҷ гардидаанд.

Ба хароҷоти судӣ дохил мешаванд:

1) Маблағи ба шоҳидон, ҷабрдидаҳо ва намояндагони онҳо, коршиносон, мутахассисон, тарҷумонҳо, шахсони холис барои пардохти хароҷоташон ҳангоми ҳозир шудан ба маҳалли гузаронидани амали мурофиавӣ ва бозгашт, барои иҷораи манзил, инчунин масрафи шабонарӯзии пардохташуда;

2) Маблағи ба коршиносон, тарҷумонҳо, мутахассисон пардохташуда барои иҷрои уҳдадориҳояшон ҳангоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё дар суд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин уҳдадориҳо бо тартиби супориши хизматӣ анҷом дода шудаанд;

3) Подоши кӯмаки ҳуқуқии ҳимоятгар дар сурати озод кардани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда аз пардохти он ё иштироки ҳимоятгар дар таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва дар суд тибқи таъинот, бе бастани созишнома бо мизоҷ;

4) Маблағи ба сифати кӯмакпулӣ ба айбдоршаванда пардохташуда, ки нисбат ба он чораи пешгирӣ бо роҳи дур кардан аз вазифа татбиқ шуда буд;

5) Маблағи барои нигаҳдорӣ ва интиқоли далелҳои шайъӣ масрафгардида;

6) Маблағи барои кофтукови гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда масрафгардида, ки аз тафтиш ё суд пинҳон карда шудааст;

7) Маблағи барои гузаронидани экспертиза дар муассисаҳои экспертӣ масрафгардида;

8) Маблағи барои чораҳои дигари анҷом додани пешбурди парвандаи дахлдори ҷиноятӣ ё маводи дахлдор масрафгардида.

Ба ин намуди хароҷот маблағҳои харҷкардаи мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва суд, ки бо ҷамъоварӣ ва тадқиқи далелҳои гунаҳгор будани маҳкумшуда алоқамандананд, дохил мешаванд (мисол, барқарор кардани маблағи ашёе, ки ҳангоми гузаронидани озмоиши тафтишотӣ ё экспертиза хароб ё несту нобуд гардидааст).

Дар рафти тафтишот ҳамаи маблағҳои харҷгардида, ки ба хароҷоти мурофиавӣ дохил мешаванд, бояд дар маводи парвандаи ҷиноятӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ кунонида шаванд. Бо тамом шудани тафтишот ба сифати замима ба фикри айбдоркунӣ маълумотнома дар бораи хароҷоти мурофиавӣ, бо нишон додани варақаи парванда, ки он ҷо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хароҷот нигоҳ дошта шудааст, тартиб дода мешавад. Хароҷоти мурофиавӣ ба депозити суд қабул карда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ пардохта мешавад, ба шарте, ки КМҶ тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

Хароҷоти мурофиавӣ аз маҳкумшудагон ситонида ё аз ҳисоби давлат пардохт мешавад.

Масъалаи ба зиммаи маҳкумон гузоштани хароҷоти судӣ ё ин ки, пурра ва ё қисман ба ҳисоби давлат гузаронидани онро суд дар ҳукми худ баррасӣ мекунад. Дар мавриди гунаҳгор дониста шудани судшаванда, суд ҳуқуқ дорад, ки хароҷоти мурофиавиро ба ғайр аз маблағе, ки ба тарҷумонҳо дода шудааст, аз ӯ рӯёнад. Дар айни ҳол суд метавонад, ки хароҷоти мурофиавиро ҳам аз маҳкумшудае, ки

аз ҷазо озод карда шудааст, ҳам аз маҳкумшудае, ки дар ҳаққи ӯ ҷазо таъин нагардидааст, низ гузорад.

Агар доир ба парванда якчанд судшавандагон гунаҳгор дониста шуда бошанд, суд қарор мекунад, ки ба зиммаи ҳар кадоми онҳо бояд кадом миқдори хароҷот гузошта шавад, дар айни ҳол гуноҳ, дараҷаи ҷавобгарӣ ва аҳволи молумулкии он шахсонро ба эътибор мегирад.

Хароҷоти мурофиавӣ дар мавриди қатъ гардидани парванда ё сафед карда шудани судшаванда, ё аз уҳдаи додани хароҷот набаромадани шахсе, ки ин хароҷот аз вай бояд рӯёнида шавад, инчунин он хароҷоти мурофиавӣ, ки бо додани пул ба тарҷумон дар вақти гунаҳгор дониста шудани судшаванда вобаста аст, ба ҳисоби давлат қабул карда мешавад.

Дар вақти сафед карда шудани судшаванда аз рӯйи парвандаҳое, ки танҳо бо шикояти ҷабрдида оғоз карда шуданаш мумкин аст, суд ҳуқуқ дорад, ки хароҷотро пурра ё қисман ба зиммаи шахсе, ки ҳамин парванда аз рӯйи шикояти ӯ оғоз карда шуда буд, гузорад.

Дар вақти қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ бинобар оштӣ кардани ҷабрдида бо судшаванда хароҷотро ба зиммаи ҷабрдида ва судшаванда ё ба зиммаи яке аз онҳо гузоштан мумкин аст. Дар айни замон маблағе, ки ба тарҷумон дода шудааст, аз судшаванда рӯёнида шуданаш мумкин нест.

Агар гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз ҳимоятгар даст кашида, вале он қонеъ гардонида нашуда, ҳимоятгар дар парванда тибқи таъинот иштирок дошта бошад, музди меҳнати ҳимоятгар бо тартиби муайянкардаи қонунгузорӣ ва КМҶ пардохт карда мешавад.

Оид ба парвандаи ҷиноятии ноболиғон суд метавонад пардохти хароҷоти мурофиавиро ба зиммаи падару модари ноболиғон ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, гузорад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ чист?
2. Намудҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавиро номбар кунед.
3. Ҳукм ва намудҳои он.
4. Муҳлати мурофиавӣ чист?
5. Ҳамаи меъёрҳои қонун, ки муҳлатҳои мурофиавӣ-ҷиноятиро муқаррар мекунанд, ба чанд намуд ҷудо намудан мумкин аст?
6. Барқарор намудани муҳлати мурофиавӣ
7. Тамдид намудани муҳлати мурофиавӣ.
8. Хароҷоти мурофиавӣ чист?
9. Мутобиқи КМҶ ба хароҷоти мурофиавӣ кадом хароҷотҳо дохил мешаванд?
10. Тартиби мурофиавии ситонидани хароҷоти мурофиавӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

5. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

8. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

9. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

10. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

11. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 1. – Душанбе, 1979.

2. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

3. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд, 2003.

5. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

8. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

9. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

10. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери тахрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

11. Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо // зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2016.

12. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

13. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 1: Общие положения уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

14. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

15. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

16. Лупинская П.А. Решения в уголовном судопроизводстве : теория, законодательство, практика. 2-изд., перераб. и доп. – М.: Норма : Инфра-М, 2010.

17. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

18. Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

19. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

20. Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

21. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

22. Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

23. Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

24. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

25. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

26. Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

27. Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

# БОБИ 13.
# ҲИМОЯИ ДАВЛАТИИ ИШТИРОКЧИЁНИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. Мафҳум ва аҳамияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ

Моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ дониста, эълон менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Яке аз ифодаи ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ин таъмини амнияти шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад.

Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта проблемаи таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ ба шоҳидон, ҷабрдидагон, коршиносон, шахсони холис, судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон, хешовандони наздики онҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ шиддатнок гардид. Аз ҳамин лиҳоз, давлат бояд дар тақвият додани тартиботи ҳуқуқӣ, пурра ва объективона бурдани тафтишот, ки таъмини онҳо бе вуҷуд доштани низоми боэътимоди ҳимояи шахсони мазкур номумкин аст, манфиатдор бошад.

Дар ин робита баҳри пурзӯр намудани ҳимояи ин шахсон аз ҷониби давлат давра ба давра тадбирҳо андешида мешуданд, ки таҳияи (коркарди) меъёрҳои ҳуқуқии махсус аз ҷумлаи онҳост. Дар айни замон яке аз намудҳои кафолати муқовимат ба чунин таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ низоми меъёрҳое мебошад, ки амнияти шахсии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин месозад.

Институти таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи нисбатан нав ва дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Бинобар ин, баамалбарории функсияи мазкур барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ то як андоза мушкилотеро пеш овардааст. Маҳз, аз ҳамин сабаб проблемаҳои зиёде ба миён меоянд, ки самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои шахсият дар мурофиаи ҷиноятӣ ба дуруст ва саривақт ҳаллу фасл намудани онҳо вобастагӣ дорад.

Дар тамоми ҷаҳон афзоиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ ва зиёд гардидани ҷиноятҳои марбут ба ҷинояткории муташаккил ба назар мерасад. Дар баробари афзоиши ҷинояткорӣ олами ҷиноятӣ шаклҳои ҳар чӣ навтару мукаммалтари муқовимат намудан ба мақомоти тафтишотро пайдо менамояд. Дар замони муосир тарзҳои (усулҳои) зиддиҳуқуқии таъсиррасонӣ ба натиҷаҳои мурофиаи ҷиноятӣ чун пештара танҳо бо таъсиррасонӣ ба шахсони мансабдор (судяҳо, прокурорҳо ва муфаттишон) маҳдуд намешаванд, балки инчунин, истифода бурдани зӯроварӣ, ришвадиҳӣ, таҳдид намудан ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро, ки дар кушодани ҷиноят ва ҷазо додани ҷинояткорон мусоидат менамоянд, дар бар мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва инкишофи давлати ҳуқуқбунёд заминаҳои заруриро фароҳам оварда, сиёсати фаъолонаи мубориза бар зидди ҷинояткориро пеш гирифтааст, ки яке аз ҷанбаҳои он ин кафолати ҳимояи амния-

ти шахсият, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода давлат онро ба асос мегирад, ки самаранокии тафтиши ҷиноятҳо аз дараҷаи тахти ҳимоя қарор додани шахсони ба мурофиаи ҷиноятӣ мусоидаткунанда ва наздикони онҳо аз қасосгирии ҷинояткорон ва атрофиёни онҳо вобастагӣ дорад. Агар дараҷаи чунин ҳимоя ҳар чӣ қадар баландтар бошад, шаҳрвандон ҳамон қадар ҳангоми мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ марок зоҳир мекунанд.

Сабаби асосии ҳолатҳои сершумори даст кашидани шоҳидон аз додани нишондод, тағйир додан ва дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додан ба фоидаи гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон эҳсоси тарс аз унсурҳои ҷиноятӣ (ҷинояткорон) мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар рафти тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи категорияҳои гуногуни ҷиноятҳо даҳҳо ҳазор одамон ба сифати ҷабрдидагон ва шоҳидон баромад мекунанд. Ба садҳо нафар аз онҳо бо мақсади тағйир додани нишондод, ё ин ки тамоман аз онҳо даст кашидан таҳдид карда мешавад. Қисми зиёди шаҳрвандоне, ки аз ҷиноятҳо ҷабр дидаанд, аз тарси қасос гирифтани ҷинояткорон ё бинобар сабаби боварӣ надоштан ба самаранокии ҳимояи давлатӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд.

Тавре таҷрибаи аксарияти кишварҳо нишон медиҳад, изҳороти давлат дар бораи омода будан ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ натиҷаҳои назаррасро ба бор намеорад, агар механизми босамари амалисозии мақсадҳои изҳоршаванда мавҷуд набошад.

Таҷрибаи байналмилалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар марҳилаи муосир ҷинояткорӣ ба таври ҷиддӣ ба амнияти миллӣ таҳдид намуда, бо институтҳои давлатие, ки ҷиҳати мубориза бар зидди он пешбинӣ гардидаанд, дар рақобат мебошад. Чораҳои мавҷудаи қонунгузорӣ, ташкилию техникӣ ва маъмурӣ, ки маъмулан барои таъмини ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ кофӣ ҳисобида мешуданд, моҳияти худро аз даст дода истодаанд.

Маҳз, бо ҳамин сабаб дар ҷаҳон афзудани тамоюли қабули чораҳои қонунгузорӣ оид ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба назар мерасад. Дар ин раванд ба таҳияи (коркарди) кафолати мурофиавии амнияти шахсони зикргардида диққати махсус дода шуда истодааст. Вазифаи кафолати мурофиавии амнияти чунин шахсон на танҳо дар ҳимоя намудани онҳо аз таъсиррасонии минбаъдаи ҷиноятӣ, балки бовар кунонидани онҳо барои иштирок намудан дар мурофиаи ҷиноятӣ дар он нақше, ки тарафи айбдоркунанда барояшон ҷудо намудааст, ифода мегирад.

Дар аксар давлатҳои хориҷӣ қонунҳои махсусе қабул гардидаанд, ки таъмини амнияти шаҳрвандони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунандаро ҳадафи худ қарор додаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамин гуна қонун 29 декабри соли 2010 № 644 бо номи «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» (минбаъд – Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ) қабул гардид.

Аҳамияти қонуни мазкур хеле калон аст, онро дер боз чӣ кормандони амалӣ ва чӣ олимони ҳуқуқшинос интизор буданд. Бо қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, низоми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз он ҷумла чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоии шахсони мазкур, инчунин тартиб ва асосҳои татбиқи онҳо ба танзим дароварда шудаанд. Қонуни мазкурро ҳамчун ҷаҳду талоши мусбии давлат ҷиҳати ба вуҷуд овардани шароитҳои бехатар барои ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ арзёбӣ намудан зарур аст.

Дар баробари ба миён омадани чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоӣ дар бораи таъсис додани институти махсуси ҳимояи давлатии шахсони зикргардида ҳарф задан ҷоиз аст.

Бо пайдо шудани чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакат институти махсуси ҳимояи давлатии шахсони зикргардида таъсис ёфт.

Институти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ яке аз унсури механизми таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсоне мебошад, ки дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд ва он дар сурати ба миён омадани таҳдид ба ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии ин шахсон бинобар сабаби иштирокашон дар мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ гардида, тавассути чораҳои махсуси ҳимоя анҷом дода мешавад. Ин институт мазмуни маҷмӯӣ дошта, аз чораҳои мурофиавии амниятӣ, ки бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, ҳамчунин аз чораҳои дигари ҳимояи давлатӣ, ки бо Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ муқаррар шудаанд, иборат мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, аз Қонуни зикргардида, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад. Мушаххасан он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин инъикос ёфтааст:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994;
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 № 574 (ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, моликият, ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ, адолати судӣ, тартиби идоракунӣ пешбинӣ менамояд, аз ҷумла, банди «б» қ. 2 м. 104, банди «б» қ. 2 м. 110, банди «б» қ. 2 м. 111, банди «б» қ. 2 м. 117, м. 120, м.м. 314, 329, 328, 331, 330, 345 353, 356, 355, 361);
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 № 564 (қ. 3 м. 12, банди 2 қ. 4 м. 41, қ. 8 м. 172, қ. 2 м. 196, қ. 9 м .206, қ. 2 м. 273, қ. 1 м. 291 ва қ. 6 м. 314);
4. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 № 32 (м. 20);
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 № 845 (банди 5 м. 13, қ. 3 м. 14, м. 24, м. 25);
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014 № 1096 (м. 25);
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 № 644;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 № 687 (м. 14, м. 16, банди «5» қ. 1 м. 17, м. 18);
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011 № 720 (банди 2 қ. 1 м. 17, м. 19);
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи намудҳои воситаҳои махсуси ҳимояи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар, ки ба шахси ҳимояшаванда дода мешавад ва тартиби додани онҳо» аз 2 ноябри соли 2011 №

538 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013 № 112);

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 1 марти соли 2012, № 101 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 112);

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиб ва андозаи пардохти ёрдампулии яквақта ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд» аз 30 июни соли 2012, № 339 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 112);

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016» аз 2 ноябри соли 2012, № 604;

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби мусоидат намудан ба шахсони таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта дар иваз намудани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ» аз 2 майи соли 2013, № 213;

15. Созишномаи давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», ки 28 ноябри соли 2006 дар ш.Минск ба имзо расидааст (аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 апрели соли 2010, № 68 тасдиқ шудааст);

16. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ (аз ҷумла Фармони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2013.

Ҷиҳати таъмини ҳимояи давлатӣ ва бо назардошти он, ки чораҳои амниятии татбиқшаванда хароҷоти молиявии дахлдорро талаб менамоянд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, № 604 Барномаи давлатии «Таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016» тасдиқ гардидааст. Барномаи мазкур дар асоси таҷрибаи таъқиби ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ таҳия шуда, ба таъмини чораҳои амниятие, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 муайян карда шудаанд, равона гардидааст.

Ҳаҷми маблағҳои ҷудонамудаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2013-2016 бо нархҳои солҳои дахлдор ба маблағи 6004190, 8 сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳаҷми маблағҳои ҷудонамудаи буҷети давлатӣ барои маблағгузории чорабиниҳои Барнома ҳар сол бо тартиби муқарраргардида зимни ташаккули лоиҳаи буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли дахлдор муайян карда мешавад.

Вазорату идораҳое, ки иштирокчии Барнома мебошанд, ҳар сол дар сметаҳои хароҷотии худ барои амалигардонии чорабиниҳои пешбининамудаи Барномаи мазкур маблағҳои заруриро пешбинӣ менамоянд. Чорабиниҳои Барнома бо тартибе, ки махфӣ нигоҳ доштани маълумотро дар бораи хароҷоти анҷомдодашуда таъмин менамояд, амалӣ гардонида мешаванд.

Механизми амалигардонии Барнома чорабиниҳои ташкилиеро дар бар мегирад, ки идора намудани равандҳои банақшагирӣ, иҷроиш ва назоратбариро таъмин месозанд. Иштирокчиёни Барнома ҳамасола хароҷотро вобаста ба чорабиниҳо, бо назардошти натиҷаҳои татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ ва маблағҳои барои амалигардонии Барнома ҷудошаванда муайян мекунанд. Тағйир додани ҳаҷми маблағгузории чорабиниҳои алоҳида бо роҳи ворид намудани тағйирот ба Барнома мутобиқи пешниҳодоти Вазорати корҳои дохилии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа гардидаанд, амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи б. 6 Барномаи мазкур ҳамоҳангсози барнома Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби мусоидат намудан ба шахсони таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта дар иваз намудани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ» аз 2 майи соли 2013, № 213 ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шудааст, ки вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти солонаи худ, ки бо амалисозии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, ҳар сол то 1 феврали соли ҳисоботӣ иттилооти муфассалро ба Вазорати корҳои дохилӣ пешниҳод намоянд.

Вазорати корҳои дохилӣ ҳар сол на дертар аз 1 апрел ба Вазорати молия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботро дар бораи иҷрои чорабиниҳои барномавии соли сипаришуда ва дар бораи истифодаи маблағҳои ҷудонамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ пешниҳод менамояд. Ҳисоботи мазкур дар асоси маводе, ки аз ҷониби иштирокчиёни Барнома ба ВКД барои гузаронидани таҳлили иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад (то 1 феврали соли ҳисоботӣ), омода мегардад.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбаршуда заминаи ташаккули низоми ҳимояи давлатии ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро, инчунин шахсонеро, ки дар кушодани ҷиноят ва ҷазо додани ҷинояткорон мусоидат менамоянд (шахсони ҳимояшаванда), ба вуҷуд овstreet.

Тавре маълум аст, мақсад аз тафтиши ҷиноят муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии парванда (кор) дар мутобиқати пурра ва аниқ бо воқеият, яъне муқаррар намудани ҳақиқат аз рӯйи парванда мебошад. Вале кушодани ҷиноят бе мавҷуд будани базаи далелҳои боэътимод ғайриимкон аст. Чунин «махзан» метавонад танҳо дар он вақте ҷой дошта бошад, ки агар ҳар як далели ҷамъоваришуда ба талаботи на танҳо мансубият ва имконпазирӣ, балки ба талаботи саҳеҳ будан, ки зери он мувофиқатии маълумоти бадастомада ба воқеияти ҳақиқӣ фаҳмида мешавад, ҷавобгӯ бошад. Чунончӣ, мутобиқи қ. 1 м. 88 КМҶ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қонун ва дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳама ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмӯи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳанд.

Ба саҳеҳ будани далелҳо (нишондодҳои ҷабрдидагон, шоҳидон, айбдоршавандагон ва гумонбаршудагон, хулоса ва нишондодҳои экспертон, мутахассисон ва дигарон) аксаран он ҳолат таъсир мерасонад, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятткор, хешовандон ва наздикони айбдоршавандагон, инчунин аз тарафи дигар шахсони манфиатдор ба фишори шадид, таҳдид, шантаж (иръоб) ва ришвадиҳӣ гирифтор мешаванд. Мавридҳое кам нестанд, ки ба ҷабрдидагон ва шоҳидон, аъзои оилаҳои онҳо бо марг, маъюб кардан, несту нобуд сохтани молу мулк таҳдид мекунанд ва ҳатто дар баъзе мавридҳо чунин таҳдидҳо амалӣ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, давлат ҷиҳати таъмини ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҷӯӣ намуда, бо ин васила барои ба даст овардан ва дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани далелҳои саҳеҳ, яъне муқаррар кардани ҳақиқат аз рӯйи парванда мусоидат менамояд.

Дар байни усулҳои сершумори таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: таъқиб кардан бо мақсади таъсиррасонии рӯҳӣ (психикӣ), ки дар таҳдиди куштор, қасосгирӣ, несту нобуд сохтани молу мулки шахсӣ, рабудани кӯдакон ва наздикон зоҳир мегардад; ришвадиҳӣ дар ҳама гуна намуд ва шакл; шантаж (иръоб); истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ; таҳқир ва тӯҳмат; қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк; рабудани хешовандон ва дигар наздикон; содир намудани амали террористӣ ва ғайра.

Мутобиқи таҳрири амалкунандаи Қонун аз 29 декабри соли 2010 зери мафҳуми ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ «татбиқ намудани чораҳои амниятие, ки ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки онҳо равона гардидаанд, инчунин чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони номбурда бо сабаби иштироки онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ гардонида мешаванд» фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, низоми таъмини ҳимояи давлатӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳои нисбат ба шахсони ҳимояшаванда татбиқшаванда дар сурати мавҷуд будани маълумоте, ки ба вуҷуд доштани таҳдиди воқеӣ ба ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки ин шахсон бинобар сабаби мусоидати онҳо барои адолати судӣ ишора менамояд, ҳамчунин маҷмӯи чораҳое, ки барои бартараф намудани оқибатҳои таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ равона гардидаанд, муайян карда мешавад. Онҳоро бо ду асос тасниф намудан мумкин аст:

а) чораҳои амниятие, ки мақсадашон аз бартараф ва пешгирӣ намудани таҳдид ба амнияти шахсӣ ва молумулкии шахси ҳимояшаванда иборат аст (ҳимояи ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ);

б) чораҳои дастгирии (ҳимояи) иҷтимоӣ, ки баҳри бартараф намудани оқибатҳои манфии таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ ба шахсони ҳимояшаванда равона гардидаанд.

Ҳимояи давлатӣ мутобиқи принсипҳои қонуният, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти мутақобилаи мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ва шахсони ҳимояшаванда ба амал бароварда мешавад.

Он зери назорати прокурорӣ ва назоратбарии идоравӣ амалӣ карда мешавад. Зимни амалисозии ҳимояи давлатӣ усулҳои ошкоро ва ғайриошкоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд. Татбиқи чораҳои амниятӣ, тавре дар Қонун зикр гардидааст, набояд ҳуқуқҳои манзилӣ, меҳнатӣ, нафақавӣ ва дигар ҳуқуқҳои шахсони ҳимояшавандаро маҳдуд (поймол) созад.

Ҳимояи давлатӣ бояд бо риояи маҳрамияти (махфинигоҳдории, пинҳоннигоҳдории) маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда, ки он ба сирри давлатӣ баробар дониста мешавад, амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ ифшо намудани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва чораҳои амниятии нисбат ба ӯ татбиқшаванда аз ҷониби шахсе, ки ин маълумот ба ӯ бовар карда шудааст ё вобаста ба хизмат ё кор ба ӯ маълум гардидааст, боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 311 КҶ (Ифшои сирри давлатӣ) мегардад.

Ба сирри давлатӣ мансуб донистани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва чораҳои амниятии нисбати ӯ татбиқшаванда бо муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014 № 1095, «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 № 845 ва «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 № 687 асоснок карда шудааст.

Аз ҷумла, мутобиқи бандҳои 1, 5, 18 ва 21 м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014 ба маълумоти дорои сирри давлатӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маълумоти зерин мансуб дониста шудаанд:

– дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо, нақшаҳо, ҳолат, ташкил, тактика, натиҷаҳо ва маблағгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ);

– дар бораи шахсоне, ки ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба таври махфиёна мусоидат менамоянд ё мусоидат кардаанд;

– дар бораи кормандони мақомоти амаликунандаи ФОҶ, хешовандони наздики онҳо, дар ҳолати мавҷуд будани маълумот оид ба таҳдид ба ҳаёт ва саломатии онҳо, ки бинобар иҷрои вазифаҳои хизматиашон ба миён омадааст;

– дар бораи маҳалли ҷойгиршавии биноҳое, ки ба манфиати ҳалли вазифаҳои ФОҶ пинҳонӣ истифода бурда мешаванд;

– дар бораи маҳалли ҷойгиршавии биноҳое, ки ба манфиати ҳалли вазифаҳои ФОҶ пинҳонӣ истифода бурда мешаванд (масалан, чунин маълумот метавонанд бо татбиқи чораҳои зерини амниятӣ алоқаманд бошанд: таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда; ҷойгиркунонии муваққатии ӯ дар маҳалли бехатар; дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили ӯ; кӯчонидани ӯ ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ ва ғайра).

Ҳамчунин мутобиқи қ. 2 м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014 мақомоти ҳифзи сирри давлатӣ (мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дигари давлатӣ, ташкилотҳо, воҳидҳои сохтории онҳо оид ба ҳифзи сирри давлатӣ) мувофиқи вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда ва дар доираи салоҳияти худ ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатиро таъмин менамоянд.

Дар ин ҷода бояд қайд намуд, ки айни замон тибқи банди 6 м.18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» маълумот дар бораи қувваҳо, намудҳо, ҷараён, тарзу усулҳо ва маблағгузории амалигардонии ҳимояи давлатӣ (татбиқи чораҳои амниятӣ) нисбат ба шахси ҳимояшаванда, маълумот дар бораи ӯ ва хешовандони наздикаш ба сирри давлатӣ мансуб дониста шудаанд.

Мутобиқи қ. 3 м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» давлат муҳофизат ва амнияти шахсонеро, ки дар мубориза бар зидди терроризм кӯмак мерасонанд, кафолат медиҳад. Бо ин мақсад Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди терроризмро тавассути таъмини ҳифзи шахсони муҳофизатшаванда амалӣ менамояд (банди 4 қ. 2 м. 8).

Ҳамчунин тибқи қ. 1 м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо ва нақшаҳои ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии ғайриошкоро истифодашаванда ё истифодашуда ва натиҷаҳои ФОҶ, маълумот дар бораи шахсони ба гуруҳҳои муташаккили ҷиноятӣ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва дар бораи шахсони ба онҳо ба таври махфӣ мусоидаткунанда, ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сирри давлатӣ ҳисоб меёбанд.

Бо ҳимояи давлатӣ танҳо иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ фаро гирифта мешаванд. Имконияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии граждании, маъмурӣ, иқтисодӣ бо Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ ба танзим дароварда нашудааст.

Хароҷоти бо таъмини ҳимояи давлатӣ алоқамандбуда ба зиммаи шахси ҳимояшаванда вогузор карда намешаванд.

## § 2. Шахсоне, ки таҳти ҳимояи давлатӣ қарор дода мешаванд

Ҳамаи шахсоне, ки нисбат ба онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қарор оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қабул карда шудааст, «шахсони ҳимояшаванда» номида мешаванд. Зери мафҳуми «шахси ҳимояшаванда» иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва шахсони дигаре, ки дар огоҳонидан ва ё кушодани ҷиноят мусоидат менамоянд, инчунин хешовандони наздики онҳо фаҳмида мешаванд, ки нисбати онҳо бо сабаби мавҷуд будани таҳдиди воқеии таҷовузи зиддиҳуқуқӣ, ки он бо мақсади ба онҳо монеъ шудан ба иҷрои уҳдадориҳо ва амалигардонии ҳуқуқҳои бо қонун пешбинигардида содир мешавад, қарор оид ба татбиқ намудани чораҳои амниятӣ қабул карда шудааст.

Тибқи м. 2 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ (Шахсоне, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд) шахсони зерин бо ҳимояи давлатӣ фаро гирифта мешаванд:

1) прокурор – айбдоркунандаи давлатӣ;
2) ҷабрдида;
3) шоҳид;
4) айбдоркунандаи хусусӣ;
5) гумонбаршуда;
6) айбдоршаванда;
7) судшаванда;
8) маҳкумшуда;
9).сафедшуда;
10) ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда;
11) намояндаи қонунии гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда;
12) шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст;
13) эксперт (коршинос);
14) мутахассис;
15) тарҷумон;
16) шахси холис;
17) омӯзгоре, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок менамояд;
18) равоншиносе (психологе), ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок менамояд;
19) даъвогари гражданӣ;
20) ҷавобгари гражданӣ;
21) намояндаи қонунӣ, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва айбдоркунандаи хусусӣ.

Вале бо ҳамин номгӯйи шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ карда мешаванд, хотима намеёбад. Мутобиқи қ.қ. 2 ва 3 м. 2 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораҳои ҳимояи давлатӣ, инчунин метавонанд то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва нисбат ба шахсони зерин татбиқ гарданд:

22 арзкунанда;

23 шоҳиди ҷиноят (гувоҳи ҷиноят);

24 қурбонии (зарардидаи) ҷиноят;

25 шахсони дигар, ки барои огоҳонидан (пешгирӣ) ва ё кушодани ҷиноят мусоидат менамоянд;

26 хешовандони наздик, ки нисбати онҳо бо мақсади таъсир расонидан ба шахсони дар бандҳои 1 ва 25 нишондодашуда таҷовузи зиддиҳуқуқӣ содир мешавад.

Ғайр аз ин, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ҳамчунин категорияҳои дигари шахсоне пешбинӣ гардидаанд, ки бояд бо ҳимояи давлатӣ фаро гирифта шаванд. Чунончӣ, тибқи м.м. 16 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» кормандони оперативии мақомоти корҳои дохилӣ, ва аз он ҷумла, шахсони ба онҳо мусоидаткунанда низ таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Ҳангоми ба миён омадани таҳдиди воқеии таҷовузи зиддиҳуқуқӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки ин шахсон вобаста ба фаъолияти хизматии онҳо ё мусоидати онҳо дар ҳалли вазифаҳои ФОҶ, бо мақсади таъмини амнияти шахсони мазкур, ҳамчунин хешовандони наздики онҳо тибқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳофизати онҳо гузаронидани чорабиниҳои махсус (яъне, татбиқи чораҳои амниятӣ) мумкин аст.

Тавре дар боло қайд карда шуд, ҳамаи шахсони зикргардида (бандҳои 1-26), ки нисбат ба онҳо тибқи тартиби муқаррааргардида қарор оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қабул карда шудааст, «шахсони ҳимояшаванда» номида мешаванд.

Вобаста ба мақом, нақш, шакл ва тарзҳои иштироки (мусоидати) ин шахсон дар амалигардонии адолати судӣ онҳо бо асосҳои зерин таснифи асоснок карда мешавад:

1) шахсоне, ки ба адолати судӣ тавассути иҷрои функсияҳои айбдоркунӣ мусоидат менамоянд: прокурор, ҷабрдида, даъвогари граждани, намояндагони онҳо, айбдоркунандаи хусусӣ;

2) шахсоне, ки ба адолати судӣ тавассути иҷрои функсияҳои ҳимоякунӣ мусоидат менамоянд: гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгарон ва намояндагони қонунӣ онҳо, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи ӯ;

3) дигар шахсоне, ки ба адолати судӣ мусоидат менамоянд: шоҳид, эксперт (коршинос), мутахассис, тарҷумон, шахси холис, омӯзгор, равоншинос (психолог), арзкунанда, гувоҳи ҷиноят (шоҳиди ҷиноят), қурбонии (зарардидаи) ҷиноят;

4) хешовандони наздики иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ;

5) шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст.

*Прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ)* – шахси мансабдори мақомоти прокуратура, ки аз номи давлат дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ айбдоркуниро дастгирӣ менамояд (аз ҷумла, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, муовинони онҳо, сардорони раёсатҳо (шуъбаҳо) ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори генералӣ, прокурорҳои калон ва прокурорҳои раёсатҳо (шуъбаҳо), ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни прокурорҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои калон ва прокурорҳои шуъбаҳои прокуратураҳои вилоятҳо ва ба

онҳо баробаркардашуда, прокурорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо, прокурорҳои ҳарбии гарнизонҳо, прокурорҳо оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ, муовинон, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни онҳо, прокурор-криминалистҳои калон ва прокурор-криминалистҳо, ки дар доираи салоҳияташон фаъолият мекунанд).

*Ҷабрдида* - шахсест, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯйиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст. Инчунин ҷабрдида шахси ҳуқуқие низ эътироф шуда метавонад, ки дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расидааст. Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабрдидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ татбиқ мекунад. Дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар фавран қарор қабул карда, суд таъинот мебарорад.

*Шоҳид* - шахсест, ки ба ӯ ягон ҳолати барои тафтиш ва ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта маълум аст ва ӯ барои додани нишондод даъват карда шудааст.

*Айбдоркунандаи хусусӣ* - шахсест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ба суд ариза дода, дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, инчунин ҷабрдидае, ки ҳангоми аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад.

*Гумонбаршуда* - шахсест, ки нисбат ба ӯ бо асос ва тартиби муқаррарнамудаи КМҶ бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ё таҳқиқбаранда хабар медиҳад ё ӯ дастгир карда шудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда шудааст.

*Айбдоршаванда* - шахсе мебошад, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бароварда шудааст.

*Судшаванда* – шахси айбдоршавандаест, ки нисбат ба ӯ парвандаи ҷиноятӣ ба маҷлиси суд таъин карда шудааст.

*Маҳкумшуда* – судшавандаест, ки нисбат ба ӯ ҳукми айбдоркунандаи суд эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

*Сафедшуда* – судшавандаест, ки нисбат ба ӯ ҳукми сафедкунандаи суд эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

*Ҳимоятгар* – шахсест, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда ва сафедшударо ҳифз намуда, ба онҳо бо ҳар восита ва усули манънакардаи қонун ёрии ҳуқуқӣ мерасонад.

*Намояндаи қонунии гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда* – шахсест, ки дар асоси қонун дар мурофиаи ҷиноятӣ аз номи гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда баромад мекунад. Намояндаи қонунӣ барои ҳимояи манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ғайриқобили амал, қобили маҳдуди амал ё ин ки шаҳрвандони қобили амал, ки бо сабаби ҳолати ҷисмонии худ (пиронсолӣ, беморӣ ва ғайра) наметавонанд шахсан ҳуқуқҳои худро ба амал баранд ва уҳдадориҳои худро иҷро намоянд, баромад мекунад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати намояндагони қонунӣ падару модар, фарзандон, васиён, парасторони гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, судшаванда баромад мекунанд.

*Шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст* – шахсе, ки нисбат ба ӯ дар асоси қ. 1 м. 27 ва қ. 1 м. 28 КМҶ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст. Чунончӣ, парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин бояд қатъ карда шавад:

– ҳангоми мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят;

– ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят;

– ҳангоми гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан;

– ҳангоми қабули санади авф;

– ҳангоми оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда;

– бо сабаби пушаймонӣ аз кирдори худ;

– бо сабаби тағйир ёфтани вазъият;

– ҳангоми мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида, агар парвандаи ҷиноятӣ маҳз тибқи аризаи ӯ оғоз гардад;

– нисбат ба шахсе, ки дар ҳаққи ӯ аз рӯйи ҳамон айбдоркунӣ ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда ё таъиноти суд ва ё қарори суд, судя оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳамон асос мавҷуд аст;

– нисбат ба шахсе, ки қарори бекорнашудаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар хусуси қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қарор дар бораи радди оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳамон айбдоркунӣ вуҷуд дорад;

– бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои Қисми махсуси КҶ (масалан, дар ҳолатҳои пешбининамуда бо м.м. 125, 130, $130^1$, 167, 179, $179^1$, 181, 185, 187, $194^3$, 195, 196, 279, 305, $307^2$, $307^3$, 320, 343, 351, 365, 374, 375).

Аз матни ин меъёри қонун бармеояд, ки бо ҳимояи давлатӣ ҳамчунин шахсе фаро гирифта мешавад, ки кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъгардидаро дар ҳолати номукаллафӣ содир намудааст ё шахсе, ки пас аз содир намудани ҷиноят ба парешонҳолии рӯҳӣ гирифтор шуда, ин парешонҳолӣ таъин намудани ҷазо ё ба иҷро расонидани онро ғайриимкон мегардонад ва нисбат ба онҳо суд қарор дар бораи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо ва татбиқ намудани чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта нисбати онҳо баровардааст.

*Эксперт (коршинос)* – шахсест, ки дорои дониши махсус буда, аз ҷониби мақомоти тафтиш, суд барои гузаронидани экспертиза ҷалб карда мешавад. Эксперт (коршинос) дар ҳолатҳое даъват карда мешавад, ки агар барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд. Ба сифати эксперт (коршинос) ҳар шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст.

*Мутахассис* – шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дорои донишу таҷрибаи махсус аст ва барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар ошкор ё дарёфт намудани далел, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситаҳои техникӣ мумкин аст ҷалб карда шавад.

*Тарҷумон* – шахсест, ки забонҳои барои тарҷума зарурро медонад ва барои иштирок дар амалҳои тафтишию судӣ дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгарони онҳо ё ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо, инчунин шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиа забонеро, ки пешбурди парванда ба воситаи он анҷом дода мешавад, намедонанд, инчунин барои тарҷумаи маводи хаттӣ ҷалб карда шудаанд.

*Шахси холис* – шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор нест ва барои иштирок дар амали тафтишӣ ё дигар амали мурофиавӣ барои тасдиқи да-

лели пешбурди он, мазмун, ҷараён ва натиҷаҳои он аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя ҷалб карда шудааст.

*Омӯзгор* – шахсест, ки дорои таҳсилоти касбӣ буда, бо таълиму тарбияи ба инкишофи маънавӣ, ақлонӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбӣ равонагардида машғул мебошад. Ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандае, ки ба синни шонздаҳ нарасидааст, ҳамчунин ба ин син расидаасту ноқисулақл дониста шудааст, иштироки омӯзгор ҳатмист. Омӯзгор ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи калонтар аз шонздаҳсола бо салоҳдиди муфаттиш, прокурор ва ё бо дархости ҳимоякунанда иштирок мекунад (м. 430 КМҶ).

*Равоншинос (психолог)* – мутахассисест, ки бо омӯзиши нишонаҳо, таръзу шаклҳои ташаккули зуҳуроти равонии шахсият дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон барои ҳалли вазифаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва амалӣ, инчунин бо мақсади расонидани кӯмак, дастгирӣ ва ҳамроҳии равонӣ машғул мебошад. Ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандае, ки ба синни шонздаҳ нарасидааст, ҳамчунин ба ин син расидаасту ноқисулақл дониста шудааст, иштироки равоншинос ҳатмист. Равоншинос ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи калонтар аз шонздаҳсола бо салоҳдиди муфаттиш, прокурор ва ё бо дархости ҳимоякунанда иштирок мекунад (м. 430 КМҶ).

*Даъвогари гражданӣ* – шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он бо тартиби муқаррарнамудаи қонун даъво пешниҳод кардааст (м. 44 КМҶ). Даъвогари гражданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои гражданӣ пешниҳод намояд.

*Ҷавобгари гражданӣ* – шахсест, ки барои зарари аз ҷиноятрасида масъулияти молумулкӣ дорад. Ба сифати ҷавобгари гражданӣ падару модар, васиён, парасторон ва дигар шахсон, инчунин муассисаҳо, корхонаҳо ё ташкилотҳо, ки дар асоси қонун барои зарари аз амалҳои ҷиноятии айбдоршаванда расонидашуда масъулияти моддӣ доранд, ҷалб карда мешаванд.

*Намояндаи қонунӣ, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва айбдоркунандаи хусусӣ* – шахсест, ки дар асоси қонун аз номи шахсе, ки ӯро намояндагӣ мекунад, дар муносибат бо шахсони сеюм баромад мекунад. Намояндаи қонунӣ дар ҳамаи муассисаҳо, аз он ҷумла дар мақомоти судӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ғайриқобили амал, қобили маҳдуди амал ё ин ки шаҳрвандони қобили амал, ки бо сабаби ҳолати ҷисмонии худ (пиронсолӣ, беморӣ ва ғайра) наметавонанд шахсан ҳуқуқҳои худро ба амал баранд ва уҳдадориҳои худро иҷро намоянд, баромад мекунад. Дар мурофиаи судӣ ба сифати намояндагони қонунӣ падару модар, фарзандон, васиён, парасторони ҷабрдида, шоҳид, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, айбдоркунандаи хусусӣ баромад мекунанд. Ба ҳайси намояндагони қонунӣ, инчунин намояндагони муассисаҳо, ба мисли хонаи кӯдакон, хонаи пиронсолон ва ғайра, ки зери парасториашон иштирокчии қобили нопурраи амали мурофиа қарор дорад, ҳамчунин намояндагони мақомоти васоят ва парасторӣ эътироф мегарданд (агар иштирокчии қобили нопурраи амали мурофиа дигар намояндагони қонунӣ надошта бошад ё онҳо ба мурофиа роҳ дода нашуда бошанд).

*Аризадиҳанда* – шахсест, ки ба мақомоти расмӣ расман муроҷиат менамояд ё дархости хаттӣ ирсол медиҳад. Тибқи сархати 1 м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2016 сол таҳти № 1339 муроҷиатҳои шаҳрвандон аз ариза, дархост, таклиф, шикояти

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд, иборат мебошанд. *Ариза* – хоҳиш дар бораи мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар ё пешниҳод намудани маълумот дар бораи вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, норасоиҳо дар фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор ё танқиди фаъолияти шахсони мансабдор, роҳбарон ва кормандони мақомоту ташкилоти дахлдор. *Дархост* – хоҳиш дар бораи аз ҷониби шахси ваколатдор дар доираи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани амали муайян барои қонеъ намудани талаботи мурочиаткунанда. *Таклиф* – тавсия оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, беҳгардонии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои фаъолияти давлат ва ҳаёти ҷомеа. *Шикоят* – изҳори норозигӣ нисбат ба амали (беамалии) шахсони мансабдор, роҳбарон ва шахсони ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор ҷиҳати ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳо ё манфиати қонунии вайронгардидаи худ ё шахсони дигар мебошад.

*Шоҳиди ҷиноят (гувоҳи ҷиноят)* – шахсе, ки бевосита шоҳид, мушоҳидакунандаи ҷиноят гардидааст.

*Қурбонии (зарардидаи) ҷиноят* – ҳама гуна шахсе мебошад, ки ба ӯ зарар расонида шудааст, шахсе, ки худро ҳамчун ҷабрдида эҳсос менамояд, ошкоро дар ин бора хабар медиҳад, аз ҷиҳати меъёрӣ ҳамчун ҷабрдида эътироф гардидааст ва чун натиҷа, ҳуқуқи аз хадамоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ё хусусӣ гирифтани кӯмакро дорад. Шахс ба сифати қурбонии ҷиноят эътироф мешавад хеле пештар аз он, ки ӯ бо тартиби мурофиавӣ чун «ҷабрдида» эътироф мегардад, яъне ин шахс новобаста аз мақоми мурофиавиаш, инчунин новобаста аз муқаррар гардидан, ҳабс шудан, ба суд кашида шудан ё маҳкум гардидани ҳуқуқвайронкунанда аз ҷиноят зарар (ҷафо, азият) дидааст.

*Шахсони дигаре, ки барои огоҳонидан (пешгирӣ) ва ё кушодани ҷиноят мусоидат менамоянд* – шахсоне, ки бо мақомоти амаликунандаи ФОҶ, разведкавӣ ва зиддиразведкавӣ ҳамкорӣ мекунанд ё дар огоҳонидан (пешгирӣ) ва кушодани ҷиноятҳо ва ё муқаррар намудани шахсони онҳоро содирнамуда мусоидат менамоянд ё мусоидат кардаанд, шахсони ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ воридкардашуда, кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ, узви гурӯҳи ҷиноятӣ, ки ба ҳамкорӣ бо мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҷалб шудааст, шахсоне, ки бо розигии худашон барои тайёр намудан ё гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷалб карда мешаванд, шахсоне, ки қонунан қарзи шаҳрвандӣ, ҷамъиятии худро ё уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташударо иҷро менамоянд (дружиначиёни халқӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва дигарон).

Чунончӣ, мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 м.18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҳангоми ба миён омадани таҳдиди воқеии таҷовузи зиддиҳуқуқӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони алоҳида вобаста ба мусоидати онҳо ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ҳамчунин хешовандони наздики онҳо, ин мақомот уҳдадоранд барои рафъи ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ, муайян намудани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашидани онҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ, ки кирдори зиддиҳуқуқӣ содир намуда, он боиси оқибатҳои вазнин нагардидааст ва ӯ барои ҳамкорӣ бо мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҷалб шуда, дар

кушодани ҷиноятҳо фаъолона мусоидат карда, зарари расонидашударо ҷуброн намудааст ё ба таври дигар товони зарари расонидашударо талофӣ намудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Ҳамин гуна муқаррарот дар қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ ёфтаанд, аз ҷумла дар қонунҳо «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» ва ғайра.

Хешовандони наздик – падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, бародарон, хоҳарон, бобоҳо, бибиҳо, наберагон, ҳамчунин ҳамсарони шахсони ҳимояшаванда (м. 6 КМҶ).

Дигар хешовандони шахсони ҳимояшаванда, яъне шахсони дигар, ба истиснои хешовандони наздик, ки бо шахсони ҳимояшаванда алоқаи хешутаборӣ доранд (тағою амак, холаю амма, ҷиян, домод, додаршӯй, келин, абера ва дигарон) ба хешовандони наздик дохил намешаванд.

Ҳамчунин шахсони наздики шахсони ҳимояшаванда, яъне шахсони дигар, ба истиснои хешовандони наздик ва дигар хешовандон, ки бо шахсони ҳимояшаванда қудо мебошанд, инчунин шахсоне, ки ҳаёту саломатӣ ва беҳбудии онҳо барои шахсони ҳимояшаванда бинобар сабаби муносибатҳои шахсии бамиёномада азиз аст, ба хешовандони наздик дохил намешаванд.

Мутобиқи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ шахсони ҳимояшаванда дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Чунончӣ, шахсони ҳимояшаванда ҳуқуқ доранд:

а) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро донанд;

б) таъмини амнияти шахсӣ ва молумулкии худ ва хешовандони наздики худро, ки нисбат ба онҳо таҷовузи зиддиҳуқуқӣ содир мешавад, талаб намоянд;

в) татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ талаб намоянд;

г) оид ба татбиқ намудани чораҳои амниятӣ нисбати худ, инчунин нисбат ба хешовандони наздикашон ва хусусияти ин чораҳоро донанд;

д) оид ба татбиқи чораҳои амниятии иловагӣ ё оид ба бекор кардани онҳо тибқи муқаррароти Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ бо ариза муроҷиат намоянд;

е) нисбат ба қарор ва амали мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ ба мақомоти болоӣ, прокурор ё суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят пешниҳод намоянд.

Дар баробари ин, ҳуқуқҳои шахсони ҳимояшаванда бо уҳдадориҳояшон дар таносуб мебошанд, аз ҷумла онҳо уҳдадоранд:

– шартҳои нисбати онҳо татбиқ намудани чораҳои амниятӣ ва талаботи қонунии мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатиро иҷро намоянд;

– ба мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ оид ба ҳар як ҳодисаи таҳдид ё амалҳои зиддиқонунӣ нисбати онҳо фавран маълумот пешниҳод намоянд;

– зимни кор фармудани воситаҳои махсуси шахсии мудофиа, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар, ки аз ҷониби мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ бо мақсади таъмини амнияти онҳо барои истифода дода шудааст, талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

– маълумотро оид ба татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбати онҳо бе иҷозати мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ фош накунанд.

## § 3. Мақомоте, ки ҳимояи давлатиро таъмин менамоянд

Мафҳуми «таъмини» ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ анҷом додани се амали мустақилро дар бар мегирад:

– қабули қарори дахлдор;

– амалигардонии чораҳои амниятӣ;

– амалигардонии чораҳои дастгирии иҷтимоӣ.

Мутобиқи м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 № 644 (бо тағйиру иловаҳои воридгардида аз 3 июли соли 2012 № 865) мақомоте, ки ҳуқуқи таъмини ҳимояи давлатиро доро мебошанд, ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

– мақомоте, ки дар бораи ҳимояи давлатӣ қарор мебароранд;

– мақомоте, ки чораҳои амниятиро амалӣ менамоянд;

– мақомоте, ки чораҳои дастгирии иҷтимоиро амалӣ менамоянд.

Тибқи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ ин мақомотро аз ҳам фарқ намудан зарур аст.

Амалӣ намудани ҳимояи давлатиро мақомот ва ё шахсони мансабдори зерин, ки ариза (хабар) дар хусуси ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурдашон қарор дорад, ҳал мекунанд:

– суд (судя);

– прокурор;

– сардори мақомоти таҳқиқ;

– роҳбари мақомоте, ки ФОҶ -ро амалӣ менамояд;

– муфаттиш.

Масъалаи амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ дар шакли қарори суд, прокурор, сардори шӯъбаи таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва муфаттиш, ё ин ки дар шакли таъиноти судя қабул карда мешавад.

Асос барои қабули қарор дар бораи татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбат ба шахс бо сабаби иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ (шахсони дар параграфи 2 (бандҳои 1-26) зикргардида) маълумот оид ба мавҷуд будани таҳдидҳои воқеии зерин ҳисоб меёбад:

– таҳдиди куштан;

– таҳдиди расонидани зарар ба саломатӣ (расонидани зарари вазнин ё зарари миёна ба саломатӣ);

– таҳдиди вайрон кардани молу мулк (аз он ҷумла, таҳдиди несту нобуд кардани молу мулк).

Мақомот ё шахсони мансабдоре, ки оид ба татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ дар доираи салоҳияти худ қарор (таъинот) қабул мекунанд, ҳуқуқ доранд:

а) аз ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз рӯйи ариза ва хабарҳо дар бораи таҳдид ба амнияти шахсоне, ки нисбаташон қарор оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қабул карда мешавад, маълумоти заруриро дархост намоянд ва онҳоро гиранд;

б) амалҳои мурофиавӣ ё додани супоришҳои заруриро ба мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва мақомоти амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ барои амалигардонии ҳимояи давлатии шахсони ҳимояшаванда анҷом диҳанд;

в) дар ҳолати зарурӣ аз мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва мақомоти амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқи чораҳои иловагии ҳимояи давлатиро талаб намоянд;

г) дар мувофиқа бо мақомоти амаликунандаи чораҳои нишондодашуда чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоиро пурра ё қисман бекор кунанд.

Иҷрои қарорҳои (таъинотҳои) мақомот ва ё шахсони мансабдори таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ, ки мутобиқи ваколаташон қабул шудаанд, аз ҷониби шахсони мансабдори корхона, муассиса ва ташкилотҳое, ки ба онҳо ирсол гардидаанд, ҳатмӣ мебошад.

Тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 1 марти соли 2012, № 101 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 112) муқаррар карда шудааст (муфассалтар - дар параграфҳои минбаъда).

Мутобиқи м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 № 644 амалӣ намудани чораҳои мушаххаси ҳимояи давлатӣ (чораҳои амниятӣ) ба зиммаи идораҳои гуногуни зерин, ки парвандаҳои ҷиноятӣ дар пешбурди онҳо қарор доранд ва ё пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба онҳо вобаста карда шудааст, вогузор карда шудааст:

1. мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;
5. мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати маводи нашъаовар.

Мутобиқи қ. 3 м. 3 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ амаликунии чораҳои алоҳидаи амниятӣ метавонад, инчунин ба уҳдаи дигар мақомоти давлатӣ ва ё шахсони мансабдор вогузор карда шавад. Аз ҷумла ба уҳдаи:

6. фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ ва сарфармондеҳони болоии қисмҳои ҳарбӣ;
7. изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ;
8. муассисаҳо ва мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ.қ. 5 ва 6 м. 3 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ).

Ҳамчунин тибқи банди 10 Барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016 (аз 2 ноябри соли 2012) дар чорабиниҳои вобаста ба таъмини ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вазоратҳо ва мақомоти зерин ҷалб карда мешаванд:

9. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бояд қайд кард, ки ба ғайр аз муассисаҳо ва мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки воҳидҳои сохтории Вазорати адлия ба шумор мераванд, дар чорабиниҳои вобаста ба таъмини ҳимояи давлатӣ ҳамчунин метавонанд муассисаҳои нотариалӣ, мақомоти САҲШ ва ғайра, ки ба ҳамин вазорат мансуб мебошанд, ҷалб карда шаванд);
10. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, ҳангоми дигар кардани ҷойи таҳсили шахси ҳимояшаванда, иваз намудани ҳуҷҷатҳо – диплом, аттестатсия ва ғайра);

11. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, ҳангоми тағйир додани симои зоҳирӣ бо роҳи гузаронидани ҷарроҳии пластикӣ);

12. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, ҳангоми дигар кардани ҷойи хизмати шахси ҳимояшаванда);

13. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (вазорати мазкур ба ғайр аз татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, ҳамчунин метавонад барои мусоидат намудан дар кӯчонидани шахси ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ, дигар кардани ҷойи кори чунин шахс ва ғайра ҷалб карда шавад);

14. мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Тибқи муҳтавои Қонун танҳо суд (судя) ва прокурор ҳуқуқ доранд, ки қарори дахлдорро қабул намуда, чунин ҳуҷҷатро барои иҷроиш ба ҳамаи мақомоти дар боло номбаршуда ирсол диҳанд. Қарори сардори мақомоти таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва муфаттиш бошад, аз ҷониби он мақомоте иҷро карда мешавад, ки ин шахсони мансабдор дар сохтори онҳо кор мекунанд. Масалан, роҳбари воҳиди оперативии ВКД ҳуқуқ надорад, ки қарори аз ҷониби ӯ қабулгардидаро дар бораи татбиқи ҳимояи давлатӣ барои иҷроиш ба мақомоти гумрук ё мақомоти назорати маводи нашъаовар фиристад.

Чораҳои амниятӣ нисбат ба шахсони ҳимояшаванда аз ҷониби он мақомоте амалӣ мегарданд, ки дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳимояшаванда қарор доранд. Зери мафҳуми "маҳалли ҷойгиршавӣ"-и шахс он ҷоеро мефаҳманд, ки одам дар он қарор дорад, яъне қароргоҳи шахс дар яке аз нуқтаҳои муайяни географӣ (воҳиди маъмурию ҳудудӣ), яъне ҷойи истиқомати доимӣ ё ҷойи будубоши доимӣ ва воқеии шахс.

Чораҳои амниятӣ нисбати шахсони ҳимояшавандае, ки хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд, аз ҷониби фармондеҳони қисмҳои ҳарбии дахлдор ва ё сарфармондеҳони болоии қисмҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешаванд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000 № 30 хизматчии ҳарбӣ шаҳрвандест, ки хизмати ҳарбиро адо карда истодааст (ба хизмати ҳарбӣ даъват ё дохил шудааст). Хизмати ҳарбӣ - навъи хизмати давлатӣ буда, иҷрои бевоситаи уҳдадориҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ дар бар мегирад. Тибқи Қонун хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз он ҷумла мақомоти идоракунии он), қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Полки посбоникунандаи Сарраёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбии мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» ташкилшаванда, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ пешбинӣ карда шудааст.

Чораҳои амниятӣ нисбати шахсони ҳимояшаванда, ки дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷониби ҳамин муассисаҳо амалӣ мегарданд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011 изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ барои нигоҳ дош-

тани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандае пешбинӣ шудаанд, ки нисбаташон чораи пешгирӣ дар намуди дар ҳабс нигоҳ доштан татбиқ шудааст. Тибқи Қонуни мазкур ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии мақомоти адлия ва изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотии мақомоти амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ, ки дар тобеияти мақомоти амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти ҳифзи сарҳади давлатӣ, мақомоти назорати маводи нашъаовар, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мебошанд, инчунин гауптвахтаҳо ҳамчун ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан баромад кунанд ҳам, вале ба мафҳуми "тавқифгоҳҳои (изоляторҳои) тафтишотӣ" дохил намешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки нисбати шахсоне, ки дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ ва гауптвахтаҳои мазкур нигоҳ дошта мешаванд, чораҳои амниятӣ татбиқ карда намешаванд.

Чораҳои амниятӣ нисбати шахсони ҳимояшаванда, ки дар маҳалли адои ҷазо қарор доранд, аз ҷониби муассисаҳо ва мақомоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» аз 15 июли соли 2004 № 51 ба ҳайси мақомот ва муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бевосита чораҳои амниятиро амалӣ менамоянд, инҳо дохил мешаванд:

– мақоми ҷумҳуриявии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
– муассисаҳои ислоҳӣ;
– изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ;
– марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо).

Мақоми ҷумҳуриявии низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Муассисаҳои ислоҳӣ – мақоми низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, ҷазои ҷиноятиро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ иҷро менамоянд.

Марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо) – муассисаҳои махсуси низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳдуд кардани озодӣ иҷро менамоянд.

Мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ҳуқуқ доранд:

а) чораҳои зарурии амниятии бо қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ пешбинишударо интихоб намоянд, тарзҳои татбиқи онҳоро муайян кунанд ва ҳангоми зарурат чораҳои амниятии татбиқшавандаро тағйир диҳанд ва илова намоянд;

б) аз шахсони ҳимояшаванда риояи шартҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ нисбати онҳо, иҷрои супоришҳои қонуниро вобаста ба татбиқи чораҳои мазкур талаб намоянд;

в) ба суд (судя), прокурор, сардори мақоми таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ё муфаттиш, ки ариза (хабар) дар хусуси ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди онҳо қарор дорад, бо дархост дар бораи татбиқ намудани чораҳои амниятӣ зимни анҷом додани амалҳои мурофиавӣ ё бекор кардани онҳо муроҷиат намоянд;

г) бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронанд.

Мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ уҳдадоранд:

а) ба ҳар як ҳолати ба онҳо маълумшуда, ки таъмини чораҳои амниятӣ ё чораҳои дастгирии иҷтимоиро талаб мекунад, фавран эътино намоянд;

б) ҳамаи чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоии зарурӣро амалӣ намоянд;

в) тибқи муқаррароти пешбининамудаи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ шахсони ҳимояшавандаро оид ба татбиқ намудан, тағйир додан, илова ё бекор кардани татбиқи чораҳои амниятӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоӣ нисбати онҳо, инчунин оид ба қабули қарорҳои вобаста ба таъмини ҳимояи давлатии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт хабардор намоянд;

г) ба шахси ҳимояшаванда зимни эълон намудани қарор (таъинот) дар бораи нисбати ӯ амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро фаҳмонанд.

Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиб ва андозаи пардохти ёрдампулии яквақта ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд» аз 30 июни соли 2012 №339 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори амаликунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони ҳимояшаванда муқаррар гардидааст.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чораҳои дастгирии иҷтимоиро амалӣ менамояд, ҳуқуқ дорад:

а) аз мақомоте, ки оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул мекунанд, ва аз шахсони ҳимояшаванда маълумоти иловагиро, ки барои амалӣ намудани чораҳои дастгирии иҷтимоӣ заруранд, дархост намояд;

б) ба мақомоте, ки оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул кардаанд, дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки имконияти татбиқи чораҳои мазкурро истисно мекунанд, бо дархост дар бораи қатъ намудани чораҳои дастгирии иҷтимоӣ муроҷиат намояд.

Шахси мансабдори мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ, ки ба қабул накардани қарор (таъинот) оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ ё ба таври лозимӣ амалӣ накардани он роҳ додааст, вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии оқибатҳои фаророрасида ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида мешавад (ҳангоми фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурати қасдан содир кардани кирдор он ҳамчун сӯиистифода аз ваколати мансабӣ (м. 314 КҶ) ва дар сурати содир кардани кирдор аз беэҳтиётӣ ҳамчун хунукназарӣ (м. 322 КҶ) бандубаст карда мешавад).

### § 4. Чораҳои амниятӣ. Асосҳо ва тартиби татбиқи чораҳои амниятӣ

Чораҳои амниятӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатии салоҳиятдор ва шахсони мансабдор муайян карда мешаванд, ки ба огоҳонидан ва пешгирӣ намудани таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва дигар шахсони ба адолати судӣ мусоидаткунанда, ва таъмини амнияти шахсӣ ва молумулкии онҳо бо мақсади таъмини имконияти аз ҷониби онҳо иҷро намудани уҳдадориҳои мурофиавии худ ва амалигардонии ҳуқуқҳояшон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ равона гардидаанд .

Нисбат ба шахси ҳимояшаванда (яъне, шахсе, ки нисбат ба ӯ аллакай қарор дар бораи амалигардонии ҳимояи давлатӣ қабул карда шудааст) метавонанд дар як вақт якчанд ё яке аз чораҳои амниятии зерин татбиқ карда шаванд (м.6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ):

1) муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулк;

2) додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар;

3) таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда;

4) кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ;

5) иваз намудани ҳуҷҷатҳо;

6) тағйир додани симои зоҳирӣ;

7) дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсил;

8) ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар;

9) татбиқ намудани чораҳои амниятии иловагӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад, аз ҷумла гузаронидани ӯ аз як маҳалли дар ҳабс нигоҳдорӣ ба дигар маҳал ё аз як маҳалли адои ҷазо ба дигар маҳал.

10) татбиқ намудани чораҳои дигари амниятии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Акнун ҳар яке аз чораҳои зикргардидаро ба таври муфассал баррасӣ менамоем.

*1. Муҳофизони шахсӣ, муҳофизати манзил ва молу мулк.*

Муҳофизони шахсӣ аз гурӯҳи кормандоне иборат аст, ки ба шахси муҳофизатшаванда вобаста гардида, бо навбат кор мекунанд. Ташкил, тактика, шаклу усулҳои кор оид ба таъмини муҳофизони шахсӣ дар доираи салоҳияти мақомоти амаликунандаи чунин чорабиниҳо бо риоя намудани махфияти маълумот дар бораи шахсони ҳимояшаванда муайян карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки пешниҳод намудани муҳофизони шахсӣ барои таъмини амнияти шахси муҳофизатшаванда танҳо дар он ҳолат қонунӣ ҳисобида мешавад, ки агар чунин чораи амниятӣ бо риоя намудани талаботи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ амалӣ гардонида шуда бошад. Яъне, татбиқи чунин чора бояд бо роҳи қонунӣ амалӣ гардонида шавад.

Дар сурати ғайриқонунӣ пешниҳод намудан ва нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ, чунин кирдор боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 327 КҶ мегардад, ки дар он ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ манъ шудааст. Ҳамин тариқ, амалӣ гардонидани чораи амниятӣ дар намуди таъмин намудани шахси муҳофизатшаванда бо муҳофизони шахсӣ ба м. 327 КҶ мухолифат намекунад.

Ҳангоми таъмин намудани шахси муҳофизатшаванда бо муҳофизони шахсӣ мумкин аст, ки муҳофизон бо воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон мусаллаҳ карда шаванд. Намудҳои воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон, ки ҳангоми татбиқи чораи амниятии мазкур истифода бурда мешаванд, вобаста аст аз он, ки чунин чораи амниятиро кадом мақомоти давлатӣ амалӣ менамояд ва дар ихтиёри ӯ кадом воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон мавҷуданд.

Манзили ишғолнамудаи шахси ҳимояшаванда ва молу мулки ӯ метавонанд бо воситаҳои техникии мушоҳидавӣ, инчунин бо воситаҳои огоҳонии (сигналдиҳии) зиддисӯхтор ва муҳофизавӣ, ҳамчунин бо воситаҳои дигари зарурии техникӣ таҷҳизонида шаванд.

Агар чораи амниятӣ дар намуди муҳофизати манзил ва молу мулк аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ гардонида шавад, он гоҳ қувва, восита ва имкониятҳои Раёсати Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

*2. Додани воситаҳои махсуси мудофиаи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар (минбаъд – воситаҳои махсус).*

Ба шахсони ҳимояшаванда додани воситаҳои махсус аз ҷониби мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ, ки дар м. 3 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ зикр гардидаанд, муайян ва татбиқ карда мешавад. Чораи мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи намудҳои воситаҳои махсуси ҳимояи шахсӣ, алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар, ки ба шахси ҳимояшаванда дода мешавад ва тартиби додани онҳо» аз 2 ноябри соли 2011 № 538 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013 № 112) таъмин карда мешавад.

Ба намудҳои воситаҳои махсуси ҳимояи шахсӣ, тибқи қарори мазкур, инҳо дохил мешаванд:

– ҷавшан (бронежилет);
– таҷҳизоти барқии беҳушкунанда (электрошок);
– пошдиҳаки газии таркибаш озордиҳанда;
– дигар воситаҳои махсус, ки дар ихтиёри мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ мавҷуданд.

Мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ҳуқуқ дорад, ки ба шахси ҳимояшаванда дигар воситаҳои махсус, ки дар ихтиёраш ҳаст, диҳад. Аз ҷумла, мутобиқи м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, № 41 ба воситаҳои махсус, ки ба шахси ҳимояшаванда мумкин аст дода шаванд, инчунин инҳо низ дохил мешаванд:

– дастаҳои резинӣ;
– гази ашковар;
– воситаҳои таъсирбахшу ҷалбкунандаи равшанӣ;
– воситаҳои махсуси рангкунанда;
– сагҳои хизматӣ;
– тирҳои резинӣ ва ғайра.

Дар ин васила зарур ҳисобида мешавад, ки масъалаи ба шахси ҳимояшаванда додани силоҳ низ баррасӣ карда шавад. Нисбат ба додани силоҳ ба шахси ҳимояшаванда бояд онро ба назар гирифт, ки сухан дар бораи кадом намуди силоҳ меравад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013, № 939 силоҳ аз рӯйи таъиноти худ барои истифодабарӣ аз тарафи субъектҳои дахлдор, инчунин аз рӯйи хусусият ва тавсифоти асосӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: силоҳи ҷангӣ; силоҳи хизматӣ; силоҳи ғайринизомӣ.

Бинобар сабаби он, ки тибқи м.м. 4 ва 5 Қонуни мазкур ба шахсони воқеӣ соҳиби силоҳи ҷангӣ ва силоҳи хизматӣ будан, ба истисноӣ силоҳи мукофотӣ, манъ аст, ба шахси ҳимояшаванда силоҳҳои номбаршуда дода намешаванд.

Лекин ба чунин категорияи шахсон додани силоҳи ғайринизомӣ ҷиҳати таъмин намудани амнияти онҳо аз имкон дур нест. Чунки тибқи м. 28 Қонун «Дар бораи силоҳ» шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд силоҳи дар асоси қонунӣ доштаашонро барои ҳимояи ҳаёт, саломатӣ ва моликияташон дар ҳолати мудофиаи зарурӣ ё зарурати ниҳоӣ истифода баранд.

Тибқи м. 6 Қонуни мазкур бошад, ба силоҳи ғайринизомӣ силоҳе мансуб аст, ки барои истифодаи шаҳрвандон бо мақсади худмуҳофизаткунӣ, машғулияти варзишӣ ва шикор таъин шудааст.

Силоҳи ғайринизомӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1) Силоҳи худмуҳофизатӣ

– силоҳи оташфишони суфтамили дарозмил;

– силоҳи дорои патрони ҷароҳатрасон;

– силоҳи оташфишони бемили зарбааш маҳдуд – таппонча, револвер бо патронҳои ҷароҳатрасон, газӣ ва нурафкану садодиҳанда;

– силоҳи газӣ – таппонча ва револверҳои газӣ бо патронҳояшон, пошдиҳандаи механикӣ, василаи дорои аэрозоли бо моддаҳои ашковар ё ғашовар муҷаҳҳаз, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи онҳо иҷозат додааст;

– василаи мадҳушкунандаи электрикӣ;

– василаи мадҳушкунандаи шароравӣ.

2) Силоҳи варзишӣ:

– силоҳи оташфишони милаш рахпеч;

– силоҳи оташфишони суфтамил;

– силоҳи сарди теғдор;

– силоҳи ҳаводиҳанда;

– силоҳи пневматикии воҳиди энергияи милаш зиёда аз се Ҷоул.

3) Силоҳи шикорӣ:

– силоҳи оташфишони милаш рахпеч;

– силоҳи оташфишони суфтамил, аз ҷумла силоҳи шакли милаш номудаввар бо дарозии қисмати рахпечаш на зиёда аз яксаду чил миллиметр;

– силоҳи оташфишони муштарак (суфтамил ва рахпеч), аз ҷумла бо милҳои рахпечи иловагии ивазшаванда;

– силоҳи пневматикии воҳиди энергияи милаш на зиёда аз бисту панҷ Ҷоул;

– силоҳи сарди теғдор.

4) Силоҳи ишоракунанда (яъне, силоҳи сигналӣ – ин чунин силоҳе мебошад, ки барои додани сигналҳои чароғӣ, дудӣ ё овозӣ таъин шудааст).

Ба намудҳои воситаҳои махсуси алоқа ва огоҳонӣ аз хавфу хатар дохил мешаванд:

– воситаи радиоии ҳамлу нақлшаванда;

– телефони ноқилӣ;

– телефони алоқаи мобилӣ ё пейҷер.

Воситаҳои махсус ба шахсони ҳимояшаванда дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид ба ҳаёт ва саломатии онҳо ва танҳо дар муддати ҷой доштани таҳдиди воқеӣ нисбати онҳо дода мешаванд.

Мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ба шахсони ҳимояшаванда воситаҳои махсусро бо тартиби барои мақомоти дахлдор муқарраргардида медиҳад. Ин чунин маънӣ дорад, ки агар мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ин ё он воситаҳои махсусро дар ихтиёри худ надошта бошад, барои додани онҳо ҳуқуқ надорад.

Воситаҳои махсус ба шахсони ҳимояшаванда дар асоси қарори суд (таъиноти судя), прокурор, сардори мақомоти тафтиш, муфаттиш ё роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки дар пешбурди онҳо ариза (хабар) оид ба ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд мебошад, тибқи талаботи м. 12 КМҶ дода мешавад. Инчунин, дар қарор муҳлати додани воситаҳои махсус нишон дода мешавад. Муҳлат мета-

вонад тамдид шавад, агар таҳдиди воқеӣ ба ҳаёт ва саломатӣ ва ё молу мулки шахси ҳимояшаванда бартараф нашуда бошад.

Воситаҳои махсус аз тарафи мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ бо забонхати шахсони ҳимояшаванда ба онҳо дода мешаванд. Шахсони ҳимояшаванда уҳдадоранд, ки истифодабарии бенуқсон ва мақсадноки онҳоро таъмин намоянд. Фурӯхтан, ба гарав мондан ё ба шахси дигар додани воситаҳои махсус дар сурати мавҷуд будани асосҳо боиси ба ҷавобгарии молӣ, маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашидан мегардад. Дар ҳолати гум кардан ва вайрон намудани воситаҳои махсуси додашуда шахси ҳимояшаванда уҳдадор аст, ки арзиши воситаҳои махсусро ҷуброн намояд, ба истиснои ҳолатҳои мудофиаи зарурӣ ва зарурати ниҳоӣ.

Мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ба шахсони ҳимояшаванда дар хусуси қоидаҳои нигоҳдошт ва гирифта гаштан, қоидаҳои истифодабарии воситаҳои махсус машғулиятҳо гузаронида, дастурамал медиҳад, ҳамчунин аз тарафи шахсони ҳимояшаванда риоя шудани қоидаҳои истифодабарии воситаҳои зикршударо назоратбарӣ менамояд.

Воситаҳои махсусе, ки ба шахсони ҳимояшаванда дода мешаванд, ҳангоми бекор гардидани чораҳои амниятӣ бозпас гардонида мешаванд, ва нигаҳдории минбаъдаи онҳо дар он мақомоте, ки онҳоро додааст, амалӣ карда мешавад. Шахсони мансабдори салоҳиятдор дар ин бора қарори ваҷҳнок қабул карда, ба шахсони ҳимояшаванда хабар медиҳанд.

Аз болои қарори қабулшуда шахсони ҳимояшаванда ҳуқуқ доранд ба мақомоти болоӣ, прокурор ва суд шикоят оранд. Шикоят аз лаҳзаи ворид шудан бояд фавран баррасӣ карда шавад.

*3. Таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда*

Ташкил ва тартиби амалӣ намудани чораи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳимояи маълумот оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 1 марти соли 2012, № 101 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 112) муқаррар гардидааст. Бо ҳамин ҳуҷҷат чорабиниҳо оид ба таъмини ҳимояи маълумот зимни татбиқи чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоӣ, ки нисбат ба шахсони ҳимояшаванда амалӣ мегарданд, муайян карда шудаанд.

Ба маълумоте, ки мутобиқи қарори номбурдаи Ҳукумат бояд ҳифз шаванд, инҳо дохил мешаванд:

а) маълумот дар бораи амалисозии ҳимояи давлатӣ. Ба ин гуна маълумот қарорҳо ва амалҳои мақомоти давлатии дахлдор оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ, ки хусусияти махфӣ доранд, мансуб мебошанд;

б) маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда. Ба ин гуна маълумот инҳо дохил мешаванд: маълумоти пурсишномавӣ, ҷойи истиқомат (кор, таҳсил), ҳайати оила, маълумот дар бораи хешовандони наздик, маълумоте, ки дар манбаъҳои давлатӣ ва ғайраи иттилоотӣ-маълумотдиҳӣ мавҷуд мебошанд, аз ҷумла, маълумот дар бораи доштани (надоштани) доғи судӣ, маводи бадномкунанда (иснодоваранда, доғдоркунанда), маълумот дар бораи воситаҳои нақлиёт ва рақамҳои қайди давлатии онҳо, маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи шахсият (шиносномаи умумишаҳрвандӣ ва хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои ронандагӣ, билети ҳарбӣ ва ғайра), иттилоот дар бораи нақши папиллярии ангуштони даст, маълумот дар бораи бастани аҳдҳои ҳуқуқи граждани, маълумоти дар мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф, дар муассисаҳои варзишӣ-солимгардонӣ, фарҳангӣ ва бонкӣ (суратҳисобҳо, кредитҳо, қарзҳо,

кортҳои пластикӣ ва ғайра), дар мақомоти андоз мавҷудбуда, инчунин маълумот дар бораи рақами телефонҳои статсионарӣ, намудҳои дигари алоқа ва дигар маълумот.

Чорабиниҳо оид ба таъмини ҳимояи маълумот, ки нисбат ба шахсони ҳимояшаванда амалӣ мегарданд, ба он асос ёфтаанд, ки чунин категорияи шахсон таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Масалан, дар қ.қ. 1 ва 2 м. 18 Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 омадааст, ки шахсоне, ки ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидат менамоянд, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Давлат ба шахсоне, ки розианд мутобиқи қарордод ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидат намоянд, иҷрои уҳдадориҳои худро тибқи қарордод кафолат медиҳад, аз он ҷумла, кафолати ҳимояи ҳуқуқии онҳоеро медиҳад, ки аз ҷониби ин шахсон бо иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ ё уҳдадориҳои дигари ба зиммаи онҳо гузошташуда алоқаманданд.

Аз ин сабаб, тибқи муқаррароти Қонуни мазкур (қ. 3 м. 18) ҳангоми ба миён омадани таҳдиди воқеии таҷовузи зиддиҳуқуқӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони алоҳида вобаста ба мусоидати онҳо ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ҳамчунин хешовандони наздики онҳо, ин мақомот уҳдадоранд барои рафъи ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ, муайян намудани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашидани онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Асос барои ҳимояи маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ин ҳалли масъала дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ мебошад, ки он аз ҷониби суд (судя), прокурор, сардори мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, таҳқиқбаранда ё роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки дар пешбурдашон ариза (хабар) дар бораи ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, қабул карда мешавад, ва он дар шакли қарори (таъиноти) асоснокшуда ба расмият дароварда шудааст. Аз лаҳзаи қабули қарорҳои мазкур ҳаракатҳои мақоми ваколатдор, ки бо татбиқи он алоқаманд мебошанд, бо дарназардошти хусусияти махфӣ доштани маълумот амалӣ мегарданд.

Мақомоте, ки чораҳои амниятиро дар асоси қарори (таъиноти) аз ҷониби мақомоти ваколатдор қабулгардида оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ татбиқ менамояд, қарор қабул мекунад, ки дар он чораҳои амниятӣ ва чораҳо оид ба маҳдудсозии дастрасӣ ба маълумот пешбинӣ карда мешаванд. То қабули қарор дар бораи амалӣ намудани чораҳо оид ба маҳдудсозии дастрасӣ ба маълумот, мақоми татбиққунандаи чораҳои амниятӣ ташкилотҳоеро, ки метавонанд дорои чунин маълумот бошанд, муайян месозад.

Пас аз ин мақомоте, ки чораҳои амниятиро амалӣ менамояд, ба ташкилотҳои дорои чунин маълумот қарорро дар бораи татбиқи чораҳои амниятӣ ё иқтибос аз онро мефиристад. Иҷрои қарори мазкур аз ҷониби мақомот ва ташкилотҳое, ки ба онҳо фиристода шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Барои таъмини ҳифзи маълумот мақомоте, ки чораҳои амниятиро амалӣ менамояд, додани маълумоти дар фондҳои давлатӣ ва иттилоотию ахборотӣ мавҷудбударо дар бораи шахси ҳимояшаванда метавонад ба таври доимӣ ё муваққатӣ манъ намояд, ҳамчунин метавонад рақамҳои телефони ӯ ва нишонаҳои бақайдгирии давлатии воситаҳои нақлиёти аз ҷониби ӯ истифодашаванда ё ба ӯ тааллуқдоштаро тағйир диҳад.

Бо чунин тарз ҳифз намудани маълумот нисбат ба шахсони ҳимояшаванда ба он асос ёфтааст, ки маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда сирри давлатиро ташкил медиҳад. Масалан, дар қ. 1 м. 12 Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-

ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011 омадааст, ки маълумот дар бораи шахсони ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва дар бораи шахсони ба онҳо ба таври махфӣ мусоидаткунанда сирри давлатӣ ҳисоб меёбанд ва ошкор намудани онҳо танҳо дар асоси қарори аз ҷониби роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ тасдиқшуда метавонад сурат гирад.

Ҳамчунин мутобиқи м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ», маълумот оид ба шахсоне, ки бо мақомоти анҷомдиҳандаи ФОҶ тариқи пинҳонӣ қаблан ҳамкорӣ кардаанд ва айни замон ҳамкорӣ мекунанд, ба сирри давлатӣ мансуб дониста шудаанд.

Тартиби баҳисобгирии захираҳои иттилоотие, ки дорои маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда мебошад, инчунин нигоҳдорӣ ва истифодаи онҳо дар мақомоте, ки чораҳои амниятӣ ва ё чораҳои дастгирии иҷтимоиро амалӣ менамоянд ва дар ташкилотҳои дахлдор бо санадҳои ҳамин мақомот ва ташкилотҳое, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, муайян мегардад. Маълумоти оморӣ дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ набояд маълумот дар бораи шахси ҳимояшавандаро дошта бошанд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, вобаста ба пешбурди парвандаи дигари ҷиноятӣ ё гражданӣ, маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда метавонад ба мақомоти тафтиши пешакӣ, прокурор ё суд дар асоси дархости хаттии прокурор ё суд (судя) бо иҷозати мақоме, ки дар бораи татбиқ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул кардааст, дар доираи талаботи пинҳонкорӣ ва имконияти истиснокунандаи ифшои сирри давлатӣ пешниҳод гардад.

Дар навбатии худ, иҷозати мақомот ҷиҳати пешниҳод намудани маълумот оид ба шахси ҳимояшаванда танҳо дар асоси розиги чунин шах дода мешавад. Масалан, дар қ. 2 м. 12 Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» омадааст, ки ошкор кардани маълумот дар бораи шахсони ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва ҳамчунин дар бораи шахсоне, ки ба онҳо ба таври махфӣ мусоидат мекунанд ё мусоидат кардаанд, фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истиснои ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят, мумкин аст.

Шахсони мансабдори мақомоте, ки нисбати шахси ҳимояшаванда чораҳои амниятиро амалӣ менамоянд, вазифадоранд шахсонеро, ки ба онҳо маълумот бовар карда шудааст ё дар робита бо фаъолияти хизматӣ ва вазифаҳои касбӣ барояшон маълум гардидааст, дар бораи фош накардани маълумот ва ҳамчунин дар бораи ҷавобгарии пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фош кардани онҳо огоҳ намоянд (огоҳнома оид ба фош накардани маълумот дар бораи шахси ҳифзшаванда ва чораҳои амниятие, ки нисбати ӯ татбиқ мегарданд).

Роҳбарони мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва ё чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, инчунин ташкилотҳо фош нагардидани маълумотро дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ ва дар бораи шахси ҳимояшаванда, инчунин дар бораи чораҳои амниятии нисбат ба ӯ татбиқшавандаро таъмин менамоянд. Мукотибот ҳангоми амалӣ намудани чораҳои амниятӣ ё дастгирии иҷтимоӣ тавассути роҳбарони ташкилотҳои дахлдор бурда мешавад. Ҳуҷҷатҳо бо нишони "шахсан", бо эзоҳ дар бораи роҳ надодан ба фош гардидани маълумот ва огоҳӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои фош кардани онҳо фиристода мешаванд.

Фош кардани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва татбиқи чораҳои амниятӣ нисбати ӯ мутобиқи м.311 КҶ боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мегардад.

*4. Кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ.*

Тибқи банди 14 Барномаи давлатии таъмини амнияти мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016 кӯчонидани шахсони ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ аз ҳисоби фонди захиравии манзили истиқоматии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати доимӣ ба шахси ҳимояшаванда аз ҳисоби фонди номбурда манзили истиқоматӣ пешниҳод гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷет хароҷоти алоқаманд бо кӯчонидан пардохт карда мешавад, кумаки моддӣ расонида мешавад, масъалаи бокортаъминкунӣ кафолат дода шуда, дар интихоби ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили ба пештара монанд мусоидат карда мешавад. Дар мавриди кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқоматии муваққатӣ, манзили истиқоматие, ки шахси ҳимояшаванда қаблан ишғол менамуд, молу мулки манқул ва ғайриманқули шахсии ӯ таҳти муҳофизат қарор дода шуда, онҳо бо ҳамаи кафолати иҷтимоию иқтисодии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд. Манзили шахси ҳимояшаванда ва молу мулки ӯ метавонанд бо воситаҳои техникии мушоҳидавӣ, инчунин бо воситаҳои сигналдиҳии зиддисӯхтор ва воситаҳои дигари зарурии техникӣ таҷҳизонида шаванд. Ҳамчунин кафолати бокортаъминкунӣ дар ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили пештара ва ё монанд ба онҳо дар тамоми давраи ҳозир набудани (ғойиб будани) ӯ бо сабаби зикргардида нигоҳ дошта мешавад.

Кӯчонидани шахси ҳимояшаванда ба маҳалли дигари истиқоматии муваққатӣ танҳо бо розигии хаттии ӯ дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки агар таъмини бехатарии вай бо роҳи татбиқи дигар чораҳои амниятӣ имконнопазир бошад.

Тибқи қ. 3 м. 6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораи амниятӣ дар намуди кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқомати муваққатӣ танҳо нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегардад. Ҷиноятҳои вазнин он кирдорҳои қасдан содиршавандае эътироф мешаванд, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест. Кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ пешбинигардида зиёда аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ва ё ҷазои қатл аст, ҷиноятҳои махсусан вазнин эътироф мешаванд (қ.қ. 4 ва 5 м. 18 КҶ).

*5. Иваз намудани ҳуҷҷатҳо.*

Чораи мазкур дар иваз намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, дигар ҳуҷҷатҳои шахси ҳимояшаванда бо тағйир додани ном, номи падар ва насаби ӯ ва дигар маълумот дар борааш ифода мегардад. Ин чора дар ҳолатҳои истисноӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Иваз намудани ҳуҷҷатҳои шахси ҳимояшаванда танҳо бо розигии хаттияш дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки агар таъмини бехатарии вай бо роҳи татбиқи дигар чораҳои амниятӣ имконнопазир бошад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои ташкили истеҳсоли ҳуҷҷатҳо ва варақаҳои баҳисобгириву ҳисоботи қатъӣ» аз 13 майи соли 2003, № 222 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2010 № 91 ва аз 13 марти соли 2012 № 121) номгӯйи ҳуҷҷатҳо, ки дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол ва истифода мешаванд, муайян карда шудааст, ки шумораи он 104-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла: шаҳодатномаи таваллуд, шиноснномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои берун рафтан аз ҳудуди Тоҷикистон, шиносномаи хизматии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои берун рафтан аз ҳудуди Тоҷикистон, шиносномаи дипломатии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои берун рафтан аз ҳудуди Тоҷикистон, тасдиқномаи (муваққатии) шаҳрвандӣ ва ҷойи истиқомати шаҳрванди Тоҷикистон, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ҷойи истиқомати муваққатии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба сукунати доимии шахсони бешаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатнома барои бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби намояндагии дипломатӣ ва идораҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо дар хориҷа ба расмият дароварда мешавад, гувоҳномаи шахсии афсар, билети ҳарбии афсари эҳтиётӣ, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатномаи бекор кардани никоҳ, шаҳодатномаи фарзандхонӣ, шаҳодатнома дар бораи маълумоти асосии ҳамагонӣ, шаҳодатнома дар бораи маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, дипломи маълумоти ибтидоии касбӣ, дипломи маълумоти миёнаи касбӣ, дипломи маълумоти олии касбӣ, дипломи бакалавр, дипломи магистр, дипломи номзади илм, дипломи доктори илм, дафтарчаи меҳнатӣ, шиносномаи нафақагир, шиносномаи маъюб, шаҳодатномаи ронандагӣ, полиси суғуртавӣ аз рӯйи тамоми намудҳои суғурта, ҳамаи намудҳои аксизҳо, саҳмҳо ва дигар коғазҳои қиматноке, ки аз ҷониби ҷамъиятҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гардиш бароварда мешаванд, шаҳодатномаи унвонҳои фахрӣ, гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ, гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд, шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки айни замон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» омода карда шудааст, ки дар он номгӯй ва мафҳумҳои чунин ҳуҷҷатҳо муқаррар карда шудаанд. Масалан, ба категорияи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият чунин ҳуҷҷатҳо дохил карда шудаанд: шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи хизматии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи хориҷии умумишаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаи хориҷӣ, шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд, шаҳодатномаи гуреза, шаҳодатнома дар бораи таваллуд, шаҳодатномаи бозгашт, гувоҳномаи истиқомат барои шаҳрванди хориҷӣ, гувоҳномаи истиқомат барои шахси бешаҳрванд, шаҳодатномаи ронандагӣ, билети ҳарбӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадорони меҳнат (шахсони ба онҳо баробар карда шуда), маъюбон, донишҷӯён ва дигар ҳуҷҷатҳо дар ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар раванди иваз намудани ҳуҷҷатҳои шахси ҳимояшаванда мумкин аст, ки мақомоти гуногуни давлатӣ ҷалб карда шаванд. Аз ҷумла:

– мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии Вазорати адлия (САҲШ) – ҳангоми иваз намудани шаҳодатномаи таваллуд, шаҳодатномаи ақди никоҳ ва ғайра;

– шуъбаи корҳои раводидӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ – ҳангоми иваз намудани шаҳодатномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз он ҷумла, шаҳодатномаҳои хориҷӣ), гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ, гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд ва ғайра;

– Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ - ҳангоми иваз намудани шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғайра;

– Вазорати мудофиа – ҳангоми иваз намудани гувоҳномаи шахсии афсар, билети ҳарбии афсари эҳтиётӣ ва ғайра;

– Вазорати маориф ва илм – ҳангоми иваз намудани дипломи маълумоти ибтидоии касбӣ, дипломи маълумоти миёнаи касбӣ, дипломи маълумоти олии касбӣ ва ғайра;

– Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ - ҳангоми иваз намудани шиносномаи нафақагир, шиносномаи маъюб ва ғайра;

– ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликияташон – ҳангоми иваз намудани дафтарчаи меҳнатӣ ва ғайра.

Иваз намудани ҳуҷҷатҳо мутобиқи талаботи пешбинишудаи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ бо риоя намудани тартиби муқарраршуда ба роҳ монда мешавад. Тартиби соҳиб шудан ба ин ё он ҳуҷҷатҳо аз ҷониби санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун ба танзим дароварда шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 08 августи соли 2015, № 1208; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, № 188; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002, № 50; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани шиносномаҳои хориҷии дорои маълумоти электронӣ ва шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 апрели соли 2009, № 203; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои таъмини шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шиносномаҳои хориҷии умумишаҳрвандӣ, ки муваққатан дар хориҷи кишвар истиқомат мекунанд» аз 6 июни соли 2005 № 207 ва ғайра.

Ҳангоми ба миён омадани зарурати иваз намудани ҳуҷҷатҳои шахси ҳимояшаванда мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ қарори дахлдор дар бораи татбиқ намудани чунин чора бароварда, онро бо нишон додани дараҷаи махфият («махсусан муҳим», «комилан махфӣ», «махфӣ») ба суроғаи мақомоти дахлдор ирсол менамояд.

Тибқи қ. 3 м. 6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораи амниятӣ дар намуди иваз намудани ҳуҷҷатҳо танҳо нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегардад (қ.қ. 4 ва 5 м. 18 КҶ).

*6. Тағйир додани симои зоҳирӣ.*

Он (ба монанди иваз намудани ҳуҷҷатҳо ва кӯчонидан ба маҳалли дигари истиқоматӣ) дар ҳолатҳои истисноӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Тағйир додани симои зоҳирии шахси ҳимояшаванда танҳо бо розигии хаттияш дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки агар таъмини бехатарии вай бо роҳи татбиқи дигар чораҳои амниятӣ имконнопазир бошад.

Ҳангоми татбиқ намудани чораи амниятӣ ҷиҳати тағйир додани симои зоҳирӣ, ки тавассути дахолати ҷарроҳӣ (хирургӣ) амалӣ карда мешавад, ҳатман талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар соҳаи саломатии аҳолӣ қабул карда шудаанд, бояд риоя карда шаванд, аз ҷумла муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» аз 15 майи соли 1997, № 419 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки тағйир додани симои зоҳирӣ на танҳо тавассути дахолати ҷарроҳӣ (хирургӣ) амалӣ карда мешавад. Имконияти тағйир додани симои зоҳирӣ, инчунин тавассути рангубор намудани мӯи сар, монондани ришу мӯйлаб ва ё баръакс бо роҳи тарошидани онҳо, гузоштани айнак, мӯйи сохта (парик), гримкунонӣ ва ғайра вуҷуд дорад.

Тибқи қ.3 м.6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораи амниятӣ дар намуди тағйир додани симои зоҳирӣ танҳо нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегардад (қ.қ. 4 ва 5 м. 18 КҶ).

*7. Дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсил.*

Ба шахси ҳимояшаванда бо мақсади таъмини амнияти ӯ мумкин аст барои ҷой кардани ӯ дар дигар ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимии ба ӯ муносиб мусоидат карда шавад. Ташкил ва тартиби амалӣ намудани чораи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби мусоидат намудан ба шахсони таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта дар иваз намудани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ» аз 2 майи соли 2013, № 213 муқаррар гардидааст.

Барои расидан ба ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намудааст, ки амалигардонии чорабиниҳои заруриро вобаста ба иваз намудани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ нисбат ба шахсони таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта таъмин намоянд.

Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии чорабиниҳои марбут ба амалӣ намудани ин чораи амниятӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва манбаъҳои дигари молиявии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

Бо ин мақсад қарори мазкури Ҳукумат ба вазорату идораҳои зикргардида дастур медиҳад, ки ҳангоми банақшагирии дурнамои хароҷоти миёнамуҳлат дар сметаи хароҷоти худ барои соли дахлдор ҷиҳати амалигардонии чораи амниятӣ дар намуди дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсил маблағҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

Гузаронидани шахси ҳимояшаванда ба ҷойи нави кор (ҷойи нави хизмат, аз он ҷумла ҷойи нави хизмати ҳарбӣ, масалан, ба қисми ҳарбии дигар ё ба ҷойи нави хизмати ҳарбӣ) ё таҳсил барои қатъ намудани таъмини амнияти минбаъдаи ин шахс асос шуда наметавонад.

Тибқи қ.3 м.6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораи амниятӣ дар намуди дигар кардани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсил танҳо нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегардад (қ.қ. 4 ва 5 м. 18 КҶ).

*8. Ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар.*

Ба сифати маҳалли бехатар истифода бурдани ҳуҷраҳои иҷоравӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ, муассисаҳои тиббӣ ва санаторию курортии вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳо иҷозат дода мешавад. Ба сафари хизматӣ ба дигар маҳал (вилоят, шаҳр) равон кардани шахси ҳимояшавандаро низ ҳамчун ҷойгиркунонии

муваққатӣ дар маҳалли бехатар арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҳангоми истифода бурдани муассисаҳои тиббӣ ва санаторию курортии ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳо аз ҷониби мақомоти татбиқкунандаи чораҳои амниятӣ ҳуҷҷатҳои зарурие, ки барои муассисаҳои мазкур пешбинӣ гардидаанд, ба расмият дароварда мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар шахс хизматчии ҳарбии дигар вазорату идораҳо бошаду, масалан ба мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат намояд, он гоҳ чораҳои амниятии нисбат ба ӯ татбиқшаванда бо роҳбарони дахлдор мувофиқа карда мешаванд.

*9. Татбиқ намудани чораҳои амниятии иловагӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад, аз ҷумла гузаронидани ӯ аз як маҳалли дар ҳабс нигоҳдорӣ ба дигар маҳал ё аз як маҳалли адои ҷазо ба дигар маҳал.* Агар шахси ҳимояшаванда дар ҳабс нигоҳ дошта шуда бошад ё дар маҳалли адои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ё ин ки нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ қарор дошта бошад, амнияти ӯ метавонад бо роҳи татбиқи чораҳои зерин таъмин карда шавад:

– таъмини махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда;

– иваз намудани ҳуҷҷатҳо;

– тағйир додани симои зоҳирӣ;

– ҷойгиркунонии муваққатӣ дар маҳалли бехатар;

– татбиқ намудани чораҳои амниятии иловагӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда, ки дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад ё дар маҳалли адои ҷазо қарор дорад;

– татбиқ намудани чораҳои дигари амниятии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Амнияти шахси мазкур на танҳо бо роҳи татбиқи чораҳои амниятии номбаршуда, балки бо роҳи татбиқи чораҳои дигари бо КИҶҶ (м.20) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28 июни соли 2011 (м.19) пешбинигардида таъмин карда мешавад.

Чунончӣ, бо мақсади таъмини амнияти чунин шахс чораҳои амниятии иловагии зерин низ татбиқ карда мешаванд:

– равон кардани шахси ҳимояшаванда ё шахсе, ки аз ӯ ҳангоми дастгир кардан ё ба ҳабс гирифтан таҳдиди зӯроварӣ бармеояд, ба ҷойҳои гуногуни дар ҳабс нигоҳ доштан;

– равон кардани шахси ҳимояшаванда ё шахсе, ки аз ӯ ҳангоми таъини ҷазои ҷиноятӣ (дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ) таҳдиди зӯроварӣ бармеояд, ба ҷойҳои гуногуни адои ҷазо;

– гузаронидани шахси ҳимояшаванда ё шахсе, ки аз ӯ таҳдиди зӯроварӣ бармеояд, аз як ҷойи дарҳабснигоҳдорӣ ба ҷойи дигари дарҳабснигоҳдорӣ;

– гузаронидани шахси ҳимояшаванда ё шахсе, ки аз ӯ таҳдиди зӯроварӣ бармеояд, аз як ҷойи адои ҷазои ҷиноятӣ ба дигар ҷойи адои ҷазои ҷиноятӣ;

– аз ҳамдигар ҷудо нигоҳ доштани шахси ҳимояшаванда ва шахсе, ки аз ӯ таҳдиди зӯроварӣ бармеояд;

– тағйир додани чораи пешгирӣ нисбат ба шахси ҳимояшаванда бо тартиби пешбининамудаи КМҶ;

– тағйир додани намуди ҷазо нисбат ба шахси ҳимояшаванда бо тартиби пешбининамудаи КМҶ.

*10. Татбиқ намудани чораҳои дигари амниятӣ.*

Дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои дар м. 16 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ пешбинишуда, нисбат ба шахси ҳимояшаванда метавонанд чораҳои дигари амниятии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гарданд. Ин маънои онро дорад, ки номгӯйи чораҳои амниятӣ пурра ва тағйирнопазир нест. Масалан, ба ғайр аз чораҳои таъмини ҳимоя ва амнияти дар боло зикргардида метавонанд чораҳои ҳимояи бо КМҶ пешбинигардида низ татбиқ карда шаванд. Чунончӣ, бо мақсади таъмини амнияти шиносанда нишон додани шахс барои шинохтан метавонад дар шароите доир гардад, ки шинохташаванда шиносандаро дида натавонад (қ. 9 м. 206 КМҶ). Ё ин ки бо ҳамин мақсад шахсияти иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ бо нишон додани тахаллус махфӣ нигоҳ дошта мешавад (ниг. қ. 8 м. 172 КМҶ – «Ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимоли он, ки таъмини амнияти ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо зарур аст, муфаттиш ҳуқуқ дорад дар протоколи амали тафтишӣ, ки дар он ҷабрдида, намояндаи ӯ ва шоҳид иштирок доранд, маълумотро дар бораи шахсияти онҳо зикр накунад. Дар ин сурат муфаттиш вазифадор аст қароре барорад, ки дар он сабаби дар хусуси махфӣ нигоҳ доштани маълумот оид ба шахсияти иштирокчии амали тафтишӣ қабул кардани қарорро зикр намуда, тахаллус ва намунаи имзоро, ки вай дар протоколи амали тафтишӣ бо иштироки ӯ аз он истифода мебарад, сабт кунад. Қарор дар лифофаи мӯҳршуда нигоҳ дошта мешавад, ки бо мазмуни он ба ғайр аз муфаттиш прокурори назораткунанда, ҳайати суд ё судя шинос шуда метавонанд»).

Асосҳо ва тартиби татбиқи чораҳои амниятӣ бо Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ, дигар қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

Ҳангоми татбиқ намудани чораҳои амниятии дар боло номбаршуда (1-10) аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он «парвандаи шахси ҳимояшаванда» оғоз карда мешавад. Тартиби оғоз ва пешбурди парвандаҳои шахсони ҳимояшаванда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷате, ки ин равандро ба танзим медарорад бо фармони ВКД аз 25 апрели соли 2013 ба расмият дароварда шудааст.

Бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва нигоҳдошти парвандаҳои шахсони ҳимояшаванда дар он мақомоте, ки ҷораи амниятии мушаххасро татбиқ менамоянд, амалӣ гардонида мешавад. Муҳлати нигоҳдошти чунин парвандаҳо тибқи талаботе, ки барои ҳуҷҷатҳои дорои дараҷаи махфидошта пешбинӣ гардидаанд, мувофиқат мекунад. Дар парвандаи шахси ҳимояшаванда тамоми ҳуҷҷатҳое, ки вобаста ба татбиқи чораи амниятӣ қабул гардидаанд, ҷамъоварӣ карда мешаванд. Масалан, аризаи шахси ҳимояшаванда, қарор дар бораи амалӣ (татбиқ) намудани ҳимояи давлатӣ, қарор дар бораи интихоб кардани чораи амниятӣ, қарор дар бораи татбиқ намудани чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, қарор дар бораи ҳимояи маълумот оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ ва (ё) ҳимояи маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда, хабарнома дар бораи татбиқ (иваз, татбиқи иловагӣ) намудани чораи амниятӣ нисбати шахси ҳимояшаванда, огоҳнома оид ба фош накардани маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда ва чораҳои амниятие, ки нисбати ӯ қабул (татбиқ) мегарданд, шартнома байни мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ ва шахси ҳимояшаванда, қарор дар бораи бекор кардани ҳимояи давлатӣ, номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки дар парванда ҷамъоварӣ шудаанд, гузоришҳои кормандони оперативӣ вобаста ба ҷараёни амалигардонии ҳимояи давлатӣ ва ғайра.

Асосҳои қабул намудани қарор дар бораи амалӣ намудани дилхоҳ (ҳама гуна) чораҳои амниятие, ки дар боло зикр гардидаанд, инҳо мебошанд:

– аризаи иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ дар бораи мавҷуд будани таҳдиди воқеии таҷовуз ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ;

– қарори (таъиноти) суд (судя), прокурор, сардори мақомоти таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ё муфаттиш дар бораи андешидани чораҳои амниятии дахлдор;

– аз ҷониби мақомоти таъминкунандаи амнияти шахси ҳимояшаванда гирифтани иттилооти оперативӣ ё дигар иттилоот дар бораи мавҷуд будани таҳдиди воқеии таҷовуз ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулк нисбат ба шахсони дар қ.қ. 1, 2 ва 3 м. 2 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ зикргардида.

Дар сурати мавҷуд будани асосҳои зикргардида аз ҷониби мақомоте, ки дорои ҳуқуқи таъмини ҳимояи давлатӣ мебошад (яъне, аз ҷониби суд (судя), прокурор, сардори мақомоти таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ё муфаттиш) қарори (таъиноти) асоснок бароварда мешавад, ки он дар рӯзи қабул гардиданаш ба мақомоти татбиққунандаи чораҳои амниятӣ барои иҷро, инчунин ба шахсе, ки нисбати ӯ қарори (таъиноти) мазкур бароварда шудааст, барои маълумот фиристода мешавад (м. 18 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ).

Қарори мазкур дар сурати мавҷуд будани шартҳои зерин бароварда мешавад:

– пас аз санҷиши ариза (хабар) дар бораи ҷиноят дар мӯҳлати 3 шабонарӯз ва тасдиқ гардидани он (дар ҳолати тасдиқ нагардидани маълумоти дар ариза овардашуда мақомоте, ки дорои ҳуқуқи таъмини ҳимояи давлатӣ мебошад, дар бораи рад кардан аз татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор мебарорад);

– дар ҳолатҳои таъхирнопазир – фавран.

Ҳангоми бо тартиби муқарраршуда ворид гардидани қарори (таъиноти) асосноки мақомоте, ки масъалаи амалӣ намудани ҳимояи давлатиро ҳаллу фасл намудааст, мақомоти амаликунандаи чораҳои амниятӣ (яъне, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти давлатӣ, мақомоти гумрук, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти назорати маводи нашъаовар, дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор) қарори дахлдор дар бораи интихоб кардани чораҳои мушаххаси амниятӣ қабул менамояд. Чунин шакли қарор ҳангоми интихоби ҳама гуна чораҳои амниятии дар м. 6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ пешбинигардида истифода бурда мешавад.

Нисбат ба қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ ё рад намудани татбиқи онҳо шахси ҳимояшаванда ва дигар шахсон метавонанд ба мақоми болоӣ, прокурор ё суд шикоят кунанд. Шикоят аз лаҳзаи пешниҳод шуданаш дар давоми 24 соат бояд баррасӣ гардад.

Барои қабули қарор дар бораи татбиқи чораҳои амниятӣ аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда ё розигии ӯ дар шакли хаттӣ, нисбат ба ноболиғ бошад – аризаи (розигии) хаттии падару модари ӯ ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин намояндагони ваколатдори мақомоти васоят ва парасторӣ (дар сурати набудани падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ё бо розигии онҳо, ки дар шакли хаттӣ ифода ёфтааст, зарур мебошад. Агар татбиқи чораҳои амниятӣ ба манфиати аъзоёни болиғи оилаи шахси ҳимояшаванда ва дигар шахсоне, ки бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекунанд, дахл кунад, гирифтани розигии онҳо барои татбиқи чораҳои амниятӣ дар шакли хаттӣ зарур аст.

Мақоме, ки чораҳои амниятиро амалӣ месозад, бо шахси ҳимояшаванда оид ба шартҳо ва ҳолатҳои татбиқи чораҳои амниятӣ, оид ба уҳдадориҳо ва масъу-

лияти тарафайн мутобиқи Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ ва қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ шартнома мебандад.

Интихоби чораҳои зарурии амниятиро, ки Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ пешбинӣ намудааст, ва тарзҳои татбиқи онҳоро мақомоте, ки чораҳои амниятиро амалӣ менамояд, муайян мекунад.

Пас аз интихоби чораи амниятӣ корманди оперативӣ дар сурати зарурат қарор дар бораи ҳимояи маълумот дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ ва дар бораи шахси ҳимояшаванда мебарорад.

Дар доираи таъмини амнияти шахси ҳимояшаванда ва чораи амниятии интихобгардида кормандони оперативӣ маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро мегузаронанд.

Мақоми амаликунандаи чораҳои амниятӣ (бо риояи махфияти маълумот дар бораи шахси ҳимояшаванда) ба суд (судя), прокурор, сардори мақомоти таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ё муфаттиш, ки дар пешбурди худ ариза (хабар) дар хусуси ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ доранд, оид ба чораҳои амниятии интихобшуда, тағйиру иловаи онҳо ва натиҷаи татбиқи чораҳои мазкур бо роҳи фиристодани хабарномаи дахлдор маълумот медиҳад.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки чунин шакл огоҳинома ҳангоми интихоби ҳама гуна чораҳои амниятии дар м. 6 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ пешбинигардида истифода бурда мешавад.

Татбиқи чораҳои амниятӣ то қабул гардидани қарор дар бораи бекор кардани онҳо аз ҷониби мақоме, ки чораҳои амниятиро амалӣ менамояд, амал мекунад (қ. 2 м. 3 Қонун). Аз тарафи суд баррасӣ ва ҳаллу фасл гардидани парванда, ки бо баровардани ҳукм (-и айбдоркунанда ё сафедкунанда) хотима меёбад, барои худ аз худ бекор гардидани чораҳои амниятӣ асос шуда наметавонад. Аз ҳамин лиҳоз суд (судя) ҳангоми баровардани ҳукм вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани чораҳои амниятӣ ё дар бораи татбиқи минбаъдаи чораҳои мазкур таъинот (қарор) мебарорад.

Дар ҳолати бартараф гардидани таҳдид ба амнияти шахси ҳимояшаванда мақоми татбиқкунандаи чораҳои амниятӣ ба мақоме, ки дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул намудааст, оид ба бекор кардани чораҳои амниятӣ дархост пешниҳод менамояд.

## § 5. Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ

Низоми чораҳои дастгирии иҷтимоӣ маҷмӯи чораҳоеро дар бар мегирад, ки барои рафъи оқибатҳои таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ нисбат ба шахсони ҳимояшаванда равона гардидаанд. Онҳо хусусияти пешгирикунанда (превентивӣ) надошта, балки барои сабук (ислоҳ, талофӣ) кардани оқибатҳои зарари расонидашуда бо сабаби иштирок дар мурофиаи ҷиноятӣ равона гардидаанд.

Низоми баррасишавандаро чораҳои зерин ташкил медиҳанд:

1) пардохти ёрдампулии яквақта ҳангоми ҳалок шудани (вафоти) шахси ҳимояшаванда;

2) пардохти ёрдампулии яквақта ҳангоми ба шахси ҳимояшаванда расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ, ки боиси маъюбӣ гардидааст;

3) пардохти ёрдампулии яквақта ҳангоми ба шахси ҳимояшаванда расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ, ки боиси маъюбӣ нагардидааст;

4) ҷуброни зарари молумулкӣ, ки ба шахси ҳимояшаванда бо сабаби иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ расонида шудааст.

Мутобиқи қ. 7 м. 3 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ чораҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиб ва андозаи пардохти ёрдампулии яквақта ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд» аз 30 июни соли 2012 № 339 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори татбиқкунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони ҳимояшаванда (минбаъд - Вазорати меҳнат) муқаррар карда шудааст. Бо мақсади амалӣ намудани ин вазифа вазорати мазкур ҳамасола дар сметаҳои хароҷоти худ барои чораҳои дастгирии иҷтимоии шахсони ҳимояшаванда маблағҳои заруриро пешбинӣ менамояд.

Тартиби татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ нисбат ба шахсони ҳимояшаванда бо Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ (м. 19), дигар қонунҳо ва сандаҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, аз он ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиб ва андозаи пардохти ёрдампулии яквақта ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд» аз 30 июни соли 2012 № 339 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №112).

Қарори мазкур тартиб ва андозаи пардохти ёрдампулии яквақтаро ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ҳангоми ба онҳо расонидани зарари ҷисмонӣ, гирифтани маъюбӣ ва ё дар сурати ба ҳалокат расидани (вафоти) шахси ҳимояшаванда вобаста ба иштироки ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳамчунин ба аъзои оилаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд, татбиқ карда мешаванд, муайян менамояд.

Асос барои пардохти ёрдампулии яквақта ба шахси ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд) қарор (таъинот) дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ мебошад. Чунин қарор аз ҷониби мақомоте, ки қаблан масъалаи муқаррар намудани ҳимояи давлатии шахси ҳимояшавандаро ҳаллу фасл намудааст, қабул карда мешавад. Яъне, ин қарори суд (таъинот судя), прокурор, сардори мақомоти таҳқиқ ё тафтишот, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ мебошад, ки дар пешбурди онҳо ариза (хабар) дар бораи ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад.

Мақоме, ки оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамояд, пас аз гирифтани ариза (хабар) дар хусуси ҳалокат ё вафоти шахси ҳимояшаванда ва муайян намудани он, ки ҳалокат (вафот) бо сабаби иштироки ӯ дар рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ ба миён омадааст, уҳдадор аст дар муҳлати 3 (се) шабонарӯз дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ нисбати аъзои оилаи шахси ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд, ё ин ки дар бораи рад кардани татбиқи он қарор қабул намояд. Дар бораи ҳалли масъалаи зикршуда қарори (таъиноти) асоснок қабул гардида, он фавран ба мақоми татбиқкунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ (Вазорати меҳнат) равон карда мешавад.

Нисбати қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ё рад намудани татбиқи онҳо шахси ҳимояшаванда ё намояндаи қонунии ӯ метавонад

ба мақоми болоӣ, прокурор ё суд шикоят намояд. Шикоят аз рӯзи пешниҳод шудан дар муҳлати даҳ шабонарӯз бояд баррасӣ гардад.

Ҳангоми баровардани қарор (таъинот) дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҷониби мақоме, ки оид ба муқаррар намудани ҳимояи давлатӣ нисбати шахси ҳимояшаванда қарор қабул мекунад, хоҳиши шахси ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд) ҷиҳати интихоби ёрдампулиҳои яквақтаи андозаи муқарраргардида, ҳангоми мавҷудияти ҳуқуқ ба ёрдампулиҳои яквақтаи гуногун, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешаванд, ба инобат гирифта мешавад.

Дар қарор (таъинот) дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ асосҳои пардохти ёрдампулии яквақта ба андозаи муқарраршуда, маълумоти ҳуҷҷате, ки шахсияти гирандаро тасдиқ мекунад, ҳамчунин маълумоти (реквизитҳои) ҳисобе, ки аз ҷониби шахси ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсони дар таъминоти ӯ қарордошта) дар ташкилотҳои қарздиҳӣ кушода шудаанд ё номгӯ ва суроғаи бонки маҳалли зист ва ё нуқтаи таъиннамудаи ӯ (ё аз рӯйи интихоби шахсони мазкур) қайд карда мешаванд.

Қарор (таъинот) дар бораи татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ ба Вазорати меҳнат барои иҷро ва ҳамчунин ба шахсоне, ки нисбати онҳо қарори (таъиноти) мазкур баровarда шудааст, фиристода мешавад.

Вазорати меҳнат, ки чораҳои дастгирии иҷтимоиро амалӣ менамояд, пас аз гирифтани қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ уҳдадор аст онро дар муҳлати даҳ шабонарӯз иҷро намояд.

Ҳангоми ҳалокати (вафоти) шахси ҳимояшаванда, ки вобаста ба иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқӯъ омадааст, ба аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд, ёрдампулии яквақта дар ҳаҷми 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад.

Ҳангоми ба шахси ҳимояшаванда вобаста ба иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ расондани зарари ҷисмонӣ (маъюбӣ) ё расондани дигар намуди зарар ба саломатии ӯ (ҷароҳат, осеб, контузия), ки боиси маъюбият гардидааст ва аз ҷониби мақомоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ гурӯҳи маъюбӣ муайян карда шудааст, чунин ёрдампулии яквақта пардохт карда мешавад:

– ба маъюбони гурӯҳи I - дар ҳаҷми 240 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

– ба маъюбони гурӯҳи II - дар ҳаҷми 140 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

– ба маъюбони гурӯҳи III - дар ҳаҷми 90 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Ба шахси ҳимояшаванда ёрдампулии яквақта ҳангоми вобаста ба иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ вобаста аз дараҷаи вазниниаш расондани зарари ҷисмонӣ ё дигар намуди зарар ба саломатии ӯ тибқи хулосаи экспертизаи судию тиббӣ, ки боиси маъюбӣ нагардидааст, пардохт карда мешавад:

– дараҷаи вазнин - дар ҳаҷми 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

– дараҷаи миёна - дар ҳаҷми 75 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

– дараҷаи сабук - дар ҳаҷми 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Ёрдампулии яквақтае, ки пардохт карда шудааст, минбаъд аз ҳисоби шахсони гунаҳгор аз лаҳзаи пардохт рӯёнида мешавад.

Ёрдампулии яквақта ба шахси ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд), мувофиқи тартиби муқарраргардида аз рӯйи маълумоти (реквизитҳои)

ҳисоби дар қарор (таъинот) зикргардида, ки аз ҷониби қабулкунандаи ёрдампулии яквақта дар ташкилоти қарздиҳӣ кушода шудааст ва ё ҳисоби бонкии маҳалли истиқомат ва ё ҷойи муқаррарнамудаи ӯ қайд гардидаанд, гузаронида мешавад.

Дар ҳолате, ки агар ба шахси ҳимояшаванда вобаста ба иштироки ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ зарари ҷисмонӣ ё дигар намуди зарар ба саломатӣ расонда шавад, ки он боиси маъюбият ё марг гардад, ҳуқуқи гирифтани ёрдампулии яквақтаи дахлдор аз лаҳзаи муқаррар намудани маъюбият ё далели марг ба вуҷуд меояд.

Ёрдампулии яквақтае, ки аз ҷониби шахси ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд) гирифта нашудааст, бо даъвои онҳо бе маҳдудияти муҳлат пардохт карда мешавад.

Пардохти ёрдампулии яквақта ба шахсони ҳимояшаванда (аъзои оилаи шахси ҳимояшавандаи ҳалокшуда (вафоткарда) ва шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доранд) аз ҷониби Вазорати меҳнат бо риояи махфӣ нигоҳ доштани маълумоти дастрасшуда амалӣ мегардад.

Маълумот дар бораи пардохти ёрдампулиҳои яквақта аз ҷониби Вазорати меҳнат бо дархости мақомоте, ки оид ба амалӣ гардонидани чораҳои ҳимояи давлатӣ қарор қабул мекунад ё мақоме, ки чораҳои амниятиро амалӣ мегардонад, пешниҳод мегарданд.

Амалҳои Вазорати меҳнат вобаста ба масъалаҳои пардохти ёрдампулии яквақта метавонад мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди шикоят қарор дода шавад.

Зараре, ки ба молу мулки шахси ҳимояшаванда расонида шудааст, ҳамчунин бояд таҳти ҷуброн қарор дода шуда, ин маблағ минбаъд аз ҳисоби шахсе, ки барои расонидани зарар ба молу мулки шахси ҳимояшаванда гунаҳгор аст, ситонида мешавад.

### § 6. Бекор кардани чораҳои амниятӣ

Чораҳои амниятӣ дар ҳолатҳои зерин бекор карда мешаванд:

– агар асосҳои татбиқ намудани он, ки дар дар қ. 1 м. 16 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ нишон дода шудаанд, бартараф гардида бошанд (яъне, аз аз ҷониби мақомоте, ки оид ба амалӣ намудани ҳимояи давлатӣ қарор қабул кардааст, муқаррар карда шавад, ки таҳдиди куштори шахси ҳимояшаванда, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ ва хешовандони наздикаш, ва ё несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкаш бартараф карда шудааст) (қ. 1 м. 20 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ);

– ғайриимкон гаштани татбиқи минбаъдаи чораҳои амниятӣ дар натиҷаи аз ҷониби шахси ҳимояшаванда вайрон кардани шартҳои шартнома, ки тибқи қ. 6 м. 18 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ байни мақомоти татбиққунандаи чораҳои амниятӣ ва шахси ҳимояшаванда баста шудааст (қ. 1 м. 20 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ);

– аризаи хаттии шахси ҳимояшаванда, ки ба мақомоте, ки масъалаи татбиқи ҳимояи давлатиро ҳаллу фасл намудааст, фиристода шудааст (қ. 2 м. 20 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ).

Бекор кардани чораҳои амниятӣ роҳ дода мешавад танҳо дар асоси:

– қарори (таъиноти) мақомоте, ки қаблан қарор дар бораи амалӣ намудани ҳимояи давлатиро қабул намудааст;

– қарори (таъиноти) мақомоте, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди он қарор дорад.

Бекор кардани чораҳои амниятӣ аз ҷониби мақомоти дар боло нишондодашуда мумкин аст амалӣ карда шавад, инчунин дар асоси дархости мақомоти татбиқкунандаи чораҳои амниятӣ (масалан, бо дархости воҳиди оперативии мақомоти корҳои дохилӣ, агар қарор дар бораи татбиқи ҳимояи давлатӣ аз ҷониби дигар мақомот қабул гардида бошад).

Нисбат ба чунин қарор мумкин аст ба мақомоти болоӣ, прокурор ё суд шикоят пешниҳод гардад. Шикоят аз лаҳзаи пешниҳод шуданаш дар давоми 24 соат бояд баррасӣ гардад.

Қарор (таъинот) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ амал мекунад то қабули қарор дар бораи бекор кардани онҳо аз ҷониби мақомоти дар қ. 2 м. 3 Қонун дар бораи ҳимояи давлатӣ нишондодашуда. Дар қарор (таъинот) оид ба бекор кардани чораҳои амниятӣ бояд масъалаҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахси ҳимояшаванда ба танзим даровarda шаванд.

Суд (судя) ҳангоми баровардани ҳукм аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ таъинот (қарор) дар бораи бекор кардани чораҳои амниятӣ ё татбиқи минбаъдаи чораҳои мазкур мебарорад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.
2. Мафҳум ва аҳамияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.
3. Иштирокчиёне, ки таҳти ҳимояи давлатӣ қарор дода мешаванд.
4. Иштирокчиёне, ки таҳти ҳимояи давлатӣ қарор дода намешаванд.
5. Мақомоти давлатие, ки ҳимояи давлатиро таъмин ва амалӣ менамоянд.
6. Чораҳои амниятӣ : асосҳо ва тартиби татбиқи чораҳои амниятӣ.
7. Бекор намудани чораҳои амниятӣ.
8. Мафҳум ва намудҳои чораҳои иҷтимоӣ.
9. Бекор намудани чораҳои иҷтимоӣ.
10. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
5. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
6. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**7.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.
**8.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.
**9.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.
**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.
**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.
**12.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.
**13.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.
**14.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.
**15.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.
**16.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.
**17.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.
**2.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.
**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
**6.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.
**7.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.
**8.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: "Глобус", 2006.
**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**11.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**12.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**14.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**15.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**16.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**17.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**18.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**19.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**20.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**21.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**22.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**23.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**24.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**25.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# ФАСЛИ II.
# ПЕШБУРДИ ТОСУДӢ

## БОБИ 14.
## ДАВРАИ ОҒОЗ КАРДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

### § 1. Мафҳум ва аҳамияти оғози парвандаи ҷиноятӣ

Пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ аз марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ маншаъ мегирад. Дар назарияи илми мурофиаи ҷиноятӣ ҳар як марҳила бо чор нишонаи асосӣ фарқ карда мешавад[1]:

**а)** бо вазифаҳои бевосита;
**б)** бо шакли махсуси мурофиавӣ (фаъолият);
**в)** бо доираи муайяни иштирокчиён;
**г)** бо хулосаи ҷамъбастӣ (санади мурофиавии хотимавӣ).

Оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давраи мустақил ва нахустини мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Вазифаи бевоситаи он муайян намудани аломатҳои ҷиноят дар кирдори содиршуда ё ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунанд, иборат мебошад.

Марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ бо қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ба анҷом мерасад. Қарор дар бораи аз рӯи тобеият равон кардани ариза ё иттилоот ба охиррасии марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ намебошад.

Оид ба мафҳуми оғози парвандаи ҷиноятӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ягонафикрӣ вуҷуд надорад.

Ба ақидаи Л.Н. Масленникова зери мафҳуми оғози парвандаи ҷиноятӣ институти мурофиавӣ-ҷиноятие фаҳмида мешавад, ки аз маҷмӯи меъёрҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ иборат буда, муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки ҳангоми қабул, бақайдгирӣ, баррасӣ ва ҳалли маълумот дар бораи ҷиноят бавуҷуд меоянд, батанзим медарорад[2].

Оғози парвандаи ҷиноятӣ марҳилаи нахустин ва ҳатмии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар он мақомоти ваколатдоршудаи давлатӣ ё шахсони мансабдор, ҳангоми гирифтани маълумот оид ба ҷинояти содиршуда ё содиршаванда мавҷуд будан ва набудани асосҳои оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро муайян намуда,

---

[1] Ниг.: Алексеев Н.С., Даев В.Г., Кокорев Л.Д. Очерк развития науки советского уголовного процесса. – Воронеж, 1980. – С. 168

[2] Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: НОРМА ИНФРА-М, 2011. – С. 450.

дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунанд.

Марҳилаи мазкур аз лаҳзаи ворид гардидани ариза, шикоят, хабар ба мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдоршуда оғоз гардида, бо қабули қарор оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ё рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ба анҷом мерасад.

Марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ то се шабонарӯз давом мекунад, дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, ин муҳлатро то даҳ шабонарӯз тамдид намудан мумкин аст.

Дар нахустмарҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо ҳолатҳое, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ оварда мерасонанд, инчунин барои рад кардани оғози парванда сабаб мегарданд, муайян карда мешаванд. Дар ин марҳила барои огоҳӣ ва пешгирии ҷиноят, сабти пайҳои ҷиноят низ чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятиро чунин нишонаҳо тавсиф медиҳанд:

**1.** Вазифаҳои бевосита, ки аз ин марҳила аз қабул, бақайдгирӣ ва баррасии маълумот дар бораи ҷиноят, сабти пайҳои он ва қабули чораҳое, ки ба бартарафкунӣ ва пешгирии ҷиноятҳо равона карда шудаанд, иборат мебошад;

**2.** Ин марҳила дорои муҳлатҳои муайян мебошад. Аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят дар давоми се шабонарӯз бояд қарори дахлдор қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, ин муҳлат то даҳ шабонарӯз дароз карда шуданаш мумкин аст;

**3.** Мазмуни ин марҳиларо фаъолият оид ба баррасии маълумот дар бораи ҷиноят ва қабули қарори дахлдор ташкил медиҳад;

**4.** Мақсади марҳилаи мазкур муайян намудани талаботҳои мурофиавие, ки барои қонунӣ ва асоснок оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ заруранд, яъне аз муайян намудани сабабҳои қонунӣ ва асоси кофӣ барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ё муайян намудани асосҳои мурофиавӣ барои рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ иборат мебошад;

**5.** Субъекти муносибатҳои ҳуқуқии ин давра шахсе, ки расман дар бораи ҷиноят ариза додааст – аризадиҳанда, прокурор, сардори воҳиди тафтишот, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда мебошанд, ки уҳдадоранд маълумот дар бораи ҷиноят ё ҷинояти хотиманаёфтаро қабул ва санҷанд.

**6.** Ҳолати ҳуқуқии дар ин давра бавуҷудоии муносибатҳои ҳуқуқиро мавҷуд будани сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятии дар қонун пешбинишуда ташкил медиҳанд. Ҳолати ҳуқуқии баанҷомрасии муносибатҳои ҳуқуқии ин давра, дар қабули қарори дахлдор ифода мегардад. Давраи мазкур бо қабули яке аз қарорҳои зерин ба анҷом мерасад:

– дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– дар бораи аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот.

**7.** Маҳдудияти гузаронидани амалҳои тафтишӣ дар давраи мазкур вуҷуд дорад. То оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани ягон амалҳои тафтишӣ, ба истисноӣ азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва азназаргузаронии ҷасад мумкин нест. Чунин маҳдудият бо он асоснок мегардад, ки гузаронидани амалҳои тафтишӣ боиси

татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандонро то андозае маҳдуд ва халалдор месозанд. Чунончӣ, шаҳрвандон барои пурсиш даъват карда мешаванд, ҳатто ҳангоми ҳозир нашудан маҷбуран оварда мешаванд, кофтуков, гирифтан, шаҳодаткунонӣ ва дигар чораҳои ба ҳаёти шахсии на танҳо айбдоршаванда, балки ба дигаир шахсон дахолаткунанда гузаронида мешавад. Ҳамаи ин маҳдудкуниҳо танҳо дар ҳолатҳои муайян, барои ҳимояи шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз кирдорҳои ҷиноятӣ раво дониста шудааст. Бинобар ин, баъд аз оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардани оғози парвандаи ҷиноятиро, прокурор, сардори воҳиди тафтишот, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда доранд. Дигар ягон мақомоти давлатӣ ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро надорад. Муроҷиати дигар мақомот оид ба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс танҳо ҳамчун сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ шуда метавонаду халос.

## § 2. Сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ

Бе мавҷуд будани сабабҳо ва асоси қонунӣ оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ имконнопазир аст. Бинобар ин боби 17 КМҶ сабаб ва асосҳои[1] оғози парвандаи ҷиноятӣ ном дошта, дар он асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ муқаррар шудаанд.

Зери мафҳуми сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ сарчашмаи маълумот оид ба ҷиноятҳои содиршуда ё содиршаванда (нотамом) дар назар дошта шудааст, ки аз он мақомот ё шахси мансабдоре, ки ҳуқуқи оғози парвандаи ҷиноятиро дорад, дар бораи ҷинояти содиршуда ё содиршаванда маълумот мегирад.

Мафҳуми асос бошад, маълумоти кофиеро дар назар дорад, ки он ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунад. Мафҳуми «асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ» дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дода нашудааст.

Сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ дар боби 17 КМҶ муқаррар шудаанд. Мутобиқи м. 140 КМҶ сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

а) ариза дар бораи ҷиноят;
б) ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
в) иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;

[1] Оид ба ҳаммонанд шудан ва нодуруст истифода шудани ҳардуи ин истилоҳ дар § 4 боби 1 Китоби мазкур маълумоти мухтасар пешниҳод шудааст. Таҳлили илмӣ оид ба ин масоил дар як қатор асарҳои олимони ватанӣ оварда шудааст: Юлдошев Р.Р. О соотношении уголовного преследования и оперативно-розыскной деятельности (по законодательству Республики Таджикистан) // Проблемы управления расследованием преступлений, уголовного процесса и криминалистики: сб. науч. статей. Вып. 2. – М.: Академия управления МВД России, 2010. – С. 393-399; Нозиров Н.А. Уголовно-процессуальное законодательство в годы независимости Таджикистана // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2012. – № 3. – С. 52-53; Гафуров Х.М. Институт отказа в возбуждении уголовного дела : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013; Юлдошев Р.Р. Уголовное преследование в досудебном производстве по уголовно-процессуальному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2014. – С. 54, 174; Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 241-243; Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела : проблемы и перспективы : монография. 2-е изд., испр. и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017. – С. 11-28.

г) иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;

д) аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.

Дар КМҶ ҳарчанд мафҳуми сабабҳо ва асосҳо дар номи боби 17 истифода шуда бошанд ҳам, аз нуқтаи назари илми мурофиаи ҷиноятӣ дар м. 140 КМҶ бар ивази истилоҳи «сабабҳо» истилоҳи «асосҳо» истифода шудааст. Дар адабиёти илмӣ ва қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ишора мегардад, ки ариза дар бораи ҷиноят, ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ, иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот, иттилоот дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд, на ин ки асос, балки сабабҳо барои оғози паравандаи ҷиноятӣ мебошанд. Яъне сарчашмаи маълумот (ариза, шикоят ва ғ.) ин сабаб аст. Зери мафҳуми асос маълумоти кофиеро мефаҳманд, ки аломатҳои ҷиноятро дарбар мегирад. Яъне худи маълумоте, ки аломатҳои ҷиноятро дорад, асос мебошад.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои дар м. 140 КМҶ номбаршуда гирифтани маълумоти кофӣ дар бораи аломатҳои кирдори ҷиноятӣ ва набудани ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунад, фаҳмида мешавад. Аз ин бармеояд, ки дар м. 140 КМҶ на асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ, балкӣ сабабҳои оғози он нишон дода шудаанд. Маҳз сабабҳои дар м. 140 КМҶ муқарраргардида асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ мегарданд.

КМҶ дар мувофиқа бо КМҶ РСС Тоҷикистон соли 1961[1] сабабҳо ва асоси оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро дар м. 103 муқаррар намуда буд. Яъне, сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ, ки дар м. 140 КМҶ муқаррар карда шудаанд, дар КМҶ РСС Тоҷикистон дар алоҳидагӣ ҳам ба сифати сабаб ва ҳам асос баромад менамуданд.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, бахусус Федератсияи Россия (м. 140 КМҶ)[2], Ҷумҳурии Қазоқистон (м. 177 КМҶ)[3], Ҷумҳурии Ӯзбекистон (м. 322 КМҶ)[4], Ҷумҳурии Қирғизистон (м. 150 КМҶ)[5] нишон медиҳанд, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии онҳо сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ба таври мушаххас ва дар моддаи алоҳида муқаррар карда шудааст. Масалан, м. 140 КМҶ Россия[6] сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ном дошта, дар он сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва мафҳуми асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ оварда шудааст. Танҳо дар КМҶ Ҷумҳурии Белорусия сабаб ва асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ду моддаи алоҳида муқаррар шудааст. Ин ҳам бошад, м.м. 166 (сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ) ва 167 (асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ) КМҶ Белорусия[7].

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005.
[2] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. – М., 2012.
[3] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан. – Алмата, 2014.
[4] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан. – Ташкент, 2014.
[5] Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики. – Бишкек, 2012.
[6] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. – М., 2014.
[7] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь. – Минск, 2013.

Бинобар ин баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххасан муқаррар намудани сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ дар номи боб ва м. 140 ба манфиати кор аст.

Таҳлили алоҳидаи сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ:

**1. Ариза дар бораи ҷиноят (м. 141 КМҶ).** Ариза ҳамчун сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ аз муроҷиати шаҳрванд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҷиноят ва шахси содиркунандаи он ё пешгирии содиршавии ҷиноят (яъне ҷинояти нотамом) ва маълумот дар бораи худ иборат мебошад. Бояд қайд намуд, ки аризадиҳанда пеш аз ҳама бояд дар содир кардани ҷиноят ширкат накарда бошад. Зеро дар ин сурат сабаби оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ на ариза балкӣ ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ баромад мекунад.

Дар ариза ба ғайр аз маълумот дар бораи шахсияти муроҷиаткунанда инчунин маълумот дар бораи нишонаҳои ҷиноят ё хоҳиш оид ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахс бояд нишон дода шавад. Агар дар ариза маълумоти кофӣ дар бораи аломатҳои ҷиноят ҷой надошта бошад, пас мумкин аст аз аризадиҳанда иловатан баёнот ё аризаи шифоҳӣ гирифт.

Сарчашмаи гирифтани маълумот аз ҷониби аризадиҳанда барои оғози парвандаи ҷиноятӣ аҳамият надорад. Мумкин аст аризадиҳанда ҳодисаи ҷиноятро шахсан мушоҳида кардааст ё онро аз нафари дигар гирифтааст. Ин ҳолат ба далелҳои ибтидоӣ ва ҳосилшуда алоқаманд мебошад.

Ариза шифоҳӣ ё хаттӣ шуда метавонад. Аризаи хаттӣ бояд аз ҷониби шахси аризадиҳанда имзо гузошта шавад. Аризаи шифоҳӣ ба протокол дохил карда шуда, ба он аризадиҳанда ва шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё прокуроре, ки аризаро қабул кардааст, имзо мегузорад. Протокол бояд маълумотро дар бораи аризадиҳанда, маҳалли истиқомат ва кор, аломатҳои ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор дар бар гирад.

Аризадиҳандае, ки ҳангоми додани ариза ба синни 16 солагӣ расидааст дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ огоҳонида шуда, дар протокол сабт ва бо имзо тасдиқ карда мешавад. Агар аризадиҳанда ба синни 16-солагӣ нарасида ё номукаллаф бошад, ӯ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ огоҳонида намешавад. Зеро ӯ ҳамчун субъекти ҷиноят баромад карда наметавонад.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи ҷиноятҳои дар м.м. 278 ва 295 КҶ муқарраршуда танҳо дар ҳолати мавҷуд будани аризаи ҷабрдида оғоз карда мешавад. Масалан, сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ бо м. 278 КҶ танҳо аризаи ҷабрдида шуда метавонад. Ин ҳолат бевосита дар эзоҳ ба м. 278 КҶ муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда, яъне м. 278 КҶ мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродии зарардида оғоз меёбад.

Ариза, мактуб ё дигар иттилооти беном, беимзо ё бо имзои қалбакӣ ё аз номи шахси сохта навишташуда барои оғози парвандаи ҷиноятӣ сабаб шуда наметавонад. Бояд қайд намуд, ки дар муроҷиатҳои беноме, ки маълумот дар бораи нишонаҳои ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин нишон дода шудаанд, он бо воситаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд санҷида шавад. Агар дар натиҷаи чунин санҷиш аломатҳои ҷиноят ошкор карда шаванд, он гоҳ сабаби оғози пар-

вандаи ҷиноятӣ на аризаи беном, балки гузориши корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромад мекунад.

Шакли махсуси ариза муроҷиати давлати хориҷӣ оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар м. 475 КМҶ муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он дар ҳолати аз тарафи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлати хориҷӣ содир кардани ҷиноят ва то нисбат ба ӯ оғоз шудани таъқиби ҷиноятӣ дар маҳалли содир шудани ҷиноят ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштанаш парвандаи ҷиноятӣ метавонад аз тарафи мақомоти босалоҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маводе, ки мақомоти давлати хориҷӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, оғоз ва тафтиш карда шавад.

Ба аризадиҳанда дар бораи ба қайд гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят бо сабти номи шахсе, ки ариза ё иттилоотро қабул кардааст ва вақти ба қайд гирифтани он ҳуҷҷат дода мешавад.

**2. Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ (м. 142 КМҶ).** Иттилооти ихтиёрии шахс дар бораи ҷинояти содирнамудааш, ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маълум нест, ҳисобида мешавад, ба шарте, ки ин шахс ҳанӯз гумонбар нашуда ё айбдоркунӣ дар содир намудани ҷиноят пешниҳод нагардида бошад. Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ ҳамон вақт сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ шуда метавонад, ки агар он нахустмаълумот дар бораи аломатҳои ҷиноят бошад. Агар дигар сабаб барои оғози парвандаи ҷиноятӣ бақайдгирифта шуда бошад ё парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда бошад, ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ сабаб шуда наметавонад.

Шарти асосии ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ – ихтиёрӣ будани он мебошад. Аризаи иқрори гуноҳ ба тарзи шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод мешавад ва бояд аз тарафи аризадиҳанда ба мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор супорида шавад.

Аризаи шифоҳӣ ба протокол дохил карда шуда, мазмунаш пурра инъикос мегардад. Протокол аз ҷониби шахси бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда ва мансабдоре, ки онро қабул кардааст, имзо карда мешавад.

Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ на танҳо сабаб барои оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин ҳамчун ҳолатҳое, ки

а) ҷазоро сабук мекунанд;

б) шахсро аз ҷавобарии ҷиноятӣ, ки дар эзоҳи моддаҳои Қисми махсуси КҶ пешбинӣ шудаанд, озод мекунад (масалан, шахсе, ки дар қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда иштирок кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамин кирдор озод карда мешавад, агар ӯ пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шуда, ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ва (ё) ихтиёран даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро супорида бошад (қ.1 эзоҳ ба м. 262 КҶ);

в) аз пушаймонии кирдораш ҳамчун асоси озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (м. 72 КҶ, м. 29 КМҶ) шаҳодат медиҳад;

г) чораи пешгирии нисбатан сабук татбиқ карда мешавад;

д) аз иқрори гуноҳи худ маълумот медиҳад.

Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ маънои ба мақомоти дахлдор воқеан омада муроҷиат карданро дар назар надорад. Он мумкин аст бо роҳу воситаҳои гуногун амалӣ гардад. Масалан, ба воситаи телефон. Ин ҳолат ҳамчун сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ, ки дар м. 140 КМҶ муқаррар карда шудааст, баромад накунад ҳам, лекин онро ҳамчун иқрори гуноҳ бояд эътироф кард. Дар ин ҳолат сабаби

оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд гузориши мувофиқи қонун тартибдодаи шахси масъул баромад кунад.

Шахсе, ки бо иқрори гуноҳаш ҳозир шудааст ба монанди аризадиҳанда дорои ҳуқуқҳои муайяни мурофиавӣ мебошад.

**3. Иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот дар бораи ҷиноят (м. 143 КМҶ)** бояд дар шакли хаттӣ пешниҳод карда шавад. Ба иттилоот мумкин аст ҳуҷҷат ва дигар маводи тасдиқкунандаи ҳолатҳои содир намудани ҷиноят замима шаванд.

**4. Иттилооти воситаҳои ахбори омма (м. 144 КМҶ)** барои оғози парвандаи ҷиноятӣ сабаб шуда метавонад, ба шарте, ки он дар рӯзнома ё маҷалла дарҷ ва ё бо воситаи радио ва телевизион пахш шуда бошад.

Шахси мансабдори воситаи ахбори омма, ки иттилоотро дар бораи ҷиноят дарҷ ва ё пахш кардааст, бо талаби шахси барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ваколатдор вазифадор аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маводи дар ихтиёраш будаи тасдиқкунандаи иттилооти пахшшударо дастрас кунад, инчунин шахси пешниҳодкардаи ин маълумотро, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин шахс онро бо шарти маҳфуз доштани манбаи иттилоот додааст, номбар кунад.

**5. Аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.** Тартиби мурофиавии сабабҳо ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд, дар моддаи алоҳидаи КМҶ батанзим дароварда нашудааст. Лекин, мазмуни ин сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор ҳангоми амалӣ намудани ваколати худ метавонан маълумотеро ба даст оваранд, ки дорои аломатҳои ҷиноятанд. Масалан, ҳангоми тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятии мушаххас маълум мегардад, ки гумонбаршуда ё айбдоршаванда ҷинояти дигареро, ки дар Қисми махсуси КҶ пешбинӣ шудааст, содир намудааст. Дар ин сурат маълумоти мазкур метавонад ҳамчун сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ гардад. Инчунин, ҳангоми аз ҷониби ваколатдори оперативӣ муайян ва ошкор намудани аломатҳои ҷиноят дар кирдори ин ё он шахс ва ғайра ҳолатҳои хаётӣ, ки ҳангоми ба амал баровардани ваколат хизматӣ рух медиҳанд[1].

## § 3.Тартиби мурофиавии баррасии маълумот дар бораи ҷиноят

Мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд дар бораи ҳама гуна ҷинояти содиршуда ё содиршаванда аризаю иттилоотро қабул ва баррасӣ намоянд. Аз беасос даст кашидан аз қабули ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ба прокурор ё суд бо тартиби муқаррарнамудаи м.м. 122, 123 ва 124 КМҶ шикоят кардан мумкин аст.

Барои беасос даст кашидани мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш аз қабули ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ба прокуроре, ки иҷрои қонунҳоро

---

[1] Маълумои муфассал оид ба ин сабаб дар асари зерин оварда шудааст: Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе : «ТАДЖПРИНТ», 2017. – С. 274-279.

ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ назорат мекунад, шикоят овардан мумкин аст. Агар прокурор беасос аз қабули ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят даст кашад ба прокурори болоӣ ва ё суд шикоят карда мешавад.

Прокурор вазифадор аст, ки шикоятро дар давоми се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани он баррасӣ кунад. Дар ҳолатҳои истисно, агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш ояд, мумкин аст, ки шикоят дар муҳлати то ҳафт шабонарӯз баррасӣ гардад ва дар ин бора шахси шикояткарда ва манфиатдор огоҳ карда мешаванд.

Дар натиҷаи баррасии шикоят он пурра ё қисман қонеъ гардонида мешавад ва ё ин ки дар бораи рад намудани қонеъ гардонидани шикоят қарор қабул карда мешавад.

Шахси шикояткарда ва шахсони манфиатдор бояд аз қарори доир ба шикоят қабулгардида огоҳ карда шаванд.

Ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят, ки ба суд ворид шудааст, барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор равон карда, аризадиҳанда огоҳ карда мешавад.

Қарор оид ба ариза ва иттилоот дар бораи ҷиноят бояд дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза ва иттилоот қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ прокурор барои гирифтани нишондоди иловагии шахси аризадиҳанда, талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса ин муҳлатро то даҳ шабонарӯз дароз карда метавонад.

Дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани ҷиноят мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ё прокурор яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунанд:

– дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– дар бораи аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот.

Оид ба қарори нисбат ба ариза ё иттилооти қабулшуда ба шахс, корхона, муассиса, ташкилот ё мансабдоре, ки аз онҳо ариза ё иттилоот расидааст, хабар дода, ба онҳо ҳуқуқи шикоят кардан аз қарор фаҳмонида мешавад.

Дар сурати аз рӯйи тобеияти тафтишӣ равон кардани ариза ё иттилоот мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор вазифадоранд барои пешгирӣ ё рафъи ҷиноят, ҳамчунин тақвияти изи ҷиноят чораҳо андешанд.

Номгӯйи зикршудаи сабабҳои оғози паравандаи ҷиноятӣ маҳдуд буда, ҳар яке аз онҳо сабабҳои қонунӣ номида мешаванд. Аммо барои оғози парвандаи ҷиноятӣ танҳо сабаби қонунӣ кофӣ нест. Ба ғайр аз мавҷудияти сабаби қонунӣ борои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, инчунин вуҷуд доштани асоси қонунӣ низ зарур аст.

Мутобиқи қонун парвандаи ҷиноятӣ вақте оғоз карда мешавад, ки маълумоти кофӣ оид ба аломатҳои ҷиноят вуҷуд дошта бошад. Дар ин ҳолат чун қоида пурра муайян кардани аломатҳои ҷиноят талаб карда намешавад. Одатан, барои оғози парвандаи ҷиноятӣ мавҷудияти объект ва тарафи объективӣ басандаанд. Дар чунин ҳолатҳо парвандаи ҷиноятӣ нисбати мавҷуд будани ҳодисаи ҷиноят (***in rem***), на балки нисбати шахси муайян (***in personam***), оғоз карда мешавад.

## § 4. Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ

Тартиби оғози парвандаи ҷиноятӣ аз се давраи асосӣ иборат аст: 1) қабули қарор 2) ба прокурор равон кардани нусхаи қарор ба аризадиҳанда ва гумонбаршуда хабар додан оид ба қарори қабулшуда ва 3) аз ҷониби прокурор санҷидани қонунӣ ва асоснок будани оғози парвандаи ҷиноятӣ.

Вобаста ба хусусият ва дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда айбдоркунӣ бо тартиби хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ анҷом дода мешавад.

Тартиби мурофиавии оғози правандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ, умумӣ дар боби 18 КМҶ муқаррар карда шудааст.

**Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ.**

Мувофиқи қ. 2 м. 24 КМҶ парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м. 112, 116, м. 156 қ.қ. 1 ва 2 КҶ пешбинишуда парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ эътироф гардида, бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад ва пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда қатъ карда мешавад.

Дар парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ сабаби асосӣ ва ягонаи оғози парвандаи ҷиноятӣ аризаи ҷабрдида ва намояндаи қонунии ӯ мебошад. Лекин ин маънои онро надорад, ки дигар сабабҳо боиси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ шуда наметавонанд. Дар ҳолатҳои истисно, агар парванда дар бораи ягон ҷинояти дар боло пешбинишуда дорои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ бошад ё ҷабрдида оид ба ҳамин парванда бо сабаби вазъи оҷизонаи худ, вобастагӣ аз айбдоршаванда ва ё дигар сабабҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир набошад, прокурор ҳуқуқ дорад бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад.

Чунин парвандаҳои ҷиноятӣ ҳангоми оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда қатъ карда мешаванд[1].

**Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ.** Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м. 113-115, 118 қ. 1, 119, 120, 123 қ.қ. 1 ва 2, 124, 125 қ. 1, 126 қ. 1, 127 қ. 1, 128 қ. 1, 129 қ. 1, 138 қ. 1 КҶ пешбинишуда парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ эътироф гардида, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор тибқи муқаррароти КМҶ, танҳо бо аризаи ҷабрдида оғоз карда мешавад. Дар сурати оштӣ шудани шахси аз ҷиноят ҷабрдида бо айбдоршаванда ва барқарор намудани товони зарари ба ҷабрдида расонидашуда, пешбурди парванда қатъ карда мешавад. Ин тартиби пешбурд ба тағйироти мушаххаси КМҶ[2] бори дигар таҷдиди назар карда шуд.

Дар ҳолатҳои истисно, агар парванда дар бораи ягон ҷинояти дар боло пешбинишуда дорои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ бошад ё ҷабрдида оид ба ҳамин парванда бо сабаби вазъи оҷизонаи худ, вобастагӣ аз айбдоршаванда ва ё дигар сабабҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир набошад, прокурор ҳуқуқ дорад бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад (қ. 4 м. 24 КМҶ).

---

[1] Маълумоти муфассал оид ба ин намуди пешбурди ҷиноятҳо дар боби 25 Китоби мазкур оварда шудааст.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23.07.2016 с. таҳти № 1332.

**Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии умумӣ.**

Парвандаҳои ҷиноятӣ, ба истисноi парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м. 112-116, 118 қ. 1, 119, 120, 123 қ.қ. 1 ва 2, 124, 125 қ. 1, 127 қ. 1, 128 қ. 1, 129 қ. 1, 138 қ. 1 ва 156 қ.қ. 1 ва 2 КҶ пешбинишуда, парвандаҳои дорои хусусияти умумӣ эътироф шудаанд.

Ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои пешбининамудаи м. 140 КМҶ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунанд.

Дар қарор бояд ҳолатҳои зерин нишон дода шавад:

а) вақт ва маҳалли қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ;

б) аз ҷониби кӣ қабул карда шудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ;

в) сабабҳо ва асос барои оғози парванда;

г) бандубасти ҷиноӣ-ҳуқуқии ҷиноят, яъне бо кадом моддаи КҶ парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст;

д) самти минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ.

Баъд аз қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нусхаи он фавран ба прокурор равон карда шуда, ба аризадиҳанда ва шахсони манфиатдор хабар дода мешавад. Ба сифати шахсони манфиатдор метавонанд намоянда, намояндаи қонунӣ, ҳимоятгар ва дигарон баромад намоянд.

Парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст ҳам оид ба ҳолати содиршавии ҷиноят ва ҳам нисбати шахси мушаххас оғоз карда шавад.

Пас аз қабули қарор дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ:

а) мақомоти таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки пешбурди тафтиши пешакиашон ҳатмист, баъди иҷрои амалҳои тафтишии таъхирнопазир аз ҷониби таҳқиқбаранда парвандаро барои пешбурди тафтиши пешакӣ фиристода, аз рӯйи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои пешбиникардаи қ. 1 м.154 КМҶ бошад, таҳқиқ мегузаронад;

б) муфаттиш баъди қабули парвандаи ҷиноятӣ ба пешбурди тафтиши пешакӣ шурӯъ мекунад;

в) прокурор парвандаи ҷиноятиро барои пешбурди тафтиши пешакӣ ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда равон мекунад ё худаш ба пешбурди тафтиши пешакӣ шурӯъ мекунад.

Чи тавре қайд намудем, давраи сеюми оғози парвандаи ҷиноятӣ назорати прокурор ҷиҳати қонунӣ ва асоснок будани оғози парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Пас аз қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нусхаи он фавран ба прокурор фиристонида мешавад.

Прокурор ҳангоми амалӣ гардонидани назорат ҷиҳати қонунӣ ва асоснок будани оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад:

а) мухлати баррасии ариза ё иттилоотро дароз намояд;

б) қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурори поёниро дар хусуси рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор карда, маводро барои санҷиши иловагӣ ирсол намояд;

в) қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурори поёниро дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор кунад ва оғози парвандаи ҷиноятиро рад намояд;

г) қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурори поёниро дар хусуси рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор кунад ва парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд;

д) қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурори поёниро дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор кунад ва парвандаи ҷиноятиро, агар оид ба он амалҳои тафтишӣ анҷом дода шуда бошанд, қатъ кунад.

Бояд тазаккур дод, ки ин самти фаъолияти мурофиавиро фармони махсуси Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба танзим медарорад. Ҳангоми ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ доир ба ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна, аз ҷониби шахс бори аввал содир кардани ҷиноят, пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, пурра пардохт ва барқарор намудани зарар, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, татбиқи санади авф ҳангоми мавҷуд будани розигии шахс, тарбия намудани ноболиғ бо роҳи андешидани чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, шахсияти гумонбар ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба инобат гирифта шавад.

Дар мавриди ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, алалхусус ҳангоми содир шудани кирдор бо истифодаи силоҳи оташфишон ва дигар воситаҳои махсус, ҳолатҳои содиршавии кирдор (маҳал, вақт, шахсияти содиркардаи кирдор, дар кирдорҳои шахси зарардида ҷой доштани нишонаҳои кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, оқибатҳои аз ин кирдор ба амал омада) ба инобат гирифта шуда, санҷиши ин ҳолатҳо ва қабули қарор бе истисно таҳти роҳбарӣ ва назорати бевоситаи прокурорҳо амалӣ карда мешавад (б. 1.2.).

Инчунин, дар ин фармон махсусан ишора мешавад, ки муфаттишонро зарур аст баъди оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ амалҳои тафтишӣ ба монанди: азназаргузаронии далелҳои шайъӣ ва ҷойи нигоҳдории онҳо, таъин ва гузаронидани экспертизаҳо, шаҳодаткунонӣ, гузаронидани кофтуков дар манзили зисту ҷойи кор, дастгир намудани гумонбаршуда, таъмини вокеияти ҳимоятгар, пурсиши гумонбар ва дигар амалҳои тафтиширо тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронида, масъалаҳои эълон кардани айб ва татбиқи чораи пешгириро дар муҳлати муқарраркардаи қонун ҳал намоянд (б. 4).

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои пинҳонкунии ҷиноятҳо бо роҳи ғайриқонунӣ рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашударо зарур аст, ки маводи аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад кардаи кормандони тобеи худро сари вақт омӯхта, омӯзиши саривақтии маводи аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад кардаи дигар мақомоти зериназоратиро ташкил намоянд (б. 8).

Прокурорҳои поёнӣ, муфаттишон ва таҳқиқбарандагон дар назар дошта бошанд, ки дар сурати таъмин накардани тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаи ҷиноятӣ ё роҳ додан ба вайронкунии ҷиддии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва бо ин асосҳо аз ҷониби Прокуратураи генаралии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор кардани қарорҳои ғайриқонунӣ, масъалаи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани онҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад (б. 9)[1].

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

## § 5. Ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунанд

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ номгӯйи мушаххаси ҳолатҳоеро муқаррар намудааст, ки дар сурати мавҷудияти ҳатто яке аз ин ҳолатҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ва парвандаи оғозшуда бояд қатъ карда мешавад. Ҳолатҳои мазкур дар м. 27 КМҶ муқаррар гардидаанд. Ин ҳолатҳо чунинанд:

**1) Мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят** (сархати 1 қ. 1 м. 27 КМҶ) маънои онро дорад, ки амал ё беамалии дар маводи пешниҳодшуда зикргардида, дар асл вуҷуд надоранд. Масалан, дар хабар аз ҳаёт маҳрум кардани шахсе тасдиқ шудааст. Аммо ҳангоми санҷиш (тафтиш) маълум мегардад, ки марги ин шахс дар натиҷаи бемории вазнини тӯлонӣ ё оқибати ҳодисаи ногаҳонӣ дар натиҷаи рафтори беэҳтиётонаи худи ҷабрдида ба вуқӯъ омадааст.

**2) Ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят** (сархати 2 қ.1 м. 27 КМҶ). Масалан, содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун нарасидааст.

Дар чунин сурат, ҳангоми қабули қарор дар он набудани кадом аломатҳои таркиби ҷинояти мушаххас бояд нишон дода шавад.

Дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят дар чунин мавридҳо имконпазир аст:

а) дар кирдор як аломат ё ҳамаи аломатҳои таркиби ҷинояти бо қисми умумӣ ва махсуси КҶ пешбинишуда мавҷуд набошад;

б) кирдор хусусияти қонунӣ дошта бошад. Масалан, ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд (мудофиаи зарурӣ (м. 40 КҶ); расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м. 41 КҶ); зарурати ниҳоӣ (м. 42 КҶ); маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ (м. 43 КҶ); иҷрои фармон ё амр (м. 45 КҶ));

в) кирдори ҷиноятие, ки бо сабаби камаҳамият буданаш ба ҷамъият хавфнок нест (қ. 2 м. 17 КҶ);

г) шахс ба синну соли муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нарасида бошад.

**3) Ҳангоми гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан** (сархати 3 қ. 1 м. 27 КМҶ). Мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар м. 75 КҶ муқаррар шудааст. Мувофиқи он, агар аз рӯзи содир шудани ҷиноят мӯҳлати зерин гузашта бошад, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад:

а) ду сол пас аз содир намудани ҷинояти начандон вазнин;

б) шаш сол пас аз содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна;

в) даҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти вазнин;

г) понздаҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти махсусан вазнин ба истисноии ҷиноятe, ки барои он ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шудааст.

Мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир шудани ҷиноят то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

Ҷараёни гузаштани мӯҳлат аз соати $00^{00}$ шабонарӯзи оянда баъд аз содиршавии ҷиноят сар шуда, соати $00^{00}$ шабонарӯзи охирони мӯҳлат ба охир мерасад.

Агар шахс аз тафтишот ё суд саркашӣ намояд, ҷараёни мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта мешавад. Дар ин ҳолат мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи дастгир кардани шахс ё омада ба гуноҳи худ

иқрор шудани ӯ барқарор карда мешавад. Зимнан, агар аз вақти содир намудани ҷиноят бист сол гузашта, мухлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо содир намудани ҷинояти нав қатъ нагардида бошад, ин шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест (қ. 3 м. 75 КҶ).

Агар то гузаштани муҳлати зикрёфта шахс қасдан ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин содир намояд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир намудани ҷиноятҳои мазкур аз нав шурӯъ гардида, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҳар ҷиноят алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Масъалаи истифодаи муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро нисбати шахси содирнамудаи ҷиноятe, ки барои он ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсро имконнопазир донад, ба ӯ ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъин карда намешавад.

Нисбати ашхосе, ки ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир намудаанд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан истифода карда намешавад.

**4) Ҳангоми қабули санади авф** (сархати 4 қ.1 м. 27 КМҶ). Санади авф ҳамчун санади мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ шахси ҷинояткорро пурра ё қисман аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод менамояд. Агар санади авф шахсро пурра аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намояд ва ҷиноят аз тарафи ӯ то қабули ин санад содир шуда бошад, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад.

**5) Ҳангоми оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда оид ба парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ** (сархати 5 қ. 1 м.27 КМҶ). Оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда дорои як қатор шартҳо мебошад. Ба ин шартҳо дохил мешаванд:

а) ҷинояти содиршуда бояд ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил бошад.

б) мавҷуд будани далели оштӣ шудани шахси ҷинояткор бо ҷабрдида (ариза).

в) барқарор намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда.

**6) Ҳангоми мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида,** агар парвандаи ҷиноятӣ маҳз тибқи аризаи ӯ оғоз гардад, ғайр аз ҳолатҳое, ки ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд (сархати 6 қ. 1 м. 27 КМҶ). Масалан, дар қ. 2 эзоҳ ба м. 295 КҶ муқаррар карда шудааст, ки агар кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда танҳо ба ташкилоти тиҷоратӣ, ки ташкилоти давлатӣ намебошад, зарар расонида бошад, таъқиби ҷиноятӣ аз рӯйи аризаи ҳамин ташкилот ё бо розигии он оғоз карда мешавад. Ҳангоми расонидани зарар ба дигар ташкилот, инчунин ба манфиати шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат – таъқиби ҷиноятӣ дар асосҳои умумӣ ба амал бароварда мешавад.

**7) Нисбат ба шахси фавтида,** ғайр аз ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ барои муқаррар намудани бегуноҳии ӯ ё аз нав оғоз кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳолатҳои нави ошкоршуда дар ҳаққи дигар шахсон (сархати 7 қ. 1 м. 27 КМҶ).

**8) Нисбат ба шахсе, ки дар ҳаққи ӯ аз рӯйи ҳамон айбдоркунӣ ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда ё таъиноти суд ва ё қарори суд, судя оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳамон асос мавҷуд аст** (сархати 8 қ. 1 м. 27 КМҶ).

**9) Нисбат ба шахсе, ки қарори бекорнашудаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар хусуси қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қарор дар борaи**

**радди оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳамон айбдоркунӣ вуҷуд дорад** (сархати 9 қ. 1 м. 27 КМҶ).

Асосҳои дар боло номбаршуда дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун асосҳои рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ низ ном бурда мешаванд[1].

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои пешбининамудаи м. 140 КМҶ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор оид ба рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ қарори асоснок мебароранд.

Нусхаи қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар муҳлати се шабонарӯз ба шахс, корхона, муассиса, ташкилот ё мансабдоре, ки аз он ариза ё иттилоот гирифта шудааст, равон карда мешавад.

Аз болои қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар давоми чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи гирифтани нусхаи қарор ба прокурор ва дар хусуси аз ҷониби прокурор рад кардан аз қонеъ гардонидани шикоят ба прокурори болоӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст.

Ҳангоми рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятe, ки вобаста ба содир шудани он иттилоъ аз шахс гирифта шудааст, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда масъалаи оғози парвандаи ҷиноятиро вобаста ба иттилои бардурӯғи шахс дида мебароянд.

Иттилооте, ки дар бораи содир намудани ҷиноят дар воситаҳои ахбори омма чоп гардида, дар рафти тафтиш тасдиқи худро наёфтааст, дар ҳамон воситаи ахбори омма дар ин бора раддия чоп карда мешавад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

1. Мафҳуми давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ.
2. Асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ.
3. Сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ.
4. Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ чигуна сурат мегирад?
5. Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ чигуна сурат мегирад?
6. Тартиби мурофиавии оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии умумӣ чигуна сурат мегирад?
7. Ҳолатҳое, ки боиси истисно гардидани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мегарданд.
8. Рад намудан аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ.
9. Аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ирсол намудани ариза ё иттилоот.
10. Аз ҷониби суд оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

[1] Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Уголовный процесс: учебник. – М.: Кнорус, 2008. – С. 341.

**3.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**4.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**10.** Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

**11.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**12.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**13.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:

**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**5.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**9.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**10.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**11.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: "Глобус", 2006.

**12.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**13.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**14.** Быков В.М., Берензина Л.В. Доказывание в стадии возбуждения уголовного дела по УПК РФ. – Казань, 2006.

**15.** Гаврилов Б.Я., Алексанян М.С., Акжигитов Р.И., Каазаров Г.А. Досудебное производство. – М., 2012.

**16.** Гафуров Х.М. Институт отказа в возбуждении уголовного дела : монография. – Душанбе: Эр-граф, 2013.

**17.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**18.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**19.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**20.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**21.** Манова Н.С. Досудебное и судебное производство: сущность и проблемы дифференциации проццессуальных форм. – Саратов, 2003.

**22.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**23.** Овсянников И.В. Рассмотрение сообщений о преступлениях. Процессуальные и криминалистические проблемы : научно-практическое и учебное пособие. – М., 2010.

**24.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**25.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**26.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**27.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**28.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**29.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**30.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**31.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**32.** Сущность и актуальные проблемы стадии возбуждения уголовного дела. 2-изд., испр. и доп. / отв. ред. И.С. Дикарев. – М., 2012.

**33.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**34.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**35.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

**36.** Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М. : ЮСТИЦИЯ, 2016.

# БОБИ 15.
# ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

## § 1. Моҳият ва аҳамияти давраи тафтишоти пешакӣ

Яке аз қисмҳои асосии мурофиаи ҷиноятиро тафтишоти пешакӣ ташкил медиҳад.

Тафтишоти пешакӣ – давраи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ фаро мерасад. Ҳамчун давраҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ, ин давра низ мазмун, вазифаҳо ва доираи махсуси иштирокчиёни фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятии худро дорад.

Давраи тафтишоти пешакӣ фавран пас аз баровардани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ шурӯъ мегардад. Дар ин давра мақомоти тафтишот ҷиноятро ошкор; ҳолатҳои содир кардани он, шахси гунаҳгор, ангезаи ҷиноят; ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хислати ҷавобгарӣ таъсир мерасонанд; андозаи зарари расонидашуда, сабаб ва шароите, ки ба содир кардани ҷиноят мусоидат намудаанд ва ҳолатҳои дигарро муайян мекунанд.

Ҳуқуқи гузаронидани тафтишоти пешакӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор дода шудааст. Дар ин давра ҳамаи иштирокчиёни асосии мурофиаи ҷиноятӣ – гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, коршинос, шоҳидон ва ғайра рӯйи кор меоянд.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст.

Тартиби муқаррарнамудаи КМҶ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум намудан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд.

Тафтишоти пешакӣ бо фиристодани парвандаи ҷиноятӣ ба суд ё қатъ намудани он ба охир мерасад.

**Тафтишоти пешакӣ** – ин фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровардашудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳгор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ, мебошад.

Давраи тафтишоти пешакӣ барои ҳал кардани вазифаҳои умумии мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳамияти калон дорад. Ин давра қариб барои ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошад.

Мутобиқи м. 2 КМҶ вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ аз инҳо иборатанд:

1) муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ;

2) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

3) ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд;

4) сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят;

5) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда;

6) ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд;

7) риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ;

8) кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

Баррасии парванда дар суд, чун қоида, бе пешакӣ муқаррар кардани ҳамаи ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, ғайриимкон аст. Ин давра ба худ номи «**тафтишоти пешакӣ**»-ро барои он гирифтааст, ки то давраи муҳокимаи судӣ гузаронида мешавад. Дар давраи муҳокимаи судӣ шакли дигари тадқики далелҳо - тафтиши судӣ гузаронида мешавад. Лекин, бо вуҷуди ин ҳам давраи тафтишоти пешакӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши мустақили худро аз даст намедиҳад. Маҳз дар ин давра фош кардани шахсони гунаҳгор ва ба сифати айбдоршаванда кашидани онҳо ба вуқӯъ меояд ва ҳудуди муҳокимаи судии оянда муайян карда мешавад. Тафтишоти пешакӣ бояд чунин гузаронида шавад, ки суд имконияти дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятиро дошта бошад.

Мувофиқи қонуни мурофиавии ҷиноятии амалкунанда тафтишоти пешакӣ дар ду шакл гузаронида мешавад:

**1) таҳқиқ;**

**2) тафтиши пешакӣ**.

Дар навбати худ таҳқиқ низ ба се шакл ҷудо карда мешавад

1) таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ **ҳатмӣ аст**;

2) таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ **ҳатмӣ нест;**

3) **пешбурди суръатнок.**

## § 2. Таҳқиқ ва шаклҳои он

Таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ – яке аз шаклҳои тафтишоти пешакӣ ба шумор меравад. Он барои ҳал намудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ хизмат карда, хусусияти мурофиавӣ дорад. Ин онро ифода мекунад, ки тартиби гузаронидани таҳқиқ дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровarда шуда, маълумоти дар рафти таҳқиқ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба даст овардашуда бошад, аҳамияти исбот доранд. Мутобиқи м. 152 КМҶ таҳқиқ ба ду шакл тақсим мешавад:

1) таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ **ҳатмист**;

2) таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ **ҳатмӣ нест.**

Мутобиқи м. 153 КМҶ таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист, аз даври ибтидоии тафтишот, то ба муфаттиш супоридани парванда иборат аст. Ин шакли таҳқиқ барои ҳамаи парвандаҳое, ки ба тобеияти тафтишотии муфаттиш таалluқ доранд, ҳатмӣ нест. Вай дар мавридҳои таъхирнопазир, ҳангоме ки муфаттиш бо ягон сабабҳои субъективӣ ё объективӣ зуд ба тафтиш шурӯъ карда наметавонад ва ба таъхир андохтан боиси гум шудани далелҳо ё ғайб задани шахси ҷиноят содирнамуда метавонад, гузаронида мешавад.

Мақомоти таҳқиқ дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист, тибқи муқаррароти қонуни мурофиавии ҷиноятӣ амал карда, парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, барои муқаррар ва мустаҳкам намудани пайҳои ҷиноят **амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ** мегузаронанд.

Дар бораи ошкор намудани ҷиноят ва оғози тафтишот оид ба парвандаи ҷиноятӣ фавран прокуроре, ки аз болои таҳқиқ назорат мекунад, хабардор карда мешавад.

Таҳқиқбаранда қоидаҳои КМҶ ба роҳбарӣ гирифта, амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почтаю телеграф ва дигар муросилот, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон.

Мақомоти таҳқиқ дар бораи ҷинояти ошкоркардашуда ва таҳқиқи шурӯъгардида фавран ба прокурор, ба тариқи хаттӣ хабар медиҳад.

Мӯҳлати таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист, аз **даҳ шабонарӯз** зиёд буда наметавонад. Ин мӯҳлатро дароз кардан мумкин нест.

Мақомоти таҳқиқ вазифадор аст, ки пас аз иҷро намудани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ, тамом шудани мӯҳлати муқарраршударо интизор нашуда, парвандаро бо баровардани қарори ваҷҳнок ба муфаттиш супорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист, бо мӯҳлат ва ҳаҷми амалҳои тафтишӣ маҳдуд карда шудааст. Мақомоти таҳқиқ наметавонад дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудан қарор барорад, айб эълон намояд, айбдоршавандаро пурсиш кунад ва ғайра.

Баъд аз он ки парванда ба муфаттиш супурда шуд, мақомоти таҳқиқ амалҳои тафтишӣ ва ҷустуҷӯиро танҳо бо супориши муфаттиш гузаронида метавонад. Дар сурати ба муфаттиш супурда шудани парвандае, ки оид ба он муайян кардани шахси содиркардаи ҷиноят муяссар нашудааст, мақомоти таҳқиқ барои муқаррар намудани шахси ҷиноят содирнамуда чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро давом дода, муфаттишро аз натиҷаҳои ин кор хабардор карда меистад.

### Таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест

Мутобиқи м. 154 КМҶ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, барои муқаррар кардани ҳолатҳое, ки бояд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ҳамаи чораҳои дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишударо меандешад, яъне, тафтишро ба ҳаҷми пуррааш анҷом медиҳад. Ин муқаррарот ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои начандон вазнинанд, ки номгӯи онҳо дар м. 151 КМҶ оварда шудааст, дахл дорад.

Тафтиши пешакӣ оид ба ин парвандаҳо дар мавридҳое гузаронида мешавад, ки агар ин ҷиноятҳо аз тарафи ноболиғон ё шахсоне содир карда шуда бошанд, ки бинобар ноқисии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҳуқуқи ҳимояи худро ба амал оварда наметавонанд.

Дар мавриди ҳатмӣ набудани тафтиши пешакӣ мақомоти таҳқиқ ҳамаи амалҳои зарурии тафтишии дар қонун пешбинишударо барои муайян кардани ҳолатҳое, ки оид ба парванда бояд исбот карда шаванд, мегузаронад. Дар мавриди муқаррар гардидани шахси гунаҳгор ва дар содир кардани ҷиноят фош гардидани он, мақомоти таҳқиқ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан баровардa, айбдориро эълон ва чораи пешгириро татбиқ мекунад. Зимнан, мақомоти таҳқиқ меъёрҳои КМҶ, ки барои тафтиши пешакӣ муқаррар гардидаанд, ба роҳбарӣ мегирад. Ҳамин тариқ, оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо тафтишӣ пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ ҷойи муфаттишро гирифта, тафтишотро бо ҳаҷми пуррааш мегузаронанд. Оид ба ҳамин категорияи парвандаҳо маводи таҳқиқ асоси дар суд баррасӣ гардидани парванда мебошад.

Бо вуҷуди ин, байни тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ фарқият ҳаст. Ин фарқият дар он ифода мегардад, ки:

1) мақомоти таҳқиқ муассиса ё шахсони мансабдори алоҳида мебошанд. Ҳамаи ҳуқуқи мақомоти таҳқиқ ба роҳбари муассисаи дахлдор дода шудааст. Тафтишотро дар шакли таҳқиқ шахсони мансабдори махсус ваколатдоршуда бевосита ба амал меоранд. Дар қонун онҳо шахси таҳқиқбаранда номида шудаанд.

Таҳқиқбаранда дар фарқият бо муфаттиш мустақилияти мурофиавӣ надорад. Ҳамаи қарорҳои оид ба парванда муҳимро (дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, қатъ кардани он, ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудан, ба суд фиристодани парванда ва ғ.) бояд сардори мақомоти таҳқиқ, ки якҷоя бо шахси таҳқиқбаранда барои қонунӣ ва асоснок будани онҳо ҷавобгар аст, тасдиқ намояд. Ҳамаи супоришҳои прокурор барои таҳқиқбаранда ҳатмӣ буда, аз болояшон шикоят овардан иҷрои онҳоро боз дошта наметавонад;

2) мӯҳлати таҳқиқ аз рӯйи парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, **понздаҳ шабонарӯз** мебошад. Ин мӯҳлатро прокуроре, ки ба гузаронидани таҳқиқро назорат мекунад, боз ба понздаҳ шабонарӯзи дигар дароз карда метавонад. Дар мавридҳои истисноӣ мумкин аст, ки мӯҳлати таҳқиқи парванда мувофиқи қоидаҳои дароз кардани мӯҳлати тафтиши пешакӣ (м. 164 КМҶ) дароз карда шавад.

Таҳқиқ бо:

а) равон кардани парванда ба суд бо фикри айбдоркунӣ;

б) қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ба охир мерасад.

Азбаски оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар ҳолати номукаллафӣ содир намудаанд, ё пас аз содир кардани ҷиноят ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудаанд, таҳқиқ гузаронида намешавад, он наметавонад бо равон кардани парванда ба суд барои ҳал кардани масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ба охир расад.

## Мафҳум ва хусусиятҳои пешбурди суръатноки парвандаи ҷиноятӣ

Бо қабул гардидани КМҶ дар мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон институти нави мурофиаи ҷиноятӣ – пешбурди суръатнок ҷорӣ гардид, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳои гуногуни он вуҷуд дошта, бо номҳои пешбурди соддашуда, пешбурди кӯтоҳшуда, пешбурди суръатнок ва монанди инҳо амал мекунад. Чунончӣ, дар ИМА ва давлатҳои Аврупои Ғарбӣ шакли соддакардашудаи пешбурди судӣ бо номи «аҳди иқроршавӣ ба гуноҳ» амал мекунад, ки он ба марҳилаҳои тосудӣ,

яъне тафтишоти пешакӣ низ татбиқ мешавад. Аҳди иқроршавӣ ба гуноҳ ин созишномае мебошад, ки тавассути он тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар бораи ҳал шудани парванда, аз ҷумла бандҳои айбдоркунӣ ба созиш меоянд, ки тибқи он айбдоршаванда худро гунаҳгор ҳисоб мекунад[1].

Мутобиқи қонунгузорӣ ва дар амалияи Олмон, Италия, Франсия айбдоршавандае, ки ҷиноятҳои муайяни на он қадар вазнин содир кардааст, фавран ба суд дода мешавад.

Дар баъзе давлатҳо тартиби соддакардашудаи пешбурди парванда на дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ, балкӣ дар содда кардани тафтиши судӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар м. 237 КМҶ Ҷумҳурии Белорус муқаррар шудааст, ки суд ҳуқуқ дорад, дар баъзе ҳолатҳо, баъд аз пурсиши айбдоршаванда, танҳо бо таҳқиқи далелҳое, ки тарафҳо зарур мешуморанд маҳдуд шавад ё ҳангоми ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда ва бо розигии тарафҳо, тафтиши судиро баохиррасида эълон карда ба музокираи судӣ гузарад. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус дар сурати мавҷуд будани шартҳои зерин гузаронидани муҳокимаи судии суръатнок пешбинӣ шудааст: айбдоршаванда ба гуноҳи худ иқрор шавад; иқрор шудани айбдоршванда ба гуноҳи худ боиси баҳси байни тарафҳо нагардад ва суд ба он шубҳа надошта бошад[2].

Дар мурофиаи ҷиноятӣ қонунгузор барои саривақт ошкор кардани ҷиноят, муайян кардани шахсияти ҷинояткор ва самаранок истифода бурдани муҳлатҳои мурофиавӣ, як зумра ҳаракатҳои мурофиавиро (азназаргузаронии ҷои ҳодиса, кофтуков, нишон додан барои шинохтан ва ғ.) муқаррар кардааст, ки барои дуруст, пурра ва объективона гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парванда мусоидат мекунанд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо зарурат ба гузаронидани аксар амалҳои тафтишотӣ ва истифодаи вақти зиёдатӣ дар парвандаҳои мушаххас зарурат нест. Чунки ҷинояткор ба мақомоти тафтишотӣ маълум аст ва оид ба даст доштанаш дар ҷиноят иқрор ва чунин ҷиноятҳо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон на он қадар зиёд аст. Ин гурӯҳи ҷиноятҳое, ки дар м. 453 КМҶ нишон дода шудаан ва барои онҳо пешбурди суръатнок анҷом дода мешавад ба гурӯҳи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил мешаванд.

Пешбурди суръатноки парвандаи ҷиноятӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва КМҶ пешина (соли 1961) ҳамчун омодасозии маводи пешазсудӣ дар шакли протоколӣ ном бурда мешуд.

Пешбурди суръатноки парвандаи ҷиноятӣ яке аз шаклҳои мурофиавие мебошад, ки ҷиҳати омодасозии маводи пешазсудӣ бо тариқи содда ва суръатноки мурофиа оид ба парвандаҳои ҷиноятии дараҷаи начандон вазнин ва миёна раво карда шудааст.

Гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ танҳо дар асоси дархости судшаванда, ки бо ризои айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ё ҷабрдида пешниҳод карда мешавад, имконпазир аст.

Пешбурди суръатноки парвандаҳои ҷиноятӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

**а)** шахсе, ки нисбаташ пешбурди суръатнок раво дида мешавад маълум асту дар содир кардани ҷиноят алоқаманд будани худро рад намекунад;

---

[1]Пешков М.А. Правовое регулирование и практика применения «сделки о признание вины» в уголовном процессе США // Юристь.– 1998. – №6. – С. 57.
[2] КМҶ Ҷумҳурии Белорус. – Минск, 2013.

**б)** пешбурди суръатнок то оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад ва дар амалҳои санҷишӣ ифода мегардад;

**в)** пешбурди суръатнок танҳо дар шакли таҳқиқ анҷом дода мешавад;

**г)** пешбурди суръатнок дорои муҳлати муайян мебошад. На дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи ба мақомоти таҳқиқ ворид шудани ариза ё хабар дар бораи ҷиноят;

**д)** пешбурди суръатнок нисбати ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва дараҷаи миёна татбиқ карда мешавад;

**е)** номгӯйи ҷиноятҳое, ки дар шакли пешбурди суръатнок амалӣ мешаванд, дар м. 453 КМҶ пешбинӣ шудаанд, ки аз инҳо иборатанд: қ. 1 м. 111 КҶ (қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ), қ. 1 м. 125 КҶ (сироят кардан ба инфексияи ВИЧ), қ. 1 м. 126 КҶ (сироят кардан ба касалии зуҳравӣ), қ. 1 м. 131 КҶ (ғариқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ), қ. 4 м. 196 КҶ (ғайри қонуни сохтани яроқ), қ. 1 м. 230 (сайди ғайри қонунии ҳайвоноти обӣ), қ. 1 м. 234 КҶ (ғайриқонунӣ буридани дарахт ва бутаҳо), қ. 1 м. 237 КҶ (авбошӣ), қ. 1 м. 247 КҶ (қаллобӣ), қ. 1 м. 253 КҶ (расонидани зарари амволи бо роҳи фиреб ва ё сӯиистифодаи боварӣ), қ. 1 м. 254 КҶ (соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани амволе, ки баръало бо роҳи ҷиноят бадаст оварда шудааст), қ. 1 м. 255 КҶ (қасдан несту нобуд ва ё вайрон кардани амвол), қ. 1 м. 338 КҶ (худсарона ишғол намудани қитъаи замин), қ. 1 м. 339 КҶ (тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат штамп, муҳр). Таҳлили санксияҳои ҷиноятҳои мазкур нишон медиҳанд, ки онҳо асосан ба категория ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил мешаванд. Лекин чунин муқаррарот дар КМҶ дида намешавад.

Ин ҷиноятҳо аз ҷиҳати ба ҷамъият хавфнокӣ на он қадар ба шахс, ҷомеа ва давлат хавфе доранд. Лекин дар амалия ин ҷиноятҳо бештар содир мегарданд, хусусан: қаллобӣ, авбошӣ, расонидани зарар ба саломатӣ ва ғ.

Тартиби пешбурди ҷиноятҳо ба тариқи суръатнок бо қоидаҳои умумӣ КМҶ ва бо назардошти қоидаҳои махсусе, ки дар боби 46 КМҶ пешбинӣ шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми пешбурди суръатнок мақомоти таҳқиқ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар муддати ҳафт шабонарӯз аз шахси ҷиноят содиркарда, шоҳидон ва дигар шахсон дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда баёнот мегирад. Инчунин маълумот дар бораи мавҷуд будан ва ё набудани доғи судии шахси ҷиноят содир карда, маълумот дар бораи шахсият, ҳамчунин дигар маълумоте, ки барои баррасии парванда дар маҷлиси судӣ аҳамият дорад талаб карда гирифта мешавад.

Дар пешбурди суръатнок шахси ҷиноят содиркарда барои аз рӯи даъват ҳозир шудан ба мақомоти таҳқиқ ва суд, хабар додан аз тағйири ҷои истиқомат уҳдадор карда мешавад. Дар ҳолатҳои ҳозир нашудан ба мақомоти таҳқиқ ё ба маҷлиси судӣ шахс маҷбуран оварда мешавад.

### Пешбурди тафтиш ва муҳокимаи судии пешбурди суръатноки парвандаи ҷиноятӣ

Пешбурди суръатнок вобаста ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар дар боло зикр шуданд, бояд на дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи ба мақомоти таҳқиқ ворид шудани ариза ё хабар дар бораи ҷиноят то ба прокурор фиристодани парванда тамом карда шавад. Сабаби муқаррар намудани чунин муҳлат дар он

дида мешавад, ки ҳодисаи ҷиноят ва шахси содиркардаи он барои мақомоти таҳқиқ маълум аст ва ӯ (гумонбар) далели дахл доштани худро дар ҷиноят рад намекунад.

Мақомоти таҳқиқ (таҳқиқбаранда) эътироф кунад, ки маводи ҷамъшуда барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ба суд равон кардани он кифоянд, дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул намуда ва онро ба пешбурди худ қабул менамояд. Шахси ҷиноят содирнамударо ба сифати айбдоршаванда ҷалб намуда, ҳамчунин масъаларо вобаста ба чораи пешгирӣ нисбати айбдоршаванда ҳал менамояд, инчунин дар бораи эътироф намудани шахс ба сифати ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ қарор қабул мекунад.

Таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо пешбурди суръатнок гузаронидан мумкин аст, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ аз рӯйи қоидаҳои умумӣ дар ҳолатҳои зерин анҷом дода мешавад:

**1)** ҳангоми аз ҷониби сардори мақомоти таҳқиқ оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ба шарте, ки дар давоми ҳафт шабонарӯз муайян кардани ҳолатҳои муҳими содир шудани ҷиноят аз имкон берун бошад;

**2)** дар ҳолати аз ҷониби прокурор барои пешбурди таҳқиқ баргардонидани парвандаи ҷиноятие, ки бо тартиби пешбурди суръатнок анҷом дода шудааст;

**3)** ҳангоми дар муддати се шабонарӯз аз имкон берун будани иҷрои амалҳои мурофиавӣ вобаста ба ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо пешбурди суръатнок гузаронидан мумкин аст.

**4)** дар ҳолатҳои зикршуда таҳқиқ бояд дар муҳлати на дертар аз бист шабонарӯз аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ ё баргардонидани он анҷом дода мешавад.

Ҳангоми ба мақомоти таҳқиқ ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ, ки бо тартиби пешбурди суръатнок анҷом дода шудааст, прокурор вазифадор аст, ки дар муҳлати на зиёда аз 24 соат парвандаро санҷида, қарори дахлдор қабул намояд.

Бояд қайд намуд, ки на дар ҳама ҳолат ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 453 КМҶ пешбурди суръатнок анҷом дода мешавад. Дар ҳолатҳои зерин пешбурди суръатнок гузаронида намешавад:

**а)** агар ин ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон содир шуда бошад;

**б)** агар ин ҷиноятҳо аз ҷониби номукаллафон ё шахсоне, ки баъди содир кардани ҷиноят ба касалии руҳӣ дучор шудаанд, содир шуда бошад;

Дар сурати мавҷуд будани чунин ҳолатҳо тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад ва муҳлати он набояд аз як моҳ зиёд бошад.

Чӣ тавре маълум аст пас аз анҷоми тафтиши пешакӣ парвандаи ҷиноятӣ барои тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба прокурор ирсол карда мешавад. Бо баробари тасдиқ гардидани фикри айбдоркунӣ аз ҷониби прокурор, парванда барои моҳиятан баррасӣ гардидан ба суд фиристода мешавад.

Баъд аз оне ки парвандаи ҷиноятии бо пешбурди суръатнок алоқаманд ба суд ворид мешавад, судя ҳамаи ҳолатҳои парвандаро меомӯзад. Дар сурати барои баррасӣ дар маҷлиси судӣ маводи парванда кофӣ бошанд, судя қарори дахлдорро қабул менамояд. Қонунгузор барои қабули чунин қарор муҳлати панҷ шабонарӯзро муаяйн намудааст.

Баррасии чунин парвандаҳо дар суд аз рӯйи тартиби умумӣ аз ҷониби судя амалӣ карда шуда, раисикунандаи маҷлиси судӣ бо мувофиқаи тарафҳо тартиби тадқиқи далелҳоро муайян мекунад. Санҷиш ва таҳқиқи далелҳо ҳамчун қоидаи

умумӣ аз муайян намудани моҳияти айб ва пурсиши судшаванда оид ба ҳолати кор сурат мегирад.

Баррасии судӣ мумкин аст бо баровардани ҳукм, қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё фиристодани он ба таҳқиқу тафтиши иловагӣ ба анҷом расад.

## § 3. Тафтиши пешакӣ

Тафтиши пешакӣ шакли асосии тафтишоти пешакӣ мебошад.

Мувофиқи м. 151 КМҶ аз рӯйи ҳамаи парвандаҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист, ғайр аз ҷиноятҳое, ки дар м.м. 119 (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари миёна ба саломатӣ), 120 (таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), 125 қ. 1 (сироят кардан бо инфексияи ВИЧ), 126 (сироят кардан бо касалии зуҳравӣ), 131 қ. 1 (ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ), 171 (иваз намудани тифл), 195 қ. 4 (ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани ярок, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш), 213 қ. 1 (таъмири бадсифати роҳҳои воситаҳои нақлиёт ва ба истифода баровардани онҳо бо норасоиҳои техникӣ), 230 (сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ), 232 (шикори ғайриқонунӣ), 234 (ғайриқонунӣ буридани дарахт ва буттаҳо), 235 (несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба ҷангал), 237 қ. 1 (авбошӣ), 238 (ба фоҳишагӣ ҷалб намудан), 242 қ. 1 (несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), 244 қ. 1 (дуздӣ), 252 қ. 1 (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф), 254 қ. 1 (соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани амволе, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст), 255 қ. 1 (қасдан несту нобуд ё вайрон кардани амвол), 256 (аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани амвол), 259 қ. 1 (соҳибкории ғайриқонунӣ), 286 қ. 1 (муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ), 294 (фиреби истеъмолкунандагон), 341 (соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мукофотҳои давлатӣ), 342 (таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ) КҶ, ки онҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ анҷом дода мешавад.

Гузаронидани тафтиши пешакӣ аз рӯйи ҳамаи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки аз тарафи ноболиғон ё шахсоне содир карда шудаанд, ки бинобар нуқсии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҳуқуқи ҳимояи худро амалӣ карда наметавонанд, ҳатмӣ мебошад (қ. 10 м. 161 КМҶ).

Тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи муфаттишони мақомоти прокуратура, амнияти давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инчунин, муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ ва муфаттишони Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад (м. 159 КМҶ). Салоҳият байни муфаттишони мақомоти номбурда мувофиқи муқаррарот дар бораи тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ тақсим карда мешавад.

Дар вақти гузаронидани тафтиши пешакӣ муфаттиш ғайр аз мавридҳое, ки қонун гирифтани розигии прокурор ва иҷозати судяро талаб мекунад, тамоми қарорҳоро дар бораи бурдани тафтиш ва дар бораи гузаронидани амалҳои тафтишӣ мустақилона қабул мекунад ва барои ба таври қонунӣ ва дар сари вақт гузаронида шудани ин ҳаракатҳо комилан ҷавобгар аст.

Ҳамаи қарорҳои муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд ба далелҳои ҷамъовардашуда асоснок карда шаванд, ки ба онҳо муфаттиш, қонунро ба

роҳбарӣ гирифта, аз рӯйи ақидаи ботинии худ, ки ба ҳамаҷониба, пурра ва холисона дида баромадани ҳамаи ҳолатҳои парванда дар маҷмӯъ асоснок карда шудаанд, баҳо медиҳад.

Агар муфаттиш бо супоришҳои прокурор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, дар бораи муайян кардани банду басти ҷиноят ва ҳаҷми айбдорӣ, дар бораи фиристодани парванда барои ба суд додани айбдоршаванда ё дар бораи қатъ кардани парванда розӣ набошад, ҳуқуқ дорад, парвандаро ба прокурори болоӣ пешниҳод намуда, эродҳои худро ба таври хаттӣ баён намояд. Дар ин сурат прокурор ё супоришҳои прокурори поёниро бекор мекунад ё тафтиши ин парвандаро ба муфаттиши дигар месупорад (м. 168 КМҶ).

Муфаттиш оид ба парвандаҳои дар тобеияташ буда ҳуқуқ дорад ба мақомоти таҳқиқ дар бораи гузаронидани амалҳои ҷустуҷӯӣ ва тафтишӣ супоришу дастурҳо диҳад ва аз онҳо талаб кунад, ки дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишии ҷудогона кӯмак расонанд. Ин гуна супориш ва дастурҳои муфаттиш барои мақомоти таҳқиқ ҳатмист. Қарорҳоеро, ки муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятии тафтишкардаистодааш мувофиқи қонун баровардааст, ҳамаи идораю корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилот шахсони мансабдор ва шаҳрвандон бояд ҳатман иҷро намоянд (м. 39 КМҶ).

Мутобиқи м. 169 КМҶ агар парвандаи ҷиноятӣ мураккаб ё калонҳаҷм бошад, тафтиши пешакиашро ба гурӯҳи муфаттишон (гурӯҳи тафтишот) супоридан мумкин аст ва ин ҳолат дар қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ зикр мегардад ё қарори алоҳида қабул карда мешавад. Дар ин хусус прокурор, сардори воҳиди тафтишот ё роҳбари макомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ҳуқуқ доранд, қарор қабул кунанд. Дар қарор бояд ҳамаи муфаттишоне, ки пешбурди тафтиш ба онҳо супорида шудааст, аз он ҷумла роҳбари гурӯҳ нишон дода шаванд. Гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо бояд бо қарори тафтиши парванда аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон шинос карда, ҳуқуқи онҳо дар бораи рад намудани ҳар як муфаттиш аз ҳайати гурӯҳ фаҳмонда шавад.

Мутобиқи м. 164 КМҶ пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар муҳлати на дертар аз **ду моҳ** аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шавад.

Муҳлати тафтиши пешакӣ аз рӯзи оғози парванда ва то рӯзи ба прокурор равон кардани парванда бо фикри айбдоркунӣ ё қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ё то рӯзи баровардани қарори қатъи парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба муҳлати пешбурди тафтиши пешакӣ муддате, ки дар давоми он тафтиши пешакӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи КМҶ боздошта шуда буд, дохил карда намешавад.

Мутобиқи м. 165 КМҶ шаклҳои анҷоми тафтиши пешакӣ чунинанд:

а) баровардани фикри айбдорӣ ва ба суд фиристодани парвандаи ҷиноятӣ;

б) қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ;

в) ба суд фиристодани парвандаи ҷиноятӣ барои дида баромадани масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Пеш аз тартиб додани фикри айбдорӣ муфаттиш вазифадор аст, ки ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо ва айбдоршавандаро бо маводи парванда шинос кунад, агар онҳо дар ин хусус илтимос намуда бошанд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳум, моҳият ва вазифаҳои тафтишоти пешакиро шарҳ диҳед.
2. Шаклҳои тафтишоти пешакӣ: мафҳуми тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ.
3. Мақомоти тафтишотиро номбар намоед.
4. Мақомоти таҳқиқро номбар кунед.
5. Анҷом ва боздоштани таҳқиқ чӣ тавр сурат мегирад?
6. Хусусиятҳои пешбурди суръатноки парвандаи ҷиноятиро муайян созед.
7. Субъектоне, ки ҳуқуқи пешбурди тафтишотро доро мебошанд.
8. Кормандони оперативӣ ҳамчун таҳқиқбаранда.
9. Тафовути санҷиши пешакии ариза ва иттилоот аз тафтишот.
10. Хусусияти пешакӣ будани тафтишотро муайян созед.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**2.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**3.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**4.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.12.2012 с. таҳти № 925.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25.07.2005 с. таҳти № 100.

**6.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**7.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**8.** Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

**9.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**10.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**11.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

### Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**5.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**9.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**10.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**11.** Гаврилов Б.Я., Кузнецов А.Н. Производство дознания в сокращенной форме : научно-практическое пособие. – Воронеж, 2014.

**12.** Качалова О.В. Теоретические основы ускоренного производства в российском уголовном процессе. – М., 2015.

**13.** Качалова О.В. Виды ускоренного производства в российском уголовном процессе. – М., 2016.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**18.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**21.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**22.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**23.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**24.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**25.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**26.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

# БОБИ 16.
# ШАРТҲОИ УМУМИИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

## § 1. Мафҳум ва низоми шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ

Барои таъмини иҷрои вазифаҳои дар назди давраи тафтишоти пешакӣ вогузоршуда, қонун муқарраркроти муҳимеро пешбинӣ намудааст, ки таъинот ва мазмуни ин давраро ошкор намуда, талаботи умумии гузаронидани амалҳои мурофиавиро, ки риояи онҳо ҳангоми пешбурди ҳар кадом парвандаи ҷиноятӣ ҳатмӣ аст, муайян мекунад. Ин муқаррарот шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ номида шудааст.

**Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ** – ин муқаррароти дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мустаҳкамгардидае мебошад, ки моҳияти давраи мазкур ва, инчунин, талаботи муҳимеро, ки ба тартиби гузаронидани амалҳои мурофиавӣ ва қабули қарорҳо пешниҳод мегардад, муайян мекунад ва иҷрои вазифаҳои дар назди он истодаро таъмин месозад.

Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ қоидаҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо таъинот ва мазмуни соҳаҳои (институтҳои) алоҳидаи мурофиаи ҷиноятиро кушода медиҳанд, ки онҳо гузаронидани амалҳои тафтиширо бо мақсади муқаррар намудани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ таъмин менамоянд.

Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ чунин тартиби пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки он танҳо ба ҳамин давра хос аст. Ифода ёфтани принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишот дар якҷояги шартҳои умумии тафтишоти пешакиро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо сабабҳои зерин шартҳои умумӣ номида мешаванд:

1) ба фаъолияти мақомоте, ки тафтишоти пешакӣ мебаранд, пурра тааллуқ доранд;

2) ба ҳамаи қисмҳои давраи тафтишоти пешакӣ тааллуқ доранд;

3) ҳарчанд онҳо ифодаи принсипҳои умумии мурофиа бошанд ҳам, танҳо ба давраи тафтишоти пешакӣ хос буда, аҳамияти ҳалкунандаю муҳимро маҳз дар ҳамин давра мебозанд.

Дар амалия дуруст татбиқ кардани шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ ва қатъиян риоя намудани қонуният барои таъмин кардани вазифаҳои давраи тафтишоти пешакӣ ёрӣ мерасонанд. Моддаҳои КМҶ шартҳои умумии тафтишоти пешакиро муқаррар намуда, муфаттиш ва таҳқиқбарандаро бо чунин ҳуқуқҳо ваколатдор намудааст, ки ҳамаи ҷиноятҳои содиршударо ба зудӣ, ҳаматарафа, пурра ва объективона тафтиш намуда, барои дар суд ба гунаҳгор ҷазои сазовор татбиқ намудан далелҳои кофӣ ҷамъ оваранд.

Шартҳои умумии тафтиши пешакӣ дар боби 20 КМҶ мустаҳкам карда шудаанд. Азбаски меъёрҳои ҳамин боб бо баъзе истисно (муҳлатҳо, мустақилияти мурофиавӣ ва ғ.) таҳқиқро низ фаро мегиранд, дуруст аст, ки онҳо шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ номида шаванд.

Ба онҳо меъёрҳо оид ба масъалаҳои зерин дохил мешаванд:
– мақомоти тафтиши пешакӣ;
– пешбурди ҳатмии тафтиши пешакӣ;
– тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятӣ;
– маҳалли пешбурди тафтиши пешакӣ;
– оғози пешбурди тафтиши пешакӣ;
– мухлати пешбурди тафтиши пешакӣ;
– анҷоми тафтиши пешакӣ;
– якҷоя кардани парвандаҳои ҷиноятӣ;
– ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ ё мавод;
– барқарор намудани парвандаи ҷиноятӣ;
– ваколати прокурор оид ба назорати иҷрои қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ;
– пешбурди тафтиши пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон;
– ваколати роҳбарии гурӯҳи тафтишот;
– қоидаҳои умумии пешбурди амали тафтишӣ;
– протоколи амали тафтишӣ;
– тасдиқи воқеияти даст кашидан аз имзо ё ғайриимкон будани имзои протоколи амали тафтишӣ;
– ҳатмӣ будани фаҳмонидан ва таъмини ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;
– ҳатмӣ будани баррасии дархост;
– чораҳои парасторӣ нисбати кӯдак, мӯҳтоҷон ва ҳифзи молу мулки гумонбаршуда ё айбдоршаванда;
– норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ;
– пешниҳод оид ба рафъи ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат мекунанд;
– иштироки мутахассис, тарҷумон ва шахсони холис.

## § 2. Шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ

Ҳамаи парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбат ба онҳо тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад, дар асоси талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз рӯйи тобеияти тафтишиашон байни мақомоти тафтишотӣ тақсим карда мешаванд.

Ҳудудгузорӣ миёни салоҳияти мақомоти таҳқиқ ва муфаттишони мақомоти гуногун дар асоси қоидаҳои муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

**Тобеияти тафтишӣ** – ин маҷмӯи аломатҳои парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар вобастагӣ ба он мақомоте, ки ҳуқуқ ва вазифаи тафтиши парвандаи мазкурро дорад, муайян карда мешавад.

Чунин аломатҳои тобеияти тафтишӣ ҷудо карда мешаванд:
– предметӣ (гурӯҳӣ, қавмӣ);
– фардӣ (шахсӣ);
– алтернативӣ (омехта, якҷоя);
– маҳаллӣ (ҳудудӣ).

**Аломати предметӣ (гурӯҳӣ, қавмӣ)** тобеияти тафтиширо вобаста ба бандубасти ҷинояти содиркардашуда муайян мекунад. Моддаи 161 КМҶ номгӯйи ҷиноятҳоеро пешбинӣ намудааст, ки тафтиши онҳо ба салоҳияти муфаттишони ин ё он мақомот дахл дорад. Дар асоси ин аломат тафтиши пешакии ҷиноятҳои

нисбатан вазнин (одамкушӣ, одамрабоӣ, таҷовуз ба номус, ҳаракати бадахлоқона, ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ, генотсид ва ғайра) аз тарафи муфаттишони мақомоти прокуратура гузаронида мешаванд.

Аксарияти парвандаҳои ҷиноятӣ мувофиқи аломати предметӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ тафтиш карда мешаванд. Ин ҳам бошад, ҷиноятҳои бештар паҳнгардидаи муқобили саломатии шаҳрвандон; моликият; амнияти ҷамъиятӣ; тартиботи ҷамъиятӣ ва тартиби идоракунӣ; бехатарии ҳаракат ва истифодабарии нақлиёт ва ғайра.

Аломати предметӣ тобеияти тафтишии муфаттишони мақомоти амниятро пурра муайян месозад. Тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба терроризм, барангехтани кинаю адовати миллӣ, хиёнат ба давлат, бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, исёни мусаллаҳона, таҳрибкорӣ ва дигар ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва, инчунин, сулҳу амнияти инсоният аз тарафи муфаттишони мақомоти амният гузаронида мешавад.

Тафтиши ҳамаи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз тарафи муфаттишони мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад.

Бо аломати предметӣ тобеияти тафтишии мақомоти таҳқиқ низ, ки ҷиноятҳои дар м.161 КМҶ пешбинигардидаро тафтиш мекунанд, муайян карда мешавад.

**Аломати фардӣ** ё худ **шахсӣ** тобеияти тафтиширо вобаста ба хусусиятҳои субъекти ҷиноят, синну сол, вазъи саломатӣ, мавқеи хизматӣ ва ғайра муайян мекунад.

Тобеияти тафтишии фардӣ гуфта ин тобеияти тафтишии парвандаҳое мебошад, ки бо назардошти хусусиятҳои хоси шахси нисбати ӯ тафтишот гузаронидашуда, муайян карда мешавад. Ин гуна хусусиятҳо аз инҳо иборат мебошанд:

а) мансуб будани он ба категорияҳои шахсоне, ки нисбати онҳо КМҶ тартиби махсуси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ, баррасии судии онро муқаррар намудааст;

б) тааллуқ доштан шахси мансабдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

в) тааллуқ доштани шахс ба Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон;

г) дар шахс мавҷуд будани касалии руҳӣ, ки он шакли тафтиши пешакии махсусро талаб мекунад.

КМҶ тобеияти тафтишии фардиро бо парвандаҳои алоқаманд ба ҷиноятҳои ноболиғон муқаррар накардааст. Дар фарқият бо КМҶ пешина, КМҶ амалкунанда оид ба ҷиноятҳои ноболиғон вобаста ба тобеияти тафтишии гурӯҳӣ имконияти гузаронидани тафтиши пешакиро пешбинӣ мекунад.

Чунончӣ, тафтиши пешакиро аз рӯйи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки аз тарафи ноболиғон ё шахсоне содир шудаанд, ки бинобар ноқисии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҳуқуқи ҳимояи худро ба амал бароварда наметавонанд, муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ мегузаронанд.

Аз рӯйи аломати шахсӣ тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки аз тарафи судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон ё шахсони мансабдори мақомоти корҳои дохилӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва гумрук, Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда шудаанд, инчунин, нисбати онҳо ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ содир гардидаанд, ба истиснои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба тобеияти тафтишии муфаттишони прокуратура дохил мешавад.

Тафтиши пешакии парвандаҳоро оид ба ҷиноятҳое, ки аз тарафи хизматчиёни ҳарбӣ, шахси уҳдадори ҳарбӣ, ки ба тадорукоти ҳарбӣ даъват мешаванд, инчунин, аз ҳайати ғайриҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба адои вазифаи хизматӣ ё дар ҳудуди қисми ҳарбӣ содир гаштаанд, агар кирдорҳои содиркардаи онҳо хусусияти коррупсионӣ надошта, аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ошкор нагардида бошад, муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ мегузаронанд.

**Аломати алтернативӣ (омехта, якҷоя)** тобеияти тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти гуногун гузаронида шудани тафтиши пешакиро оид ба ҳамон як категорияи ҷиноят иҷозат медиҳад.

Тобеияти тафтишии алтернативӣ гуфта, ин тобеияти тафтишии парвандаҳо оид ба як ҷиноятҳо ба муфаттишони мақомоти гуногун фаҳмида мешавад. Мушкилоти муайян намудани тобеияти тафтишии алтернативӣ бо он сабаб пайдо мешавад, ки парвандаҳо оид ба баъзе ҷиноятҳо аз рӯйи қоидаи тобеияти тафтишии предметӣ-гурӯҳӣ ба ваколати якчанд муфаттишон дохил карда шудаанд. Масалан парвандаҳо оид ба баъзе ҷиноятҳо (м. 287-290, 298-304 КҶ) ба тобеияти тафтишии муфаттишони мақомоти прокуратура ва мақомоти корҳои дохила, қисми дигари он ба муфаттишони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тааллуқ доранд. Талаботи муайянкунанда оид ба кадом муфаттиш дар ин ҳолатҳо пешбурди тафтиши пешакӣ супорида шуданаш дар рафти додани ҷавобҳо ба ду саволи зерин муайян карда мешавад:

1) аз ҷониби кадом муфаттиш ҷинояти дорои тобеияти тафтишии алтернативӣ (омехта, якҷоя) ошкор шудааст.

2) кадом муфаттиш парвандаи ҷиноятиро тафтиш мебурд, ки бо сабаби он парвандаи ҷиняотии дорои тобеияти тафтишии алтернативӣ оғоз карда шудааст.

Чунончӣ, парвандаҳо оид ба қочоқ (м. 289 КҶ) ба тобеияти тафтишии муфаттишони мақомоти прокуратура, амният ва корҳои дохилӣ тааллуқ дорад. Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вобаста ба муомилаи ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ (м.м. 200-201 КҶ) аз тарафи муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Парвандаҳо оид ба аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ (м. 287 КҶ) ба муфаттишони мақомоти прокуратура, амният ва корҳои дохилӣ тобеияти тафтишӣ дорад. Мувофиқи аломати алтернативӣ тафтиши пешакиро оид ба ҳамин парвандаҳо муфаттиши ҳамон мақомоте, ки парвандаи ҷиноятиро оғоз намудааст, мегузаронад.

Агар ҳангоми тафтиши дигар ҷиноятҳое, ки ба муфаттишони мақомоти амният тобеияти тафтишӣ доранд, ҷиноятҳои дигари ба онҳо алоқаманд (сӯиистифода аз ваколати мансабӣ, баромадан аз ҳадди ваколати мансабӣ, гирифтан ё додани пора, иғвои порадиҳӣ) ошкор гарданд, тафтиши пешакии ин парвандаҳо низ аз тарафи муфаттишони ҳамин мақомот гузаронида мешавад. Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м. 314 (сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ); 316 (баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ); 340 (сохтакории ҳуҷҷатҳо); 346 (дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ); 347 (хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он ); 352 (саркашӣ аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод, хулоса ё тарҷума кардан); 353 (ришвадиҳӣ ё маҷбур кардан барои додани баёноти бардурӯғ, хулосаи бардурӯғ ё тарҷумаи нодуруст) КҶ пешбинишуда низ аз тарафи муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ гузаро-

нида мешаванд, дар сурате, ки онҳо бо тафтиши дигар парвандаҳои ҷиноятие, ки тобеияти ин мақомот мебошанд, алоқаманд бошанд.

Мувофиқи аломати алтернативӣ тобеияти тафтишии ҷиноятҳои ба истилоҳ ҳамроҳикунанда, масалан ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (м. 165 КҶ) ва ғайра муайян карда мешавад. Тафтиши пешакии чунин парвандаҳо аз тарафи муфаттишони мақомоте, ки ба тобеияташ парвандаи ҷиноятии асосӣ дохил аст, гузаронида мешавад.

Прокурор бо мақсади пурра, ҳаматарафа ва объективона гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ новобаста аз тобеияти тафтишӣ, тибқи м. 168 КМҶ метавонад ҳар як парвандаи ҷиноятиро таҳти тафтиши мақомоти прокуратура гирад. Инчунин, прокурор ҳуқуқ дорад, ҳар як парвандаи ҷиноятиро, ба истиснои парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, аз як мақомоти таҳқиқ ё тафтиш ба дигараш диҳад.

Дар мавриди муқовимати аломатҳои предметӣ ва фардӣ бояд афзалият ба аломати фардии тобеияти тафтишӣ дода шавад. Масалан, агар ҷиноят ба муфаттиши мақомоти корҳои дохилӣ тобеияти тафтишӣ дошта бошаду, лекин он аз ҷониби гурӯҳи ашхосе содир шуда бошад, ки яке аз онҳо хизматчии ҳарбӣ аст, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бояд аз тарафи муфаттиши прокуратураи ҳарбӣ гузаронида шавад.

**Аломати маҳаллӣ (ҳудудӣ)** имконият медиҳад, ки тобеияти тафтишӣ миёни мақомоти ҳамноми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар ҳудуди маҳалле, ки онҳо фаъолият менамоянд, фарқ карда шавад. Аломати маҳаллӣ (ҳудудӣ) тобеияти тафтиширо аз рӯйи ҷойи содиркунии ҷиноят муайян мекунад. Чун қоида, тафтиши пешакӣ дар ҳамон маҳалле, ки дар он ҷиноят содир карда шудааст, гузаронида мешавад. Бо мақсади зудтар, объективона ва пурра тафтиш кардан онро дар ҷойи ошкор шудани ҷиноят, инчунин, дар ҷойи истиқомати шахси гумонбаршуда, айбдоршаванда ё аксарияти шоҳидон гузаронидан мумкин аст.

Агар дар маҳалли дигар гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё ҷустуҷӯӣ зарур шавад, муфаттиш ҳуқуқ дорад, онро шахсан худаш гузаронад ё гузаронидани ин амалҳоро ба муфаттиш ё мақомоти дахлдори таҳқиқ супорад. Муфаттиш ҳуқуқ дорад гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба мақомоти таҳқиқи маҳалли тафтиши пешакӣ ё маҳалли пешбурди он супорад. Супориши муфаттиш бояд дар муҳлати на зиёда аз *понздаҳ шабонарӯз* иҷро карда шавад. Чунин супориш ***супориши алоҳида*** ном дорад. Вай ба намуди мактуб тартиб дода шуда, дар он ҳолатҳои асосии ҷинояти содиршуда дарҷ гардида, кадом амали мушаххас бояд гузаронида шавад, нишон дода мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ, барои он ки мақомоти иҷрокунандаи супориш тавонад аз рӯйи он оид ба ҳамаи ҳолатҳои парвандаи тафтишшаванда маълумоти дуруст дошта бошад, ба супориши алоҳида нусхаҳои протоколҳои амалҳои тафтишӣ (азназаргузаронӣ, кофтуков, пурсиш ва ғайраҳо) замима карда мешаванд.

Ҳангоми муқаррар кардани тобеияти тафтишӣ бояд аломатҳои аниқи парвандаи ҷиноятиро ба назар гирифт.

Масъалаи муайян кардани тобеияти тафтишӣ, чун қоида, ҳангоми оғоз кардаи парвандаи ҷиноятӣ ва ё дар рафти тафтиш, агар, масалан, ҳолатҳои нави ба бандубасти ҷиноят таъсиррасонанда муқаррар карда шаванд, пайдо мешаванд.

Бинобар ин қонун то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ муайян кардани тобеияти тафтишии маводро оид ба ҷинояти содиршуда истисно намекунад. Дар м. 145 КМҶ қайд карда шудааст, ки аз рӯйи тобеияти тафтишӣ супоридани ариза ва ё маълумот дар бораи ҷиноят то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ имконпазир аст.

**Тартиби аз рӯйи тобеияти тафтишӣ супоридани парвандаи ҷиноятӣ** чунин аст: агар муфаттиш муқаррар намояд, ки парвандаи мазкур ба тафтиши ӯ тобеъ нест, вай вазифадор аст, ки ҳамаи амалҳои таъхирнопазири тафтиширо гузаронида, баъд аз он парвандаро барои фиристодан аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ба прокурор супорад. Масъалаи тобеияти тафтишии парвандаро прокурори минтақае, ки тафтиш сар шудааст, ҳал мекунад. Зимнан, баҳсҳо оид ба тобеияти тафтишӣ қобили қабул нестанд. Супориши прокурор дар хусуси парвандаро тафтиш кардани муфаттиши ҳамин ноҳия ҳатмӣ мебошад.

**Маҳалли пешбурди тафтиши пешакӣ**

Моддаи 162 КМҶ қоидаи тобеияти тафтишии маҳаллӣ, ҳудудиро муқаррар мекунад. Тибқи коидаҳои умумии тафтишоти пешакӣ, шакли таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ дар маҳалли ҷиноят содиргардида сурат мегирад, ноҳия, вилоят, ки дар он ҷо содир шудааст. Вале ин қоида як қатор истисноҳо дорад.

Дар ҳолатҳое, ки зарурияти гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё кофтуковӣ берун аз минтақаи ҳудуди муқарраршуда ба миён ояд (масалан: вақте, ки шахси дар дигар ноҳия ё вилоят зиндагӣ мекардаро пурсидан лозим мебошад) муфаттиш ё таҳқиқбаранда ҳуқуқи ба ноҳия ё он вилоят рафта пурсиш намудани ӯро доранд. Инчунин дигар усули иҷрои ин ҳолатро фарз менамоем, ки мазмуни он ба муфаттиш ва ё таҳқиқбарандаи дигар ноҳия ё вилоят равон намудани супориши алоҳида оид ба гузаронидани ин ё он амалҳои тафтишӣ ё ин, ки кофтуковӣ иборат мебошад. Ҳангоми мавҷуд будани зарурият оид ба иҷозат додани суд (санксия) барои гузаронидани амалҳои мурофиавӣ дар асоси супориши алоҳидаи равонмеирсолшуда, ба он бояд қарори дахлдори муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо дархост ба суд, ки судяи пешина ба он иҷозат додааст, ҳамроҳ карда шавад. Муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда супориши алоҳидаро қабул намуда, уҳдадор аст онро дар муҳлати 15 шабонарӯз иҷро намояд.

Агар ҷиноят аз якчанд лаҳзаҳо иборат бошад, ки онҳо дар ҳудудҳои маъмурии гуногун содир шудаанд, қарори оид ба ҷойи гузаронидани тафтишотро роҳбари болоистодаи мақомоти тафтишотӣ бо назардошти дар кадом маҳал, ноҳия ҷой доштани ҷинояти вазнинтарини содиршуда ва ё дар он маҳал ҷой доштани қисмати зиёди ҷиноятҳо прокурори маҳалли оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ ҳал мекунад. Вай инчунин масъалаи супоридани парвандаи ҷиноятиро барои пешбурди тафтиши минбаъда ба дигар вилоят ва ё ноҳия ҳал мекунад.

Чунин ҳолат ҳам ба миён омаданаш имкон дорад, ки ҳодисаи содир шудани ҷиноят ошкор шудааст, вале ҷойи содиршавии ҷиноят маълум нест, (масалан дар қатораи боркаш, ки аз ҳудуди якчанд вилоят гузаштааст, ҷасади роҳбалад бо ҷароҳати силоҳи оташфишон ёфта гирифта шудааст). Дар ин ҳолатҳо тафтиши парванда аз ҷойи ошкор гардидани ҷасад оғоз ва пеш бурда мешавад, вале баъди ошкор шудани ҷойи содиршавии ҷиноят парвандаро мумкин аст аз рӯйи тобеияти тафтишӣ супорида шавад. Ба тариқи истисно тафтиши пешакӣ мумкин аст, ки берун аз ҳудуди нуқтаи аҳолинишине, ки дар он утоқи таҳқиқбаранда ва ё муфаттиш ҷойгир аст, бурда шавад, махсусан дар он нуқтаи аҳолинишине, ки дар он айбдоршаванда ва қисми зиёди шоҳидон зиндагӣ мекунанд.

Аз тартиби умумии муқарраршудаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ чунин гузашт намудан ба шарте мақсаднок мебошад, ки агар он тафтиши пурра, ҳаматарафа ва холисонаи парвандаро бо иҷро намудани муҳлатҳои мурофиавӣ таъмин намояд.

## Оғози пешбурди тафтиши пешакӣ

Пешбурди тафтиши пешакӣ як давраи алоҳидаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки он аз рӯйи маҳдуд будани ҳудуди вақти худ аз дигар давраҳои якҷояи тафтишотӣ ҷудо мебошад. Муҳлати тафтиш аз лаҳзаи аз ҷониби таҳқиқбаранда ё муфаттиш оғоз карда шудани парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, он ба гузаштан сар мекунад.

Агар парвандаро шахси мансабдор (роҳбари шуъбаи тафтишотӣ, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда) оғоз карда бошад, ки тафтиши онро худаш пеш мебарад, бояд дар қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қайд карда шавад, ки пешбурди парвандаро ба уҳдаи худаш мегирад. Агар парвандаро як шахси мансабдор, масалан муфаттиш ё таҳқиқбаранда оғоз намуда, тафтиши он ба дигар шахси мансабдор, дигар муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда супорида шуда бошад ин шахсон қарори алоҳида оид ба пешбурди худ қабул намудани парвандаро мебароранд ва дар он асоси қабул намудани парвандаро (аз ҷумла тибқи тобеияти тафтишии парвандаи мазкур, супориши роҳбари шуъбаи тафтишотӣ ва ё прокурор, ки дар асоси талаботи м.м. 38 ва 168 КМҶ дода шудааст) дарҷ менамоянд.

Равон намудани нусхаҳои қарори муфаттиш ва таҳқиқбаранда оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ба пешбурд қабул намудан ба прокурор имконияти бурдани назорати самаранокро аз болои рафти тафтиши ин парвандаҳо фароҳам меорад.

Ба пешбурди худ қабул намудани парвандаи ҷиноятиро ҳамчун як санади расмӣ эътироф намудан ин амали нодуруст мебошад, ки бо чунин асосҳо тасдиқи худро меёбад:

1) ин ҳолат маънои онро дорад, ки муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба пуррагӣ ҳуқуқи ба амал баровардани ваколаташро барои гузаронидани амалҳои мурофиавӣ инчунин, тафтишӣ иҷро намояд.

2) онро нишон медиҳад, ки тафтишро шахси мансабдори барои ҷамъ намудани далелҳо ваколатдор амалӣ менамояд. Ҳангоми дар парванда мавҷуд набудани қарор оид ба пешбурди худ қабул намудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳамаи далелҳои дар рафти тафтиши пешакӣ ҷамъовардашуда беэътибор дониста мешаванд.

## Муҳлати тафтиши пешакӣ

Яке аз вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зуд ва пурра ошкор кардани ҷиноятҳо мебошад. Иҷрои ин вазифа аз бисёр ҷиҳат бо муқаррар намудани муҳлатҳои қатъии тафтиши пешакӣ дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ таъмин карда мешавад.

Натиҷаи хуби тафтишоти пешакӣ аз тафтиши суръатнок ва тибқи нақша пеш бурдани парвандаи ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Бе нақша гузаронидани тафтиш ва бо ин сабаб суст ва бетартибона пеш бурдани он махсусан хатарнок мебошад, зеро ин ҳолат сабаби нест шудани из ва нишону пайҳои ҷойи ҳодиса (ҳам дар объектҳои ашёҳои моддӣ ва ҳам ақлонӣ – хотираи одамон) ва барои худи одамони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашаванда, лаҳзаҳои ногувореро ба миён меорад. Аз ҳамин сабаб КМҶ амалкунанда, чорчӯбаи муайяни вақтии фаъолияти муфаттишро муқаррар кардааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати ташкили дурусти дар асоси нақша ба роҳ монда шудани тафтиш барои гузаронидани санҷиши ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор муҳлати ду моҳа кифоя мебошад. Вале қонун имконияти дароз намудани муҳлатро дар рафти тафтишот пайдо шудани зарурият, ки дар муҳлати муқарраршуда ба итмом расонидани парвандаро ғайримкон мегардонад, (масалан бисёрлаҳза будани ҷиноят, пайдо намудани

ҳолатҳои нав, дар мӯҳлатҳои тӯлонӣ гузаронидани ташхисҳо ва ғайра) дар худ нигоҳ доштааст. Дар фарқият нисбати дароз намудани мӯҳлати нигоҳ доштани айбдоршаванда дар ҳабс, ки аз ҷониби суд амалӣ мегардад (м. 112 КМҶ), мӯҳлати тафтиши пешакӣ аз ҷониби роҳбари мақомоти тафтишии дараҷаи дахлдор дароз карда мешавад. Мисол, мӯҳлати ду моҳаи тафтиши пешакиро прокурори шаҳр, ноҳия ва гарнизони ҳарбӣ ҳуқуқи дароз кардан дорад. КМҶ ваколати онҳоро муайян намуда, имконияти аз ҷониби онҳо дароз намудани мӯҳлатро то 6 моҳ муқаррар кардааст.

Мувофиқи м. 164 КМҶ тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ бояд дар **мӯҳлати ду моҳ** тамом карда шавад. Ба мӯҳлатҳои тӯлонитар дароз намудани мӯҳлати тафтиши пешакӣ прокурорҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе то 1 сол ҳуқуқ доранд. Ҳамин мӯҳлат ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тафтиш бурда мешаванд, тааллуқ дорад, ки дароз намудани мӯҳлати онҳо ваколати муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Асоси ин ҳолат дар ин ноҳияҳо пеш бурда шудани тафтиши парвандаҳои махсусан мураккаб ифода меёбад. Дар ин ҷо зиёд будани шумораи айбдоршавандагон, сершумор будани мухолифатҳо дар нишондодҳо, зарурияти гузаронидани ташхис ва ревизияҳои мураккаби ҳаҷман душвор ва ҳолатҳои дигар фаҳмида мешавад.

Вале бояд қайд намуд, ки баъди сипарӣ шудани мӯҳлати 1 солаи тафтиш, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ мумкин аст мӯҳлат аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дароз карда шавад. Ба ин ҳолатҳо дохил мешаванд, ҳолатҳои исботкунии алоқаманд бо парвандаҳои ҷиноятии мураккаб ва бисёрлаҳза, ҳангоми набудани имконияти ба суд додани он, бо сабаби дароз кашида шудани шиносшавии иштирокчиёни мурофиа бо маводи парванда, баррасии дархостҳои онҳо ва ғайра. Дар ин ҳолат қонун дар фарқият бо мӯҳлати нигоҳ доштани шахс дар ҳабс, мӯҳлати ниҳоии тафтиши пешакии аз ҷониби шахсони дахлдори мансабдор чандин маротиба дароз карда шударо муқаррар накардааст.

Ин мӯҳлат аз даврае иборат аст, ки дар давоми он парванда оғоз карда шуда, он бо ҳамроҳии фикри айбдоркунӣ ё қарор оид ба супоридани парванда ба суд барои дида баромадани масъалаи татбиқ кардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ба прокурор фиристода мешавад, ё парванда қатъ карда ё муваққатан боздошта мешавад. Ҳангоми ба ҳисоб гирифтани мӯҳлати тафтиш вақти бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шудани айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ ба инобат гирифта намешавад.

Мӯҳлати таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист, **даҳ шабонарӯз** аст (м.153 КМҶ). Ин мӯҳлат дароз карда намешавад.

Мӯҳлати таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, **понздаҳ шабонарӯз** мебошад (м.154 КМҶ). Ин мӯҳлатро прокуроре, ки бевосита аз болои таҳқиқ назорат мекунад, на зиёда аз **понздаҳ шабонарӯз** дароз карда метавонад. Дар мавридҳои истисноӣ мумкин аст, ки мӯҳлати гузаронидани таҳқиқи парванда мувофиқи қоидаҳои барои дароз кардани тафтиши пешакӣ муқарраркардашуда дароз карда шавад.

Агар зарурияти дароз кардани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ ба миён ояд, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки дар ин бора қарори ваҷҳнок баровarda, онро то тамом шудани мӯҳлати тафтишот ба прокурори дахлдор супоранд.

Дар қарор бояд нишон дода шаванд: ҳолатҳои парванда; далелҳое, ки ҳодисаи ҷиноят ва гунаҳгор будани айбдоршавандаро исбот мекунанд; таърихи

оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, эълони айбдорӣ, интихоби чораи пешгирӣ; сабабҳое, ки мувофиқи онҳо дар муҳлати муқарраршуда тамом кардани тафтиши парванда имконнопазир аст; амалҳои тафтишие, ки гузаронидан зарур аст ва муҳлате, ки барои он талаб карда мешавад.

**Анҷоми тафтиши пешакӣ**

КМҶ се намуди гуногуни анҷоми тафтиши пешакиро ва мутақобилан се шакли анҷоми таҳқиқро пешбинӣ кардааст:

А) тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ бо сабаби қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ ба охир мерасад.

Б) тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ бо тартиб додани фикри айбдорӣ бо равон намудани он ба прокурор ба охир мерасад. Дар ин ҳолатҳо ҷой доштани парвандаҳо барои омӯзиш ва тасдиқи санади охирини тафтиши пешакӣ ҳамчун қисмати ба итмомрасии он фаҳмида мешавад.

В) бо парвандаҳои оид ба чораи маҷбуркунии хусусияти тиббӣ дошта бо омода намудани қарори муфаттиш оид ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ ё ин, ки ирсол намудани парванда ба суд барои қабул намудани чораҳои маҷбуркунии хусусияти тиббӣ дошта ба охир мерасад (м. 445 КМҶ). Аз рӯйи ин намуди парвандаҳо таҳқиқ бурда намешавад. Санади ба анҷом расидани тафтиши пешакӣ маънои онро дорад, ки бо парванда далелҳои лозимии кофӣ ҷамъовардашуда, мавриди таҳқиқ ва санҷиш қарор додашуда, ҳолатҳои исботшаванда пурра муайян карда шудаанд.

Муфаттиш ва таҳқиқбаранда тафтиши пешакиро ба анҷом расонида ҳуқуқи қабул намудани чораҳои пешгириро (профилактикӣ) оид ба имконияти минбаъд содир нашудани чунин ҷиноятҳоро дорад. Бо ин мақсад дар рафти тафтиш ҳолатҳои барои содиршавии ҷиноят сабаб гаштаро муайян намуда (масалан нисбати шахсоне, ки пеш суд шудаанд; беназоратии ноболиғон ва ғайра), муфаттиш ва таҳқиқбаранда ба ташкилоту муассисаҳои дахлдор ва ё шахси мансабдор пешниҳод оид ба бартараф намудани ҳолатҳое, ки сабабгори содиршавии ҷиноят гаштаанд, ирсол менамояд.

Пешниҳод набояд мазмуни нишондоди хаттиро дошта бошад, чунки он таклифи бартараф намудани шарту шароит ва сабабҳои содир гардидани ҷиноятро дар бар мегирад. Дар он бояд ҳолатҳои барои содир шудани ҷиноят сабабгашта, аз рӯйи имконият бо нишон додани далелҳои бебаҳс ва пешниҳоди асоснок оид ба бартараф намудани ҳолатҳои ошкоршуда ва ё вайрон кардани қонун пурра дарҷ карда шаванд. Ин таклифҳо бояд мазмуни амалӣ дошта ба фаъолияти хоҷагии ин ё он ташкилот дахлдор набошад.

Ташкилот ва ё шахси мансабдор пешниҳоди муфаттиш ё таҳқиқбарандаро гирифта уҳдадоранд, ки дар муҳлати 1 моҳа онро амалан мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба чораҳои қабулнамудаашон ба муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда хабар расонанд.

**Якҷоя ва ҷудо кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ё мавод. Барқарор намудани парвандаи ҷиноятӣ**

Барои таъмини тафтиши зуд, ҳаматарафа ва пурраи ҳолатҳои парванда қонун имконияти якҷоя ва ҷудо кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва ё мавод пешбинӣ намудааст.

Яке аз шартҳои асосии тафтиши пешакӣ ин муайян намудани ҳаҷми дурусти тафтишот мебошад. Ба ин қоидаҳои якҷоя ва ҷудо намудан парвандаҳои ҷиноятӣ

вобастагии зич дорад. Талаботи пешбурди пурраю холисонаи парванда, зарурияти дар як пешбурд пеш бурдани ду ва зиёда парвандаҳои ҷиноятиро ба миён меорад, ки кирдорҳои айбдоршавандагон бо ин парвандаҳо бо ҳам алоқамандии зич доранд. Дар ин ҳолатҳо дар алоҳидагӣ тафтиш намудан, ҳатто агар аз ҷониби як муфаттиш бурда шавад ҳам, душвориҳои зиёдеро ба миён меорад. Мисол, ҳамиштирокчиёни ҷиноят гуноҳро ба якдигар ҳавола мекунанд, ки дар ин ҳолат зиддиятҳои дар нишондодҳои онҳо ҷойдоштаро дар алоҳидагӣ бартараф намудан тамоман ғайримкон мегардад. Ҳолати баҳо додани сабабҳои инкишоф ва рушди фаъолияти ҷиноятиро дар намуди лаҳзаи гузаштани шахс аз содир намудани як ҷиноят ба ҷинояти дигар ғайримкон мегардад.

КМҶ ба таври аниқ асосҳои дар як парванда муттаҳид намудани якчанд парвандаҳоро муқаррар намудааст (м.166 КМҶ):

а) аз ҷониби якчанд шахсон содир шудани ҷиноят дар ҳамиштирокӣ (дар ин ҷо дар назар дошта мешавад, тамоми намудҳои ҳамиштирокӣ ва ҳамиштирокчиён);

б) аз ҷониби як шахс содир намудани якчанд ҷиноят (дар ин ҳолат қонун ба як гурӯҳ тааллуқ доштани ин ҷиноятҳоро талаб намекунад);

в) аз ҷониби шахс пинҳон карда шудани содир шудани ҷиноят, ки ӯ пештар пинҳон нигоҳ доштани онро ваъда надодааст ва тафтиш бо ин парванда бурда шуда истодааст (пешакӣ додани ваъдаи пинҳон намудани ҷиноят аз ҷониби қонун ҳамчун ҳамиштирокӣ дар ҷиноят баҳо дода мешавад).

Омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки масъала оид ба якҷоя кардани парвандаҳо дар баъзе мавридҳо аз ҳолатҳои мушаххаси ҷинояти содиршуда вобастагӣ дорад. Ба қатори онҳо парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки ин ҷиноятҳо аз тарафи шахсони гуногун бе ҳамшарикӣ содир карда шудаанд, вале ҳаракати ин шахсон ҳангоми содиркунӣ бо ҳам алоқаманд будаанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1) парвандаҳо оид ба айбдоркунии хусусӣ дар мавриди мавҷуд будани шикояти мутақобил;

2) парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои беэҳтиётии калонсолон (масалан, ҳангоми нигоҳ доштани силоҳи оташфишон), ки ба ноболиғон имконияти содир кардани ҷиноятро додааст;

3) парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои беэҳтиётии якчанд шахс, ки ба фаророасии оқибати умумӣ оварда расонидааст (вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати нақлиёт ва ғайраҳо).

Ҳарчанде, ки КМҶ талаб намекунад, ки шахсони ҷиноят содирнамудае, ки парвандаҳои онҳо дар як пешбурд якҷоя карда мешаванд, бояд пешакӣ айбдоршаванда эътироф шуда бошанд (ба ғайр аз шахсони содиршавии ҷиноятро пинҳон намуда) мақсаднок аст, ки ба ҳамиштирокчиён ва шахсони якчанд ҷиноят содирнамуда то лаҳзаи дар як пешбурд ҳамроҳ намудани парвандаҳо айб эълон карда шуда бошад. Барои якҷоя намудани парвандаҳо ҳолатҳои ҷой надоштани алоқаҳои зикршуда, масалан: ҳангоме, ки ҷиноят аз ҷониби шахсони гуногун бе ҳамиштирокӣ, вале дар як ҷой (объект) дар як вақт бо сӯиқасд ба он объект содир шудааст, асоси якҷоя намудани парвандаҳо дар як пешбурд шуда наметавонад.

Қонун ба таври пурра асосҳои якҷоя кардани парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ намуда, лекин талаб накардааст, ки дар ҳар кадом маврид он бояд ҳатман иҷро карда шавад. Ин ҷо сухан танҳо дар бораи имконияти якҷоя кардан меравад, агар он барои тадқиқи пурраи ҳолатҳои парванда ва баровардани қарори дуруст зарур бошад.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар мекунад, ки якҷоя намудани парвандаҳо бо қарори прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ё ин, ки қарори суд амалӣ мегардад. Дар мазмуни қарор бояд мавҷуд будани асосҳои ҷойдоштани ҳолатҳоро барои якҷоя кардан, номгӯйи парвандаҳои якҷояшаванда бо қайд намудани ҳаҷми ҳар яки онҳо дарҷ карда шавад. Агар парвандаҳои якҷояшаванда аз рӯйи тобеияти тафтишии худ ба мақомоти гуногун дахл дошта бошанд, дар ин ҳолат тобеияти тафтишии парвандаҳои якҷоя кардашударо прокурор муайян мекунад.

Дар қонун қоидаҳои ҳисоб кардани мӯҳлати пешбурд бо парвандаҳои якҷоя кардашуда муқаррар карда шудааст. Мӯҳлати тафтиш аз лаҳзаи якҷоя кардани парвандаҳо ҳисоб карда нашуда, аз лаҳзаи оғоз шудани парвандаҳои ҷиноятие сар мешавад, ки мӯҳлати тафтиши он нисбатан бардавом мебошад ва мувофиқан дароз кардани мӯҳлат дар лаҳзаи ба итмом расидани мӯҳлати ин парванда дароз карда мешавад бо дигар парвандаҳои ҷиноятӣ мӯҳлати пешбурди онҳо ба ҳисоб гирифта нашуда, дароз карда намешаванд.

**Ҷудо кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ё мавод** танҳо дар мавридҳои зарурӣ мумкин аст, агар ин ба ҳамаҷониба, пурра ва объективона тафтиш намудан ва ҳал кардани парванда зарар нарасонад.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зарурӣ қисми онро нисбат ба шахсони зерин ба пешбурди алоҳида ҷудо кунанд (м. 167 КМҶ):

– айбдоршавандае, ки маҳалли зисташ номаълум аст;

– айбдоршавандае, ки ба бемории вазнин гирифтор аст;

– айбдоршавандаи ноболиғ, ки дар як парвандаи ҷиноятӣ якҷоя бо шахси болиғ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст. Дар ин ҳолат мақсади ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ – ин аз байн бардоштани таъсири шахси калонсоли ҳамиштирокчии ҷиноят ба ноболиғ мебошад (дар амалия дар бисёр ҳолат ташкилкунандаи ҷиноят шахси калонсол мебошад), лекин ҳаминро бояд дар назар дошт, ки дар ин ҳолат ҳангоми муайян кардани ҳисса ва нақши ҳар як ҳамиштирокчии ҷиноят душвориҳо ба миён меояд.

Ҳолатҳои номбаршуда барои муфаттиш фақат ҳуқуқи ҷудо кардани парвандаро медиҳад, ки вай метавонад бо сабаби ғайри мақсаднок буданаш аз он истифода набарад.

Ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда, қонун якҷоя намудани парвандаҳои бисёрлаҳзаро бо назардошти муқаррароти қонун дар бораи тобеияти судии парвандаи ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқ доранд ҳангоми нисбат ба шахси алоҳида ба баъзе ҳолатҳои айбдоркунӣ кифоя эътироф кардани далелҳои ҷамъоваришуда барои тартиб додани фикри айбдоркунӣ ва ба суд фиристодани парванда доир ба ҳамин ҳолатҳо қарор қабул намоянд. Қарор дар бораи ҷудо кардан ва тафтиши парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дигар (лаҳзаҳо) мутобиқи КМҶ қабул карда мешавад. Ҷудо кардани парванда ба шарте мумкин аст, ки он ба тафтиши ҳамаҷониба ва холисонаи парвандаи таҳти пешбурд қарордошта таъсир нарасонад. Қонун таъкид мекунад, ки ҷудо кардани ин парвандаҳо ба пешбурди алоҳида дар он ҳолат ҷой дошта метавонад, ки агар ин амал ба тафтиши пурра, ҳаматарафа ва холисонаи парванда таъсир нарасонад.

Парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷинояти шахси дигар содиркардае, ки дар ҷараёни тафтиши ҷиноят маълум гардида, ба кирдори оид ба парвандаи тафтишшаванда марбути айбдоршаванда донисташуда алоқаманд нест, бояд барои пешбурди алоҳида ҷудо карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо аз парвандаи ҷиноятӣ маво-

де, ки барои оғоз кардан ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷинояти ошкоршуда зарур мебошад, ҷудо карда шуданаш мумкин аст.

Қарор оид ба ҷудо кардани парванда ба қисмати алоҳида аз ҷониби муфаттиш ва таҳқиқбаранда мумкин аст мустақилона бе маслиҳат намудан бо роҳбари тафтишот қабул гардад. Дар он бояд қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ҷинояти нав ва ё шахси нав агар пештар оғоз нашуда, мавҷуд бошад. Дар ин ҷо ҳолатҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар рафти тафтиши парвандаи асосӣ бо он лаҳзаҳои нав ошкор мегарданд (масалан аз ҷониби як шахс ва ё дар ҳамиштирокӣ содир шуда бошанд). Дар дигар ҳолатҳо оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ талаб карда намешавад.

Ба ғайр аз ин дар қарор ҳодисаи парвандаи ҷудошаванда, ному насаби айбдоршаванда, миқдори варақаҳо нишон дода мешаванд. Дар парвандаи ҷудошаванда ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мурофиавии асосӣ инчунин бояд нусхаи ҳуҷҷатҳои дар дигар парвандаҳо монда, ҳамроҳ карда шаванд, ки ба сифати далел ба парвандаи ҷудошуда зарур мебошанд (масалан протоколи пурсишҳо оид ба дар ҳамиштирокӣ содир шудани ҷиноят, оид ба ҳиссаи ҳар як ҳамиштирокчӣ дар ҷинояти содиршуда ва ғайра). Нусхаи ҳуҷҷатҳо бояд бо имзои муфаттиш, таҳқиқбаранда тасдиқ гардида, мӯҳри мақомоти дахлдор дар он гузошта мешавад.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои аслӣ ва нусхаҳои он ки дар парвандаи ҷудошуда мавҷуданд ба сифати далел эътироф мешавад, яъне барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки дар ин ҳуҷҷатҳо дарҷ гардидаанд ва онҳо бояд мавриди исбот намудан қарор дода шаванд.

Ҳисоб намудани мӯҳлатҳо бо парвандаҳои ба қисмати алоҳида ҷудогардида бо назардошти омилҳои гуногун амалӣ мегардад. Агар парванда аз рӯйи ҷинояти нав ё ин ки нисбати шахси нав ҷудо карда шуда бошад, ки бо ин сабаб қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бароварда шудааст, мӯҳлат аз рӯзи оғоз намудани ин қарор сар мешавад. Нисбати боқимондаи пештар оғозгардидаи парванда бошад, ҳисоби мӯҳлатҳо аз лаҳзаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ сар мешавад. Дароз намудани мӯҳлатҳои тафтиш бо ҳар яке аз ин парвандаҳо бо тартиби муқарраршуда сурат мегирад.

Дар амалия аксар вақт ҳангоми якҷоя ва ҷудо кардани парвандаҳои ҷиноятӣ масъала ба вуҷуд меояд, ки мӯҳлати тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ чӣ тавр бояд ҳисоб карда шавад. Дар мавриди якҷоя кардани якчанд парвандаҳои ҷиноятӣ мӯҳлати тафтиши пешакӣ бояд аз лаҳзаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятие, ки мӯҳлати нисбатан зиёди тафтиш дорад, ҳисоб карда шавад.

**Барқарор намудани парвандаи ҷиноятӣ.** Тибқи м. 167[1] КМҶ[1] барқарор намудани парвандаи ҷиноятии нобуд ё гумшуда ва ё қисми маводи он ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ бо қарори прокурор амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати нобуд ё гум шудани парвандаи ҷиноятӣ ва ё қисми маводи он дар рафти пешбурди судӣ барқарор намудани онҳо, бо қарори суд амалӣ гардида, барои иҷро ба прокурор ирсол карда мешавад.

Парвандаи ҷиноятии нобуд ё гумшуда аз рӯйи нусхаҳои нигоҳдошташудаи маводи парвандаи ҷиноятӣ, ки бо тартиби пешбининамудаи КМҶ далел эътироф карда мешаванд, инчунин бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ барқарор карда мешавад.

---

[1] Моддаи мазкур ба КМҶ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15.03.2016 с. таҳти № 1275 ворид карда шуд.

Мухлатҳои таҳқиқ, тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда ҳангоми барқарор намудани парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муқарраркардаи м.м. 112, 155 ва 164 КМҶ ҳисоб карда мешаванд. Агар аз рӯйи парвандаи ҷиноятии нобуд ё гумшуда ҳадди ниҳоии мухлати дар ҳабс нигоҳ доштан гузашта бошад, айбдоршаванда бояд фавран озод карда шавад.

**Пешбурди тафтиши пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон**

Ташкили гурӯҳи тафтишӣ барои пешбурди тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии мураккаб ё ки ҳаҷман бузург ин шакли самараноки ташкили илман асосноки меҳнат, ки дар асоси муттаҳид намудани фаъолияти мурофиавии якчанд иштирокчиён асос ёфта, мебошад. Қонун оид ба созмон додани гурӯҳи тафтишотӣ қайд менамояд, ки ҳарчанд дар таҷриба тибқи санадҳои идоравии мақомоти прокуратура ва Вазорати корҳои дохилӣ ташкили гурӯҳҳои тафтишотию-оперативӣ пешбинӣ мешавад, вале аз истилоҳоти қонунгузор қабулнамуда бармеояд, ки гурӯҳ бояд махсус фақат аз муфаттишон иборат бошад. Кормандони оперативӣ ба ҳайати чунин гурӯҳҳо дохил намешаванд. Онҳо метавонанд барои расонидани ёрӣ ҷалб карда шуда, тариқи татбиқи воситаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кӯмаки худро расонанд. Ғайр аз ин ба гурӯҳи тафтишӣ як гурӯҳи кормандони оперативӣ вобаста карда мешаванд, ки яке аз онҳо сардор таъин гардида, вазифаи онҳо дар ҳамоҳангсозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо гурӯҳи тафтишӣ мебошад. Сардори гурӯҳи кормандони оперативӣ супориши сардори гурӯҳи тафтиширо вобаста ба ин ё он ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ иҷро мекунад. Вале, бо чунин тарз ташкил намудани ҳамкорӣ маънои ташкил додани гурӯҳи ягонаро надорад, чунки муфаттишон ва кормандони оперативӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси фаъолияти кории худ амалҳои гуногунро иҷро мекунанд. Муфаттишон амалҳои мурофиавиро иҷро мекунанд, кормандони оперативӣ бошанд фаъолияти оперативӣ-ҷустӯҷӯиро дар амал татбиқ менамоянд.

Гурӯҳи тафтишӣ – ин мақомоти дастаҷамъона нест, ки масъалаҳои ба тафтишот дахлдоштаро бо роҳи овоздиҳӣ ҳал кунад чуноне, ки ин ҳолат дар суд ҷой дорад. Яке аз муфаттишон, ки сардори гурӯҳ таъин шудааст, кори гурӯҳро ташкил намуда, аз болои кори муфаттишон роҳбарӣ мекунад ва санадҳои нисбатан масъулиятноки ҷамъбастии мурофиавиро мебарорад. Фикри айбдоркунӣ тартиб дода, қарори фиристодани парвандаро ба суд барои татбиқи чораҳои маҷбуркунии хусусияти тиббӣ дошта мебарорад. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ вай дигар қарорҳои муҳимро аз ҷумла, оид ба ҷудо намудани парванда ба пешбурди алоҳида, қисман ва ё пурра қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ, боздоштан ё аз нав ба ҳаракат даровардани парванда, ҷалб намудани шахс ба сифати айбдоршаванда ва ҳаҷми айби ба ӯ эълоншуда, равон кардани айбдоршавандаи дар ҳабс буда ба муассисаи тиббӣ ва руҳшиносӣ барои ташхис, бо дархост ба роҳбари мақомоти тафтишӣ оид ба дароз намудани мухлати тафтиш муроҷиат мекунад, бо дархост ба суд оид ба интихоби чораи пешгирӣ инчунин пешбурди амалҳои тафтишӣ, ки барои он иҷозати суд талаб карда мешавад, муроҷиат мекунад. Вай ҳуқуқи иштирок карданро дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишии аз ҷониби дигар муфаттишон гузаронидашавандаро дошта, шахсан метавонад худаш онро гузаронад.

Гуфтаҳои зерин маънои онро надорад, ки роҳбари гурӯҳи тафтишотӣ корҳои асосиро худаш иҷро намуда, дигар муфаттишон ба ӯ танҳо ёрии техникӣ мерасонанд. Бояд ба назар гирифт, ки дигар муфаттишон мустақилияти мурофиавии ба

онҳо хос бударо ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон нигоҳ медоранд, ки таҷассуми худро дар ин ҳолатҳо меёбад:

1) ҳарчанде, ки парванда аз ҷониби роҳбари гурӯҳ ба пешбурд қабул карда мешавад вале дар қарори ташкил додани гурӯҳ ҳамаи аъзоёни гурӯҳ қайд карда мешаванд ва оид ба ин ба гумонбаршуда ё айбдоршаванда хабар дода мешавад, ки вай имконияти эълон намудани радкунии ҳар як аъзои гурӯҳи тафтиширо пайдо мекунад;

2) аъзои гурӯҳи тафтишӣ, барои гузаронидани пешбурди тафтишӣ, дар доираи супориши ба ӯ додашуда, шахси ваколатдор мебошад (масалан: тафтиш намудани лаҳзаи алоҳидаи парванда, кирдори яке аз айбдоршавандагон ва ғайра), қарорҳоеро мустақилона қабул мекунад, ки ба ваколати роҳбар алоқаманд нестанд ва мусатақилона амалҳои зарурии тафтиширо мегузаронад;

3) роҳбари гурӯҳи тафтишӣ яке аз қарорҳои масъули дар боло зикршударо қабул намуда, метавонад иҷрои онро ба яке аз муфаттишони гурӯҳ супорад (масалан: баровардани қарори дахлдор ва иҷро намудани амалҳои мурофиавии бо он алоқаманд).

Мумкин аст дар байни аъзоёни гурӯҳи тафтишӣ ва роҳбари он оид ба ин ё он масъалаҳои корӣ мухолифатҳо пайдо шаванд. Дар ин ҳолат чунин масъалаҳо аз ҷониби роҳбари мақомоти болоистодаи тафтишӣ ҳал карда шавад.

Моддаи 169 КМҶ ба таври аниқ масъалаи субъекти қабул ва шакли қарори ташкил намудани гурӯҳи тафтиширо муқаррар намудааст. Дар бораи ташкил кардани гурӯҳи тафтишӣ, ҳайати он, инчунин ворид намудани тағйиротҳо дар ҳайати он ва таъин намудани роҳбари ин гурӯҳро сардори мақомоти тафтишотӣ қабул мекунад. Вай тариқи қарори алоҳида ё ин ки оид ба ин қарор дар қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нишон дода мешавад.

**Қоидаҳои умумии пешбурди амали тафтишӣ**

Қонунгузор ба КМҶ ин меъёрро ворид намуда бо пешниҳоди бисёри олимон оид ба зарурияти мустаҳкам намудан дар қонун талабҳои умумиро барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ розӣ шудааст. Аҳамияти ин қоидаҳо аз он иборат аст, ки риояи онҳо далелҳои дар рафти амалҳои тафтишӣ бадастовардаро қабули онҳоро бо риоя намудани ҳуқуқҳои шахс таъмин менамояд. Нисбатан тартиби мушаххасе, ки рафтори муфаттишонро ба тартиби қабули далелҳои бадастомада таъсир мерасонад, дар меъёрҳои оид ба пурсиши айбдоршавандагон, шоҳидон, ҷабрдидагон оид ба гузаронидани азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонии шахс, озмоиши тафтишӣ, кофтуков, ёфта гирифтан ба нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дарҷ гардида, амалӣ мешаванд.

Қисмати қоидаҳои муҳими аҳамияти умумӣ дошта ин маънкуниҳо ҳастанд, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони дар амалҳои тафтишӣ иштироккунандаро аз маҳдудкуниҳои бемавриди ҳуқуқҳояшон эмин медоранд. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонад, гузаронидани амалҳои тафтишӣ дар вақти шаб, яъне дар байни фосилаи аз соати $22^{00}$ то $6^{00}$ вақти маҳаллӣ (нигаред ба банди 3 м. 6 КМҶ) ба ғайр ҳолатҳои таъҷилӣ манъ кардани амалҳои алоқаманд ба таҳдид ва зӯри ва дигар чораҳои ғайриқонунии дахлдор, ки онҳо ба ҳаёт ва саломатии иштирокчиён хатар доранд. Аз мазмуни м. 10 КМҶ дида мешавад, ки амалҳои нисбати иштирокчиёни ҳаракатҳои мурофиавие, ки эҳтирому шаъну шарафи шахсро паст мезананд ғайриимкон мебошад.

Ба ҳамин монанд фаҳмидани ин талаботҳо ба иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ ба монанди ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва на-

мояндагони онҳо, гумонбаршуда ва айбдоршаванда оид ба ҳолати ҳуқуқии худ ва мазмуни иштироки онҳо дар амалҳои тафтишӣ аҳамияти калон дорад. Бо ин мақсад муфаттиш шахсияти онҳоро муайян намуда ба онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонида медиҳад (аз он ҷумла ҷавобгариро барои ҳозир нашудан дар амали тафтишӣ) ҳамчунин тартиби гузаронидани амали тафтиширо мефаҳмонад. Ҳолати ба ҳар як иштирокчии фаҳмонида додани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо шаҳодати он аст, ки ба иштирокчиёни касбии амали тафтишии онҳо фаҳмонида намешавад (мисол ба адвокат).

Ин ҳолати аз ҷониби муфаттиш фаҳмонида додани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни амали тафтишӣ, ба ҳар кадоми онҳо имкон медиҳад, ки барои худ аниқ кунанд, муфаттиш чӣ гуна рафтор намудани онҳоро мехоҳад ва дар рафти гузаронидани амали тафтиши онро талаб намояд ва худи онҳо ба чӣ гуна рафтори муфаттиш метавонанд, умед банданд, яъне оид ба фаҳмидани мақоми худ дар амали тафтишӣ пурратар тасаввурот пайдо намоянд. Дигар иштирокчиёни тафтишот, ки дар гузаронидани амали тафтишӣ, ба монанди ҷабрдида, шоҳид, коршинос, мутахассис ва тарҷумон иштирок мекунанд, бо м.м. 351-352 КҶ оид ба ҷавобгариашон барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ огоҳ карда мешаванд. Мавриди қайд аст ки ба иштирокчиёни касбии амали тафтишӣ ин ҳуқуқҳо фаҳмонида намешаванд (мисол ба адвокат).

Барои баланд бардоштани самаранокии ҳолати ошкор ва мустаҳкам намудани маълумоти исботшаванда, ҳангоми амали тафтишӣ иҷозати истифода бурдани воситаҳои техникӣ ва усулҳои ошкоркунӣ, бақайдгирӣ ва гирифтани нишонаю пайҳои ҷиноятро бо далелҳои шайъи додашудааст. Ин усулу воситаҳо аҳамияти кофтуковӣ доранд (асбобҳои нурдор, анализатор, суратгирӣ, навори кино, садо, сабти видео, тайёр намудани изҳо ва ғайра). Ғайр аз ин далели шайъиро мумкин аст дар шакли аслиашон гирифта ба сифтаи далели шайъӣ эътироф намуда ба протоколи амали тафтишӣ ҳамроҳ карда шавад, ба монанди натиҷаи истифодабарии воситаҳои техникӣ тасдиқ кунанда (оид ба тартиби бақайдгирии онҳо ба м. 172 КМҶ нигаред).

Муфаттиш дар рафти амали тафтишӣ, иштирокчиёни дар боло зикршударо ҷалб намуда инчунин дар қатори онҳо шахси мансабдори мақомоти таҳқиқро, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро пеш мебарад, ҷалб менамояд. Муфаттиш бояд дар назар дошта бошад, ки як шахси мансабдор (таҳқиқбаранда) наметавонад якбора таҳқиқро низ пеш барад. Аз ҳамин лиҳоз, корманди оперативӣ супориши муфаттишро оид ба иҷрои амалҳои мурофиавӣ иҷро карда наметавонад, чунки вай вазифадор аст, ки масъалаҳои вобаста ба таъминоти оперативии ба тафтишот алоқамандро таъмин намояд.

Мутобиқи қ. 5 м. 171 КМҶ як қатор амалҳои тафтишӣ танҳо бо иҷозати суд гузаронида мешаванд. Инҳо азназаргузаронии ҷойи истиқомати шаҳрвандон, ки онҳо розигии худро надодаанд, кофтукови ҷойи зист, гирифтани ашёҳои барои нигоҳдорӣ ба ломбард додашуда, кофтукови шахсӣ (ғайр аз кофтукови ҳангоми дастгир кардан, ба ҳабс гирифтан ва инчунин ҳангоми ёфтани шахсе, ки дар бинои кофтуковшаванда пинҳон шудааст). Гирифтани ашёҳҳо ва ҳуҷҷатҳои маълумот дар бораи сирри давлатӣ ва ё дигар сирре, ки қонун онҳоро ҳифз мекунад, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо маълумот оид ба пасандозҳо ва ҳисобҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои кредитӣ ҷой доранд, гузоштани ҳабс ба муросилоти почтавӣ ва гирифтани онҳо аз муассисаҳои алоқа, гузоштани ҳабс ба молу мулк, ҳамчунин воситаҳои пулии шахсони ҳуқуқӣ, ҳисобҳои дар муассисаҳои бонкию

кредитӣ ҷойдоштаи онҳо, назорат ба навору сабти гуфтугӯҳои телефонӣ, дохил мешавад.

### Тасдиқи вокеияти даст кашидани аз имзои протоколи амали тафтишӣ

Имзо карда нашудани натиҷаи амали тафтишӣ дар протокол ба сифати далели ғайри қобили қабул эътироф карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, дар сурати пайдо шудани монеаҳои бартарафнашаванда вобаста ба имзо накардани протокол аз ҷониби иштирокчиёни амали тафтишӣ ин ҳолат ба тариқи аниқ фаҳмонида дода шавад.

Ин ҳолат аз ду монеаҳо иборат мебошад:

а) аз ҷониби иштирокчии амали тафтишӣ рад намудан дар гузоштани имзояш;

б) бо сабаби камбудии ҷисмонӣ ё вазъи саломатӣ ғайримкон будани имзокардани шахс.

Дар ҳолати аввал ҳодисаи рад кардан бояд дар протокол сабт карда шуда бо имзои муфаттиш, инчунин шахсони дигар, намояндаи қонунӣ ва шахсони холис, ки дар амали тафтишӣ иштирок доранд, тасдиқ карда шавад. Вале, мавриди қайд аст, ки муфатиш бояд аз қабули асосҳои рад кардани имзо рӯй нагардонад, чунки онҳо метавонанд асоснок бошанд (масалан: нодуруст қайд намудани мавқеи иштирокчии амали тафтишӣ, қайд карда нашудани ҳолатҳои мавқеи ӯро мустаҳкам кунанда, рад кардан ба вориди тағйироту иловаҳо ба протокол ва ғайра), аз ҳамин лиҳоз ба шахсе, ки дар имзо мондани протокол саркашӣ мекунад имконияти фаҳмонида додани сабабҳои ин рафторашро фароҳам оварда, онҳо бояд дар протокол қайд карда шаванд.

Чунин ҳолате ба миён омаданаш мумкин аст, ки дар амали тафтишӣ (масалан: ҳангоми пурсиши ҷабрдида) шахсе иштирок дорад, ки бо сабаби камбудии ҷисмонии худ имконияти имзо кардани протоколро надорад. Дар ин ҳолат муфаттиш бояд барои шинос шудан бо протокол ва тасдиқи он шахси наздики нафареро ки имконияти имзо карданро надорад даъвад кунад ва ҳатто шахсеро, ки бо натиҷаи парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набударо барои тасдики протокол даъват намояд.

### Ҳатмӣ будани баррасии дархост

Қоидаи асосии м. 175 КМҶ – ин аз таъмини санҷиши ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор иборат мебошад. Пеш аз ҳама онҳо уҳдадориҳои муфаттиш ва таҳқиқбарандаро оид ба баррасӣ намудани ҳар як мурочиати бо парванда воридшударо муқаррар менамояд. Ин маънои онро дорад, ки шахсони мансабдори зикршуда барои қабул намудани ҳар як дархости воридшуда уҳдадор буда, мурочиатҳои дар шакли шифоҳӣ воридгардидаро бояд дар протокол дарҷ намоянд. Шахсони зикршуда ҳуқуқи аз қабул намудани дархостҳо саркашӣ карданро надоранд (масалан: талаб кунанд, ки дархости онҳо хаттӣ навишта шавад, ё ин, ки муҳлати тафтиш ба охир расида истодааст ва онҳо бо дархост ба суд мурочиат кунанд ва ғайраҳо).

Дархости иштирокчиёни мурофиае, ки аз ҷониби тарафи айбдорӣ (ҷабрдида, даъвогари гражданӣ) ва чӣ аз ҷониби тарафи ҳимоя (гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ) ва намояндаи онҳо воридшуда, оид ба бо роҳи гузаронидани амали тафтишии иловагӣ пурратар намудани далелҳо бояд ҳатман қонеъ гардонида шаванд, ба шарте, ки ҳолатҳои дархост намудаи онҳо

барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта бошад. Ба чунин ҳолатҳо дохил мешаванд, ҳолатҳое, ки асоси исботкуниро ташкил медиҳанд (м. 85 КМҶ) – ин ҳодисаи ҷиноят, гунаҳгории шахс, ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, ҳолатҳое ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷинояти ва ҷазо озод кардани шахс гарданд, мебошанд. Муфаттиш бо баҳонаи ҳаҷман зиёд будани корҳои барои қонеъ гардонидани дархост ё ин, ки ин ҳолатҳо аллакай санҷида шудаанд, ҳуқуқи бе қаноат мондани дархостро надорад.

Шахсони зикршудаи мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи пешниҳод кардани дархостҳоро оид ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, тағйири бандубасти он, бекор ва тағйир додани чораи пешгирӣ ва ғайраро доранд. Чунин дархостҳо аз рӯйи дараҷаи асоснок буданашон қонеъ гардонида мешаванд. Агар аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфатиш муқаррар карда шавад, ки дархост бе асос мебошад, он гоҳ дар қонеъ намудани он рад карда мешавад, ки оид ба он қарори васҷҳнок қабул менамоянд.

Дар сурати рад кардани дархост, шахсони манфиатдор, ҳуқуқи ба прокурори аз болои тафтишот назораткунанда, муроҷиат карданро доранд. Агар дархост оид ба амалҳои таҳқиқбаранда ё муфаттиш бошад, ки пеши роҳи пешбурди парвандаро гирифта ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаро поймол намуда, барои ба амалбарории адолати судӣ монеъ мешаванд, муроҷиати иштирокчӣ мумкин аст бевосита ба суд ирсол карда шавад.

**Чораҳои парасторӣ нисбати кӯдакон, парастoрони онҳо ва оид ба муҳофизати моликияти гумонбаршуда ё айбдоршаванда**

Тибқи талаботи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бармеояд, ки муфаттиш, таҳқиқбаранда уҳдадоранд нисбати наздикони гумонбаршуда, айбдоршаванда ва шахси дастгиршуда, ки бо сабаби дастгир шудани ин иштирокчиёни мурофиа, нафарони дар таъминоти онҳо буда беназорат монданд, ғамхорӣ зоҳир намояд.

Дар ҳамин асос таҳқиқбаранда, муфаттиш уҳдадор ҳастанд, ки ба таъминоти хешовандони наздик, хешони онҳо ва дигар шахсони наздики нафари дастгиршуда, гумонбаршуда ва айбдоршаванда ин нафаронро супоранд. Ба ин гурӯҳ кӯдакони хурдсол, ноболиғ, дигар шахсони дар таъминот буда, падару модари пир, ки ба нигоҳубини дахлдор эҳтиёҷ доранд, дохил мешаванд. Ноболиғони бепарастор мондаро мумкин аст дар муассисаҳои кӯдакона ва иҷтимоӣ ҷойгир намоянд (масалан: хонаи кӯдакон, сағирахонаҳо ва ғайра).

Оид ба парасторӣ супоридан, муфаттиш ё таҳқиқбаранда қарор мебарорад, ки дар он шахсияти парастор қайд мегардад.

Таъмин намудани дахлнопазирии моликияти шахси дастгиршуда аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда дар супоридани моликият барои нигоҳдорӣ ба хешу табор ва ё шахси ба ӯ наздик ё ин, ки ташкилоти манзилию истиқоматӣ ифода меёбад. Муфаттиш, тахқиқбаранда оид ба ин ҳолат қарор мебарорад, рӯйхати ашёҳои супоридашавандаро тартиб медиҳад, ки аз ҷониби шахси қабулкарда тасдиқ карда мешавад ва оид ба он гумонбаршуда, айбдоршавандаи дар маҳбас буда ва ё шахси дастгиршударо огоҳ месозад.

**Норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ**

Дар фарқият нисбати муҳокимаи ошкорои судӣ (м.273 КМҶ), ошкор бурда шудани тафтиши пешакӣ маҳдуд карда шудааст. Пурра ошкор будани тафтишот барои муфаттиш, таҳқиқбаранда душвориҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Гумонбаршуда, айбдоршаванда оид ба рафти тафтишот пурра шинос шуда истода, ме-

тавонанд аз тафтишот пинҳон шуда ба шоҳидон ва ҷабрдидагон фишор оварда, далел ва ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр кунанд ва инчунин дигар монеаҳоро барои рафти тафтиш ташкил намоянд.

Бо ҳамин сабабҳо, аз рӯйи қоидаҳои умумӣ маълумоти алоқаманд ба рафти тафтиши пешакӣ бояд ошкор карда нашаванд. Бо ин мақсад прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқи дар ин бора огоҳ кардани шоҳидон, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахсони холис ва дигар нафаронро, ки дар рафти пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намудаанд, оид ба бе иҷозат номумкин будани ошкор ва фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ огоҳ месозанд. Доир ба ин шахсони зикршуда барои огоҳ шуданашон дар хусуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, тибқи талаботи м. 361 КҶ, забонхат медиҳанд. Вале, ин асоси маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҳимоятгари онҳоро ҳангоми шинос шудан бо протоколи дастгиркунӣ, қарор оид ба татбиқи чораи пешгирӣ, бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки дар иштироки гумонбаршуда ё ин, ки худи ҳимоятгар гузаронида шудаанд, бо ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳод шудаанд ва ё ин, ки бояд ба гумонбаршуда ва айбдоршаванда пешниҳод мешуданд, инчунин бо маводи ба суд барои нисбати шахс татбиқ намудани чораи пешгирӣ дар шакли ҳабс равонашаванда, аз он ҷумла, бо бахиррасии таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ, бо ҳамаи маводи парванда шинос шудан, бо назардошти худ аз он маълумоти дилхоҳашро дар ҳаҷми лозимӣ навишта гирифтан, шуда наметавонад. Фаҳмиши дигари маънидоди ҳолатҳои м. 177 КМҶ, дар ҳол метавонад ба вайрон кардани нишондодҳои м.м. 12 қ. 1 КМҶ (ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ) ва қ. 3 м. 22 КМҶ (таъмини ҳуқуқҳои ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда) оварда расонад.

Ҳолатҳои зикршуда маънои онро надорад ки тафтишоти пешакӣ ин пешбурди пурраи махфӣ мебошад. Чункӣ ҳатто сухан дар бораи парвандае равад, ки дар он маълумот доир ба сирре, ки аз ҷониби қонун ҳамчун сирри давлатӣ эътироф намудааст, ҳимоятгар дар он ҳуқуқи иштирок карданро, бе гирифтани иҷозатномаи махсус, дорад. Бо ин гуна парвандаҳо ҳатто то тартиб додани фикри айбдоркунӣ ва ба айбдоршаванда супоридани он, баъзе маълумоте, ки тафтишот муайян кардааст, метавонанд ошкор гарданд. Масалан, бо роҳи ба мақомоти дахлдор ё шахси мансабдор равон намудани пешниҳод, ки дар он ҳолатҳои сабаби содир шудани ҷиноят дарҷ карда шудаанд, шуда метавонад (ба тариқи м.178 КМҶ пешниҳод оид ба бартараф намудани ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат мекунанд). Ба ғайр аз ин баъзе маълумот оид ба рафти тафтиши пешакӣ метавонанд диққати ҷамъият ва воситаҳои ахбори оммаро ҷалб намоянд (масалан, оид ба он, ки ҷиноят кушода шудааст ё не, кадом шахсон ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шудаанд, кадом айб ба онҳо эълон шудааст ва ғайра). Агар ошкор намудани чунин маълумот барои пешбурди самараноки тафтишот монеа нашуда ба вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа оварда нарасонад, муфаттиш ё таҳқиқбаранда метавонанд бо муайян намудани ҳаҷми аниқи маълумоти ошкормешуда, бо риоя намудани принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ иҷозат диҳанд. Иҷозат бояд дар шакли ҳуҷҷати алоҳида ё шакли кутоҳ, бо дархости шахси хоҳиши иҷозатгиранда, тартиб дода шавад.

Дар кадом ҳолате, ки набошад маълумоти алоқаманд ба зиндагии хусусии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бе розигии худи онҳо ошкор кардан ғайриимкон мебошад.

### Пешниҳод оид ба рафъи ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат мекунанд

Муфаттиш ҳангоми пешбурди парванда ҳолатҳоеро, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, муқаррар намуда, ҳуқуқ дорад ба ташкилот, муассисаи дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ё шахси мансабдори дахлдор дар бораи андешидани чораҳо барои рафъи ин ҳолатҳо ё дигар қонуншиканиҳо пешниҳод равон кунад.

Пешниҳод бояд дар муддати як моҳ баррасӣ карда, аз натиҷаи чораҳои андешидашуда ҳатман ба мақомоти пешниҳод ирсолнамуда хабар дода шавад.

### Иштироки мутахассис, тарҷумон ва шахсони холис

Муфаттиш ҳуқуқ дорад барои иштирок дар пешбурди амали тафтишӣ мутахассисеро, ки ба натиҷаҳои парванда манфиатдор нест, ҷалб намояд. Талаби муфаттиш дар хусуси даъвати мутахассис барои роҳбари корхона, муассиса ё ташкилоте, ки мутахассис дар он кор мекунад, ҳатмӣ мебошад.

Пеш аз оғози амали тафтишӣ муфаттиш ба шахсият ва салоҳиятмандии мутахассис боварӣ ҳосил намуда, муносибати ӯро нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдида муайян мекунад, ба мутахассис ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро, ки м. 57 КМҶ пешбинӣ кардааст, фаҳмонида, оид ба ҷавобгарии пешбиникардаи м. 179 КМҶ барои рад кардан ё саркашӣ аз иҷрои уҳдадориҳояш ӯро дар ин бора огоҳ месозад ва дар ин хусус дар протоколи амали тафтишӣ зикр намуда, онро бо имзои мутахассис тасдиқ мекунад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 2 м. 18 КМҶ муфаттиш ҳангоми пурсиш ё дигар амали тафтишӣ вазифадор аст тарҷумонро даъват кунад. Пеш аз оғози амали тафтишие, ки дар он тарҷумон иштирок мекунад, муфаттиш ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯро, ки м. 59 КМҶ пешбинӣ намудааст, фаҳмонида, ӯро оид ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи м. 180 КМҶ ҳангоми саркашӣ аз ҳозиршавӣ ё иҷрои уҳдадорӣ, инчунин дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста нодуруст тарҷума кардан огоҳ месозад ва инро дар протоколи амали тафтишӣ зикр намуда, бо имзои тарҷумон тасдиқ мекунад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ тафтиш бо иштироки на камтар аз ду шахси холис, ки барои тасдиқи воқеияти пешбурди амали тафтиш, ҷараён ва натиҷаҳои он даъват мешаванд, анҷом мепазирад. Пеш аз оғози тафтиш муфаттиш ба шахсони холис мақсади амали тафтишӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро, ки м. 60 КМҶ пешбинӣ кардааст, фаҳмонида медиҳад.

### Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Мафҳуми шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ.

**2.** Низоми шартҳои умумии тафтишоти пешакӣ.

**3.** Шартҳои умумии тафтишоти пешакиро номбар кунед.

**4.** Тобеияти тафтишии парвандаҳои ҷиноятие, ки ба мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ таааллуқдоранд, номбар намоед.

**5.** Муҳлати тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқро шарҳ диҳед.

**6.** Якҷоя, ҷудо ё барқарор кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ё мавод.

**7.** Боздоштан ва аз нав саркардани тафтишоти пешакӣ чи тавр сурат мегирад?

**8.** Қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтишӣ.

**9.** Норавоии фош кардани маълумоти тафтиши пешакӣ.

**10.** Пешниҳод оид ба рафъи ҳолатҳое, ки ба содир шудни ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидат мекунанд.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**2.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**3.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**10.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**11.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**12.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.


**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

3. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

8. Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

9. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

10. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

11. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

12. Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

13. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

14. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

15. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

16. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

17. Михайлов В.А. Общие условия предварительного расследования. – М., 2012.

18. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

19. Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

20. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

21. Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

22. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**23.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**24.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**25.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**26.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**27.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**28.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**29.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

# БОБИ 17.
# АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ

## § 1. Мафҳум ва шартҳои умумии амалҳои тафтишӣ

Амалҳои тафтишӣ ин фаъолияти мурофиавии муфаттиш (таҳқиқбаранда) буда, онҳо воситаҳои асосии муқаррар кардани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ моҳиятан аҳамиятдошта мебошанд.

Амалҳои тафтишӣ – инҳо амалиёти бо риояи қатъии қонун гузаронидашавандае мебошанд, ки ба бозёфт кардан, мустаҳкам намудан ва санҷида баромадани далелҳо нигаронида шудаанд.

Таъиноти аксарияти амалҳои тафтишӣ аз ҷамъ, мустаҳкам ва санҷида баромадани далелҳо иборат аст. Ин далелҳо ба муфаттиш имконият медиҳанд, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ қарорҳои мувофиқи мурофиӣ қабул карда, дар ҷамъбаст барои муқаррар кардани ҳақиқати воқеӣ ёрӣ расонанд.

КМҶ ба амалҳои тафтишӣ инҳоро дохил кардааст:

1) азназаргузаронӣ;
2) шаҳодаткунонӣ;
3) озмоиши (эксперименти) тафтишӣ;
4) кофтуков;
5) ёфта гирифтан;
6) ҳабси муросилоти почтаю телеграф;
7) гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ;
8) пурсиш;
9) рӯбарӯкунӣ;
10) нишондиҳӣ барои шинохтан;
11) санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса;
12) гузаронидани экспертиза.

Амалҳои тафтиширо оид ба парвандаи ҷиноятӣ танҳо ҳамон муфаттише гузаронида метавонад, ки агар ин парванда дар пешбурди ӯ бошад. Ҳангоми зарурати пешбурди амалҳои тафтишӣ дар маҳалли дигар муфаттиш ҳуқуқ дорад онҳоро шахсан гузаронад ё пешбурди ин амалҳоро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқи ин маҳал супорад (м. 39 ва қ. 4 м.162 КМҶ).

Муфаттиш бевосита худаш, вобаста ба ҳолатҳои парванда кадом амалҳои тафтишӣ бояд гузаронида шаванд, муайян мекунад. Дар баробари ин онҳо мумкин аст бо супориши прокурор, сардори бахши тафтишот гузаронида шаванд, баъзан ташаббуси гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби дигар иштирокчиёни тафтишоти пешакӣ (айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва ғайраҳо) бармеоянд.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар баъзе ҳолатҳои муайян, ба ҳатман гузаронидани амалҳои тафтишӣ амр кардааст. Мисол, дар м. 209 КМҶ ҳолатҳое муқаррар шудаанд, ки мутобиқи он муфаттиш бояд ҳатман экспертизаи судӣ-тиббӣ ва судӣ-рӯҳиро гузаронад, инчунин м. 227 КМҶ вазифаи

фавран пурсиш кардани айбдоршаванда, баъди ба ӯ эълон намудани айб муқаррар кардааст.

Ҷойи гузаронидани ин ва ё он амали тафтиширо муфаттиш муайян мекунад. Аз ҳама зиёдтар ӯ онҳоро дар утоқи кории худ мегузаронад, баъзеи онҳоро бошад дар ҷойҳои дигар. Ҳамаи онҳо, аз хусусияти худи амали тафтишӣ ва аз ҳолатҳои парванда вобастаанд. Мисол, айбдоршавандае, ки дар озодӣ мебошад дар утоқи кории муфаттиш пурсиш кардан лозим аст, ҳабскардашударо бошад дар тавқифгоҳи тафтишотӣ. Ашё, ҳуҷҷатҳои ҳангоми кофтуков пайдокардашударо дар худи ҳамон ҷо, ва ё дар утоқи кории муфаттиш азназар гузаронидан мумкин аст.

Барои қонунӣ будани як қатор амалҳои тафтишӣ (кофтуков, ёфта гирифтан ва ғайраҳо) баровардани қарори махсус талаб карда мешавад. Барои амалҳои тафтишии дигар (пурсиш, рӯбарӯкунӣ, озмоиши тафтишӣ) баровардани чунин қарор талаб карда намешавад.

Амалҳои тафтиширо дар ҳар кадом зинаи тафтиши пешакӣ, дар давоми муҳлати барои гузаронидани он ҷудокардашуда, аз он ҷумла, баъд аз дароз кардани ин мӯҳлат, бо тартиби муқарраркардаи қонун гузаронидан мумкин аст. Қатъ кардан ва ё боз доштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муфаттишро аз ҳуқуқи гузаронидани амалҳои тафтишӣ оид ба ҳамин парванда маҳрум мекунад.

Давомнокии гузаронидани амали тафтиширо қонунгузор муқаррар накардааст. Агар вақти гузаронидани амали тафтишӣ якчанд соат ва ё ҳатто шабонарӯз давом кунад, дар ин маврид бояд ба иштирокчиёни он барои қабули ғизо ва истироҳат, вақт дода мешавад. Мисол, азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи садамаи ҳавопаймо, ки ҳудуди калонро ишғол менамояд, мумкин аст якчанд соат ё шабонарӯзро дарбар гирад.

Чун қоида, амалҳои тафтишӣ рӯзона гузаронида мешаванд. Танҳо дар ҳолатҳои истисноии таъхирнопазир шабона (аз соати $22^{00}$ то соати $06^{00}$) гузаронидани онҳо мумкин аст.

Дар вақти гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ бояд шахсони холис бо шумораи на камтар аз ду нафар иштирок кунанд. Ба сифати шахсони холис ҳама гуна шахсе, ки дар натиҷаи парванда манфиатдор нестанд, ҷалб карда мешаванд. Онҳо вазифадоранд, танҳо, натиҷа ва мазмуни амалҳоеро, ки ҳангоми гузарониданошон ҳузур доштанд, тасдиқ намоянд.

Ғайр аз ин, муфаттиш ҳуқуқ дорад, барои иштирок дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ мутахассисро даъват кунад. Шахсе мутахасис буда метавонад, ки вай барои расонидани ёрӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дар ошкор, мустаҳкам кардан ва гирифтани далелҳо дониши махсус ва малака дошта бошад.

Дар рафти гузаронидани ҳар кадом амали тафтишӣ мумкин аст воситаҳои техникии гуногун истифода бурда шаванд, инчунин суратгирӣ, навори кино, сабти овоз ва симо. Тартиби истифода бурдани воситаҳои техникии алоҳида аз тарафи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда шудааст. Оид ба рафт ва натиҷаи амали тафтишӣ, сабту мустаҳкамкунии далелҳо ва амали иштирокчиёни он протокол тартиб дода мешавад.

Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҳаракате, ки шаъну шарафи инсонро паст мезанад, ба иззати нафси шахс мерасад ё барои саломатии ӯ хатарнок аст, роҳ додан мумкин нест. Мутобиқан ба шаҳодаткунонӣ ва озмоиши тафтишӣ ин талаботҳо бевосита дар қонун (м.м. 186 ва 188 КМҶ) пешбинӣ шудаанд.

Дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ бояд барои ҳифзи амвол, сирри давлатӣ, ҳамчунин, фош нагардидани маълумот ҷиҳати ҳаёти маҳрамонаи шахсони дар он иштироккунанда чораҳо андешида шаванд.

Агар дар амали тафтишӣ шахсоне иштирок кунанд, ки забони баргузории мурофиаро надонанд, ба онҳо бояд тарҷумон таъмин карда шавад.

Барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ шартҳои умумие мавҷуданд, ки бо худ маҷмӯи талаботҳое, ки дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба гузаронидани ҳар як амали тафтишӣ бояд риоя карда шаванд.

Мувофиқи талаботи КМҶ шартҳои умумии амалҳои тафтиширо ба чунин намудҳо тақсим кардан мумкин аст:

1. Ҳар як амали тафтишӣ бо хулосаи муфаттиш, таҳқиқбаранда ва дигар шахсони ваколатдор пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, ба ғайр аз азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки дар ҳолатҳои истисноӣ пеш аз оғози кардани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидан мумкин аст (қ. 2 м.182 КМҶ).

2. Амалҳои тафтишӣ ҳангоми мавҷуд будани асосҳо гузаронида мешаванд. Асосҳо – ин ҳар як ахбороти воқеие мебошанд, ки зарурияти ҷамъ овардан ва санҷидани далелҳоро бо воситаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба мақсади муайян кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба даст меоянд.

3. Тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва ба тариқи мурофиавӣ сабт кардани онҳо бояд қатъиян ба қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кунанд. Ва ин маънои онро дорад, ки ҳангоми гузаронидани ҳар як амали тафтишӣ тартиби мурофиавии ҳудудҳои иҷозатдодашуда ва маънкардашуда катъиян риоя карда шаванд. Мисол, кофтукови манзили шахс.

4. Дар вақти тафтиши пешакӣ муфаттиш ғайр аз мавридҳое, ки қонун аз суд иҷозат гирифтанро пешбинӣ менамоянд, тамоми қарорҳоро дар бораи пешбурди тафтиш ва дар бораи гузаронидани амалҳои тафтишӣ мустақилона қабул мекунад ва барои ба таври қонунӣ ва дар сари вақт гузаронидани ин амалҳо комилан ҷавобгар аст. Амалҳои тафтиширо на танҳо бо масъулияти муфаттиш, инчунин дар мавридҳои қонун пешбиникарда, бо нишондоди прокурор, сардори шуъбаи тафтишотӣ, ё ин ки бо дархости шахсоне, ки дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок мекунанд: айбдоршаванда, ҳимоятгари ӯ, ҷабрдида, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ, инчунин намояндаҳои онҳо, гузаронидан мумкин аст.

Дар мавриди пурра ё қисман рад кардани қонеъкунонии илтимосҳои шахсони дар боло номбаршуда оид ба гузаронидани амалҳои тафтишӣ, қарори ваҷнок бароварда мешавад.

5. Натиҷа ва рафти амалҳои тафтишӣ бояд дар протоколҳои мувофиқ сабт карда шаванд (м.м. 81 ва 293 КМҶ).

Мувофиқи м. 60 КМҶ дар вақти гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ, оид ба тасдиқи амалҳои муфаттиш ва риояи тартиби риоя намудаи қонун, иштироки шахсони холис ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба протоколҳо натиҷаи истифодабарии воситаҳои илмӣ-техникӣ замима карда мешаванд; сабти овоз, суратҳо ва ғайра (м. 201 КМҶ). Дар қисми хулосавии протоколҳо иштирокчиён бо имзои худ, рафт ва натиҷаҳои амалҳои тафтиширо тасдиқ мекунанд.

## § 2. Намудҳои амалҳои тафтишӣ

Азназаргузаронӣ ин амали тафтишие мебошад, ки онро муфаттиш бо мақсади ёфтани асари ҷиноят ва дигар далелҳои шайъӣ, муайян кардани вазъияти

ҳодиса, инчунин ҳолатҳои дигаре, ки барои парванда аҳамият дошта метавонад, ҷойи рӯй додани ҳодиса, маҳал, биноҳо, асбобу анҷом, ҳуҷҷатҳо ва дигар объектҳои моддиро азназар мегузаронад (м. 182 КМҶ).

Азназаргузаронӣ имконият медиҳад, ки барои пешбарӣ кардани фарзияҳо маълумоти ибтидоӣ гирифта шавад ва дар бораи хислату механизми ҳодиса тасаввуроти аниқу пурра ҳосил гардад.

Вобаста аз объект намудҳои зерини азназаргузаронӣ вуҷуд доранд:

1) азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;
2) азназаргузаронии маҳал ва биное, ки ҷойи ҳодиса намебошанд;
3) азназаргузаронии предмет ва ҳуҷҷатҳо;
4) азназаргузаронии ҷасад;
5) азназаргузаронии муросилоти почтаю телеграф.

***Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса*** ягона амали тафтишие мебошад, ки гузаронидани он то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст. Он аз назар гузаронидани ҷойи содир шудани ҷиноят ё ҷойи дарёфт гардидани пайҳои ҷиноятро дарбар мегирад. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса барои пайдо кардани асари ҷиноят ва ё дигар далелҳои шайъӣ, инчунин дар протокол сабт намудани маълумот оид ба ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки барои ҳалли дурусти масъалаҳои дар парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд.

***Азназаргузаронии маҳал ва бино*** ҳангоми зарурате, ки маълум кардани ягон ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, масалан, барои муайян кардани шароити зиндагӣ ва тарбияи ноболиғ ё барои дарёфт намудани ҷинояткори пинҳоншуда ва ғайра гузаронида мешавад. Азназаргузаронии маҳал ва ё биное, ки ҷойи ҳодиса намебошанд дар бисёр вақт, барои пайдо кардани он оварда мерасонад.

Ҳангоми аз азназаргузаронии ҷойи ҳодиса маҳал, бино муфаттиш ҳуқуқ дорад анборҳо, ашёҳо ва ҳуҷҷатҳои пайдо кардаашро азназар гузаронад, чунки вобаста ба вазъият, мумкин аст дар худ онҳо пайӣ ҷиноятро нигоҳ дошта бошанд ва ё ба он дахл дошта бошанд.

***Азназаргузаронии далелҳои шайъӣ*** омили зарурии ба маводи парванда ҳамроҳ кардани онҳо мебошад.

Азназаргузаронии ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо дар ҳолатҳои зерин хусусияти амали тафтишии мустақилро доранд:

1) вақте, ки онҳо ҳангоми гузаронидани амали тафтише, ки дар натиҷаи он пайдо ва гирифта шуда будаанд, азназаргузаронида нашудаанд;

2) вақте, ки ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо аз тарафи муфаттиш талаб карда шуда будаанд ва ё ба ӯ аз тарафи яке аз иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ, шаҳрвандони дигар ва ё шахсони мансабдор бо тартиби м. 86 КМҶ пешниҳод карда шудаанд.

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ, ашёҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми ёфта гирифтан ва ё кофтуков, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса маҳал ва бино пайдо карда шудаанд, фавран дар ҷояшон азназар гузаронида шуда натиҷааш бошад дар протоколи амали тафтишӣ мутобиқ сабт карда мешавад. Вале агар барои азназаргузаронии ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо вақти зиёд лозим бошад ва ё ба ин ҳолат, шароите, ки дар он кофтуков, ёфта гирифтан, азназаргузаронии ҷоӣ ҳодиса гузаронида мешавад ва ё дигар ҳолатҳо мамониат мекунад, дар чунин маврид дар протокол танҳо худи воқеаи пайдо кардан ва гирифтани ашёҳо ва ё ҳуҷҷатҳо нишон дода мешавад. Муфаттиш онҳоро дар утоқи кориаш азназар мегузаронад.

Ҳангоми азназаргузарони ҷойи ҳодиса, маҳал, бино, ашё ва ҳуҷҷатҳо иштироки шахсони холис ҳатмист. Дар ҳолатҳои истисно (дар маҳалҳои душворгузар,

ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок бошад) азназаргузаронӣ бидуни шахсони холис анҷом дода мешавад. Барои дар азназаргузаронӣ иштирок намудан, муфаттиш метавонад мутахассисро даъват кунад, айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, шоҳидро ҷалб намояд.

Дар рафти азназаргузаронии ченкунӣ, суратгирӣ, ба наворгирии кино, сабти овоз ва симо (видео), тайёр кардани нақшҳо, тарҳрезӣ, қолабҳои пайҳо иҷозат дода мешаванд. Дар мавридҳои зарурӣ (ба таври асоси барои дар оянда ба тадқиқоти шахсӣ (экспертӣ) фиристодан) қолабҳо, пайҳо, паи нақши ангуштон ва дигар ашёҳои аз ҷойи ҳодиса гирифта шуда, борбандӣ ва мӯҳргузорӣ карда мешаванд.

***Азназаргузаронии намуди зоҳирии (берунии) ҷасад*** қисми асосии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад. Азназаргузаронии ҷасад ба сифати амали тафтишӣ алоҳида ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар онро аз ҷойи ҳодиса ба беморхона, ба ҷойи истиқомат бурда шуда бошанд ва ё дар ҳолатҳои ба ҳамин монанд.

Хусусияти мурофиавии тартиби азназаргузаронии ҷасад – ин ҳатман иштирок кардани ду шахси холис ва духтур, чун қоида, мутахассиси соҳаи тиббӣ – судӣ ва агар иштироки ӯ имконнопазир бошад бо иштироки духтури дигар анҷом дода мешавад. Барои азназаргузаронии ҷасад дар мавридҳои зарури дигар мутахассисон низ ҷалб карда мешавад (қ. 1 м. 179 КМҶ).

Азназаргузаронии ҷасад мумкин аст, азназаргузаронии сару либос, қисмҳои алоҳидаи он пойафзол, ашёҳоеро дарбар гирад, ки дар ҷасад ва ё дар либосаш пайдо карда шудаанд, ҳуҷҷатҳо, ҳиссачаҳои моддаҳое ки ба ҷасад, сару либос, пойафзол часпидаанд ва ё аз кисааш пайдо карда шудаанд.

Барои азназаргузаронӣ баровардани ягон қарори махсус талаб карда намешавад.

Пеш аз саршавии азназаргузаронӣ муфаттиш ба шахсоне, ки дар он иштирок мекунанд, ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро мефаҳмонад. Агар ҳангоми азназаргузаронӣ воситаҳои техникӣ истифода карда шаванд, дар ин хусус иштирокчиёни азназаргузаронӣ огоҳонида мешаванд. Баъд аз он, муфаттиш ва дигар иштирокчиёни азназаргузаронии тафтишӣ объектеро, ки бояд мавриди тадқиқ қарор гирад, дақиқона аз назар мегузаронанд. Дар ин маврид муфаттиш андоза, сурати пайро ба лентаи видео сабт менамояд, нақша ва тарҳҳо тартиб медиҳад, нусхаи муҷассам ва нақши пайро мегирад.

Оид ба азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, маҳал, бино, ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ва ҷасад бо риоя кардани талаботи м. 172, 173 ва 187 КМҶ протокол тартиб дода мешавад.

Дар протокол ҳамаи амалҳои муфаттиш, дар баробари он тамоми объектҳои ҳангоми азназаргузаронӣ ошкоргардида бо ҳамон пайдарҳамие, ки азназаргузаронӣ сурат гирифта буд ва дар ҳамон шакле, ки объекти ошкоргардида дар лаҳзаи азназаргузаронӣ мушоҳида шудааст, дарҷ мегардад. Дар протокол ҳамаи объектҳои ҳангоми азназаргузаронӣ гирифташуда номбар ва дарҷ карда мешаванд.

Дар протокол ба ғайр аз он бояд чунин нуқтаҳо зикр карда шаванд:

– дар кадом вақт, дар чӣ хел ҳаво, дар чӣ хел рушноӣ азназаргузаронӣ сурат гирифт;

– кадом воситаҳои техникӣ татбиқ шуд ва натиҷаҳои он чӣ гуна аст;

– киҳо ба азназаргузаронӣ ҷалб шуданд ва моҳияти иштироки онҳо аз чӣ иборат аст;

– кадом объектҳо мӯҳр зада шудаанд ва бо кадом мӯҳр;

– ҷасад ё ашёҳое, ки барои парванда аҳамиятноканд, пас аз азназаргузаронӣ ба куҷо равона карда шудаанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар рафти азназаргузаронии ҷойи содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, аз ҷумла тахрибкорӣ (диверсия), акти террористӣ ва ғайра, ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният, одамкушии қасдона, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси фавти ҷабрдида гардидааст, одамрабоӣ, таҷовуз ба номус, ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, шиканҷа, терроризм, оид ба ҷиноятҳои нисбати кормандони мақомоти прокуратура ё аъзои оилаи онҳо содиршуда, оид ба бедарак ғайб задани кормандони прокуратура, оид ба ҳодисаҳои нохуш, ки боиси ҳалокат ё зарари вазнин ба саломатӣ бардоштани кормандони прокуратура ё аъзои оилаи онҳо гардидааст, оид ба саркашиҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва адои ҷазои ҷиноятӣ, оид ба кирдорҳое, ки кори муассисаҳои ислоҳиро номураттаб гардонида, боиси оқибатҳои вазнин гардидаанд, инчунин ҳама гуна ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ, чун таркишҳо, сӯхторҳои масоҳаташ калон, ҳодисаҳои бемории ва заҳролудшавии оммавӣ, худкушии занони ҳомила ва ноболиғон, ҳодисаҳои нохуш аз қабили садамаҳои дар нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, автомобилӣ, дар саноат, дар объектҳои сохтмонӣ ва дар хоҷагиии деҳот рӯй дода, ки боиси фавти шумораи зиёди одамон, расонидани зарари вазнин ба саломатии шахсони зиёд ё боиси расонидани зарари махсусан калони моддӣ ба манфиати шаҳрвандон ва ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ гардидаанд, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробар кардашуда бевосита ширкат ва иштироки коршиносону мутахассисонро таъмин намуда, чиҳати дуруст тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ва гирифтани далелҳои шайъӣ бо истифодаи техникаи криминалистӣ ва усулҳои наву муосири дарёфти далелҳои шайъӣ (аз ҷумла заррачаҳо) ёрии амалӣ расонанд (б. 2.1)[1].

### Аз гӯр баровардани ҷасад (эксгуматсия)

***Аз гӯр баровардани ҷасад (эксгуматсия)*** ин амалии тафтишӣ буда он аз ҷойи дафн баровардани ҷасадро дарбар гирифта бо тартиби муқарраркардаи м. 184 КМҶ гузаронида мешавад. Ҷойи дафн ин гӯр, қабр, дахма, лаҳад, қабристон дар назар дошта мешавад. Аз гӯр баровардани ҷасад бо мақсади муҳайё кардани шароит барои газаронидани дигар амалҳои тафтишӣ иҷро мегардад, яъне азназаргузарони, нишондиҳӣ барои шинохтан, таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва ғайра. Вобаста аз ҳолати парванда мумкин аст, аз гӯр баровардан на танҳо барои азназаргузаронӣ ва ё шинохтани ҷасад, балки ба азназаргузаронии либосҳои дар ӯ буда, предметҳои дар ҷасад ва ё ҷойи дафн буда зарурат пайдо мешавад.

Дар бораи аз гӯр баровардани ҷасад муфаттиш қарор мебарорад, ки дар он кадом ҷасад, аз кадом ҷойи дафн бояд бароварда шавад, мақсади ин амали тафтишӣ, асоси он нишон дода мешавад. Чунин қарор барои маъмурияти ҷойи дафн ва шахсони дигар ҳатмӣ аст.

Аз гӯр баровардани ҷасад дар ҳузури муфаттиш, шахсони холис ва коршиноси (эксперти) тиббии судӣ ва агар зарур шавад, бо иштироки дигар мутахассисон гузаронида мешавад (м 184 КМҶ).

---

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

Агар дар якборагӣ азназаргузаронии ҷасад ва ё нишон додани ҷасад барои шинохтан иҷро гардад, дар он вақт оид ба аз ҷойи дафн баровардани ҷасад дар протоколи амали тафтишии мутобиқ, ки аз тарафи худи ҳамон шахсони холис ва дигар шахсони ҳангоми аз гӯр баровардани ҷасад иштирок кардаанд тасдиқ мегардад, нишон дода мешавад. Вале баъди аз ҷойи дафн баровардан мумкин аст ҷасад ба мурдахона, бо мақсади дар оянда гузаронидани экспертизаи тиббии судӣ ва ё нишон додан барои шинохтан ва азназаргузаронӣ бурда шавад. Дар чунин ҳолатҳо, баъди аз гӯр баровардани ҷасад дарҳол протокол тартиб дода мешавад, ки он аз тарафи муфаттиш, эксперти тиббии судӣ, шахсони холис ва дигар шахсони ҳангоми гузаронидани ин амали тафтишӣ иштирок карда, ба имзо мерасад. Дар протокол маълумот оид ба ҷойи дафн шахси ин ҷойро нишон дода, ҳолати ҷасад нишон дода мешаванд.

**Шаҳодаткунонӣ**

***Шаҳодаткунонӣ*** мутобиқи қонун (м. 186 КМҶ) чунин амали тафтишие мебошад, ки ҳангоми гузаронидани он муфаттиш ва ё бо супориши ӯ духтур, гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳидро бо мақсади дар бадани онҳо пайдо кардани нишонаҳои махсус, осори ҷиноят, захмҳои ҷисмонӣ, муайян кардани ҳолати мастӣ ё дигар хусусият ва аломатҳое, ки барои парванда муҳиманд, ба шарте, ки он муоина кардан (экспертиза)-ро талаб накунад, аз назар мегузаронад.

***Шаҳодаткунонӣ*** – ин амали тафтишие мебошад, ки дар он бадани одами зинда, бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои махсусаш, азназар гузаронида мешавад. Шаҳодаткунонӣ он вақт гузаронида мешавад, ки агар гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ лозим набошад.

Асос барои қабул кардани қарор оид ба гузаронидани шаҳодаткунӣ ин дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд будани маълумот ва ё хабари ба муфаттиш додаи мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё дигар шахсон оид ба он мебошад, ки мумкин аст дар бадани яке аз иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятии дар қонун нишондодашуда асари ҷиноят (ҷароҳат, ҷойи харош, доғи кабуд, ҷойи сӯхта, заррачаҳои моддаҳои кимиёвӣ, хоку гил ва монанди инҳо) ва ё нишонаҳои махсус (асари захм, холҳои модарзодӣ, чокҳои дӯхташуда, камбудиҳои ҷисмонӣ ва монанди инҳо) бошад.

Шаҳодаткунонӣ метавонад нисбати айбдоршаванда, гумонбаршуда ҷабрдида ва шоҳид гузаронида шавад. Азбаски ин амали тафтишӣ ба дахлнопазирии шахсии шаҳрвандон таъсир мерасонад, дар қонун тартиби махсуси гузаронидани он ва ҳамчунин кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва шаъну шарафи шаҳодатшаванда муқаррар карда шудаанд.

Дар бораи гузаронидани ин амали тафтишӣ муфаттиш қарор бароварда, дар он асоси гузаронидани шаҳодаткунонӣ ва шахсе, ки шаҳодаткунонии ӯ бояд гузаронида шавад, нишон медиҳад.

Пеш аз шурӯъ кардан ба шаҳодаткунонӣ, муфаттиш қарорро эълон карда, мефаҳмонад, ки он барои ҳамин шахс ҳатмӣ мебошад. Шаҳодаткунонӣ мумкин аст ба таври маҷбурӣ гузаронида шавад, агар шахс ба қарори муфаттиш итоат накунад. Баробари он дар вақти шаҳодаткунонӣ ба ҳаракате, ки ба иззати нафси шахси шаҳодаткунонидашаванда мерасад ё барои саломатии ӯ хатарнок аст, роҳ дода намешавад.

Барои иштирок намудан дар шаҳодаткунонӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад духтурро даъват кунад. Зарурати ба ин одатан ҳамон вақт пайдо мешавад, ки агар барои

муфаттиш пайдо кардан ва тасвир намудани асари ҷиноят ва нишонаҳои махсус ба истифода бурдани илми тиббӣ зарурат пайдо шавад, инчунин дар мавридҳои шаҳодаткунонии ҷинси дигар, агар бараҳна кардани бадани шаҳодаткунонидашаванда лозим ояд. Аз нуқтаи назари ахлоқ, қонун иштирок намудани муфаттишро ҳангоми гузаронидани шаҳодаткунонии ҷинси дигар, агар ба бараҳна кардани бадани ӯ зарурат пайдо шавад, манъ кардааст. Онро духтур бо супориши муфаттиш дар ҳузури шахсони холиси бо шахси шаҳодаткунонидашаванда ҳамҷинс мегузаронад.

Баъд аз ба анҷом расонидани шаҳодаткунонӣ муфаттиш бо риоя намудани талаботи м.м. 172, 173 ва 187 КМҶ протокол тартиб медиҳад. Дар протокол ҳамаи амалҳои муфаттиш, дар баробари он тамоми объектҳои ҳангоми шаҳодаткунонӣ ошкоргардида бо ҳамон пайдарҳамие, ки шаҳодаткунонӣ сурат гирифта буд ва дар ҳамон шакле, ки объекти ошкоргардида дар лаҳзаи шаҳодаткунонӣ мушоҳида шудааст, дарҷ мегардад. Дар протокол ҳамаи объектҳои ҳангоми шаҳодаткунонӣ гирифташуда номбар ва дарҷ карда мешаванд.

Дар протокол ба ғайр аз он бояд чунин нуқтаҳо зикр карда шаванд:

– дар кадом вақт, дар чӣ хел ҳаво, дар чӣ хел рушноӣ шаҳодаткунонӣ сурат гирифт;

– кадом воситаҳои техникӣ татбиқ шуд ва натиҷаҳои он чӣ гуна аст;

– киҳо ба шаҳодаткунонӣ ҷалб шуданд ва моҳияти иштироки онҳо аз чӣ иборат аст.

**Озмоиши (эксперименти) тафтишӣ**

***Озмоиши (эксперименти) тафтишӣ*** – ин амали тафтишие мебошад, ки он аз азнавтакроркунии ҳаракатҳо (амалҳо), вазъият ё ҳолатҳои дигари ҳодисаи муайян ва аз тарафи муфаттиш ба ҷо овардани ҳаракати зарурии озмоишӣ ва таҷрибавиро дарбар гирифта, бо мақсади санҷидан ва аниқ кардани маълумоти ба парванда аҳамият дошта гузаронида мешавад. Тартиби мурофиавии гузаронидани ин амали тафтишӣ дар м. 188 КМҶ ба танзим дароварда шудааст.

Натиҷаҳои озмоиши тафтишӣ ба муфаттиш барои бевосита боварӣ ҳосил кардан (ва сабт кардани ин воқеа дар парвандаи ҷиноятӣ) оид ба доштани имконияти содир кардан ё накардани амали муайян, ҷой доштани ин ва ё он ҳодиса, ки дар бораи он маълумоти воқеӣ мавҷуданд, имконият медиҳанд.

Аз мазмуни қонун, гузаронидани амалҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ ҳангоми озмоиши тафтишӣ на бояд бо истифода бурдани донишҳои махсус алоқаманд бошад. Дар акси ҳол оид ба парванда бояд экспертизаи судӣ-тиббӣ таъин ва гузаронида шавад. Дар рафти гузаронидани ин амали тафтишӣ амалҳои озмоишӣ мумкин аст якчанд маротиба такрор карда шаванд.

Гузаронидани озмоиши тафтишӣ ба шарте роҳ дода мешавад, ки агар ҳангоми гузаронидани он ягон хел хавфи ба иззати нафси шахсони дар он иштироккунанда ва одамони атроф расанда ва обрӯи онҳоро резонанда набошад, ба саломатии онҳо хатаре наоварад (м. 188 КМҶ). Дар вақти гузаронидани озмоиши тафтишӣ иштироки шахсони холис ҳатмист.

Шоҳид ва ҷабрдида вазифадоранд дар вақти гузаронидани озмоиши тафтишӣ иштирок намоянд, агар он ба санҷидани эътимоднокии хабарҳо ва ё нишондодҳои аз тарафи онҳо додашуда равона кардашуда, ба азнавтакроркунии онҳо алоқаманд бошанд.

Муфаттиш ҳуқуқ дорад барои иштирок кардан дар гузаронидани озмоиши тафтишӣ мутахассисро даъват намояд. Нақши ӯ аз расонидани ёрӣ барои

азнавбарқароркунии муҳит (шароит), гузаронидани амалҳои озмоишӣ, сабти онҳо дар наворҳои кино, суратгирӣ ва сабти симо иборат аст. Қонун дар мавридҳои зарурӣ андозагирӣ, аксбардорӣ, сабти овоз ва видео анҷом дода, нақшаҳо ва тарҳҳо (схема) иҷозат додааст.

Дар бораи гузаронидани озмоиши (эксперименти) тафтишӣ бо риояи талаботи м.м. 172, 173 ва 189 КМҶ протокол тартиб дода мешавад. Дар протокол шароит, ҷараён ва натиҷаҳои озмоиши тафтишӣ муфассал инъикос гардида, инҳо зикр мешаванд:

– бо кадом мақсад кай, дар куҷо ва дар кадом шароит озмоиш гузаронида шуд;

– айнан такрор кардани вазъият ва ҳолати ҳодиса дар чӣ мушаххас аён гардид;

– кадом ҳаракатҳои таҷрибавӣ, бо кадом пайдарҳамӣ, аз ҷониби кӣ ва чанд маротиба анҷом дода шуд;

– натиҷаҳои ба даст омада чӣ гунаанд.

### Кофтуков

***Кофтуков*** – ин азназаргузаронии маҷбурии манзили истиқоматӣ, бино, сохтмон, иншоот, қитъаи маҳал ва ё шахс ба мақсади пайдо кардан ва гирифтани предметҳо ва ҳуҷҷатҳои ба парванда аҳамият дошта мебошад. Кофтуков инчунин мумкин аст барои пайдо кардани шахси ҷустуҷӯшаванда ва ҷасад гузаронида шавад.

Ҳамзамон, дар сурати озодона роҳ ёфтан ба биноҳои мазкур (бо розигии соҳибмулк) хавфи пинҳон кардани объектҳои кофтуковшаванда ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад, агар барои чунин тахмин, ки ин объектҳо (ё қисми онҳо) то ҳол қасдан аз тафтишот пинҳон карда шуда истодаанд, асос мавҷуд бошад, дар ин маврид на азназаргузаронии бино, балки кофтуковӣ он гузаронида мешавад.

Асос барои кофтуков кардан дар м. 190 КМҶ пешбинӣ карда шудааст. Мутобиқи он муфаттиш агар ба қадри кофӣ асос дошта бошад, барои тахмин кардани он, ки дар ягон бино ё ягон ҷой ё дар ягон шахс мумкин аст олоти ҷиноят, ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ё чизҳои арзишманди барои парванда аҳамиятнок мавҷуд бошад, барои дарёфт ва гирифтани онҳо кофтуков мегузаронад.

Хусусиятҳои гузаронидани кофтуков мувофиқи КМҶ инҳоянд:

1) пеш аз оғози кофтуков муфаттиш қарори гузаронидани кофтуков ва дар ҳолатҳои зарурӣ қарори судиро пешниҳод менамояд;

2) то оғози кофтуков муфаттиш пешниҳод мекунад, ки объектҳои кофтуковшаванда ва ашёҳои аз муомилоти гражданӣ берунбуда ихтиёран дода шаванд. Ихтиёран додани ашёҳо то оғози амалҳои кофтуковӣ аҳамияти ҳуқуқии далелӣ дорад, ки:

а) самимона пушаймон шудан (чун асоси қатъ кардани парванда бо қ. 1 м. 29 КМҶ, чун ҳолати сабуккунанда), агар шахси ашёро супорида, имконияти рафтори дигар карданро бо ашё дошта бошад (масалан, имконияти нобуд сохтани маводи нашъадор);

б) рад кардани фарзияи дар рафти кофтуков қасдан аз тарафи муфаттиш ё кормандони оперативӣ дар ҷойи кофтуковшаванда партофтани ашё;

в) тасдиқи дидаю дониста ихтиёрдорӣ намудан бо ин ашё;

3) дар рафти кофтуков ба дӯши шахсони иштирокчӣ маҳдудиятҳои иловагӣ гузоштан мумкин аст:

а) манъ кардани тарк кардани ҷойи кофтуков;

б) манъ будани муошират бо якдигар ё шахсони дигар (занг задан бо телефон). Ин маҳдудият метавонад ба ҳимоятгари иштироккунандаи кофтуков дахл дошта бошад;

4) ашёҳое ёфта гирифта мешаванд, ки эҳтимол ба парванда дахл дошта бошанд. Ҳамчунин, ашёҳое, ки аз муомилоти гражданӣ гирифта шудаанд, ёфта гирифта мешаванд.

Мувофиқи м. 22 Конститутсияи Тоҷикистон, манзили шахс дахлнопазир аст. Ба он зӯран даромадан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, ки кофтуков, ҳамчунин, ба манзил даромадан бо қарори асоснок ва ваҷҳноки муфаттиш ва танҳо бо розигии прокурор ва иҷозати суд гузаронида мешавад.

Ин амали тафтишӣ бо қоидаҳои дар м. 190, 192-194 КМҶ пешбинӣ гардида ба танзим дароварда шудаанд. Тартиби гузаронидани кофтукови шахс нисбат ба кофтукови бино ва дигар ҷойҳо фарқ мекунад.

***Кофтуков дар манзили истиқоматӣ, бино, сохтмон, иншоот, ҷой, қитъаи маҳал*** бо қарори асосноки муфаттиш, розигии прокурор ва танҳо бо иҷозати суд ё судя гузаронда мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоми мавҷуд будани хавфи воқеӣ, ки объекти ҷустуҷӯшаванда ва ё дарёфташаванда аз сабаби сари вақт ошкор накардан гум ё вайрон карда мешавад ё ба мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мегардад ё шахси ҷустуҷӯшаванда пинҳон мешавад, мумкин аст бе иҷозати суд, судя кофтуков гузаронида дар ин бора дар давоми 24 соат ба суд маълумоти хаттӣ пешниҳод карда мешавад (қ. 3 м. 192 КМҶ). Ҳангоми гирифтани маълумоти хаттии мазкур, судя қонунӣ будани амали тафтиширо санҷида, оид ба қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани он қарор мебарорад. Дар мавриди ғайриқонунӣ ҳисобидани амали тафтишии зикргардида, ҳама далелҳое, ки дар рафти гузаронидани ин амали тафтишӣ ба даст оварда шудаанд, тибқи талаботи м. $88^1$ КМҶ ғайриимконпазир эътироф карда мешаванд.

Барои он, ки оид ба гузаронидани кофтуков қарор асоснок ва ваҷҳнок бошад, муфаттиш бояд дорои маълумоте бошад, ки онҳо дар бинои муайян, ҷойи дигар ва ё шахси аниқ ба мавҷуд будани ашёҳо, ҳуҷҷатҳои барои парванда аҳамиятдошта мумкин аст ишора намоянд. Ҳангоми гузаронидани кофтуков бо мақсади пайдо кардани шахси ҷустуҷӯшаванда ва ё ҷасад, доштани маълумоти ба ҳамин монанд зарур аст.

Қонун (м. 190 КМҶ) имконияти қабул кардани қарорро оид ба гузаронидани кофтуков танҳо бо мавҷуд будани далелҳое, ки ба зарурати чунин амали тафтишӣ ишора менамоянд, вобаста намекунад.

Қарорро асоснок карда, ба муфаттиш нишон додани мавҷудияти маълумоте, ки ба ӯ барои асоснок кардани тахмин оид ба эҳтимолан воқеъ будани ашёҳо ва ё ҳуҷҷатҳо, шахс, ҷасад дар ин ва ё он ҷо имконият медиҳад, кофӣ аст. Дар қарор нишон додани чунин маълумот ҳатмӣ нест.

Дар бораи гузаронидани кофтуков қарор қабул карда, муфаттиш вазифадор аст иштироки шахсони холис, шахсе, ки дар манзили ӯ кофтуков гузаронида мешавад, ё аъзоёни болиғи оила ӯро таъмин намояд. Агар иҷро намудани ин талабот бо сабабҳои аз муфаттиш вобаста набуда имконнопазир бошад, дар он ҳол намояндагони ташкилоти манзилистифодабарӣ, ҷамоатҳои шаҳрак, деҳот даъват карда мешаванд. Ҳамаи ҳаракатҳои кофтуковӣ бояд дар ҳузури шахсони холис ва дигар шахсони иштирокчӣ гузаронида шавад. Шахсони холис бояд раванди дарёфт намудан ва гирифтани ҳар як ашё ё ҳуҷҷатро мушоҳида намоянд. Агар коф-

туков дар як вақт аз ҷониби якчанд гурӯҳ гузаронида шавад, пас бояд дар ҳар як гурӯҳи кофтуковкунанда бояд на кам аз 2 нафар холисон иштирок намоянд.

Кофтуков дар биноҳое, ки корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ишғол мекунанд, танҳо дар иштироки намояндаи ҳамин идораю муассиса, корхона, ташкилот, гузаронида мешавад.

Кофтуков дар биноҳое, ки намояндагиҳои дипломатӣ ҷойгир шудаанд, ҳамчунин дар биноҳое, ки аъзои намояндагии дипломатӣ ва оилаи онҳо истиқомат мекунанд, танҳо бо хоҳиш ё розигии намояндаи дипломатӣ ва дар ҳузури онҳо анҷом дода мешавад. Розигии намояндаи дипломатӣ ба воситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад. Ҳангоми кофтуков иштироки прокурор ва намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист.

Кофтуков бояд рӯзона гузаронида шавад, дар мавридҳои тахирнопазир бошад, шабона гузаронида шуданаш низ мумкин аст.

Дар вақти пайдо шудани зарурат барои истифода бурдани донишҳои махсус, ки дар ҷараёни чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ, дар чаҳорчӯбаи кофтуков сурат мегирад ва ё тасвири ашёҳо, ҷасад, қисмҳои он дар протокол, муфаттиш ҳуқуқ дорад барои иштирок дар амали тафтишӣ мутахассисро даъват намояд.

Муфаттиш ба кофтуков шурӯъ намуда, вазифадор аст қарори кофтуковро ба шахсе, ки дар манзили ӯ, ё намояндаи муассиса, корхона, ташкилоте, ки дар он ҷо кофтуков гузаронида мешавад нишон диҳад, инчунин ба шахсони холис ҳуқуқҳояшонро оид ба иштирок кардан дар ҳамаи амалҳои муфаттиш, изҳор кардани фикру мулоҳиза дар хусуси амалҳои гузаронидашуда, ки ба протокол дохил карда мешавад, фаҳмонида диҳад.

Дар оғози кофтуков, баъд аз нишон додани қарор муфаттиш таклиф менамояд, ки олоти ҷиноят, ашё ва предметҳои қимматнокӣ бо роҳи ҷиноятқорӣ ба даст овардашуда, инчунин дигар предмету ҳуҷҷатҳоеро, ки барои парванда аҳамият доштанашон мумкин аст, ихтиёран бароварда диҳанд. Агар ин предмету ҳуҷҷатҳоро бо ихтиёри худ бароварда диҳанду барои хавф бурдан аз пинҳон карда шудани онҳо асосе набошад, муфаттиш ҳуқуқ дорад бо гирифтани предметҳое, ки бароварда шудаанд, қаноат карда, дигар кофтуков нагузаронад.

Дар вақти кофтуков муфаттиш ҳуқуқ дорад хонаҳо ва анборҳои қулф задашударо кушояд, ба шарте, ки соҳиби онҳо бо ихтиёри худ онҳоро накушояд. Дар айни замон ба қулфҳо, дарҳо ва предметҳои дигар набояд беҳуда зарар расонида шавад.

Муфаттиш ҳуқуқ дорад ба шахсоне, ки дар бино ё ҷойи кофтуков кардашаванда мебошанд, инчунин ба шахсоне, ки ба ин бино ё ҷой меоянд, иҷозат надиҳад, ки то тамом шудани кофтуков аз он ҷо баромада раванд, инчунин бо якдигар ё бо шахсони дигар муомила кунанд (бо телефон ва ё тарзи дигар).

Қонун (қ. 14 м. 192 КМҶ) ба муфаттиш дастур додааст, ки ҳангоми кофтуков бояд қатъиян бо гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки ба парванда муносибат доранд, маҳдуд шаванд. Ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки барои муомилот манъ шудаанд, сарфи назар аз алоқамандӣ бо парванда бояд гирифта шаванд.

Чорабиниҳои ҷустуҷӯие, ки асоси мазмуни кофтуковро ташкил медиҳад, мумкин аст ба ошкор кардани сирри ҳаёти маҳрамонаи шахси ишғолкунандаи ҳамин бино, ки дар он ҷо ин амали тафтишӣ гузаронида мешавад, ё шахсони дигар оварда расонад. Инро ба назар гирифта, қонун (қ. 12 м.192 КМҶ) муфаттишро вазифадор кардааст, ки барои фош нашудани чунин ҳолатҳо чораҳо андешанд.

***Кофтукови шахсӣ*** – ин муоинаи либос, пойафзол ва бадани одам мебошад, ки бо мақсади ёфта гирифтани чизу ҳуҷҷатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, гузаронида мешавад.

Кофтукови шахсӣ мутобиқи қоидаҳои дар м.м. 190, 192-194 КМҶ пешбинишуда гузаронида мешавад. Хусусияти танзими кофтукови шахсӣ дар он аст, ки онро бе баровардани қарори алоҳида ва бе иҷозати судя ё суд ҳангоми дастгир кардани шахс ва ё ба ҳабс гирифта шудани ӯ инчунин барои чунин тахмин кардан асосҳои кофӣ бошанд, ки шахси дар бино ё ҷойи дигаре, ки дар он ҷой кофтуков ва ё ёфта гирифтан гузаронида шудаистодааст, дар худ предмете ё ҳуҷҷатҳоеро пинҳон медорад, ки барои парванда аҳамият доранд, гузаронидан мумкин аст (м. 193 КМҶ).

Кофтуковӣ шахсӣ танҳо аз тарафи шахси бо кофтуковшаванда ҳамҷинс ва дар ҳузури шахсони холиси ҳамҷинс гузаронида мешавад.

Натиҷаҳои ҳама гуна кофтуков бояд дар протокол бо риояи қоидаҳои дар м.м. 172, 173 ва 194 КМҶ пешбинишуда сабт карда шаванд. Ҳамаи предмету ҳуҷҷатҳои гирифташаванда ба шахсони холис ва шахсони ҳузурдошта нишон дода шуда, баъдан дар протоколи кофтуков номбар ва қайд карда мешаванд.

Дар хусуси предмету ҳуҷҷатҳои гирифташаванда дар протокол нишон дода мешавад, ки онҳоро шахс бо ихтиёри худ додааст, ё маҷбуран гирифта шудаанд, маҳз дар кадом ҷой ва дар чӣ гуна вазъият онҳо ёфта шудаанд. Ҳамаи предмету ҳуҷҷатҳои гирифташаванда, инчунин ҳамаи молу мулки ба рӯйхат гирифташаванда (агар ин предметҳо ва ҳуҷҷатҳо зиёд бошанд) бояд дар протокол ё дар рӯйхати ба он иловашаванда номбар карда шуда, миқдор, андоза, вазн ё нишонаҳои инфиродӣ ва ба қадри имкон арзиши онҳо аниқ нишон дода шаванд.

Ашёҳое, ки ба тадқиқоти экспертӣ фиристонида мешаванд, бо риояи тавсияҳои аз тарафи илмӣ криминалистика коркардашуда бояд борбандӣ ва мӯҳргузорӣ карда шаванд. Дар протоколи кофтуков зикр кардани ин ҳолатҳо лозим аст.

Ба мазмуни протокол инҳо низ дохил мешаванд:

– ба шахсони ҳузурдошта фаҳмонида додани ҳуқуқҳояшон (м. 174 КМҶ):

– арзҳои аз тарафи кадоме аз онҳо изҳордошта;

– кӯшишҳои кофтуковшавандагон ё шахсони дигар барои несту нобуд кардан ё пинҳон намудани предмету ҳуҷҷатҳо;

– воқеияти вайрон кардани тартибот аз тарафи кофтуковшавандагон ё шахсони дигар;

– чораҳое, ки муфаттиш барои пешгирӣ ва бартараф намудани ин кӯшишҳо ва вайронкуниҳои тартибот андешидааст.

Протокол (ва рӯйхат, агар он тартиб дода шуда бошад) аз тарафи муфаттиш, шахсони холис ва дигар шахсоне, ки ҳангоми кофтуков иштирок намудаанд, имзо карда мешавад.

Нусхаи протокол (ва рӯйхат) ба шахсе, ки дар манзили ӯ кофтуков гузаронида шудааст, ё ба аъзоёни болиғи оила ва дар мавриди набудани онҳо, ба намояндаи муассисаҳои манзилистифодабарӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо гирифтани забонхат супурда мешавад.

Нусхаи протоколи кофтуковӣ дар биноҳои муассиса, корхона, ташкилот гузаронидашуда ва рӯйхат бо гирифтани забонхат ба намояндагони онҳо супорида мешавад.

## Ёфта гирифтан

***Ёфта гирифтан*** – ин амали тафтишие мебошад, ки аз гирифтани ашёҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои мушаххас аз шаҳрванд ва ё аз муассиса ташкилот, корхона иборат буда, пайдо кардани онҳо чораҳои ҷустуҷӯйро талаб намекунад.

Мутобиқи м. 191 КМҶ ёфта гирифтан дар мавридҳое гузаронида мешавад, ки агар гирифтани ашёҳо ва ҳуҷҷатҳои муайяни ба парванда аҳамиятдошта зарур шавад ва дар куҷо дар дасти кӣ будани онҳо аниқ маълум бошад.

Асос барои қабул кардани қарор оид ба гузаронидани ёфта гирифтан – ин маълумоти воқеие мебошанд, ки бевосита аз тарафи муфаттиш ба даст оварда шудаанд ва ё ба ӯ мақомоти таҳқиқ хабар додаст, ки он боэътимодона дар ҷойи муайяни бинои муассиса, ташкилот, корхона ва ё шаҳрванд ишғолкарда, мавҷуд будани ашёҳои мушаххас ва ҳуҷҷатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро, ки бояд гирифта шаванд, ишора мекунад.

Қонун (м. 191 КМҶ) чунин намудҳои ёфта гирифтанро пешбинӣ кардааст:

**1) ашёҳо;**

**2) ҳуҷҷатҳо.**

Ёфта гирифтан дар асоси қарори ваҷҳноки муфаттиш бо гирифтани розигии прокурор ва иҷозати суд ё судя сурат мегирад. Дар қарор маҳз кадом ашёҳо ва ё ҳуҷҷатҳо ва аз кӣ бояд гирифта шаванд, нишон дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳои маълумоти сирри давлатӣ дошта танҳо бо иҷозати судя ё суд ва ба тартибе, ки роҳбари идораю муассисаи дахлдор розигӣ додаст, ёфта гирифта мешаванд.

Дар бинои ишғолкардаи намояндагиҳои дипломатӣ, инчунин дар биноҳое, ки аъзоёни намояндагиҳои дипломатӣ ва оилаҳои онҳо зиндагӣ мекунанд, ба мисли кофтуков, предмету ҳуҷҷатҳоро танҳо бо хоҳиш ё розигии намояндагии дипломатӣ бароварда гирифтан мумкин аст. Розигии намояндаи дипломатӣ барои бароварда гирифтани предмету ҳуҷҷатҳо ба воситаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта мешавад.

Дар вақти бароварда гирифтани предмету ҳуҷҷатҳо дар ин биноҳо, ҳозир будани прокурор ва намояндаи Вазорати корҳои хориҷӣ ҳатмист.

Дар вақти бароварда гирифтан ҳозир будани шахсони холис ҳатмист. Тартиби мурофиавии он чунонест, ки барои кофтуков муқаррар гардидааст. Аввал муфаттиш қарори ёфту гирифтанро нишон дода, ба шахсон ва намояндагоне, ки дар манзил ва биноҳои аз ҷониби онҳо ишғолкарда ёфта гирифтан гузаронида мешавад, шахсони холис ва дигар иштирокчиён ҳуқуқ ва вазифаҳояшонро фаҳмонида медиҳад ва баъд пешниҳод менамояд, ки ашёҳо ва ҳуҷҷатҳоро бароварда диҳанд. Дар мавриди саркашӣ кардан аз ихтиёран бароварда додан муфаттиш маҷбуран ёфта мегирад.

Агар ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо дар манзил ва ё биноҳои қулфдор, сейф, ҷевон, сандуқ, қуттии миз, анборҳо нигоҳ дошта шуда бошанд таклиф менамояд, ки онҳоро ихтиёран кушоянд, дар ҳолати рад кардан худаш ва ё бо ёрии муттахассиси даъватшуда мекушояд. Вале дар ҳолати набудани ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо дар он ҷойҳое, ки муфаттиш пайдо кардани онҳоро дар назар дошт, ӯ ҳуқуқ надорад дар доираи ёфта гирифтан кӯшиши кофтукови онҳоро кунад.

Агар муфаттиш барои чунин тахмин кардан асос дошта бошад, ки он ашёҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки барои ёфта гирифтани онҳо омадааст дар ҳамин ҷой буданашон мумкин аст, дар ин ҳолат ӯ қарор дар бораи гузаронидани кофтуков мебарорад.

Мутобиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, муфаттиш вазифадор аст чораҳо андешад, ки дар вақти ёфта баровардани сирри ҳаёти маҳрамонаи шахси ишғолкунандаи ҳамин бино ё шахсони дигар ошкор нашавад.

Ба ғайр аз ашёҳо ва ҳуҷҷатҳои дар қарори ёфта гирифтан нишондодашуда, инчунин муфаттиш ҳуқуқ дорад предмету ҳуҷҷатҳое, ки барои истифода манъ шудаанд (аз гардиш гирифта шудаанд), сарфи назар аз муносибат доштан ва ё надоштани онҳо ба парванда, гирад.

Дар мавриди пайдо кардани дигар ашёҳо ва ҳуҷҷатҳои ба парванда аҳамият дошта, вале онҳо дар қарор нишон дода нашудаанд, чунки муфаттиш пайдо шудани онҳоро ҳангоми ёфта гирифтан пешбинӣ накарда буд, ва ё ашёҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки гарчанде ба парвандаи тафтишкарда истода муносибат надоранд, аммо дорои маълумот оид ба содир кардани ҷинояти дигар мебошад, ба муфаттиш лозим аст дар ҳамин ҳолат қарори алоҳидаи ба ӯ ҳуқуқи гирифтани онҳоро диҳанда бароранд (қарор дар бораи ёфта гирифтан).

**Ҳабси муросилоти почтаю телеграф.**
**Гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ**

Мутобиқи м. 195 КМҶ ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои тахмини он, ки мактуб, телеграмма, радиограмма, баста, фириста ва дигар муросилоти почтаю телеграф дорои маълумот, ҳуҷҷат ё ашёи барои парванда аҳамиятнок мебошанд, онҳоро таҳти ҳабс қарор додан мумкин аст.

Мувофиқи м. 23 Конститутсияи Тоҷикистон маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Моддаи 195 КМҶ тартиби маҳдудкунии ҳуқуқи маҳрамияти мукотибаро пешбинӣ кардааст, ки аз ҳабс кардани мукотибаи почтаю телеграф, аз муассисаҳои почтаю телеграф гирифтан ва аз назар гузаронидани он иборат аст.

Ҳабси мукотибаи почтаю телеграф бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

1) гирифтани далелҳо оид ба ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд;

2) муваққатан қатъ гардонидани мукотибаи шахсони муайян;

3) муайян намудани ҷойи будубоши айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ буда.

Ҳабси муросилоти почтаю телеграф ва дарёфт карда гирифтани мавод дар муассисаҳои почтаю телеграф танҳо бо иҷозати суд, судя анҷом дода мешавад.

Ҳангоми зарурати ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо дар муассисаҳои почтаю телеграф муфаттиш қарори асоснок мебарорад.

Дар қарор бояд инҳо қайд карда шаванд:

1) ному насаби шахсе, ки муросилоти почтаю телеграфии он бояд ҳабс карда шавад;

2) суроғаи аниқи ин шахс;

3) асосҳо барои ба ҳабсгирӣ ва ёфта гирифтани муросилот;

4) навъҳои муросилоти почтаю телеграф, ки бояд ба ҳабс гирифта шаванд;

5) мӯҳлате, ки дар ҷараёни он баҳабсгирӣ бояд амал кунад;

6) номи муассисаи алоқа, ки ба зиммаи он ӯҳдадории боздошти муросилоти почтаю телеграф гузошта шудааст.

Баъд аз қарори мазкурро тасдиқ кардани суд ё судя муфаттиш қарорро ба муассисаи дахлдори почтаю телеграф мефиристонад, таклиф мекунад, ки хату хабарҳоро нигоҳ дорад ва дар ин бора ба муфаттиш хабар диҳад.

Ҳабс ба воридот ё муросилоти ба шахси муайян тааллуқ дошта гузошта мешавад.

Муфаттиш дар ворид шудани муросилот ё мукотибот маълумот гирифта, оид ба вақти ҳозиршавии худ барои азназаргузаронӣ ва гирифтан ба маъмурияти почтаю телеграф хабар медиҳад.

Хату хабарҳо дар ҳузури шахсони холиси аз байни коркунони муассисаи почтаю телеграф гирифта шуда азназаргузаронида ва баровардa гирифта мешаванд. Баъд аз азназаргузаронии мукотибот ва ё муросилот, он ё гирифта мешавад ва ё ба шахси тааллуқ дошта (аз нуқтаи назари тактикӣ ва ё ҳамчун ба парванда аҳамият надошта) фиристода мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ барои иштирок кардан дар гузаронидани ёфта гирифтани мукотиботи почтаю телеграфӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад мутахассиси дахлдорро даъват кунад.

Барои ҳар як азназаргузаронии муросилоти почтаю телеграф муфаттиш протокол тартиб медиҳад ва дар он кайд менамояд, ки муросилоти почтаю телеграф аз ҷониби кӣ ва чӣ гуна аз назар гузаронида, нусхабардорӣ шудааст ва ба унвони кӣ равона карда ё боздошта шудааст.

Ҳабси муросилоти почтаю телеграф ҳангоми аз байн рафтани зарурат, вале дар ҳар ҳолат на дертар аз қатъи парванда ё ба суд фиристодани он бекор карда мешавад.

**Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ**

Мутобиқи м. 196 КМҶ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ба шарти мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои тахмини он ки гуфтугӯйи телефонии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар шахсон ё гуфтугӯ бо дигар воситаҳои алоқа, ки дорои маълумот дар бораи ҷиноят шуда метавонанд ё дорои маълумоти барои парванда аҳамиятнок мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи м. 192 КМҶ ва иҷозати суд, судя гӯш ва сабт кардани ин гуфтугӯро гузаронидан мумкин аст.

Ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, тамаъкорӣ ва дигар амали ҷиноятӣ нисбат ба ҷабрдида, шоҳид ё аъзои оилаи онҳо, тибқи аризаи хаттии онҳо ё ҳангоми мавҷуд набудани чунин ариза тибқи дархости муфаттиш бо иҷозати суд, судя мумкин аст гуфтугӯе, ки тавассути телефони онҳо ё ба воситаҳои дигари алоқа сурат мегирад ва сабти он анҷом дода шавад.

Дар бораи зарурати гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ муфаттиш қарори асоснок мебарорад, ки дар он инҳо зикр мегарданд:

– парвандаи ҷиноятӣ ва асосҳое, ки тибқи онҳо ин амали тафтишӣ сурат мегирад;

– ному насаби шахсе, ки гуфтугӯйи онҳо гӯш карда мешавад;

– дар тӯли кадом муҳлат гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ гузаронида мешавад;

– муассисае, ки ба зиммааш воситаҳои техникии гӯшкунӣ ва сабти гуфтугӯ вогузошта шудааст.

Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯро аз ёфта гирифтани муросилоти почтаю телеграф, ки амалҳои тафтишии монанд мебошанд, фарқ кардан зарур аст. Байни онҳо ду фарқияти асосӣ вуҷуд доранд. Аввалан, ёфта гирифтан аз гирифтани ҳомилони моддӣ, ки иштирокчиёни гуфтугӯйи хаттӣ (хатча, мактубҳо, хабарҳои пейҷингӣ, ҳуҷҷатҳои почтаи электронӣ) иборат аст. Ҳангоми гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ ҳомилони моддӣ – фонограммаҳо бо супориши муфаттиш ташкил карда мешаванд, чунки гуфтугӯ ба тариқи шифоҳӣ бурда мешаванд. Сониян, ҳангоми гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ иштирокчии асосӣ мақомоти махсусгардонидашуда

(ҷузъи таркибии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ), ки гуфтугӯро гӯш ва сабт мекунанд, бо тартиби муайян фонограммаи онро пешниҳод менамоянд. Ҳангоми ёфта гирифтан оператори алоқа, ки бо воситаи ӯ хабарҳо супорида мешаванд, иштирок менамояд.

Асос барои гузаронидани гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, маълумот оид ба имконияти гирифтани маълумоти ба парванда аҳамиятдошта мебошанд.

Муфаттиш қарорро ба суд, судя ирсол намуда, дар сурати иҷозат додани суд, судя онро барои иҷро ба муассисаи дахлдор равон мекунад.

Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ ба муҳлати на бештар аз **6 моҳ** муайян мешавад. Ҳангоми дар оянда зарур набудани ин чора, вале дар ҳама ҳолат на дертар аз қатъи парванда ва ё ба суд равон кардани он ин амал бекор карда мешавад.

Муфаттиш дар тӯли тамоми муҳлати муқарраршуда ҳуқуқ дорад, дар ҳар вақту замон фонограммаро барои азназаргузаронӣ ва шунидани он талаб карда гирад. Фонограмма ба муфаттиш дар шакли мӯҳршуда бо мактуб равон карда мешавад, ки дар он бояд вақти оғоз ва хатми сабти гуфтугӯ ва таснифи зарурии техникии воситаҳои татбиқшуда инъикос гардад.

Азназаргузаронӣ ва шунидани фонограмма аз ҷониби муфаттиш бо иштироки шахсони холис ва ҳангоми зарурат мутахассис, сурат гирифта, дар ин бора протокол тартиб дода, дар он ҳамон қисми фонограмма, ки ба парванда дахл дорад, айнан оварда мешавад. Фонограмма ба парванда замима мегардад ва дар айни замон қисмате, ки ба парванда алоқаманд нест, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ё қатъи парванда нобуд карда мешавад.

### Пурсиш

Пурсиш – ин аз тарафи муфаттиш (таҳқиқбаранда, прокурор) бо тартиби муқаррароти қонун ба даст овардани нишондод аз шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва сабт намудани ин нишондодҳо дар протоколи пурсиш мебошад. Мақсади пурсиш ин ба даст овардани маълумот оид ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта мебошад.

КМҶ тартиби гузаронидани пурсиш, даъват кардани шахсони дар боло зикршударо барои пурсиш муқаррар кардааст.

***Пурсиши шоҳид***. Тартиби мурофиавии даъват кардан ва пурсиши шоҳидон аз рӯйи қоидаҳои умумии дар м.197-202 КМҶ пешбинишуда гузаронида мешавад.

***Пурсиши шоҳид*** – ин амали тафтишие мебошад, ки дар рафти он аз шоҳид дар бораи ҳолатҳои ба онҳо маълум, ки аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ бояд муқаррар карда шаванд, нишондоди шифоҳӣ гирифта мешавад.

Пурсиши шоҳид яке аз маъмултарин амали тафтишӣ мебошад.

Нишондоди шоҳид, ки ҳангоми пурсиш ба даст оварда мешавад ҳамон вақт манбаи далел шуда метавонад, ки ҳангоми даъват, пурсиш кардан ва тартиб додани протоколи пурсиши онҳо қоидаҳои дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда риоя карда шуда бошанд.

Моддаи 198 КМҶ тартиби даъват намудани шоҳидро барои пурсиш муқаррар кардааст. Шоҳид барои пурсиш бо воситаи даъватнома даъват карда мешавад. Дар он шахс ба сифат кӣ, ба назди кӣ, ба кадом суроға, вақти ҳозиршавӣ, оқибатҳои бе сабаби узрнок ҳозир нашудан бояд нишон дода шаванд. Даъватнома ба онҳо бо гирифтани имзо супорида мешавад. Дар мавриди набудани онҳо, даъватнома ба яке аз аъзоёни болиғи оила ё ба ташкилоти манзилистифодабарӣ, ба маъмурияти ҷойи кор, ба ҷамоатҳои шаҳрак ё деҳот, ки онҳо вазифадоранд даъватномаро ба шоҳид супоранд, бо гирифтани забонхат супори-

да мешавад. Даъват намудан барои пурсиш бо истифода намудани дигар воситаҳои алоқа (ба воситаи телефон, телеграмма, факс) мумкин аст иҷро карда шавад.

Шоҳиди оид ба дигар парвандаи ҷиноятии дар ҳабсбуда ба воситаи маъмурияти ҷойи ҳабсхона даъват карда мешавад. Хизматчиёни ҳарбӣ ба воситаи сардорони ҷузъу томҳо даъват карда мешаванд.

Шоҳиде, ки синнаш ба 16 нарасидааст, ба воситаи падару модар ё дигар намояндагони қонуниаш даъват карда мешавад. Тартиби дигари даъват дар мавридҳое роҳ дода мешавад, агар инро ҳолатҳои парванда зарур гардонанд, яъне ба воситаи маъмурияти мактаб, ки дар он ноболиғ таҳсил мекунад ва ё корхона, агар ӯ кор кунад ва ғайра.

Агар шоҳид бе сабаби узрнок ҳозир нашавад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳуқуқ доранд ӯро маҷбуран оваранд (қ. 5 м. 56, м. 115 КМҶ). Оид ба маҷбуран овардани шоҳид муфаттиш карор мебарорад. Иҷрои қарор ба милитсияи ҷойи истиқомати шоҳид супорида мешавад. Дар чунин ҳолат иҷозати суд талаб карда намешавад.

Сабабҳои узрнок ин – беморӣ, ки ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад; фавтидани хешовандони наздик; офатҳои табиӣ; нагирифтани даъватнома; ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани шоҳидро номумкин месозад.

Шоҳид на бояд шабона, рӯзҳои ид, вақтҳои машғули кор ва ё дар дарс будан пурсида шавад, ба ғайр аз ҳолатҳои таъхирнопазир. Мутобиқи м. 197 КМҶ шоҳид дар ҷойи гузаронидани тафтиш пурсиш карда мешавад. Чун қоида, шоҳидро муфаттиш дар утоқи кории худ пурсиш мекунад. Муфаттиш агар зарур ҳисобад, метавонад пурсишро дар ҷойи будубоши шоҳид гузаронад (масалан, дар беморхона, ҷойи истиқомат ва ғайра).

Дар асоси муқаррароти қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пурсиш, танҳо ду нафар иштирок мекунанд: шахсе, ки тафтиш мебарад ва шоҳид.

Шоҳидони оид ба ҳамон як парванда даъват кардашуда дар алоҳидагӣ пурсида мешаванд. Муфаттиш вазифадор аст, барои бо ҳамдигар гуфтугӯ накардани онҳо тамоми чораҳоро андешад. Пеш аз пурсиш кардан муфаттиш шахсияти шоҳидро муайян мекунад, ба ӯ ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки ба иштирок кардан дар амали тафтишӣ алоқаманд мебошад фаҳмонида медиҳад, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ кардан аз додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ (м. 351 ва 352 КҶ) огоҳ карда, дар ин бора дар протокол қайд мекунад ва ин бо имзои шоҳид тасдиқ карда мешавад. Шоҳиди то 16 сола доир ба ҷавобгарӣ барои надодани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда намешавад. Ҳангоми ба чунин шоҳидон фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии онҳо таъкид карда мешавад, ки танҳо ҳақиқатро гуфтан зарур аст. Ба шоҳидон ҳуқуқи надодани нишондоде, ки худи онҳо ва хешовандони наздики онҳоро ба содир кардани ҷиноят айбдор мекунанд (қ. 5 м. 12 КМҶ), фаҳмонида мешавад. Дар бораи фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо дар протокол қайд гузошта, он бо имзои шоҳид тасдиқ карда мешавад.

Дар оғози пурсиш муфаттиш муносибати шоҳид бо гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда муайян мекунад, ҳамин масъала низ аз шоҳид нисбати ҷабрдида муайян карда мешавад. Баъд муфаттиш дигар маълумоти заруриро нисбати шахси пурсидашаванда бояд муайян намояд.

Пурсиш оид ба моҳияти парванда аз таклифи муфаттиш ба шоҳид оид ба ӯ нақл карда додани ҳама чизи ба вай маълум дар бораи холатҳое, ки вобаста ба

онҳо ӯ ба пурсиш даъват карда шудааст, оғоз мегардад. Ин нақли озод мебошад. Баъд аз нақли озоди шоҳид муфаттиш барои бартараф намудани камбудиҳо ва ё лаҳзаҳои нофаҳмо метавонад ба вай саволҳо диҳад. Саволҳо аниқкунанда, баёдоваранда ва назоратӣ шуданашон мумкин аст.

Саволҳои ёридиҳанда додан мумкин нест (масалан, дар сари гумонбаршуда кулоҳи хокистарранг буд?. Бояд чунин савол дода шавад: дар сари гумонбаршуда ягон хел кулоҳ, буд? ва агар дошта буд, он чӣ гуна кулоҳ, буд?).

Агар шоҳид манбаи хабардории худро нишон дода натавонад, маълумоте, ки ӯ медиҳад, далел шуда наметавонанд (м. 73 КМҶ).

Пурсиши бефосилаи шахси болиғ аз 4 соат ва давомнокии он дар як рӯз аз 8 соат зиёд шуда наметавонад (м. 199 КМҶ). Пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи ноболиғ наметавонад дар як рӯз бетанаффус зиёда аз ду соат ва дар маҷмӯъ бештар аз чор соат давом ёбад (м. 429 КМҶ).

Баъди аз тарафи шоҳид дода шудани нишондод ба шакли даҳонӣ, муфаттиш вазифадор аст онро хаттӣ дар протокол сабт намояд. Дар бораи пурсиши шоҳид бо риоякунии талаботи м.м. 172, 173 КМҶ протокол тартиб дода мешавад (м. 200 КМҶ).

Нишондоди шоҳид дар протокол дар шахси якум ва ба қадри имкон ҳарф ба ҳарф навишта мешавад. Агар лозим шавад саволҳои ба шоҳид додашуда ва ҷавобҳои он ҳам навишта мешаванд.

Баъд аз тамом шудани пурсиш протокол барои хондан ба шоҳид пешниҳод карда мешавад, агар дар бораи хонда додан ҳоҳиш изҳор карда шавад, муфаттиш протоколро бо овози шунаво хонда медиҳад. Шоҳид ҳуқуқ дорад талаб кунад, ки ба протокол иловаю тағйирот дароварда шавад. Ин иловаю тағйирот бояд ҳатман ба протокол дохил карда шаванд. Баъд аз нишондод додани шоҳид, агар вай ҳоҳиш кунад ба вай бояд имконият дода шавад, ки нишондоди худро бо дасти худаш нависад, ки дар ин бора дар протоколи пурсиш қайд карда мешавад. Ба нишондод шоҳид ва муфаттиш имзо мекунанд.

Баъд аз хондани протокол шоҳид бо имзои худ тасдиқ менамояд, ки ӯ протоколро хондааст (ё онро муфаттиш хонда додааст) ва нишондод дуруст навишта шудааст. Агар протокол дар якчанд саҳифа навишта шуда бошад, шоҳид дар ҳар як саҳифа алоҳида имзо мекунад. Протоколи пурсишро ба ҳамин тарз шахсони дигари дар гузаронидани он иштироккарда – тарҷумон (м.180 КМҶ), педагог, инчунин намояндагони қонунии шоҳиди ноболиғ (м. 203 КМҶ) имзо мекунанд.

Агар пурсиш дар иштироки тарҷумон гузаронида шуда бошад, протокол бо риоя кардани қоидаҳое, ки дар м. 200 КМҶ муқаррар гардидаанд, тартиб дода мешавад.

Тарҷумон дар ҳар як саҳифаи протокол ва дар охири протокол имзо мегузорад. Шоҳид дар охири протокол бо имзои худ тасдиқ мекунад, ки тарҷумаи шифоҳии протокол ба нишондоди додааш мувофиқ аст. Агар протоколи пурсиш дар шакли хаттӣ ба забони дигар тарҷума шуда бошад, он гоҳ тарҷумон ва шоҳид бояд умуман ба тарҷума ва дар ҳар саҳифаи он алоҳида имзо гузоранд.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ барои пурсиши шоҳиди ноболиғ як қатор истисноҳо пешбинӣ кардааст. Моддаи 203 КМҶ тартиби пурсиши шоҳиди ноболиғро муқаррар кардааст, ки мутобиқи он ҳангоми пурсиши шоҳиди то шонздаҳсола ва бо хоҳиши муфаттиш ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи аз шонздаҳсола калонтар омӯзгор даъват карда мешавад. Агар зарур шавад, инчунин намояндагони қонунии шахси ноболиғ ё хешони наздики ӯ даъват карда мешаванд.

Педагог ва намояндагони қонунии шоҳиди ноболиғ, ки дар вақти пурсиш иштирок мекунанд, бо иҷозати муфаттиш ба шоҳид метавонанд саволҳо диҳанд. Муфаттиш ҳуқуқ дорад саволи додашударо рад кунад, вале саволи радкардашуда бояд ба протокол дохил карда шавад.

Ҳангоми пурсиши шоҳиди ноболиғ агар педагог ва намояндагони қонунии ӯ иштирок карда бошанд дар он сурат бо имзои худ дурустии навишта шудани нишондодро тасдиқ мекунанд.

Бо қарори муфаттиш ҳангоми пурсиши шоҳид сабти овоз ва видео истифода шуда метавонад. Сабти овоз ва видео метавонад ҳамчунин бо хоҳиши шоҳид истифода гардад.

Муфаттиш дар бораи сабти овоз, видео қарор қабул мекунад ва дар ин бора ба шоҳид то оғози пурсиш хабар медиҳад.

Сабти овоз ва видео маълумотеро, ки дар қ. 3 ва 4 м. 172 КМҶ зикр шудаанд, бояд тамоми ҷараёни пурсишро инъикос намояд. Сабти овоз ва видеои як қисми пурсиш, ҳамчунин такрори маълумоте, ки дар ҷараёни ҳамон пурсиш дода шудаанд, махсус барои сабти нишондод мумкин нест.

Баъди ба охир расидани пурсиш сабти овоз ва видео ба пурсишшаванда пурра шунавонида ва нишон дода мешавад. Баъди ба охир расидани намоиш ё шунидани сабт аз шоҳид пурсида мешавад, ки оё ӯ гуфтаҳои худро пурра ё аниқ карда метавонад ва оё ӯ дурустии сабтро тасдиқ мекунад. Иловаҳои шоҳид ба нишондодҳои сабти овоз ва видео, ҳамчунин ба фонограмма ва видеограммаҳо дохил карда мешаванд. Сабти овоз ва видео бо изҳороти шоҳид, ки дурустии онро тасдиқ мекунад, ба охир мерасад.

Нишондоди дар ҷараёни пурсиш бо истифодаи сабти овоз ва видео гирифташуда мутобиқи қоидаҳои КМҶ ба протокол дохил карда мешаванд.

Дар протоколи пурсиш ҳамчунин инҳо зикр мегардад:

1) қайди татбиқи сабти овоз ва видео ва огоҳ кардани пурсишшаванда дар ин бобат;

2) маълумот оид ба воситаҳои техникӣ ва шароити сабти овоз ва видео;

3) изҳори шоҳид доир ба татбиқи сабти овоз ва видео нисбати ӯ;

4) тасдиқи дурустии протокол, сабти овоз ва видео аз тарафи шоҳид ва муфаттиш.

Фонограмма ва видеограмма ҳамроҳи парванда нигоҳ дошта, баъди ба охир расидани тафтиши пешакӣ мӯҳр карда мешаванд.

Агар шоҳид аз имзокунии протоколи пурсиш саркашӣ кунад, дар ин бора дар протокол қайд карда шуда, ин бо имзои шахсе, ки пурсишро гузаронидааст, тасдиқ карда мешавад. Ба шахси аз имзокунии протокол саркашӣ карда бояд имконият дода шавад, ки сабабҳои саркашӣ карданашро эзоҳ диҳад ва ин эзоҳ ба протокол навишта мешавад.

Агар шоҳид бо сабаби камбудии ҷисмонӣ протоколи пурсишро имзо карда натавонад, муфаттиш шахси бегонаро даъват мекунад, он шахсе бо розигии шоҳид бо имзои худ дуруст навишта шудани нишондоди ӯро тасдиқ менамояд. Ба ин протокол муфаттише, ки пурсиш кардааст, низ имзо мегузорад (қ. 3 м. 173 КМҶ).

***Пурсиши ҷабрдида.*** Мутобиқи м. 202 КМҶ, чӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, дар вақти даъват кардани шахси ҷабрдида, пурсиши ӯ ва тартиб додани протокол қоидаҳои дар м.м. 197-202 ҚМҶ муқаррар гардида истифода бурда мешаванд.

Дар ин ҷо боз талаботи иловагие, ки қонун барои пурсиши ҷабрдида муқаррар кардааст, бояд қайд кард.

Мутобиқи м. 202 КМҶ дар вақти пурсиш ё ҳозир шудани шахси ҷабрдида муфаттиш ба ӯ ҳуқуқҳои дар м. 42 КМҶ пешбинишударо фаҳмонида медиҳад.

***Пурсиши гумонбаршуда.*** Пурсиши гумонбаршуда – ин амали тафтишие мебошад, ки дар рафти он аз шахс оид ба гумонбарие, ки нисбати вай пайдо шудааст, ҳамчунин, оид ба дигар ҳолатҳои парванда, ки ба ӯ маълуманд, нишондоди шифоҳӣ гирифта мешавад.

Шахсро дар мавридҳои зерин ба сифати гумонбаршуда пурсиш кардан мумкин аст:

1) агар ӯ бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят дастгир шуда бошад;

2) агар дар ҳақи ӯ чораи пешгирӣ, то эълон кардани айбдорӣ, татбиқ гардида бошад.

Агар гумонбаршуда дастгир карда шуда бошад ё чораи пешгирии дар ҳуқуқи ӯ интихобшуда аз ҳабс кардан иборат бошад, он гоҳ вай бояд фавран пурсиш карда шавад ва, агар ин ғайриимкон бошад, пурсиш бояд дар давоми на зиёда аз бисту чор соат аз лаҳзаи аз озодӣ маҳрум кардан гузаронида шавад. Пеш аз саршавии пурсиш бояд ба гумонбаршуда ҳуқуқҳои мурофиавии вай, ки дар м. 46 КМҶ пешбинӣ шудаанд фаҳмонида дода шаванд, аз ҷумла, ҳуқуқи аз лаҳзаи дастгир ё ҳабс гардидан аз хизмати ҳимоятгар истифода бурдан. Гумонбаршуда барои саркашӣ кардан аз додани нишондод ё дидаю doниста додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, барои он, ки додан ё надодани нишондод ин ҳуқуқи гумонбаршуда мебошад.

Ба гумонбаршуда бояд эълон карда шавад, ки дар содир кардани кадом ҷиноят гумонбар шудааст ва дар ин бора дар протоколи пурсиши ӯ қайд карда мешавад. Баъд аз ин, ба гумонбаршуда таклиф карда мешавад, ки оид ба ҳолатҳои парванда нишондод диҳад. Муфаттиш нақли озоди гумонбаршударо шунавида ва баъд, дар мавриди зарурӣ метавонад ба вай саволҳо диҳад.

Дар мавриди иштироки ҳимоятгар дар пурсиш ӯ ҳуқуқ дорад ба гумонбаршуда саволҳо диҳад. Муфаттиш метавонад саволҳои ҳимоятгарро рад кунад, вале вазифадор аст саволҳои радшударо ба протокол дохил намояд. Бо ҳоҳиши гумонбаршуда ба ӯ имконият дода мешавад, ки нишондоди худро бо дасти худаш нависад.

Агар дар рафти пурсиш гумонбаршуда бо ҳимоятгар дар танҳои вохурданро талаб намояд, муфаттиш вазифадор аст чунин талаботро конеъ гардонад.

Дар хусуси пурсиши гумонбаршуда протокол тартиб дода, дар он нишондоди пурсидашаванда дар шахси аввал, ва аз рӯйи имкон калима ба калима навишта мешавад. Протокол ба гумонбаршуда барои хондан пешниҳод карда мешавад ё бо хоҳиши вай онро муфаттиш хонда медиҳад. Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад, ба протокол даровардани илова ва ислоҳотро талаб намояд. Протоколро гумонбаршуда, ҳимоятгар (агар охирон ҳангоми пурсиш иштирок карда бошад) ва муфаттиш имзо мекунанд.

**Рӯбарӯкунӣ**

***Рӯбарӯкунӣ*** – ин дар як вақт пурсиш кардани ду шахси қаблан пурсидашудае мебошад, ки дар нишондодҳояшон ихтилофҳои ҷиддӣ ҷой доранд.

Рӯбарӯкунӣ бо мақсади маълум кардани сабабҳои ин ихтилофҳо, бартараф намудани онҳо ва гирифтани нишондодҳои ҳаққонӣ аз ҳарду шахсон, гузаронида мешавад.

Асос ва тартиби гузаронидани ин амали тафтишӣ дар м. 204 КМҶ ба танзим даровардa шудааст.

Рӯбарӯкунӣ яке аз намудҳои гуногуни пурсиш буда, дар он қоидаҳои умумии пурсиш татбиқ карда мешавад. Вале рӯбарӯкунӣ ба худ хусусиятҳои хосе дорад, ки онро аз пурсиш фарқ мекунад:

***Якум***, пурсидашавандагон дар ин ҷо якбора ду шахс мебошанд (на зиёда). Онҳо ду шоҳид, ду ҷабрдида, ду гумонбаршуда, ду айбдоршаванда, айбдоршаванда ва гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдида, айбдоршаванда ва шоҳид ва ғайраҳо шуда метавонанд.

***Дуюм,*** ҳардуи иштирокчии рӯбарӯкунӣ бояд пешакӣ ҳатман пурсида шуда бошанд. Бе он гузаронидани рӯбарӯкунӣ ғайри имкон аст.

***Сеюм***, рӯбарӯкунӣ ҳамон вақт байни ду пурсидашаванда гузаронида мешавад, ки агар дар нишондоди пештар додаи онҳо оид ба ҳамон як ҳолат ихтилофоти ҷиддӣ мавҷуд бошад. Лекин дар амалия ҳолатҳои бо ҳам рӯбарӯ кардани шахсоне, ки дар нишондодашон ихтилофҳои ҷиддӣ ҷой надоранд вомехӯранд. Ин иқдомро муфаттишон аксар вақт бо мақсади мустаҳкам кардан ва бартараф кардани эҳтимолияти тағйир додани нишондод ё аз додани он саркашӣ кардани шахсон ба роҳ мегузоранд.

Дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто ҳангоми дар нишондодҳо ҷой доштани ихтилофҳои ҷиддӣ ҳам, гузаронидани рӯбарӯкунӣ мувофиқи мақсад нест, масалан, агар хавфе ҷой дошта бошад, ки иштирокчии боинсоф дар зери таъсири пурсидашавандаи дуюм метавонад нишондоди худро тағйир диҳад.

Масъалаи ҷиддӣ будани ихтилофотро муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда, бо назардошти ҳолатҳои содир кардани ҷиноят ва аҳамияти нишондодҳои ҳар кадоме аз шахсони қаблан пурсидашуда, муайян мекунад.

Рӯбарӯкуниро байни ду шоҳид ё ҷабрдида, шоҳид ва ҷабрдида, шоҳид ва айбдоршаванда (гумонбаршуда), ҷабрдида ва айбдоршаванда (гумонбаршуда), ду айбдоршаванда (гумонбаршуда), айбдоршаванда ва гумонбаршуда гузаронидан мумкин аст.

Дар баъзе аз мавридҳо рӯбарӯкунӣ бо илтимоси гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ҳимоятгар ва ё намояндагони ҷабрдида гузаронида шуданаш мумкин аст. Дар ҳамин ҳолат ҳам гузаронидани рӯбарӯкуниро маҳз муфаттиш ҳал мекунад.

Ихтилофҳои ҷиддӣ дар нишондодҳо метавонанд ба ҳолатҳои гуногуне, ки предмети исботкуниро фаро мегиранд, дахл дошта бошанд. Ҳар як иштирокчии ин амали тафтишӣ нишондодро дар ҳузури дигараш медиҳад ва метавонад боварӣ пайдо кунад, ки шахси дигар нишондоди дахлдор медиҳад.

Бояд қайд кард, ки бартараф намудани ихтилофот мақсади ягонаи рӯбарӯкунӣ нест. Ҳангоми гузаронидани он мумкин аст маълумот воқеияти пештар маълум набуда, далелҳои нав ба даст оварда шаванд.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуда буд, рӯбарӯкунӣ яке аз намудҳои гуногуни пурсиш мебошад, ва аз ҳамин сабаб он пурра бо риояи намудҳои гуногуни қоидаҳои гузаронидани ин ва ё он намуди пурсиши иштирокчиёни мурофиа сурат мегирад.

Ҳамин тавр, агар иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ шоҳид ва ҷабрдида бошанд, онҳо то оғози пурсиш бояд аз рӯйи м.м. 351 ва 352 КҶ барои саркашӣ кардан ва ё нахостани додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳонида мешаванд (қ. 2 м. 204 КМҶ).

Гумонбаршуда дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи м.м. 351 ва 352 КҶ огоҳонида намешаванд барои он, ки додани нишондод ҳуқуқ на ин ки вазифааш мебошад.

Дар вақти рӯбарӯкунӣ қоидаҳои аз тарафи қонун муқарраркардашуда нисбати шахсоне, ки ҳангоми пурсиш иштирок кардани онҳо мумкин аст (тарҷумон, педагог, намояндагони ноболиғ ва ё хешовандони наздик, ҳимоятгар) амал мекунад.

Протоколи рӯбарӯкунӣ бояд бо риояи қоидаҳои умумии дар м.м. 172 ва 173 КМҶ пешбинӣ шуда тартиб дода шавад.

Муфаттиш дар вақти рӯбарӯкунӣ ба пурсиш шурӯъ карда, аз шахсоне, ки байни онҳо рӯбарӯкунӣ гузаронида мешавад, мепурсад, ки оё онҳо ҳамдигарро мешиносанд ва байни худ чӣ хел муносибат доранд. Муайян кардани муносибати онҳо байни ҳамдигар ин аллакай унсури аз тарафи муфаттиш ба даст овардани нишондоди мақсаднок мебошад, ки ба сабаби ихтилофот равшанӣ меандозад. Баъд муфаттиш ба шахсони мазкур таклиф мекунад, ки оид ба ҳолатҳои барои муайян кардани онҳо рӯбарӯкунӣ гузаронида шуда истодааст, бо навбат нишондод диҳанд. Муфаттиш нишондодҳоро гуш карда, метавонад ба ҳар кадоми онҳо саволҳо диҳад. Шахсоне, ки рӯбарӯ карда шудаанд, метавонанд бо иҷозати муфаттиш ба ҳамдигар аз рӯйи моҳияти парванда саволҳо диҳанд, ки дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад. Ҳангоми рӯбарӯкунӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад, ки далелҳои шайъӣ ва ҳуҷҷатҳои ба парванда дохил кардашударо нишон диҳад.

Баъд аз дар протокол сабт шудани нишондодҳо, ки ба шакли нақли озод ва ё ба шакли саволу ҷавоб сурат гирифтааст, муфаттиш агар лозим донад, нишондодҳои шахсони рӯбарӯшударо, ки дар пурсиши пештара додаанд, хонда диҳад ва нишондоди ба навори овоз ва симо сабтшударо мешунавонад. Ин амал танҳо пас аз додани нишондоди рӯбарӯшавандагон ва дар протокол қайд кардани он роҳ, дода мешавад.

Ҳимоятгари гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда ҳуқуқ, дорад дар гузаронидани рӯбарӯкунӣ иштирок кунад ва бо иҷозати муфаттиш ба иштирокчиёни он саволҳо диҳад (дар мавридҳое, ки агар рӯбарӯкунӣ бо илтимоси худи ҳимоятгар ва ё шахсе, ки онро ӯ ҳимоя мекунад, гузаронида шуда истода бошад). Бо илтимоси коршинос (эксперт) муфаттиш метавонад ба ӯ барои иштирок кардан дар рӯбарӯкунӣ ва савол додан ба иштирокчиёни он иҷозат диҳад.

Муфаттиш протоколро тартиб дода, онро барои хондан ба иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ пешниҳод мекунад ва ё бо хоҳиши онҳо протоколро худаш хонда медиҳад. Талаботи иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ оид ба ворид кардани ислоҳот ва ё тағйирот дар навиштаҷоти нишондод бояд албатта ба назар гирифта шаванд.

Дар протоколи рӯбарӯкунӣ нишондоди пурсидашавандагон бо ҳамон тартибе, ки нишондод дода шудааст, навишта мешавад. Ҳар як иштирокчии рӯбарӯкунӣ ба нишондоди худ ва ба ҳар як саҳифа дар алоҳидагӣ имзо мегузорад.

Протокол инчунин ба шахсони дар рӯбарӯкунӣ иштироккарда (ҳимоятгар, намояндаи қонунии ноболиғ, тарҷумон ва дигарон) хонда дода шуда, аз тарафи онҳо имзо мегардад. Дар охир муфаттиш имзои худро мегузорад.

Агар муқаррар карда шуда бошад, ки рӯбарӯкунии айбдоршаванда бо ҷабрдида ва шоҳид метавонад ба шоҳид ва ҷабрдида зарар расонад ё онҳоро тарсонад, рӯбарӯкунӣ бояд истисно карда шавад.

## Нишондиҳӣ барои шинохтан

***Нишондиҳӣ барои шинохтан*** – ин амали тафтишие мебошад, ки дар рафти он муфаттиш ба шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда ё айбдоршаванда, шахс (сурати ӯ), ҷасад ё ашёҳоро бо мақсади муайян кардани монандии он ба ҳамоне, ки шиносанда дар бораи он нишондод додааст, пешниҳод менамояд (м. 205 КМҶ).

Нишондиҳӣ барои шинохтан – ин тарзи ба худ хоси санҷидани далелҳои аллакай ба даст омада, инчунин ин воситаи ба даст овардани далелҳои нав оид ба шахсияти айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, шоҳид ва инчунин ҳолатҳои барои парванда аҳамият дошта мебошад.

Моҳияти он чунин аст, ки шахси шиносанда тасвири объекти пештар дар хотирааш нақшбастаро бо объекте, ки ба ӯ дар байни объектҳои дигар барои шинохтан пешниҳод карда мешавад, фикран муқоиса мекунад. Дар натиҷаи чунин муқоисакунӣ, дар бораи айният, монандӣ ва фарқият хулоса бароварда мешавад.

Нишондиҳӣ барои шинохтан ба амали тафтишии пурсиш монандии муайяне дорад. Шиносанда ва пурсидашаванда танҳо онҳое шуда метавонанд, ки ин ва ё он объектро дар шароит, ҳолат ва ё ҳодисаи муайяне мушоҳида кардаанд. Чунин шахсон шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда шуда метавонанд. Ҳам дар вақти шинохтан ва ҳам дар вақти пурсиш он маълумоте, ки оид ба шахс ва ё предмет дар хотири шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда нақш бастаанд моҳияти далелӣ доранд. Вале ҳангоми шинохтан пурсидашаванда на танҳо симои шахс ва ё тасвири ашёро, ки дар хотираш нақш бастааст, ба пеши назар меорад, балки ба он объекте, ки воқеан муфаттиш ба ӯ нишон додааст, муқоиса (монанд) мекунад. Хабари додашуда аз натиҷаи муқоиса ва нишондод аз руӣ кадом аломатҳо ӯ ба чунин хулоса омад, мазмуни далелҳои ин амали тафтиширо дарбар мегирад. Барои роҳ надодан ба хатогиҳои шинохтани объект, қонун тартиби махсуси мурофиавии гузаронидани онро муқаррар кардааст (м. 206 КМҶ). Вайрон кардани ин муқарарот бисёртар ба талафоти бебозгашти далел оварда мерасонад.

Объектҳои нишон додан барои шинохтан инҳо шуда метавонанд:

– одамон (намуди зоҳирии анатомӣ ва аломатҳои таъиноти функсионалӣ);
– ҷасад ва ё қисмҳои он;
– ашёҳо;
– ҳайвонот;
– қитъаи маҳал;
– бино;
– иншоот;
– объектҳои номбаршуда аз руйи сурат.

Мутобиқи м. 205 КМҶ шиносандагон пешакӣ дар бораи вазъияте, ки дар он шахс ё ашёро мушоҳида кардаанд ва дар бораи нишона ва хусусиятҳое, ки аз руӣ онҳо шинохта метавонанд, пурсида мешаванд.

Тартиби гузаронидани нишондиҳӣ барои шинохтан дар м. 206 КМҶ пешбини шудааст, ки мутобиқи он шахсе, ки шинохта мешавад, ба шиносанда бо якҷояигии шахсони дигаре, ки бо намуди зоҳириашон ба қадри имкон ба шинохташаванда монананд (синну сол, андом, қад, ҷусса, либос ва ғайраҳо), нишон дода мешавад. Агар шинохташаванда нисбат ба синну соли худ хеле ҷавон ва ё калон намояд, дар он маврид ин қоида татбиқ карда намешавад. Шумораи умумии объектоне, ки барои шинохтан нишон дода мешаванд, бояд аз се нафар кам набошад. Ин қоида ба шинохтани ҷасад дахл надорад.

Пеш аз нишон додан ба шинохташаванда таклиф карда мешавад, ки байни шахсоне, ки бо ҳамроҳии ӯ барои шинохтан пешниҳод карда мешаванд, метавонад куҷоеро ки хоҳад ишғол намояд ва ин дар протокол қайд карда мешавад.

Ҳангоми ғайриимкон будани нишондиҳии шахс барои шинохтан, ин амал метавонад аз рӯйи акси ӯ, ки якҷоя бо аксҳои шахсони аз рӯйи имкон зоҳиран ба ӯ монанд, бо теъдоди на кам аз се акс анҷом дода мешавад.

Ашёҳои барои шинохтан нишондодашаванда аз далелҳои шайъии гуногуне иборат мебошанд (олоти ҷиноят, амволи арзишноки дуздидашуда, ашёҳо, сару либоси ҷабрдида, шахси гумонбаршуда ва монанди инҳо, ки дар он асари ҷиноят боқӣ мондааст, ё объекти ҳаракатҳои ҷиноятκорона ҳастанд), ки дар мавриди шинохта шудан мумкин аст онҳо чунин эътироф карда шаванд.

Ашё барои шинохтан бо гурӯҳӣ ашёҳои ҳамнамуд, шакл, рангашон якхела, инчунин бо муҳлат ва сифати сохт, фарсудашавӣ фарқияти калон надошта нишон дода мешавад.

Ашё якҷоя бо ашёи якхела бо теъдоди на камтар аз се ашё барои шинохтан пешниҳод карда мешавад, ба ғайр аз атиқафурӯшӣ (антиквариат), яъне ашёҳое, ки аз осорхона тасарруф карда шудаанду баҳои таърихӣ доранд.

Нишон додан барои шинохтан дар ҳузури шахсони холис гузаронида мешавад. Ба шахсони холис ҳуқуқ ва уҳдадорияшон мутобиқи талаботи м. 60 КМҶ фаҳмонида дода мешавад, ки онҳо ҳуқуқ доранд дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кунанд, оид ба пешбурди амали тафтишӣ мулоҳизаҳояшонро баён кунанд.

Пеш аз нишон додан барои шинохтан ашёи дар байни дигар ашёҳо нишондодашавандаро, ки нисбат ба парванда аҳамият дорад ва ё аҳамият доштанаш мумкин аст, бояд ба шахсони холис нишон дода шаванд. Барои дурустии тасвири натиҷаи амали тафтишӣ дар протокол ашёҳоро (ба монанди суратҳо) ба тартиби рақамҳо ишора кардан лозим аст.

Агар шиносанда шоҳид ё шахси ҷабрдида бошад, онҳо пеш аз шинохтан дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданашон барои саркашӣ кардан аз додани нишондод, ё дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳонида мешаванд, ки дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад.

Қарори муфаттиш оид ба гузаронидани ҳамин амали тафтишӣ бо иштироки гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда ба сифати шахси шиносанда гирифтани розиги онҳоро талаб мекунад. Онҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ кардан аз додани нишондод ҳангоми нишон додани шахс ва ё ашё барои шинохтан, инчунин барои саркашӣ кардан аз иштирок намудан дар ин амали тафтишӣ дар нақши шиносанда огоҳонида намешаванд.

Ба шиносанда таклиф карда мешавад, шахс ё ашёро, ки дар бораи он нишондод додааст, нишон диҳад. Саволҳои ёридиҳанда (раҳнамункунанда) додан манъ аст.

Агар шиносанда ба яке аз одамон ё яке аз ашёҳои барои шинохтан пешниҳодкарда ишора кунад, аз ӯ пурсида мешавад, ки ӯ ҳамин шахс ё ашёро аз рӯйи кадом нишонаҳо ё хусусиятҳояш шинохтааст.

Бо мақсади таъмини амнияти шиносанда, нишон додани шахс барои шинохтан метавонад дар шароите доир гардад, ки шинохташаванда шиносандаро дида натавонад. Дар чунин ҳолатҳо шахсони холис бояд дар ҷойи қарордоштаи шиносанда қарор дошта бошанд. Ба шахсони холис ва шиносанда бояд имкон фароҳам оварда шавад, ки шахсони шинохташавандаро дида тавонанд. Талаботи сархати 9 м. 206 КМҶ онро дар назар дорад, ки барои гу-

заронидани ин амали тафтишӣ бояд утоқи махсус, ки як тараф – тарафи дигарро набинад[1], зарур аст. Ғайр аз ин чунин амалро дар асоси қ. 1 зербанди 8 м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» бо маводи оперативии мавҷуда барои ҳаммонандкунии оперативии шахсият ва дигар объектҳо гузаронидан мумкин аст.

Аз рафт ва натиҷаи нишондиҳӣ барои шинохтан бо риояи талаботи м.м. 172 ва 187 КМҶ протокол тартиб дода мешавад. Дар протокол дар бораи шахсияти шиносанда, дар бораи шахсон, суратҳо, ҷасад, қисмҳои боқимондаи он ва ашёҳои барои шинохтан нишон додашуда маълумот зикр карда шуда, нишондоди шиносанда ба қадри имкон ҳарф ба ҳарф ифода карда мешавад. Дар протокол инчунин ба шахсони дар амали тафтишӣ иштироккунанда фаҳмонида додани ҳуқуқ ва вазифаҳояшон, ба шахси шинохташаванда фаҳмонида додан оид ба ихтиёран интихоб кардани ҷойи дар байни шахсоне, ки ӯ ҳамроҳи онҳо барои шинохтан нишон дода мешавад низ қайд карда мешавад.

Протоколро баъд аз хонда додан шахсони дар нишондиҳӣ барои шинохтан иштироккарда ва муфаттиш имзо мекунанд. Ба протокол суратҷадвал (фототаблитса) бо расмҳояш, ки объекти нишондиҳӣ барои шинохтан гардидааст ва сурати ашёҳо, агар ҳангоми нишондиҳӣ барои шинохтан суратгирӣ татбиқ шуда бошад, ҳамроҳ карда мешавад.

Такроран нишон додани худи ҳамон як шахс ва ё ашё ба ҳамон як шахси шиносанда пешниҳод карда намешавад. Он моҳияти исбот надорад. Нишон додани шахс барои шинохтан баъд аз он, ки нишондиҳии сурати ӯ барои шинохтан ҷой дошт, имконпазир аст.

## Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса

***Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса*** – ин амали тафтишие мебошад, ки дар рафти он шахси пурсидашуда ҷойи содиршавии ягон хел ҳодисаро, ки дар бораи он пештар нишондод дода буд, нишон медиҳад ва дурустии ин нишондодҳо ба воситаи муқоиса намудан бо вазъият дар ҷояш санҷида мешавад.

Барои гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса баровардани қарори махсус зарур нест.

Мутобиқи м. 207 КМҶ муфаттиш метавонад нишондоди шахси гумонбаршуда, ҷабрдида ё шоҳидро ба воситаи муқоиса намудан бо вазъият дар ҷойи воқеае, ки он дар нишондоди шахсони мазкур нишон дода шудааст, дар ҳузури худи ин шахсон санҷида барояд.

Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса метавонад аз инҳо иборат бошад:

1) шахси нишондоддода дар ҷойи ҳодиса, вазъ ва ҳолатҳои ҳодисаи тафтишшавандаро барқарор мекунад;

2) ашё, ҳуҷҷатҳо ва нишонаҳоеро, ки барои парванда аҳамият доранд, кофта меёбад ва нишон медиҳад;

3) амалҳои муайянро намоиш медиҳад;

4) нишон медиҳад, ки дар воқеаи тадқиқшаванда ин ё он ашё кадом нақшро иҷро кардааст;

5) ба тағйири вазъи ҷойи ҳодиса таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд;

6) нишондоди пешинаи худро мушаххас ва аниқ месозад.

---

[1] Вобаста ба амалишавии сиёсати давлат дар самти ислоҳоти мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон 5-то чунин утоққои махсус дар ВКД, КДАМ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон сохта ба истифода дода шуданд.

Ба ин амалҳо ягон дахолати беруна ва саволҳои раҳнамункунанда додан мумкин нест.

Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар ҳузури шахсони холис ва дар мавриди зарурӣ бо иштироки мутахассис гузаронида мешавад.

Дар ҷойи ҳодиса дар як вақт санҷидани нишондоди якчанд шахс мумкин нест.

Баъди аниқ кардани нишондод ва нишон додани амалҳо ба шахсе, ки нишондодаш санҷида мешавад, саволҳои марбут ба амалҳои тафтишӣ додан мумкин аст.

Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса андозагирию, аксбардорӣ, сабти овоз, сабти видео анҷом дода, нақшаҳо ва тарҳҳо тартиб дода мешаванд.

Қонун (м. 207 КМҶ) тартиби ҳуқуқии гузаронидан ва сабт кардани ин амали тафтиширо чунин муқаррар кардааст:

1) ҳатмӣ будани иштироки муфаттиш, шахсони холис, инчунин шахсе, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад. Иштироки мутахассис, коршинос (эксперт) ва шахсоне, ки ёрӣ мерасонанд, ҳатмӣ нест;

2) манъ будани амалҳое, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд, ба иззати нафси шахс мерасанд ва ё барои саломатӣ хатарноканд;

3) ҳангоми нақл кардан ва нишон додан манъ будани додани саволҳои ёрирасон ба шахсе, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад. Шоҳид ва ҷабрдида дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи м.м. 351 ва 352 КҶ огоҳонида мешаванд;

4) бо назардошти муфаттиш мумкин будани суратгирӣ ва ё гирифтан ба навори кино, сабти симо, тартиб додани нақша, муҷассама, расмҳо, ки замимаи протокол мебошанд;

5) ҳатман тартиб додани протокол дар бораи санҷида баромадани нишондод дар ҷояш, бо риоя намудани муқаррароти м.м. 172 ва 173 КМҶ. Дар протокол шароит, ҷараён ва натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса муфассал инъикос карда мешаванд. Дар он нишон дода мешавад: бо кадом мақсад, кай ва дар кадом вазъият санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса гузаронида шуд; далелҳое, ки бояд санҷида шаванд, амалҳое, ки иштирокчиён ҳангоми тайёрӣ, аз нав такрор кардани ҳолатҳои санҷидашаванда ё ҳангоми ба ҷо овардани амалҳои озмоишӣ иҷро намудаанд ва аз он чӣ натиҷаҳо ба даст омаданд. Дар протокол бояд дар хусуси ба иштирокчиён фаҳмонида шудани ҳуқуқу вазифаҳояшон ва, инчунин, татбиқи воситаҳои илмӣ-техникӣ қайд карда шавад.

**Таъин кардан ва гузаронидани экспертиза.**
**Гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ**

***Экспертиза*** – ин амали тафтишиест, ки аз тадқиқоти объектҳои гуногун иборат буда, бо истифода аз донишҳои махсуси илм, техника, санъат ё касбу ҳунар, барои муайян кардани ҳолатҳое, ки барои кор аҳамият доранд, гузаронида мешавад.

Экспертиза дар мавридҳое таъин карда мешавад, ки агар ба донишҳои махсус эҳтиёҷ пайдо шаваду, вале онҳо ба субъекти исбот маълум набошанд.

Экспертиза дар мавридҳое таъин карда мешавад, ки агар барои муқаррар кардани ин ё он ҳолатҳои барои ба парванда аҳамият дошта донишҳои махсуси соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар заруранд (м. 77 КМҶ). Бо баробари ин

қонун (м. 209 КМҶ) ҳолатҳоеро номбар кардааст, ки гузаронидани экспертиза ҳатмист:

а) сабаби марг;

б) хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ;

в) синну соли гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳамият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол вуҷуд надошта ё шубҳаовар бошанд;

г) ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд;

д) ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад.

Дар мавридҳои дигар асос барои таъин кардан ва гузаронидани экспертиза ин маълумоти воқеие мебошанд, ки ба имконияти муқаррар кардани ҳолатҳое ишора кунанд, ки оид ба парванда бояд бо ёрии гузаронидани тадқиқотҳои аз тарафи шахсони дониши махсусдошта исбот карда шаванд.

Муфаттиш таъини экспертизаро зарур шуморида, дар ин бора қарор қабул мекунад ва дар он маълумоти зеринро зикр менамояд:

1) асосҳои таъини экспертиза;

2) ному насаби коршинос ё муассисае, ки экспертиза бояд дар он ҷой гузаронида шавад;

3) саволҳое, ки дар назди коршинос гузошта шудаанд;

4) маводе, ки ба коршинос пешниҳод мешавад.

Агар оид ба парванда айбдорӣ эълон карда шуда бошад, муфаттиш вазифадор аст айбдоршавандаро бо қарор дар бораи таъин кардани экспертиза шинос кунад ва ҳуқуқҳои ӯро фаҳмонида диҳад.

Мутобиқи м. 210 КМҶ дар вақти таъин кардан ва гузаронидани экспертиза айбдоршаванда ҳуқуқ дорад:

– бо қарори таъин намудани экспертиза шинос шаванд;

– ба коршинос раддия изҳор намоянд;

– дар бораи дур кардани муассисаи экспертӣ аз гузаронидани экспертиза дар сурати муқаррар гардидани ҳолатҳое, ки ба оқибати парванда манфиатдор набудани роҳбари муассисаи экспертӣ – ҷойи кори шахси салоҳиятдорро таҳти шубҳа қарор медиҳанд, дархост пешниҳод намоянд;

– хоҳиш намоянд, ки шахсони аз тарафи онҳо зикршуда ё мутахассисони муассисаҳои мушаххаси судии экспертӣ ба ҳайси коршиносон ҷалб карда шаванд;

– саволҳои иловагӣ пешниҳод намоянд;

– дар вақти гузаронидани экспертиза ҳузур дошта бошанд ва ба коршинос саволҳо диҳанд, шарҳу тафсир кунанд;

– бо хулосаи коршинос ё хабари имконнопазирии додани хулоса шинос шаванд.

Муфаттиш оид ба шинос кардани айбдоршаванда бо қарор дар бораи таъин кардани экспертиза ва фаҳмонида додани ҳуқуқҳои ӯ протокол тартиб медиҳад Агар аз тарафи айбдоршаванда ягон дархост изҳор карда шавад, муфаттиш онро ба протокол дохил мекунад. Протоколро муфаттиш ва айбдоршаванда имзо мекунанд. Агар дархости айбдоршаванда қонеъ карда шавад, муфаттиш мувофиқан қарори худро дар бораи таъин кардани экспертиза тағйир медиҳад ё ба он илова дохил мекунад. Оид ба рад кардан аз қонеъ-

кунонии дархост муфаттиш қарор мебарорад ва онро ба айбдоршаванда эълон карда, дар ин бора забонхат мегирад.

Қарор дар бораи таъин кардани экспертизаи рӯҳӣ-судӣ ба айбдоршаванда эълон карда намешавад, агар вазъияти рӯҳии айдоршаванда барои ин имконият намедиҳад.

Экспертизаҳо дар муассисаҳои ташхисии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, инчунин аз тарафи шахсони дар дигар ташкилотҳо фаъолият баранда, ки вобаста ба дониши махсус доштанашон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба сифати коршиносон ҷалб карда мешаванд, гузаронида мешавад.

Ҳангоми ба корманди муассисаи экспертии мутобиқ супоридани гузаронидани экспертиза муфаттиш ба ин муассиса қарори худ ва маводи барои тадқиқот ва додани фикру хулоса зарурро ирсол менамояд, инчунин ба сардори муассисаи ташхисӣ супориш медиҳад, ки ба кормандони ба онҳо гузаронидани экспертиза супоришшаванда, ҳуқуқ ва вазифаҳои мурофиавии коршиносро фаҳмонида диҳад. Чунин супоришро муфаттиш дар қарор дар бораи таъин кардани экспертиза ва ё дар мактубе, ки ҳамроҳ фиристода мешавад, нишон медиҳад.

Гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ ва ё судӣ-рӯҳӣ мумкин аст дар шароити ба беморхона хобонида, мушоҳида ва назорат кардани айбдоршавандаро (гумонбаршударо) талаб кунад. Дар чунин мавридҳо муфаттиш дар қарор ба кадом муассисаи тиббии мутобиқ ҷойгир кардани айбдоршавандаро (гумонбаршударо) нишон медиҳад. Айбдоршавандае (гумонбаршудае), ки нисбати ӯ чораи пешгирӣ ба намуди баҳабсгирӣ татбиқ нашудааст, ӯ ба муассисаҳои табобатӣ-рӯҳӣ бо иҷозати суд ҷойгир карда мешавад. Агар ба муассисаҳои судӣ-тиббӣ гумонбаршуда фиристонида шавад, дар он маврид ӯ аз ҳуқуқи айбдоршаванда, ки ҳангоми фиристодан ва гузаронидани ташхис ба ӯ дода мешавад, истифода мебарад.

Дар бисёр мавридҳо муфаттиш гузаронидани экспертизаро ба шахсоне месупорад, ки дар соҳаи илм ва ё техника, санъат, касб, донишҳои махсус доранд, вале вазифаи коршиносро ишғол наменамоянд.

Тартиби таъин кардан ва гузаронидани экспертиза дар муассисаҳои берун аз ташхисӣ баъзе хусусиятҳои хос дорад. Пеш аз таъин кардани экспертиза, яъне то баровардани қарор дар бораи таъин кардани экспертиза муфаттиш вазифадор аст маълумоти заруриро оид ба ихтисос ва салоҳияти шахси мутобиқ муайян намояд. Баъд аз баровардани қарор дар бораи таъин кардани экспертиза ин шахсро даъват намуда, ба шахсият, ихтисос ва салоҳияти ӯ боварӣ ҳосил карда, ба айбдоршаванда, шахси гумонбаршуда ва ҷабрдида чӣ гуна муносибат доштани экспертро муқаррар менамояд, инчунин месанҷад, ки оё барои рад карда шудани эксперт асосҳо мавҷуданд ё не.

Муфаттиш ба коршинос қарор оид ба таъин кардани экспертизаро супорида, ба коршинос ҳуқуқу вазифаҳои дар м. 58 КМҶ пешбинишударо фаҳмонида медиҳад ва ӯро огоҳ мекунад, ки барои саркашӣ кардан аз додани фикру хулоса ё дидаю дониста додани фикру хулосаи бардурӯғ ҷавобгар мешавад. Муфаттиш дар бораи ба ҷо овардани ин ҳаракат дар қарор оид ба таъин кардани экспертиза қайд мекунад, ки ин қайд бо имзои коршинос тасдиқ карда мешавад (қ. 2 м. 212 КМҶ).

Коршинос ҳамон вақт аз гузаронидани экспертиза даст кашида метавонад, ки агар масъалаҳои дар назди ӯ гузошташуда аз доираи дониши махсусаш берун

бароянд ё маводи пешниҳодшуда барои фикру хулосабарори кофӣ набошанд. Дар бораи ғайри имкон будани додани фикру хулоса коршинос бояд дар шакли хаттӣ ба муфаттиш (мақомоте, ки экспертизаро таъин кардааст) хабар диҳад.

Агар коршинос ба зиммаи худ гузаронидани экспертизаро гирифта ягон хел ариза ва ё илтимос изҳор намояд (ба ӯ додани имконият оид ба шинос шудан бо маводи парванда, ки ба мавзӯи ташхис дахл доранд, ва ё пешниҳод кардани маводи иловагие, ки барои фикру хулосабарорӣ заруранд, иҷозат оид ба иштирок кардан ҳангоми пурсишҳо ва гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ), муфаттиш вазифадор аст бо риоя кардани талаботи м.м. 172 ва 173 КМҶ протокол тартиб диҳад.

Муфаттиш ҳуқуқ дорад дар вақти гузаронидани экспертиза ҳузур дошта бошад.

Баъди гузаронидани тадқиқот, аз рӯйи натиҷаҳои он коршинос аз номи худ хулосае тартиб медиҳад, ки дар он бояд маълумоти зерин зикр гардад:

1) экспертиза кай ва дар куҷо гузаронида шудааст;

2) аз тарафи кӣ (ному насаб, маълумот, ихтисос, собиқаи кор, дараҷаю унвони илмӣ, вазифаи ишғолкарда);

3) дар кадом асос экспертиза гузаронида шудааст;

4) қайди бо имзои коршинос тасдиқшуда доир ба он ки ӯ дар бобати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рад кардан ё саркашӣ намудан аз додани хулоса ё дидаю customers дониста хулосаи бардурӯғ додан огоҳ карда шудааст;

5) ҳангоми гузаронидани экспертиза кӣ иштирок дошт;

6) коршинос чӣ гуна маводро истифода намудааст ва кадом тадқиқотро гузаронидааст;

7) саволҳои дар назди коршинос гузошташуда ва ҷавобҳои асосноки ӯ.

Хулоса дар шакли хаттӣ пешниҳод ва аз тарафи коршинос имзо карда мешавад. Ба хулосаи коршинос бояд далелҳои шайъии баъди тадқиқот боқимонда, намунаҳое, ки бо роҳи таҷриба гирифта, барои муқоиса истифода бурда мешаванд, ҳамчунин аксҳо, тарҳрезаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва маводи дигари иловагие, ки хулосаҳои коршиносро тасдиқ мекунанд, замима карда шаванд. Замимаи хулоса низ аз тарафи коршинос имзо карда мешавад.

Агар коршинос итминон ҳосил намояд, ки масъалаҳои гузошташуда аз доираи донишҳои махсуси ӯ берун мебароянд ё маводи ба ӯ пешниҳодшуда барои пешниҳод кардани хулоса корношоям ё нокифоя аст ва пурра кардани он номумкин мебошад ё ин ки сатҳи илм ва амалияи экспертӣ барои ҷавоб додан ба масъалаҳои гузошташуда имконият намедиҳанд, вай хабари асоснок кардашударо дар бораи ғайриимкон будани пешниҳоди хулоса тартиб медиҳад ва онро ба мақомот ё шахси экспертизаро таъиннамуда ирсол менамояд.

Муфаттиш ҳуқуқ дорад барои равшан ё пурра кардани хулоса коршиносро пурсиш кунад. Коршинос ҳуқуқ дорад, ки ҷавобҳои худро бо дасти худ нависад. Протоколи пурсиши коршинос бо риоя кардани талаботи м. 172 КМҶ тартиб дода мешавад. Пурсиши коршинос, то аз тарафи ӯ пешниҳод шудани хулоса мумкин нест (м. 218 КМҶ).

Хулосаи коршинос ё хабари ӯ дар бораи имконнопазирии пешниҳоди хулоса, ҳамчунин протоколи пурсиши коршинос, то анҷоми тафтиши пешакӣ ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ҳамчунин ба шоҳиде, ки таҳти экспертиза қарор гирифта буд, пешниҳод карда мешавад ва онҳо ҳуқуқ доранд, ки шарҳу мулоҳизаи худро пешниҳод кунанд ва ақидаи худро оид ба хулосаи коршинос

изҳор намоянд. Дар сурати қонеъ гардонида шудан ё рад шудани чунин дархост муфаттиш қарори дахлдор бароварда, ба шахсе, ки дархост додаст, бо гирифтани забонхат эълон мекунад.

Дар бораи шинос кардан бо хулосаи коршинос ва протоколи пурсиш, протоколе тартиб дода мешавад, ки дар он хабар ё эътирози баёншуда инъикос карда мешавад.

Қоидаҳои дар боло пешбининамуда дар ҳолатҳое низ татбиқ мегарданд, ки экспертиза то ҷалб намудани шахс ҳамчун айбдоршаванда, гумонбаршуда ё ҷабрдида эътироф шудани ӯ гузаронида шуда бошад (м. 219 КМҶ).

Ҳангоми нофаҳмо ё нопурра будани хулоса, инчунин ба миён омадани масъалаҳои нав нисбати ҳолатҳои қаблан тадқиқшуда, мумкин аст экспертизаи иловагӣ таъин карда, иҷрои он ба ҳамон коршинос ё коршиноси дигар супурда шавад.

Агар хулосаҳои эксперт ба ҳолатҳои воқеии парванда мухолиф бошанд ё дар рафти мурофиа маълумоте пайдо шавад, ки метавонад ба хулосаи эксперт таъсир расонад, ҳамчунин дар мавридҳое, ки ҳангоми таъин кардан ва гузаронидани экспертиза ба вайронкуниҳои ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳ дода шудаанд, ***экспертизаи такрорӣ*** таъин карда мешавад, ки гузаронидани он ба коршинос ё коршиносони дигар супурда мешавад.

**Гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ**

Гузаронидани экспертиза дар бисёр ҳолатҳо ба мақсади ҳал кардани масъалаҳои оид ба ҳаммонандкунии объектҳои мавҷуда (пайҳо дар ҷойи ҳодиса, далелҳои шайъӣ, ҳуҷҷатҳо ва монанди инҳо) ба ихтиёри коршинос пешниҳод кардани намунаҳоро барои санҷиши муқоисавӣ талаб мекунад. Ҳангоми гузаронидани экспертиза ба худи коршинос ҳуқуқи гирифтани намунаҳо дода нашудааст. Инро танҳо муфаттиш ба амал бароварда метавонад.

Гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ аз тарафи қонун (м. 215 КМҶ) ҳамчун амали тафтишии алоҳидаи мустақил ба танзим дароварда шудааст, гарчанде таъиноти он аз таъмин намудани имконияти гузаронидани ташхис мебошад.

Муфаттиш ҳуқуқ дорад, намунаҳои дастнавис ва намунаҳои дигарро аз шоҳид ё шахси ҷабрдида ҳам барои санҷиши муқоисавӣ гирад, аммо танҳо дар сурати зарур шудани тафтиши он, ки оё шахсони мазкур дар ҷойи рӯйдоди ҳодиса ё дар далелҳои шайъӣ асар нагузоштаанд.

Дар мавридҳои зарурӣ намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ бо иштироки мутахассис гирифта мешаванд.

Дар бораи гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ мутобиқи талаботи м. 172 ва м. 183 КМҶ протокол тартиб дода мешавад, ки дар он намуд, миқдори онҳо, аз кӣ ва ба кадом тартиб гирифта шудаанд, нишон дода мешавад. Протоколро шахсоне, ки ҳангоми гузаронидани ин амали тафтишӣ иштирок кардаанд, инчунин муфаттиш имзо мекунанд.

Ҳангоми гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ набояд усулҳое татбиқ гарданд, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон хатарнок бошанд ё шараф ва номуси ӯро паст зананд.

Муфаттиш доир ба гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавии шахсони зинда қарор мебарорад. Гирифтани намунаҳо бо иштироки шахсони холис ва дар мавридҳои зарурӣ бо иштироки мутахассисон гузаронида мешавад.

Азбаски муфаттиш дар чунин мавридҳо барои ба ӯ ёрӣ расонидан маҷбур аст, кормандони милитсия, тавқифгоҳи тафтишотӣ, беморхонаҳои касалиҳои рӯҳӣ ва ё дигар муассисаҳои табобатиро ҷалб намояд, дар он маврид низ бо имзои худ ҷой доштани маҷбуран гирифтани намунаҳоро тасдиқ намоянд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳум ва намудҳои амалҳои тафтишӣ.
2. Амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ.
3. Азназаргузаронӣ: мафҳум, намудҳо ва тартиби мурофиавии гузаронидани онҳо.
4. Пурсиш чист?
5. Шаҳодаткунонӣ: мафҳум, мақсад ва шартҳои гузаронидани он.
6. Мафҳуми кофтуков ва ёфта гирифтанро диҳед.
7. Озмоиши тафтишӣ чист?
8. Нишондиҳӣ барои шинохтанро шарҳ диҳед.
9. Дар бораи ҳабси муросилоти почта, мухобирот, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ ҳамчун амали тафтишӣ маълумот диҳед.
10. Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса бо кадом мақсадҳо гузаронида мешавад?

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.
8. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.
9. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.
10. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**11.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**12.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Қобилов Қ.Б. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса. – Хуҷанд: «Меъроҷ», 2012.

**5.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**6.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**7.** Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавӣ-ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ – Хуҷанд: «Меъроҷ», 2011.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**9.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**10.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**11.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**12.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**13.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**14.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**15.** Белкин Р.С., Белкин А.Р. Эксперимент в уголовном судопроизводстве. – М., 1997.

**16.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**17.** Гинзберг А.Я. Опознание в следственной, оперативно-розыскной и экспертной практике. – М., 1996.

**18.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**19.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**20.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**21.** Махов В.Н. Использование знаний сведующих лиц при расследовании преступлений : монография. – М., 2000.

**22.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**23.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**24.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**25.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**26.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**27.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**28.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**29.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**30.** Соловьев А.Б. Следственные действия на первоначальном этапе расследования : методическое пособие. – М., 1995.

**31.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**32.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**33.** Шейфер С.А. Следственные действия : система и процессуальная форма. 2-е изд. – М., 2001.

**34.** Шейфер С.А. Досудебное производство в России : этапы развития следственной, судебной и прокурорской власти. – М. : Изд-во Норма : ИНФРА-М, 2013.

# БОБИ 18.
# ЭЪЛОН КАРДАНИ АЙБ ВА ПУРСИШИ АЙБДОРШАВАНДА

## § 1. Моҳият, аҳамият ва асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар менамояд, ки ҳеҷ касро бидуни асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан мумкин нест.

Ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда яке аз муҳимтарин ва масъулиятноктарин санаде (қароре) мебошад, ки дар давраи тафтишоти пешакӣ қабул карда мешавад.

Дар м. 221 КМҶ нишон дода шудааст, ки дар сурати мавҷуд будани далелҳои кофӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят ва ба ӯ эълон кардани айб қарори асоснок мебароранд. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ зери далелҳои кофӣ чунин маҷмӯи онҳо фаҳмида мешавад, ки ин далелҳо ба муфаттиш, барои баровардани хулоса оид ба содир кардани ҷиноят аз тарафи шахси муайян имконият медиҳанд.

Кофӣ будани далелҳоро худи муфаттиш аз рӯйи ақидаи ботинии худ баҳо дода, талаботи қонун оид ба ҳаматарафа, пурра ва холисона дида баромадани маҷмӯи ҳолатҳои парванда ва шуури ҳуқуқии худро ба роҳбарӣ гирифта, муайян мекунад. Маҷмӯъ ва сифати далелҳои ҷамъкардашуда бояд чунин бошанд, ки ба муфаттиш дар хусуси ба чавобгарӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда ба сифати айбдоршаванда шубҳа пайдо нашавад.

Аз мазмуни м. 221 КМҶ бармеояд, ки далелҳо воситаҳое мебошанд, ки барои эълон кардани айбдорӣ асос ба вуҷуд меоранд.

Асоси ҳар гуна қарори мурофиавӣ исбот шудани ин ё он ҳолат мебошад.

Дар лаҳзаи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, бояд чунин ҳолатҳо исбот шуда бошанд:

1) мавҷуд будани кирдори барои ҷамъият хавфнок;
2) дар он мавҷуд будани таркиби ҷиноят;
3) содир шудани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ айб эълон карда мешавад;
4) мавҷуд набудани ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятии ин шахсро истисно мекунанд.

Дар маҷмӯъ исбот шудани ин ҳолатҳо асоси эълон кардани айбдорӣ ба шахс мебошад.

Дуруст муайян кардани асосҳои ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ҷиҳати таъмини қонуният ҳангоми тафтишот аҳамияти калон дорад. Бе асосҳои кофӣ ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс мумкин нест, чунки он боиси эҳтимолияти нисбати шахси бегуноҳ татбиқ гардидани чораҳои маҷбуркунӣ шуда метавонад. Агар айбдоркунӣ дар охири тафтишот, вақте ки ҳамаи далелҳо ҷамъ оварда санҷида мешаванд, эълон мегардид,

вазифаҳои муфаттиш хеле сабук мегардиданд. Лекин, аз нигоҳи дигар, дар ин маврид ҳуқуқҳои шахсе, ки нисбаташ тафтишот гузаронида мешавад, ба таври ҷиддӣ поймол мешуданд. Ин ҷо гап дар сари он аст, ки то эълон кардани айбдорӣ ба ин шахс ҳуқуқҳои махсусе, ки имконияти ҳимоякунӣ медиҳанд, дода намешаванд. Барои ҳамин, ҳам ба бармаҳал ва бе асосҳои кофӣ ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ва, ҳам ба беасос, ба лаҳзаи хотимаёбии тафтишот қафо партофтани ин қарор роҳ додан мумкин нест. Агар дар давраи аввали тафтишот оид ба мавҷуд будани яке аз ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекунанд ва ё барои пешниҳод кардани тахмин оид ба имконпазир будани содиркунии ҷиноят аз тарафи шахси дигар маълумот бошанд, аммо то лаҳзаи қабул кардани қарор оид ба ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ин маълумот бояд бо далелҳои ҷамъкардашуда санҷида ва рад карда шаванд.

Бо баробари ин қонун онро талаб намекунад, ки муфаттиш дар ҳамин лаҳза маҷмӯи далелҳоро бо пуррагӣ дар даст дошта бошад. Баъд аз ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ҳам дар бисёр мавридҳо зарурати дар оянда исбот кардани айбдорӣ боқӣ мемонад.

Муфаттиш пас аз он, ки дар асоси далелҳои ҷамъовардашуда ба хулосае ояд, ки ҷиноят воқеан ҷой дошт ва дар содир кардани он шахси мушаххас гунаҳгор аст, бояд фавран қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашиданро бароварда, онро эълон кунад.

Дар тафтиши пешакӣ ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ҳанӯз маънои дар содир кардани ҷиноят айбдор донистани ӯро надорад. Дар лаҳзаи эълон кардани айбдорӣ тафтиш ҳоло ба поён намерасад ва эҳтимол, минбаъд ҳолатҳое муқаррар шаванд, ки метавонанд муфаттишро ба тағйир додани айби эълонкардашуда ва ҳатто қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ вазифадор кунанд.

## § 2. Тартиби мурофиавии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда

Тартиби мурофиавии ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс се давраро дар бар мегирад:

1) баровардани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидани шахс;

2) эълон кардани айбдорӣ ва фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ;

3) пурсиши айбдоршаванда.

Барои эълон кардани айбдорӣ мавҷуд будани асосҳои кофиро эътироф намуда, муфаттиш дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан қарор мебарорад (м. 222 КМҶ).

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ талаб менамояд, ки қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда фавран баъд аз ҷамъ кардани далелҳои кофӣ барои эълон кардани айбдорӣ бароварда шавад.

Дар қарори ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда маълумоти зерин бояд нишон дода шаванд:

– вақт ва маҳалли тартиб додани он;

– аз ҷониби кӣ тартиб дода шудани он;

– ному насаби шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

– рӯз, моҳ, сол ва маҳалли таваллуди ӯ;

– баёни ҷинояте, ки тибқи он шахс айбдор дониста мешавад;

– нишон додани вақт, маҳалли содир шудани ҷиноят;

– ҳолатҳои дигаре, ки бояд мутобиқи м. 85 КМҶ исбот карда шаванд;

– Кодекси ҷиноятӣ (модда, қисм, банд), ки барои ҳамин ҷиноят ҷавобгарӣ пешбинӣ кардааст.

Қарор бояд масъалаи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро оид ба парвандаи таҳти тафтиш қарордошта дар бар гирад.

Агар айбдоршаванда ба содир кардани якчанд ҷинояти бо моддаҳои гуногуни қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда айбдор карда шавад, он гоҳ дар қарори дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан бояд нишон дода шавад, ки ба айбдоршаванда аз рӯйи ҳар яке аз моддаҳои қонуни ҷиноятӣ чӣ гуна ҳаракатҳои мушаххас гузошта мешаванд (м. 222 КМҶ).

Далелҳое, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор будани шахсро тасдиқ мекунанд, дар ин қарор оварда намешаванд.

Шахс, аз лаҳзаи баровардани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, айбдоршаванда эътироф мегардад ва аз ҳамин лаҳза ба ӯ ҳуқуқҳои дахлдори мурофиавӣ ҷудо карда мешаванд.

Айбдоршавандае, ки дар озодӣ мебошад, ба назди муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо даъватнома даъват карда мешавад, ки ин даъватнома ба айбдоршаванда ва, дар мавриди муваққатан ғоиб будани айбдоршаванда, ба яке аз аъзоёни калонсоли бо ӯ якҷоя истиқоматкунандаи оила; ба ташкилоти манзилистифодабарӣ ё ба маъмурияти ҷойи кори ӯ, ба ҷамоати шаҳрак ё деҳот забонхат гирифта супурда мешавад. Даъватро бо воситаи телефонограмма ё телеграмма ҳам маълум кардан мумкин аст. Дар даъватнома маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

– ному насаби шахси даъватшаванда;

– маҳал, мақомот, вақти ҳозиршавӣ ва ба назди кӣ даъват шудан;

– оқибати ҳозир нашудан.

Даъватнома бо гирифтани имзои айбдоршаванда ба ӯ супорида мешавад. Айбдоршавандагоне, ки дар ҳабс мебошанд, ба воситаи маъмурияти тавқифгоҳҳои муваққатӣ ва тафтишотӣ даъват карда мешаванд.

Айбдоршавандаи ноболиғ ба назди муфаттиш, одатан, бо воситаи падару модар ё дигар намояндагони қонунӣ даъват карда мешавад. Ба тарзи дигар даъваткунӣ танҳо дар ҳамон мавридҳо роҳ дода мешавад, ки агар инро ҳолатҳои парванда талаб кунанд.

Айбдоршаванда вазифадор аст, ки бо даъвати муфаттиш дар вақти таъиншуда ҳозир шавад. Сабабҳои узрноки бо даъвати муфаттиш ҳозир нашудани айбдоршаванда инҳо эътироф карда мешаванд (м. 224 КМҶ):

1) беморӣ, ки ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад;

2) фавтидани хешовандони наздик;

3) офатҳои табиӣ;

4) нагирифтани даъватнома;

5) ҳолатҳои дигаре, ки дар мӯҳлати муайян ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад.

Айбдоршаванда бояд муфаттиш, таҳқиқбарандаро аз сабаби дар мӯҳлати таъингардида ҳозир нашуданаш огоҳ кунад.

Дар сурати бе сабабҳои узрнок ба даъват ҳозир нашудани айбдоршаванда бо қарори асосноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ва ё бо таъиноти суд онҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран оварда мешаванд.

Дар бораи мавҷуд будани сабабҳои узрнок, ки ба ҳозир шудан дар муҳлати муайяншуда тибқи даъват монеа шуда метавонанд, айбдоршаванда бояд мақомоти даъватнамударо огоҳ кунад.

Қарор (таъинот)-и маҷбуран овардан ба айбдоршаванда қабл аз иҷрои он эълон карда, ин ҳолат бо имзои онҳо дар қарор тасдиқ карда мешавад (м. 115 КМҶ).

Айбдорӣ на дертар аз ду шабонарӯз аз лаҳзаи баровардани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани шахс дар ҳузури ҳимоятгар эълон карда мешавад, ба шарте ки ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок дошта бошад ё иштироки ҳимоятгар мутобиқи қонун ҳатмӣ бошад ё дар ин бора айбдоршаванда дархост карда бошад. Лекин, агар дар куҷо будани айбдоршаванда номаълум бошад, ё агар вай бо даъвати муфаттиш ҳозир нашавад, айбдориро баъд аз гузаштани ду шабонарӯз ҳам эълон кардан мумкин аст.

Айбдорӣ ба айбдоршаванда дар рӯзи маҷбуран оварда шуданаш эълон карда мешавад. Зимнан, дар сурате ки иштироки ҳимоятгар тибқи қонун ҳатмӣ бошад, муфаттиш бояд барои иштирок намудани ҳимоятгар ҳангоми пешниҳоди айб ҳамаи чораҳоро андешад.

Пеш аз эълон кардани айбдорӣ муфаттиш вазифадор аст, ки ба айбдоршаванда ҳуқуқҳои ӯ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳимоятгар доштанро фаҳмонад. Агар айбдоршаванда хоҳиши аз ин ҳуқуқ истифода бурданро кунад, муфаттиш вазифадор аст ҳимоятгарро даъват карда айбдориро бо иштироки ӯ эълон кунад.

***Эълон кардани айбдорӣ***. Ин амали мурофиавӣ аз он иборат аст, ки дар рафти он муфаттиш ба шахсияти айбдоршаванда боварӣ ҳосил карда, ба ӯ қарори ба сифати айбдоршаванда кашиданро эълон мекунад ва моҳияти айбро мефаҳмонад, яъне дар содир кардани кадом ҷиноят ӯ айбдор карда мешавад ва қонуни ҷиноятӣ барои ин ҷиноят кадом намуди ҷазоро муқаррар кардааст. Ба ҷо оварда шудани ин ҳаракат, дар қарор бо имзои айбдоршаванда ва муфаттиш тасдиқ карда мешавад.

Дар ҳолати қарорро имзо накардани айбдоршаванда муфаттиш ва ҳимоятгар, ба шарте ки ӯ ҳангоми эълони айб иштирок дошта бошад, дар қарори ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан ва дар хусуси ба ӯ эълон карда шудани матни қарор имзои тасдиқкунанда мегузоранд.

Ба айбдоршаванда нусхаи қарори ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан супурда мешавад, инчунин нусхаи дигари қарор ба прокурор фиристода мешавад.

Пас аз эълон кардани айбдорӣ муфаттиш вазифадор аст, ки ба айбдоршаванда ҳуқуқҳои дар м. 47 КМҶ пешбинишудаи ӯро фаҳмонад, ки дар ин бора дар қарори ба сифати айбдоршаванда кашидан қайд карда шуда, ин қайд бо имзои айбдоршаванда тасдиқ карда мешавад.

Агар дар вақти эълон кардани айбдорӣ ҳимоятгар иштирок дошта бошад, ӯ низ бо имзои худ эълон шудани айбдорӣ ва ба айбдоршаванда фаҳмонидани ҳуқуқҳояшро тасдиқ мекунад.

## § 3. Пурсиши айбдоршаванда

***Пурсиши айбдоршаванда*** – амали тафтишиест, ки аз гирифтани нишондоди шифоҳии айбдоршаванда дар хусуси айбдории ба ӯ эълон кардашуда ва дигар ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, иборат мебошад.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба пурсиши айбдоршаванда, вобаста ба айби эълонкардашуда, диққати махсус дода, муҳлати пурсиши айбдоршавандаро баъд

аз эълон кардани айбдорӣ муайян карда, муқаррар кардааст, ки додани нишондод ҳуқуқи айбдоршаванда мебошад, на вазифаи ӯ. Айбдоршавандаро барои саркашӣ аз додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест.

Муфаттиш вазифадор аст, ки айбдоршавандаро дарҳол баъд аз он, ки ба ӯ айбдориро эълон кард, пурсиш кунад.

Пурсиши айбдоршаванда аз як тараф воситаи гирифтани далелҳои нав ва, аз тарафи дигар, тарзи ҳимояи айбдоршаванда аз айбдории ба ӯ эълонкардашуда мебошад.

Пурсиши айбдоршаванда новобаста аз он, ки ӯ пештар ба сифати гумонбаршуда ё шоҳид пурсиш карда шуда буд ё не, гузаронида мешавад.

Айбдоршавандаро ба истиснои мавридҳои таъхирнопазир, шабона пурсиш кардан мумкин нест. Ин гуна ҳуқуқро муфаттиш дар чунин мавридҳо пайдо мекунад, мисол, агар айбдоршавандаи ҳабсгардида мумкин аст маълумотро дар бораи ҳамиштирокони дар озодӣ будаи худ, ки онҳо барои содир намудани ҷинояти вазнин (куштор, роҳзанӣ, акти террористӣ) тайёрӣ мебинанд, хабар диҳад. Айбдоршаванда дар ҷойи тафтишоти пешакӣ пурсиш карда мешавад. Вале муфаттиш ҳуқуқ дорад пурсишро дар ҷойи будубоши айбдоршаванда (манзили истиқоматӣ, беморхона, тавқифгоҳи тафтишотӣ) гузаронад.

Айбдоршавандагоне, ки оид ба ҳамон як парванда даъват карда шудаанд, дар алоҳидагӣ пурсиш карда мешаванд, дар айни ҳол муфаттиш бояд барои то анҷоми пурсиш байни худ алоқа карда натавонистани онҳо чораҳо андешад. Чунин талабот одатан бо даъват намудани айбдоршавандагон дар вақтҳои гуногун, бо назардошти он, ки пурсиши як айбдоршаванда то омадани айбдоршавандаи дигар тамом шавад, иҷро мегардад.

Пурсиш бояд ба чунин тарзе гузарад, ки дар бораи ҳолатҳои барои парванда муҳим маълумоти пурра ва аниқ гирифта шавад. Бо роҳи зӯрӣ, таҳдид ва чораҳои дигари ғайриқонунӣ аз айбдоршаванда гирифтани нишондод ва ё ба гуноҳи худ иқроркунӣ манъ аст. Муфаттиш вазифадор аст, ки ҳангоми пурсиши айбдоршаванда нисбат ба ӯ эҳтиромона муносибат кунад.

Дар ибтидои пурсиш муфаттиш аз айбдоршаванда мепурсад, ки оё ӯ худро бо айбдории эълонкардашуда гунаҳгор ҳисоб мекунад ё не, баъд аз ин ба айбдоршаванда таклиф менамояд, ки оид ба ҳолатҳои парванда нишондод диҳад. Муфаттиш нишондоди айбдоршавандаро мешунавад, баъд агар лозим шавад, ба ӯ саволҳо медиҳад.

Муфаттиш дар бораи ҳар як пурсиши айбдоршаванда протокол тартиб медиҳад (м. 228 КМҶ). Дар он маълумот оид ба шахсияти айбдоршаванда, аз он ҷумла: ному насаб, вақт ва маҳалли таваллуд, шаҳрвандӣ, миллат, маълумот, вазъи оилавӣ, ҷойи кор, машғулият ё вазифа, маҳалли истиқомат, қаблан суд шудан, инчунин маълумоти дигар, ки барои ҳолатҳои парванда муҳим аст. Дар протоколҳои минбаъдаи пурсиш маълумотро дар бораи шахсияти айбдоршаванда, ба шарте ки тағйир наёфта бошад, танҳо бо сабти ному насаб маҳдуд кардан мумкин аст. Нишондоди айбдоршаванда ба протокол дар шахси аввал ва ба қадри имкон калима ба калима навишта мешавад, агар зарур шавад, саволҳои ба айбдоршаванда додашуда ва ҷавобҳои ӯ навишта мешаванд.

Баъд аз тамом шудани пурсиш, протокол барои хондан ба айбдоршаванда пешниҳод карда мешавад ё бо хоҳиши ӯ муфаттиш онро хонда медиҳад. Айбдоршаванда ҳуқуқ дорад талаб кунад, ки ба протокол иловаю тағйирот дароварда шавад. Ин иловаю тағйирот бояд ҳатман ба протокол дохил карда шаванд.

Баъд аз хондани протокол айбдоршаванда бо имзои худ дурустии навишта шудани нишондодро тасдиқ мекунад. Пеш аз имзои айбдоршаванда дар протокол қайд карда мешавад, ки айбдоршаванда протоколро шахсан хондааст ё онро ба вай муфаттиш хонда додааст, баъд аз ин айбдоршаванда бо имзои худ дурустии сабти нишондодашро тасдиқ мекунад. Агар протокол дар якчанд саҳифа навишта шуда бошад, айбдоршаванда ба ҳар як саҳифа алоҳида имзо мекунад. Протоколро инчунин муфаттиш имзо мекунад.

Агар пурсиши айбдоршаванда бо иштироки тарҷумон гузаронида шавад, он гоҳ дар протоколи пурсиш бояд нишон дода шавад, ки ба тарҷумон вазифаҳояш фаҳмонида шудааст ва дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста тарҷумаи нодуруст огоҳ карда шудааст. Дар протокол инчунин қайд карда мешавад, ки ҳуқуқи рад кардани тарҷумон ба айбдоршаванда фаҳмонида шуд ва арзҳои айбдоршаванда, ки вобаста ба ин дохил шудаанд, низ қайд карда мешаванд. Агар протоколҳои пурсиш дар шакли хаттӣ ба забони дигар тарҷума шуда бошад, он гоҳ тарҷумон ва айбдоршаванда бояд умуман ба тарҷума ва ба ҳар саҳифаи он алоҳида имзо кунанд.

Баъд аз нишондод додани айбдоршаванда, агар ӯ хоҳиш кунад, ба ӯ бояд имконият дода шавад, ки нишондоди худро бо дасти худаш нависад, ки дар ин бора дар протоколи пурсиш қайд карда мешавад. Муфаттиш баъд аз шинос шудан бо нишондоди хаттии айбдоршаванда метавонад ба вай саволҳои иловагӣ диҳад. Ин саволҳо ва ҷавобҳои онҳо ба протокол навишта мешаванд. Дурустии навишта шудани саволу ҷавобҳо бо имзои айбдоршаванда ва муфаттиш тасдиқ карда мешавад (м. 228 КМҶ).

### § 4.Тағйир додан, илова ва ё қисман қатъ кардани айби эълонкардашуда

Айбдориро эълон намуда, муфаттиш гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва ҷамъоварии далелҳоро идома медиҳад. Зимнан барои тағйир додани айбдорӣ ва илова даровардан ба он асосҳо пайдо шуда метавонанд. Масалан, мумкин аст муқаррар шавад, ки айбдоршаванда боз ягон ҷинояти дигар содир намудааст, ё ин ки баръакс, қисме аз ҷиноятҳоеро, ки ба айби вай гузошта шудааст, содир накардааст; ҷиноятро худаш танҳо нею, балки бо гурӯҳи ашхос содир кардааст; андозаи зарари расонидашуда нисбат ба оне, ки дар қарори аввала дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан нишон дода шудааст, зиёд ё кам аст. Дар ҳамаи ин мавридҳо муфаттиш вазифадор аст, ки бо риояи талаботи қонун ба айбдоршаванда айби нав эълон карда, ӯро аз рӯйи айбдории нав пурсиш кунад. Дар рафти тафтиш айбдорӣ чанд маротиба тағйир ёфта метавонад.

Агар ҳангоми тафтиши пешакӣ барои тағйир додан ва илова кардани айб асосе ба миён ояд, муфаттиш вазифадор аст бо риояи талаботи м. 225 КМҶ дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан қарори нав барорад ва онро бо тартиби муқаррарнамудаи м.м. 225 ва 226 КМҶ ба айбдоршаванда эълон кунад.

Тағйирот ба айбдорӣ мумкин аст бо ду сабаб дароварда шавад:

1) бо ба даст овардани далелҳои нав ва дар асоси онҳо муқаррар кардан ва ё аниқ кардани ҳолатҳое, ки банду басти ҷиноятро тағйир медиҳанд;

2) бо роҳ додан ба ноаниқӣ ё хатогӣ дар иншо кардани ҳолатҳои воқеӣ ва ё дар баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо (банду басти ҷиноят).

Илова даровардан ба айбдорӣ дар мавридҳое рӯй медиҳад, ки агар кирдори ҷинояткоронае муқаррар карда шуда бошад, вале пештар нисбати ин кирдор айб эълон карда нашуда бошад ва ё ҳолате муқаррар карда шуда бошад, ки моҳияти айби эълон кардашударо аниқ ё дақиқ мекунад.

Агар дар ҷараёни тафтиши пешакӣ яке аз қисматҳои айби эълоншуда тасдиқ нашуда бошад, муфаттиш бо қарори худ таъқиби ҷиноятии ҳамин қисматро қатъ карда, дар ин бора айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни мурофиаро огоҳ месозад. Вақте ки қисман қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ боиси тағйир додани банду басти ҷиноят мегардад, дар он маврид зарур аст ба айбдории пеш эълонкардашуда тағйирот дароварда шавад. Дар ин ҳолат муфаттиш дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан қарори нав тартиб дода, дар он айбдориро аз нав, бо назардошти ҳолатҳои иловатан ошкоршуда иншо мекунад. Баъдан ин қарор ба айбдоршаванда эълон мегардад, ба ӯ аз нав ҳуқуқҳояш фаҳмонида мешаванд ва номбурда оид ба айбдории нав пурсиш карда мешавад.

Айбдории нав чӣ дар мавриди вазнин ва чӣ дар мавриди сабук шудани аҳволи айбдоршаванда эълон карда мешавад, чунки тасвияти (формулировкаи) аниқи айбдории дар рафти тафтиш эълоншуда бояд пурра дар фикри айбдорӣ навишта шавад ва, ғайр аз ин, чунин тасвият минбаъд ҳудуди муҳокимаи судиро муайян месозад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Айбдоршаванда ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ.

**2.** Мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятиро шарҳ диҳед.

**3.** Мафҳуми эълон кардани айб ва пурсиши айбдоршаванда.

**4.** Барои ба сифати айбдоршаванда кашидани шахс чи асос шуда метавонад?

**5.** Баровардани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршавандаро шарҳ диҳед.

**6.** Пурсиши айбдоршаванда чӣ тавр сурат мегирад?

**7.** Айб чӣ тавр эълон карда мешавад?

**8.** Тағйир додани айби эълонкардашуда.

**9.** Раванди илова намудани айби эълонкардашударо муайян созед.

**10.** Қисман қатъ кардани айби эълонкардашударо шарҳ диҳед.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**4.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**6.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

7. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

8. Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»: фармоиши якҷояи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудан ва мавриди амал қарор додани Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»» таҳти № 5-60: № 46: № 98-«а»: № 40: № 463/1 аз 24.10.2012 с. ва № 73 аз 17.11.2012 с.

9. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

10. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

11. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

2. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

3. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

4. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

5. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

8. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

9. Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

10. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

11. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: "Глобус", 2006.

12. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

13. Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**18.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**21.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**22.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**23.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**24.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**25.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**26.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**27.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 19.
# БОЗДОШТАН ВА АЗ НАВ САР КАРДАНИ ТАФТИШИ ПЕШАКӢ

## § 1. Асосҳо ва шартҳои боздоштани тафтишоти пешакӣ

***Боздоштани тафтиши пешакӣ*** – ин танаффуси муваққатие дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аст, ки онро қонун пешбинӣ намудааст ва сабабгори ғайб задани айбдоршаванда ва ғайриимкон будани иштироки ӯ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

Тафтишоти пешакиро танҳо дар ҳолати мавҷуд будани асос ва шартҳои қонунӣ боздоштан мумкин аст.

Асосҳои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мавридҳои дар қонун пешбинишудае мебошанд, ки дар м. 230 КМҶ пешбинӣ гардидаанд. Мувофиқи он тафтишоти пешакӣ боздошта мешавад, агар:

1) вобаста ба муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад;

2) дар ҳолате ки айбдоршаванда аз тафтиш ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст;

3) дар сурати ба бемории рӯҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор шудани айбдоршаванда, ки аз ҷониби духтури муассисаи табобатии давлатӣ тасдиқ карда шудааст;

4) дар сурате ки маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум аст, вале вобаста ба ҳалли масъалаи маҳрум кардани айбдоршаванда аз масъуният ё супоридани ӯ ба давлати хориҷӣ, инчунин бинобар дар экспедитсия ё сафари хизматӣ зиёда аз ду моҳ буданаш имконияти воқеии иштироки ӯ дар парванда мавҷуд нест.

Барои асоснок ва қонунӣ боздоштани тафтишоти пешакӣ танҳо як асосҳои овардашуда басанда нестанд. Ин ҷо боз шартҳои мурофиавӣ заруранд.

Шартҳои боздоштани пешбурди парванда, ин талаботи дар қонун муқарраргардидае мебошад, ки риояи онҳо ҳатмист. Шартҳои боздоштанро ба намудҳои умумӣ ва хусусӣ тақсим намудан мумкин аст.

Шартҳои умумӣ, ин талаботест, ки риояи он ҳангоми боздоштани тафтишот аз рӯйи кадом асосе, ки набошад, ҳатмист.

Ба ин шартҳо дохил мешаванд:

1) аз рӯйи парванда исбот будани ҳодисаи ҷиноят. Агар ҳодисаи ҷиноят исбот нашавад, пешбурди парванда бояд на боздошт, балки қатъ карда шавад;

2) то боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, анҷом додани амалҳои тафтишие, ки гузаронидани онҳо дар набудани айбдоршаванда ҳам мумкин аст. Риояи ин шарт барои он зарур аст, ки бо гузашти вақти муайян, то он вақте, ки иштироки айбдоршаванда дар тафтишот имконпазир мегардад, мумкин аст бештари далелҳо гум шаванд ва он гоҳ гузаронидани амалҳои тафтишӣ натиҷаи дилхоҳ намеорад.

Ҳангоми аз рӯйи ин ё он асос боздоштани тафтишот риояи шартҳои хусусӣ ҳатмист.

Асоси якуми боздоштани тафтишот чунин маъно дорад, ки ҷиноят ошкор нашуда мондааст, яъне шахси онро содирнамуда номаълум аст. Барои бо ин асос боздоштани тафтишот зарур аст, ки:

а) барои муайян кардани шахсе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашида шавад, ҳамаи чораҳо андешида шаванд;

б) муҳлати тафтишот ба охир расад.

Хусусияти асосии дуюм ин аст, ки шахси содиркардаи ҷиноят маълум аст, лекин дар рафти тафтишоти пешакӣ ғайб задаст ва бо ягон сабаб дар куҷо будани ӯ муқаррар нашудааст.

Боздоштан аз рӯйи ин асос, ҳангоми риояи шартҳои хусусии зерин мумкин аст:

1) бояд қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан баровarda шавад;

2) бояд барои муайян кардани ҷойи қарордоштаи айбдоршаванда ҳама чораҳои имконпазир андешида шаванд;

3) бояд муҳлати тафтишоти пешакӣ ба охир расад.

***Бемории рӯҳӣ ё бемории дигари вазнини айбдоршаванда*** он гоҳ барои боздоштани тафтишот асос мешавад, ки агар он муваққаттан имконияти дар пешбурди парванда иштирок кардани айбдоршавандаро истисно намояд.

Дар ин маврид шартҳои хусусӣ инҳоянд:

1) баровардани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан;

2) бемории вазнини айбдоршавандаро бояд духтуре, ки корманди муассисаи тиббӣ аст тасдиқ намояд. Бемории рӯҳиро бошад, экспертизаи судии руҳшиносӣ тасдиқ мекунад. Дар натиҷаи он бояд муқаррар гардад, ки шахс ҷиноятро дар ҳолати мукаллафӣ будан содир кардааст ва пас аз содир кардани ҷиноят гирифтори бемории рӯҳӣ гардидани он бошад, муваққатӣ аст. Дар мавриди дигар, яъне муқаррар гардидани номукаллафии айбдоршаванда парванда бояд ба суд барои ҳал кардани масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ фиристода шавад. Барои боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ин асос тамом шудани муҳлати тафтишот шарт нест. Парвандаро дарҳол пас аз гирифтани ҳуҷҷатҳое, ки бемории айбдоршавандаро тасдиқ мекунанд, боздоштан мумкин аст.

### § 2. Тартиби мурофиавии боздоштани тафтишоти пешакӣ

Дар сурати мавҷуд будани яке аз асосҳо ва риоя гардидани шартҳои умумӣ ва хусусии мурофиавӣ муфаттиш дар бораи боздоштани тафтишоти пешакӣ қарори ваҷҳнок мебарорад ва нусхаи онро ба прокурор мефиристад.

Агар ба парванда ду ё якчанд айбдоршаванда ҷалб шуда бошаду, асоси боздорӣ ба ҳамаи онҳо дахл надошта бошад, муфаттиш ҳуқуқ дорад қисми маводи парвандаи ҷиноятиро ба пешбурди алоҳида ҷудо намуда, дар ин қисм пешбурдро боздорад ё агар тафтиши пешакиро бе иштироки айбдоршавандагон давом додан мумкин набошад, пешбурди парвандаро боздорад.

Ҳамчун ҳар гуна қарори дигар, қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз се қисм иборат аст.

Дар қисми муқаддимавӣ нишон дода мешавад: кай, дар куҷо, кӣ, оид ба кадом парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул намудааст.

Дар қисми баёнии қарор моҳияти парванда ва далелҳо оид ба мавҷуд будан ҳодисаи ҷиноят ва, дар содир кардани он гунаҳгор будани шахс (агар вай маълум бошад); асосҳои боздоштан ва риояи шартҳои он (таърихи баровардани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда кашидан; иҷрои ҳамаи амалҳои имконпазири тафтишӣ; натиҷаҳои экспертизаи руҳшиносӣ; тамом шудани мӯҳлати тафтишот ва ғ.); ишора ба моддаи дахлдори қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оварда мешаванд.

Дар қисми хулосавӣ, қарор дар бораи боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ навишта мешавад.

Агар пешбурди парванда дар асоси сархати 2 қ. 1 м. 230 КМҶ боздошта шавад, дар як вақт, дар бораи эълони ҷустуҷӯи айбдоршаванда қарор бароварда мешавад. Дар ин хусус қарори алоҳида ҳам баровардан мумкин аст. Нусхаи қарор якҷоя бо қарор дар бораи нисбати айбдоршаванда татбиқ кардани чораи пешгирӣ ва маълумотнома дар бораи шахсияти айбдоршаванда ба мақомоти таҳқиқ фиристода мешавад. Дар маълумотнома ҳама он чӣ ки дар бораи айбдоршаванда маълум аст – ҷойи зист ва ҷойи кори охирон; касбу кор; майлу рағбат ва одатҳо; аломатҳои махсус; маълумот дар бораи хешу табор ва шиносҳои ӯ қайд карда мешаванд (м. 232. КМҶ).

Муфаттиш тафтиши пешакиро боздошта, вазифадор аст ҷабрдида, намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро хаттӣ огоҳ сохта, ҳамзамон ба онҳо фаҳмонад, ки аз қарори боздоштани тафтиши пешакӣ дар давоми панҷ шабонарӯз ба прокурор шикоят кардан мумкин аст. Ҳангоми бо асосҳои пешбининамудаи сархати 3 қ. 1 м. 230 КМҶ (дар вақти беморӣ) боздоштани тафтиши пешакӣ инчунин айбдоршаванда ва ҳимоятгар дар ин бора огоҳ карда мешаванд.

Дар мавриди боздоштани парванда бо сархати 2 м.230 КМҶ, вобаста ба муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад, ба мақомоти таҳқиқ супориши хаттӣ дар бораи муқаррар кардани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда кашида шавад, фиристода мешавад.

Аз рӯйи парвандаи ҷиноятии боздошташуда гузаронидани амалҳои тафтишӣ мумкин нест. Лекин чӣ хеле, ки дар м. 231 КМҶ омадааст, муфаттиш вазифадор аст, ки чӣ бевосита ва, чӣ ба воситаи мақомоти таҳқиқ, барои муқаррар кардани айбдоршаванда ё дар куҷо будани ӯ чораҳо дида, ҷиҳати он амалҳои зарурӣ гузаронад. Агар парванда бо сабаби муқаррар нагардидани дар куҷо будани айбдоршаванда боздошта шавад, муфаттиш ҳуқуқ дорад ва, вазифадор аст, ки танҳо амалҳои хусусияти санҷишӣ доштаро гузаронад (дархостҳо равон кунад, бо воситаи бюрои суроғаҳо, комиссариатҳои ҳарбӣ, беморхонаҳо маълумот ҷамъ кунад, ба мақомоти таҳқиқи дигар шаҳру ноҳияҳо супориши хаттӣ фиристад, алоқаҳои айбдоршавандаро омӯзад ва ғ.).

Вобаста ба парвандаи ҷиноятие, ки бо сабаби бемории рӯҳӣ ва дигар бемории вазнини айбдоршаванда боздошта шудааст, муфаттиш метавонад ба ташкили муолиҷаи пурсамар таъсир расонад, махсусан агар айбдоршаванда аз муолиҷа саркашӣ кунад ё онро кашол диҳад.

Агар тафтиши пешакӣ бо сабаби муқаррар карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда кашида шавад, боздошт шуда бошад, муфаттиш маводи парвандаи ҷиноятиро омӯхта онро таҳлил ва камбудиҳои тафтишотро маълум намуда, ҷиҳати ошкоркунии ҷиноят нақшаи чорабиниҳо ташкил мекунад.

## § 3. Тартиби мурофиавии аз нав сар кардани парвандаи ҷиноятии боздошташуда ва барқарор кардани муҳлати тафтиш

Тафтиши пешакии боздошташуда бо қарори асосноки муфаттиш аз нав сар карда мешавад, ба шарте ки:

1) асосҳои боздоштан аз байн рафта бошанд;

2) зарурати пешбурди амали тафтишӣ ба миён омада бошад, ки бе иштироки айбдоршаванда низ анҷом додани он мумкин аст.

Тафтиши пешакии боздошташударо инчунин бо қарори асосноки прокурор, ки бинобар бекор кардани қарори муфаттиш дар хусуси боздоштани тафтиш баровардааст, аз нав сар кардан мумкин аст.

Дар бораи аз нав сар кардани тафтиши пешакӣ айбдоршаванда ва ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида, намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо огоҳ карда мешаванд.

Тафтиши пешакӣ бо қарори вачҳноки муфаттиш, ки аз се қисм – муқаддимавӣ, баёнӣ ва хулосавӣ иборат аст, аз нав давом дода мешавад.

Дар қисми баёнии қарор ҳолатҳои содир кардани ҷиноят, таърих ва асосҳои боздоштани пешбурди парванда; сабаби аз нав сар кардани тафтишот, номгӯйи амалҳои тафтишӣ ва муҳлате, ки барои гузаронидани онҳо зарур аст, нишон дода мешаванд.

Дар қисми хулосавӣ бошад, қарор дар бораи аз нав сар кардани пешбурди парванда тасвият карда мешавад.

Аз сабаби он, ки муҳлати тафтишоти пешакӣ оид ба парвандаи ҷиноятии боздошташуда ба охир расидааст (ба истиснои мавридҳои боздоштан бо сабаби бемории айбдоршаванда), дар қисми хулосавии қарор инчунин тасвият карда мешавад, ки аз прокурор барои ба охир расонидани тафтиш муқаррар намудани кадом муҳлатро дархост кардан зарур аст. Дар ин маврид прокурор ҳуқуқ дорад, муҳлати тафтиши иловагиро дар ҳудуди як моҳ муқаррар намояд.

Қобили қабул аст, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ боздоштани тафтиши пешакӣ ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо уҳдадор карда шудаанд, ки баъди қабули қарор бо парвандаҳои ҷиноятии ҳаҷмаш хурд дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯз ва бо парвандаҳои ҷиноятии калонҳаҷм дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯз онҳоро мавриди омӯзиши дақиқ қарор дода, дар сурати асоснок ва қонунӣ донистани қарорҳои боздоштан ё қатъ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ хулоса тартиб дода, ба прокурорҳои болоӣ пешниҳод намоянд. Ба ҳолатҳои бо асосҳои бофта, бе таъмини пуррагии тафтишот боздоштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ роҳ дода намешавад. Махсусан қайд карда шудааст, ки бо парвандаҳои ҷиноятие, ки бо сабаби аз тафтишот пинҳон шудани айбдоршавандагон боздошта шудаанд бояд маълумоти аниқ дар хусуси парвандаи кофтуковии оғозшуда дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд бошад (б. 8)[1].

---

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳуми боздоштани тафтишоти пешакиро муайян созед.
2. Бо кадом асосҳо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ боздошта мешавад?
3. Шартҳои боздоштани тафтишоти пешакиро муайян созед.
4. Асос барои аз нав саркардани тафтишоти пешакӣ.
5. Тартиби мурофиавии боздоштани тафтишоти пешакиро шарҳ диҳед.
6. Тартиби мурофиавии аз нав саркардани тафтишоти пешакиро шарҳ диҳед.
7. Нақши прокурор ҳангоми боздоштан ва аз нав саркардани тафтишоти пешакӣ.
8. Гузаронидани амалҳои тафтишӣ баъд аз боздоштани тафтишоти пешакӣ.
9. Ба пешбурди алоҳида ҷудо намудани қисми маводи парвандаи ҷиноятиро шарҳ диҳед.
10. Ба кофтуков эълон намудани айбдоршаванда.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.
5. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.
6. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.
7. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.
8. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.
9. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.
10. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**9.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**10.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**11.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**12.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**13.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**14.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**16.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**17.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**19.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**20.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**21.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**22.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**23.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**24.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 20.
# АНҶОМИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

## § 1. Мафҳум ва шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ

Баохиррасии тафтишоти пешакӣ – ин давраи хотимавии он мебошад, ки дар он хулосаи ҷамъбастии ин давра қабул карда мешавад. Дар давраи мазкур шахсони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ далелҳои ҷамъшударо оид ба он, ки оё онҳо ҳолатҳои воқеии корро пурра инъикос мекунанд, оё дар асоси ин далелҳо кадом қарори (хулосаи) дахлдорро қабул намудан мумкин аст, санҷида мебароянд.

Инчунин, ҳангоми баохир расидани тафтишоти пешакӣ муфаттиш ё таҳқиқбаранда ҳамаи маводи парвандаи ҷиноятиро таҳлил намуда, санҷида мебароянд, ки дар вақти ҷамъоварии далелҳо талаботи қонунгузорӣ риоя шудааст ё не, мухлатҳои мурофиавӣ риоя шудаанд ё не, оё дар давраи тафтишоти пешакӣ принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ риоя карда шудаанд ва ғайра.

Баохиррасии тафтишоти пешакӣ дар се шакл амалӣ карда мешавад.

1) Агар аз ҷониби муфаттиш ё таҳқиқбаранда далелҳое ҷамъоварда шуда бошанд, ки барои гунаҳгор кардани айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят басанда бошанд, ҳамаи дигар ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, муайянкарда шуда бошанд ва асосҳое, ки барои қатъи парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд набошанд, тафтишоти пешакӣ бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ баохир расида, парванда ба прокурор равон карда мешавад.

2) Ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дахлдор (м.м. 28, 234 КМҶ) парвандаи ҷиноятӣ бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор қатъ карда мешавад.

3) Оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба шахсони номукаллаф, ки баъди содир кардани ҷиноят ба касалии рӯҳӣ гирифтор шудаанд ва таъини минбаъдаи ҷазоро ғайриимкон мегардонанд, шакли махсуси баохиррасии тафтишот муқаррар карда шудааст. Дар ин сурат тафтишот бо қабули қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои татбиқи чораҳои дорои хусусияти тиббӣ ба охир мерасад.

Ҳамин тавр, шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ чунинанд:

1) қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ;

2) ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ;

3) ба прокурор ирсол кардани қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

## § 2. Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ

Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ яке аз шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ буда, бо сабаби мавҷуд будани ҳолатҳое, ки имконият ё зарурияти татбиқи қонуни ҷиноятиро истисно намуда, боиси қатъи тафтишот мегарданд, мебошад.

Ба маънои мурофиавӣ-ҷиноятӣ қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ – ин қабул намудани қарор аз ҷониби шахси ваколатдор оид ба даст кашидан аз пешбурди минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ дар назар дошта шудааст.

Асос ва тартиби меъёрӣ-ҳуқуқии қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ дар бобҳои 3 ва 27, м.м. 27-32 ва 234 КМҶ муқаррар шудаанд.

Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ имкон дорад. Лекин давраи тафтишоти пешакӣ, давраи аввали мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки имконияти қабули қарор дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ бавуҷуд меояд.

Асос ва тартиби қатъи парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ новобаста аз он ки тафтишоти пешакӣ дар кадом шакл, дар шакли таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ сурат мегирад, якхел мебошад. Пас аз қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани амалҳои мурофиавӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ мумкин нест.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ» аз мафҳуми «қатъ намудани таъқиби ҷиноятӣ» фарқ дорад. Таъқиби ҷиноятӣ қисми таркибии парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Бинобар ин бо қатъ шудани парвандаи ҷиноятӣ таъқиби ҷиноятӣ низ бояд қатъ карда шавад. Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ имконияти давом додани таъқиби ҷиноятиро аз рӯйи парвандаи мазкур истисно мекунад. Лекин бо қатъ шудани таъқиби ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст қатъ карда нашавад. Бояд қайд намуд, ки дар КМҶ тартиби қатъ намудани таъқиби ҷиноятӣ ба таври муфассал ҳалли худро наёфтааст[1].

Агар аз рӯйи парванда якчанд айбдоршаванда ҷалб карда шуда, вале асосҳои қатъ намудани он на ба ҳамаи айбдоршавандагон дахл дошта бошад, он гоҳ таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба айбдоршавандагони алоҳида қатъ карда мешавад.

Асосҳои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ – ин ҳолатҳои воқеии бо қонуни ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишудае мебошад, ки имконияти минбаъд давом додани тафтишотро номумкин мегардонанд.

Дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ҳангоми мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят; ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят; ҳангоми гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан; ҳангоми қабули санади авф[2]; ҳангоми оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда оид ба парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ; ҳангоми мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида, агар парвандаи ҷиноятӣ маҳз тибқи аризаи ӯ оғоз гардад, ғайр аз ҳолатҳое, ки ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд; нисбат ба шахси фавтида, ғайр аз ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ барои муқаррар кардани бегуноҳии ӯ ё аз нав оғоз кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳолатҳои нави ошкоршуда дар ҳаққи дигар шахсон; нисбат ба шахсе, ки дар ҳаққи ӯ аз рӯйи ҳамон айбдоркунӣ ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда ё таъиноти суд ва ё қарори суд,

---

[1] Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М. : ЮСТИЦИЯ, 2016.

[2]Ҳангоми гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва қабули санади авф ба қатъ намудани парванда иҷозат дода намешавад, ба шарте ки айбдоршаванда дар ин бора норозигӣ баён кунад. Дар ин ҳолат пешбурди парванда мувофиқи талаботи КМҶ идома ёфта, ҳукми айбдоркунанда ё ҳукми сафедкунанда бароварда, шахс аз ҷазо озод карда мешавад.

судя оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳамон асос мавҷуд аст; нисбат ба шахсе, ки қарори бекорнашудаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар хусуси қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қарор дар бораи радди оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳамон айбдоркунӣ вуҷуд дорад (м. 27 КМҶ);

2) ҳангоми исбот нашудани иштироки гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят, ба шарте, ки тамоми имкониятҳо барои ҷамъоварии далелҳои иловагӣ истифода шуда бошанд (қ. 1 м. 234 КМҶ);

3) Инчунин, дар асоси м.м. 28 ва 234 КМҶ муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо дастрасии м.м. 72, 73, 74 ва 75 КҶ ва бо розигии прокурор ҳуқуқ доранд дар мавридҳои зерин пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қатъ кунанд:

а) бо сабаби пушаймонӣ аз кирдори худ;

б) бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида;

в) бо сабаби тағйир ёфтани вазъият;

г) бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан.

Қайд намудан ба маврид аст, ки боз ҳолати қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ[1] мавҷуд аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ онро мадди назар кардааст. Ин ҳам бошад, қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби ба қувваи қонуни даромадани қонуне, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф кардааст, яъне декриминализатсияи кирдор. Масалан, ҷиноятҳои таҳқир ва туҳмат, ки дар м.м. 135-136 КҶ муқаррар шуда буданд, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2012 таҳти №844 декриминализатсия карда шуданд, яъне ҳамчун ҷиноят аз КҶ хориҷ шуданд. Бинобар ин, ҳангоми мавҷуд будани тафтишоти пешакии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, онҳо фавран қатъ карда мешаванд.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар боло зикршуда тартиби муайяни мурофиавии қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятиро муқаррар намудааст.

Дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш қарори асоснок қабул намуда нусхаи онро ба прокурор мефиристад. Қарори мазкур аз се қисм иборат аст:

1) ***қисми муқаддимавӣ.*** Дар қисми муқаддимавии қарори мазкур вақт ва маҳалли таҳияи он, насаб ва вазифаи муфаттиш сабт мегардад.

2) ***қисми баёнию асоснокkунӣ.*** Дар қисми баёнию асосноккунии қарор ҳолатҳое, ки сабаб ва асоси оғози парванда гаштаанд, натиҷаҳои тафтиш ба воситаи нишон додани маълумот дар бораи шахсоне, ки аз рӯйи парванда дар содир намудани ҷиноят гумонбар ё айбдор шудаанд, моҳияти он, бандубасти ҷиноят ва чораҳои пешгирии татбиқшуда инъикос меёбанд.

3) ***қисми хулосавӣ.*** Дар қисми хулосавии қарор бошад дар бораи қатъи парванда бо такя ба моддаи КМҶ, ки барои қатъи парванда асос шудааст, инчунин дастур дар бораи бекор кардани чораи пешгирӣ, бекор кардани ҳабси молу мулк, дар бораи тақдири далелҳои шайъӣ инъикос карда мешавад.

Мутобиқи қонун агар қатъи парванда дар ҳолатҳое, ки танҳо бо розигии айбдоршаванда ё ҷабрдида иҷозат дода шавад, вуҷуд доштани чунин розигӣ бояд дар қарор зикр карда шавад.

---

[1] Таҳлили асосҳои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ дар мавзӯи «Давраи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ» баррасӣ карда шудааст.

Муфаттиш аз қатъи парванда ва асосҳои қатъи он гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгарони онҳо, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, инчунин шахс ва ё муассисаеро, ки тибқи аризаи онҳо парванда оғоз шуда буд, хаттӣ огоҳ месозад. Дар сурати қатъи парванда нисбати даъватшаванда муфаттиш дар мухлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳиявӣ (шаҳрӣ) дар ин бора хабар медиҳад. Ба шахсони зикргардида ҳуқуқи шиносшавӣ бо маводи парванда ва тартиби шикоят кардан аз қарори қатъи он фаҳмонида мешавад. Бо хоҳиши ин шахсон нусхаи қарори қатъи парванда ба онҳо супорида мешавад.

Аз қарори муфаттиш дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгарони онҳо, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва ё намояндагони онҳо, инчунин шахс ва ё намояндаи муассиса, ки тибқи аризаи онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда буд, ба прокуроре, ки ба тафтиш назорат мекунад, дар давоми ҳафт шабонарӯз аз лаҳзаи ба онҳо супоридани нусхаи ин қарор ё огоҳинома дар бораи қатъи парванда шикоят карданашон мумкин аст.

Агар парванда бо розигии прокурор қатъ карда шуда бошад, аз болои қарори ӯ ба прокурори болоӣ шикоят карда мешавад. Дар ҳолати шикоятро қонеъ нагардонидани прокурор аз қатъи парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Дар сурати нагузаштани мухлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, пешбурди парвандаи ҷиноятии қатъшуда бо қарори прокурор дар ҳолатҳои зерин аз нав сар карда мешавад:

1) бекор кардани қарори муфаттиш дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ;

2) аз ҷониби суд қонеъ кунонидани шикоят дар хусуси беасос будани қатъи парвандаи ҷиноятӣ.

Дар бораи аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҳимоятгарони онҳо, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, инчунин шахс ё муассиса, ки бо аризаи онҳо парванда оғоз шуда буд, хаттӣ огоҳ карда мешаванд.

## § 3. Ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ

Ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ шакли асосии баохиррасии тафтишоти пешакӣ буда, аз дигар шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ бо қабули қарор оид ба ирсол намудани парвандаи ҷиноятӣ ба суд ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани айбдоршаванда фарқ мекунад. Танзими ҳуқуқии ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ дар боби 28 КМҶ муқаррар карда шудааст. Он асосан масъалаҳои эълони анҷоми тафтиши пешакӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос кардани ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари граждани, намояндагони онҳо, айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ, протоколи шинос шудан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ, арзи дархост ва баррасии он, фикри айбдоркунӣ ва замима ба онро дар бар мегирад.

Ҳангоми ба охир расидани тафтишоти пешакӣ дар шакли ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ муфаттиш ё таҳқиқбаранда бояд амалҳои зеринро анҷом диҳад:

1) тафтиши (санҷидани) сифати маводи тайёршуда барои тартибдиҳии фикри айбдоркунӣ ё даст кашидан аз он;

2) таъмини ҳуқуқи тарафҳо оид ба шиносоӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ва арзи дархости ба он алоқаманд;

3) бо дархости тарафҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ба парвандаи ҷиноятӣ маводро илова кунад.

Асос барои баохир расидани тафтишоти пешакӣ дар шаклӣ мазкур эътирофи (боварии) муфаттиш оид ба он ки:

1) тамоми амалҳои тафтишӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шудаанд;

2) далелҳои ҷамъшуда барои тартиб додани фикри айбдоркунӣ кифояанд, мебошад. Ин боварии субъективии муфаттиш амали минбаъдаи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва талаботҳои исботкунӣ, ки аз он бармеоянд, таъсир намерасонад.

Дар қ.қ. 1 ва 2 м. 239 КМҶ амали муфаттиш, ки баохиррасии тафтиши пешакиро эътироф кардааст, муайян карда шудааст. Ин амалҳо аз огоҳ намудани айбдоршаванда, ҳимоятгари айбдоршаванда, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо дар бораи анҷоми тафтиши пешакӣ, ҳуқуқи шинос шудани онҳо бо маводи парванда ва арзи дархост, иборат мебошад.

Огоҳ намудани шахсони номбурда тартиби худро дошта, он дар протокол сабт карда мешавад. Баъд аз тартиб додани протокол муфаттиш ҳуқуқи гузаронидани ягон амали тафтиширо надорад.

Тартиби шиносшавӣ бо маводи парванда аз ҷониби иштирокчиёни муайяни мурофиавӣ дар м.м. 240-241 КМҶ муқаррар карда шудааст.

Бо маводи парвандаи ҷиноятӣ аввал ҷабрдида, намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо шинос мешаванд. Муфаттиш дар ҳолати изҳори дархости шифоҳӣ ё хаттии ҷабрдида, намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо ин шахсонро бо ҳамаи маводи парванда ё бо он қисмати парванда, ки онҳо шинос шудан мехоҳанд, шинос мекунад. Агар даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи онҳо дар бораи шинос шудан бо маводи парванда дархост арз карда бошанд, танҳо бо он қисме, ки ба даъвои гражданӣ дахл дорад, шинос карда мешавад.

Пас аз шинос шудани шахсони номбурда муфаттиш маводи парвандаи ҷиноятиро барои шиносоӣ ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ пешниҳод мекунад. Муфаттиш ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ тамоми маводи парвандаро, ки бояд дӯхта ва рақамгузорӣ шаванд, пешниҳод мекунад. Барои шиносоӣ инчунин далелҳои шайъӣ пешниҳод гардида, бо хоҳиши айбдоршаванда ё ҳимоятгари ӯ фонограмма, сабти видео, кинофилмҳо, слайдҳо, ба шарте, ки онҳо ба протоколи амали тафтишӣ замима гардида бошанд, барои шунидан ва тамошо кардан низ пешниҳод мешаванд. Бо хоҳиши айбдоршаванда ё ҳимоятгари ӯ онҳо метавонанд бо маводи парванда якҷоя ё дар алоҳидагӣ шинос карда шаванд.

Агар парванда аз якчанд ҷилд иборат бошад, айбдоршаванда ва ҳимоятгар дар ҷараёни шиносшавӣ бо маводи парванда ҳуқуқ доранд такроран ба ҳар як ҷилди он баргарданд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун рӯйнавис

кунанд, аз ҷумла ҳуҷҷатҳоро бо ёрии воситаҳои техникӣ нусхабардорӣ намоянд, ки бояд аз ҷониби муфаттиш тасдиқ карда шаванд. Рӯйнависҳо ва нусхаи ҳуҷҷатҳои парванда, ки дорои маълумоти сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, дар парванда нигоҳ дошта шуда ба айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ ҳангоми муҳокимаи судӣ супурда мешаванд.

Муҳлате, ки барои шинос шудани айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ бо ҳамаи маводи парванда зарур аст, маҳдуд карда намешавад. Агар айбдоршаванда ё ҳимоятгар муҳлати шиносшавиро бо маводи парванда кашол диҳанд, муфаттиш ҳуқуқ дорад бо қарори асосноки худ муҳлати муайянро, ки барои шинос шудан бо маводи парванда кифоя аст, муқаррар намояд.

Дар амалия ҳолатҳое мешаванд, ки шахсони номбурда сари вақт ҳозир шуда бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шуда наметавонанд. Инро ба инобат гирифта қонунгузор дар қ.қ 3-4 м. 239 КМҶ муқаррар намудааст, ки агар ҳимоятгари айбдоршаванда ё намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ бо сабабҳои узрнок барои шинос шудан бо парванда дар вақти муайяншуда ҳозир шуда натавонад, муфаттиш муҳлати шиносшавиро ба муддати на бештар аз панҷ шабонарӯз ба таъхир мегузорад. Дар сурати ҳозир нашудани ҳимоятгар ё намоянда дар давоми ин муҳлат муфаттиш барои ҳозир шудани ҳимоятгар ё намояндаи дигар чораи дахлдор меандешад.

Дар хусуси ба айбдоршаванда эълон кардани анҷоми тафтиши пешакӣ ва шиносоӣ бо ҳамаи маводи парванда протоколи ягона тартиб дода, дар он маҳал ва санаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ, вақти оғоз ва анҷоми он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси протоколро тартибдода, бо кадом парвандаи ҷиноятӣ шиносоӣ сурат мегирад, насаб, ном, номи падар айбдоршаванда ва моддаи КҶ, ки дар асоси он ба ӯ айб эълон карда шудааст, хоҳиши айбдоршаванда бобати шиносоӣ бо иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест), дар бораи таъмин бо тарҷумон, варақа ва ҷилди парванда бо нишон додани вақт ва санаи шиносшавӣ, дархости айбдоршаванда ва ҳимоятгар баъди шиносоӣ бо парванда, ба шарте, ки бошанд, нишон дода мешавад. Протоколро шахсони дар шиносоӣ иштирокдошта имзо мекунанд. Дар бораи шиносоии ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо тибқи талаботи қонун протокол тартиб дода мешавад.

Масъалаи арзи дархост ва баррасии он дар м. 243 КМҶ муқаррар карда шудааст.

Дархости айбдоршаванда ва ҳимоятгари ӯ, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, ки пас аз шиносоӣ бо маводи парванда шифоҳӣ изҳор шудаанд, дар протоколи шиносоӣ бо маводи парванда инъикос карда мешаванд. Дар сурати иштирокчии парванда дар бораи додани дархости хаттӣ арз кунад, барои таҳияи он вақти муайян ҷудо карда дар ин бора дар протокол сабт карда, сипас он хаттӣ ба парванда замима карда мешавад.

Муфаттиш ҳуқуқ надорад қонеъ намудани дархостро дар бораи муайян кардани ҳолатҳое, ки барои парванда дорои аҳамият мебошанд, рад кунад. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш вазифадор аст тафтиши пешакиро пурра намояд, зимнан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шудани иштирокчиёни дигари мурофиа ба ҳалли дархост ва дар сурати ҳал гаштани он ба гузаронидани тафтиш монеъ намешавад.

Пас аз гузаронидани амали иловагии тафтишӣ муфаттиш вазифадор аст иштирокчиёни мурофиаро аз баохиррасии тафтиши пешакӣ аз нав огоҳ созад ва ба онҳо шароит фароҳам оварад, ки бо маводи иловагии парванда шинос шаванд.

Дар сурати пурра ё қисман рад намудани қонеъгардонии дархост муфаттиш қарор бароварда, тартибу муҳлати шикоят оварданро фаҳмонида, нусхаи қарорро ба аризадиҳанда равон мекунад.

### § 4. Фикри айбдоркунӣ

Пас аз анҷоми тафтиши пешакӣ ва бо маводи парванда шинос кардани айбдоршаванда, ҳимоятгари айбдоршаванда, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо муфаттиш фикри айборкуниро тартиб медиҳад.

Фикри айбдоркунӣ ҳуҷҷати мурофиавие мебошад, ки ба давраи тафтишоти пешакӣ хотима мебахшад. Фикри айбдоркунӣ он ҳақиқатеро, ки дар давраи тафтишоти пешакӣ муқаррар шуда буд, дар худ дарҷ менамояд. Дар фикри айбдоркунӣ муфаттиш далелҳоро ба ҳам муқоиса намуда ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Асоси қонунии ба суд фиристодани парвандаи ҷиноятӣ фикри айбдоркунӣ мебошад.

Фикри айбдоркунӣ аз се қисм, муқаддима, баёнию асосноккунӣ ва хулоса иборат аст.

Дар қисми муқаддима муфаттиш ном, номи падар ва насаби айбдоршаванда (айбдоршавандагон)-ро, ки нисбат ба ӯ (онҳо) фикри айбдоркунӣ таҳия мегардад, модда, қисм ва банди қонуни ҷиноятӣ, ки мувофиқи он амали ӯ бандубаст мешавад, инъикос мекунад.

Дар қисми баёнию асосноккунӣ бошад моҳияти айбдоркунӣ; маҳал ва вақти содир намудани ҷиноят; усул, сабаб, оқибат ва ҳолатҳои дигари муҳим; маълумот дар бораи ҷабрдида, хусусият ва андозаи зарари ба ӯ расонидашуда, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ; далелҳои тасдиқкунандаи гуноҳи айбдоршаванда; ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо; ваҷҳҳое, ки айбдоршаванда барои ҳимояи худ пеш меорад ва натиҷаи санҷиши ин ваҷҳҳо – инъикос мегарданд.

Дар қисми хулоса маълумоти шахсияти айбдоршаванда, ифодаи айби эълоншуда бо нишон додани қонуни ҷиноятӣ (модда, қисм, банд), ки барои ҳамин ҷиноят ҷавобгариро пешбинӣ мекунад, зикр мегардад.

Муфаттиш маҳал ва санаи таҳияи фикри айбдоркуниро нишон дода, онро имзо мекунад. Баъди аз ҷониби муфаттиш имзо шудани фикри айбдоркунӣ парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор равон карда мешавад. Прокурор ё муовини ӯ парвандаи аз муфаттиш бо фикри айбдоркунӣ воридшударо баррасӣ намуда, ҳуқуқ доранд нисбати он қарори дахлдорро қабул намоянд. Фикри айбдоркунӣ пас аз имзо шуданаш аз ҷониби прокурор ё муовини ӯ қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

Ба фикри айбдоркунӣ мумкин аст баъзе маводе, ки ба парвандаи ҷиноятӣ алоқаманданд, замима карда шаванд. Масалан, ба фикри айбдоркунӣ рӯйхати айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳидон, коршинос, ки бояд ба маҷлиси суд даъват шаванд, инчунин маълумотнома дар бораи муҳлати тафтиш, чораҳои интихобшудаи пешгирӣ бо нишон додани муҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ, дар хусуси далелҳои шайъӣ ва ҷойи нигоҳдошти онҳо, даъвои

гражданӣ, дар бораи чораҳое, ки барои таъмини даъвои гражданӣ ва имконпазирии мусодираи молу мулк андешида шудаанд, харочоти мурофиавӣ замима карда шаванд.

### § 5. Амал ва қарори прокурор оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдоркунӣ ворид шудааст

Прокурор бояд дар муҳлати ҳафт шабонарӯз парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, ҳолатҳои зеринро санҷад:

– оё кирдори ҷиноятии ба айбдоршаванда мансуб ҷой дорад ва дар ин кирдор таркиби ҷиноят мавҷуд аст ё не;

– оё дар парванда ҳолатҳое мавҷуданд, ки метавонанд боиси қатъи он гарданд;

– оё айби эълоншуда асоснок аст ва он бо далелҳои дар парванда мавҷуд буда, тасдиқ мегардад;

– оё нисбат ба ҳамаи кирдорҳои содиркардаи айбдоршаванда, ки муайян ва исбот шудаанд, айб эълон карда шудааст;

– оё ҳамаи шахсоне, ки дар парванда дар бораи ҷиноят содир намуданашон далел ба даст оварда шудааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб гардидаанд;

– оё кирдори айбдоршаванда дуруст бандубаст шудааст;

– оё чораи пешгирӣ дуруст интихоб гардидааст ва ё дар парванда барои тағйир додан ё бекор кардани он асос мавҷуд аст;

– оё барои таъмини даъвои гражданӣ ва имконпазирии мусодираи молу мулк чораҳо андешида шудаанд;

– оё фикри айбдоркунӣ мутобиқи талаботи КМҶ тартиб дода шудааст;

– оё дар пешбурди тафтиши пешакӣ ба вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳ дода нашудааст;

– оё таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҳамаҷониба, пурра ва холисона гузаронида шудааст;

– оё шароите, ки барои содиршавии ҷиноят мусоидат кардаанд, муайян карда, барои рафъи оқибати онҳо чора андешида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки муҳлати ҳафт шабонарӯзае, ки барои омӯхтани фикри айбдоркунӣ муқаррар карда шудааст, ба муҳлати тафтишоти пешакӣ дохил намешавад.

Прокурор ё муовини ӯ парвандаи бо фикри айбдоркунӣ воридшударо баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул намоянд:

– фикри айбдоркуниро тасдиқ кунанд;

–бо қарори худ бандҳои алоҳидаи айбдоркуниро хориҷ намоянд;

– кирдори айбдоршавандаро бо татбиқи қонун дар бораи ҷазои нисбатан сабук бандубаст намоянд;

– парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба айбдоршавандагони алоҳида қатъ намоянд;

– парвандаро бо дастуроти хаттии худ барои пешбурди тафтиши иловагӣ ё аз нав таҳия кардани фикри айбдоркунӣ ба муфаттиш баргардонанд;

– фикри айбдоркунӣ тартиб диҳанд.

Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдоркунӣ ба прокуратура ворид шудааст, прокурор ё муовини ӯ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд бо қарори

худ чораҳои пешгирии қаблан дар ҳаққи айбдоршаванда татбиқшударо бекор кунанд ё тағйир диҳанд, инчунин чораҳои дигари пешгириро ба истисноӣ ҳабс кардан ё ба ҳабси хонагӣ гирифтан интихоб намоянд.

Прокуроре, ки фикри айбдоркуниро тасдиқ кардааст, бояд парвандаи ҷиноятиро ба суд аз рӯйи тобеияти судӣ ирсол кунад. Пас аз ирсоли парвандаи ҷиноятӣ ба суд, дар ин бора ба айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо бояд хабар диҳад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Баохиррасии тафтишоти пешакӣ чист?

**2.** Шаклҳои баохиррасии тафтишоти пешакӣ кадомҳоянд?

**3.** Мафҳум ва асосҳои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ

**4.** Дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ парвандаи ҷиноятӣ бо кадом асосҳо қатъ карда мешавад?

**5.** Фарқияти қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ аз таъқиби ҷиноятӣ дар чӣ ифода меёбад?

**6.** Ба прокурор ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркуниро шарҳ диҳед.

**7.** Фикри айбдоркунӣ чист?

**8.** Фикри айбдоркунӣ аз чанд қисм иборат аст? Дар бораи қисмҳои алоҳидаи он маълумот диҳед.

**9.** Амал ва қарори прокурор оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдоркунӣ ворид шудааст дар чӣ ифода мегардад**?**

**10.** Моҳияти барои пешбурди тафтиши иловагӣ ё аз нав таҳия кардани фикри айбдоркунӣ ба муфаттиш баргардонидани парвандаи ҷиноятиро шарҳ диҳед.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**4.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с. таҳти № 687.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медарорад» аз 23.12.2011 с. таҳти № 13.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**10.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**11.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

**12.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

### Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.

**5.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**9.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**10.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**11.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**12.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**13.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**14.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**16.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**17.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**20.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**21.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**22.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**23.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**24.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**25.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**26.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 21.
# НАЗОРАТ ВА ВАКОЛАТИ ПРОКУРОР ОИД БА ИҶРОИШИ ҚОНУНҲО ДАР ДАВРАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

## § 1. Ваколати прокурор дар бобати ба амал баровардани назорат оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ

Риояи қонуният ва меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ – ин, дар навбати аввал, муайянкунандаи тарзи дуруст, ба талаботи рӯз, давру замон ҷавобгӯ ташкил ва баамалбарории назорати прокурорӣ мебошад. Ин назорат дар мадди аввал бояд сифатнок ва фоидаовар бошад ва босаводона ташкил ва ба роҳ монда шуда, натиҷаи дилхоҳ диҳад.

Вазифаи прокурор танҳо аз он иборат нест, ки аз болои иҷрои қонунҳо назорат бурда, аз мақомоти таҳқиқ ва муфаттишон иҷрои намунавии вазифаҳояшонро талаб намоянд, балки аз он иборат мебошад, ки ба онҳо дар тафтишоти пешакӣ бо парвандаҳои ҷиноятии ҳаҷмашон калон ва мураккаб мунтазам ёрии амалӣ расонанд.

Фаъолияти дастгоҳи тафтишотии мақомоти прокуратура ва корҳои дохилӣ сол ба сол мушкилтару вазнинтар мегардад. Шахсони ҷинояткор боз ҳам зудтар ва фаврӣ бо усулҳои нави ҳиллагарона фаъолият мекунанд, нисбат ба мақомоти босалоҳияти давлатӣ чобуктар ва моҳиртаранд, тарзу усулҳои кори худро зуд тағйир медиҳанд. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошанд ҳамеша аз ҳодиса ва аз онҳо қафо мемонанд, раванди ҳодисот ва вазъиятро пешгӯӣ карда наметавонанд.

Яке аз воситаҳои фоидаовар барои пешгирӣ ва бартарафкунии вайронкунии қонун дар мурофиаи судии ҷиноятӣ – ин истифодабарии маводи таҷрибаи судӣ барои бартарафкунии камбудиҳо ва баландбардории сифати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ аст. Бо ин мақсад ҳам дар давраи тайёрии парвандаи ҷиноятӣ барои баррасӣ дар мурофиаи судӣ, ҳам дар давраи худи мурофиаи судӣ ба прокурор зарур аст, ки ба таври ҷиддӣ, ҳаматарафа, пурра ва объективона ба тадқиқи маводи тафтишоти пешакӣ, риояи талаботи қонун ва меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро дар ин давра санҷида, ба онҳо баҳои дахлдор диҳад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокурор, назорат ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ мебошад.

Прокурор ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ назорат карда, воқиф шуда меистад, то ки ягон ҷиноят нокушода намонад, ягон шахси содиркардаи ҷиноят аз ҷавобгарие, ки қонун муқаррар намудааст раҳоӣ наёбад ва, ягон шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад; тартиби дар қонун муқарраршудаи оғоз ва тафтиш кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгорон, татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, талаботи қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои шахс, пурра, ҳаматарафа ва объективона тадқиқ кардани ҳолатҳои парванда қатъиян риоя шаванд; сабаб ва шароите, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат

намудаанд, равшан гардида барои бартараф кардани онҳо чораҳои қонунӣ андешида шаванд.

Прокурор на танҳо аз болои мувофиқи қонун будани ҳамаи амалҳо ва қарорҳои мақомоти таҳқиқ ва муфаттишон назорат мебарад, балки бевосита чораҳоеро низ меандешад, ки ба босамар анҷом додани тафтишот нигаронида мешаванд. Ба ӯ ҳуқуқ дода шудааст, ки масъалаҳои мурофиавиеро, ки дар рафти гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба миён омадаанд, моҳиятан ҳал намояд. Баъзе амалҳои тафтишӣ (кофтуков, ёфта гирифтани ҳуҷҷатҳои дорои сирри давлатӣ ва ғ.) ва татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ва гарав, қатъ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ бо асосҳои дар м.м. 27 ва 28 КМҶ нишон додашуда бошад, бо розигии прокурор амалӣ мешавад.

Прокурор ҳуқуқ дорад, аз мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ барои санҷиш парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳо, мавод ва дигар маълумотро оид ба ҷиноятҳои содиршуда, рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ва муайян кардани шахсони ҷиноят содиркарда, талаб кунад.

Қонун мақомоти тафтишоти пешакиро вазифадор намудааст, ки нусхаҳои қарорҳои бештар муҳимро (дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, қатъ кардани он, боздоштани тафтишот ва ғ.) ба прокурор фиристанд, ки ин имконият медиҳад, то аз болои қонунӣ, асоснок ва саривақт қабул гардидани онҳо назорат бурда шавад.

Прокурор метавонад дар гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иштирок кунад ва дар мавридҳои зарурӣ амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ё тафтишотро дар ҳаҷми пуррааш, бо кадом парвандае, ки набошад, худаш гузаронад.

Бо мақсади таъмин намудани тафтиши бештар пурра ва объективона ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст, ки парвандаро аз мақомоти таҳқиқ гирифта ба муфаттиш, аз як мақомоти тафтиши пешакӣ гирифта ба дигараш, инчунин, аз як муфаттиш гирифта ба муфаттиши дигар супорад, ба истиснои ҷиноятҳое, ки мувофиқи қ. 7 м. 161 КМҶ ба тобеияти тафтишии мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия тааллуқ доранд. Ҳамзамон, прокурор метавонад парвандаҳоро оид ба ҳамин ҷиноятҳо талаб намуда, ба пешбурди худ қабул намояд.

Бо дарназардошти он ки тибқи м. 162 КМҶ масъалаи тобеияти тафтишӣ аз тарафи прокурори маҳалле, ки дар он ҷо тафтиш шурӯъ шудааст, ҳал карда мешавад, ба прокурорҳо зарур аст, ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда, ба вайрон кардани тобеияти тафтишӣ роҳ надиҳанд (б.3.1)[1].

Прокурор метавонад, ба мақомоти таҳқиқ супориш диҳад, ки қарори дастгир кардан, маҷбуран овардан, ба ҳабс гирифтан, кофтуков кардан, ёфта гирифтан, ҷустуҷӯи шахсони ҷиноят содирнамуда, гузаронидани дигар амалҳои тафтиширо вобаста ба парвандаҳое, ки дар пешбурди прокурор ё муфаттиши прокуратура қарор доранд, иҷро намоянд.

Прокурор вазифадор аст, назорат барад, ки ягон шахс ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад, чӣ бо ташаббуси худ ва чӣ ҳангоми ворид шудани шикоят, ӯ санҷида мебарояд, ки оё барои эълони айбдорӣ далелҳои кофӣ ҷамъ карда шудаанд ва, агар зарур бошад, дар бораи тағйир додани айбдорӣ ё қатъ кардани пешбурд нисбати айбдоршаванда, дастури хаттӣ медиҳад,

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

ё ин ки қарори беасоси ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро бекор мекунад.

Дар вақти ҳал кардани масъалаи додани розигии ба ҳабс гирифтан, прокурор вазифадор аст, бо тамоми маводе, ки барои ба ҳабс гирифтан асос медиҳанд, бодиққат шинос шавад ва гумонбаршуда ё айбдоршавандаро дар мавридҳои зарурӣ ва, гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғро бошад, дар ҳамаи мавридҳо шахсан пурсиш намояд. Ба ваколати прокурор, инчунин, дароз кардани мӯҳлати тафтишот дохил мешавад.

Прокурор, инчунин, вазифадор аст ба мавридҳои беасос, бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят, дастгир кардани шахсон роҳ надиҳад. Ӯ ҳуқуқ дорад, қарорҳои таҳқиқбаранда ва муфаттишро бекор кунад.

Прокурор назорати иҷрои қонунҳоро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ амалӣ намуда, дар доираи салоҳияти худ:

1) иҷрои талаботи қонунро ҳангоми қабул, бақайдгирӣ ва баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноят назорат мекунад;

2) ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иҷрои талаботи қонунро санҷида, дар айни замон ҳуқуқ дорад аз мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳо, мавод ва маълумоти дигарро дар хусуси ҷиноятҳои содиршуда, ҷараёни таҳқиқ ва тафтиш, амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, талаб кунад;

3) ба таҳқиқбаранда, муфаттиш барои ба суд дархост пешниҳод намудан дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ ба тариқи ба ҳабс гирифтан, ба ҳабси хонагӣ гирифтан, аз ҷумла, дар бораи тағйир додан ва бекор кардани онҳо розигӣ диҳад;

4) дар пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ шахсан амали тафтиширо анҷом медиҳад, оид ба ҳар як парванда дар ҳаҷми пурра тафтиши ҳамаҷонибаи пешакӣ мегузаронад;

5) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун қарор ё амали муфаттиш ва таҳқиқбарандаро тасдиқ мекунад;

6) мӯҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакиро дароз мекунад;

7) аризаи оид ба радди таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёниро баррасӣ мекунад;

8) дар бораи амал ва қарори таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёнӣ шикоятҳоро баррасӣ мекунад;

9) дар хусуси иҷрои талаботи қонун ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дастурҳои хаттӣ медиҳад;

10) парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунад ё оғози онро рад мекунад;

11) пешбурди парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад ё бозмедорад;

12) оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ розигӣ медиҳад;

13) қарорҳои ғайриқонунии таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурори поёниро бекор мекунад;

14) ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад;

15) дар бораи андешидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ошкор кардани ҷиноят ва пайдо кардани шахсони ҷиноят содиркарда доир ба парвандаҳое, ки таҳти пешбурди прокурор ё муфаттиш қарор дорад, дастур медиҳад;

16) бо дастури худ дар хусуси пешбурди тафтиши иловагӣ парвандаҳои ҷиноятиро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ бармегардонад;

17) парвандаро аз мақомоти таҳқиқ гирифта, ба муфаттиш месупорад;

18) парвандаро аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар ё бо риояи қоидаҳои тобеияти тафтишӣ аз як мақомоти тафтишот ба мақомоти дигари тафтишот месупорад, ба истиснои парванда оид ба ҷинояти хусусияти коррупсионидошта;

19) таҳқиқбаранда ё муфаттишро, ки ҳангоми тафтиши парванда қонунро вайрон карда бошанд, аз пешбурди минбаъдаи тафтиш дур месозад;

20) фикри айбдоркуниро тасдиқ мекунад;

21) парвандаро ба суд ирсол мекунад.

Иҷрои дастурҳои прокурор барои муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошад.

Дар мавриди бо дастурҳои прокурор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, дар бораи бандубасти ҷиноят ва ҳаҷми айбдорӣ, дар бораи ба суд дода шудани айбдоршаванда ё дар бораи қатъ кардани парванда норозӣ будан, муфаттиш ҳуқуқ дорад онҳоро иҷро накарда, парвандаро ба прокурори болоӣ пешниҳод намуда, эродҳои худро ба таври хаттӣ баён намояд. Дар ин сурат, прокурор ё дастурҳои прокурори поёниро бекор мекунад ё тафтиши ин парвандаро ба муфаттиши дигар месупорад. Ин қоида ба мақомоти таҳқиқ дахл надорад. Ҳангоми норозӣ будан бо дастурҳои прокурор, мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад, аз болои ин дастурҳо, иҷроиши онҳоро боз надошта, ба прокурори болоӣ шикоят кунад.

### § 2. Назорат оид ба анҷоми тафтишоти пешакӣ

Прокурор новобаста аз он, ки тафтишоти пешакӣ дар кадом шакл тамом шудааст, ба асоснок ва қонунӣ будани қарори қабулшуда назорат мебарад.

Ҳангоми ба охир расидани тафтишоти пешакӣ бо баровардани фикри айбдоркунӣ, парванда ба прокурор фиристода мешавад ва прокурор вазифадор аст, ки парвандаи воридшударо дар муддати на зиёдтар аз **ҳафт** шабонарӯз дида баромада, оид ба он қарор қабул кунад.

Мутобиқи м. 247 КМҶ прокурор бояд дар муҳлати **ҳафт шабонарӯз** парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, ҳолатҳои зеринро санҷад:

1) оё кирдори ҷиноятии ба айбдоршаванда мансуб ҷой дорад ва дар ин кирдор таркиби ҷиноят мавҷуд аст ё не;

2) оё дар парванда ҳолатҳое мавҷуд нестанд, ки метавонанд боиси қатъи он гарданд;

3) оё айби эълоншуда асоснок аст ва он бо далелҳои дар парванда мавҷуда тасдиқ мегардад;

4) оё нисбат ба ҳамаи кирдорҳои содиркардаи айбдоршаванда, ки муайян ва исбот шудаанд, айб эълон карда шудааст;

5) оё ҳамаи шахсоне, ки дар парванда дар бораи ҷиноят содир намуданашон далел ба даст оварда шудааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб гардидаанд;

6) оё кирдори айбдоршаванда дуруст бандубаст шудааст;

7) оё чораи пешгирӣ дуруст интихоб гардидааст ва ё дар парванда барои тағйир додан ё бекор кардани он асос мавҷуд аст;

8) оё барои таъмини даъвои гражданӣ ва имконпазирии мусодираи молу мулк чораҳо андешида шудаанд;

9) оё фикри айбдоркунӣ мутобиқи талаботи КМҶ тартиб дода шудааст;

10) оё дар пешбурди тафтиши пешакӣ ба вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳ дода нашудааст;

11) оё таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҳамаҷониба, пурра ва холисона гузаронида шудааст;

12) оё шароите, ки барои содиршавии ҷиноят мусоидат кардаанд, муайян карда, барои рафъи оқибати онҳо чора андешида шудааст.

Баъд аз ҳал намудани ин масъалаҳо прокурор метавонад, оид ба парвандаи ҷиноятӣ яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд (м. 248 КМҶ):

– фикри айбдоркуниро тасдиқ кунад;

– бо қарори худ бандҳои алоҳидаи айбдоркуниро хориҷ намояд;

– кирдори айбдоршавандаро бо татбиқи қонун дар бораи ҷазои нисбатан сабук бандубаст намояд;

– парвандаи ҷиноятиро пурра ё нисбат ба айбдоршавандагони алоҳида қатъ намояд;

– парвандаро бо дастуроти хаттии худ барои пешбурди тафтиши иловагӣ ё аз нав таҳия кардани фикри айбдоркунӣ ба муфаттиш баргардонад;

– фикри айбдоркунӣ тартиб диҳад.

Барои ба суд фиристодани парванда мавҷуд будани асосҳоро эътироф намуда, бо имзои худ фикри айбдориро тасдиқ кунад. Ҳамзамон ӯ ҳуқуқ дорад, аз он баъзе бандҳои айбдориро хориҷ, ё қонуни дар бораи ҷинояти на он қадар вазнинро татбиқ намояд. Агар айбдориро ба айбдории нисбатан вазнин тағйир додан талаб карда шавад, ё ки қисми хулосавии фикри айбдорӣ аз ҳолатҳои воқеии айби эълон кардашуда куллан фарқ кунад, прокурор парвандаро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ барои аз нав тартиб додани фикри айбдоркунӣ бармегардонад.

Прокурор ҳуқуқ дорад, чораи пешгирии интихоб кардашударо бекор кунад ё иваз намояд, ё агар чораи пешгирӣ интихоб карда нашуда бошад, онро интихоб кунад. Ӯ ҳамчунин метавонад рӯйхати ба фикри айбдорӣ илова кардашудаи шахсонеро, ки бояд ба маҷлиси судӣ даъват карда шаванд, тағйир диҳад.

Прокурор фикри айбдоркуниро тасдиқ намуда, ё онро аз нав тартиб дода, парвандаро ба суд мувофиқи тобеияти судӣ мефиристад ва ба айбдоршаванда дар ин хусус хабар медиҳад. Дар баробари ин, прокурор ба суд хабар медиҳад, ки айбдоркуниро дар суд дастгирӣ мекунад ё не.

Дар мавриди нопурра будани тафтишоти гузаронида шуда, ба таври ҷиддӣ вайрон шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, мавҷуд будани асосҳо барои оид ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дигар, прокурор парвандаро ба мақомоти таҳқиқ ё муфаттиш барои гузаронидани тафтишоти иловагӣ бармегардонад.

Прокурор ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар қонун муқарраршуда метавонад бо қарори худ парвандаро қатъ кунад.

Дар мавриди ба талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқ набудани фикри айбдоркунӣ, прокурор ҳуқуқ дорад, онро аз нав тартиб дода, фикри айбдоркунии пеш тартиб додашударо аз парванда ҷудо карда гирад ва ба мақомоти таҳқиқ ё муфаттиш баргардонида, хатогиҳои ёфташударо нишон диҳад.

Дар мавриде, ки парванда бо қарор дар бораи ба суд фиристодан, барои ҳалли масъалаи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ба прокурор ворид мешавад, ҳангоми бо ин қарор розӣ будан, прокурор парвандаро ба суд медиҳад ва агар розӣ набошад, онро барои гузаронидани тафтишоти иловагӣ бармегардонад. Ҳангоми мавҷуд набудани асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, прокурор парвандаро қатъ мекунад.

Дар мавриди қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ вазифадоранд, ки нусхаи қарори дар ин хусус баровардашударо ба прокурор фиристанд.

Муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ парвандаи ҷиноятиро бо сабаби тағйир ёфтани шароит (вазъият), пушаймонӣ аз кирдор, бо айбдоршаванда оштӣ шудан танҳо бо розигии прокурор қатъ карда метавонанд.

Агар парвандаи ҷиноятӣ ғайриқонунӣ ё беасос қатъ карда шуда бошад, прокурор ҳуқуқ дорад, бо қарори худ қарори муфаттиш ё мақомоти таҳқикро дар бораи қатъ кардани парванда бекор кунад ва, пешбурди парвандаро аз нав ба ҳаракат дарорад.

Бояд зикр намуд, ки прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва ба онҳо баробаркардашуда ҳисси масъулиятнокии муфаттишон ва таҳқиқбарандагонро оид ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар пешгирӣ, ошкор ва тафтишоти босифати ҷиноятҳо баланд бардошта, дар ин раванд ба онҳо ҳангоми гузаронидани амалҳои ҷудогонаи тафтишӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои асосии мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ва фикри айбдоркунӣ ёрии бевоситаи амалӣ расонанд. Дар рафти тафтишоти пешакӣ ҳамаи ваҷҳҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда ба пуррагӣ санҷида шуда, дар фикри айбдоркунӣ ба далелҳои ҷамъовардашуда баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода, ваҷҳҳои беасоси аз тарафи гумонбаршуда ва айбдоршаванда барои беасос аз ҷавобгарӣ дар канор мондани худ пешниҳодшуда рад карда шаванд. Дар фикри айбдоркунӣ ба дарҷ кардани далелҳои беасос, шубҳанок ва ба ҳам мухолиф роҳ дода нашавад (б. 3).

Барои баланд бардоштани савияи дониш ва тахассуснокии прокурорҳо, муфаттишон, таҳқиқбарандагон ва кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, оид ба тарзу усулҳои тафтиши ҷиноятҳо, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мунтазам машғулиятҳои соҳавӣ гузаронанд, таҷрибаи тафтишотӣ ва назорати прокурориро оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, барои бартараф намудани камбудӣ ва қонунвайронкуниҳо чораандешӣ намуда, таҷрибаи мусбат ва пешқадами онҳоро паҳн намоянд.

Ҳангоми паҳн кардани таҷрибаи пешқадами муфатишон ва прокурорҳо риояи мӯҳлати тафтишот ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандагон, асоснокии дастгиркунӣ ва интихоби чораи пешагирӣ нисбати айбдоршавандагон, саҳми шахсии муфаттишон ва прокурорҳо дар барқарор кардани зарари аз ҷиноятҳо расонидашуда, ошкоркунӣ ва кушодани ҷиноят бо роҳи тафтишотӣ, бандубасти дурусти кирдори айбдоршавандагон, аз ҷониби суд бо моддаҳои дар рафти тафтишот айб эълон карда гунаҳгор донистани судшаванда, риояи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми дарёфт намудан, мустаҳкам кардан, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо ба инобат гирифта шавад (б. 3.2).

Лозим ба ёдоварист, ки сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои дахлдори Прокуратураи генералӣ ҳар моҳ парвандаҳои қатъ карда, боздошта ва маводи аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад кардашударо, ки бо онҳо қарорҳои ниҳоӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳии шаҳри Душанбе

ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ВКД, КДАМ, АНМН-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АНДМ ва МК Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд (б. 8)[1].

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Мафҳуми назорати прокурориро шарҳ диҳед.

**2.** Нақш ва аҳамияти назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**3.** Назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва ваколати прокурор.

**4.** Ваколати прокурор дар бобати ба амал баровардани назорат оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ

**5.** Назорати прокурори оид ба анҷоми тафтишоти пешакиро шарҳ диҳед.

**6.** Назорати прокурорӣ ва мустақилияти муфаттиш.

**7.** Сардори воҳиди тафтишот ва ваколати прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ.

**8.** Дастури хаттии прокурор ҳамчун ҳуҷҷати мурофиавӣ.

**9.** Аз ҷониби прокурор қатъ кардани прокурор.

**10.** Аз ҷониби прокурор ба амал баровардани таъқиби ҷиноятӣ ва назорати прокурорӣ: тафовут ва асосҳои ҳуқуқӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**2.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**3.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**8.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 с. таҳти № 41.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**10.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 21.10.2015 с. таҳти № 5-219.

---

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

11. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

12. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

13. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал доир ба ҳамкории сохторҳои тафтишотӣ бо хадамоти оперативӣ ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ошкор кардан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо» аз 20.02.2010 с. таҳти № 207.

14. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят»» аз 20.02.2010 с. таҳти №207 б/з.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


1. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1985.
2. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
3. Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе : «Андалеб-Р», 2015.
4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.
5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
8. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.
9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.
10. Васильева Е.Г. Правовые и теоретические проблемы прекращения уголовного преследования и производства по уголовному делу. – М., 2006.
11. Волынская О.В. Прекращение уголовного дела и уголовного преследования: теоретические и организационно-правовые проблемы : монография. – М., 2007.
12. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.
13. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.
14. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.
15. Махмудов И.Т. Прокурорский надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности : проблемы теории, практики и законодательной регламентации : монография. – Душанбе: «Ирфон», 2010.

**16.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**17.** Парфенов А.А., Хамроев Ш.С. Уголовный процесс : практикум (часть 1: общие положения уголовного процесса и досудебное производство). – Душанбе: РТСУ, 2016.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**20.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**21.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**22.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскные мероприятия : правовые основы : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**23.** Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность : история и современность : монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

**24.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**25.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**26.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# ФАСЛИ III.
# ПЕШБУРДИ СУДӢ

## БОБИ 22.
## ТОБЕИЯТИ СУДӢ. ТАЪИНИ МУҲОКИМАИ СУДӢ ВА ОМОДАГӢ БА ОН

### § 1. Мафҳум ва аҳамияти тобеияти судӣ

Тобеияти судӣ – ин маҷмӯи аломатҳои парвандаи ҷиноятӣ мебошад, ки вобаста ба онҳо муайян карда мешавад, ки парванда ба тариқи зиннаи аввал, бояд дар кадом суд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Тобеияти судӣ гуфта – ин аломатҳои махсуси парвандаи ҷиноятиро меноманд, ки дар асоси он ба кадом суд тобеъ будан ва салоҳияти баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятиро аз тарафи кадом суд ва ҳолати пурра ва ҳаматарафа баррасӣ намудани ҳамон парвандаи ҷиноятиро ҳамчун суди зинаи якум муайян месозад. Яъне тобеияти судӣ муайян месозад, ки кадом суд уҳдадор аст парвандаи ҷиноятиро моҳиятан баррасӣ намояд.

Қонун чунин институти мурофиавӣ, ба мисли тобеияти судиро пешбинӣ кардааст, ки он барои ҷудо кардани ваколати судҳо оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ хизмат мекунад.

Тобеияти судӣ ин маҷмӯи аломатҳои парвандаи ҷиноятӣ буда, вобаста аз онҳо қонун мансубияти баррасии онро ба ин ё он суди зинаи аввал муайян менамояд.

Аҳамияти тобеияти судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар он аст, ки барои мунтаззам фаъолият намудани мақомоти судӣ ва баробар тақсим намудани парвандаи ҷиноятӣ, саривақт ва ҳаматарафа, пурра, одилона баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятиро аз тарафи суд мусоидат менамояд.

Барои сари вақт иҷро намудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, парвандаи ҷиноятӣ моҳиятан дуруст ва пурра барраси шуда, санадҳои қонунӣ қабул гарданд, инчунин сари вақт ҳуқуқҳои поймолшудаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барқарор карда шаванд, моҳияти сирри давлатӣ фош нагардад, қонунгузор тобеияти судиро ба якчанд намуд тақсим кардааст, ки инҳо бо мақсади холисона, пурра ва объективона баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятиро дар суд хизмат мерасонанд.

Масъалаи тобеияти судӣ дар марҳилаи басуддиҳии айбдоршаванда ҳал карда мешавад, вақте, ки прокурор парвандаи ҷиноятиро ба суд аз рӯйи тобеияти судӣ мефиристад, суд бошад, пеш аз он, ки масъалаи айбдоршаванда ба суд додан ҳал намояд, тобеъ ба ӯ будани парвандаи ҷиноятиро тафтиш мекунад.

Тобеияти судӣ моҳияти сиёсӣ ва мурофиавӣ дорад.

Моҳияти сиёсии тобеияти судӣ он мебошад, ки бисёртари парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ), дар ҷойи содиршавии ҷиноят баррасӣ ме-

гарданд, ки ин моҳияти тарбиявӣ дорад барои шаҳрвандон, инчунин барои худи судшаванда.

Моҳияти мурофиавиаш дар он мебошад, ки:

1. Кафолати дурусти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазо барои содир кардани ҷиноят.

2. Он ба судҳо якхела дохил шудани парвандаҳои ҷиноятиро таъмин мекунанд, ки судҳо бемонеа кори худро пеш баранд.

## § 2. Намудҳои тобеияти судӣ

Таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба ҷудо кардани чунин аломатҳои тобеияти судӣ имконият медиҳад:

1) ***Аломати предметӣ*** – тобеияти судии парвандаи ҷиноятиро аз рӯйи дараҷаи вазнинии ҷиноят ва хислати зарари расонидашуда муайян менамояд. Ҳама гуна парвандаҳои ҷиноятӣ ба ғайр аз парвандаҳои ҷиноятие, ки ба судҳои болоӣ ё судҳои ҳарбӣ тобеанд, ба судҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) тобеъ мебошанд (м. 251 КМҶ). Ба суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди ш.Душанбе ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ, ки барои онҳо мутобиқи қонун ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум кардан ё ҷазои қатл пешбинӣ шудааст, ба ғайр аз парвандаҳои марбути судҳои ҳарбӣ, тобеияти судӣ доранд (м. 252 КМҶ).

Тобеияти парвандаҳои ҷиноятӣ ба судҳои ҳарбӣ дар м. 254 КМҶ муқаррар карда шудааст. Ба судҳои ҳарбӣ парвандаҳои ҷиноятии зерин тобеияти судӣ доранд:

а) парвандаҳо дар бораи тамоми ҷиноятҳое, ки хизматчиёни ҳарбӣ, ҳамчунин уҳдадорони ҳарбӣ дар давраи гузаштани ҷамъомади ҳарбӣ содир намудаанд;

б) парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳое, ки хизматчиёни ҳарбии воҳидҳо ва қисмҳои милитсияи аз рӯйи даъват ташкилкардашудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардаанд;

в) парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳои зидди тартиби муқарраршудаи адои хизмат, ки шахсони ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои ислоҳӣ содир намудаанд;

г) парвандаҳо дар бораи ҷосусӣ.

Судҳои ҳарбӣ якҷоя бо парвандаҳои ҷиноятӣ даъвои граждании қисмҳои ҳарбӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, шахсони дигари ҳуқуқиро, сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, ҳамчунин даъвои шаҳрвандонро дар бораи рӯёнидани товони зарари моддие, ки ба онҳо дар натиҷаи ҷинояти содирнамудаи хизматчиёни ҳарбӣ расонида шудааст, баррасӣ менамоянд.

Ҳангоми айбдор донистани шахс ё гурӯҳи шахсон дар содир намудани як ё якчанд ҷиноят, ба шарте ки ақаллан парванда дар бораи як ҷиноят ба суди ҳарбӣ тобеият дорад, парвандаҳои ҳамаи ҷиноятҳоро суди ҳарбӣ баррасӣ мекунад.

Ҳангоми айбдор донистани гурӯҳи шахсон дар содир намудани як ё якчанд ҷиноят, ба шарте ки парванда ақаллан нисбат ба як айбдоршаванда дар тобеияти суди ҳарбӣ қарор дошта бошад, парвандаҳоро нисбат ба ҳамаи айбдоршавандагон суди ҳарбӣ баррасӣ менамояд.

Парвандаҳоро оид ба ҷиноятҳои шахсоне, ки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ содир намудаанд ва дар вақти баррасии парванда дар суд аз хизмат ҷавоб шудаанд, судҳои ҳарбӣ баррасӣ мекунанд.

Ба суди ҳарбии гарнизон парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содирнамудаи шахсони дорои унвони то подполковник тобеияти судӣ доранд.

Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содирнамудаи шахсоне, ки дорои унвони полковник ва аз он баланд ё вазифаи фармондеҳи полкро ишғол мекунанд ва шахсони аз рӯйи вазифаи хизматӣ ба онҳо баробар, парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содирнамудаи хизматчиёни ҳарбӣ, ки барои онҳо қонуни ҷиноятӣ ҷазои якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё қатл пешбинӣ намудааст, ба Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти судӣ доранд.

Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳама гуна парвандаро, ки ба суди ҳарбии поёнӣ тобеияти судӣ доранд, ба сифати суди марҳилаи якум ба баррасии худ қабул намояд (м. 254 КМҶ).

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси худ, инчунин, бо ташаббуси Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ ҳуқуқ дорад, парвандаҳои ҷиноятии махсусан мураккаб ё аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ доштаро ба пешбурди худ қабул намояд. Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки ба судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе тобеияти судӣ доранд, лекин онҳо дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ содир карда шудаанд, ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеанд.

Суди болоӣ дар ҳолатҳои истисно ҳуқуқ дорад аз суди поёнӣ ҳама гуна парвандаҳои ҷиноятиро талаб карда, ба пешбурди худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ намояд.

2) ***Аломати ҳудудӣ (маҳаллӣ)*** имконият медиҳад, ки тобеияти судӣ байни судҳои баробарсатҳ ҷудо карда шавад. Тибқи қоида, парванда бояд дар ҳамон суде баррасӣ карда шавад, ки дар ҳудуди он ҷиноят содир шудааст. Агар ҷойи содир шудани ҷиноятро муайян кардан ғайриимкон бошад, ё аз рӯйи ягон асосе парванда ба якчанд судҳои баробарсатҳ тобеъ бошад, он гоҳ парвандаро ҳамон суде баррасӣ менамояд, ки дар ҳудуди фаъолияти он тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ ба анҷом расонида шудааст (м. 256 КМҶ).

3) ***Аломати фардӣ (инфиродӣ)*** тобеияти судиро вобаста ба субъекти ҷиноят муайян мекунад. Аломати фардӣ дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дақиқ гардонида шудааст. Масалан, парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ танҳо ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти судӣ доранд (қ. 3 м. 10). Парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳои содирнамудаи шахсоне, ки дорои унвони полковник ва аз он баланд ё вазифаи фармондеҳи полкро ишғол мекунанд ва шахсони аз рӯйи вазифаи хизматӣ ба онҳо баробар, ба Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти судӣ доранд. Ҳангоми айбдоркунии гурӯҳи шахсон дар содир намудани як ё якчанд ҷиноят, агар парванда нисбати ақаллан як айбдоршаванда ба тобеияти суди ҳарбӣ дахл дошта, нисбати шахсони боқимонда бошад, ба дигар суд тобеият дошта бошад, парвандаҳоро нисбати ҳамаи айбдоршавандагон суди ҳарбӣ баррасӣ менамояд.

Агар суд, судя ҳангоми муайян кардани он ки парвандаи воридшуда тобеи ҳамин суд намебошад, онро аз рӯйи тобеияти судӣ равон мекунад.

Агар суд, судя муайян намояд, ки парвандаи ҷиноятии дар пешбурдаш қарордошта ба суди дигари марҳилаи якхела тобеият дорад, танҳо дар ҳамон ҳолат ҳуқуқ дорад ин парвандаи ҷиноятиро дар пешбурдаш монад, ба шарте ки баррасии парвандаро дар маҷлиси суд оғоз намуда бошад. Агар парванда тобеи суди болоӣ ё суди ҳарбӣ бошад, он бояд дар ҳама ҳолат аз рӯйи тобеияти судӣ равона карда шавад.

Парвандаеро, ки баррасиаш дар маҷлиси судии суди болоӣ оғоз шудааст, ба суди поёнӣ ирсол кардан мумкин нест (м. 258 КМҶ).

Дар ҳолатҳои алоҳида бо мақсади пурра ва холисона баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ онро аз як суд ба суди дигари ҳамто супурдан мумкин аст. Бо ин асосҳо супурдани парвандаи ҷиноятӣ танҳо пеш аз оғози баррасии он дар маҷлиси суд иҷозат дода мешавад.

Масъалаи бо асосҳои зикршуда супурдани парвандаи ҷиноятӣ аз суди ноҳия (шаҳр) ба суди дигар дар ҳудуди ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мувофиқан аз ҷониби раиси суди ВМКБ, раисони судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе иҷозат дода мешавад.

Ба суди ВМКБ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе аз як суд ба суди дигари шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супурдани парвандаи ҷиноятиро Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ иҷозат медиҳанд.

Дар байни судҳо дар бораи тобеияти судии парванда баҳс кардан мумкин нест. Ҳама гуна парвандае, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун аз як суд ба суди дигар фиристода шудааст, бояд аз тарафи ҳамон суде, ки парванда ба он фиристода шудааст, барои баррасӣ қабул карда шавад (м. 260 КМҶ).

## § 3. Моҳият ва аҳамияти давраи ба суд додан

Давраи ба суд додан – ин марҳалаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар он судя ё суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мавҷуд будани асосҳои зарурии ҳуқуқӣ ва барои моҳиятан дар суд баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ кифоя будани маълумоти воқеиро дида мебароядюнд.

Аз ин марҳила ҳамаи парвандаҳои ҷиноятие, ки тафтишоти пешакии онҳо бо фикри айбдоркуниро тасдиқ намудани прокурор тамом карда шудааст, мегузаранд.

Вазифаи асосии марҳилаи ба суд додан, санҷиши сифати тафтишоти пешакӣ ва маълум кардани асосҳои кофӣ ҷиҳати моҳиятан дар маҷлиси суд баррасӣ шудани парванда мебошад. Вобаста ба ҳалли ин вазифа судя барои ба суд додани айбдоршаванда вуҷуд доштани асосҳои ҳуқуқӣ ва кифоя будани маълумоти воқеиро месанҷанд.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳамаи парвандаҳои ҷиноятие, ки бояд дар суди марҳилаи аввал баррасӣ гарданд, тартиби ягонаи ба суд додан муқаррар шудааст.

Агар барои дар маҷлиси суд баррасӣ намудани парванда ба қадри кофӣ асосҳо мавҷуд бошанд, судя шахсан, дар мавриди бо хулосаҳои фикри айбдорӣ розӣ будан, масъалаи гунаҳгор будани айбдоршавандаро ҳал накарда, дар хусуси ӯро ба суд додан қарор мебарорад (қ. 1 м. 263 КМҶ).

Дар давраи ба суд додан ду гурӯҳи масъалаҳо ҳал карда мешаванд: гурӯҳи аввал – бо санҷиши маводи тафтишоти гузаронидашуда ва, гурӯҳи дуюм, - бо тайёрӣ ба баррасии парванда дар маҷлиси суд алоқаманданд.

Судя, ба натиҷаҳои тафтишоти пешакӣ, далелҳои ҷамъ овардашуда ва хулосаҳои оид ба парванда баровардашуда аз нуқтаи назари мавҷуд будан, ё набудани асосҳо барои дар суд баррасӣ шудани ин парванда, баҳо медиҳад.

Бо ин мақсад, мутобиқи м. 262 КМҶ масъалаҳои зерин мавриди санҷиш қарор мегиранд:

1) парванда таҳти тобеияти ҳамин суд қарор дорад ё не;

2) ҳолатҳое, ки боиси қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда мегарданд, вуҷуд доранд ё не;

3) ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки барои таъин намудани маҷлиси суд монеа шуда метавонад, роҳ дода шудааст ё не;

4) нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба пешбурди суръатнок супурда шудаанд ё не;

5) чораи пешгирии интихобгардидаро тағйир додан ё бекор кардан зарур аст ё не;

6) ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст ва эҳтимоли мусодираи молу мулк чора андешида шудааст ё не;

7) ариза ва дархостҳо қобили қонеъ ҳастанд ё не.

Ҳамин тавр, дар муносибат ба давраҳои пешинаи мурофиа, давраи ба суд додан хислати санҷишӣ дорад. Дар натиҷаи чунин санҷиш дар бораи ҳаракати минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда мешавад.

Дар муносибат ба давраи муҳокимаи судӣ ин давра хислати тайёрӣ дорад, чунки дар он оид ба ҷой ва вақти маҷлиси судӣ, ҳайати суд, иштирокчиёни мурофиа қарор қабул шуда, ҳаракатҳое, ки ба тайёрӣ ба маҷлиси судии дар пеш истода нигаронида шудаанд (супурдани даъватнома, нусхаи фикри айбдоркунӣ ва ғ.), ба ҷо оварда мешаванд.

Аҳамияти давраи ба суд додан аз он иборат аст, ки вай дар маҷлиси судӣ баррасӣ шудани танҳо ҳамон парвандаҳоеро таъмин мекунад, ки тафтиши пешакии онҳо пурра, ҳаматарафа, объективона ва бо риояи қатъии қонунҳо гузаронида шудааст ва, ин эҳтимолияти пайдо шудани вазъиятеро, ки боиси дуру дароз кашол ёфтани муҳокимаи судӣ мегардад, хеле кам мекунад. Ин давра, инчунин, шарти зарурии тайёрӣ ба маҷлиси судӣ ва бомуваффақият баргузор кардани он мебошад.

Дар давраи ба суд додан ҳудуди муҳокимаи судӣ муайян мегардад, аммо масъалаи гунаҳгор будан ё набудани айбдоршаванда ҳал карда намешавад, чунки ин салоҳияти давраи дигари мурофиа – муҳокимаи судӣ мебошад. Қонун муқаррар намудааст, ки муҳокимаи парванда дар суд танҳо нисбати ҳамон айбдоршавандаҳо ва оид ба ҳамон айбдорӣ гузаронида мешавад, ки дар қарор (таъиноти) ба суд додан нишон дода шудаанд. Суд аз ин ҳудуд берун баромада наметавонад. Аниқ муайян кардани ҳудуди айбдорӣ кафолати муҳимми таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя ва муқаррар намудани ҳақиқати парванда мебошад.

### § 4. Санҷиши маводи парвандаи ҷиноятие, ки бо фикри айбдорӣ ба суд ворид шудааст

Парвандае, ки ба суд бо фикри айбдорӣ ворид шудааст, бояд бодиққат ва ҳаматарафа санҷида шавад. Дар натиҷаи ин санҷиш судя бояд масъалаи асосиро ҳал кунад, ки оё барои дар суд баррасӣ шудани парванда асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ мавҷуданд?

Вақте, ки судя, ё суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, масъалаи ба суд додани айбдоршавандаро ҳал мекунад, бояд дар ҳаққи ҳар як айбдоршаванда масъалаҳои зерин равшан карда шаванд:

1) оё парванда ба ҳамин суд тобеъ аст. Агар дар натиҷаи санҷиш маълум шавад, ки парванда ба ин суд тобеъ нест, судя онро ба суди дахлдор аз рӯйи тобеияти судӣ фиристода, масъалаҳои дигарро ҳал накарда мемонад;

2) оё дар кирдоре, ки ба гуноҳи айбдоршаванда гузошта шудаст, таркиби (унсурҳои) ҷиноят ҳаст;

3) оё ҳолатҳое, ки боиси қатъ кардан, ё худ боздоштани парванда шуданашон мумкин аст, мавҷуданд. Агар ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаро истисно мекунанд, ё асосҳои аз ҷавобгарӣ озод кардани шахс ҷой дошта бошанд, суд дар маҷлиси амрдиҳӣ парвандаро қатъ мекунад.

Агар дар вақти дида баромадани масъалаи ба суд додан ошкор шавад, ки айбдоршаванда пинҳон шудааст ва ҷойи зисти ӯ номаълум мебошад, судя, ё суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, дар бораи минбаъд, то ёфт шудани айбдоршаванда, боздоштани пешбурди парванда қарор, ё ки таъинот мебароранд, парвандаро бошад, ба прокурор бармегардонанд, ба ғайр аз мавридҳое, ки қонун (м. 280 КМҶ) ба баррасии парванда дар ғойибии айбдоршаванда иҷозат додааст.

Дар мавриде, ки айбдоршаванда бо сабаби бемории вазнин буданаш дар маҷлиси суд иштирок карда наметавонад ва ин бемории ӯро духтури дар муассисаи тиббӣ фаъолияткунанда тасдиқ кардааст, судя, ё ки суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, дар бораи минбаъд, то сиҳат ёфтани айбдоршаванда, боздоштани пешбурди парванда қарор, ё ки таъинот мебароранд;

4) оё доир ба парванда далелҳое ҷамъ шудаанд, ки барои дар маҷлиси судӣ баррасӣ кардани ин парванда кифоя кунанд. Далелҳо он гоҳ кифоя ҳисобида мешаванд, ки агар дар асоси онҳо ҳамаи ҳолатҳое, ки ба предмети исбот дохиланд, ҳаматарафа, пурра ва объективона муқаррар шуда бошанд;

5) оё дар вақти оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ талаботи КМҶ риоя шудааст;

6) оё нисбат ба кирдорҳое, ки айбдоршаванда барои онҳо гунаҳгор карда мешавад, қонуни ҷиноятӣ дуруст татбиқ шудааст;

7) оё фикри айбдоркунӣ мувофиқи талаботи КМҶ тартиб дода шудааст;

8) оё чораи пешгирӣ дар ҳуқуқи айбдоршаванда дуруст интихоб шудааст. Суд дар маҷлиси амрдиҳӣ масъалаи чораи пешгириро ҳал мекунад. Дар мавриди зарурӣ суд ҳуқуқ дорад чораи пешгирии татбиқшударо ба намуди нисбатан сабук ё вазнин тағйир диҳад ва агар чораи пешгирӣ татбиқ нашуда бошад, онро татбиқ намояд;

9) оё барои рӯёнидани товони зарари моддии дар натиҷаи ҷиноят расида ва мусодираи эҳтимолии амвол чораҳо дида шудаанд. Агар дар рафти тафтишоти пешакӣ муфаттиш ё таҳқиқбаранда ин чораҳоро наандешида бошанд ва андешидани онҳо дар суд ғайриимкон бошад, судя, ё ки суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, мақомоти тафтишоти пешакиро вазифадор мекунад, ки барои таъминкунии рӯёнидани товони зарари моддии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ва мусодираи эҳтимолии амвол чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар вақти ҳал намудани масъалаи басуддиҳии айбдоршаванда судя, ё ки суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, вазифадоранд, ки дархост ва аризаҳои шахсон ва ташкилотро, ки дар бораи роҳ додан ба иштирок намудан дар парванда, дар бораи самти минбаъдаи парванда, дар хусуси талаб карда гирифтани далелҳои иловагӣ, дар бобати тағйир додани чораи пешгирӣ, дар бораи даъвои гражданӣ ва чораҳои таъмини он дохил шудаанд, дида бароянд (м. 224 КМҶ).

Дар сурати: а) нопурра будани таҳқиқ ё тафтиши пешакии гузаронидашуда ва дар маҷлиси судӣ ғайриимкон будани пурра кардани онҳо; б) аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва муфаттиш ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ; в) мавҷуд будани асосҳо барои ба айбдоршаванда эълон кардани дигар айбдорӣ, ё ки барои тағйир додани айбдорӣ ба айбдории бештар ваз-

нин; г) мавҷуд будани асосҳо барои аз рӯйи ҳамин парванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дигар, ба шарте, ки маводро нисбати онҳо аз парванда ҷудо кардан мумкин набошад; нодуруст якҷоя ё ки ҷудо карда шудани парванда, суд дар маҷлиси амрдиҳӣ парвандаро барои тафтиши иловагӣ бармегардонад.

Суд дар маҷлиси амрдиҳӣ яке аз таъиноти зеринро мебарорад:

1) дар бораи басуддиҳии айбдоршаванда;

2) дар бораи баргардонидани парванда барои гузаронидани тафтишоти иловагӣ;

3) дар бораи боздоштани пешбурди парванда;

4) дар бораи фиристодани парванда аз рӯйи тобеияти судӣ;

5) дар бораи қатъ намудани парванда.

## § 5. Масъалаҳое, ки бо тайёрӣ ба баррасии парванда дар маҷлиси судӣ алоқаманданд

Судя ва суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, дар бораи мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои баррасии судии парванда ба хулоса омада, масъалаи гунаҳгориро пешакӣ ҳал накарда, дар хусуси ба суд додани айбдоршаванда қарор (таъинот) мебароранд.

Ғайр аз ин, мутобиқи м. 229 КМҶ ба суд додани айбдоршавандаро имконпазир донистa, судя, ё суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, вазифадоранд масъалаҳои зеринро низ ҳал кунанд:

1) дар бораи иштирок намудани айбдоркунандаи давлатӣ дар маҷлиси судӣ. Прокурор парвандаро ба суд фиристода, хабар медиҳад, ки ӯ айбдоркунии давлатиро дасгирӣ мекунад ё не. Агар ӯ инро зарур нашуморад, судя ё суд ҳуқуқ доранд, дар бораи иштироки прокурор дар маҷлиси судӣ қарор қабул намоянд. Қарори судя ё таъиноти маҷлиси суд дар бораи зарурати иштироки прокурор дар маҷлиси суд – барои прокурор ҳатмист;

2) дар бораи ба сифати ҳимоятгар роҳ додани шахсе, ки ӯро айбдоршаванда хостааст, ё ин ки дар хусуси таъин кардани ҳимоятгар. Ҳимоятгар дар парвандаи ҷиноятӣ он гоҳ иштирок мекунад, ки агар айбдоршаванда дар ин хусус дархост намояд, ҳамчунин агар мувофиқи қонун иштироки вай ҳатмӣ бошад;

3) дар бораи шахсоне, ки ба маҷлиси суд ба сифати ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо, шоҳидон, коршиносон ва мутахассион даъват шуданашон лозим аст;

4) дар бораи даъват шудани тарҷумон. Ҳалли ин масъала махсусан, ҳамон вақт зарур аст, ки агар касе аз иштирокчиёни мурофиа забонеро, ки бо он мурофиа гузаронида мешавад, надонад;

5) дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани маҷлиси суд. Вобаста ба ҳолатҳои содир кардани ҷиноят ва шахсияти айбдоршаванда мурофиаи судиро чӣ дар худи суд ва чӣ дар ҷойи дигар (дар ҷойи кор ё истиқомати судшаванда, клуби деҳот, дар тавқифгоҳи тафтишотӣ ва ғ.) гузаронидан мумкин аст.

Ғайр аз ин, суд дар маҷлиси амрдиҳӣ масъалаи, дар мавридҳои пешбиникардаи қонун, дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парвандаро ҳал менамояд. Маҷлиси пӯшидаи суд дар мавридҳое гузаронида мешавад, ки агар инро манфиатҳои ҳифзи сирри давлатӣ талаб кунанд.

Бо таъиноти асосноки суд муҳокимаи пӯшидаи суд (қарори судя) мумкин аст: оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд; оид ба ҷиноятҳои вобаста ба алоқаи ҷинсӣ; оид ба дигар парвандаҳо бо

мақсади пешгирӣ кардани ошкоршавии маълумот ҷиҳати ҳаёти маҳрамонаи иштирокчиёни мурофиа; инчунин дар ҳолатҳое, ки агар инро манфиати бехатарии ҷабрдида, шоҳидон ва дигар шахсоне, ки дар парванда иштирок мекунанд ва, инчунин, аъзоёни оилаи онҳо ва ё хешовандони наздикашон талаб кунад (қ. 1 м.273 КМҶ).

Ин масъалаҳоро ҳал намуда, дар бораи ба суд додани айбдоршаванда судя қарор ва суд бошад таъинот мебарорад. Дар қарори судя ва таъиноти маҷлиси амрдиҳӣ бояд инҳо нишон дода шаванд:

1) вақт ва ҷойи баровардани қарор ё таъинот;

2) вазифа ва ному насаби судяе, ки қарорро баровардааст, ё худ ҳайати суд дар маҷлиси амрдиҳӣ, ному насаби котиб, вазифа ва ному насаби прокурор, ки дар маҷлиси амрдиҳӣ иштирок кардааст;

3) асосҳо ва моҳияти қарори қабулшуда.

Ба қарор судя имзо мекунад. Ба таъинот раисикунанда ва машваратчиёни халқӣ имзо менамоянд (м. 230 КМҶ).

Қарори судя ва таъиноти маҷлиси амрдиҳии суд дар бораи ба суд додани айбдоршаванда бояд ин маълумотро дар бар гирад: хулоса дар бораи кифоя будани далелҳо ҷиҳати дар маҷлиси суд дида баромадани парванда; қарор дар бораи басуддиҳӣ бо ишора ба шахсе, ки ба суд дода мешавад; қонуни ҷиноятие, ки татбиқ шуданаш лозим аст; қарор дар бораи чораи пешгирӣ дар ҳаққи судшаванда; қарорҳо доир ба дархосту аризаҳо.

Баъд аз ба суд додани айбдоршаванда, судя ҳаракатҳои тайёрӣ ба маҷлиси судиро анҷом медиҳад. Ӯ вазифадор аст:

1. Ба айбдоркунандаи давлатӣ, судшаванда, ҳимоятгар, инчунин ба ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, чавобгари гражданӣ ё худ ба намояндагони онҳо имконияти бо ҳамаи маводи парванда шинос шудан ва аз он навишта гирифтани маълумоти зарурииро таъмин намояд (м. 237 КМҶ).

2. Ба судшаванда нусхаи фикри айбдоркуниро супорад. Агар дар вақти ҳал кардани масъалаи ба суд додан, фикри айбдоркунӣ ё чораи пешгирӣ, ё худ рӯйхати шахсоне, ки ба суд даъват шуданашон лозим аст, тағйир дода шаванд, дар он сурат ба судшаванда инчунин нусхаи таъиноти суд, ё ки қарори судя супурда мешавад. Парвандаро дар маҷлиси судӣ танҳо пас аз гузаштани се шабонарӯз, аз лаҳзаи ба судшаванда супурда шудани ин ҳуҷҷатҳо, баррасӣ кардан мумкин аст (м. 238 КМҶ).

3. Дар бораи ба маҷлиси судӣ даъват намудани шахсоне, ки дар қарори ӯ, ё ки дар таъиноти маҷлиси амрдиҳӣ зикр шудаанд, супориш диҳад, ба онҳо супурда шудани даъватномаҳои судро таъмин кунад.

4. Барои тайёрӣ ба мурофиаи судӣ дигар чораҳо андешад (прокурор ва ҳимоятгарро аз рӯзу соати маҷлиси судӣ хабардор намояд; машваратчиёни халқиро даъват кунад ва ба онҳо имконият диҳад, то бо маводи парванда шинос шаванд; барои ба мурофиаи судӣ ҳозир кардани судшаванда амр диҳад ва ғайра).

Баррасии парванда дар маҷлиси судӣ бояд аз лаҳзаи бароварда шудани қарори судя ё таъиноти маҷлиси амрдиҳӣ дар бораи басуддиҳии айбдоршаванда дар муддати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз сар карда шавад (м. 240 КМҶ).

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Марҳилаи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ чист?
2. Хусусиятҳои марҳилаи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ.

**3.** Судя оид ба парвандаи ҷиноятии ба суд воридшуда кадом қарорҳоро қабул мекунад?

**4.** Ҳуқуқ ва вазифаҳои судя дар марҳилаи тайёрӣ ба муҳокимаи судӣ.

**5.** Масъалаи қатъ кардани пешбурди мурофиаи судӣ дар марҳилаи мазкур чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**6.** Равон кардани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи тобеияти судиро шарҳ диҳед.

**7.** Асосҳо барои баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ кадомҳоянд?

**8.** Асосҳо барои гузаронидани маҷлиси пӯшидаи судӣ.

**9.** Аз ҷониби суд боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ.

**10.** Муҳлати оғози муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси суд.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1083.

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.

**4.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.

**5.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**6.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**7.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**8.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**9.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**12.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**13.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**14.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**6.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**7.** Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Юлдошев Р.Р., Ҳошимзода Д.Д., Ҳалимов С.М. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ (солҳои 1996-2015). – Душанбе : Нашриёти «ЭР-граф», 2016.

**10.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**12.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**13.** Загорский Г.И. Актуальные проблемы судебного разбирательства по уголовным делам. – М., 2014.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Манова Н.С. Досудебное и судебное производство: сущность и проблемы дифференциации процессуальных форм. – Саратов, 2003.

**18.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**19.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**21.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**22.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**23.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**24.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**25.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**26.** Семенцов В.А. Оценка доказательств судом первой инстанции по уголовному делу. – М., 2012.

**27.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**28.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**29.** Юлдошев Р.Р., Хошимзода Д.Д., Халимов С.М. Акты Конституционного суда Республики Таджикистан в области уголовной политики (1996-2015 годы). – Душанбе : Издательство «ЭР-граф», 2016.

# БОБИ 23.
# ДАВРАИ МУҲОКИМАИ СУДӢ

## § 1. Мафҳуми муҳокимаи судӣ, ҷой ва нақши он дар мурофиаи ҷиноятӣ

Муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум – ин фаъолияти бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ батанзимдаровардашудаи суд оид ба тадқиқи далелҳои ҳам дар маводи парвандаи ҷиноятӣ ҷойдошта ва ҳам аз ҷониби тарафҳо ба таври иловагӣ пешниҳодшуда мебошад, ки дар натиҷаи он суд қарорро оид ба бегуноҳии шахс қабул намуда ҳукми сафедкунанда ё қарорро оид ба қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ мебарорад ва ё оид ба гунаҳгории шахс ҳукми айбдоркунанда бо таъин намудани ҷазо ё бе таъини он мебарорад. Ба тариқи дигар, муҳокимаи судӣ – ин дар суди зинаи якум моҳиятан баррасӣ ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ дар назар дошта шудааст.

Моҳияти муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум аз он иборат аст, ки дар чаҳорчӯбаи расмиёти махсус муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар натиҷаи он аз ҷониби шахс содир намудани ҷиноят, яъне кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки КҶ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ба вуҷуд меоянд, баррасӣ карда мешавад. Танҳо дар давраи мазкур судшаванда мумкин аст бори аввал дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шуда, нисбати ӯ ҷазо таъин карда шавад. Гунаҳгории айбдоршаванда мумкин аст дар давраи тафтишоти пешакӣ ҳангоми қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи КМҶ муқаррар карда шавад. Лекин, бояд қайд намуд, ки шахсро дар содир намудани ҷиноят танҳо ва танҳо суд метавонад гунаҳгор эътироф намояд. Муқаррароти мазкур аз қ. 1 м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Дар марҳилаи мазкур амалишавии пурраи принсипҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ ба назар мерасад, ки ба тарафҳо имконияти ҳуқуқии дар сатҳи имконпазир амалӣ гардонидани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ, пешбинӣ менамояд.

Муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум дорои як қатор аломатҳое мебошад, ки ба нақши махсуси он дар низоми умумии давраҳо сабаб шудаанд.

1. Муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум дар тамоми мурофиаи ҷиноятӣ давраи марказӣ ҳисобида мешавад, зеро ҳамаи давраҳои боқимонда нисбати он ё тайёрӣ мебошанд ва ё тафтишӣ. Масалан, дар давраи тафтишоти пешакӣ ташкили манбаи далелҳо ба амал меояд, ки барои айбдоркунӣ зарур ва кифояанд. Аммо ҳадди ниҳоии исботкунӣ фақат дар суд бо тартиби муқаррарнамудаи м. 285 КМҶ муқаррар карда мешаванд. Давраи пешбурди кассатсионӣ ҳукм ва дигар санадҳои судии суди марҳилаи якумро, ки эътибори конунӣ пайдо накардаанд, марҳилаи назоратӣ бошад санадҳои судии эътибори конунӣ пайдокардаро месанҷад ва ғ.

2. Танҳо дар натиҷаи баррасӣ ва ҳал намудани парванда дар суди марҳилаи якум шахс метавонад дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шуда мавриди ҷазо қарор гирад. Бо ин татбиқи принсипи дар м. 7 КМҶ сабт гардидаи адолати судӣ танҳо аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад ва амалӣ мегардад.

3. Дар давраи мазкур татбиқи аз ҳама бештар ва пурраи принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба пешбурд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, ба амал меояд. Масалан, дар рафти тафтиши судӣ пурсиш на аз ҷониби суд, балки аз ҷониби тарафҳо гузаронида мешавад, суд бошад пас аз пурсиши судшаванда аз ҷониби тарафҳо ба ӯ савол медиҳад (м. 311 КМҶ). Баъди анҷоми тафтиши судӣ раисикунанда мувофиқи м. 327 КМҶ аз тарафҳо мепурсад, ки оё онҳо хоҳиши пурра кардани тафтиши судиро доранд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти давраи муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум аз он иборат аст, ки он давраи марказии мурофиаи судии ҷиноятиро ифода намуда, дар рафти он адолати судӣ амалӣ карда шуда, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи шахсоне, ки ба пешбурд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, таъмин карда мешавад.

## § 2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ

Дар рафти муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум ҷойи махсусро масъалаи татбиқи муқаррароте ишғол менамоянд, ки тартиби дахлдори таҳқиқи далелҳо, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, таъмин мекунанд.

Дар байни ҳамаи ин меъёрҳо ҷойи махсусро нишондодҳое ишғол мекунанд, ки хусусияти аз ҳама бештар ва муҳими муҳокимаи судиро дар суди марҳилаи якум ҳамчун давраи марказии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамоянд. Чунин муқарраротҳоро шартҳои умумии муҳокимаи судӣ эътироф намудаанд.

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқарраротеро ифода менамоянд, ки дар қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ сабт гардидаанд ва аз мазмуни принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд, ки дар навбати худ паҳлуҳои аз ҳама бештар ва муҳими муҳокимаи судиро дар суди марҳилаи якум ба танзим медоранд.

Аз мафҳуми мазкур як қатор аломатҳои ташкилӣ-меъёрии мазкур бармеоянд.

1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории амалкунанда дар намуди меъёр-нишондод сабт гардидаанд. Дар КМҶ онҳо дар боби 32 сабт гардидаанд, ки зимнан ба ҳар кадоме аз шартҳои умумӣ моддаи алоҳида ҷудо карда шудааст (м. 272-295).

2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз мазмуни принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд. Ин маънои онро дорад, ки сабабияти мазмуни шартҳои умумии он талаботҳое мавҷуд аст, ки дар боби 2 КМҶ муқаррар шудаанд. Зимнан бояд дар назар дошт, ки мансуб донистани як қисми муқаррарот ба принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (масалан, забони мурофиаи судии ҷиноятӣ – м. 18 КМҶ), қисми дигараш бошад ба шартҳои умумӣ (масалан, муҳокимаи ошкорои судӣ – м. 273 КМҶ) иродаи қонунгузор мебошад ва дар як вақт ба ҳолатҳои объективӣ мувофиқат менамояд. Масалан, муқаррарот оид ба забони мурофиаи судии

ҷиноятӣ бе истисно ба ҳамаи давраҳо дахл дорад, дар ҳоле ки ошкоро будан фақат ба муҳокимаи судӣ дахл дорад ва дар давраҳои тосудӣ амал наменамояд.

3. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ масъалаҳои аз ҳама бештар муҳимеро, ки ҳангоми пешбурд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи якум ба миён меоянд, танзим менамояд. Ҳангоми нокифоя будани танзими меъёрии масъалаҳои мазкур ҳамаи муҳокимаи судӣ таҳти хатари халалдор шуданашон, дучор мегарданд.

Аломатҳои дар боло зикргардида аҳамияти шартҳои умумии муҳокимаи судиро сабаб шуда, аз он иборатанд, ки онҳо татбиқи мусбии принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятиро дар суди марҳилаи якум таъмин менамоянд, инчунин имконият медиҳанд, ки муҳокимаи судӣ сарфи назар аз маҳалли воқеъ гардидани суд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, категорияи парвандаи ҷиноятии баррасишаванда ва дигар ҳолатҳои воқеӣ, якхела мебошанд.

Акнун мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро дида мебароем.

*Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ (м. 272 КМҶ).* Шарти умумии мазкур талаб менамояд, ки дар муҳокимаи судӣ ҳамаи далелҳо аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ бояд таҳти тафтиши бевосита қарор дода шаванд. Истилоҳи «тафтиши бевосита» маънои онро дорад, ки дар рафти муҳокимаи судӣ судя шахсан бояд ба мавҷудияти манбаи далелӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ боварӣ ҳосил намояд. Ҳамаи далелҳои дар маводи парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда ва иловатан аз ҷониби тарафҳо ба суд пешниҳодшуда, аз рӯйи қоидаҳои дар боби 10 КМҶ муқарраркардашуда, санҷида ва баҳо дода мешаванд. Ҷамъ кардани далелҳо метавонад на танҳо дар рафти тафтишоти пешакӣ, балки дар доираи муҳокимаи судӣ низ анҷом дода шавад. Дар рафти тафтиши судӣ пурсишҳо анҷом дода мешаванд, экспертизаҳои судӣ гузаронида мешаванд, далелҳои шайъӣ, маҳал, манзил аз назар гузаронида мешаванд. Аммо дар ҳама гуна ҳолат амалҳои тафтишие, ки барои фош кардани шахс дар содир кардани ҷиноят равона карда шудаанд, ба монанди кофтуков, дарёфт кардан, гузаронида шуда наметавонанд. Суд, судя бояд нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро, ки оид ба тафтиши далелҳо алоқаманданд, анҷом диҳад.

Эълони нишондоде, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ дода шудаанд, танҳо бо тартибе, ки дар м. 312 ва 317 КМҶ муқаррар карда шудааст, анҷом дода шуда метавонад.

Азбаски далелҳои зиёд пешакӣ дар маводи парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, мазмуни асосии фаъолияти суд санҷидани далелҳо мебошад. Мавриди расмиёти мазкур ҳамаи далелҳо сарфи назар аз он, ки оё онҳо дар давраҳои гузаштаи мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди санҷиш қарор дода шудаанд ё не, қарор дода мешаванд.

Мафҳуми «шифоҳии муҳокимаи судӣ» маънои онро дорад, ки ҳамаи далелҳо дар муҳокимаи судӣ дар шакли мурофиаи суд таҳқиқ карда мешаванд. Иваз намудани баромади кадоме аз иштирокчиён бо аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани аризаю баёнотҳои хаттӣ ва ғ. манъ аст. Ҳуҷҷатҳои дар маводи парвандаи ҷиноятӣ буда, ҳамчунин дар маҷлиси судӣ эълон карда мешавад. Баромади иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дигар маълумоти эълонкардашуда бояд ба протоколи маҷлиси судӣ ворид карда шаванд.

Ҳукми суд, судя танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси суд тафтиш шудаанд, асоснок карда мешавад.

*Муҳокимаи ошкорои судӣ (м. 273 КМҶ).* Суд, судя бояд ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаро, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки он ба фош шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад, таъмин намояд.

Муҳокимаи пӯшидаи судӣ, инчунин бо таъиноти асосноки суд (қарори судя) оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд, ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад, инчунин дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, мумкин аст гузаронида шавад.

Парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо риояи ҳамаи қоидаҳои пешбурди судӣ баррасӣ карда мешавад. Таъиноти суд (қарори судя)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парванда оид ба тамоми муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст.

Бо мақсади риояи махфияти мукотиба ва муросилоти телеграфӣ, тафтиш намудани мукотибаи хусусӣ ва иттилооти шахсии шаҳрвандон дар маҷлиси ошкорои суд танҳо бо иҷозати шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад. Дар акси ҳол чунин мукотиба ва иттилооти телеграфӣ дар маҷлиси пушидаи суд эълон ва тафтиш карда мешавад. Қоидаҳои зикршуда инчунин ҳангоми тафтиши сабтҳои овоз ва видео, ки дорои хусусияти шахсӣ мебошанд, татбиқ карда мешаванд.

Шахсони иштирокчии маҷлиси ошкорои суд ҳуқуқ доранд рафти мурофиаро ба қоғаз ва навори магнитофон сабт намоянд. Суратгирӣ ва сабти видео танҳо бо иҷозати раисикунанда ва розигии тарафҳо мумкин аст.

Ноболиғони то шонздаҳсола, ба шарте, ки судшаванда, ҷабрдида ё аз рӯйи парванда шоҳид набошанд, ба толори маҷлиси суд роҳ дода намешаванд.

Ҳукми суд ба таври ошкоро эълон карда мешавад. Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя, танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад.

*Тағйирнопазирии ҳайати суд ҳангоми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ (м. 274 КМҶ).* Ҳангоми дастаҷамъона баррасӣ кардани парванда, он бояд аз ҷониби ҳамон ҳайати суд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар сурати имконнопазирии иштироки яке аз судяҳо дар маҷлиси суд ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи м. 275 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон он бо судяи дигар иваз карда, муҳокимаи парванда аз нав шурӯъ карда мешавад.

*Машваратчии халқии эҳтиётӣ (м. 275 КМҶ).* Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки барои муҳокимаи судӣ муддати дарозро талаб мекунад, мумкин аст машваратчии халқии эҳтиётӣ ҷалб карда шавад. Машваратчии халқии эҳтиётие, ки аз оғози муҳокимаи парванда дар толори маҷлиси суд иштирок дорад, дар сурати хориҷ шудани яке аз машваратчиёни халқӣ ӯро иваз мекунад ва муҳокимаи парванда идома дода мешавад.

*Раисикунанда дар маҷлиси суд (м. 276 КМҶ).* Раисикунанда ба маҷлиси суд роҳбарӣ намуда, тамоми чораҳои пешбининамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои таъмини мубоҳиса ва баробарии тарафҳо меандешад, ки суд объективона ва беғаразона ҷараён гирад ва барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш

намудани ҳолатҳои парванда барои тарафҳо шароити зарурӣ фароҳам оварад. Раисикунанда инчунин риояи тартиботи маҷлиси судро таъмин намуда, ба ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон ва тартиби татбиқи онҳоро мефаҳмонад. Дар сурати аз ҷониби яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ арз кардани норозигӣ ба амали раисикунанда ин норозигӣ дар протоколи маҷлиси суд инъикос мегардад. Ба раисикунанда дар маҷлиси суд ягон бартарияти иловагӣ дода намешавад. Оид ба баррасӣ ва ҳалли ҳар як масъала ӯ ба монанди дигар судяҳо дорои ҳуқуқ ва овози баробар аст.

*Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ (м. 277 КМҶ).* Айбдоркунанда, судшаванда, ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо барои изҳори раддия ва дархост, пешниҳоди далел, иштирок дар тафтиш, баромад дар музокираҳои судӣ, ба суд пешниҳод кардани тавсия оид ба ҳамаи масъалаҳои дар сархатҳои як-шаши қ. 1 м. 335 КМҶ нишондодашуда, инчунин барои иштирок дар баррасии ҳама масъалаҳои дигар, ки ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба миён меоянд, аз ҳуқуқи баробар истифода мебаранд.

*Котиби маҷлиси суд (м. 278 КМҶ).* Котиби маҷлиси суд ҳозир шудани шахсонеро, ки бояд дар маҷлиси суд иштирок кунанд, тафтиш намуда, бо супориши раисикунанда дигар амалҳои пешбининамудаи КМҶ анҷом медиҳад.

Котиби маҷлиси суд протоколи маҷлиси судро тартиб медиҳад. Ӯ вазифадор аст амал ва қарори суд, инчунин амали иштирокчиёни мурофиаро, ки дар ҷараёни маҷлис ҷой доштанд, пурра ва саҳеҳ дар протокол инъикос намояд.

*Иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар муҳокимаи судӣ (м. 279 КМҶ).* Дар мурофиаи суд иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истисноҳ парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгирӣ мекунад.

Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ-умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад.

Оид ба парвандаҳои мураккаб ва бисёрлаҳза айбдоркуниро якчанд айбдоркунандаи давлатӣ дастгирӣ карда метавонад.

Дар сурати ғайриимкон будани иштироки айбдоркунандаи давлатӣ дар ҷараёни тамоми муҳокимаи судӣ ӯро иваз кардан мумкин аст.

Ворид шудани айбдоркунандаи давлатӣ ба баррасии парванда боиси такрор намудани амалҳое намегардад, ки то ин лаҳза дар суд анҷом дода шуда буданд, вале бо дархости ӯ барои шиносоӣ бо маводи парванда ва далелҳои дар тафтиши суд баррасишуда, суд ба ӯ вақт ҷудо менамояд.

Айбдоркунандаи давлатӣ, ки айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, аз рӯйи талаботи қонун ва эътиқоди ботинии худ амал мекунад.

Айбдоркунандаи давлатӣ дар тафтиши далел иштирок намуда, ба суд ақидаи худро дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва дигар масъалҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, баён мекунад, инчунин ба суд дар бораи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва ба судшаванда таъин намудани ҷазо фикри худро изҳор менамояд.

Айбдоркунандаи давлатӣ мутобиқи талаботи КМҶ даъвои граждании ҷабрдидаро пешниҳод ё дастгирӣ мекунад, ба шарте, ки онро ҳифзи манфиати давлат ё ҷамъият ё ҳуқуқи шаҳрвандон талаб намояд.

Айбдоркунандаи давлатӣ ҳуқуқ дорад дар бораи сабук кардани айбдоркунӣ таклиф пешниҳод намояд, пурра ё қисман аз айбдоркунӣ даст кашад.

Аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ, ба шарте, ки ҷабрдида ҳам аз айбдоркунӣ даст кашида бошад, барои аз ҷониби суд қабул кардани таъинот (қарор)-и қатъ намудани парванда асос шуда метавонад.

Агар ҷабрдида аз айбдоркунӣ даст накашида бошад, суд муҳокимаи парвандаро идома дода, масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшавандаро бо тартиби умумӣ ҳал менамояд.

*Иштироки судшаванда дар муҳокимаи судӣ (м. 280 КМҶ[1]).* Муҳокимаи парванда дар маҷлиси суди марҳилаи якум ба ғайр аз ҳолати пешбининамудаи қ. 3 ва 4 м. 280 КМҶ бо иштироки ҳатмии судшаванда мегузарад. Ҳангоми ҳозир набудани судшаванда баррасии парванда бояд мавқуф гузошта шавад.

Суд, судя ҳуқуқ доранд судшавандаи бе сабабҳои узрнок ҳозирнашударо маҷбуран оранд, нисбати ӯ чораи пешгириро татбиқ намоянд ё онро тағйир диҳанд.

Ҳангоми саркашӣ намудани судшавандаи таҳти ҳабс қарордошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, баррасӣ намояд, агар ин шахс дар ҳудуди давлати хориҷӣ бо ҳамин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад.

Дар сурати аз байн рафтани ҳолатҳои истисноии дар қ. 4 м. 280 КМҶ пешбинишуда ҳукм ё таъиноти судие, ки ғойибона қабул карда шудааст, бо дархости маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ тибқи талаботи боби 42 КМҶ бекор карда мешавад. Муҳокимаи судӣ дар ин сурат бо тартиби умумӣ гузаронида мешавад.

*Иштироки ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ (м. 281 КМҶ).* Ҳимоятгари судшаванда дар тафтиши далелҳо иштирок намуда, ба суд дар бораи моҳияти айбдоркунӣ ва исбот карда шудани он, дар бораи ҳолатҳое, ки ҷавобгарии судшавандаро сабук ё ӯро сафед мекунанд, дар бораи чораи ҷазо ва дигар масъалаҳо, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ ба миён омадаанд, ақидаи худро изҳор мекунад.

Ҳангоми ҳозир нашудани ҳимоятгар ва имконнопазирии иваз намудани вай муҳокимаи парванда мавқуф гузошта мешавад. Агар иштироки ҳимоятгари интихоб ё таъиншуда дар маҷлиси суд дар давоми на камтар аз панҷ шабонарӯз имконнопазир бошад, суд, судя ҳуқуқ доранд ба судшаванда даъвати ҳимоятгари дигарро пешниҳод кунанд ё барои таъин намудани ҳимоятгар чора андешанд.

Ба ҳимоятгаре, ки нав ба муҳокимаи парванда ҳамроҳ шудааст, барои омодагӣ ҷиҳати иштирок дар муҳокимаи судӣ вақти зарурӣ дода мешавад.

*Иштироки ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ (м. 282 КМҶ).* Муҳокимаи парванда дар маҷлиси суди марҳилаи якум бо иштироки ҳатмии ҷабрдида ё намояндаи ӯ гузаронида мешавад.

Ҳангоми ҳозир нашудани ҷабрдида суд масъалаи муҳокимаи парванда ё мавқуф гузоштани онро вобаста ба он ки оё дар ҳолати ҳозир набудани ҷабрдида

[1] Моддаи мазкур дар КМҶ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23.07.2016 таҳти № 1333 дар таҳрири нав ворид карда шуд.

комилан равшан сохтани ҳамаи ҳолатҳои парванда ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ имконпазир аст, ҳал мекунад. Агар дар маҷлиси суд намояндаи ҷабрдида ҳозир шавад, суд ин масъаларо мутобиқи фикри намоянда баррасӣ менамояд.

Мувофиқи дархости ҷабрдида суд, судя метавонад ӯро аз иштирок дар маҷлиси суд озод намуда, вазифадор кунад, ки дар муҳлати муайян барои додани нишондод ҳозир шавад.

Оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани ҷабрдида ба маҷлиси суди марҳилаи якум боиси қатъ намудани пешбурди парванда шуда метавонад, вале бо дархости судшаванда дар ғоибии ҷабрдида моҳиятан баррасӣ шудани парванда имконпазир аст.

*Иштироки даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ дар муҳокимаи судӣ (м. 283 КМҶ).* Дар муҳокимаи судӣ даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо иштирок мекунанд.

Ҳангоми ба суди марҳилаи якум ҳозир нашудани даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ мумкин аст даъвои гражданӣ бе баррасӣ монда шавад.

Суд, судя ҳуқуқ дорад бо дархости даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ даъвои гражданиро дар ғоибии даъвогари гражданӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Суд, судя сарфи назар аз ҳозир шудани даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ, ба шарте, ки даъворо прокурор дастгирӣ намояд ё суд, судя онро зарур шуморад, даъвои гражданиро баррасӣ мекунад.

Ба суд ҳозир нашудани ҷавобгари гражданӣ ё намояндаи ӯ баррасии даъвои гражданиро боздошта наметавонад.

*Иштироки мутахассис дар муҳокимаи судӣ (м. 284 КМҶ).* Мутахассиси ба суд даъватшуда бо тартиби пешбининамудаи м. 57 ва 179 КМҶ дар муҳокимаи судӣ иштирок мекунад.

*Ҳадди муҳокимаи судӣ (м. 285 КМҶ).* Парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад.

Айбдоркуниро дар суд тағйир додан мумкин аст, ба шарте, ки вазъи судшаванда бадтар нашавад ва ҳуқуқи ӯ ба ҳимоя риоя гардад.

Мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ (м. 286 КМҶ). Агар дар натиҷаи ба маҷлиси суд ҳозир нашудани яке аз шахсони даъватшуда муҳокимаи парванда имконнопазир гардад ё бо дархости тарафҳо зарурати талаб карда гирифтани далелҳои нав ба миён ояд, суд, судя дар бораи мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда таъинот (қарор) мебароранд. Ҳамзамон барои даъват ё маҷбуран овардани шахсони ҳозирнашуда, қонеъ намудани дархостҳо чораҳо андешида мешаванд.

Муҳокимаи парванда баъди мавқуф гузоштан ва боздоштани он аз лаҳзаи мавқуфгузорӣ ва боздошт идома дода, тарафҳо бояд бо далелҳои нави ба дастоварда шинос карда шаванд.

Агар судшаванда пинҳон шуда бошад, инчунин ба бемории руҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор гашта, ҳозир шудани ӯро ба маҷлиси суд имконнопазир гардонад, суд пешбурди парвандаро нисбат ба ин судшаванда то кофтуков намудан ё шифо ёфтани ӯ ё гирифтани хулосаи экспертиза бозмедорад ва нисбати суд-

шавандагони дигар пешбурди парвандаро идома медиҳад. Агар муҳокимаи алоҳида ҳалли дурусти парвандаро мушкил гардонад, пешбурди парванда пурра боздошта мешавад. Кофтукови судшавандаи пинҳоншуда бо таъиноти (қарори) суд эълон карда мешавад.

*Баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ (м. 287 КМҶ).* Агар дар ҷараёни муҳокимаи суд ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шуда бошанд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе тафтиши иловагӣ имконнопазир аст, суд, судя метавонад бо ташаббуси худ ё дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонад.

Суд, судя парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонида, дар айни замон вазифадор аст, масъалаи чораҳои пешгириро нисбат ба судшаванда ҳал намояд.

Ҳангоми пас аз тафтиши иловагӣ ба суд ворид гардидани парванда масъалаи таъини маҷлиси суд бо тартиби умумӣ ҳал карда мешавад.

*Қатъ намудани парванда дар маҷлиси суд (м. 288 КМҶ).* Агар ҳангоми муҳокимаи судӣ ҳолатҳои дар сархатҳои 3-9 қ. 1 м. 27 КМҶ нишондодашуда муайян гарданд, инчунин ҳангоми мутобиқи қоидаҳои қ. 10 м. 279 КМҶ аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ парвандаи ҷиноятӣ бояд дар маҷлиси суд қатъ карда шавад.

Суд, судя ҳуқуқ дорад бо асосҳои дар м. 28 КМҶ зикршуда парвандаи ҷиноятиро дар маҷлиси суд қатъ намояд.

*Ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ (м. 289 КМҶ).* Суд, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми муҳокимаи судӣ дар ҳаққи судшаванда чораи пешгириро интихоб намояд, тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Мухлати чораи пешгирӣ ба сифати дар ҳабс нигоҳ доштани судшаванда аз лаҳзаи ба суд ворид гардидани парванда то лаҳзаи баровардани ҳукм аз шаш моҳ бештар шуда наметавонад.

Оид ба парвандаҳои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бо гузашти мухлати дар қ. 2 м. 289 КМҶ нишондодашуда суд, судя ҳуқуқ дорад бо таъиноти (қарори) худ мухлати дар ҳабс нигоҳ доштанро то дувоздаҳ моҳ дароз кунад.

Пас аз гузаштани мухлати таҳти ҳабс қарор додан, ки дар қ. 2 ва 3 м. 289 КМҶ нишон дода шудаанд, суд, судя бояд чораи пешгириро дар ҳаққи судшаванда ба дигар чораи пешгирӣ иваз кунад.

*Тартиби баровардани таъинот ва қарор дар маҷлиси суд (м. 290 КМҶ).* Оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки ҳангоми муҳокимаи судӣ аз тарафи суд ҳал мегардад, суд, судя таъинот (қарор) мебароранд, ки он бояд дар маҷлиси суд эълон карда шавад.

Таъинот (қарор) дар бораи ба тафтиши иловагӣ фиристодани парванда, қатъ намудани парванда, тағйир додан, татбиқ ё бекор кардани чораи пешгирӣ оид ба раддияҳо, таъини экспертиза, ҳамчунин таъиноти хусусӣ дар хонаи машваратӣ бароварда, дар шакли ҳуҷҷатҳои алоҳида тартиб дода мешаванд.

Ҳамаи таъинот (қарор)-и дигар бо салоҳдиди суд, судя ё бо тартиби муқаррарнамудаи қ. 2 м. 290 КМҶ ё дар толори маҷлиси суд бо дохил намудани таъинот (қарор) ба протоколи маҷлиси суд бароварда мешаванд.

*Тартиби маҷлиси суд (м. 291 КМҶ).* Муҳокимаи судӣ дар шароите, ки барои кори мӯътадили суд ва амнияти иштирокчиёни мурофиа мусоид аст, гузаронида мешавад.

Ҳангоми ба толори маҷлиси суд ворид шудани суд, судя бо хитоби котиби маҷлиси суд «Суд меояд, хоҳишмандам аз ҷой бархезед!» ҳамаи ҳозирин аз ҷой бармехезанд.

Ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ аз ҷой бармехезанд ва ҳар гоҳ ба суд бо ибораи «Мухтарам суд» муроҷиат мекунанд, нишондод медиҳанд ва арзи изҳорот мекунанд. Сарфи назар кардани қоидаҳои мазкур танҳо бо иҷозати раисикунанда мумкин аст.

Ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ, ҳамчунин ҳамаи шаҳрвандони дар толори маҷлиси суд ҳозирбуда бояд фармоиши раисикунандаро дар бобати риояи тартибот дар маҷлиси суд ба ҷо оваранд.

*Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд (м. 292 КМҶ).* Ҳангоми риоя накардани тартибот дар толори маҷлиси суд, итоат накардан ба амри раисикунанда иштирокчии мурофиа огоҳ карда мешавад, ки дар сурати такроран риоя накардани тартибот ӯ аз толори маҷлиси суд берун ё ба андозаи то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад. Ҳар як иштирокчии мурофиа, ғайр аз айбдоркунанда ва ҳимоятгар мумкин аст аз толор берун карда шавад. Нисбат ба судшаванда, ҳимоятгар ва айбдоркунандаи давлатӣ ҷаримабандӣ татбиқ карда намешавад.

Агар судшаванда аз толори маҷлиси суд берун карда шуда бошад, ҳукм бояд дар ҳузури ӯ ё пас аз қабули он бо гирифтани забонхат фавран ба ӯ эълон карда шавад.

Дар бораи аз толори маҷлиси суд берун кардани иштирокчии мурофиа ва ҷаримабандӣ шудани ӯ таъинот (қарор) баровarда мешавад.

Шахсоне, ки дар толори маҷлиси суд ҳузур доранд, вале иштирокчии мурофиа намебошанд, дар сурати аз ҷониби онҳо риоя накардани тартибот бо амри раисикунанда аз толори маҷлиси суд берун карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, суд онҳоро ба андозаи то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда метавонад.

Агар аз ҷониби иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ё шахси дар толори маҷлиси суд ҳузурдошта ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир шуда, ба суд ва нисбати қоидаҳои муайяннамудаи суд беэҳтиромӣ зоҳир гардад, суд ҳуқуқвайронкунандаро пурсиш ва далелҳоро нисбати ӯ тафтиш намуда, ҳуқуқ дорад дар ҳамон муҳокимаи судӣ дар бораи ба ӯ татбиқ кардани яке аз ҷазоҳои маъмурии пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот (қарор) барорад.

Агар дар амали вайронкунандаи тартиботи маҷлиси суд аломатҳои ҷиноят вуҷуд дошта бошад, суд маводи дахлдорро барои ҳалли масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор равон мекунад.

*Протоколи маҷлиси суд (м. 293 КМҶ).* Дар маҷлиси суди марҳилаи якум протокол тартиб дода мешавад. Протоколро бо даст навиштан ё чоп кардан мумкин аст.

Тибқи қ. 3 м. 293 КМҶ дар протоколи маҷлиси суд маълумоти зерин қайд карда мешаванд: 1) вақти оғоз ва анҷоми он; 2) ному насаби ҳайати суд, котиб, тарҷумон, айбдоркунанда, ҳимоятгар, судшаванда, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шахсони дигари даъватнамудаи суд; 3) парвандаи баррасишаванда; 4) маълумот дар бораи шахсияти судшаванда ва чораи пешгирӣ; 5) амали суд бо тартибе, ки он сурат

гирифта буд; 6) нишондод, эътироз ва дархостҳои шахсони иштирокчии парванда; 7) таъиноти суд (қарори судя), ки бе рафтан ба хонаи машварат бароварда шудааст; 8) ишора дар бораи баровардани таъинот (қарор) дар хонаи машварат; 9) ба шахсони иштирокчии парванда фаҳмондани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо; 10) матни пурраи нишондод; 11) саволҳое, ки ба коршинос дода шудаанд ва ҷавоби ӯ; 12) натиҷаҳои азназаргузаронӣ ва амалҳои дигари тафтиши далелҳо, ки дар маҷлиси суд анҷом дода шудаанд; 13) ишора ба далелҳое, ки шахсони иштирокчии парванда хоҳиш кардаанд, дар протокол тасдиқ карда шаванд; 14) мазмуни асосии баромади тарафҳо дар музокираи судӣ; 15) сухани охирини судшаванда; 16) ишора дар бораи эълон кардани ҳукм ва фаҳмонда додани тартиб ва муҳлати шикоят ё эътироз ба он.

Дар протокол инчунин далелҳои беэҳтиромӣ нисбат ба суд, ба шарте, ки чунин амал вуҷуд дошта бошад, ишора ба шахсияти вайронкунандаи тартибот ва чораҳои таъсиррасонӣ, ки суд дар ҳаққи вайронкунанда андешидааст, инъикос карда мешаванд.

Протокол бояд аз ҷониби раисикунанда ва котиб таҳия ва дар муҳлати на дертар аз панҷ шабонарӯз аз лаҳзаи хотимаи маҷлиси суд имзо карда шавад.

Раисикунанда вазифадор аст ба тарафҳо барои пурра шинос шудан бо протоколи маҷлиси суд вобаста ба таҳия гардидани протокол имконият фароҳам орад.

*Эродҳо ба протоколи маҷлиси суд (м. 294 КМҶ).* Тарафҳо ҳуқуқ доранд дар давоми панҷ шабонарӯзи баъди имзои протоколи маҷлиси суд эродҳои худро доир ба протокол пешниҳод кунанд. Ин муҳлат аз ҷониби раисикунанда, мумкин аст бо дархости тарафҳо то даҳ шабонарӯз дароз карда шавад.

*Баррасии эродҳо доир ба протоколи маҷлиси суд (м. 295 КМҶ).* Эродҳо ба протоколи маҷлиси суд аз ҷониби раисикунанда баррасӣ карда мешавад ва барои дақиқ намудан шахсонеро, ки эрод пешниҳод кардаанд, даъват карда мешаванд. Эродҳои прокурор ва ҳимоятгар бо иштироки онҳо баррасӣ карда мешаванд. Ҳозир нашудани шахсони мазкур барои баррасӣ намудани эродҳо монеа намешаванд.

Раисикунанда дар бораи натиҷаҳои баррасии эродҳо доир ба тасдиқи қобили қабул будан ё набудани онҳо қарори асоснок мебарорад. Эродҳо ва қарори судя ба протоколи маҷлиси суд замима карда мешаванд.

### § 3. Қисми омодасозии маҷлиси суд

Чи тавре, ки пештар қайд карда шуд, муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум давраи марказии пешбурд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Фаъолияте, ки дар давраи мазкур анҷом дода мешавад, бо мавҷуд будани кафолатҳои махсус, ки ҳифзи ҳимояи ҳаматарафаи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда шударо таъмин менамоянд, тавсиф карда мешавад. Маҳз, вобаста ба ҳамин, қонун батанзимдарориии муфассали расмиёти муҳокимаи судиро дар суди марҳилаи якум пешбинӣ кардааст.

Қисми омодасозии маҷлиси суд марҳилаи аввали муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум мебошад, ки дар рафти он шароитҳои дахлдор барои баррасии минбаъда ва ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ фароҳам оварда мешаванд, инчу-

нин ба таври пурра ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ба мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷалб карда шуда, таъмин карда мешаванд.

Қисми омодасозии маҷлиси суд пайдарҳамии муайяни амалҳои суд ва дигар иштирокчиёнро ифода менамояд.

1. *Оғози маҷлиси суд (м. 296 КМҶ).* Раисикунанда маҷлиси судро дар вақти таъиншуда кушода, эълон мекунад, ки кадом парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад (рақами парвандаи ҷиноятӣ, насаб, ном ва номи падари судшаванда, моддаҳои КҶ, ки аз рӯйи онҳо нисбати шахс айб эълон карда шудааст).

2. *Муайян кардани ҳозиршавӣ ба суд (м. 297 КМҶ).* Котиб дар бораи ба суд ҳозир шудани прокурор, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, тарҷумон, шоҳидон, коршиносон ва мутахассисон ва оид ба сабабҳои ҳозир нашудани дигар иштирокчиён ахборот медиҳад.

3. *Ба тарҷумон фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳояш (м. 298 КМҶ).* Раисикунанда ба тарҷумон уҳдадориҳои зерини ӯро мефаҳмонад: 1) ба суд нишондод ва баёноти шахсони иштирокчии парвандаро, ки забони пешбурди мурофиаро намедонанд ва ба ин шахсон мазмуни нишондод, баёнот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки дар суд эълон шудаанд, дақиқ ва пурра тарҷума кунад; 2) амри раисикунанда ва қарори суд, судяро тарҷума кунад. Ба тарҷумон инчунин бояд ҳуқуқҳои зерини ӯ фаҳмонда шаванд: 1) савол додан ба иштирокчиёни парванда бо мақсади дақиқ намудани тарҷума; 2) шинос шудан бо протоколи маҷлиси суд ва баён кардани эрод оид ба дурустии сабти тарҷумааш. Тарҷумон аз ҷониби раисикунанда дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста нодуруст тарҷума кардан огоҳонида шуда, дар ин бора аз ӯ забонхат гирифта мешавад ва он ба протоколи маҷлиси суд замима мегардад. Ба тарҷумон фаҳмонда мешавад, ки барои саркашӣ аз иҷрои уҳдадорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешавад.

4. *Баровардани шоҳидон аз толори маҷлиси суд (м. 299 КМҶ).* Шоҳидони ҳозиршуда то оғози пурсиш аз толори маҷлиси суд бароварда мешаванд. Раисикунанда барои он ки шоҳидони аз ҷониби суд пурсиданашуда бо шоҳидони пурсидашуда, инчунин бо дигар шахсони дар толори маҷлиси суд ҳузурдошта гуфтугӯ нанамоянд, чора меандешад.

5. *Муайян намудани шахсияти судшаванда ва сари вақт ба ӯ супурдани нусхаи фикри айбдоркунӣ (м. 300 КМҶ).* Муайян намудани шахсияти судшаванда аз рӯйи ҳуҷҷатҳои расмӣ анҷом дода мешавад. Зимнан раисикунанда инҳоро муайян мекунад: 1) насаб, ном, номи падар; 2) сол, моҳ, рӯз ва ҷои таваллуд; 3) донистани забоне, ки бо он пешбурди парванда гузаронида мешавад; 4) ҷои истиқомат; 5) машғулият; 6) таҳсилот; 7) вазъи оилавӣ; 8) дигар маълумоте, ки ба шахсияти судшаванда алоқаманд аст. Сипас раисикунанда муайян мекунад, ки оё ба судшаванда нусхаи фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти тафтишот оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ супурда шудааст ва кай ин кор анҷом дода шудааст. Муҳокимаи судиро дар муҳлати на пештар аз се шабонаруз аз рузи супоридани фикри айбдоркунӣ ё қарори мақомоти тафтишот оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ сар кардан мумкин нест.

6. *Эълони ҳайати суд, дигар иштирокчиёни мурофиа ва фаҳмондани ҳуқуқи рад кардан (м. 301 КМҶ).* Зимнан раисикунанда амалҳои зеринро мегузаронад: 1) ҳайати судро эълон мекунад; 2) маълум мекунад, ки кадоме аз иштирокчиён айб-

доркунанда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи онҳо, инчунин котиби маҷлиси суд, коршинос, мутахассис ва тарҷумон мебошанд; 3) ба тарафҳо ҳуқуқҳояшонро дар бораи тибқи муқарраротҳои пешбининамудаи боби 8 КМҶ изҳор намудани раддия нисбат ба ҳайати суд, яке аз судяҳо, инчунин нисбат ба ҳар як шахси иштирокчии мурофиаи дар ҳамин модда зикршуда мефаҳмонад. Агар дар маҷлиси суд машваратчии эҳтиётӣ иштирок намояд, раисикунанда дар ин бора эълон менамояд. Ба машваратчии эҳтиётӣ низ раддия арз кардан мумкин аст.

7. *Ба судшаванда фаҳмондани ҳуқуқҳояш (м. 302 КМҶ).* Дар муҳокимаи судӣ раисикунанда ба судшаванда ҳуқуқҳояшро, ки дар м. 47 КМҶ пешбинӣ шудаанд, мефаҳмонад.

8. *Ба ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ фаҳмондани ҳуқуқҳояшон (м. 303 КМҶ).* Раисикунанда ба ҷабрдида (м. 42 КМҶ), даъвогари гражданӣ (м. 44 КМҶ), намояндагони онҳо (м. 45 КМҶ), инчунин ҷавобгари гражданӣ (м. 54 КМҶ) ва намояндаи ӯ (м. 55 КМҶ) ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро дар муҳокимаи судӣ мефаҳмонад. Ба ҷабрдида оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ, инчунин оид ба ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна, ҳуқуқҳояшонро дар бораи оштӣ шудан бо судшаванда фаҳмонида медиҳанд.

9. *Ба коршинос фаҳмондани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш (м. 304 КМҶ).* Раисикунанда ба коршинос ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро, ки дар м. 58 КМҶ пешбинӣ шудааст, фаҳмонда, уро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани хулосаи бардурӯғ огоҳ месозад ва аз ӯ забонхат мегирад, ки он ба протоколи маҷлиси суд ҳамроҳ карда мешавад.

10. *Ба мутахассис фаҳмондани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш (м. 305 КМҶ).* Раисикунанда ба мутахассис ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро, ки м. 57 КМҶ пешбинӣ намудааст, фаҳмонда, ӯро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рад ё саркашӣ аз иҷрои ӯҳдадориҳои пешбиникардаи КМҶ огоҳ намуда, аз ӯ забонхат мегирад, ки он ба протоколи маҷлиси суд ҳамроҳ карда мешавад.

11. *Изҳори дархост ва баррасии он (м. 306 КМҶ).* Раисикунанда аз тарафҳо мепурсад, ки оё онҳо: 1) дар хусуси даъвати шоҳидон, коршиносон, мутахассисони нав; 2) оид ба талаб карда гирифтани далелҳои шайъӣ ё ҳуҷҷатҳо, дархост доранд ё не. Шахсе, ки ба суд дархост пешниҳод кардааст, бояд нишон диҳад, ки барои муайян кардани маҳз кадом ҳолатҳо далелҳои иловагӣ заруранд. Суд, судя фикри дигар иштирокчиёни муҳокимаи судиро шунида, бояд ҳар як дархости баёншударо мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро қонеъ гардонад ё дар бораи рад кардани дархост таъиноти (қарори) асоснок барорад. Суд, судя ҳуқуқ надорад, ки қонеъ кардани дархости пурсиши шоҳидонро дар маҷлиси суд, ки бо ташаббуси тарафҳо ҳозир шудаанд, рад намояд. Шахсе, ки дархосташ аз тарафи суд, судя рад шудааст, ҳуқуқ дорад минбаъд низ ба суд дархост пешниҳод намояд.

12. *Ҳалли масъала дар бораи имконпазирии баррасии парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми иштирок надоштани яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ (м. 307 КМҶ).* Ҳангоми ҳозир нашудани яке аз иштирокчиёни муҳокимаи судӣ, аз ҷумла шоҳид, коршинос ё мутахассис суд фикру андешаи тарафҳоро дар хусуси имконпазирии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ шунида, оид ба: 1) идомаи муҳокима ва ё 2) мавқуф гузоштани он, таъиноти (қарори) асоснок мебарорад. То ҳалли масъала мавқуф гузоштани муҳокимаи парванда суд, судя метавонад тафтиши судиро оғоз

намуда, шоҳидони ҳозиршуда, коршинос ё мутахассис, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани, намояндагони онҳоро пурсиш кунад ва сипас дар бораи мавқуф гузоштани муҳокима таъинот (қарор) барорад. Агар пас аз ин парванда дар ҳамон ҳайати суд баррасӣ карда шавад, шахсони пурсидашуда ба маҷлиси суд танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ такроран даъват карда мешаванд.

## § 4. Тафтиши судӣ

Тафтиши судӣ марҳилаи марказии муҳокимаи судӣ мебошад, ки дар доираи он таҳқиқи далелҳои ҳам дар маводи парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда ва ҳам аз ҷониби тарафҳо ба таври иловагӣ ба суд пешниҳодшуда сурат мегирад.

Ҳукми суд, судя танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси суд тафтиш шудаанд, асоснок карда мешаванд. Аз қоидаи мазкур фақат истисноҳои ночиз муқаррар карда шудаанд. Масалан, эълони нишондоди судшаванда бо дархости тарафҳо дар ҳолатҳои зерин анҷом дода мешавад: 1) мавҷуд будани ихтилофоти назаррас байни нишондоди судшаванда дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ё таҳқиқ ва дар суд; 2) саркашӣ намудани судшаванда аз додани нишондод дар суд; 3) дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парванда. Дар суд ба эълон кардани нишондоди ҷабрдида ва шоҳид, тибқи қ. 1 м. 317 КМҶ дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад: 1) мавҷуд будани ихтилофҳои ҷиддӣ байни ин нишондод ва нишондоде, ки дар суд дода шудааст; 2) дар маҷлиси суд ҳозир набудани ҷабрдида ё шоҳид бо сабабҳое, ки имконияти ба суд омадани онҳоро истисно мекунад.

Фарқияти асосии тафтиши судӣ аз тафтишоти пешакӣ дар он аст, ки дар маҷлиси судӣ иштирокчиёни асосии тафтишоти судӣ – тарафҳо мебошанд, на суд. Маҳз тарафҳо дар шароити мубоҳиса пурсишҳо, таҳқиқи дигар далелҳоро анҷом медиҳанд. Суд фақат шароитҳоро барои аз ҷониби тарафҳо татбиқ намудани ҳуқуқҳояшон фароҳам меорад.

Тафтиши судӣ пайдарҳамии муайяни амалҳои батанзимдаровардашудаи боби 34 КМҶ ифода менамояд.

**1.** Дар оғози тафтиши судӣ (м. 308 КМҶ) айбдоркунандаи давлатӣ моҳияти айбдоркунии пешниҳодшударо дар ҳаққи судшаванда баён мекунад. Ҳангоми баёни айбдоркунӣ айбдоркунандаи давлатӣ хулосаи айбдоркуниро дар ҳаҷми пуррааш пешниҳод нанамуда, балки фақат моҳияти фишурдаи айбдоркуниро меорад ва эълон менамояд, ки шахс бо кадом кирдор гунаҳгор дониста мешавад. Аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бошад айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ бо тарзи ба ҳамин монанд шикоятро баён менамоянд.

Баъди ин раисикунанда аз судшаванда мепурсад, ки оё моҳияти айби эълоншуда ба ӯ фаҳмост, бо айби эълоншуда худро гунаҳгор мешуморад ё не, ё хоҳиш дорад, ки ба айби эълоншуда муносибати худро баён намояд. Ҳангоми нофаҳмо будани айб ба судшаванда моҳияти он фаҳмонида мешавад.

**2.** Тартиби таҳқиқи далелҳоро мувофиқи м. 309 КМҶ раисикунанда бо мувофиқаи тарафҳо муайян менамояд. Тартиби пешниҳоди далелҳо, ки дар қ. 1 моддаи зикршуда муқаррар карда шудааст, аз мазмуни принсипи мубоҳиса бармеоянд. Масалан, якумин шуда ҳамеша далелҳоро тарафи айбдоркунанда пешниҳод менамояд. Фақат баъди таҳқиқи далелҳое, ки тарафи айбдоркунанда пешниҳод кардааст, далелҳои пешниҳоднамудаи тарафи ҳимоя таҳқиқ карда мешаванд. Тағйир додани тартиби таҳқиқи далелҳо аз ҷониби суд, судя, мумкин аст

бо мувофиқаи тарафҳо ва бо баровардани таъиноти (қарори) дахлдор гузаронида шавад.

Дар боби 34 КМҶ (м. 311-326) баёни амалҳо оид ба таҳқиқи далелҳо, ки дар доираи тафтиши судӣ гузаронида мешаванд, дарҷ гардидааст.

**3.** Тибқи м. 310 КМҶ дар сурати ба гуноҳаш иқрор шудани судшаванда, ки аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор нагирифтааст ва судро низ таҳти шубҳа намегузорад, суд, судя бо мувофиқаи тарафҳо баъди аз судшаванда муқаррар кардани он ки оё эътирофи ӯ маҷбурӣ нест, ҳуқуқ дорад, танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шавад, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд ё тафтиши судиро хатмшуда эълон карда, ба музокираи судӣ гузарад.

Раисикунанда бояд ба тарафҳо фаҳмонад, ки даст кашидан аз таҳқиқи далелҳо боиси бо ин асосҳо имконнопазир шудани арзи шикоят ё эътироз ба ҳукм мегардад.

Қоидаҳои дар қ. 1 м. 310 КМҶ зикргардида нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои наболиғон, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, инчунин дар ҳолатҳое, ки ақаллан як нафар аз судшавандаҳо ба гуноҳи худ иқрор набошад, ва парвандаро дар ҳаққи ӯ барои пешбурди алоҳида ҷудо кардан имконнопазир бошад, татбиқ карда намешаванд.

Дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ танҳо аз ҷониби судшаванда бо ризои айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида пешниҳод карда мешавад.

Дар сурати рад намудани дархости судшаванда ё норизоии айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ё ҷабрдида барои гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашуда, мурофиаи судӣ бо асосҳои умумӣ гузаронида мешавад.

Агар суд, судя муайян намояд, ки айби эътирофнамудаи судшаванда асоснок буда, бо далелҳои ҷамъовардашуда оид ба парванда тасдиқ мегардад, ҳукми айбдоркунӣ бароварда, нисбати судшаванда ҷазо таъин мекунад. Зимнан ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи муҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад.

Гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ қатъ намудани пешбурди парвандаро истисно намекунад.

Баъди эълони ҳукм ё таъинот суд, судя ба тарафҳо ҳуқуқ ва тартиби аз ҳукм ё таъинот шикояту эътироз оварданро мутобиқи талаботи боби 38 КМҶ мефаҳмонад.

Нисбат ба ҳукме, ки мутобиқи талаботи ҳамин модда бароварда шудааст, бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои 1 ва 2 м. 372 КМҶ шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин нест.

**4.** Тартиби пурсиши судшавандаро м. 311 КМҶ ба танзим медароварад. Раисикунанда ба судшаванда ҳуқуқи ӯро дар бораи додан ё надодани нишондод нисбат ба айби ба ӯ эълоншуда ва ҳолатҳои дигари парванда фаҳмонида, инчунин дар бораи он ки тамоми гуфтаҳои ӯ, мумкин аст, ба муқобили ӯ истифода шаванд, огоҳ месозад. Ҳангоми ба додани нишондод розӣ будани судшаванда саравval ӯро ҳимоятгар ва иштирокчиёни мурофиа аз тарафи ҳимоя ва сипас айбдоркунандаи давлатӣ ва иштирокчиёни мурофиа аз тарафи айбдоркунӣ пурсиш мекунанд. Раисикунанда саволҳои раҳнамункунанда ва ба парванда дахлнадоштаро аз байн мебардорад. Суд, судя пас аз пурсиши судшаванда аз ҷониби тарафҳо ба ӯ

савол медиҳад, вале саволҳои дақиққунанда дар ҳар лаҳзаи пурсиши ӯ дода шуданаш мумкин аст.

Агар судшаванда пурра ба гуноҳаш иқрор шавад ва доир ба айби эълоншуда нишондод додан хоҳад, суд, судя ғайр аз ҳолатҳое, ки нишондоди ӯ ба парванда алоқаманд нест, суханони ӯро набурида мешунаванд.

Пурсиши судшаванда дар ғойибии судшавандаи дигар танҳо бо ташаббуси суд, судя ё дархости тарафҳо иҷозат дода мешавад. Дар ин бора суд, судя таъинот (қарор) мебарорад. Дар ин сурат пас аз баргаштани судшаванда ба толори маҷлиси суд раисикунанда ӯро аз мазмуни нишондоди дар ғойибии ӯ додашуда воқиф намуда, ба ӯ имкон медиҳад ба судшавандае, ки дар ғойибии ӯ пурсиш шудааст, савол диҳад.

Ба ғайр аз ин, дар қ. 2 м. 309 КМҶ муқаррар карда шудааст, ки судшаванда бо иҷозати раискунанда ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳзаи тафтиши судӣ нишондод диҳад.

**5.** Тибқи м. 313 КМҶ пурсиши ҷабрдида мутобиқи қоидаҳои пурсиши шоҳидон, ки дар қ. 2-5 м. 314 КМҶ пешбинӣ гардидаанд, гузаронида мешавад. Аммо бо фарқият аз шоҳидон ҷабрдида ба монанди судшаванда, дар ҳар лаҳзаи тафтиши судӣ бо иҷозати раисикунанда нишондод дода метавонад.

**6.** Пурсиши шоҳидонро м. 314 КМҶ ба танзим медарорад. Шоҳид дар алоҳидагӣ ва дар ғойибии шоҳидони ҳанӯз пурсиданашуда пурсиш карда мешавад. Раисикунанда қабл аз пурсиш амалҳои зеринро анҷом медиҳад: 1) шахсияти шоҳидро муайян менамояд; 2) муносибати ӯро ба судшаванда ва ҷабрдида аниқ мекунад; 3) қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадории ӯро дар бораи додани нишондоди ростқавлона роҷеъ ба парванда, ҷавобгариро барои саркашӣ аз додани нишондод ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ мефаҳмонад; 4) аз шоҳидон дар бораи он ки уҳдадорӣ ва масъулияташон фаҳмонда шудааст, забонхат гирифта мешавад ва ба протоколи маҷлиси суд замима мегардад.

Шоҳидро айбдоркунанда, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо, судшаванда ва ҳимоятгари ӯ пурсиш мекунанд. Саволро аввал тарафе медиҳад, ки бо дархости ӯ шоҳид ба маҷлиси суд даъват гардидааст.

Раисикунанда ба пурсидани саволҳои раҳнамункунанда ва дигар саволҳое, ки ба парванда алоқаманд нестанд, иҷозат намедиҳад. Суд, судя шоҳидро баъди пурсиши тарафҳо низ пурсиш мекунад.

Шоҳидони пурсидашуда дар толори маҷлиси суд мемонанд ва то итмоми тафтиши судӣ бе иҷозати раисикунанда ва ризои тарафҳо толорро тарк намекунанд.

Пурсиши шоҳиде, ки дар рӯйхат танҳо тахаллуси ӯ дарҷ гардидааст, бе эълон намудани маълумоти аслии шахсияти ӯ, бе рӯбарӯкунии вай бо дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ сурат мегирад. Дар ин бора суд, судя таъиноти (қарори) дахлдор қабул мекунанд.

Ҷабрдида ва шоҳид сабтҳои хаттиро истифода бурда метавонанд. Ин сабтҳо бо талаби суд бояд пешниҳод карда шаванд.

Ба ҷабрдида ва шоҳид иҷозат дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳои дар дасташон бударо, ки ба нишондоди онҳо дахл доранд, хонанд, ба суд пешниҳод кунанд, тибқи таъиноти (қарори) суд мумкин аст ба парванда замима карда шаванд.

**7.** Хусусиятҳои пурсиши ҷабрдида ва шоҳиди ноболиғ дар м. 316 КМҶ муқаррар карда шудааст. Ҳангоми пурсиши ҷабрдида ва шоҳиди то 14 сола ва бо салоҳдиди суд, судя инчунин ҳангоми пурсиши ин шахсони аз 14 то 16 сола ба маҷлиси суд омӯзгор даъват карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ, инчунин падару модар ё намояндагони дигари қонунии ноболиғ даъват карда мешаванд. Тибқи сархати 10 м. 6 КМҶ ба сифати намояндагони қонунӣ – падару модар, фарзандон, васиён, парасторон, намояндагони муассиса ва ташкилот, ки ноболиғ таҳти парастории онҳо қарор дорад, баромад менамоянд Шахсони зикргардида бо иҷозати раисикунанда метавонанд ба ҷабрдида ва шоҳид савол диҳанд.

Пеш аз пурсиши ҷабрдида ва шоҳиде, ки ба синни 16 нарасидааст, раисикунанда ба онҳо аҳамияти доир ба парванда додани нишондоди пурра ва дурустро мефаҳмонад. Онҳо барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ огоҳ карда намешаванд ва аз онҳо забонхат гирифта намешавад.

Пурсиши ҷабрдидаи ноболиғ ё шоҳид бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси суд, судя дар ғойибии судшаванда анҷом дода шуда, дар ин бора суд, судя таъинот (қарор) мебарорад. Баъди ба толори маҷлиси суд баргаштани судшаванда ӯро аз нишондоди ин шахсон хабардор кардан ва барои ба онҳо савол додан имконият фароҳам овардан лозим аст.

Ҷабрдида ва шоҳиде, ки синнашон ба 16 нарасидааст, пас аз анҷоми пурсиш, ғайр аз ҳолатҳое, ки суд минбаъд ҳам ҳузур доштани онҳоро зарур мешуморад, аз толори маҷлиси суд хориҷ карда мешаванд.

**8.** Гузаронидани экспертизаро дар маҷлиси суд м. 318 КМҶ ба танзим медароварад. Суд, судя дар маҷлиси суд экспертизаро ҳам бо дархости тарафҳо ва ҳам бо ташаббуси худ таъин мекунад. Экспертизаро коршиносоне, ки дар тафтиши пешакӣ хулоса додаанд ё дигар коршиносоне, ки суд таъин кардааст, анҷом медиҳанд.

Экспертиза дар суд тибқи қоидаҳои дар боби 24 КМҶ зикргардида гузаронида мешавад.

Раисикунанда таъиноти (қарори) баровардаро дар бораи таъини экспертиза эълон намуда, ҳуқуқи тарафҳоро дар бобати рад кардани коршинос, пешниҳод намудани дархост доир ба ҳайати коршиносон, ба таври иловагӣ ворид намудани шахси нишондодаи тараф, гузаронидани экспертиза аз тарафи намояндагони дигар муассисаи экспертӣ, гузаронидани экспертиза бо иштироки тарафҳо мефаҳмонад.

Дар маҷлиси суд коршинос ҳуқуқ дорад ба шахсони пурсидашаванда савол диҳад, бо далелҳои хаттӣ, протоколҳои амали тафтишӣ, хулосаи дигар коршиносон шинос шавад, дар азназаргузаронӣ ва озмоиш (эксперимент) ва дигар амалҳои судӣ, ки ба мавзӯи экспертиза алоқаманд мебошанд, иштирок намояд.

Ҳангоми зарурати ба ихтиёри коршинос вогузоштани намунаҳо барои таҳқиқи муқоисавӣ қоидаҳои м. 215 КМҶ истифода бурда мешаванд.

Раисикунанда баъди муайян кардани ҳамаи ҳолатҳои барои додани хулоса аҳамиятнок ба тарафҳо пешниҳод мекунад, ки саволҳои худро ба тариқи хаттӣ ба коршинос пешниҳод намоянд. Саволҳо бояд эълон карда, нисбат ба онҳо ақидаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ шунида шавад. Суд, судя ин масъалаҳоро баррасӣ намуда, бо таъиноти (қарори) худ саволҳоеро, ки ба парванда алоқаманд нестанд ва ё таҳти салоҳияти коршинос намебошанд, рад намуда, саволҳои навро тартиб

медиҳад, ки баъди он коршинос барои гузаронидани экспертиза ва тартиб додани хулоса шурӯъ менамояд.

Хулосаи коршинос ба тариқи хаттӣ дода, дар маҷлиси суд аз ҷониби ӯ эълон карда, якҷоя бо саволҳо ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.

Агар ба суд коршинос даъват шуда бошад, ки дар тафтиши пешакӣ хулоса додааст, суд метавонад пас аз эълони хулоса, ба шарте, ки он аз ҷониби тарафҳо мавриди эътироз қарор нагирад, экспертиза таъин накунад ва танҳо бо пурсиши коршинос қаноат кунад.

**9.** Пурсиши коршинос дар маҷлиси суд бо тартиби муқарраркардаи м. 319 КМҶ сурат мегирад. Баъди аз ҷониби коршинос додани хулоса ба ӯ барои тавзеҳ ё пурра кардани хулосааш савол додан мумкин аст.

Ба коршинос тарафҳо савол медиҳанд, зимнан аввал тарафе савол медиҳад, ки бо дархости он экспертиза таъин карда шудааст. Суд, судя ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳзаи пурсиш ба коршинос савол диҳад.

**10.** Гузаронидани экспертизаи иловагӣ ё такрориро м. 320 КМҶ ба танзим медароварад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 220 КМҶ, яъне ҳангоми нофаҳмо ё нопурра будани хулоса, инчунин ба миён омадани масъалаҳои нав нисбати ҳолатҳои қаблан таҳқиқшуда, инчунин дар ҳолати беасос будани хулосаи коршинос ё ба миён омадани шубҳа оид ба дурустии он суд, судя метавонанд экспертизаи иловагӣ ё такрорӣ таъин карда, дар ин бора таъинот (қарор) бароранд. Экспертизаи иловагӣ ё такрорӣ тибқи қоидаҳои муайяннамудаи м. 208-210, 215, 217-219 КМҶ гузаронида мешавад.

**11.** Далелҳои шайъӣ дар рафти тафтиши судӣ бо тартиби дар м. 321 КМҶ сабтгардида аз назар гузаронида мешаванд. Далелҳои шайъиро бо дархости тарафҳо ва ё бо ташаббуси суд, судя дар ҳар лаҳзаи тафтиши судӣ аз назар гузаронидан мумкин аст. Далелҳои шайъиро барои азназаргузаронӣ ба шоҳидон, коршинос, мутахассис низ пешниҳод кардан мумкин аст. Шахсоне, ки ба онҳо далелҳои шайъӣ пешниҳод шудаанд, метавонанд таваҷҷуҳи суд, судяро бо ҳолатҳои вобаста ба азназаргузаронӣ ҷалб намоянд. Натиҷаи азназаргузаронӣ дар протоколи маҷлиси суд сабт карда мешавад.

**12**. Тибқи м. 322 КМҶ протоколи амалҳои тафтишӣ, ки ҳолату далелҳои дар рафти азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси молу мулк, дастгиркунӣ, барои шинохтан пешниҳод кардан, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтушуниди айбдоршаванда, судшаванда ё дигар шарикони ҷиноят муқарраршуда, инчунин ҳуҷҷатҳои ба парванда ҳамроҳшуда ё ба маҷлиси суд пешниҳодгардидаро тасдиқ менамоянд, ба шарте, ки дар онҳо ҳолатҳои барои парванда аҳамиятнок инъикос ё тасдиқ шуда бошанд, метавонанд аз ҷониби раисикунанда пурра ё қисман эълон карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои ба маҷлиси суд пешниҳодгардида мумкин аст бо таъиноти (қарори) суд, судя ба парванда ҳамроҳ карда шаванд.

**13.** Дар рафти тафтиши судӣ азназаргузаронии маҳал ва бино имконпазир аст (м. 323 КМҶ). Азназаргузаронӣ аз ҷониби суд, судя бо иштироки тарафҳо, ҳангоми зарурат бошад бо иштироки шоҳидон, коршинос ва мутахассис анҷом дода мешавад. Иштироки шахсони холис талаб карда намешавад. Барои азназаргузаронии бино суд, судя таъинот (қарор) мебарорад.

Ҳангоми расидан ба маҳалли азназаргузаронӣ раисикунанда идомаи маҷлиси судро эълон карда, суд, судя ба азназаргузаронӣ шурӯъ менамоянд ва

ба ҷабрдида, шоҳид, коршинос, мутахассис ва судшаванда метавонанд вобаста ба азназаргузаронӣ савол диҳанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои мазкур нисбати судшаванда ҳуқуқи вай ба надодани нишондод (сархати 1 қ. 4 м. 47 КМҶ) паҳн мешавад. Натиҷаи азназаргузаронӣ дар протоколи маҷлиси суд сабт карда мешавад.

**14.** Озмоиши (эксперименти) тафтишӣ дар доираи муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум дар м. 324 КМҶ ба танзим дароварда шудааст. Вай дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар тафтиш ё дақиқ кардани маълумот, вазъият ё дигар ҳолатҳои ҳодисаи муайян ва анҷом додани амали озмоишӣ зарур бошад. Озмоиш аз ҷониби суд, судя бо иштироки тарафҳо гузаронида мешавад, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад барои иштирок дар озмоиш шоҳид ва мутахассис ҷалб карда мешаванд.

Амали тафтишии мазкур дар суди марҳилаи якум аз рӯйи қоидаҳои умумии пешбининамудаи м. 188 КМҶ гузаронида мешавад.

**15.** Нишондиҳӣ барои шинохтани шахс ё ашё дар рафти тафтиши судӣ мувофиқи м. 325 ва тибқи талаботи м.м. 205 ва 206 КМҶ анҷом дода мешавад.

**16.** Тартиби гузаронидани шаҳодаткунонӣ дар рафти тафтиши судӣ дар м. 326 КМҶ муқаррар карда шудааст. Шаҳодаткунонӣ дар асоси таъинот ё қарори суд дар ҳолатҳои пешбиникардаи қ. 1 м. 186 КМҶ гузаронида мешавад (яъне, барои дар бадани инсон ошкор кардани нишонаҳои махсус, осори ҷиноят, захмҳои ҷисмонӣ, муайян кардани ҳолати мастӣ ё дигар хусусият ва аломатҳое, ки барои парвандаи ҷиноятӣ муҳиманд, агар барои ин гузаронидани экспертизаи судӣ талаб карда нашавад).

Агар шаҳодаткунонии шахс бо бараҳна кардани вай вобаста бошад, он гоҳ он дар бинои алоҳида аз ҷониби духтур ё дигар мутахассис анҷом дода мешавад. Баъди аз ҷониби онҳо имзо кардани санади шаҳодаткунонӣ шахсони зикргардида ба толори маҷлиси суд бармегарданд. Дар ҳузури тарафҳо ва шахси шаҳодаткунонидашуда духтур ё дигар мутахассис дар бораи паю нишонаҳои бадани шахси шаҳодаткунонидашуда маълумот дода, инчунин ба саволҳои тарафҳо ва суд, судя ҷавоб медиҳад. Санади шаҳодаткунонӣ ба маводи парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

**17.** Тартиби махсусро анҷоми тафтиши судӣ дорад (м. 327 КМҶ). Баъди ба анҷом расонидани таҳқиқи далелҳо раисикунанда аз тарафҳо мепурсад, ки оё онҳо хоҳиши пурра кардани тафтиши судиро доранд ва агар хоҳиш дошта бошанд маҳз бо кадом далелҳо. Ҳангоми арзи дархост дар бораи пурра кардани тафтиши судӣ суд онро муҳокима менамояд ва дар бораи қонеъ намудани он ва дар бораи пурра кардани тафтиши судӣ ё дар бораи рад намудани он қарор қабул менамояд.

Агар дархост дар бораи пурра кардани тафтиши судӣ аз ҷониби тарафҳо арз карда нашавад, инчунин баъди ҳал намудани дархост ва вобаста ба ин иҷро намудани амалҳои судӣ, раисикунанда тафтиши судиро анҷомёфта эълон мекунад.

## § 5. Музокираи судӣ ва сухани охирини судшаванда

Музокираи судӣ ва сухани охирини судшаванда – ин марҳилаи муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаи якум мебошад, ки дар рафти он ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳам аз тарафи айбдоркунӣ ва ҳам аз тарафи ҳимоя имконияти

нисбати моҳияти айби эълонкардашуда ва далелҳои дар маҷлиси суд таҳқиқгардида баён намудани фикри худ, дода мешавад.

Музокираи судӣ – ин баромади бонавбат мебошад, ки дар рафти онҳо намояндагони тарафи айбдоркунӣ ва тарафи ҳимоя далелҳои дар маҷлиси суд таҳқиқгардидаро баҳо медиҳанд ва ба суд қабул намудани қарорро оид ба гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс, оид ба намуд ва андозаи ҷазои дар пеш истода дар ҳолати гунаҳгор донистани шахс, инчунин оид ба дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти суд мансуб аст, таклиф менамоянд.

Мазмун ва тартиби музокираи судӣ дар м. 328 КМҶ муқаррар карда шудааст. Аз рӯйи қоидаи умумӣ музокираи судӣ аз аз нутқи айбдоркунанда, ҷабрдида ё намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо, судшаванда дар ҳолати даст кашидан аз ҳимоятгар ва ҳимоятгар иборат мебошад.

Пайдарҳамии баромади иштирокчиёни музокираи судӣ тибқи пешниҳоди онҳо аз ҷониби суд муайян гардида, вале дар ҳама ҳолат айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ, ки мутобиқи натиҷаҳои тафтиши судӣ бояд хулосаро дар бораи айбдории судшаванда асоснок намоянд, ба кирдори ӯ баҳо диҳанд, ақидаи худро дар бораи ҷазое, ки бояд дода шавад, изҳор намоянд ё ҳуқуқ доранд аз айбдоркунӣ даст кашанд, аввалин шуда суханронӣ мекунанд.

Иштирокчиёни музокираи судӣ ҳуқуқ надоранд, суханронии худро бо далелҳое, ки дар маҷлиси суд баррасӣ нашудаанд, асоснок кунанд. Онҳо ҳангоми зарурат барои таҳқиқ ба суд пешниҳод намудани далелҳои навро дар бораи аз нав оғоз намудани тафтиши судӣ дархост карда метавонанд.

Азбаски тарафҳо дар баён намудани мавқеи худ озоданд, суд (судя) ҳуқуқ надорад давомнокии музокираи тарафҳоро бо вақти муайян маҳдуд созад, вале раисикунанда ҳуқуқ дорад суханронии шахсони ширкаткунандаи музокираро, агар онҳо ҳолатҳоеро дар бар гиранд, ки бо парвандаи баррасишаванда иртибот надоранд, қатъ намояд.

Мутобиқи қ. 4 м. 328 КМҶ баъди суханронии иштирокчиёни музокираи судӣ ҳар кадоми онҳо метавонанд дар ҷавоби нутқи намояндагони тарафҳо бо эродҳо (норизоии ҷавобӣ, луқмапартоӣ) боз якмаротибагӣ баромад кунанд. Ҳуқуқи изҳори эроди охирин ба судшаванда ё ҳимоятгари ӯ тааллуқ дорад.

Ба ғайр аз баромадҳо, ҳар як иштирокчии музокираи судӣ метавонад ба тариқи хаттӣ ба суд тавсияи қарори таклифнамудаашро оид ба масъалаҳои дар сархатҳои якум-шашуми қ. 1 м. 335 КМҶ нишондодашуда пешниҳод намояд. Тавсияи пешниҳодгардида барои суд, судя ҳатмӣ нест.

Пас аз хотима ёфтани музокираҳои судӣ раисикунанда ба судшаванда сухани охирин медиҳад.

Сухани охирини судшаванда нутқеро ифода менамояд, ки бо он судшаванда ба суд (судя) бо хоҳишҳои гуногун муроҷиат менамояд, инчунин муносибати худро бо кирдори нисбати вай айбдоркардашуда баён намояд. Ҳангоми сухани охирин ба судшаванда додани ҳама гуна савол манъ аст. Суд (судя) наметавонанд давомнокии сухани охирини судшавандаро бо вақти муайян маҳдуд созад, вале раисикунанда ҳуқуқ дорад, агар судшаванда ба ҳолатҳое дахолат намояд, ки ба парвандаи баррасишаванда марбут намебошанд, ӯро аз суханронӣ боздорад.

Агар иштирокчиёни музокираи судӣ ё судшаванда дар сухани охирин оид ба ҳолатҳои наве, ки барои парванда аҳамият дорад, маълумот диҳанд ё ба далелҳои қаблан таҳқиқнашудаи ба парванда дахлдошта истинод кунанд, суд (судя) бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси худ тафтиши судиро аз нав оғоз мекунад. Пас аз хатми тафтиши судии аз нав оғозшуда суд (судя) аз сари нав музокираи судиро кушода, ба судшаванда сухани охирин медиҳад.

Суд, судя баъди шунидани сухани охирини судшаванда барои баровардани ҳукм дарҳол ба хонаи машваратӣ медароянд ва дар ин бора раисикунанда дар маҷлиси суд эълон мекунад. Раисикунанда вақти хондани ҳукмро ба иштирокчиёни мурофиаи пеш аз даромадан ба хонаи машваратӣ эълон менамояд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Муҳокимаи судӣ чист?
2. Шартҳои умумии муҳокимаи судиро шарҳ диҳед.
3. Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ.
4. Муҳокимаи ошкорои судӣ.
5. Баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ чӣ маъно дорад?
6. Дар бораи иштироки ҷабрдида, тарҷумон, коршинос ва судшаванда дар муҳокимаи судӣ маълумот диҳед.
7. Чораҳои таъсир расонидан барои риоя накардани тартибот дар маҷлиси суд.
8. Тафтиши судӣ чист?
9. Моҳияти музокираҳои судӣ ва сухани охирини судшаванда.
10. Протоколи маҷлиси суд ва эродҳо ба он.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
2. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25.07.2005 с. таҳти № 100.
6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.
7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.
8. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
2. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.
3. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.
4. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.
8. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.
9. Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.
10. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.
11. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.
12. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.
13. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.
14. Машовец А.О. Судебное следствие в уголовном процессе России: теоретико-доктринальный, нормативно-правовой и прикладной аспекты. – М., 2016.
15. Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.
16. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.
17. Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.
18. Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.
19. Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.
20. Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.
21. Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**22.** Семенцов В.А. Оценка доказательств судом первой инстанции по уголовному делу. – М., 2012.

**23.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**24.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 24.
# БАРОВАРДАНИ ҲУКМ

## § 1. Мафҳум ва аҳамияти ҳукм

Баровардани ҳукм қисми хотимавӣ ва ҳалкунандаи марҳилаи муҳокимаи судӣ буда, дар он гунаҳгор ё бегуноҳии судшаванда муайян карда мешавад. Баровардани ҳукм мафҳуми васеъ буда, зери ин мафҳум асосан машварати судяҳо, ки дар ҷараёни он ҳамаи масъалаҳои ба парванда дахлдошта ҳал карда мешаванд, инчунин қабули қарор оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда, тартиб додан, имзо кардан ва эълони ҳукм дар назар дошта шудааст.

Мафҳуми ҳукм дар м. 6. КМҶ ба таври заерин дода шудааст. Ҳукм – қароре мебошад, ки суди марҳилаи якум дар бораи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баровардааст. Аз мафҳуми додашуда чунин аломатҳои ҳукмро ҷудо намудан мумкин аст:

**а)** ҳукм – ин қарор мебошад;

**б)** ҳукмро танҳо суди марҳилаи якум мебарорад;

**в)** ҳукм қароре мебошад, ки судшавандаро гунаҳгор мекунад;

**г)** ҳукм қароре мебошад, ки оид ба бегуноҳии судшаванда баровarда мешавад.

Суд ҳукмро аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебарорад ва он аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ тасдиқ карда намешавад. Ҳамчун санади ҳокимиятӣ, ҳукм меъёри ҳуқуқиро бавуҷуд намеоварад ва он танҳо хусусияти ҳуқуқтатбиқкунии фардиро доро мебошад. Аз рӯи табиати ҳуқуқии худ ҳукм ба монанди дигар қарорҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ санади татбиқи меъёри ҳуқуқ нисбат ба муносибати ҳуқуқии мушаххас мебошад. Бояд қайд намуд, ки ҳукм на танҳо санади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мебошад. Татбиқи меъёрҳои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми баровардани ҳам ҳукми айбдоркунанда ва ҳам сафедкунанда амалӣ карда мешаванд.

Ҳукм бояд ба се талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад. Он бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад.

Ҳукм ҳангоме қонунӣ эътироф карда мешавад, ки он бо риояи талаботи қонун ва дар асоси қонун бароварда шуда бошад.

Асоснок будани ҳукм маънои онро дорад, ки он дар асоси тадқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳое, ки ба суд пешниҳод гардида, дар маҷлиси суд муҳокима шудаанд, бароварда шуда бошад. Мутобиқи талаботи қ. 3 м. 272 КМҶ ҳукми суд танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси судӣ тафтиш шудаанд, асоснок карда мешавад. Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010 таҳти № 33 омадааст, ки бо назардошти талаботи м. 272 КМҶ суд, судя ҳуқуқ надоранд, барои тасдиқи хулосаҳои худ ба далелҳои парванда ё аз ҷониби тарафҳо дар маҷлиси судӣ пешниҳодгардида, ки таҳти тафтиши бевоситаи судӣ қарор дода нашуда, дар

протоколи маҷлиси судӣ инъикос нагардида бошанд, ишора намоянд. Дар ҳукм ҳамчун далел дарҷ намудани нишондодҳои судшавандагон, ҷабрдидагон, шоҳидоне, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ додаанд, танҳо дар ҳолати риояи пурраи талаботи қонунгузорӣ (м.м. 312 ва 317 КМҶ) имконпазир аст. Бояд дар назар дошт, ки маълумоти воқеии дар нишондодҳои судшавандагон, ҷабрдидагон, шоҳидон эълонгардида ва дигар далелҳои парвандаи ҷиноятӣ инъикос ёфта, танҳо пас аз санҷиши ҳаматарафаи онҳо дар рафти маҷлиси судӣ метавонанд барои хулосабарорӣ ва қарорҳои қабулнамудаи судӣ асос гарданд[1].

Одилона будани ҳукми суд дар он зоҳир мегардад, ки ҷазои ба гунаҳгор таъингардида мутобиқи моддаи дахлдори КҶ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноят пешбинӣ мекунад, бо назардошти шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷазо таъин шуда бошад. Инчунин, одилона будани ҳукми суд бояд ба якчанд принсипҳо асос ёбад. Ба монандӣ, принсипи қонуният, фардикунонии ҷазо, адолат, инсондӯстӣ, манъи такрории ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои як ҷиноят, сафед кардани шахси бегуноҳ ва ғайра.

Нисбати шахси содирнамудаи ҷиноят бояд ҷазое таъин гардад ё ин ки чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятие татбиқ карда шаванд, ки барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳ шудан ва аз нав тарбия гирифтани ӯ, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошанд[2].

Дар баробари ҳамаи ин, ҳукми суд набояд дар асоси шубҳа, эҳтимолият ва гумон бароварда шавад. Дар чунин сурат эҳтимолияти ҷазо додани шахси бегуноҳ ҷой доштанаш мумкин аст. Оид ба масъалаи мазкур Пайғамбари ислом Муҳаммад (с.а.с) фармудаанд, ки «агар дар дилатон камтарин шубҳае бошад авф кунед, ҳатто хато кунед ҳам, зеро хато карда авф кардан беҳтар аст аз хато карда ҷазо додан». Мавҷудияти шубҳа оид ба муқаррар намудани боэътимодии гуноҳи айбдоршаванда маънои дар амал будани принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дорад. Ҳукми айбдоркунанда набояд ба тахмин асос ёбад.

Моҳияти ҳукми судӣ аз нигоҳи мурофиавӣ ва иҷтимоӣ баҳо дода мешавад. Моҳияти мурофиавии ҳукм дар он зоҳир мегардад, ки он санади асосии судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Бо баровардани ҳукм фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва суди марҳилаи якум ба охир расида, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда мешавад. Аз тарафи дигар ҳукм ҳамчун санади суди зинаи якум дар низоми судӣ имконияти истифодаи дигар институтҳои ҳимояи судиро медиҳад. Ба монанди овардани шикоят ва эътироз ба суди зинаи кассатсионӣ.

Ҳукме, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори он, ташкилоти ҷамъиятӣ, муассисаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Ҳукме, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст таъқиби ҷиноятии минбаъдаи шахсро бо ҳамон айбдорӣ истисно мекунад. Яъне, баъд аз ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд таъқиби шахс аз рӯи ҳамон айбдоркунӣ мумкин нест.

Моҳияти иҷтимоии ҳукм чунин аст:

---

[1] Ниг.: Маҷмӯи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012.

[2] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010. №33 // Маҷмӯи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012.

**а)** дар ин санади ҳокимияти судӣ баҳои ҳуқуқии ба ҷамъият хавфнокии кирдори баррасишаванда аз номи давлат дода мешавад;

**б)** ҳукм муносибати ҷамъиятро нисбат ба кирдори ҷиноятӣ инъикос менамояд;

**в)** ҳукми ба таври оммавӣ эълонгардида барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад;

**г)** баровардани ҳукм барои барқарорсозӣ ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ бо роҳи ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон ва ҳифзи шахсон аз таъқиби ҷиноятӣ, ки гунаҳгориашон исбот нашудааст, мусоидат менамояд.

## § 2. Намудҳои ҳукм

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ду намуди ҳукмро муқаррар намудааст (м. 338 КМҶ). Инҳо ҳукми айбдоркунанда ва сафедкунанда мебошанд. Моҳияти ин намудҳои ҳукм дар он зоҳир мегардад, ки судшаванда дар содир кардани ҷиноят ё гунаҳгор дониста мешавад, ё ин ки сафед карда мешавад.

### 1. Ҳукми айбдоркунанда

Ҳукми айбдоркунанда танҳо ҳангоми гунаҳгор донистани судшаванда бароварда мешавад, яъне ҳангоме, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои тадқиқшуда тасдиқ гардидааст. Ҳукми айбдоркунанда ба тахмин ва гумон асос ёфтанаш мумкин нест. Ҳукми айбдоркунанда ба шарте бароварда мешавад, ки ҳамаи далелҳо ҳаматарафа, пурра ва объективона тадқиқ шуда, фарзияҳои оид ба парванда бавуҷудомада санҷида шуда, мухолифатҳои ҷойдошта бартараф гардида ва ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст.

Аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмӯи дигар далелҳои аз рӯи парванда ҷамъовардашуда ва дар мурофиаи судӣ тадқиқгардида, тасдиқ нагардида бошад, барои қабул намудани ҳукми айбдоркунанда асос шуда наметавонад.

Ҳукми айбдоркунанада вобаста ба он ки масъалаи ҷазо дар он чӣ тавр ҳал карда мешавад, ба се намуд ҷудо мешавад:

– бо таъини ҷазои ҷиноятӣ, ки маҳкумшуда бояд онро адо кунад;

– бо таъини ҷазои ҷиноятӣ ва озод кардан аз адои он;

– бе таъини ҷазои ҷиноятӣ.

Ҳукми айбдоркунӣ бо таъини ҷазои ҷиноятӣ, ки маҳкумшуда бояд онро адо кунад, ҳамон вақт бароварда мешавад, ки судя ба хулосае ояд, ки судшаванда бояд барои ҷинояти содир намудааш ҷазои ҷиноятиро адо кунад ва барои таъини ҷазо монеае вуҷуд надорад. Намуд ва андозаи ҷазо мувофиқан ба санкисияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ муайян карда мешавад. Ҳангоми баровардани чунин ҳукм судя бояд оғози баҳисобгирии муҳлати адои ҷазоро низ дақиқ муайян кунад.

Ҳукми айбдоркунӣ бо таъини ҷазои ҷиноятӣ ва озод кардан аз адои он ҳамон вақт бароварда мешавад, ки то лаҳзаи баровардани ҳукм:

– санади авф қабул гардад, ки он маҳкумшударо аз татбиқи ҷазои бо ин ҳукм таъингардида озод мекунад;

– муҳлати оид ба ҳамин парванда таҳти ҳабс қарор доштани судшаванда мутобиқи қоидаҳои баҳисобгирии ҳабси пешакӣ, ҷазои таъиннамудаи судро дар бар гирад.

Ҳукми айбдоркунӣ бе таъини ҷазои ҷиноятӣ дар ҳолатҳое аз ҷониби суд бароварда мешавад, ки аз лаҳзаи қабули он:

**а)** муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои ҳамин ҷиноят гузашта бошад. Муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир шудани ҷиноят то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

**б)** судшаванда фавтида бошад.

Ба ғайр аз ду ҳолати дар боло номбаршуда дар адабиёти ҳуқуқӣ дигар ҳолатҳо низ ба чашм мерасанд, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо суд бояд нисбати судшаванда ҷазо таъин нанамояд[1]. Масалан, ҳангоме, ки кирдори ҷиноятӣ ба ҷамъият хавнокии худро гум карда бошад, ё шахси содир намудаи ҷиноят дигар ба ҷамъият хавфнок набошад. Дар чунин мавридҳо судшаванда аз ҷониби суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шуда, лекин ҷазои ҷиноятӣ таъин карда намешавад.

## 2. Ҳукми сафедкунанда

Мутобиқан ба м. 340 КМҶ ҳукми сафедкунанда дар чунин мавридҳо бароварда мешавад:

**а)** ҳангоми набудани ҳодисаи ҷиноят;

**б)** ҳангоми дар кирдори судшаванда ҷой надоштани таркиби ҷиноят;

**в)** исбот нагардидани иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят.

Вобаста ба ҳар яке аз асосҳои номбаршуда сафедкунӣ маънои эътирофи бегуноҳии судшавандаро дошта, боиси пурра сафед кардани ӯ мегардад.

Агар ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда бинобар исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят ва шахсе, ки ин ҷиноятро содир кардааст, муайян нашуда бошад, суд баробари эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм парвандаро ба прокурор барои андешидани чора ҷиҳати муайян кардани шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда бояд ҷалб гардад, равон мекунад.

Ҳукми сафедкунанда боиси бавуҷуд омадани як чанд оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад:

**а)** ҳамаи ҳуқуқҳои шахси сафедкардашуда пурра барқарор карда мешавад;

**б)** аз ӯ ё дар ҳолати зарурӣ аз хешовандони ӯ аз номи давлат узр хоста мешавад, ки дар ҳолати ба нашр мухолиф набудани ӯ ё хешовандонаш, дар матбуоти маҳалли зисти шахси сафедкардашуда ба табъ расонида мешавад;

**в)** зарареро, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум кардан ё ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданаш расонида шудааст, давлат пурра талофӣ менамояд;

**г)** суд ё судя ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда метавонанд бо сабаби вуҷуд надоштани ҳодисаи ҷиноят ё ин ки, исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят, даъвои граждаииро рад кунад;

---

[1] Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Уголовный процесс: учебник. – М.: Кнорус, 2008. – С. 536. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: НОРМА ИНФРА-М, 2011. – С. 738.

**д)** дар сурати баровардани ҳукми сафедкунанда бо сабаби мавҷуд набудани таркиби ҷиноят дар ҳаракатҳои судшаванда даъвои гражданӣ бе баррасӣ мононда мешавад.

Сафедкунии шахс на танҳо масъалаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мебошад. Зеро дар қ. 1 м. 85 КҶ омадааст, ки шахсе, ки ҷиноят содир накарда, беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ё ғайриқонунӣ маҳкум гардидааст, бояд сафед карда шавад, яъне суд далели беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё ғайриқонунӣ маҳкум шудани ӯро эътироф намояд.

## § 3. Таркиб ва мазмуни ҳукм

Таҳлили м.м. 342-347 КМҶ нишон медиҳанд, ки ҳукм аз се қисм таркиб ёфтааст. Ба монанди:

- қисми муқаддимавӣ;
- қисми баёнӣ асосноккунӣ;
- қисми хулосавӣ.

**Қисми муқаддимавӣ.** Қисми муқаддимавии ҳукм чӣ барои ҳукми айбдоркунанда ва чӣ ҳукми сафедкунанда якхел буда, дар он масъалаҳои зерин инъикос мегарданд:

**а)** аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани ҳукм;

**б)** вақт ва ҷойи баровардани ҳукм;

**в)** номи суде, ки ҳукмро баровардааст, ҳайати суд, котиби маҷлиси суд, айбдоркунанда, ҳимоятгар;

**г)** насаб, ном ва номи падари судшаванда, сол, моҳ, рӯз ва ҷойи таваллуди ӯ, ҷойи истиқомат, ҷойи кор, шуғл, таҳсилот, вазъи оилавӣ ва дигар маълумот оид ба судшаванда, ки барои парванда аҳамият доранд;

**д)** қонуни ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои ҷиноятe, ки дар содир намудани он судшаванда айбдор дониста мешавад, пешбинӣ мекунад.

Аз масъалаҳои дар боло зикргардида мафҳуми «дигар маълумот оид ба судшаванда, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дорад» норавшан аст. Дигар маълумот бояд бо ҳаёти шахсии судшаванда алоқаманд буда ва танҳо ба ӯ бояд тааллуқ дошта бошанд. Одатан зери ин мафҳум маълумоте дохил мешаванд, ки суд, судя ҳангоми таъини ҷазо, интихоби низоми муассисаи ислоҳӣ, эътирофи ретсидив, ҳалли дигар масъалаҳои бо баровардани ҳукм вобастаро ба назар мегирад. Ба ин мафҳум инчунин маълумот дар бораи доштани гурӯҳи маъюбӣ, унвонҳои махсус, мукофоти давлатӣ, унвонҳои ифтихорӣ, рутбаҳои ҳарбӣ ва дигар шуғлу мартаба, қаблан суд шудани ӯ ва ғайра низ дохил мешаванд.

Дар қисми муқаддимавии ҳукм нисбати шахсоне, ки қаблан суд шудаанд, бояд маълумот дар бораи санаи маҳкумшавии қаблӣ, қисм ва моддаи ҷинояти мушаххас, намуд ва андозаи ҷазо, низоми муассисаи ислоҳӣ, асос ва санаи озодшавӣ аз ҷазо, қисми адонагардидаи ҷазо аз рӯи ҳукми қаблӣ инъикос гардад. Дар сурати барҳам хӯрдани доғи судӣ ё бардошта шудани он, маҳкумшавии қаблӣ дар қисми муқаддимавии ҳукм бояд дарҷ карда нашавад.

Мувофиқан ба талаботи қ. 1 м. 343-и КМҶ суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм бояд баёни кирдори ҷиноятӣ, ки онро исботшуда эътироф кардаанд, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад ва оқибатҳои ҷиноятро инъикос намоянд. Агар ҷиноят аз тарафи

гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, дар ҳукм бояд аниқ дарҷ ёбад, ки ҳар яке аз шарикони ҷиноят маҳз кадом ҳаракатҳои ҷиноятиро содир намудаанд[1].

Ба ғайр аз маълумоти дар боло зикргардида, дар қисми муқаддимавии ҳукм нишон додани ошкоро ё пӯшида гузаштани мурофиаи судӣ ҳатмӣ мебошад.

**Қисми баёнию асосноккунӣ.** Дар қисми мазкур инъикоси масъалаҳо барои ҳукми айбдоркунанда ва сафедкунанда фарқ доранд. Дар қисми мазкур таҳлили ҳаматарафаи далелҳое, ки хулосаи суд, судя бо онҳо асоснок карда шудааст, оварда шуда, ба ҳамаи далелҳои исботкунандаи гуноҳ (айбдоркунанда) ва сафедкунандаи судшаванда баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Танзими ҳуқуқии қисми баёнию асосноккунии ҳукм дар м.м. 343 ва 345 КМҶ дарҷи худро ёфтааст.

Мувофиқан ба м. 343 КМҶ дар қисми баёнию асосноккунии ҳукми айбдоркунанда баёни кирдори ҷиноятӣ, ки суд онро исботшуда эътироф кардааст, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад ва оқибатҳои ҷиноят инъикос гардида, далелҳое, ки хулосаи суд бо онҳо асоснок карда шудаанд ва ваҷҳҳое, ки мутобиқи он суд дигар далелҳоро рад кардааст, оварда мешаванд. Дар он ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ва дар сурати эътирофи беасосии қисми айб ё муайян намудани нодурустии бандубасти ҷиноят асос ва сабабҳои тағйир додани айб зикр бояд шаванд.

**Қисми баёнию асосноккунии ҳукми сафедкунанда (м. 345 КМҶ).** Дар қисми баёнию асосноккунии ҳукми сафедкунанда инҳо зикр мегарданд:

**а)** моҳияти айби пешниҳодшуда, ҳолатҳои парванда, ки суд муайян кардааст;

**б)** далелҳое, ки барои сафед кардани судшаванда асос шудаанд;

**в)** асосҳое, ки мувофиқи онҳо далелҳои пешниҳоднамудаи тарафи айбдоркунӣ рад карда мешаванд;

**г)** асосҳои қарор нисбат ба даъвои гражданӣ.

Вобаста ба ҳар яке аз асосҳои номбаршуда сафедкунӣ маънои эътирофи бегуноҳии судшавандаро дорад.

Дар ҳукми сафедкунанда ворид намудани иборахое, ки бегуноҳии шахси сафедшударо зери шубҳа мегузоранд, мумкин нест.

**Қисми хулосавии ҳукм.** Танзими ҳуқуқии қисми хулосавии ҳукм дар м.м. 344 ва 346-347 КМҶ дарҷи худро ёфтааст.

Мувофиқи м. 344 КМҶ дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда маълумоти зерин бояд нишон дода шаванд:

**а)** насаб, ном ва номи падари судшаванда;

**б)** қарори гунаҳгор донистани судшаванда дар содир намудани ҷиноят;

**в)** қисм ва бандҳои моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки тибқи он судшаванда гунаҳгор эътироф шудааст;

**г)** намуд ва андозаи ҷазои нисбат ба судшаванда таъиншуда барои ҳар як ҷиноyте, ки дар содир намудани он ӯ гунаҳгор эътироф шудааст, чораи ниҳоии ҷазо, ки дар асоси м.м. 67, 68 КҶ бояд адо карда шавад, намуд ва низоми муассисаи ислоҳӣ, ки дар он бояд маҳкумшуда ҷазоро адо кунад;

**д)** давомнокии мӯҳлати санҷиш ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо ва ӯҳдадориҳое, ки ба зиммаи маҳкумшуда гузошта мешаванд;

---

[1] Ҳамон ҷо.

**е)** қарор дар бораи таъин кардани ҷазои иловагӣ;

**ж)** қарори баҳисобгирии муҳлати дар ҳабси пешакӣ қарор доштан, ба шарте, ки судшаванда то баровардани ҳукм дастгир ё нисбати ӯ чораҳои пешгирӣ дар намуди баҳабсгирӣ, ҳабси хонагӣ татбиқ шуда бошад ё ӯ дар муассисаҳои равонпизишкӣ ҷой дода шуда бошад.

**з)** қарори чораҳои пешгирӣ нисбат ба судшаванда то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм.

Дар сурати ба судшаванда оид ба якчанд моддаҳои қонуни ҷиноятӣ эълон намудани айб, дар қисми хулосавии ҳукм бояд дақиқ нишон дода шавад, ки бо кадоме аз онҳо судшаванда сафед ва бо кадоме аз онҳо маҳкум карда шудааст. Инчунин, дар ин қисми ҳукм масъалаи озод кардани судшаванда аз адои ҷазо ё баровардани ҳукм бе таъини ҷазо низ нишон дода мешавад.

Мувофиқи м. 346 КМҶ дар қисми хулосавии ҳукми сафедкунанда маълумоти зерин зикр карда мешаванд:

**а)** насаб, ном ва номи падари судшаванда;

**б)** қарори бегуноҳ эътироф кардани судшаванда ва сафед кардани ӯ;

**в)** асосҳои сафедкунӣ, яъне барои чӣ ӯ сафед карда шудааст;

**г)** қарори бекор кардани чораҳои пешгирӣ, ба шарте, ки он татбиқ шуда бошад;

**д)** қарори бекор кардани таъмини мусодираи молу мулк, ба шарте, ки чунин чораҳо андешида шуда бошанд.

Инчунин, дар қисми хулосавии ҳукми сафедкунанда бояд бо кадом асосҳои бо қонун пешбинишуда судшаванда аз рӯи ҳар як моддаи (банд, қисми моддаи) қонуни ҷиноятӣ сафед карда шудааст, нишон дода мешавад.

Дар баробари ҳамаи ин, дар қисми хулосавии чӣ ҳукми айбдоркунанда ва чӣ ҳукми сафедкунанда ғайр аз масъалаҳое, ки дар боло зикр шуда, бояд қайдҳои зерин низ инъикос гарданд:

**а)** қарори даъвои граждании арзшуда;

**б)** ҳалли масъалаҳои далелҳои шайъӣ;

**в)** қарори тақсими хароҷоти мурофиавӣ;

**г)** фаҳмонидани тартиб ва муҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ ба ҳукм.

### § 4. Тартиби баровардан ва эълон кардани ҳукм

Ҳукм аз ҷониби суд ё судя дар хонаи машваратӣ бароварда шуда, ҳангоми баровардани он дар хонаи машваратӣ танҳо ҳайати суде, ки ҳамин парвандаро баррасӣ кардааст, бояд ҳузур дошта бошад. Иштироки дигар шахсон дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм манъ аст. Суд, судя ҳуқуқи фош кардани фикру мулоҳизаҳои ҳангоми муҳокима ва баровардани ҳукм ҷойдоштаро надоранд.

Суд дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм масъалаҳои зеринро бояд ҳал кунад (м. 335 КМҶ):

**1. Кирдоре, ки дар содир намудани он судшаванда айбдор карда мешавад, ҷой дорад ё не.** Зери мафҳуми кирдор ҳодисаи ҷиноят дар назар дошта шудааст, ки нисбат ба он таъқиби ҷиноятии судшаванда амалӣ карда шудааст. Агар ис-

бот шавад, ки ҳодисаи мазкур вуҷуд надошт ё исбот карда нашудааст, суд бояд бо дастрасии сархати 1 қ. 1 м. 340 КМҶ ҳукми сафедкунанда барорад.

**2. Оё исбот шудааст, ки кирдорро судшаванда содир кардааст.** Муайян карда мешавад, ки оё кирдорро шахсан судшаванда содир намудааст. Агар исбот шавад, ки кирдорро дигар шахс содир кардааст, ё исбот карда нашудааст, ки онро судшаванда содир намудааст, суд бо сабаби исбот нашудани иштироки судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо дастрасии сархати 3 қ. 1 м. 340 КМҶ ҳукми сафедкунанда мебарорад.

**3. Ин кирдор ҷиноят аст ё не ва он бояд бо кадом моддаи қонуни ҷиноятӣ бандубаст карда шавад.** Ин масъаларо ҳал намуда, суд муайян мекунад, ки кирдори содиршуда бо қонуни ҷиноятӣ манъ шудааст ё не, оё он дорои ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноят мебошад? Инчунин, суд бояд муайян кунад, ки дар кирдор аломатҳои мудофиаи зарурӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, зарурати ниҳоӣ ва дигар ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд ҷой доранд ё не. Ҳангоми мавҷуд будани чунин ҳолатҳо, суд бо сабаби дар кирдори судшаванда набудани таркиби ҷиноят бояд ҳукми сафедкунанда барорад (сархати 2 қ.1 м. 340 КМҶ).

**4. Судшаванда дар содир намудани ин ҷиноят гунаҳгор аст ё не ва ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо мавҷуданд ё не.** Суд муайян мекунад, ки оё ҳангоми содир намудани ҷиноят судшаванда гунаҳгорона (қасдона ё аз беэҳтиётӣ) амал намуд. Агар гунаҳгорона содир намудани ҷиноят аз ҷониби судшаванда исбот карда шавад, пас суд ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро бояд муайян кунад. Агар исбот шавад, ки судшаванда бегуноҳона амал намудааст, ё гуноҳи ӯ исбот нашудааст, ӯ бояд бо сабаби ҷой надоштани таркиби ҷиноят сафед карда шавад.

**5. Ба судшаванда барои ҷинояти содирнамудааш ҷазо додан лозим аст ё не.** Ҳангоми таъини ҷазо суд уҳдадор аст принсипи фардикунонидани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар гирад.

Агар суд ба хулосае ояд, ки ба судшаванда ҷазо додан лозим аст, яке аз ҳукмҳои айбдоркунии зеринро бояд қабул намояд:

**а)** ҳукми айбдоркунанда бо таъини ҷазои ҷиноятӣ, ки маҳкумшуда бояд онро адо кунад;

**б)** ҳукми айбдоркунанда бо таъини ҷазои ҷиноятӣ ва озод кардан аз адои он.

Дар хонаи машваратӣ масъалаҳои мавҷуд будани ҳолатҳое, ки судшавандаро аз ҷазо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида, тағйир ёфтани вазъият, гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, қабули санади авф озод мекунанд, муҳокима карда мешавад.

**6. Ба судшаванда кадом ҷазо бояд таъин карда шавад.** Ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, бояд дар доираи муқаррарнамудаи Қисми махсус ва бо дарназардошти Қисми умумии КҶ ҷазои одилона ва сазовор таъин карда шавад. Намуди ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба

мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад. Ҳангоми таъини ҷазо хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар гирифта мешаванд.

**7. Шахси аз озодӣ маҳрумшуда дар кадом намуд ва низоми муассисаи ислоҳӣ бояд мӯҳлати ҷазоро адо намояд.** Маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷудо кардани шахси маҳкумшуда аз ҷамъият бо роҳи дар колонияҳои ислоҳи сукунат, дар колонияҳои ислоҳи низомашон умумӣ, пурзӯр, сахт, махсус ё дар маҳбас ҷо кардани ӯ иборат аст. Шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудае, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд, дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ ё пурзӯр ҷо карда мешаванд.

**8. Даъвои гражданӣ қобили қонеъгардонӣ аст ё не, ба манфиати кӣ ва инчунин агар даъвои гражданӣ арз нашуда бошад, товони зарари молу мулкӣ ситонида мешавад ё не.** Суд бояд масъалаҳои зеринро, ки ба даъвои гражданӣ алоқаманданд, муҳокима кунад: а) оё ба шахсе, ки даъвогари гражданӣ эътироф шудааст, дар ҳақиқат зарар расонида шудааст; б) оё зарар маҳз дар натиҷаи содир шудани ҳамин ҷиноят расонида шудааст; в) оё зарари расонидашуда, зарари молумулкӣ аст ё ин ки зарари маънавӣ аст; г) андозаи зарари расонидашуда чи гуна аст; д) дар кадом андоза ва чи тавр он бояд рӯёнида шавад; е) кӣ бояд зарарро ҷуброн кунад ва бо кадом тарз. Суд ҳуқуқ надорад, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда даъвои гражданиро бе муҳокима гузорад.

**9. Бо молу мулке, ки барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодира тахти ҳабс қарор дода шудааст, чӣ бояд кард.** Пеш аз ҳама суд бояд ба хулосае ояд, ки молу мулки ҳабсшуда ба судшаванда ё шахсоне, ки уҳдадоранд ба рафтори судшаванда мувофиқи қонун ҷавобгарии моддӣ дошта бошанд, тааллуқ дорад.

**10. Бо далелҳои шайъӣ чӣ бояд кард.** Ҳангоми баровардани ҳукм масъалаи далелҳои шайъӣ бояд ҳал карда шаванд. Бинобар ин, мувофиқи қ. 3 м. 78 КМҶ суд нисбати далелҳои шайъӣ яке аз қарорҳои зеринро мебарорад, яъне масъалаи мазкур бо чунин роҳҳо ҳал менамояд:

– олоти ҷиноят, ки ба айбдоршаванда, судшаванда тааллуқ дорад, мусодира карда ё ба муассисаи дахлдор супорида ё нобуд карда мешавад;

– ашёе, ки муомилоти он манъ аст, ба муассисаи дахлдор супорида ё нобуд карда мешавад;

– ашёе, ки ҳеҷ арзиш надорад ва аз тарафи шахсе талаб карда нашудааст, нобуд карда мешавад ва ё онро дар ҳолати гирифтани дархости шахси манфиатдор ё муассиса ба онҳо додан мумкин аст;

– пул ва дигар ашёи қиматноке, ки бо роҳи ҷиноятгорӣ ба даст оварда шудаанд, бо ҳукми суд ба фоидаи давлат гузаронида шуда, ашёи дигар ба моликони қонунии онҳо баргардонида мешавад, дар мавриде ки соҳибони онҳо муайян нашуда бошанд, ба моликияти давлат гузаронида мешаванд;

– дар сурати ба миён омадани баҳс оид ба мансубияти ашё баҳс бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ бояд ҳал карда шавад;

– ҳуҷҷате, ки далели шайъӣ мебошад, ҳамроҳи парванда нигоҳ дошта ё ба муассисаи дахлдор супурда мешавад.

**11. Хароҷоти мурофиавӣ ба кадом андоза ба зиммаи кӣ бояд гузошта шавад[1].**

**12. Судшавандаро аз унвонҳои махсус ё рутбаҳои ҳарбӣ, инчунин ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ маҳрум созад ё не.** Маҳрум кардани гунаҳгор аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон танҳо дар сурати содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин мумкин аст.

**13. Татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро, дар ҳолатҳое, ки дар қ. 2 м. 98 КҶ, пешбинӣ шудаанд.** Суд вазифадор аст масъалаи мукаллафии судшавандаро муҳокима намояд. Бо эътирофи он ки судшаванда ҳангоми содир намудани кирдор дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт ё баъди содир намудани ҷиноят ба бемории руҳӣ мубтало шудааст, ки ӯро аз имконияти дарки воқеии моҳияти амали содирнамуда, зарари он ё идора кардани он маҳрум сохтааст, суд ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро мутобиқи талаботи боби 45 КМҶ баррасӣ намуда, қарор қабул намояд.

**14. Дар хусуси чораи пешгирӣ ба ҳаққи судшаванда.** Чораи пешгирӣ дар ҳолатҳои зерин бекор ё тағйир дода мешаванд: а) бекор шудани асосҳои татбиқи ин чораҳо; б) татбиқи чораи пешгирии сахттар бо мақсади таъмини иҷрои ҳукм ва ғайра.

Ҳангоми баррасии дастаҷамъонаи парванда қабл аз баровардани қарор машварати судяҳо доир мегардад. Раисикунанда масъалаҳоро бо тартиби дар боло зикргардида барои ҳал пешниҳод мекунад.

Ҳангоми ҳалли ҳар як масъала ҳеҷ яке аз судяҳо ҳуқуқ надорад, аз овоздиҳӣ худдорӣ кунад ба истиснои судяи дар ақаллият қарордошта ҳуқуқ дорад фикри худро оид ба ҳукми баровардашуда хаттӣ баён кунад, ки он ба ҳукм замима гардида, набояд дар толори маҷлиси суд эълон карда шавад. Ҳамаи масъалаҳо бо аксарияти овозҳо ҳал карда мешаванд. Раисикунанда пас аз ҳама овоз медиҳад.

**Эълони ҳукм.** Пас аз имзои ҳукм суд, судя ба толори маҷлиси суд бармегардад ва раисикунанда ё судя ҳукмро эълон мекунад. Ҳамаи ҳозирони толори маҷлиси суд ҳукмро аз ҷой бархоста мешунаванд. Раисикунанда ба судшаванда, тарафҳои дигар мазмуни ҳукм, тартиб ва муҳлати аз он шикоят карданро мефаҳмонад.

Ҳангоми сафед кардани судшаванда, инчунин ҳангоми баровардани ҳукми бо озод кардан аз адои ҷазо ё бе таъини ҷазо ё бо шартан маҳкум кардан ё бо маҳкум кардан ба ҷазое, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд намебошад, судшавандаи ба ҳабс гирифташуда бояд фавран дар толори маҷлиси суд озод карда шавад.

Баъд аз эълони ҳукми суд нусхаи он на дертар аз панҷ шабонарӯз ба маҳкумшуда ё сафедшуда супурда мешавад. Дар муҳлати мазкур нусхаи ҳукм ба ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо бо дархости шахсони зикргардида супурда мешавад.

Ҳамзамон, бо баровардани ҳукм суд бояд масъалаҳои зеринро ҳал кунад:

**а)** агар шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда фарзандони ноболиғ, дигар шахсони дар таъминоташ буда ё падару модари пиронсол, ки бе нигоҳбон мемонанд, дошта бошад, суд ҳамзамон бо баровардани ҳукми айбдоркунанда масъалаи ба хешовандони наздик, ё дигар шахсон супоридани ин шахсон ё ҷиҳати

[1] Оид ба масъалаи мазкур ба мавзӯи «Ҳуҷҷатҳо, муҳлатҳо ва хароҷоти мурофиавӣ» нигаред.

ҷойгир намудани онҳо дар муассисаҳои кӯдакона ё ҳифзи иҷтимоӣ қарор ё таъинот барорад. Агар маҳкумшуда молумулк ё манзиле дошта бошад, ки бе нигаҳбон мемонанд, суд ҷиҳати муҳофизати онҳо низ чора андешад.

**б)** агар дар парванда ҳимоятгар мутобиқи таъинот иштирок дошта бошад, суд ҳамзамон бо баровардани ҳукм дар бораи андозаи подошпулӣ, ки судшаванда бояд ба машваратхонаи ҳуқуқӣ супорад, таъинот (қарор) барорад.

**в)** ҳамаи қарорҳои мурофиавии дар боло номбаршуда бояд дар толори маҷлиси суд баъд аз эълони ҳукм ба самъи ҳозирин расонида мешаванд.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

1. Мафҳум ва нишонаҳои ҳукмро шарҳ диҳед.
2. Намудҳои ҳукм кадомҳоянд?
3. Ҳукми айбдоркунанда.
4. Асос барои ҳукми айбдоркунанда кадомҳоянд?
5. Ҳукми сафедкунанда.
6. Ҳукми сафедкунанда кадом вақт бароварда мешавад?
7. Таркибҳои алоҳидаи ҳукмро шарҳ диҳед.
8. Дар бораи эълон кардани ҳукм маълумот диҳед.
9. Суд дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм бояд кадом масъалаҳоро ҳал намояд?
10. Тартиби мурофиавии эълон кардани ҳукм.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**8.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**10.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24.12.2010 с. таҳти № 33.

**11.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ

ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**12.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**3.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.

**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Брусницын Л.В. Применение норм УПК РФ, обеспечивающих безопасность участников уголовного судопроизводства. – М., 2013.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**12.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**13.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**14.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**16.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**17.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**20.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**21.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**22.** Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе: «Ирфон», 2013.

**23.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**24.** Семенцов В.А. Оценка доказательств судом первой инстанции по уголовному делу. – М., 2012.

**25.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**26.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**27.** Франк Л.В. Задержание и арест подозреваемого. – Душанбе, 1963.

**28.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# БОБИ 25.
# ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ

## § 1. Мафҳум ва тавсифи умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ

Пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ – ин шакли махсуси мурофиаи ҷиноятӣ дар суди зинаи якум мебошад.

Мутобиқи м. 353 КМҶ парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ки дар қ. 2 м. 24 КМҶ пешбинӣ шудааст, аз тарафи судяи суди шаҳру ноҳия баррасӣ карда мешавад. Ба ин ҷиноятҳо дохил мешаванд: қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (м. 112 КҶ), лату кӯб (м. 116 КҶ), вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқи муҷовир ва ҳуқуқи дорандагони патент (қ. 1 ва 2 м. 156 КҶ).

Хусусияти ин парвандаҳо пеш аз ҳама дар он аст, ки онҳо чун қоида бо аризаи ҷабрдида оғоз мегарданд (айбдоркунандаи хусусӣ) ва дар вақти оштӣ шудани ҷабрдида бо айбдоршаванда қатъ карда мешаванд.

Айбдоркунандаи хусусӣ шахсе ҳисоб мешавад, ки аз ҷиноят ба ӯ зарар расонида шудааст.

Айбдоркунандаи хусусӣ шахсест, ки бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ба суд ариза дода, дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад, инчунин ҷабрдидаест, ки ҳангоми аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи давлатӣ дар суд айбдоркуниро дастгирӣ мекунад.

Агар ҷабрдида ноболиғ ё ғайриқобили амал бошад, айбдоркунандаи хусусӣ намояндаи қонунии ӯ ба ҳисоб меравад, ки дархост ё шикоят изҳор намудааст.

Айбдоркунандаи хусусӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҷабрдида, ки дар м. 42 КМҶ пешбинӣ шудаанд, ба истиснои ҳуқуқҳои вобаста ба давраи пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ истифода мебарад.

Айбдоркунандаи хусусӣ аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда шахсан ё ба воситаи намояндаи худ истифода мебарад (м. 43 КМҶ).

## § 2. Оғоз кардани парвандаи айбдоркунии хусусӣ

Парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад.

Прокурор дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ ҳуқуқ дорад, сарфи назар аз мавқеи ҷабрдида, таъқиби ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ анҷом диҳад (қ. 4 м. 24 КМҶ).

Ариза бояд инҳоро дар бар гирад:

1) номи судеро, ки ариза ба он супурда мешавад;
2) баёни ҳодисаи ҷиноят;
3) маҳал ва вақти содир кардани ҷиноят бо нишон додани далелҳо;
4) дархост ба суд оид ба қабул карда гирифтани парванда барои пешбурд;
5) маълумот дар бораи шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

6) рӯйхати шоҳидоне, ки даъваташон ба суд зарур аст;

7) имзои шахси арзкарда.

Ариза ба суд бо нусхаҳои баробари шумораи шахсоне, ки дар ҳаққи онҳо парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз мегардад, пешниҳод карда мешавад.

Аз лаҳзаи аризаро барои пешбурд қабул кардани суд шахси онро пешниҳодкарда айбдоркунандаи хусусӣ ҳисобида шуда, ба ӯ бояд ҳуқуқҳои бо м. 43 КМҶ пешбинишуда фаҳмонида шаванд (м. 354 КМҶ).

### § 3. Ваколати суд оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ то оғози муҳокимаи судӣ

Дар ҳолате, ки аризаи пешниҳодшуда ба талаботи қ. 3 ва 4 м. 354 КМҶ ҷавобгӯ набошад, судя бо қарори худ шахси арзнамударо вазифадор мекунад, ки далелҳо пешниҳод кунад, камбудиҳоро бартараф созад ва барои он муҳлат муқаррар мекунад. Ҳангоми иҷро накардани қарор, судя бо қарори худ ҷиҳати баррасӣ қабул намудани аризаро рад намуда, дар ин бора шахси арзнамударо огоҳ месозад.

Ба маҷлиси суд бе сабабҳои узрноке, ки дар қ. 2 м. 224 КМҶ зикргардида (сабабҳои узрноки ба даъват ҳозир нашудани айбдоршаванда инҳо эътироф карда мешаванд: беморӣ, ки ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад; фавтидани хешовандони наздик; офатҳои табиӣ; нагирифтани даъватнома; ҳолатҳои дигаре, ки дар муҳлати муайян ҳозир шудани айбдоршавандаро номумкин месозад), ҳозир нашудани айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ боиси қатъ кардани пешбурди парванда мегардад.

Бо дархости айбдоркунандаи хусусӣ судя бояд ба ӯ дар ҷамъоварии далелҳо мусоидат кунад.

Судя ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои таъини маҷлиси суд дар муҳлати то **ҳафт шабонарӯз** аз лаҳзаи ворид гардидани ариза ба суд вазифадор аст, шахсеро, ки нисбати ӯ шикоят карда шудааст, даъват намуда, ӯро бо маводи парванда шинос кунад ва ҳуқуқҳои судшавандаро дар маҷлиси суд, ки м. 47 КМҶ пешбинӣ намудаанд, аз он ҷумла: дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум ва кассатсионӣ иштирок намудан; сухани охирин гуфтан; бо протоколи маҷлиси суд шинос шудан ва ба он эрод пешниҳод намудан; аз ҳукм, таъинот ва қарори суд, судя шикоят намудан; нусхаҳои қарорҳои шикоятшударо гирифтан; нусхаҳои шикоят ва пешниҳодҳои ба парвандаи ҷиноятӣ овардашударо гирифтан ва ба онҳо норозигӣ изҳор намудан; дар баррасии масъалаҳое, ки ба иҷрои ҳукм вобастаанд, иштирок намудан; инчунин дигар ҳуқуқҳое, ки КМҶ пешбинӣ намудааст, истифода кунад, фаҳмонад ва муайян кунад, ки киҳоро ба сифати шоҳид ва ҳимоятгар ба суд даъват кардан мумкин аст.

Судя вазифадор аст ба тарафҳо имконияти оштӣ шуданро фаҳмонад.

Дар сурати аз ҷониби тарафҳо расидани ариза дар бораи оштӣ пешбурди парванда бо қарори судя қатъ карда мешавад.

Агар тарафҳо бо ҳамдигар оштӣ нашаванд, тибқи қоидаҳои м. 262 КМҶ баррасии парвандаро таъин мекунад (м. 355 КМҶ).

Парванда дар маҷлиси суд аз тарафи судя тибқи қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ баррасӣ карда мешавад.

Муҳокимаи судӣ бояд дар муҳлати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ба суд ворид гардидани ариза сар карда шавад.

Баррасии аризаро оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо баррасии аризаи мутақобила якҷоя пеш бурдан мумкин аст. Якҷоя кардан тибқи қарори судя то оғози тафтиши судӣ иҷозат дода мешавад. Ҳангоми якҷоя кардани аризаҳо дар як пешбурд, шахсоне, ки онро арз кардаанд, дар мурофиа ҳамзамон ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда иштирок мекунанд. Барои омодагӣ ба ҳимоя ва вобаста ба ворид шудани аризаи мутақобила ва якҷоя кардани пешбурд тибқи дархости шахсе, ки нисбати ӯ аризаи мутақобила дода шудааст, парвандаро ба муҳлати на бештар аз се шабонарӯз мавқуф гузоштан мумкин аст.

Пурсиши ин шахсон оид ба ҳолатҳои дар аризаҳо инъикоснамудаашон тибқи қоидаҳои пурсиши ҷабрдида, оид ба ҳолатҳои дар аризаҳои мутақобила инъикосёфта бошад, тибқи қоидаҳои пурсиши судшаванда анҷом дода мешавад.

Айбдоркунӣ дар маҷлиси суд аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ тақвият дода мешавад.

Тафтиши судӣ аз зикри ариза аз тарафи шахси онро арз карда ё намояндаи ӯ оғоз меёбад (м. 356 КМҶ).

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Мафҳум ва намудҳои парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**2.** Тобеияти судии парвандаи айбдоркунии хусусӣ.

**3.** Ҷабрдида ва вазъи ҳуқуқии он дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**4.** Айбдоркунандаи хусусӣ ва вазъи ҳуқуқии он дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**5.** Нақш ва вазъи ҳуқуқии прокурор дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**6.** Ваколати суд оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ то оғози муҳокимаи судӣ.

**7.** Ҷабрдида ва айбдоршаванда дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**8.** Тартиби оғоз намудани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**9.** Оштӣ шудани ҷабрдида ва айбдоршаванда дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

**10.** Аризаи мутақобила ва аҳамияти он дар баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1095.

8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

9. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

10. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабридидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад» аз 23.12.2011 с. таҳти № 10.

11. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

12. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

2. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

3. Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

8. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

9. Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

10. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

11. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

12. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

13. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

14. Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

15. Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законода-

тельства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**16.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**17.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**18.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**19.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**20.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**21.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**22.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**23.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

**24.** Юлдошев Р.Р. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела: проблемы и перспективы : монография. – Душанбе: Издательство «Андалеб-Р», 2016.

**25.** Юлдошев Р.Р., Арипов А.Л. Правовое регулирование полномочий суда по возбуждению уголовного дела : проблемы и перспективы : монография. 2-е изд., испр. и перераб. – Душанбе: Издательство «Ирфон», 2017.

# БОБИ 26.
# ПЕШБУРД ДАР МАРҲИЛАИ КАССАТСИОНӢ

## § 1. Мафҳум ва хусусияти пешбурди кассатсионӣ

Танзими ҳуқуқии пешбурд дар зинаи кассатсионӣ асосан тавассути КМҶ ба танзим дароварда шудааст. Барои дар амалия татбиқ намудани масъалаҳое, ки аз таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ бармеоянд, 23 июни соли 2010 таҳти № 12 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ» қабул карда шуд. Қарори мазкур хусусияти тавсиявӣ ва роҳнамоӣ дошта, барои татбиқи меъёрҳои КМҶ дар марҳилаи пешбурди кассатсионӣ аҳамияти хоса дорад.

Мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 38 КМҶ нисбат ба ҳукми суд, ки эътибори қонунӣ пайдо накардааст, аз ҷониби тарафҳо тибқи тартиби кассатсионӣ шикоят ва эътироз овардан мумкин аст. Тибқи тартиби кассатсионӣ шикоят ва эътирозҳо ба ҳукм, қарор ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди марҳилаи якум баррасӣ карда мешаванд.

Ҳуқуқи шикоят оварданро ба ҳукм, қарор ё таъинот маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгари онҳо ва намояндагони қонунии онҳо, ҷабрдида ва намояндаи ӯ доранд.

Даъвогари гражданӣ, инчунин дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо ҳукм халалдор шудааст, дар қисми ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии халалдоршуда, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд ба ҳукм ва дигар санадҳои судии суди марҳилаи якум дар қисми вобаста ба даъвои гражданӣ шикоят оваранд.

Ҳуқуқи эътироз овардан ба ҳукм ва дигар санадҳои судии суди марҳилаи якум ба прокуроре taаллуқ дорад, ки дар суд ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ баромад кардааст. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурорҳои ВМКБ, шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда ва муовинони онҳо дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд, сарфи назар аз ширкаташон дар мурофиаи судии парвандаи ҷиноятӣ, ба ҳукм эътироз оваранд.

Тибқи талаботи қ. 1 м. 358 КМҶ бо тартиби кассатсионӣ шикоят карда ва эътироз оварда мешаванд аз:

– ҳукмҳои судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба суди ВМКБ, судҳои вилоят ва ҳукмҳои судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе ба суди шаҳри Душанбе;

– ҳукмҳои судҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳукмҳои суди ВМКБ, суди вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳукмҳои судҳои ҳарбии гарнизонҳо ба Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҳукмҳои коллегияҳои судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шикоят ва эътирозҳои кассатсионӣ ба воситаи суде, ки ҳукмро баровардааст, пешниҳод мегардад, аммо бевосита ба марҳилаи кассатсионӣ овардани шикоят ё эътироз ба баррасии шикоят ё эътироз монеъ шуда наметавонад.

Аз ҳукме, ки ҳангоми баррасии такрории парванда бароварда шудааст, бо тартиби умумӣ шикоят ва эътироз овардан мумкин аст.

КМҶ муҳлати ягона барои мавриди шикоят қарор додани ҳукмҳои эътибори қонунӣ пайдонакарда – 10 шабонарӯз муқаррар кардааст. Ин муҳлат аз лаҳзаи эълони ҳукм, барои маҳкумшудаи таҳти ҳабс қарор дошта бошад, аз лаҳзаи ба ӯ супорида шудани нусхаи ҳукм ҳисоб карда мешавад. Дар ҷараёни муҳлати барои шикоят кардан аз ҳукм муайянгардида парвандаро аз суд талаб карда гирифтан мумкин нест. Гузаронидани муҳлати додани шикоят ё эътироз боиси бе баррасӣ мондани онҳо мегардад.

Баҳисобгирӣ, ба охир расидан, инчунин барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда тибқи қоидаҳои дар м. 136-137 КМҶ дарҷгардида анҷом дода мешавад. Мувофиқи м. 136 КМҶ ҷараёни муҳлати мурофиавии бо шабонарӯз ҳисобкардашуда аз шабонарӯзи дигари баъди санаи тақвимӣ ё рӯзи фарорасии ҳодиса, ки бо он оғози муҳлати мурофиавӣ муайян гардидааст, шурӯъ мешавад. Аз ин бармеояд, ки ҷараёни муҳлати 10 рӯза, ки КМҶ муқаррар кардааст, аз шабонарӯзи дигари баъди эълони ҳукм шурӯъ шуда, дар соати 00 (24)-и шабонарӯзи охирин хотима меёбад.

Муҳлат гузаронидашуда ба ҳисоб намеравад, агар то хотимаи он шикоят ё эътироз ба почта ё ба маъмурияти маҳалли баҳабсгирӣ супурда шуда бошанд.

Одатан шикоят ё эътирозе, ки бо гузаронидани муҳлат арз шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода намешаванд.

Бо вуҷуди ин қонунгузор барқарор намудани муҳлати бо сабабҳои узрнок гузаронидашударо имконият медиҳад. Тарафе, ки муҳлатро гузаронидааст, метавонад ба судяе, ки дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ раисӣ кардааст, бо дархост дар хусуси барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда муроҷиат намояд. Сабабҳое, ки боиси гузаронидани муҳлат гаштааст ва асоснок намудани узрнокии онҳо дар дархост ҳатман бояд нишон дода шаванд.

Судяе, ки ҳукми шикоятшавандаро баровардааст, дархостро дар хусуси барқарор намудани муҳлат дар маҷлиси судӣ баррасӣ менамояд. Судя ҳуқуқ дорад, шахсеро, ки дархостро пешниҳод кардааст, барои додани баёнот ё хулоса даъват кунад.

Аз қарори суд дар хусуси рад намудани барқарор кардани муҳлати гузаронидашуда ба суди болоӣ, ки ҳуқуқ дорад, муҳлати гузаронидашударо барқарор ва парвандаро тибқи шикоят ё эътироз баррасӣ намояд, шикоят кардан ва эътироз овардан мумкин аст.

Дар хусуси шикоят ва эътирози дохилшуда судяе, ки ҳукм баровардааст, маҳкумшуда ё сафедшуда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, ҷабрдида ё намояндаи ӯ, инчунин даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро, ба шарте ки эътироз ё шикоят ба манфиати онҳо дахолат кунад, огоҳ намуда,

мефаҳмонад, ки онҳо ҳуқуқ доранд, бо шикоят ё эътироз шинос шаванд ва ба таври хаттӣ эродҳои худро бо шикоят ё эътироз пешниҳод кунанд.

Бо хоҳиши онҳо суд нусхаи эътироз ё шикоятро, ки тарафи дигар додааст, ба онҳо месупорад.

Эродҳое, ки нисбат ба эътироз ё шикоят расидаанд, ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд.

Шикоят кардан ва эътироз овардан эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукмро ба муҳлати хеле дертар мегузорад ва иҷрои он баъди баровардани қарори марҳилаи кассатсионӣ анҷом дода мешавад. То эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм судшавандаро дар толори маҷлиси суд дар ҳолатҳои зерин фавран аз ҳабс озод менамоянд: 1) баровардани ҳукми сафедкунанда; 2) баровардани ҳукми айбдоркунанда бо озод кардан аз адои ҷазо ё бе таъини ҷазо; 3) баровардани ҳукми айбдоркунанда бо шартан маҳкум кардан; 4) баровардани ҳукми айбдоркунанда бо маҳкум кардан ба ҷазое, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд намебошад (м. 349 КМҶ).

Пас аз гузаштани муҳлати барои шикоят ё эътирози ҳукм муайянгардида судяе, ки ҳукмро баровардааст, парвандаро бо шикоят, эътироз ва эродҳои нисбат ба он расида ба суди марҳилаи кассатсионӣ мефиристад ва дар ин бора тарафҳоро огоҳ менамояд.

Шахсе, ки аз ҳукм шикоят кардааст ва эътироз овардааст, ҳуқуқ дорад онро то оғози маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ бозхонад.

Ҳангоми бозхондани шикоят пешбурд дар суди марҳилаи кассатсионӣ қатъ карда мешавад. Дар ҳолати мавриди шикоят қарор гирифтани ҳукм аз ҷониби якчанд шахсони иштироккунандаи парвандаи ҷиноятӣ бозхонд намудани шикоят аз ҷониби на ҳамаи онҳо боиси қатъ карда шудани пешбурд дар суди марҳилаи кассатсионӣ намегардад.

Шахсе, ки аз ҳукм шикоят кардааст ва эътироз овардааст, ҳуқуқ дорад онро тағйир диҳад ё шикоят ё эътирози худро бо далелҳои нав пурра кунад. Зимнан, дар эътирози иловагии прокурор ё дар шикояти шахс дар бораи тағйир додани шикоят, ҳамчунин дар шикояти иловагии ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндагони онҳо, ки пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътироз ба ҳукм пешниҳод шудааст, дар бораи бад кардани вазъи маҳкумшуда, ба шарте ки чунин талаб дар шикоят ё эътирози пештар овардашуда ҷой надошта бошад, масъалагузорӣ намудан мумкин нест.

Аз таъиноти (қарори) суди марҳилаи якум, ба истисно муқаррароти қ. 3 м. 363 КМҶ, аз ҷониби шахсони дар м. 357 КМҶ шикояти хусусӣ пешниҳод кардан ё эътирози хусусӣ овардан мумкин аст.

Мутобиқи қоидаҳои м. 363 КМҶ аз таъиноте (қароре), ки дар рафти муҳокимаи судӣ дар бораи таҳқиқи далелҳо, дархости иштирокчиёни мурофиа, интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ, инчунин риояи тартибот дар толори маҷлиси суд, ғайр аз таъиноти (қарори) дар хусуси ситонидани ҷарима баровардашуда, шикоят ё эътироз карда намешавад. Эрод ба қарорҳои дар боло зикршуда мумкин аст ба тариқи шикояти кассатсионӣ ё эътироз нисбати ҳукм пешниҳод шавад.

Шикояти хусусӣ ё эътироз аз таъиноти (қарори) суди марҳилаи якум аз ҷониби тарафҳо дар муҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи бароварда шуданашон дода шуда, тибқи талаботи боби 39 КМҶ баррасӣ карда мешаванд.

Дар сурати шикоят кардан ва эътироз овардан ба таъиноте (қароре), ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ бо баровардани ҳукм хотима ёфтааст, парванда танҳо пас аз гузаштани мӯҳлати барои шикояти ҳукм муайянгардида ба суди марҳилаи болоӣ фиристода мешавад. Зимнан, агар ба ҳукм шикояти кассатсионӣ оварда шуда бошад, тафтиши шикояти хусусӣ ё эътирози хусусӣ аз ҷониби он марҳилаи судӣ анҷом дода мешавад, ки парвандаро бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ менамояд.

Ҳуқуқи шикоят кардан аз таъиноти суд ва қарори судя, инчунин ба шахсоне тааллуқ дорад, ки дар парвандаи мазкур ба сифати тараф иштирок надоштанд, вале таъинот ё қарор ба манфиати онҳо дахолат мекунад.

## § 2. Тартиби баррасии парвандаҳо ба тариқи кассатсионӣ

Тартиби кассатсионии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади тафтиши қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ё дигар санади судии суди марҳилаи якум, ки эътибори қонунӣ пайдо накардааст ва аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди шикоят қарор гирифтааст, анҷом дода мешавад.

Марҳилаи кассатсионӣ – суде мебошад, ки бо тартиби кассатсионӣ парвандаҳои ҷиноятиро аз рӯйи шикоят ва эътирозҳои кассатсионӣ нисбати ҳукм ё дигар санади судие, ки эътибори қонунӣ пайдо накардааст, баррасӣ менамояд. Предмети тафтиши марҳилаи кассатсионӣ инҳо мебошанд: 1) ҳукм ё дигар санади судии суди марҳилаи якум, ки эътибори қонунӣ пайдо накардааст; 2) ҳолатҳо ва далелҳое, ки ба онҳо санадҳои адолати судӣ асос шудаанд; 3) дурустии татбиқи қонунҳо дар пешбурди тосудӣ ва судӣ.

Фаъолияти марҳилаи кассатсионӣ дар шакли муҳокимаи судӣ анҷом дода мешавад, ки имконияти тафтиш намудани саҳеҳии ҳолатҳои аз ҷониби суди марҳилаи якум муқарраркардашуда ва далелҳоеро, ки асоси санадҳои судии суди марҳилаи якум шудаанд, кафолат медиҳад.

Тибқи м. 364 КМҶ суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯйи шикоят ва эътирозҳои кассатсионӣ қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ва дигар қарорҳои судиро тафтиш менамояд.

Парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ аз тарафи суд дар ҳайати се нафар судя баррасӣ карда мешавад.

Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе бояд парвандаи тибқи шикоят ё эътирози кассатсионӣ расидаро дар мӯҳлати на дертар аз 14 шабонарӯз аз рӯзи ворид шуданаш баррасӣ кунанд. Ҳангоми махсусан мураккаб будани парванда ё дар ҳолатҳои дигари истисноӣ раиси суди дахлдор метавонад бо қарори худ ин мӯҳлатро то 14 шабонарӯз дароз кунад. Ба ақидаи мо мӯҳлати баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи кассатсионӣ бояд аз рӯи категорияҳои ҷиноят муайян карда шавад. Яъне вобаста ба ҳар як категорияи ҷиноят як мӯҳлати муайян вуҷуд дошта бошад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи тибқи шикоят ё эътирози кассатсионӣ воридшударо бояд дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ аз рӯзи ворид шуданаш, баррасӣ намояд. Дар ҳолатҳои истисно раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ метавонанд бо қарори худ ин мӯҳлатро то як моҳи дигар дароз кунанд. Ҳангоми дароз кардани мӯҳлати баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ иштирокчиёни он пешакӣ огоҳ карда мешаванд.

Талаботҳо нисбати шикоят ё эътирози кассатсионӣ дар м. 367 КМҶ дарҷ гардидаанд.

Шикоят ё эътирози кассатсионӣ инҳоро бояд дар бар гирад: 1) номи суде, ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда шудааст; 2) маълумот дар хусуси шахсе, ки шикоят ё эътирозро овардааст (вазъи мурофиавии ӯ), ҷои истиқомат ва маҳалли будубоши ӯ; 3) ҳукм ё дигар қароре, ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда шудааст ва суде, ки ин қарорро баровардааст; 4) ваҷҳҳои шахсе, ки шикоят ё эътироз овардааст, нодурустии ҳукм ё дигар қарор дар чист ва хоҳиши ӯ аз чӣ иборат аст; 5) номгӯйи маводе, ки ба шикоят ё эътироз замима карда шудааст; 6) имзои шахсе, ки шикоят ё эътироз овардааст.

Ҳангоми бо шикоят ё эътирози кассатсионӣ ворид шудани парванда раиси суди марҳилаи кассатсионӣ ё муовини ӯ оид ба парванда ҳайати коллегияи кассатсионӣ ва судяи маърӯзакунандаро таъин намуда, дар айни замон раисикунанда, ҷой ва вақти дар маҷлиси суд баррасӣ намудани парвандаро муайян мекунанд.

Дар бораи ҷой ва вақти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ тарафҳо бояд огоҳ карда шаванд. Масъалаи даъвати маҳкумшудае, ки таҳти ҳабс қарор дорад, аз ҷониби суд ҳал карда мешавад. Маҳкумшудаи таҳти ҳабс қарордошта, ки хоҳиши ширкат кардан дар баррасии шикояташ ё эътирози хилофи манфиати ӯ овардаи прокурор намудааст, бояд ба маҷлиси судии марҳилаи кассатсионӣ оварда шавад.

Ҳозир нашудани шахсоне, ки дар бораи ҷой ва вақти маҷлиси кассатсионӣ сари вақт огоҳ гардидаанд, барои баррасии парванда монеа шуда наметавонад.

Шахсоне, ки мутобиқи қ. 3 м. 357 КМҶ барояшон ҳуқуқи шикоят овардан аз ҳукм дода шудааст, инчунин ҳимоятгари маҳкумшуда (сафедшуда) ё намояндаи ҷабрдида, ки пас аз баровардани ҳукм супориши онҳоро қабул кардаанд, дар ҳама ҳолатҳо ба маҷлиси кассатсионӣ роҳ дода мешаванд. Бо хоҳиши онҳо барои асоснок кардани шикоят ё эътироз ё эрод гирифтан ба онҳо сухан дода мешавад.

Маҷлиси суди марҳилаи кассатсиониро ба се қисм тақсим кардан мумкин аст. Қисми якум, марҳилаи тайёрӣ буда, онро судяе, ки дар маҷлис раисӣ мекунад, мегузаронад. Раисикунанда маҷлиси судро кушода, эълон мекунад, ки кадом парванда ва дар асоси шикоят ё эътирози кассатсионии кӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Пас аз ин раисикунанда муайян мекунад, ки аз рӯйи парванда киҳо ҳозир шудаанд ва баъд суд масъаларо дар бораи имконияти баррасии парванда ҳал менамояд. Сипас раисикунанда ҳайати суд, прокурор ва тарҷумонро эълон мекунад ва ба шахсони ба суд ҳозиршуда ҳуқуқи изҳори рад намуданро фаҳмонда, аз онҳо мепурсад, ки аризаҳои радкунӣ доранд ё не. Оид ба радкунии арзшуда суд таъинот мебарорад. Раисикунанда аз шахсони ҳозиршуда дар бораи дархости онҳо пурсида ва суд аз рӯйи баррасии дархост таъинот мебарорад.

Қисми дуюм, қисми асосии маҷлис мебошад, ки дар он аз рӯйи шикоят ё эътирози кассатсионӣ суд қонунӣ, асоснокӣ ва одилона будани ҳукм ва дигар қарори судиро тафтиш менамояд. Баррасии парванда бо иттилооти судяи маърӯзакунанда оғоз ёфта, ӯ моҳияти парванда ва ваҷҳҳои шикоят ё эътирозро баён менамояд. Пас аз маърӯза шахсони шикоят ё эътироз арзкарда ваҷҳҳои худро асоснок мекунанд. Дар сурати пешниҳоди маводи иловагӣ раисикунанда ё судяи маърӯзакунанда онҳоро эълон мекунад ва барои шиносоӣ ба прокурор ва шахсони дар моддаи 368 КМҶ нишондодашуда медиҳад, ба шарте ки онҳо дар

мурофиа иштирок дошта бошанд. Пас аз ин маҳкумшуда ё сафедкардашуда, ҳимоятгарони онҳо ва намояндагони қонунии онҳо, даъвогари граждание ва ҷавобгари граждание ё намояндагони онҳо, ба шарте ки онҳо дар мурофиа иштирок дошта бошанд, баёнот медиҳанд. Баъди додани баёнот суд хулосаи прокурорро мешунавад.

Қисми сеюми маҷлис – ин баровардан ва эълон кардани таъиноти дар хонаи машваратӣ қабул намудаи суд мебошад.

Тартиби маҷлиси суд, ки м. 291 КМҶ пешбинӣ кардааст, дар пешбурд ба тариқи кассатсионӣ низ паҳн мешавад. Ба монанди суди марҳилаи якум, ҳангоми ба толори маҷлиси суд ворид шудани судяҳо ҳамаи ҳозирин аз ҷой бармехезанд, ҳамаи иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ба суд бо ибораи «Муҳтарам суд» муроҷиат мекунанд, нишондод медиҳанд ва арзи изҳорот мекунанд. Бурдани протоколи маҷлиси судиро дар марҳилаи кассатсионӣ қонун пешбинӣ накардааст.

Дар натиҷаи баррасӣ намудани шикоят ё эътирози кассатсионӣ суди марҳилаи кассатсионӣ таъинот мебарорад. Талаботҳое, ки нисбати сохтор ва мазмуни таъиноти кассатсионӣ пешниҳод карда мешаванд, ба таври муфассал дар қ.қ 1-3 м. 383 КМҶ баён гардидаанд.

Таъиноти кассатсионӣ аз се қисм иборат аст: муқаддимавӣ, баёнӣ ва хулосавӣ.

Дар қисми муқаддимавии таъинот маълумоте, ки дар сархатҳои 1-4 қ. 1 м. 383 КМҶ номбар карда шудаанд, зикр карда мешаванд.

Дар қисми баёнии таъинот мазмуни ҳукми шикоятшаванда, ваҷҳҳои шахсе, ки шикоят ё эътирозро пешниҳод намудааст, норозигии дигар шахсон нисбати онҳо, ваҷҳҳои ҳукми қабулшуда оварда мешаванд.

Дар қисми хулосавии таъинот суди марҳилаи кассатсионӣ яке аз қарорҳои пешбининамудаи м. 371 КМҶ қабул карда истода, мазмуни онро баён менамояд.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ ба эълон намудани танҳо қисми хулосавии таъинот роҳ дода намешавад. Таъиноти аз ҷониби ҳайати суд имзокардашуда пурра дар толори маҷлиси судӣ баъди баргаштани суд аз хонаи машваратӣ эълон карда мешавад.

Таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ аз лаҳзаи эълони он эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва танҳо бо тартиби пешбининамудаи бобҳои 42 ва 43 КМҶ аз нав дида баромада мешавад.

### § 3. Қароре, ки суди марҳилаи кассатсионӣ қабул менамояд

Суди марҳилаи кассатсионӣ шикоят ё эътирозро баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд:

**а)** ҳукмро бетағйир ва шикоят ё эътирозро беқаноат мемонад;

**б)** ҳукмро бекор ва парвандаро қатъ менамояд;

**в)** ҳукмро тағйир медиҳад;

**г)** ҳукмро бекор мекунад ва парвандаро барои тафтиши нав ё ба муҳокимаи нави судӣ мефиристад.

Дар он ҳолате ҳукм ё дигар санади шикоятшавандаро бетағйир, шикоят ё эътирозро бошад беқаноат мемонад, ки агар дар шикоят ё эътирози кассатсионӣ асосҳои кассатсионӣ мавҷуд набошанд ва коллегияи судӣ ба хулоса ояд, ки ҳукм ё дигар санади суди баровардаи суди марҳилаи якум, ки дар доираи шикоят ва

эътирози кассатсионӣ гузаронида шудаанд, ба қонун мувофиқат менамояд ва асосноку одилона мебошад. КМҶ (қ. 2 м. 383) талаб менамояд, ки ваҷҳҳои қарори қабулшуда баён карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки дар таъинот бояд он ваҷҳҳои суд зикр карда шаванд, ки аз рӯйи онҳо шикоят ё эътироз беқаноат мононда шудаанд. Иҷро накардани талаботи мазкур боиси бекор карда шудани таъиноти кассатсионӣ мегардад.

Бекор кардани ҳукм ё дигар санади судии мавриди шикоят қароргирифта ва қатъ намудани парванда. Чунин қарорро марҳилаи кассатсионӣ ҳангоми мавҷуд будани ҳама гуна асосҳое, ки бояд тибқи қ. 1 м. 340 КМҶ боиси баровардани ҳукми сафедкунанда гардад, яъне ҳодисаи ҷиноят вуҷуд надошта бошад; дар кирдори судшаванда таркиби ҷиноят мавҷуд набошад; иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят исбот нашуда бошад, қабул мекунад.

Тағйир додани ҳукм. Марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки парвандаро ба муҳокимаи нави судӣ нафиристода, тағйироти заруриро ба ҳукми суди марҳилаи якум ворид намояд. Қонун (м. 382 КМҶ) фақат шартҳои умумиеро муқаррар менамояд, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо тағйир додани ҳукм бе фиристодани парванда ба марҳилаи якум ҷоиз аст. Чунин ҳуқуқ дар марҳилаи кассатсионӣ дар он вақте пайдо мешавад, ки агар суди марҳилаи якум, ки парвандаро моҳиятан баррасӣ намудааст, қонуни ҷиноятиро нодуруст татбиқ кардааст ё ҷазои таъинкарда ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда мувофиқ нест, маводи дар парванда буда бошанд кофианд, ки ҳукм тағйир дода шуда, қонун оид ба ҷинояти сабуктар татбиқ гардад ва ҷазо сабуктар карда шавад. Агар аз рӯйи парванда ба вайронкуниҳои мурофиавие роҳ дода шуда бошанд, ки ба ҷумлаи асосҳои ҷиддии бекор кардани ҳукм (м. 375 КМҶ) дахл надоранд ва онҳо ба дурустии ҳукми баровардашуда таъсир нарасонидаанд ва таъсир расонида ҳам наметавонистанд, марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки ҳукмро бекор накарда, дар таъиноти худ вайронкуниҳои аз рӯйи парванда роҳдодашударо зикр намояд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад бо кам намудани ҷазо бе тағйир додани бандубасти кирдор маҳдуд шавад, агар суди марҳилаи якум ҷазои вазнинро назар ба оне, ки моддаи дахлдори қисми умумии КҶ пешбинӣ кардааст, таъин карда бошад ё агар нисбати маҳкумшуда ҷазое таъин карда шуда бошад, ки гарчанде аз доираи пешбининамудаи моддаи дахлдори қисми умумии КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон набарояд ҳам, вале аз сабаби намуд ё андозаи худ аз ҳад зиёд сахт буданаш ноодилона бошад.

Ҳукмро дар ҳолати сабук кардани ҷазо ё тағйир додани намуди муассисаи ислоҳӣ низ тағйир додан мумкин аст.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ надорад ба ҳукм тағйироте дарорад, ки ба ҳолатҳои дар ҳукми суди марҳилаи якум муқаррар карда нашудаанд ё ин ки ба далелҳои радкардаи он асос карда шуда бошанд.

Ҳолатҳои айбдоркунӣ наметавонанд ба тарафи барои маҳкумшуда вазнинтар тағйир дода шаванд, ҳатто агар ин бо сабук кардани ҷазо алоқаманд бошад ҳам. Марҳилаи кассатсионӣ ҳамчунин ҳуқуқ надорад тағйироте ворид намояд, ки моддаи КҶ аниқ мекунад, ки аз рӯйи он судшаванда маҳкум карда шудааст (масалан: дар вақте ки дар ҳукм қисм ё банди моддае, ки аз рӯйи он шахс маҳкум карда шудааст, нишон дода нашудааст). Дар ин ҳолатҳо ҳукм бояд бекор карда шуда, парванда бошад ба муҳокимаи нави судӣ фиристода шавад.

Амалияи (таҷрибаи) судӣ маҳакҳои мафҳумҳои «ҷинояти хеле вазнин» ва «пурзур намудани ҷазо»-ро кор карда баромадааст.

Тағйир додани айбдоркунӣ ба хеле вазнинтар ҳолатҳое эътироф карда мешаванд, ки агар: 1) дигар меъёри қонуни ҷиноятӣ (модда, қисми модда ё банд) татбиқ карда шавад, ки санксияи он ҷазои хеле сахттарро пешбинӣ менамояд; 2) ба айбдоркунӣ амалҳои иловагие дохил карда мешаванд, ки ба айбдоршаванда нисбат дода шуда, боиси тағйир ёфтани бандубасти ҷиноят ба қонуне мегардад, ки ҷазои хеле сахтро пешбинӣ менамояд ва ё андозаи айбдоркуниро зиёд менамояд, гарчанде ки баҳои ҳуқуқии кирдорро тағйир надиҳад ҳам.

Хориҷ намудани ҳолатҳои алоҳидаи айбдоркунӣ барои он ҷой дошта метавонанд, ки онҳо бо далелҳо тасдиқ нагардидаанд ва ё дар онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд нест. Суди марҳилаи кассатсионӣ қисми холатҳои ба маҳкумшуда аз рӯйи ҳукм нисбат додашударо хориҷ карда истода ва ё бандубастро тағйир дода истода, вазифадор аст, ки масъаларо оид ба тағйир додани ҷазо муҳокима намояд.

Тағйир додани намуд ва андозаи ҷазо (ва ё ҳам ину ҳам он) метавонад бо тағйир додани ҳаҷми воқеии айбдоркунӣ ё баҳои ҳуқуқии он алоқаманд набошад. Масалан, агар суди марҳилаи якум ҳангоми таъин намудани ҷазо бо вайронкунии м. 61 КҶ ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шуданро ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф накунад, марҳилаи кассатсионӣ ҳолатҳои парвандаро ба назар гирифта ҳуқуқ дорад, ки бо назардошти м. 61 КҶ ҷазои таънкардашударо сабук намояд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки шартан маҳкум намуданро татбиқ намуда, зимнан ҳисоб намудани муҳлати санҷиширо аз лаҳзаи эълон намудани ҳукм зикр кунад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ҳақ дорад, ки аз ҳукм татбиқ намудани чораи иловагии ҷазоро (масалан, мусодираи амвол) хориҷ намуда, ҳамчунин андозаи ҷазои иловагиро кам кунад (муҳлате, ки дар давоми он машғул шудан ба фаъолияти муайян манъ карда шудааст ва ғ.).

Агар суди марҳилаи якум ҷазои иловагиро аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо таъин карда, татбиқи онро аз рӯйи ҳеҷ кадоме аз ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилбуда нишон надода бошад, марҳилаи кассатсионӣ вазифадор аст, ки ҷазои иловагиро хориҷ намояд.

Ба маҳкумшуда ҷазои асосиро сабук карда истода, суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад ҳукмро дар қисми ҷазои иловагӣ бе тағйир гузорад.

Ноҷоизии пурзур намудани ҷазо дар суди марҳилаи кассатсионӣ маънои онро дорад, ки суд ҳақ надорад:

– андозаи ҷазои бо ҳукм таъинкардашударо зиёд намояд, ҳатто агар он аз ҷониби суди марҳилаи якум бо вайронкунии қонуни ҷиноятӣ таъин карда шуда бошад ҳам;

– намуди ҷазои интихобкардаи суди марҳилаи якумро бо намуди сахттараш иваз намояд;

– муҳлати ҷазои иловагиро нишон диҳад, агар суди марҳилаи якум онро нишон надода бошад;

– шартан татбиқ кардани ҷазоро, ки суди марҳилаи якум таъин кардааст, бо ҷазое иваз намояд, ки гарчанде хеле сабук бошад ҳам, вале бояд ба таври воқеӣ адо карда шавад;

– муҳлати санҷиширо ҳангоми шартан маҳкум намудан зиёд намояд;

– принсипи дар бар гирифтанро бо принсипи зам кардан иваз намояд, агар ин ба зиёд гаштани ҷазое, ки бояд дар маҷмӯъ адо карда шавад, оварда расонад.

Дар асоси маводи дар парванда буда ва ба таври иловагӣ пешниҳодшуда танҳо ҳолатҳое муқаррар карда шуда метавонанд, ки ҷавобгарии маҳкумшударо истисно, кам ё сабук менамоянд.

Ҳангоми нодуруст татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ суди марҳилаи кассатсионӣ метавонад тағйироти заруриро ба ҳукм ворид намояд, агар вазъи маҳкумшуда бад нашавад.

Татбиқ намудани қонун оид ба ҷинояти начандон вазнин, чун қоида, боиси кам гаштани ҷазо мегардад.

## § 4. Асосҳо барои бекор кардан ва тағйир додани ҳукм дар суди марҳилаи кассатсионӣ

Асосҳои кассатсионии бекор кардан ё тағйир додани ҳукм вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ё моддӣ (ҷиноятӣ) ҳангоми баррасӣ ва ҳал намудани парванда дар суди марҳилаи якум мебошад.

Номгӯи асосҳо барои бекор кардан ва тағйир додани ҳукм дар суди марҳилаи кассатсионӣ дар м. 372 КМҶ оварда шуда, мазмуни ҳар кадоме аз онҳо бошад дар м.м. 373-377 КМҶ кушода дода шудаанд.

Барои бо тартиби кассатсионӣ бекор кардан ё тағйир додани ҳукм инҳо асос шуда метавонанд:

– яктарафа ё нопурра будани тахқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ;

– мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда;

– ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;

– нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ;

– номувофиқии ҷазои таъиншуда ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда.

**Тибқи м. 373 КМҶ таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ яктарафа ё нопурра** эътироф карда мешавад, ба шарте ки зимни анҷом додани он ҳолатҳои барои баровардани ҳукм аҳамияти ҷиддӣ дошта муайян карда нашуда бошанд. Таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ дар ҳама ҳолат яктарафа ё нопурра эътироф карда мешаванд, ба шарте ки доир ба парванда: 1) шахсоне нопурсида монда бошанд, ки нишондодҳои онҳо барои парванда аҳамияти ҷиддӣ доранд ё экспертизае гузаронида нашуда бошад, ки мувофиқи қонун гузаронидани он ҳатмист, ҳамзамон ҳуҷҷатҳое талаб карда гирифта ё далелҳои шайъие, ки дарёфт нагардида ба парванда ҳамроҳ карда нашуда бошанд, ки аҳамияти ҷиддӣ доранд; 2) ҳолатҳое таҳқиқ нашуда бошанд, ки дар таъиноти судӣ парвандаи ҷиноятиро ба тафтиши нав ё муҳокимаи нави судӣ фиристода нишон дода шудаанд; 3) маълумот оид ба шахсияти судшаванда пурра муайян карда нашуда бошад.

**Ба ҳолатҳои воқеии кор мувофиқ набудани хулосаи суд, ки дар ҳукм** ифода ёфтаанд (м. 373 КМҶ) дар он вақте ҷой дорад, ки агар: 1) хулосаи суд бо далелҳое, ки дар маҷлиси суд таҳқиқ шудаанд, тасдиқ нашаванд; 2) суд ҳолатҳоеро, ки ба хулосаи он таъсири ҷиддӣ расонида метавонистанд, ба ҳисоб нагирифта бошад; 3) далелҳои ба ҳам муқобил, ки барои хулосаи суд аҳамияти ҷиддӣ доранд, мавҷуд бошанду дар ҳукм нишон дода нашуда бошад, ки суд бо кадом асосҳо баъзеи ин

далелҳоро қабул кардаасту далелҳои дигарро рад намудааст; 4) хулосаи суд, ки дар ҳукм ифода ёфтаанд, ихтилофҳо дошта бошанду барои ҳал намудани масъалаи гунаҳгор будан ё бегуноҳии шахси маҳкумшуда, ё худ сафедкардашуда, барои дурустии татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ ё барои муайян кардани чораи ҷазо таъсир расонанд ё худ таъсир расонда метавониста бошанд.

Дар ҳамаи ҳолатҳои зикргардида ҳукм бо далелҳои дар суд таҳқиқгардида устувор гардонида нашудааст ва ё дар асосноккунии он ба хатогии мантиқӣ роҳ дода шудааст, ки боиси ихтилофот ва беэътимодии ҳукм гаштааст, махсусан, дар вақте ки ҳангоми таҳлили далелҳо шарҳ дода нашудааст, ки барои чӣ як қисми далелҳо аз ҷониби суд саҳеҳ (аниқ, дуруст) дониста шуда, дигар қисмаш бошад рад (инкор) карда шудааст, ҳамчунин мухолифати байни қисмҳои баёнӣ ва хулосавии ҳукм низ имкон дорад.

**Асосҳои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ чунин вайронкуниҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ** мебошанд, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурди судӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир расонидаанд ё метавонистанд таъсир расонанд.

Тибқи қ. 2 м. 375 КМҶ ҳукм бояд дар чунин ҳолатҳо бекор карда шавад: 1) вақте ки яктарафа ё нопурра будани тафтиши судӣ натиҷаи саҳван аз баррасӣ истисно кардани далелҳои имконпазир ё беасос рад кардани пешниҳоди тараф дар таҳқиқи далелҳое бошад, ки барои парванда аҳамият дошта метавонистанд; 2) таҳқиқ накардани далелҳое, ки бояд ҳатман таҳқиқ шаванд (набудани хулосаи коршинос, ҳангоме ки он ҳатмӣ мебошад, иҷро накардани таъиноти суде, ки парвандаро аз муҳокимаи пешакӣ барои тафтиши иловагӣ фиристодааст ва ғайра).

Дар қ. 3 м. 375 КМҶ чунин вайронкуниҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ номбар карда шудаанд, ки ҳангоми муқаррар кардани онҳо ҳукм дар ҳама гуна ҳолат бояд бекор карда шавад, ба шарте ки: 1) ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи м. 288 КМҶ парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суд қатъ нагардида бошад; 2) ҳукм бо ҳайати ғайриқонунии суд бароварда шуда бошад; 3) парванда дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардида бошад, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қ.қ 3 ва 4 м.м. 280 КМҶ; 4) парванда бе иштироки ҳимоятгар баррасӣ шудааст, ҳангоме ки иштироки ӯ тибқи қонун ҳатмӣ мебошад ё бо тарзи дигар ҳуқуқи айбдоршаванда барои доштани ҳимоятгар вайрон карда шуда бошад; 5) дар суд ҳуқуқи айбдоршаванда (судшаванда) дар бобати истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон вайрон карда шуда бошад; 6) ба судшаванда ҳуқуқи иштирок дар музокираи судӣ пешниҳод нашуда бошад; 7) ба судшаванда сухани охирин дода нашуда бошад; 8) ҳангоми баровардани ҳукм махфӣ будани машварати судяҳо вайрон карда шуда бошад; 9) ҳукм аз тарафи судя ё яке аз судяҳо имзо нашуда бошад; 10) дар парванда протоколи маҷлиси суд набошад.

**Нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ (м. 376 КМҶ).** КМҶ намудҳои вайронкунӣ ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддиро номбар намекунад. Вайронкунӣ ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ метавонад дар татбиқ карда шудани қонуне, ки на бояд татбиқ карда мешуд, дар татбиқ карда нашудани қонуне, ки бояд татбиқ карда мешуд, дар нодуруст маънидод кардани қонун зоҳир гардад.

Қонунгузор фақат ба хатогиҳои аз ҳама бештар ва умумии татбиқи қонуни ҷиноятӣ ишора менамояд, яъне:

**а)** вайрон кардани талаботҳои қисми умумии КҶ;

**б)** татбиқ кардани на он модда ё на он банд ва (ё) қисми моддаи қисми умумии КҶ, ки бояд татбиқ карда мешуданд;

**в)** таъин намудани ҷазои нисбатан сахттар, назар ба оне ки қисми дахлдори қисми умумии КҶ пешбинӣ кардааст.

Ин вайронкуниҳо гуногун мебошанд. Масалан, дар хато татбиқ намудан ё баръакс, татбиқ накардани меъёрҳо оид ба ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно менамоянд, масалан, оид ба расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м. 41 КҶ), оид ба мудофиаи зарурӣ (м. 40 КҶ), оид ба ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят (м. 34 КҶ), оид ба шарикӣ ва дигар ҳолатҳо.

**Номувофиқии ҷазои таъиннамудаи суд (м. 377 КМҶ).** Ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда чунин ҷазо номувофиқ дониста мешавад, ки агар он аз доираи пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ берун набаромада бошад ҳам, вале аз рӯйи намуд ва андозаи худ, чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошад.

## Саволҳо барои худсанҷӣ:

**1.** Мафҳум ва моҳияти пешбурди кассатсионӣ.

**2.** Хусусияти пешбурди кассатсионӣ.

**3.** Ҳуқуқи шикоят оварданро ба ҳукм, қарор ё таъинот кадом иштирокчиён доранд?

**4.** Бо тартиби кассатсионӣ ба кадом санадҳои судӣ шикоят ва эътироз оварда мешавад?

**5.** Тартиби баррасии парвандаҳо ба тариқи кассатсионӣ.

**6.** Суди марҳилаи кассатсионӣ шикоят ё эътирозро баррасӣ намуда, кадом намуди қарорро қабул мекунад?

**7.** Асосҳо барои бекор кардан ва тағйир додани ҳукм дар суди марҳилаи кассатсионӣ.

**8.** Нақши прокурор дар пешбурди кассатсионӣ.

**9.** Мӯҳлати шикоят кардан ва эътироз овардан ба ҳукмҳо.

**10.** Тафовут байни шикоят ва эътироз дар мурофиаи ҷиноятӣ.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

6. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24.12.2010 с. таҳти № 33.

9. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 23.06.2010 таҳти № 12.

10. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


1. Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.
2. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.
3. Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.
4. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.
5. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.
6. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.
7. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
8. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.
9. Апелляция, кассация, надзор: новеллы ГПК РФ, УПК РФ. Первые результаты применения : монография. В 2 ч. / под общ. ред. докт. юрид. наук. Н.А. Колоколова. – М., 2015.
10. Воскобитова Л.А. Система оснований к отмене и изменению приговора в кассационном порядке : учебное пособие. – М., 1985.
11. Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.
12. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.
13. Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.
14. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.
15. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.
16. Мартынчик Е.Г. Охрана прав осужденного в кассационном производстве. – Кишинев, 1979.

**17.** Мельниковский М.С. Составление кассационных и надзорных жалоб по уголовным делам. – М., 1996.

**18.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**19.** Морщакова Т.Г., Петрухин И.Л. Оценка качества судебного разбирательства по уголовным делам. – М., 1987.

**20.** Мониторинг влияния нового УПК Республики Таджикистан на соблюдение прав человека при отправлении уголовного правосудия: анализ законодательства и правоприменительной практики. – Душанбе: Общественный Фонд «НОТАБЕНЕ», 2012.

**21.** Перлов И.Д. Кассационное производство в советском уголовном процессе. – М., 1968.

**22.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**23.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**24.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**25.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**26.** Результаты мониторинга практики применения Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011.

**27.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**28.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**29.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# БОБИ 27.
# БА ИҶРО РАСОНИДАНИ ҲУКМ, ТАЪИНОТ ВА ҚАРОР

## § 1. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷрои ҳукм

Иҷрои ҳукм – давраи ниҳоии мурофиаи ҷиноятӣ буда, аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм оғоз ёфта, амалҳои мурофиавӣ ва қарорҳои судро, ки татбиқи санадҳои адолати судиро таъмин менамоянд, дар бар мегирад.

Худи иҷрои ҳукм берун аз доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ қарор дорад.

Бо мақсади равшан кардани вазифаҳо ва тартиби анҷом додани пешбурд дар давраи мазкур баррасӣ намудани масъалаҳои зерин зарур аст:

**1)** маҳз кадом амалҳо ва қарорҳо аз ҷониби худи суде, ки ҳукмро баровардааст, оид ба иҷрои он анҷом дода мешаванд;

**2)** кадом масъалаҳо метавонанд ҳангоми воқеан иҷро намудани ҳукме, ки бояд аз ҷониби суд бо тартиби мурофиавӣ ҳал карда шаванд, пайдо шаванд;

**3)** кадом судҳо ва чӣ тавр ин фаъолияти мурофиавиро амалӣ менамоянд ва кадом қарорҳоро мебароранд.

Бояд фаъолияти мурофиавии судро дар давраи иҷрои ҳукм ва иҷрои воқеии ҳукмро аниқ фарқ кард. Охирин қисман аз ҷониби худи суд, аммо асосан аз ҷониби мақомоти дахлдори маъмурии давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо амалӣ карда мешавад ва ин фаъолият берун аз доираи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Вай бо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба тартиб андохта мешавад.

Дар айни замон мақомоти давлатие, ки амалан ҳукмро иҷро менамоянд, метавонанд амалҳои мурофиавии ҷиноятиро анҷом диҳанд ва зимнан ваколату уҳдадории дахлдорро дошта бошанд. Масалан, маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ҳақ дорад, ки ба суд бо пешниҳод оид ба шартан пеш аз муҳлат озод кардани шахсе, ки қисми муайяни ҷазоро адо намудааст ва худро мусбӣ нишон додааст, муроҷиат намояд, ки вобаста ба ин байни суд ва шахс, ташкилоте, ки ба суд муроҷиат кардааст, муносибатҳои дахлдори мурофиавӣ ба миён меоянд. Намояндаи муассисае, ки ҳукмро иҷро менамояд, ҳақ дорад, ки ҳамчунин дар маҷлиси суд иштирок намояд.

Барои иҷрои ҳукм ҳамчун давраи мурофиаи ҷиноятӣ аломатҳои зерин хос аст:

**1.** Дар ин давра вазифаҳои мушахассе, ки аз вазифаҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд, ҳал карда мешавад. Хусусият ва мазмуни онҳо бо аҳамияти ҳукм ҳамчун санади адолати судӣ, ки эътибори умумиҳатмӣ дорад, зарурияти сари вақт ва пурра иҷро намудани он сабаб шудаанд.

Судя уҳдадор аст:

а) фавран баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм онро барои иҷро нигаронад, яъне ҳукмро ба муассиса, мақомоти бевоситаи иҷрои ҷазо фиристад;

б) масъалаҳои мурофиавиро ҳал намояд, агар онҳо дар рафти иҷрои воқеии ҳукм ба миён оянд;

в) дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун, бевосита ҳукмро пурра ё қисман иҷро намояд.

**2.** Дар давраи иҷрои ҳукм доираи муайяни субъектон иштирок менамоянд.

**3.** Фаъолияти суд ҳангоми ҳал намудани масъалаҳое, ки ҳангоми иҷрои ҳукм ба миён меоянд, яке аз шаклҳои амалӣ намудани адолати судиро ифода менамояд. Вай бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад, ба воситаи гузаронидани маҷлисҳои судӣ амалӣ карда мешавад, ки дар рафти онҳо масъалаҳое баррасӣ ва ҳал карда мешаванд, ки ба татбиқи ҳукм дахл дошта, тақдири минбаъдаи маҳкумшударо муайян менамоянд.

Дар давраи иҷрои ҳукм бисёр принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ифодаи худро меёбанд. Қонуният бо татбиқи бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ, КҶ, КИҶҶ ва ба як қатор дигар қонунҳо асос шудааст.

Принсипи ба маҳкумшуда таъмин намудани ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳангоми иҷрои ҳукм дар КҶ ва КМҶ сабт гардидааст, масалан, ҳуқуқи дархост кардан оид ба шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан, иваз кардани ҷазо ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар, ба таъхир андохтани иҷрои ҳукм, дар бораи бардоштани доғи судӣ ва ғ., инчунин ҳуқуқи шахсан иштирок намудани маҳкумшуда ё ҳимоятгари вай ҳангоми аз ҷониби суд баррасӣ намудани дархости арзкардашуда.

Зимнан ҳукм бетағйир мемонад, ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо раво нест. Масъалаҳоро оид ба шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан, ба таъхир андохтани иҷрои ҳукм, тағйир додани низоми адои ҷазо вобаста аз рафтори маҳкумшуда ва ғ. ҳал карда истода, суд баҳои ҳуқуқии худро қонунӣ, асоснокии худи ҳукм намедиҳад. Дар он ҳолатҳое, ки суд, масалан, шартан пеш аз мӯҳлат озод кардан, иваз кардани ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар ва ғайраро рад менамояд, вай мазмуни ҳукмеро, ки иҷрои воқеии он бе тағйир давом меёбад, дигар намекунад.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорие, ки тартиби баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба иҷрои ҳукмро пешбинӣ менамоянд, 30 июни соли 2011 таҳти № 1 қарор дар бораи пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукмро қабул намуд. Қарори мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, истифодаи он ҳангоми марҳилаи иҷрои ҳукм ҳамчун роҳнамо аз аҳамият дур нест.

### § 2. Тартиби иҷрои ҳукм, таъинот ва қарори суд

Ҳукми суди марҳилаи якум пас аз гузаштани мӯҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, ба шарте ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда нашуда бошад, эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва бояд ба иҷро расонида шавад. Дар сурати шикоят ё эътироз овардан ба тариқи кассатсионӣ ҳукм, ба шарте ки бекор карда нашуда бошад, дар рӯзи баровардани таъинот эътибори қонунӣ пайдо мекунад (м. 386 КМҶ).

Судяе, ки мурофиаи судиро дар давраи иҷрои ҳукм анҷом медиҳад, уҳдадор аст, ки амалҳои зеринро иҷро намояд:

1) ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда, баровардани ҳукми айбдоркунанда бо озод кардан аз адои ҷазо ё бе таъини ҷазо ё бо шартан маҳкум кардан ё бо маҳкум кардан ба ҷазое, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд намебошад, судшавандаи ба ҳабс гирифташударо бояд фавран дар толори маҷлиси суд озод намояд (м. 349, 387 КМҶ);

2) то ба иҷро расонидани ҳукм раисикунанда ё раиси суд имконияти вохӯрии маҳкумшудаи тахти ҳабс қарордоштаро бо хешовандони наздикаш бояд таъмин намоянд;

3) дар давоми се шабонарӯз судя нусхаи ҳукми айбдоркуниро барои иҷро намудан ба мақомоте, ки ҷазоро иҷро менамоянд, - муассисаҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мефиристад. Дар сурати бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ намудани парванда, тағйир додани ҳукми суди марҳилаи якум, ба нусхаи ҳукм нусхаи таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ замима карда мешавад.

Ҳукм, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шахрвандон ҳатмӣ буда, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба иҷро расонида шаванд.

Иҷрои ҳукм, таъинот ва қарор ба зиммаи суде гузошта мешавад, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст. Фармоиши иҷрои ҳукм аз тарафи судя якҷоя бо нусхаи ҳукм ба он мақомоте, ки тибқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иҷрои ҳукм ба зиммааш гузошта шудааст, ирсол мегардад. Дар сурати бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ намудани парванда тағйир додани ҳукми суди марҳилаи якум ба нусхаи ҳукм нусхаи таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ замима карда мешавад.

Мақомоти иҷрокунандаи ҳукм фавран ба суде, ки ҳукмро баровардааст, аз иҷрои он хабар медиҳанд. Маъмурияти муассисаи ислоҳӣ судеро, ки ҳукм баровардааст, бояд аз маҳалли адои ҷазо аз тарафи маҳкумшуда огоҳ созад. Маъмурияти маҳалли адои ҷазо вазифадор аст яке аз хешовандони наздики маҳкумшударо огоҳ созад, ки ӯ барои адои ҷазо ба куҷо равон карда мешавад.

## § 3. Пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукм

Иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба салоҳияти мақомот ва муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатии ба он ваколатдоркардашуда мансуб аст. Тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазои ҷиноятиро КИҶҶ аз 6 августи соли 2001 муайян менамояд.

Дар рафти иҷрои ҳукм масъалаҳои зиёде ба миён омада метавонанд. Қисме аз онҳо тибқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби маъмурияти мақомот ва муассисаҳое, ки ҷазоро иҷро менамоянд ҳал карда мешавад (масалан, оид ба иҷозат додани вохӯрӣ, оид ба нисбати маҳкумшудагон истифода намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотӣ). Аммо масъалаҳои аз ҳама

бештар муҳимеро, ки бевосита ба ҳуқуқи маҳкумшуда дахолат менамоянд, қонунгузор ба салоҳияти суд мансуб донистааст. Тартиби аз ҷониби суд баррасӣ ва ҳал намудани масъалаҳои вобаста ба иҷрои ҳукмро боби 41 КМҶ муайян менамояд.

Ҳукм ҳамаи масъалаҳоеро, ки дар м. 335 КМҶ пешбинӣ шудаанд, бояд дар бар гирад. Дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда ё сафедкунанда бояд талаботи м. 344, 346, 347 КМҶ ҳатман ҳаллу фасли худро ёфта, тарзе ифода карда шаванд, ки ҳангоми иҷрои ҳукм мушкилоте ба миён наояд.

Судҳо масъалаҳоеро, ки ҳангоми иҷрои ҳукм ба миён меоянд, аз ҷумла мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм, озод кардан аз адои ҷазо вобаста ба бемории вазнин, ки ба адои ҷазо халал мерасонад, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо, татбиқи қонунҳои авф, ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо, иваз кардани корҳои ислоҳӣ ва ҷарима бо намудҳои дигари ҷазо, қатъ кардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, аз як намуди муассисаи ислоҳӣ ба намуди дигари муассисаи ислоҳӣ гузаронидани маҳкумшуда, баҳисобгирии муҳлати дар муассисаи табобатӣ гузаронидашуда ба муҳлати адои ҷазо, иҷрои ҳукм дар сурати мавҷуд будани ҳукмҳои дигари иҷронашуда, инчунин дигар гумонҳо ва норавшаниҳоро ҳал менамоянд.

Мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм тибқи талаботи м. 390 КМҶ танҳо нисбат ба шахсоне татбиқ мегардад, ки ба ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардидаанд.

Бинобар ин, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ҳангоми маҳкум гардидани шахс ба дигар намуди ҷазоҳо, аз ҷумла ҷазоҳои иловагӣ имконнопазир аст.

Бемории вазнини маҳкумшуда, ки ба адои ҷазо халал мерасонад ва яке аз асосҳои мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ба ҳисоб меравад, бояд бо хулосаи тиббӣ тасдиқ карда шавад. Дар сурати нокифоя ё ин ки норавшан будани хулосаи тиббӣ, инчунин шубҳаовар будани натиҷаи ташхиси беморӣ ба маҷлиси судӣ мумкин аст духтуроне, ки барои вазъи саломатии маҳкумшуда хулоса додаанд, даъват карда шаванд. Ҳангоми бо ин асос мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм судя метавонад муассисаи табобатиеро, ки маҳкумшуда дар он табобат мегирад, уҳдадор намояд, ки баъди шифо ёфтани маҳкумшуда судро сари вақт огоҳ созад. Иҷрои ҳукм дар ҳолати бемории вазнини маҳкумшуда то шифо ёфтани ӯ мавқуф гузошта мешавад[1].

Ҳомиладор будани маҳкумшуда ё ин ки фарзанди то синни ҳаштсола доштани ӯ низ асос барои мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ба ҳисоб рафта, дар ин мавридҳо иҷрои ҳукм то ба синни ҳаштсолагӣ расидани фарзанд мавқуф гузошта мешавад. Ҳолатҳои зикршуда бояд бо маълумотномаи тиббӣ ё ин ки шаҳодатномаи таваллуди кӯдак тасдиқ карда шаванд.

Нисбат ба занони барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкумшуда, новобаста аз он ки ҳомиладоранд ё ин ки кӯдаки хурдсол доранд, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм мумкин нест.

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукм».

Ҳолатҳои истисноие, ки дар сархати 3 қ. 1 м. 390 КМҶ нишон дода шудаанд (сӯхтор ё дигар офатҳои табиӣ, бемории вазнин, марги ягона аъзои қобили меҳнати оила) маҳдуд набуда, ҳангоми муайян намудани он ки фавран ба адои ҷазо шурӯъ кардани маҳкумшуда ба ӯ ё ин ки аъзои оилаи ӯ оқибати вазнин меорад, суд метавонад дигар ҳолатҳоро низ ҳамчун ҳолатҳои истисноӣ эътироф намояд. Дар ин маврид иҷрои ҳукм мумкин аст то шаш моҳ мавқуф гузошта шавад.

Тибқи талаботи қ. 2 м. 390 КМҶ, агар фавран пардохтани ҷарима барои маҳкумшуда ғайриимкон бошад, пардохти онро ба муҳлати то шаш моҳ дароз кардан ё ба давраҳо тақсим кардан мумкин аст.

Ғайриимкон будани пардохти фаврии ҷарима ин ҳолате ба шумор меравад, ки пардохти ҷарима ба маҳкумшуда ё аъзои оилаи ӯ боиси дар ҳолати ногувори моддӣ қарор гирифтани онҳо, ё ин ки бинобар сабаби муваққатан имконияти пардохт надоштани маҳкумшуда фаҳмида мешавад. Дароз намудани муҳлати пардохти ҷарима ё ба давраҳо тақсим кардани он аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукм ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сурате, ки маҳкумшуда дар муҳлати дарозкардашуда ё ба давраҳо тақсимкардашуда ҷаримаро пардохт накунад, суд чораҳои маҷбурии ситонидан ё ин ки иваз намудани онро ба дигар намуди ҷазо андешад.

Масъалаи мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм аз ҷониби суд дар асоси дархости маҳкумшуда, намояндаи қонунии ӯ, хешовандони наздик, ҳимоятгар ё бо пешниҳоди прокурор, дароз ё ба давраҳо тақсим кардани муҳлати пардохти ҷарима бошад, бо иловаи хулосаи иҷрочии суд баррасӣ мегардад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи озод кардан аз адои ҷазо бинобар бемории вазнини маҳкумшуда, ки ба адои ҷазо халал мерасонад, судя дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда, инчунин дигар ҳолатҳоро (хислатномаи маҳкумшуда, оё маҳкумшуда қаблан аз адои ҷазо озод шудааст ё не, муносибати ӯ ба табобат дар ҷои адои ҷазо) мавриди санҷиш қарор медиҳад.

Озод кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо бинобар бемории вазнин дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар бемории ӯ ба Пешниҳоди №1-и рӯйхати бемориҳое, ки барои аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшудагон асос мегарданд ва бо фармони якҷояи вазирони тандурустӣ ва адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2003 таҳти №335/89 «Дар бораи аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшудагон бо сабаби беморӣ» тасдиқ гардидааст, дохил карда шуда бошад.

Ҳангоми ба бемории руҳӣ гирифтор шудани маҳкумшуда, ки имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро аз даст додааст, бояд ҳатман аз адои ҷазо озод карда шавад. Ҳамзамон, дар ин маврид масъалаи нисбати маҳкумшуда татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ё ин ки супоридани ӯ ба парастории мақомоти тандурустӣ ё хешовандони наздик ҳал карда мешавад.

Бинобар бемории вазнин мумкин аст маҳкумшуда на фақат аз адои ҷазои асосӣ, балки аз адои ҷазои иловагӣ низ озод карда шавад.

Тибқи м. 392 КМҶ шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 76 КҶ аз ҷониби суди маҳалле, ки маҳкумшуда ҷазоро адо мекунад, бо пешниҳоди якҷояи мақомоти иҷрои ҷазо ва комиссияи назоратӣ (комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак) татбиқ карда мешавад. Нисбат ба

онҳое, ки ҷазоро дар қисми ҳарбии интизомӣ адо мекунанд, чунин чораҳо аз ҷониби суд бо пешниҳоди фармондеҳии қисми ҳарбии интизомӣ татбиқ мегарданд.

Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо нисбат ба шахсоне, ки то ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содир кардаанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 91 ва 92 КҶ аз ҷониби суд бо пешниҳоди якҷояи мақомоти иҷрои ҷазо ва комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ё комиссияи назоратӣ татбиқ карда мешавад.

Дар пешниҳоде, ки ба суд равон карда мешавад, бояд маълумот дар бораи рафтори маҳкумшуда, муносибати ӯ ба меҳнат ва таҳсил дар давраи адои ҷазо дарҷ гардида бошад. Ҳамчунин, ба пешниҳод ҳуҷҷати шахсии маҳкумшудаи ноболиғ замима мегардад.

Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо танҳо нисбат ба маҳкумшудагоне татбиқ карда мешаванд, ки воқеан қисми муҳлати дар қонун муқарраргардидаи ҷазоро адо карда бошанд, бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ислоҳ шудани худро собит созанд, шахсони то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содирнамуда бошанд илова бар ин бо муносибати худ нисбат ба таҳсил тасдиқ намоянд, ки онҳо бе адои пурраи ҷазо ислоҳ гардидаанд.

Рад кардани пешниҳод оид ба шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо наметавонад бо ҳолатҳои дар қонун пешбининагардида асоснок карда шавад (масалан, сабук будани ҷазои таъингардида, надоштани ҷойи истиқомати доимӣ, ба гуноҳ иқрор набудан ва ғайра).

Дар сурати шартан пеш аз муҳлат озод кардан ё ин ки иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар мумкин аст маҳкумшуда аз ҷазои иловагии таъиншуда низ озод карда шавад. Суд дар баробари шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан метавонад ба зиммаи маҳкумшуда уҳдадориҳои дар қ. 4 м. 392 КМҶ пешбинишударо гузорад, ки инҳоянд: 1) бе иҷозат тағйир надодани маҳалли истиқомат; 2) нарафтан ба ҷойҳои муайян; 3) гузаштани курси муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ва ё бемориҳои таносулӣ; 4) расонидани ёрии моддӣ ба оила; 5) иҷрои уҳдадориҳои дигаре, ки барои ислоҳи ӯ мусоидат мекунанд.

Дар баррасии мавод оид ба шартан пеш аз муҳлат озодкунӣ ё иваз намудани муҳлати адонагардидаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар иштироки намояндаи мақомоти иҷрои ҷазо, инчунин маҳкумшуда ҳатмӣ мебошад.

Дар сурати рад кардани пешниҳод оид ба шартан пеш аз муҳлат озод кардан танҳо баъди се моҳ такроран ба суд бо ҳамин масъала муроҷиат намудан имконпазир аст.

Мувофиқи талаботи м. 393 КМҶ агар то гузаштани муҳлати санҷиш шахси шартан маҳкумшуда бо рафтораш ислоҳшавии худро собит карда бошад, суд бо пешниҳоди мақомоте, ки аз болои рафтори шартан маҳкумшуда назорат мекунад, метавонад дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судии маҳкумшуда қарор қабул намояд.

Суд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 7 м. 71 КҶ, яъне агар маҳкумшуда дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ

роҳ дода барои содир намудани он ба ӯ ҷазои маъмурӣ таъин шуда бошад ё ашаддӣ аз уҳдадориҳое, ки суд ба зиммааш гузоштааст, саркашӣ намояд бо пешниҳоди мақомоти дар қ. 1 моддаи мазкур зикргардида дар бораи бекор кардани шартан маҳкумкунӣ ва барои адои ҷазои мутобиқи ҳукм таъиншуда фиристодани маҳкумшуда қарор қабул мекунад.

Рад кардани пешниҳод оид ба бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо наметавонад мақомоти ба рафтори маҳкумшуда назораткунандаро аз такроран муроҷиат намудан ба суд бо ҳамин масъала маҳрум намояд.

Тибқи м. 395 КМҶ дар сурати ашаддӣ саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ё ин ки аз пардохти ҷарима суд онҳоро ба дигар намуди ҷазоҳои вазнинтари дар КҶ пешбинигардида иваз менамояд.

Ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ ин ҳолате ба ҳисоб меравад, ки агар маҳкумшуда баъди хаттӣ огоҳ намудан такроран қоидаҳо ва шартҳои адои ҷазоро (ба кор бе сабабҳои узрнок ҳозир нашавад, дар ҳолати сархушӣ аз машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва дигар моддаҳо ҳозир гардад, аз ҷойи истиқоматаш бе огоҳ кардани нозироти корҳои ислоҳӣ ғайб занад ва ғайраҳоро) вайрон намояд.

Мувофиқи талаботи м. 31 КИҶҶ ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима бошад, ин ҳолате ба ҳисоб меравад, агар маҳкумшуда ҷаримаро дар давоми сӣ рӯз пардохт накарда бошад ва даромаду молу мулки худро аз ситонидани маҷбурӣ пинҳон дошта бошад.

Дар ин ҳолатҳо мумкин аст тибқи талаботи қ. 5 м. 49 КҶ ҷазои ҷарима ба корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ва қ. 3 м. 52 КҶ ҷазои корҳои ислоҳӣ ба маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шаванд.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи қ. 9 м. 49 КҶ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки бо тартиби пешбининамудаи қ.қ. 6, 7 ва (ё) 8 моддаи мазкур таъин ё иваз карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) танҳо ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд.

Иваз намудани ҷазои ҷарима ба дигар намуди ҷазо ҳангоми ашаддӣ саркашӣ кардани маҳкумшуда аз пардохти он дар сурате мумкин аст, агар ҷарима ба сифати ҷазои асосӣ таъин гардида бошад.

Ҳангоми иваз кардани ҷазои корҳои ислоҳӣ ва ҷарима ба дигар намуди ҷазо ва фиристодани маҳкумшуда ба колонияҳои ислоҳӣ суд бояд ҳолатҳои саркашӣ кардани маҳкумшударо аз адои ҷазо, чораҳои андешидашудаи нозироти корҳои ислоҳӣ ва иҷрочии судро ҷиҳати таъмини иҷрои ҷазо, инчунин огоҳ будан ё набудани маҳкумшударо аз оқибати саркашӣ намудан аз адои ҷазо муайян намояд.

Ҳамзамон, ҳангоми иваз намудани ҷазоҳои ҷарима ва корҳои ислоҳӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, низоми адои ҷазо набояд дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт таъин карда шавад. Зеро дар ин маврид ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазои нав таъингардида ба ҳисоб намеравад ва низоми адои ҷазо бояд дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ муқаррар карда шавад.

Тибқи м. 396 КМҶ қатъ кардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ки бо адои ҷазо ҳамроҳ карда шудааст, аз ҷониби суд бо пешниҳоди мақомоти

иҷрокунандаи ҷазо, ки ба хулосаи комиссияи духтурони равонпизишкӣ асос ёфтааст, анҷом дода мешавад.

Масъалаҳои оид ба қатъ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ доштаро суде, ки чунин чораҳоро татбиқ кардааст ё ин ки суди маҳалли иҷрои он ҳал менамоянд.

Мувофиқи м. 397 КМҶ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 5 м. 80 КИҶҶ аз як намуди муассисаи ислоҳӣ ба намуди дигари муассисаи ислоҳӣ гузаронидани маҳкумшуда аз ҷониби суд тибқи аризаи шахси маҳкумшуда ё бо пешниҳоди сардори муассисаи ислоҳӣ анҷом дода мешавад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи гузаронидани маҳкумшуда аз маҳбас ба колонияи ислоҳӣ, аз колонияи ислоҳии дорои низоми махсус ба колонияи ислоҳии дорои низоми сахт, аз колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт, пурзӯр ва умумӣ ба колонияи ислоҳии сукунат судя бояд муайян намояд, оё маҳкумшуда мӯҳлати бо қонун муқарраргардидаи ҷазоро адо кардааст, оё қонунгузории иҷрои ҷазо гузаронидани ӯро истисно накардааст ва ҳамчунин маводро оид ба устувор будани маҳкумшуда дар роҳи ислоҳшавӣ санҷида барояд.

Гузаронидани маҳкумшуда аз колонияи ислоҳии сукунат ба колонияи ислоҳие, ки қаблан барои ӯ муқаррар гардида буд, аз колонияи ислоҳии сукунат нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятро аз беэҳтиётӣ содир намудаанд ба колонияи ислоҳии дорои низоми умумӣ, аз колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ, пурзӯр, сахт ва махсус ба маҳбас дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар суд вайронкунии ҷиддии талаботи низоми муқарраршударо дар ҷои адои ҷазо ошкор намояд.

Гузаронидани маҳкумшуда аз колонияи тарбиявӣ ба колонияи ислоҳӣ бояд ҳамчун чораи ниҳоӣ барои расидан ба мақсади ҷазо дониста шуда, дар ин маврид бояд муайян карда шавад, ки рафтори маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо ва таъсири ӯ ба дигар маҳкумшудагон чӣ гуна буд. Ҳамчунин, бояд дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда ва шумораи доғи судии доштаи ӯ ба инобат гирифта шавад.

Ҳангоми гузаронидани маҳкумшудае, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидааст ба колонияи ислоҳӣ ҳамзамон бояд масъалаи шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардани ӯ бо ба инобат гирифтани дараҷаи хавфнокии ҷиноят, мӯҳлати воқеии адои ҷазо, маълумот дар бораи ислоҳшавии ӯ муҳокима карда шавад.

Мутобиқи м. 398 КМҶ мӯҳлати дар муассисаи табобатӣ қарор доштани маҳкумшуда ба мӯҳлати адои ҷазо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар суд аризаи маҳкумшуда ё пешниҳоди сардори муассисаи ислоҳиро дар хусуси гузаронидани маҳкумшуда аз маҳбас ба колонияҳои ислоҳӣ ва аз колонияҳои ислоҳӣ ба колонияи ислоҳии сукунат рад намояд, баррасии такрории ариза ё пешниҳод оид ба ҳамин масъала баъди гузаштани шаш моҳ аз рӯзи қабули қарор дар бораи рад кардани ариза ё пешниҳод имконпазир аст.

Тибқи м. 399 КМҶ, агар дар ҳаққи маҳкумшуда якчанд ҳукми иҷронашуда мавҷуд бошад ва суде, ки ҳукми охиринро баровардааст ин масъаларо ҳал накарда бошад суде, ки ҳукми охиринро баровардааст ё суди ҳамноми маҳалли иҷрои ҳукм вазифадор аст, дар бораи нисбати маҳкумшуда татбиқ кардани ҷазоҳоро аз рӯйи ҳамаи ҳукмҳои зикршуда дар асоси м. 68 КҶ таъинот (қарор) қабул кунад,

яъне таъини ҷазо аз рӯйи ҳамаи ҳукмҳои иҷронашуда судро лозим аст, ки дар ин маврид аз рӯйи қоидаҳои умумии таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо амал намояд.

Агар мӯҳлати умумии ҷазоҳо зиёда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодиро ташкил диҳад, масъала аз ҷониби ҳайати дастаҷамъонаи суд баррасӣ карда мешавад.

Иҷрои ҳукм дар сурати мавҷуд будани ҳукмҳои дигари иҷронашуда дар ҳолате ба миён меояд, ки агар барои суди ҳукми охиринро бароварда мавҷуд будани дигар ҳукмҳои иҷронашуда нисбати ҳамин маҳкумшуда муайян нагардида бошад.

Агар зимни иҷрои якчанд ҳукмҳои ба қувваи қонунӣ даромада, ки нисбати ҳамон як маҳкумшуда қабул гардидаанд, бо тартиби назоратӣ яке аз ин ҳукмҳо бекор карда шаванд, он гоҳ судро лозим аст аз маҷмӯи ҷазоҳои таъингардида ҷазои бо ин ҳукм таъиншударо хориҷ намояд.

Алоқаманд будани ҷазои бо ҳукми нав таъингардида бо ҷазои ҳукми иҷронашуда, ки ба суд маълум буд ҳамчун нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, асос барои бекор гардидани ҳукми нав қабулшуда мегардад.

Мувофиқи талаботи м. 400 КМҶ масъалаҳои мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм, озод намудан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани мӯҳлати ҳукми айбдоркунӣ, иваз намудани маҳдуд кардани озодӣ ва ҷарима бо чораҳои дигари ҷазо, ҳамчунин тамоми гумонҳо ва норавшаниҳое, ки ҳангоми иҷрои ҳукм ба вуҷуд меоянд, аз ҷониби суде, ки ҳукмро баровардааст ҳал карда мешаванд.

Агар ҳукм берун аз ҳудуди фаъолияти суде, ки ҳукмро баровардааст иҷро карда шавад, ин масъалаҳо аз ҷониби суди ҳамном ва дар сурати дар ноҳияи иҷрои ҳукм мавҷуд набудани суди ҳамном аз тарафи суди болоӣ ҳал карда мешаванд. Дар ин ҳолат нусхаи қарори иҷрои ҳукм ба суде, ки ҳукмро баровардааст, фиристода мешавад.

Масъалаҳои озод намудан аз адои ҷазо бо сабаби бемории вазнин, шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод намудан, иваз кардани қисми адонагардидаи ҷазо бо ҷазои нисбатан сабуктар, қатъ намудани татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббии ба адои ҷазо ҳамроҳ кардашуда, аз як намуди муассисаи ислоҳӣ ба намуди дигари муассисаи ислоҳӣ гузаронидани маҳкумшуда аз тарафи суди маҳалли адои ҷазо, сарфи назар аз он ки ҳукм аз ҷониби кадом суд бароварда шудааст, ҳал карда мешаванд.

Масъалаҳои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо – мутобиқи м. 71 КҶ ва 393 КМҶ, доир ба шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан – мутобиқи м. 76 КҶ ва 392 КМҶ аз ҷониби суди ноҳиявии маҳалли зисти маҳкумшуда ҳал карда мешаванд.

Ба ғайр аз масъалаҳое, ки возеҳу равшан дар м. 400 КМҶ муқаррар карда шудаанд, судҳо инчунин ҳуқуқ доранд тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи м. 401 КМҶ он шубҳаҳою норавшаниҳоеро ҳаллу фасл намоянд, ки дар натиҷаи камбудии ҳукм ба миён омадаанд ва ҳаллу фасли онҳо ба моҳияти ҳукм таъсир нарасонида, вазъи маҳкумшударо бадтар намесозанд. Аз ҷумла: 1) дар бораи татбиқи санади авф, агар татбиқи он ҳатмӣ буда, суд ҳангоми қабули ҳукм ин масъаларо

мавриди муҳокима қарор надода бошад; 2) дар бораи бекор кардани чораи пешгирӣ, агар ҳангоми сафед ё маҳкум кардани судшаванда, ки бо озод намудан аз адои ҷазо вобаста аст ва дар ҳукми судӣ оид ба бекор кардани чораи пешгирӣ қайд нашуда бошад; 3) масъалаи бекор кардани чораҳо марбут ба таъмини даъвои граждани ё мусодираи молу мулк дар сурате, ки ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда ё рад кардани даъво ё ин ки татбиқ накардани мусодираи молу мулк чораҳои мазкур бекор карда нашуда бошанд; 4) дар бораи ба муҳлати адои ҷазо ҳисобӣ кардани муҳлати ҳабси пешакӣ дар сурате, агар чунин ҳисобӣ дар ҳукми судӣ қайд карда нашудааст ё ин ки мавриди ҳисобӣ кардани он ба носаҳеҳӣ роҳ дода шуда бошад; 5) ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани ҷазои адошуда ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ба шарте чунин ҳисобӣ бо ҳукми судӣ анҷом дода нашудааст ё ин ки носаҳеҳ нишон дода шудааст; 6) оид ба тақдири далелҳои шайъӣ, агар ин масъала аз ҷониби суд ҳал карда нашуда бошад; 7) дар бораи муайян кардани андозаи хароҷоти судӣ ва тақсимоти он дар сурате, агар масъалаи мазкур бо ҳукми судӣ ҳалли худро наёфта бошад; 8) агар пардохти хизмати ҳимоятгар, ки дар парванда бо таъиноти суд иштирок намудааст, дар якҷоягӣ бо баровардани ҳукм ҳал карда нашуда бошад; 9) агар шахси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда фарзандони ноболиғ, дигар шахсони дар таъминоташ буда ё падару модари пиронсол, ки бе саробон мемонанд дошта, суд масъалаи ба хешовандони наздик ё дигар шахсон супоридани онҳо ё ҷиҳати ҷойгир намудани ин шахсон дар муассисаҳои кӯдакона ё ҳифзи иҷтимоӣ ё ин ки масъалаи муҳофизати молумулк ё манзили маҳкумшударо, ки бе саробон мемонанд, дар ҳукм ҳал накарда бошад; 10) дар бораи аз ҳабс озод намудани молу мулки ба ҳабс гирифташуда, ки тибқи қонун ба он рӯёниш татбиқ карда намешавад; 11) оид ба муайян кардани низоми муассисаҳои ислоҳӣ нисбати шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, агар дар ҳукм низоми муассисаҳои ислоҳӣ муқаррар карда нашуда бошад, дар ин ҳолат суде, ки ҳукм баровардааст ё суде, ки дар ҳудуди ҷойгиршавии муассисаҳои ислоҳӣ қарор дорад низоми муассисаҳои ислоҳиро, ки маҳкумшуда дар он адои ҷазо менамояд, тибқи КИҶҶ муайян мекунад. Дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ, суд метавонад ба тариқи зикргардида низоми муассисаи ислоҳиро сабуктар таъин кунад, лекин наметавонад низоми сахттар таъин намояд; 12) ҷиҳати аниқ кардани мансаб ё намуди фаъолият, агар дар ҳукми судӣ ҳангоми таъини ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол намудани мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, мансаб ё ин ки намуди фаъолият дақиқ муайян нашуда бошад; 13) оид ба бартараф кардани хатогиҳое, ки дар ҳукм ҳангоми навиштани ному насаб ё дигар маълумот нисбати маҳкумшуда роҳ дода шудааст, инчунин ислоҳи иштибоҳ ва хатогиҳои ошкори арифметикӣ дар сурате, ки ислоҳоташон ягон гуна шубҳа ба миён намеоварад.

Ба ғайр аз ин, судҳо метавонанд ба тариқи м. 401 КМҶ дигар норавшаниҳое, ки пас аз қабули ҳукм бо сабаби тағйир ёфтани ҳолатҳо ва шартҳо дар лаҳзаи иҷрои он ба миён меоянд бартараф намоянд, аз ҷумла: а) иҷро накардани ҳукм дар қисми мусодираи молу мулк дар сурате, ки бо санади авф маҳкумшуда пурра аз адои ҷазо озод шудааст ва дар рӯзи нашри санади авф ҳукм дар қисми мусодираи молу мулк ба иҷро расонида нашудааст; б) мусодираи молу мулки иловатан дарёфтшудаи маҳкумшуда, ки то қабули ҳукм ба даст

овардааст ва бояд мутобиқи қонун мусодира карда шавад, ҳамзамон молу мулке, ки пас аз баровардани хукм бо маблағи пулӣ ё ин ки аз ҳисоби молу мулке, ки дар асоси ҳукм бояд мусодира карда шаванд, ба даст овардааст. Масъалаи мазкур бо пешниҳоди прокурор ҳал карда мешавад; в) аниқ кардани номгӯйи молу мулк ва предметҳое, ки бояд дар асоси ҳукми судӣ мусодира карда шаванд, агар бо ҳукм мусодираи молу мулк ба маҳкумшуда таъин карда шуда бошад; г) баргардонидани маблағи пулие, ки аз шахсони ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда рӯёнида шудааст, дар сурате, агар ҳукм минбаъд аз ҷониби суди болоӣ бекор карда, пешбурди парванда пас аз қисман ё пурра аз тарафи маҳкумшуда адо намудани корҳои ислоҳӣ қатъ шуда бошад; д) ба ташкилоти ҷамъиятӣ ё коллективи меҳнатӣ супоридани шахсони шартан маҳкумшуда барои аз нав тарбия ва ислоҳшавӣ додан дар сурате, агар ба суд аз тарафи онҳо пас аз қабули ҳукм дархости дахлдор ворид гардида бошад.

Мутобиқи талаботи м. 401 КМҶ ҳамаи масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм, ба истиснои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо озод кардан аз адои ҷазо аз тарафи судя танҳо ҳал карда мешаванд.

Дар баррасии масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм прокурор, маҳкумшуда, агар дар қисми даъвои граждании алоқамандӣ дошта бошад даъвогари гражданӣ, дар баррасии масъалаҳои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, иваз кардани қисми адонагардидаи ҷазо бо ҷазои нисбатан сабуктар, гузаронидани маҳкумшуда аз як намуди муассисаи ислоҳӣ ба намуди дигари муассисаи ислоҳӣ намояндаи мақомоти иҷрои ҷазо, ҳангоми баррасии масъалаи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо нисбат ба маҳкумшуда ба маҷлиси суд намояндагони мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат менамояд, даъват карда мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки парванда аз тарафи суд бо пешниҳоди якҷояи мақомоти иҷрои ҷазо, комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ё комиссияи назоратӣ ё ин ки бо пешниҳоди бо комиссияҳои мазкур мувофиқашудаи мақомоти иҷрои ҷазо баррасӣ карда мешавад, судя ба ин мақомот доир ба вақт ва маҳалли баррасии пешниҳод хабар медиҳад.

Баррасии парванда бо маърӯзаи судя (ё раисикунанда ҳангоми баррасии дастаҷамъона) оғоз шуда, сипас баёноти шахсони ба маҷлис ҳозиршуда шунида мешаванд.

Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии масъалаи марбут ба иҷрои ҳукм суд таъинот ва судя қарор мебарорад, ки бояд дар толори маҷлиси суд эълон карда шавад. Нусхаи таъинот (қарор) дар муҳлати панҷ шабонарӯз ба маҳкумшуда, прокурор, мақомоте, ки бо пешниҳоди он масъалаи марбут ба иҷрои хукм баррасӣ гардидааст, ҳамчунин ба даъвогари гражданӣ, ба шарте, ки масъалаи иҷрои ҳукм ба даъвои гражданӣ дахл дошта бошад, равон карда мешавад.

Тибқи банди 6 м. 84 КМҶ агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад.

Барои бардоштани доғи судӣ ба суд бояд нусхаи ҳукми тасдиқкардашуда, таъиноти (қарори) суди болоӣ, маълумотнома дар бораи адои ҷазои асосӣ ва

иловагӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори вобаста ба маводи мазкур пешниҳод карда шаванд.

Дар баррасии дархост оид ба бардоштани доғи судӣ иштироки шахсе, ки дархостро пешниҳод кардааст ҳатмӣ мебошад.

Новобаста аз он ки шахс аз ҷониби кадом суд маҳкум карда шудааст, дархости ӯ оид ба бардоштани доғи судӣ аз ҷониби суди маҳалли истиқоматаш баррасӣ мегардад.

Дар сурати рад кардани бардоштани доғи судӣ танҳо баъди гузаштани як сол такроран ба суд бо ҳамин масъала муроҷиат намудан мумкин аст.

Аз болои санадҳои қабулгардида доир ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба иҷрои ҳукм прокурор, маҳкумшуда, намояндаи қонунӣ ва ҳимоятгари ӯ метавонанд дар муҳлати 10 шабонарӯзи пас аз қабули онҳо эътироз ё шикояти кассатсионӣ оваранд.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Мафҳуми давраи иҷрои ҳукм.

**2.** Тартиби мурофиавии иҷрои ҳукмро шарҳ диҳед.

**3.** Дигар санадҳои судӣ чӣ тавр иҷро карда мешаванд?

**4.** Мақомотеро номбар кунед, ки уҳдадор аст ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаро ба иҷро расонад.

**5.** Барои иҷрои ҳукм ҳамчун давраи мурофиаи ҷиноятӣ кадом аломатҳои хос мансубанд?

**6.** Мавқуф гузоштани иҷрои ҳукмро шарҳ диҳед.

**7.** Озод кардан аз адои ҷазо вобаста ба бемории вазнин, ки ба адои ҷазо халал мерасонад чӣ тавр ҳал карда мешавад?

**8.** Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазоро шарҳ диҳед.

**9.** Ҳукми сафедкунанда чӣ тавр ба иҷро расонида мешавад?

**10.** Барҳам хурдан ва бардоштани доғи судӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**8.** Қарори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24.12.2010 с. таҳти № 33.

**9.** Қарори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукм» аз 30.06.2011 с. таҳти № 1.

**10.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

### Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**3.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Адаменко В.Д. Процессуальные стадии, связанные с реализацией приговора, определения и постановления суда. – Кемерово, 1993.

**10.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**12.** Добровольская Т.Н. Деятельность суда, связанная с исполнением приговоров. – М., 1979.

**13.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Матвиенко Е.А. Приговор и его исполнение. – Минск, 1968.

**18.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**19.** Перлов И.Д. Исполнение приговора. – М., 1963.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**21.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**22.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**23.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**24.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**25.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**26.** Шарипов Т.Ш. Институт уголовного осуждения в уголовном праве : развитие, юридическая природа, применение. – Душанбе : ТГНУ, 1997.

**27.** Шрипов Т.Ш. Институт условного неприменения наказания в уголовном праве : проблемы теории, законодательства. – М. : Издательство «Проспект», 2008.

# БОБИ 28.
# ПЕШБУРД ДАР МАРҲИЛАИ НАЗОРАТӢ

## § 1. Мафҳум ва моҳияти пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ

Фасли X КМҶ ду бобро дар бар мегирад, ки пешбурдро дар суди марҳилаи назоратӣ ва аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда ба танзим медарорад. Ин бобҳо тартиби аз нав дида баромадан, санҷидани қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаро ба танзим медароранд, ки ҳамзамон онҳоро давраҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ меноманд.

Санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда барои иҷро ҳатмӣ мебошад, онро танҳо бо тартиби назоратӣ ё бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда бекор карда ё тағйир додан мумкин аст.

Пешбурд дар марҳилаи назоратиро ба монанди аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда ба дараҷаи пешбурди истисноӣ мансуб мебошад. Чун қоида, ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда бояд иҷро карда шавад. Аз нав дида баромадани чунин ҳукм танҳо дар ҳолатҳои истисноие, ки қонун пешбинӣ кардааст, имконпазир аст.

Пешбурд дар марҳилаи назоратӣ фаъолияти суди болоиро оид ба санҷидани санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда дар ҳолати ворид шудани шикояти шахсони манфиатдор ё эътирози прокурор нисбати ғайриқонунӣ, беасосӣ ё ноодилона будани ин санади судӣ ифода менамояд.

Предмети аз нав дида баромадан ба тартиби назоратӣ санадҳои судие мебошанд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд. Бинобар ин предмети аз нав дида баромадан метавонад дар як вақт ҳукм, таъиноти марҳилаи кассатсионӣ ва ҳатто қарори марҳилаи назоратӣ (агар парванда ба марҳилаи болоии назоратӣ ворид шавад) бошад.

Аз нав дида баромадан бо тартиби назоратӣ кафолати муҳими ҳуқуқ ба ҳимояти судӣ, яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тарафи айбдоркунӣ ва аз тарафи ҳимоя мебошад.

Эҳтимол аст, ки аз нав дида баромадан бо тартиби назоратӣ, ки метавонад дар судҳои марҳилаи назоратӣ ҷой дошта бошад, барои судяҳои ҳамаи судҳо аҳамияти муҳим дорад, зеро дар санадҳои судии судҳои марҳилаи назоратӣ хулосаҳо оид ба роҳ додан ба вайронкуниҳои қонун аз рӯйи парвандаи баррасишаванда ва роҳҳои ислоҳ намудани онҳо асоснок карда мешаванд.

Санадҳои судие, ки аз ҷониби судҳои парвандаро бо тартиби назоратӣ баррасикунанда қабул карда шуда, масъалаҳои дар таҷрибаи судӣ ба миён омадаро инъикос менамоянд ва барои баровардани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо дар асоси қонун масъалаҳои дар таҷрибаи

судҳо ба миёномада, аз он ҷумла ҳангоми санҷидани санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ тавзеҳ дода мешаванд, асос мебошанд.

Омӯзиши қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳое, ки ҳангоми баррасӣ бо тартиби назоратӣ қабул карда шуда, дар Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд, барои фаҳмидани моҳият ва вазифаҳои пешбурд дар марҳилаи назоратӣ, бартараф намудани хатогиҳое, ки аз ҷониби судҳои поёнӣ роҳ дода мешаванд, зарур аст.

Бояд ба он диққат дод, ки дар КМҶ тартиби ба тариқи назоратӣ аз нав дида баромадан ба таври ҷиддӣ тағйир дода шудааст, то ки ин марҳилаҳо ҷавобгӯи принсипҳои мурофиавии судӣ бошанд, на ҷавобгӯи фаъолияти маъмурӣ. Бинобар ин, оғоз намудани пешбурди назоратӣ на аз салоҳдиди шахсоне, ки аз рӯйи КМҶ (дар таҳрири 17 августи соли 1961) ҳуқуқи овардани эътирози назоратиро доштанд (прокурор, раиси суд), балки аз қарори судяе, ки шикояти овардаи маҳкумшуда, ҷабрдида, дигар иштирокчии муҳокимаи судӣ ё эътирози прокурорро баррасӣ менамояд, вобастагӣ дорад. Дар баробари он фарқият аз пешбурди кассатсионӣ дар он аст, ки худи ҳолати овардани шикоят ё эътироз судро барои баррасӣ намудани он дар маҷлиси суд уҳдадор наменамояд.

Баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ бо чунин тартибе мегузарад, ки ба шахси шикоят оварда ва ё прокурори эътироз пешниҳоднамуда ё шахси нисбати онҳо норозигӣ оварда имконият медиҳад, ки дар маҷлиси суд иштирок намоянд ва ин иштирок аз салоҳдиди суд, чӣ тавре ки ин аз рӯйи КМҶ (дар таҳрири 17 августи соли 1961) буд, вобастагӣ надорад.

Аз рӯйи КМҶ бо шикояти назоратӣ нисбати санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда метавонанд шахсоне муроҷиат намоянд, ки дар марҳилаҳои гузаштаи муҳокимаи судӣ ба сифати тарафҳо баромад намудаанд. Инҳо маҳкумшуда, сафедкардашуда, ҳимоятгарон ва намояндагони онҳо, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони қонунии онҳо, инчунин дигар шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии онҳо бо санади судӣ халалдор шудааст, буда метавонанд. Эътирози назоратиро прокурорҳое оварда метавонанд, ки дар қисми 2 м. 403 КМҶ зикр карда шудаанд. Тибқи талаботи қ. 3 м. 403 КМҶ Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини таҷрибаи ягонаи судӣ ҳуқуқ дорад бевосита ба суди марҳилаи назоратӣ барои аз нав дида баромадани санадҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ба тариқи назоратӣ эътироз оварад.

Худи ҳолати овардани шикоят ё эътирози назоратӣ уҳдадор наменамояд, ки парванда ба баррасии марҳилаи дахлдори назоратӣ бароварда шавад. Аз рӯйи истилоҳоти қонун шикояти назоратӣ ва эътирози назоратӣ – ин фақат дархост дар назди суд оид ба қабул намудани парванда барои баррасӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки эътирози назоратии прокурор аз шикояти назоратии дигар иштирокчиён ягон хел афзалият (бартарӣ) надорад. Ин яке аз амалишавии принсипи баробарии тарафҳо ба шикояткунии санади судии баровардашуда мебошад. Дархост оид ба аз нав дида баромадани санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда метавонад ба яке аз онҳо (масалан, ҳукм) ё ба якчанд санади судӣ (масалан, ҳукм ва таъиноти марҳилаи кассатсионӣ) дахл дошта бошад.

Эътироз ё шикояти назоратӣ бевосита ба суди марҳилаи назоратӣ, ки ҳуқуқи аз нав дида баромадани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаро дорад, пешниҳод карда мешавад.

Эътироз ё шикояти назоратӣ ба санадҳои судии зерин пешниҳод мегардад:

– оид ба таъиноти суди марҳилаи кассатсионии суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, оид ба ҳукм, таъинот ва қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои шаҳр ва ноҳия – мутаносибан ба раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе;

– оид ба ҳукм, таъинот ва ё қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, оид ба ҳукм, таъинот ва ё қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе, ки ба сифати суди марҳилаи якум қабул кардаанд, ба шарте, ки ин ҳукм, таъинот ё қарор дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии кассатсионӣ қарор нагирифта бошад, оид ба қарори раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе, оид ба ҳукм, таъинот ва ё қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шарте, ки онҳо ба тариқи кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошанд, ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба ҳукм, таъинот ва қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои ҳарбии гарнизонҳо – ба коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– оид ба таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба таъиноти коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ба Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба тариқи назоратӣ аз нав дида баромадани ҳукми айбдоркунанда, таъинот ва қарори суд вобаста ба зарурати татбиқи қонун дар бораи ҷинояти нисбатан вазнинтар, сабукии ҷазо ё бо дигар асосҳо, ки ба бад кардани вазъи маҳкумшуда меоваранд, инчунин аз нав дида баромадани ҳукми сафедкунанда ё таъинот, қарори суд дар бораи қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давоми як сол аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо имконпазир аст.

Эътироз ё шикояти назоратӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад: 1) номи суде, ки ба он шикоят ё эътирози назоратӣ ирсол мегардад; 2) насаб, ном ва номи падари шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратӣ пешниҳод кардааст, маҳалли истиқомат ё маҳалли будубош ва мавқеи мурофиавии ӯ дар парванда; 3) зикри судҳое, ки парвандаро ба сифати суди марҳилаи якум ё марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ баррасӣ намудаанд ва муҳтавои санадҳои судии қабулнамудаи онҳо; 4) зикри санадҳои судӣ, ки таҳти эътироз ё шикояти назоратӣ қарор гирифтаанд; 5) ишора ба вайрон кардани қонун ҳангоми пешбурди парванда; 6) хоҳиши шахсе, ки эътироз ё шикоят пешниҳод кардааст.

Агар эътироз ё шикояти назоратӣ қаблан ба марҳилаи назоратӣ пешниҳод шуда бошад, дар он бояд ба қарори қабулнамудаи суд ишора гардад.

Шикояти назоратиро бояд шахси онро пешниҳоднамуда ё намояндаи ӯ имзо кунад. Ба шикояти назоратӣ, ки намоянда пешниҳод кардааст, ваколатнома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи ваколати намоянда замима мегардад.

Эътирози назоратӣ бояд аз ҷониби прокуроре, ки эътироз овардааст, имзо карда шавад.

Ба эътироз ё шикояти назоратӣ нусхаи санадҳои нисбат ба парванда қабулнамудаи суд ва ҳуҷҷатҳои дигари мурофиавии тасдиққунандаи ваҷҳҳои дар шикоят ё эътироз овардашуда, ки ба таври дахлдор тасдиқ карда шудаанд, замима мегардад.

Маводи иловагии пешниҳодгардида набояд бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба даст оварда шуда бошанд.

Эътироз ё шикояти назоратӣ аз ҷониби судя дар муҳлати як моҳ аз рӯзи воридшавӣ ба суди марҳилаи назоратӣ бе баррасӣ дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад: 1) эътироз ё шикоят ҷавобгӯи талаботи пешбининамудаи м. 406 КМҶ набошад; 2) эътироз ё шикоятро шахсе пешниҳод карда бошад, ки барои муроҷиат ба суди марҳилаи назоратӣ ҳуқуқ надорад; 3) муҳлати пешниҳоди эътироз ё шикоят нисбат ба санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ гузаронида шуда бошад; 4) то қабули эътироз ё шикоят барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар хусуси баргардонидан ё бозхонди онҳо дархост ворид шуда бошад; 5) эътироз ё шикоят бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи м. 404 КМҶ пешниҳод шуда бошад.

Эътироз ё шикояти назоратӣ баъди ба суди дахлдор ворид шудан аз тарафи Раис ё муовини ӯ барои баррасӣ ба судяи ҳамин суд супорида мешавад. Эътироз ё шикояти назоратӣ бояд дар муҳлати 30 шабонарӯз баррасӣ карда шавад. Судя, ки шикоят ё эътирозро меомӯзад, парвандаҳои ҷиноятии дахлдорро аз судҳои поёнӣ талаб менамояд.

Судя эътироз ё шикояти назоратиро омӯхта, яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

– дар бораи беқаноат монондани эътироз ё шикояти назоратӣ;

– дар бораи оғоз намудани пешбурди назоратӣ ва ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ додани эътироз ё шикояти назоратӣ.

Қарори судя бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

– сана ва маҳалли қабул кардани қарор;

– номи суд, насаб, ном ва номи падари судяе, ки қарорро қабул кардааст;

– насаб, ном ва номи падари шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод намудааст;

– ишора ба санадҳои судӣ, ки мавриди шикоят ва эътироз қарор гирифтаанд;

– асосҳои қабули қарор.

Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, раисони суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе ҳуқуқ доранд бо қарори судя дар бораи беқаноат монондани эътироз ё шикояти назоратӣ розӣ нашаванд. Дар ин маврид шахсони номбурда қарори судяро бекор карда, дар асоси сархати дуюми қ. 3 м. 408 КМҶ қарор мебароранд. Эътирози Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар суди марҳилаи назоратӣ баррасӣ мегардад.

Нусхаи қарор ба шахси эътироз ва шикоятоварда равон карда мешавад.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбӣ метавонанд парвандаи ҷиноятиро, ки

санади судии аз рӯйи он қабулшуда эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бо мақсади баррасӣ намудани масъалаи пешниҳоди эътирози назоратӣ аз суди дахлдор талаб намоянд.

Прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда аз судҳои шаҳр ва ноҳия, судҳои ҳарбии гарнизонҳо ҳуқуқи талаб карда гирифтани парвандаҳои ҷиноятиро доранд ва дар мавридҳои зарурӣ ба прокурори болоӣ дар хусуси ба таври назоратӣ овардани эътироз пешниҳод менамоянд.

## § 2. Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳо дар марҳилаи назоратӣ

Парванда ба тариқи назоратӣ дар коллегияҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати се нафар судя, дар раёсати суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баррасӣ карда мешавад.

Дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи назоратӣ инҳо иштирок мекунанд:

– дар Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ;

– дар Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – прокуроре, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор намудааст;

– дар Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё прокуроре, ки Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор намудааст;

– дар раёсати судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе – мувофиқан прокурори Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон ё муовинони онҳо.

Суде, ки парвандаи ҷиноятиро ба тариқи назоратӣ дида мебарояд, ҳуқуқ дорад ё агар зарур шуморад, маҳкумшударо ба маҷлиси суд даъват намояд. Парвандаи ҷиноятӣ аз лаҳзаи ба баррасии суди марҳилаи назоратӣ супурдан дар муҳлати на дертар аз як моҳ бояд баррасӣ карда шавад.

Дар мавридҳои зарурӣ ба маҷлиси суд, ки дар он парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи назоратӣ баррасӣ мегардад, барои додани баёнот маҳкумшуда, сафедкардашуда, ҳимоятгарони онҳо, намояндагони қонунӣ, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, намояндагони онҳо даъват карда мешаванд. Ба шахсони ба маҷлиси суд даъватшуда имконияти бо эътироз шинос шудан дода мешавад.

Парвандаи ҷиноятиро раиси суд ё бо супориши ӯ яке аз аъзои раёсат ё судяе, ки пеш дар баррасии ин парванда иштирок накардааст, маърӯза мекунад. Маърӯзачӣ ҳолатҳои кор, мазмуни ҳукм, таъинот, қарор, эътироз ё шикоятро баён мекунад. Ба маърӯзачӣ аз ҷониби судяҳое, ки парвандаро баррасӣ менамоянд, инчунин прокурор саволҳо доданашон мумкин аст. Агар дар маҷлиси суд маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгарони онҳо, намояндагони қонунӣ, ҷабрдида,

даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо иштирок дошта бошанд, онҳо баъди маърӯзаи судя ҳуқуқи додани баёноти шифоҳиро доранд.

Тарафҳо баъд аз баромади маърӯзачӣ хулосаи прокурорро оид ба эътироз ё шикояти назоратӣ шунида, пас аз он толори маҷлиси судро тарк мекунанд.

Дар муҳокимаи эътироз ё шикоят мувофиқан танҳо аъзои раёсатҳои судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд. Раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе ва Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мебароранд, ки онҳо бо аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои раёсат, ки дар маҷлис иштирок кардаанд, қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробар будани овозҳои тарафдор ва муқобил эътироз ё шикоят дар Раёсати суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе ва Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, радкардашуда эътироф мешавад.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хонаи машваратӣ таъинот мебарорад ва он бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад.

Қисми хулосавии таъиноти баровардашуда дар маҷлиси суд аз ҷониби раисикунанда ё яке аз судяҳо эълон карда мешавад.

### § 3. Таъинот ва қароре, ки суди марҳилаи назоратӣ мебарорад

Дар м. 411 КМҶ муқаррар шудааст, ки дар натиҷаи ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ суд метавонад:

– эътироз ё шикоятро рад намояд;

– ҳукм ва ҳамаи таъиноту қарорҳои минбаъд баровардашударо бекор кунад ва пешбурди парвандаро қатъ намояд ё онро ба тафтиши нав ё ин ки барои баррасии нави судӣ равон кунад;

– таъиноти кассатсионӣ, инчунин таъинот ва қарорҳои минбаъдаи судро, ба шарте ки онҳо бароварда шуда бошанд, бекор кунад ва парвандаро барои аз нав ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ кардан равон кунад;

– таъинот ва қарорҳоеро, ки ба тариқи назоратӣ бароварда шудаанд, бекор кунад ва ҳукми суд ва таъиноти кассатсиониро бетағйир мононад ё ки тағйир диҳад;

– ба ҳукм, таъинот ё қарори суд тағйирот дохил кунад.

Суде, ки парвандаро ба тариқи назоратӣ баррасӣ мекунад, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар м. 35 КМҶ пешбинишуда таъиноти (қарори) хусусӣ мебарорад.

Дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар м. 372 КМҶ нишон дода шудаанд, барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм асос шуда метавонанд.

Таъиноти суди марҳилаи якум, қарори судя, таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ, таъинот ва қарори марҳилаи назоратӣ дар мавридҳое бояд бекор карда шаванд, ки суди эътирозро баррасикунанда эътироф намояд, ки бо ин

таъинот ё қарор суди марҳилаи якум қарори ғайриқонунӣ ё беасос баровардааст ё ки суди болоӣ таъинот, қарор ё ҳукмеро, ки пеш аз ин оид ба ҳамин парванда мавҷуд буд, беасос бетағйир мононадааст, бекор кардааст ё тағйир додааст ё инки агар дар вақти дида баромадани парванда дар суди болоӣ чунин вайронкуниҳои қонун рӯй дода бошанд, ки онҳо ба дурустии таъинот ё қарори баровардаи суди мазкур таъсир кардаанд ё таъсир карда метавонистанд.

Суд дар вақти ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парванда ба ваҷҳҳои эътироз ё шикоят вобаста нест ва вазифадор аст, ки ҳамаи маводи парвандаро дар ҳаҷми пурраащ санҷида бароял. Агар мувофиқи парванда якчанд кас маҳкум шуда бошаду аммо эътироз ё шикоят фақат дар ҳаққи як нафар ё ки баъзе маҳкумшудагон баён карда шуда бошад, суд уҳдадор аст, ки парвандаро дар ҳаққи ҳамаи маҳкумшудагон санҷида бароял.

Суд дар вақти ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парванда метавонад ҷазоеро, ки дар ҳаққи маҳкумшуда таъин карда шудааст, сабуктар намояд ё худ қонун оид ба ҷинояти сабуктарро татбиқ намояд, низоми адои ҷазоро тағйир диҳад, ба ҳисоб гирифтани саршавии воқеии мухлати адои ҷазо ва масъалаҳои дигари вобаста ба тағйир додани ҳукмро ҳал намояд, аммо ҳуқуқ надорад, ки ҷазоро пурзӯр кунад ё қонун оид ба ҷинояти вазнинтарро татбиқ намояд.

Агар суди марҳилаи назоратӣ эътироф намояд, ки дар суди марҳилаи якум судшаванда нодуруст сафед карда шудааст ё дар суди марҳилаи кассатсионӣ парвандаи ҷиноятӣ нодуруст қатъ карда шудааст, ҳамчунин ҷазое, ки дар ҳаққи маҳкумшуда таъин карда шудааст, ба сабаби сабукиаш ба кирдори содиршуда номувофиқ аст, дар он сурат ҳуқуқ дорад, бо риояи шартҳое, ки дар м. 378 КМҶ муқаррар кардашуда ҳукм ё таъинотро бекор кунад ва парвандаи ҷиноятиро барои баррасии нав мувофиқан ба суди марҳилаи якум ё ки ба марҳилаи кассатсионӣ равон кунад.

Агар беасос қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ё ғайриқонунӣ сабук намудани ҷазои маҳкумшуда дар вақти ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парванда рӯй дода бошад, марҳилаи болоии назоратӣ ҳуқуқ дорад, ки таъинот ё ки қарори марҳилаи поёнии назоратиро бекор кунад ва ҳукми суди марҳилаи якум ё таъиноти марҳилаи кассатсиониро бетағйир мононад.

Дар мавридҳое, ки аз рӯйи парванда якчанд нафар судшаванда маҳкум ё сафед карда шуда бошанд, суд ҳуқуқ надорад ҳукм, таъинот ё қарорро дар ҳаққи он шахсони маҳкумшуда ё сафедкардашуда, ки нисбат ба онҳо эътироз баён карда нашудааст, бекор кунад, ба шарте ки бекор кардани ҳукм, таъинот ё қарор вазъияти онҳоро бад мекарда бошад.

Дастурҳои суди марҳилаи назоратӣ дар вақти баррасии такрории ҳамин парванда барои судҳои поёнӣ ҳатмӣ мебошанд.

Суде, ки парвандаро ба тариқи назоратӣ баррасӣ менамояд, ҳуқуқ надорад ҳолатҳоеро, ки дар ҳукм муайян карда нашудаанд ё ки рад карда шуда буданд, муқаррар кунад ё ин ки исботшуда шуморад, ҳамчунин ҳуқуқ надорад, ки масъалаҳои исботшуда ё исботнашуда будани айбдорӣ, эътибонокӣ ё беэътибории ин ё он далел ва бартарии баъзе далелҳоро назар ба дигарашон, татбиқ намудани ин ё он қонуни ҷиноятиро аз тарафи суди марҳилаи якум ва масъалаи чораи ҷазоро пешакӣ ҳал намояд.

Инчунин суд вақте ки парвандаро ба тариқи назоратӣ баррасӣ карда, таъиноти кассатсиониро бекор мекунад, ҳуқуқ надорад хулосаҳоеро, ки марҳилаи кассатсионӣ мумкин аст дар вақти маротибаи дуюм баррасӣ кардани парванда барорад, пешгӯӣ намояд.

Қароре, ки ҳангоми баррасии парванда Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, ё худ таъиноте, ки коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ё ин ки коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи назоратӣ баровардаанд, бояд ба талаботи м. 383 КМҶ мувофиқ бошад.

Таъинотро ҳамаи ҳайати суд, қарорро – раисикунандаи маҷлиси Раёсат имзо мекунанд.

Таъинот ё қарори суд якҷоя бо эътироз ё шикоят ба парванда ҳамроҳ карда мешавад.

Баъд аз бекор карда шудани ҳукми аввал ё таъиноти суди марҳилаи кассатсионӣ парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи тартиби умумӣ баррасӣ мешавад.

Вазнин кардани ҷазо ё худ татбиқ кардани қонун оид ба ҷинояти вазнинтар дар вақти парвандаро аз нав баррасӣ кардани суди марҳилаи якум фақат ба шарте мумкин аст, ки ҳукм ба тариқи назоратӣ барои сабук будани ҷазо ё худ бинобар зарур будани татбиқ кардани қонун оид ба ҷинояти вазнинтар бекор карда шуда бошад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳуми пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ.
2. Таъиноте, ки суди марҳилаи назоратӣ мебарорад.
3. Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳо дар марҳилаи назоратӣ.
4. Моҳияти пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ.
5. Шахсоне, ки дар суди марҳилаи назоратӣ иштирок мекунанд.
6. Қароре, ки суди марҳилаи назоратӣ мебарорад.
7. Шикоят аз болои таъиноти суди марҳилаи назоратӣ.
8. Эътироз ё шикояти назоратӣ бояд кадом маълумотро дар бар гирад?
9. Муҳлати эътироз ва шикояти назоратӣ.
10. Асосҳои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм, таъинот ва қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**


**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**7.** Қарори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қароре, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд (пешбурди назоратӣ)» аз 24.12.2010 с. таҳти № 32.

**8.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хукми судӣ» аз 24.12.2010 с. таҳти № 33.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**3.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Адаменко В.Д., Береговой И.Е. Судебный надзор и основания отмены, изменения приговора. – Барнаул, 1995.

**10.** Апелляция, кассация, надзор: новеллы ГПК РФ, УПК РФ. Первые результаты применения : монография. В 2 ч. / под общ. ред. докт. юрид. наук. Н.А. Колоколова. – М., 2015.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**12.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**13.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**14.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – Т. 3: Особый по-

рядок уголовного судопроизводств. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**15.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**16.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**17.** Лупинская П.А. Пересмотр приговоров, определений и постановлений, вступивших в законную силу, в порядке судебного надзора. – М., 1978.

**18.** Мартынчик Е.Г. Гарантии прав осужденного в надзорном производстве. – Кишинев, 1989.

**19.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**20.** Перлов И.Д. Надзорное производство в уголовном процессе. – М., 1974.

**21.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**22.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**23.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**24.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**25.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**26.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 29.
# АЗ НАВ САР КАРДАНИ ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БИНОБАР ОШКОР ШУДАНИ ҲОЛАТҲОИ НАВ

## § 1. Моҳият ва асосҳои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав

Аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав дуюмин (баъди пешбурд дар суди марҳилаи назоратӣ) марҳилаи истисноии (махсус) мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар доираи он ҳукм, таъинот ва қарорҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи ҳамаи судҳо ва ҳамаи марҳилаҳои судӣ аз нав дида баромада мешаванд. Марҳилаи мазкур сарчашмаи худро аз Конвенсияи байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ гирифтааст. Мувофиқи қ. 6 м. 14 Конвенсияи мазкур агар ягон шахс бо қарори қатъӣ барои содир кардани ҷиноят маҳкум шуда бошад ва агар ҳукмномаи доир ба ӯ баровардашуда баъдан бекор карда шуда бошад ё гуноҳи ӯ дар ин асос, ки ягон ҳолати нав ё ҳолати азнавошкоргардида бебаҳс мавҷуд будани иштибоҳи судиро исбот намояд, бахшида шавад, агар исбот нашавад, ки ҳолати номаълуми зикршуда дар вақташ танҳо ё қисман бо гуноҳи ӯ ошкор нагардидааст, мувофиқи қонун ҷубронпулӣ мегирад.

Аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суд бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав, вобаста ба тартиби назоратӣ аз нав дида баромадани парвандаҳои ҷиноятӣ бо асосҳо, шартҳои оғоз намудани пешбурд ва оқибатҳои аз нав дида баромадан фарқ мекунад.

Асосҳои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муқаррар кардани ҳолатҳои нав ошкоршуда мебошад.

Ҳолатҳои нав ошкоршуда – ин ҳолатҳои амалан ҳангоми баровардани ҳукм (таъиноти суд, қарори суд) мавҷудбудае мебошанд, ки тибқи рафтори ҷинояткоронаи шахсони мансабдори мурофиаи судии ҷиноятӣ ё дигар иштирокчиён ошкор карда нашуда буданд, ошкор кардани онҳо бошад ҳангоми баровардани ҳукм (таъиноти суд, қарори суд) ба назар гирифта шуда наметавонистанд.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои нав ошкоршуда дар алоқамандии зич бо ҳолатҳое мебошанд, ки бояд аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд. Барои ҳолатҳои нав ошкор шуда ба ғайр аз он, чунин аломатҳо ба монанди номаълум будан, муҳим (ҷиддӣ) будан ва то баровардани ҳукм (таъиноти суд, қарори суд) мавҷуд будан хосанд.

Дар қ. 2 м. 417 КМҶ чунин асосҳои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав муқаррар шудаанд:

**1)** дидаю дониста нишондоди бардурӯғ додани ҷабрдида ё шоҳид, хулосаи коршинос, ҳамчунин қалбакӣ будани далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва суд ва дигар ҳуҷҷатҳо ё дидаю дониста бардурӯғ тарҷума кардан, ки

боиси қабули ҳукм, таъинот ё қарори ғайриқонунӣ ё беасос шудаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

**2)** аъмоли ҷинояткоронаи таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор, ки боиси қабули ҳукм, таъинот ё қарори ғайриқонунӣ ва беасос шудаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

**3)** аъмоли ҷинояткоронаи судяҳо, ки ҳангоми баррасии парвандаи мазкур содир кардаанд ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар шудаанд;

**4)** аз ҷониби Суди конститутсионӣ хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудани қонуне, ки суд зимни баррасии парвандаи ҷиноятии мушаххас татбиқ намудааст;

**5)** ҳолатҳои дигаре, ки ба суд ҳангоми баровардани ҳукм, таъинот, ки худ ба худ ё якҷоя бо ҳолатҳои қаблан муқарраршуда дар бораи бегуноҳии маҳкумшуда ё дар хусуси аз тарафи ӯ содир шудани ҷинояти дигари дорои дараҷаи вазнин нисбат ба ҷиноятe, ки барои он маҳкум шудааст ва ё оид ба гунаҳгор будани шахси сафедшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ пешбурди парванда қатъ карда шудааст, шаҳодат медиҳанд ва онҳо дар натиҷаи санҷиш ва тафтиши бо тартиби пешбининамудаи м. 419 КМҶ муқаррар ва дар хулосаи прокурор баён гардидаанд.

Ҳолатҳои дар сархатҳои якум – сеюм зикршуда метавонанд ба ғайр аз ҳукм, таъиноти суд бо қарори судя, прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат, бинобар татбиқи санади авф ё бахшиши ҷазо, бо сабаби фавти айбдоршаванда ё нарасидан ба синне, ки барои ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан мумкин аст, муқаррар карда шаванд.

Ҳолатҳои нав ошкоршуда имконияти на танҳо ба манфиати айбдоршаванда, инчунин ба муқобили манфиатҳои ӯ ҳал шудани парвандаи ҷиноятиро дорад.

## § 2. Мӯҳлат ва тартиби аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав

Барои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав қонун мӯҳлатҳои махсусро муқаррар менамояд.

Тибқи м. 418 КМҶ аз нав дида баромадани ҳукми айбдоркунанда бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда ба нафъи маҳкумшуда бо ҳеҷ гуна мӯҳлат маҳдуд карда намешавад. Фавти маҳкумшуда барои аз нав сар кардани мурофиа бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда бо мақсади сафедкунии ӯ монеъ намегардад.

Аз нав дида баромадани ҳукми сафедкунӣ, таъинот, қарор доир ба қатъи парванда, ҳамчунин аз нав дида баромадани ҳукми айбдоркунӣ бо сабабҳои сабукии ҷазо ё зарурати нисбат ба маҳкумшуда татбиқ намудани қонун оид ба ҷинояти нисбатан вазнинтар танҳо дар давоми мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан, ки дар м. 75 КҶ муқаррар шудаанд ва на дертар аз як сол аз рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои нав мумкин аст.

Мувофиқи қ. 4 м. 418 КМҶ рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои нав ҳисоб карда мешавад:

– рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудани қонуне, ки суд зимни баррасии парвандаи ҷиноятии мушаххас татбиқ намудааст;

– дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои 1-3 қ. 2 м. 417 КМҶ рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм (таъинот, қарор) нисбат ба шахсоне, ки дар додани нишондоди бардурӯғ, пешниҳоди далелҳои бардурӯғ, тарҷумаи нодуруст ё аъмоли ҷинояткоронае, ки ҳангоми таҳқиқ ё баррасии парванда содир шудаанд, гунаҳгоранд;

– дар ҳолати пешбининамудаи сархати 4 қ. 2 м. 417 КМҶ рӯзи аз тарафи прокурор имзо шудани хулосаи аз нав сар кардани пешбурд бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда.

Ҳуқуқи аз нав сар кардани пешбурд бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав ба прокурор тааллуқ дорад.

Аризаҳои шаҳрвандон, хабарҳои шахсони мансабдори муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳо, ҳамчунин маълумоти дар ҷараёни таҳқиқ ва баррасии дигар парвандаҳои ҷиноятӣ ошкоршуда сабабҳои аз нав сар кардани пешбурд бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав мегарданд.

Агар дар ариза ё хабари воридгардида ба мавҷуд будани ҳукми суд, ки он вобаста ба ҳолатҳои дар сархатҳои 1-3 қ. 2 м. 417 КМҶ зикрёфта бароварда шудааст, ишорае бошад, прокурор бо қарори худ пешбурдро бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда аз нав сар мекунад, санҷиши дахлдор гузаронида, нусхаи ҳукм ва маълумотномаи судро оид ба эътибори қонунӣ пайдо кардани он талаб карда мегирад.

Агар дар ариза ё хабар ҳолатҳои дигари дар сархати чоруми қ. 2 м. 417 КМҶ зикр шуда бошанд, прокурор дар ҳадди салоҳияти худ дар бораи аз нав сар кардани пешбурд бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда қарор мебарорад ва ин ҳолатҳоро таҳқиқ мекунад ё дар ин бобат ба муфаттиш супориш медиҳад. Ҳангоми чунин таҳқиқи ҳолатҳои нав ошкоршуда бо риояи қоидаҳои КМҶ метавонанд пурсишҳо, муоинаҳо, экспертизаҳо, ёфта гирифтани ашё ва дигар амалҳои тафтишӣ анҷом дода шаванд.

Аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ё қарори дар марҳилаи аввал баровардашуда ва қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз як моҳ аз лаҳзаи ворид шудани пешниҳод баррасӣ мегардад.

Баъди анҷом ёфтани таҳқиқ ё тафтиши ҳолатҳои нав ошкоршуда, дар сурати мавҷуд будани асосҳо барои аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парванда, прокурор парвандаро бо хулосаи худ, нусхаи ҳукм ва маводи таҳқиқ ба суди дахлдор мефиристад.

Дар сурати мавҷуд набудани асосҳо барои аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парванда прокурор бо қарори далелноки худ пешбурди аз ҷониби ӯ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда оғозгардидаро қатъ мегардонад.

Қарор дар бораи қатъ гардидани пешбурд ба маълумоти шахсони манфиатдор расонида, фаҳмонда мешавад, ки онҳо ҳуқуқ доранд нисбат ба қарор ба суд

шикоят намоянд ва суд мутобиқи м. 413 КМҶ салоҳият дорад масъалаи аз нав сар кардани пешбурдро аз рӯйи парвандаи мазкур бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда ҳал намояд.

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурор доир ба зарурати аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда бо тартиби зайл баррасӣ мегардад:

– дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори суди ноҳия (шаҳр) аз ҷониби раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе;

– дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе аз ҷониби Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар бораи ҳукм, таъинот ва қарори судҳои ҳарбии гарнизонҳо аз ҷониби Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар бораи ҳукм, таъиноти дар марҳилаи аввал баровардашуда ва қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баррасии қаблии парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ ё назоратӣ ба баррасии он дар ҳамон марҳилаи судӣ ҷиҳати аз нав сар кардани пешбурд бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда монеъ намегардад.

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурор дар бораи аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда дар маҷлиси суд мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи м. 410 КМҶ, ки ба ҳайат ва тартиби баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи эътироз ё шикоят бахшида шудааст, баррасӣ карда мешавад.

Суд пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурорро дар бораи аз нав сар кардани пешбурд аз рӯйи парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда баррасӣ карда, яке аз таъиноти зеринро мебарорад:

– доир ба бекор кардани ҳукм, таъиноти суд ё қарори судя ва равон кардани парванда барои гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши иловагӣ ё мурофиаи нави судӣ;

– дар бораи бекор кардани ҳукм, таъинот ё қарори суд ва оид ба қатъи парванда, вақте ки таҳқиқ ва тафтиши иловагӣ ё мурофиаи нави судӣ барои қабули қарори ниҳоӣ аз рӯйи парванда талаб карда намешавад;

– дар хусуси рад кардани пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурор.

Пешбурди тафтиш ва мурофиаи судӣ аз рӯйи парванда баъди бекор кардани қарорҳои суд оид ба он бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда, ҳамчунин шикоят кардан аз қарорҳои нав баровардаи суд ё эътироз намудан ба онҳо бо тартиби умумӣ анҷом дода мешавад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

**1.** Мафҳуми аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав.

**2.** Асосҳои аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав.

**3.** Аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав аз ҷониби кӣ амалӣ карда мешавад?

**4.** Муҳлати аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав.

**5.** Тартиби аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав.

**6.** Амали прокурор баъди анҷоми таҳқиқ ё тафтиш.

**7.** Пешбурди парванда баъди бекор кардани қарорҳои суд.

**8.** Қарорҳои қабулнамудаи суд оид ба пешниҳоди раиси суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хулосаи прокурор.

**9.** Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар ин давра.

**10.** Рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои нав кадомҳоянд?

### Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 с. таҳти № 644.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**8.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24.12.2010 с. таҳти № 33.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

### Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:

**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**3.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**10.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**11.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводств. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**12.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**14.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова:– Душанбе, 2012.

**15.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**16.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**17.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**18.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**19.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**20.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 30.
# ТАРТИБИ ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲО НИСБАТИ НОБОЛИҒОН

## § 1. Мафҳум ва қоидаҳои умумии пешбурд оид ба ҷиноятҳои ноболиғон

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии аксар давлатҳои ҷаҳони имрӯза барои баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон боби алоҳидаро муқаррар кардаанд. КМҶ низ аз ин муқаррарот истисно набуда, дар фасли 16, боби 44 тартиби пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғонро пешбинӣ намудааст.

Асоси ҷудо кардани пешбурди махсус оид ба парвандаҳои ноболиғон дар он ифода меёбад, ки вобаста ба синну сол, ҳолати руҳӣ, вазъи иҷтимоӣ, ҳолати ҷисмонӣ ва дигар ҳолатҳое, ки бо назардошти онҳо ноболиғ наметавонад мустақилона манфиатҳои худро ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ ҳимоя намояд, инчунин аз кафолати мурофиавӣ пурра истифода барад, мебошад[1].

Дар баробари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи ҳуқуқии ноболиғонро санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва қисми таркибии низоми ҳуқуқии он мебошанд, муайян намудаанд. Аз ҷумла: «Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак» аз 20 ноябри соли 1989, «Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки ба иштироки кӯдакон дар муноқишаҳои низомӣ дахл дорад» аз 25 майи соли 2000, «Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ки ба хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакона ва порнографии кӯдакона дахл дорад» аз 25 майи соли 2000, Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии СММ марбут ба анҷомдиҳии адолати судӣ нисбати ноболиғон (қоидаҳои Пекин) аз 10 декабри соли 1985 ва монанди инҳо.

КМҶ низ нисбат ба ноболиғон як зумра кафолати мурофиавиро муқаррар кардааст, ки ин кафолат аз лаҳзаи дастгиркунӣ ва оғози парвандаи ҷиноятӣ то ба анҷом расонидани муҳокимаҳои судӣ аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурда мешаванд.

Кафолати иловагии мурофиавӣ оид ба парвандаҳои ноболиғон, барои анҷом додани тафтиши беғаразона, пурра ва ҳамаҷонибаи ҳолатҳои парванда, муайян кардани омилҳое, ки боиси содир кардани ҷиноят аз ҷониби ноболиғон гардидаанд, объективона ҳал кардани парванда ва дуруст татбиқ кардани чораи таъсиррасонии ҷиноятӣ имконият медиҳанд.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ ноболиғ гуфта шахсе фаҳмида мешавад, ки дар вақти содир кардани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кадааст вале ба

---

[1]Ниг: Уголовный процесс: учебник. 2-изд. / Под ред. В. П. Божеьева. – М., 2009. – С. 443.

синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст (м. 86 КҶ). Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки синни ниҳоии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғон мумкин аст аз 14 солагӣ поён ё боло бошад. Масалан, 10 сол – дар Англия, Австралия, Зеландияи Нав, 12 сол – дар Нидерландия, Юнон, Португалия, 13 сол – дар Фаронса, 15 сол – дар Австрия, Полша, Дания, 7 сол дар Покистон ва ғайра.

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ бо баробари расидан ба синни 18-солагӣ шахс вазъи ҳуқуқии ноболиғро аз даст медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар м. 95 КҶ муқаррар шудаанд. Мувофиқи м. 95 КҶ дар ҳолатҳои истисно, бо дарназардошти кирдори содиршуда ва шахсият, суд метавонад нисбат ба шахсоне, ки дар синни аз 18 то 20 ҷиноят содир намудаанд, муқаррароти ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати ноболиғро татбиқ намояд, ба ғайр аз дар муассисаи тарбиявӣ ё табобатию тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир кардани онҳо.

Хусусиятҳои пешбурди парванда оид ба ҷиноятҳои ноболиғон ба ҳолатҳои зерин низ паҳн мегардад: а) муайян карда шавад, ки шахс як ҷиноятро то расидан ба синни 18 солагӣ ва дигарашро баъд аз он содир кардааст; б) шахс ҳангоми содир кардани ҷиноят ноболиғ буд, вале ҳангоми оғози таъқиби ҷиноятӣ, пешбурди тафтишот ва дигар амалҳои мурофиавӣ, муҳокимаи судӣ ба балоғат расидааст.

Тартиби мурофиа оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон мувофиқи қоидаҳои умумии КМҶ, инчунин бо қоидаҳои махсусе, ки кафолати мурофиавиро нисбати ноболиғон муқаррар мекунад, амалӣ карда мешавад.

Барои дуруст таъмин намудани адолати судӣ аз ҷониби судҳо нисбат ба ноболиғон Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри соли 2002 таҳти рақами № 6 қарор «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон»-ро қабул намуд. Қарори мазкур судҳоро водор намудааст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ноболиғон пурра ва ҳамаҷониба диққати ҷиддӣ диҳанд. Инчунин, парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон одатан аз ҷониби судяҳои ботаҷриба бояд баррасӣ карда шавад. Қарори мазкур ҳарчанд дар асоси КМҶ пешина тартиб дода шуда бошад ҳам, аҳамияти амалии худро гум накардааст ва дар амалияи фаъолияти судҳо мавриди истифода қарор дода шуда истодааст.

Ҳамин тавр пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон мувофиқи КМҶ махсусиятҳои хосаи худро дошта, бо ҳудуди исбот, тарзи пурсиш, тариқи даъваткардани ноболиғ ва ғайра фарқ мекунад.

### § 2. Предмети исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон

Ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳое, ки дар он ноболиғ ба сифати гумонбаршуда ё айбдоршаванда баромад мекунад, дар баробари предмети умумии исбот, инчунин ба ҳолатҳои махсусе, ки предмети исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғонро ташкил медиҳанд, диққати махсус додан зарур аст.

Зери мафҳуми предмети исбот доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон маҷмӯи ҳолатҳое, ки аз рӯи қоидаҳои умумӣ ва бо дар назардошти

дарачаи инкишофи руҳӣ ва иҷтимоии ноболиғи гумонбар муайян карда мешаванд, фаҳмида мешавад. Ба ҳолатҳое, ки предмети исбот доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғонро ташкил медиҳанд, инҳо дохил мешаванд:

**а) синну соли ноболиғ (рӯз, моҳ, соли таваллуд).**

Муайян кардани синну соли ноболиғ яке аз масъалаҳои муҳими мурофиавӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон мебошад. Сарчашмаи иттилоот оид ба муайян кардани синну соли ноболиғ шаҳодатномаи таваллуд ва шиносномаи шаҳрвандӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар парванда нусхаи шаҳодатномаи таваллуд ва ё нусхаи шиносномаи шаҳрвандии ноболиғ бояд ҳамроҳ карда шавад.

Аз ин сабаб КМҶ ва ҳам қарори Пленуми Суди Олӣ дар бораи «Таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон», синну соли ноболиғро чунин муқаррар кардааст, ки мутобиқи м. 90 КМҶ муайян кардани синну соли ноболиғ ба гуруҳи ҳолатҳое дохил мешаванд, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карда шуданашон ҳатмӣ аст. Дар вақти муайян кардани синну соли ноболиғ дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати 00 (сифри) шабонарӯзи дигар мерасад.

Дар ҳолатҳои набудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ё шубҳаовар будани онҳо, бо тартиби муқарраркардаи м. 209 КМҶ барои аниқ кардани синну соли ноболиғ экспертиза таъин карда мешавад. Ҳангоми тавассути экспертизаи судӣ-тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирини ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо номбар шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади камтарин ва баландтарин ба суд лозим аст, ки синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳоро ба инобат гирад.

Ҳамин тавр синну соли ноболиғ аҳамияти муҳими мурофиавӣ дошта, бо рӯз, моҳ ва сол ҳисоб карда мешавад.

**б) шароити зиндагӣ, таълим ва тарбия, дарачаи инкишофи ақлӣ, ирода ва руҳӣ, хислат ва миҷоз, талабот ва завқу рағбат ва дигар ҳолатҳо.**

Муайян кардани шароити зиндагӣ, таълиму тарбия, дарачаи инкишофи ақлӣ, ирода ва руҳӣ, хислат ва миҷоз, талабот ва завқу рағбат ва дигар ҳолатҳо, низ дар парвандаҳо оид ба ноболиғон зарур аст. Ҳангоми тафтиши парванда муфатиш уҳдадор аст маълумотеро, ки тавсифи умумии хислати ноболиғи гумонбар (айбдоршаванда) ифода менамоянд аз ҷойи истиқомат, таҳсил бо таври зерин муайян намояд:

**а)** дар кадом шароит ва бо кӣ ноболиғ зиндагонӣ мекунад;

**б)** муносибати волидайн ё шахсони онҳоро ивазкунанда нисбат ба тарбияи ноболиғ чӣ гунааст;

**в)** кай ва бо ки ноболиғ вақти холигии худро мегузаронад;

**г)** муносибати ноболиғ ба таҳсил ва бо кор чигуна аст;

**д)** муайян кардани омилҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат намудаанд;

**е)** муайян кардани муносибати ноболиғ бо маводи нашъаовар ва нушокиҳои спиртӣ;

Агар ноболиғ дар қайди ШВКД бошад маълум кардан зарур аст, ки аз кай ва барои чӣ ӯ ба қайд гирифта шуда буд. Ва бо кӣ кадом ҳуқуқвайронкуниро содир карда буд ва нисбаташ кадом чораи таъсиррасонӣ таъин шуда буд[1].

Ҳамаи ҳолатҳое, ки шароити ҳаёт ва тарбияи ноболиғро тавсиф менамоянд бояд яко як тафтишу муқаррар карда шаванд.

Дар мавриди пешбурд оид ба ноболиғон, мақомоти тафтишотӣ ва суд мутобиқи талаботи қ. 2 м. 90 КМҶ уҳдадоранд ба муайян кардани камақлии ноболиғ, ки ин камақлӣ ба бемории руҳӣ алоқаманд нест, диққати ҷиддӣ диҳанд, инчунин бояд моҳияти кирдори худро пурра дарк карда тавонистани ӯро ошкор кунанд.

Барои муқаррар кардани ин ҳолат бояд падару модари ноболиғ, муаллимон, мураббиёни ӯ ва шахсони дигаре, ки маълумоти зарурӣ дода метавонанд, пурсида, ҳуҷҷатҳои зарурӣ талаб карда шаванд.

Ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи қафомонии ноболиғ, ки ба бемории руҳӣ алоқаманд нест, бояд аниқ карда шавад, ки оё ӯ ҳаракатҳои худро дарк карда метавонист. Бо мақсади муайян кардани ин ҳолат, экспертизаи судии руҳшиносӣ таъин карда мешавад. Агар натиҷаи экспертиза муайян намояд, ки ноболиғ бар асари қафомонии ақлоние, ки ба бемории руҳӣ алоқаманд нест, дар рафти содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба қадри пурра наметавонист ҳаракати худро дарк намояд ва ё ба он роҳбарӣ намояд вай бояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

**в) таъсири калонсолон ба ноболиғ ҳангоми содир намудани ҷиноят.**

Дар вақти баррасӣ ва ҳалли пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, ки бо иштироки калонсолон содир шудаанд, зарур аст хислати муносибатҳои байни калонсолон ва ноболиғ ба таври дақиқ муайян карда шавад, чунки ин маълумот метавонад барои муайян намудани нақши калонсол дар ҷалб намудани ноболиғ ба содир намудани ҷиноят ё кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ аҳамияти муҳим дошта бошанд. Муайян кардани чунин таъсир барои бандубасти ҷиноят аҳамияти хоса дорад. Зеро, КҶ барои ҷалби ноболиғ ба содир намудани ҷиноят (м. 165 КҶ) ё ҷалби онҳо ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ (м. 166 КҶ) ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

Инчунин ҳангоми бандубасти ҷиноят бояд муайян кард, ки оё калонсол дарк намудааст ё роҳ додааст, ки бо ҳаракатҳои худ ноболиғро ба содир намудани ҷиноят ё дигар кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ҷалб карда истодааст. Агар калонсол ноболиғ будани шахси ба содир намудани ҷиноят ё кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ҷалбнамудаашро намедониста бошад, он гоҳ ӯро бо м.м. 165 ё 166 КҶ ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидан мумкин нест[2].

## § 3. Тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон

Мутобиқ ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дар ҳамаи даврахои мурофиаи ҷиноятӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон қоидаҳои умумӣ

[1] Божьев В.П. Китоби ишорагашта. – С. 446.
[2] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002 таҳти № 6 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон».

ва махсуси мурофиавӣ татбиқ карда мешаванд. Ин қоидаҳо имконият медиҳанд, ки кафолати мурофиавӣ нисбати ноболиғон амалӣ гардад. Бо назардошти ин тафтиши ҷиноятҳои аз тарафи ноболиғон содиргардида, танҳо дар шакли тафтиши пешакӣ гузаронида мешаванд[1].

Дар асоси талаботи қ. 10 м. 161 КМҶ тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки ноболиғон содир кардаанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ гузаронида мешаванд.

Қонун талаб менамояд, ки парванда нисбат ба ноболиғе, ки дар содир намудани ҷиноят якҷоя бо калонсолон иштирок намудааст, дар марҳилаи тафтиши пешакӣ ба тафтиши алоҳида ҷудо карда мешавад. Агар ба тафтиши алоҳида ҷудо кардани парванда нисбати ноболиғ барои тадқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда, монеаи ҷиддӣ ба вуҷуд оварда тавонад, нисбат ба айбдоршавандаи ноболиғе, ки аз рӯи як парванда ба калонсолон ба ҷавобгарӣ кашида шудааст, қоидаҳо пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ноболиғон нисбаташ татбиқ карда мешаванд.

Дастгир кардани гумонбаршуда ё айбдоршавандаи ноболиғ ва ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ танҳо ҳамчун ҳолати истисноӣ дар сурати содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ карда мешавад. Муҳлати нигоҳдошти ноболиғ дар ҳабс дар асоси қ. 3 м. 427 КМҶ метавонад то шаш моҳ дароз карда шавад.

Яке аз кафолати муҳими мурофиавӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон мутобиқи м. 51 КМҶ ин ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар мебошад. Гумонбаршудаи (айбдоршавандаи) ноболиғ бо сабаби хурдсолӣ ва ҳолати руҳи наметавонад худро ҳимоя намояд, маҳз барои ин қонун ин кафолатро пешбинӣ кардааст. Ҳимоятгар аз лаҳзаи дастгиргиркунӣ дар парванда иштирок намуда, ҳангоми гузаронидани ҳамагуна амалҳои тафтишӣ иштирокаш ҳатмӣ мебошад.

Кафолати дигари мурофиавӣ нисбат ба ноболиғон дар давраи тафтиши пешакӣ дар тартиби даъвати он зоҳир мегардад. Дар асоси м. 428 КМҶ гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаи ноболиғе, ки дар ҳабс қарор надорад, ба воситаи падару модар ё намояндаи дигари қонунии вай ва агар ноболиғ дар муассисаи махсуси кӯдакона бошад ба воситаи маъмурияти ин муассиса ба назди муфаттиш ё ба суд даъват карда мешавад. Чунин тартиби даъват кардани ноболиғ қобили қабул буда, ноболиғ дар ҳузури наздиконаш ҳолатҳои ҳисиётиаш кам мешавад.

Вобаста ба вақти пурсиш низ дар давраи тафтишот нисбат ба ноболиғон кафолати мурофиавӣ пешбинӣ шудааст. Пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршавандаи ноболиғ наметавонад дар якрӯз бе танаффус ду соат ва дар маҷмӯъ бештар аз чор соат давом ёбад. Ҳангоми пурсиши ноболиғе, ки ба синни шонздаҳ нарасидааст ва ё ба синни 16 расидаасту ноқисақл мебошад, иштироки омӯзгору коршинос дар раванди тафтишот ҳатмӣ аст. Дар мурофиаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғ иштироки омӯзгор ҳамчун кафолати муҳими мурофиавӣ маҳсуб ёфта, маҳз барои дар як шароити созгор ва бе таъсиррасонии руҳӣ нисбати ноболиғ, инчунин бо усулҳои педагогӣ пурсиши ноболиғро ҷиҳати гирифтани нишондод ба роҳ мемо-

[1] Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд, 2009. – С. 330.

над. Омӯзгор ё равоншинос ҳангоми пурсиши гумонбаршуда айбдоршавандаи калонтар аз шонздаҳсола бо салоҳдиди муфаттиш, прокурор ва ё бо дархости ҳимоякунанда иштирок мекунанд.

Ҳамчунин дар давраи тафтишоти пешакӣ намояндаи қонунии ноболиғ низ метавонад иштирок намояд. Иштироки намояндаи қонунии ноболиғ дар парвандаи ҷиноятӣ яке аз кафолати муҳими мурофиавӣ ба ҳисоб меравад. Намояндаи қонунии ноболиғ дар парвандаи ҷиноятӣ оид ба ноболиғон иштирок намуда, ҳақ дорад донад, ки ноболиғ бо кадом гуноҳ гумонбар ё айбдор карда мешавад, дар ҳамаи амалҳои мурофиавӣ ширкат варзад, дархост ва раддия диҳад, далелҳо пешниҳод кунад, бо маводи парванда шинос шавад, аз онҳо иқтибос гирад аз рӯйи қарорҳои муфаттиш, прокурор ва суд шикоят намояд.

Яке аз ҳолатҳои дигаре, ки дар рафти тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон ҷой дорад, ин қатъ кардани парванда бо истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ мебошад. Агар дар ҷараёни тафтиши пешакӣ аз рӯйи парванда оид ба ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна муқаррар гардад, ки ноболиғ ин ҷиноятро бори аввал содир намудааст ва ислоҳи ӯ метавонад бе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан имкон дошта бошад, прокурор, ҳамчунин муфаттиш бо ризои прокурор ҳуқуқ доранд, ки парвандаро дар ҳаққи ноболиғ бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии дар қ. 2 м. 89 КҶ пешбинишуда қатъ намоянд.

Ин гуна қарор танҳо дар ҳолате қабул шуда метавонад, ки ба он айбдоршавандаи ноболиғ ва намояндаи қонунии ӯ розӣ бошанд.

Дар ҳолати аз тарафи ноболиғ мунтазам иҷро нагардидани талаботе, ки бо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии нисбат ба ӯ таъингардида пешбинӣ шудаанд, прокурор бо пешниҳоди комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак қарорро дар бораи қатъи парванда бекор мекунад ва он баъди ба охир расидани тафтиш мувофиқи қоидаҳои умумӣ бо фикри айбдоркунӣ ба суд фиристода мешавад. Чунин қарор метавонад то гузашти як сол аз рӯзи қабули қарор дар бораи қатъи парванда бароварда шавад (қ. 2 м. 432 КМҶ).

## § 4. Муҳокимаи судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамаи судҳо талаб менамояд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон, диққати ҷиддӣ ба саривақтӣ ва бо сифатии парвандаҳои мазкур дода шавад. Парвандаҳо нисбати ноболиғон аз ҷониби судяҳои бо таҷриба бояд баррасӣ карда шаванд.

Ҳангоми таъини муҳокимаи судӣ суд, судя дар баробари масъалаҳои умумӣ, уҳдадоранд як қатор масъалаҳоеро, ки ба ин гурӯҳи парвандаҳо дахл доранд, ҳал кунанд. Аз ҷумла: 1) доир ба таъини ҳимоятгар, зеро қ. 1 м. 51 КМҶ таъкид мекунад, ки иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳо ҳатмист, ба шарте, ки гумонбаршуда, айдоршаванда ё судшаванда ноболиғ бошад; 2) мавҷуд будани асосҳо барои гузаронидани ҳамаи муҳокимаи судӣ ё қисми он ба таври пӯшида (қ. 2 м. 273 КМҶ); 3) даъват кардани равоншинос (психолог), намояндаи қонунӣ ё шахси мансабдори муассисаҳои махсуси кӯдакона.

Дар давраи муҳокимаи судӣ, ба монанди марҳилаи пешбурди тосудӣ иштироки намояндаи қонунии ноболиғ ҳатмӣ мебошад. Намояндаи қонунии ноболиғи судшаванда ҳангоми иштирок дар муҳокимаи судӣ уҳдадории худро, ки Кодекси оила доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ дар ҳамаи муассисаҳо, аз ҷумла судӣ ба ӯ вогузор кардааст, амалӣ менамояд. Дар сурати ба балоғат расидани ноболиғе, ки парвандаи ҷиноятии ӯ дар давраи муҳокимаи судӣ қарор дорад, вазифаи намояндаи қонунӣ қатъ мегардад. Лекин, дар сурати аз ҷониби суд татбиқ намудани м. 95 КҶ, яъне татбиқи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон нисбати шахсони аз 18 то 20 сола, вазифаҳои намояндаи қонунӣ идома меёбад.

Дар муҳокимаи суди намояндаи қонунӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд: 1) дар тадқиқи далелҳо дар тафтиши судӣ иштирок намоянд; 2) нишондод диҳанд; 3) далелҳо пешниҳод кунанд; 4) дархостҳо ва раддияҳо баён намоянд; 5) доир ба амалҳо ва қарорҳои суд шикоят кунанд; 6) дар маҷлиси суде, ки парвандаро бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ мекунад, иштирок намоянд ва шикоятҳои худро шарҳ диҳанд.

Агар ноболиғ падару модар надошта бошад, танҳо ё бо шахсе, ки ба таври пешбининамудаи қонун васӣ ё мураббӣ таъин нашудааст, зиндагӣ кунад, ба сифати намоиндаи қонунии ноболиғ суд бояд намояндаи мақомоти васӣ ва парасториро даъват кунад. Ҳозир нашудани онҳо баррасии корро боз намедорад, ба шарте, ки суд иштироки онҳоро зарур нашуморад[1].

Ҳангоми тадқиқи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки ба судшавандаи ноболиғ таъсири манфӣ расониданашон мумкин аст (масалан, фаъолияти ҷинояткоронаи шарикон, ки дар он нишонаҳои бераҳмии махсус, садизм, ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ ва ғ.), бо дархости ҳимоятгар ё намояндаи қонунӣ ё пешниҳоди прокурор, инчунин бо ташаббуси худ суд ҳуқуқ дорад дар асоси ақидаҳои тарафҳо бо таъиноти худ дар муддати тадқиқи ин ҳолатҳо ноболиғро аз толори маҷлиси суд берун кунад. Баъди тадқиқи чунин ҳолатҳо ноболиғ ба маҷлиси судӣ оварда мешавад ва раисикунанда дар ҳаҷм ва андозаи зарурӣ ба ӯ мазмуни амалҳоеро, ки дар набудани ӯ доир гардидааст, хабар медиҳад.

Ҳангоми баровардани ҳукм ва таъини ҷазо ба ноболиғ суд уҳдадор аст на танҳо талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин санадҳои байналмилалиро (масалан, Қоидаҳои Пекин) ба роҳбарӣ гирад. Бинобар ин суд ҳангоми баровардани ҳукм нисбат ба ноболиғи судшаванда ба масъалаҳои зерин диққат медиҳад:

**а)** ҳангоми баровардани ҳукм дар ҳаққи судшавандаи ноболиғ суд ғайр аз масъалаҳои умумӣ, вазифадор аст, ки диққати асосиро ба масъалаи шартан аз озодӣ маҳрум кардани ноболиғ диҳад;

**б)** таъини ҷазое, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ вобаста нест, инчунин аз ҷазо озод карданро дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 90 КҶ муҳокимаронӣ намояд.

Дар ҳолатҳои шартан аз озодӣ маҳрум намудан, таъини ҷазое, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ вобаста нест, дар муассисаҳои тарбиявӣ ва табобативу тарбиявӣ ҷойгир кардан ва ё татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ суд ба

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон».

комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ин бобат хабар медиҳад ва назорати рафтори маҳкумшударо ба зиммаи он мегузорад.

Ҳангоми баррасии парванда оид ба ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна муайян гардад, киноболиғи ҷинояти мазкурро содиркарда, метавонад бе татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ шавад, суд ҳуқуқ дорад парвандаро қатъ намуда, нисбат ба ноболиғ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии дар қ. 2 м. 89 КҶ пешбинишударо татбиқ намояд.

Дар вақти баррасии парвандаи ҷиноятӣ муайян карда шавад, ки ислоҳи ноболиғи бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намуда бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ ё табобатию тарбиявӣ имконпазир аст, суд ҳуқуқ дорад ҳукми айбдоркунанда бароварда, ӯро аз адои ҷазо озод намояд ва ба яке аз муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобативу тарбиявӣ равон кунад.

Дар ҳарду ҳолати номбаршуда қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон меъёрҳои инсондӯстиро пешбинӣ кардааст. Тааллуқ доштани ин кафолат танҳо ба ноболиғон ба он хотир аст, ки ислоҳшавии ноболиғ то ҳадде бе маҳрум кардан аз озодӣ имконпазир аст.

Дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатию тарбиявӣ қарор доштани ноболиғ метавонад то ба синни балоғат расидан ба шарте, ки ислоҳшавии ноболиғ ба татбиқи минбаъдаи чораҳои таъсиррасонии мазкур зарурат боқӣ намонад қатъ карда шавад (қ. 2 м. 437 КМҶ).

Ҳангоми таъини ҷазо ба ноболиғон судро лозим аст на танҳо талаботи дар м. 60 КҶ нишондодашуда (хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, маълумот оид ба шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо), инчунин шартҳои дар м. 88 КҶ қайдшуда (шароити зиндагию тарбияи ноболиғ, дараҷаи инкишофи руҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ ва ҳамчунин таъсири ашхоси калонсол)-ро низ ба инобат гирифта, имконияти таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набударо муҳокима намоянд. Суд ҳамон вақт метавонад ба ноболиғ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намояд, ки агар ислоҳ шудани ӯ бе ҷудо кардан аз ҷамъият имконнопазир бошад. Дар сурати таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ суд вазифадор аст, ки дар ҳукм асосҳои таъин намудани ин ҷазоро нишон диҳад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Ноболиғ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва вазъи ҳуқуқии ӯ.
2. Мафҳуми пешбурд оид ба ҷиноятҳои ноболиғонро шарҳ диҳед.
3. Ба предмети исбот оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон чӣ дохил мешавад?
4. Таъсири калонсолон ба ноболиғ ҳангоми содир намудани ҷиноят.
5. Тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон.
6. Муҳокимаи судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон
7. Дар муҳокимаи судӣ намояндаи қонунӣ дорои ҳуқуқҳои кадом мебошанд?

**8.** Суд ҳангоми қабули ҳукм нисбат ба ноболиғи судшаванда ба кадом масъалаҳо бояд диққат диҳад?

**9.** Ба пешбурди алоҳида ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғ.

**10.** Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» аз 12.12.2002 с. таҳти № 6.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Азимов Н.Б. Ҷинояткории ноболиғон ва роҳҳои пешгирии он. – Душанбе, 2012.

**2.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**3.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**4.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**5.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**8.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**12.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводств. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**14.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**15.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**16.** Мельникова Э.Б. Правосудие по делам несовершеннолетних: история и современность. – М., 1990.

**17.** Мельникова Э.Б. Ювенальная юстиция: Проблемы уголовного права, уголовного процесса и криминологии. – М., 2000.

**18.** Очередин В.Т. Обеспечение законности при расследовании преступлений несовершеннолетних следователями органов внутренних дел. – Волгоград, 1990.

**19.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**20.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**21.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**22.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**23.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**24.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 31.
# ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ

## § 1. Мафҳум ва асосҳои пешбурд оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо табиати худ ин чораи маҷбурии давлатӣ буда, аз тарафи суд таъин шуда, иҷроишаш бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муайян шуда, нисбати шахс новобаста аз хоҳиши худаш ва ё намояндаи қонуниаш таъин карда мешавад[1].

Ба ақидаи олимони ватанӣ, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ чораи маҷбурӣ буда, онро танҳо суд метавонад баъд аз ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш ва санҷида баромадани парванда, бо риоя намудани талаботҳои қонуни ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ таъин намояд[2].

Ба андешаи мо чораҳои маҷбури дорои хусусияти тиббӣ чораи таъсиррасонии давлатӣ буда, он аз тарафи суд нисбати шахсе, ки вобаста ба ҳолати руҳиаш таъини ҷазо ғайриимкон аст, дар доираи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ татбиқ мегардад.

Аз мафҳуми додашуда чунин нишонаҳои чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бармеояд:

а) чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ танҳо аз тарафи суд таъин мешаванд;

б) ин чораҳо новобаста аз хоҳишу иродаи шахс таъин мешаванд;

в) ин чораҳо нисбати шахси гирифтори бемории руҳӣ, ки ба ин эҳтиёҷ дорад таъин мешаванд.

Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ки шахс ҳангоми содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл, ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусиятӣ воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё бе ҳаракатии худро дарк ва ё онро идоракарда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад (м. 24 КҶ).

Вобаста ба ин шахсе, ки дар ҳолати мукаллафӣ ҷиноят содир намуда, вале то баровардани ҳукми суд мубталои бемории руҳӣ шудааст, ки барои дарки хавфи кирдори худ ё идора кардани онро имконият намедиҳад, нисбати ингуна шахсон низ ҷазои ҷиноятӣ татбиқ намегардад. Бо қарори суд нисбати ингуна шахсон мумкин аст чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин гардад.

[1] Ниг.: Резепов И.Ш. Краткий курс по уголовно-процессуальному праву. – М., 2009. – С. 172.
[2] Ниг.: Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд, 2009. – С. 341.

Асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ инҳоянд:

а) дар ҳолате, ки шахс дар ҳолати номукаллафӣ кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир менамояд;

б) нисбати шахсоне низ таъин мегардад, ки пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои руҳие гардидаанд, ки таъин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд;

в) чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ танҳо дар ҳолате таъин карда мешаванд, ки бемории руҳӣ барои худи шахс ё шахсони дигар хавфнок бошад ва ё хавфи аз тарафи ӯ расонидани зарари ҷиддии дигар мавҷуд бошад;

г) агар дар шахс мавҷуд будани парешонҳолии руҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад ҷой дошта бошад ва ё ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ ва токсикомания мухтоҷ бошад.

Мақсад аз татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ – ин муолиҷаи шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори хавфноки ҷамъиятӣ содир намудаанд ё баъди содир кардани ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифтор шудаанд ё беҳбудии ҳолати руҳии онҳо, инчунин пешгирии кирдорҳои наве, ки метавонад аз ҷониби онҳо содир шавад, иборат мебошад.

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро суд метавонад ба шахсони зерин таъин намояд, ки кирдорҳои дар КҶ пешбинигардидаро дар ҳолатҳои зерин содир намудаанд;

а) дар ҳолати номукаллафӣ;

б) пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои руҳие гардидаанд, ки таъин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд;

в) дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд;

г) ҷиноят содир намуда, мухтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ ва токсикомания мебошанд.

### § 2. Тафтиши пешакии парвандаҳо доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Тафтиши пешакии доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ мутобиқи қоидаҳои умумӣ ва қоидаҳои махсус, ки дар боби 45 КМҶ муқаррар шудаанд, амалӣ карда мешавад. Таҳлили КМҶ нишон медиҳад, ки тафтишоти пешакии ингуна парвандаҳо танҳо дар шакли тафтиши пешакӣ сурат мегирад.

Тафтиши ҷиноятҳое, ки шахсони номукаллаф содир намудаанд ва ё баъд аз содир кардани ҷиноят мубталои бемории руҳӣ гардидаанд, махсусиятҳои хосаи худро дорад:

а) нисбати ҷиноятҳое, ки шахсони номукаллаф содир намудаанд ва ё баъд аз содир кардани ҷиноят мубталои бемории руҳӣ гардидаанд, тафтишоти пешакӣ ҳатмист;

б) дар парвандаҳое, ки татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ имконпазир аст, аз лаҳзаи муайян шудани ин ҳолат иштироки ҳимоятгар ҳатмист;

в) ин парвандаҳо доираи махсуси предмети исботи худро доранд.

Ҳатми будани тафтиши пешакӣ дар парвандаҳои мазкур ба он мақсад аст, ки баъд аз гузаронидани амалҳои мурофиавӣ (пурсиш, таъини экспертиза ва ғ), муфаттиш метавонад ҳолати бемориро пурра исбот намояд.

Дар парвандаҳои чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳатмӣ будани иштироки ҳимоятгар ба он мақсад аст, ки ашхоси ноқисақл наметавонад аз ҳуқуқу манфиатҳое, КМҶ чун кафолати мурофиавӣ пешбинӣ кардааст, истифода барад. Маҳз барои ҳамин иштироки ҳимоятгарро дар чунин парвандаҳо КМҶ ҳатмӣ меҳисобад.

Ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ доир ба парвандаҳое, ки бо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ алоқаманд аст, КМҶ дар м. 439 ҳолатҳоеро муқаррар кардааст, ки бояд исбот карда шаванд. Ин ҳолатҳо чунинанд:

1) исбот кардани вақт, ҷой ва тарзи кирдори содиршуда;

2) аз тарафи шахс содир кардани кирдоре, ки қонуни ҷиноятӣ онро манъ намудааст;

3) муайян кардани хусусият ва андозаи зараре, ки дар натиҷаи кирдори содиршуда расидааст;

4) муайян кардани рафтори шахс то содир кардани ҷиноят ва баъд аз содир намудани ҷиноят, чӣ гунна будани рафтори он;

5) аниқ кардани ҳолате, ки шахс қаблан гирифтори бемории руҳӣ буд, инчунин муайян кардани дараҷа ва хусусияти бемории руҳӣ дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ва ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ;

6) исботи хавфи бемории руҳӣ барои худи шахс ва дигарон, инчунин хавфи аз тарафи ӯ расонидани зарари дигари ҷиддӣ.

Ҳамаи ҳолатҳои зикргардидаро муфаттиш дар раванди тафтишоти пешакӣ пурра ва объективона бояд исбот намояд. Ҳангоми муқаррар кардани воқеияти бемории руҳии шахсе, ки нисбат ба ӯ дар ҳабс нигоҳ доштан ҳамчун чораи пешгирӣ татбиқ шудааст, дар асоси дархости прокурор бо иҷозати суд ба муассисаи махсусгардонидашудае, ки барои нигоҳ доштани ҳабсшудагон мувофиқ гардонида шудааст, гузаронида мешавад. Ҳамчунин дар муассисаи бемориҳои руҳӣ ҷойгир намудани шахсе, ки ба ҳабс гирифта нашудааст, аз ҷониби суд иҷозат дода мешавад (м. 440 КМҶ).

Ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятии гурӯҳи ашхос муайян гардад, ки яке аз онҳо дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир кардааст ё баъди содир кардани ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифтор шудааст, парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ӯ ба тафтиши алоҳида ҷудо карда мешавад.

Ашхосе, ки нисбат ба ӯ парванда оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусиятӣ тиббӣ пешбурда мешавад, агар мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ-руҳшиносӣ хусусият ва вазнинии бемории ӯ ба ин монеъ нагардад, метавонад аз ҳуқуқҳои айбдоршаванда пурра истифода барад.

Дар парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба таъини чораҳои маҷбурии дорои хусусиятӣ тиббӣ мутобиқ ба м. 443 КМҶ метавонад намояндаи қонунӣ иштирок намояд. Хешовандони наздики шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда дир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пешбурда мешавад, бо қарори муфаттиш ё прокурор ва ё таъиноти суд намояндаи қонунии шахси мазкур дониста мешавад ва барои иштирок дар парванда ҷалб карда мешавад. Бо баробари ҷалб

шудани намояндаи қонунӣ дар парванда як қатор ҳуқуқҳоро доро мегардад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

а) донад, ки шахсе,ки намояндагиаш мекунад дар содир кардани кадом кирдор гунаҳгор دониста шудааст;

б) дархосту раддияҳо оварад ва далелҳо пешниҳод намояд;

в) бо иҷозати муфаттиш дар амалҳои тафтишӣ иштирок намояд;

г) бо маводи парванда шинос шавад ва дар муҳокимаҳои судӣ иштирок намояд.

Инчунин дар парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба таъини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳимоятгар иштирок менамояд. Дар асоси м. 444 КМҶ иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парванда доир ба татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз лаҳзаи муқаррар шудани далели номукаллафӣ ё бемории руҳии шахсе, ки нисбат ба ӯ тафтиш гузаронида мешавад, агар ҳимоятгар аз рӯи асосҳои дигар дар парванда иштирок накарда бошад, иштирокаш ҳатмист.

Ҳамин тариқ, муфаттиш пас аз анҷом додани тафтишоти пешакӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятии ҷораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

а) қарор дар бораи қатъи парванда дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 27 КМҶ ва сархати дуюми м. 234 КМҶ, ҳамчунин вақте, ки бемории руҳӣ ба худи шахс ё шахсони дигар хавфнок нест ва имкони расонидани зарари дигари ҷиддӣ ҷой надорад;

б) қарор дар бораи равон кардани парванда ба суд барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Дар қарор дар бораи ба суд равон кардани парванда барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳолатҳои зерин бояд баён карда шаванд:

1) вақт, ҷой ва тарзи ҷинояти содиршуда;

2) аз тарафи шахс содир гардидани кирдоре, ки бо қонуни ҷиноятӣ манъ шудааст;

3) хусусият ва андозаи зараре, ки дар натиҷаи кирдори содиршуда расидааст;

4) чигунагии рафтори шахс пеш аз содир кардани кирдор ва баъд аз он;

5) дараҷа ва хусусияти бемории руҳӣ;

6) хавфи бемории руҳӣ барои худи шахс ё дигарон ва ё хавфи аз тарафи ӯ расонидани зарари дигари ҷиддӣ;

7) асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ;

8) ваҷҳҳои ҳимоятгар ва дигар шахсон, ки асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ мавриди баҳс қарор додаанд, ба шарте ки изҳор шуда бошанд.

Ҳамин тавр қарорро муфаттиш якҷоя бо парванда ба прокурор мефиристад, агар прокурор бо қарори қабул кардаи муфаттиш зид набошад, парвандаро ба суд мефиристонад, дар ҳолати камбудӣ доштани парванда, парвандаро ба тафтишоти иловагӣ мегардонад. Агар барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ асос набошад, прокурор ҳуқуқ дорад парвандаро қатъ кунад.

## § 3. Муҳокимаи судии парвандаҳо доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятии чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ махсусиятҳои хосаи худро дорад. Баъди ба суд ворид гардидани парванда дар хусуси татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, судя маводи парвандаро ҳамаҷониба омӯхта, баррасии онро дар маҷлиси суд мутобиқ ба қоидаҳои пешбининамудаи боби 31 КМҶ таъин мекунад. Дар ин бора ба прокурор, ҳимоятгар ва намояндаи қонунии шахсе, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир кардааст хабар дода мешавад. Бояд гуфт, ки иштироки шахсони зикргардида дар муҳокимаи судӣ ҳатмӣ мебошад.

Дар маҷлиси судӣ иштироки худи шахсе, ки парванда нисбаташ муҳокима мешавад ба шарте мумкин аст, ки вазъ ва дараҷаи бемории ӯ ба ҳолати кор мамоният накунад.

Тафтишоти судӣ аз тарафи прокурор бо баёни далелҳои зарурати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбат ба шахсе, ки номукаллаф доништа шудааст ва ё ба бемории руҳӣ гирифтор шудааст, оғоз ёфта, прокурор дар муҳокимаи судӣ иштирок намуда, ба ҷои фикри айбдоркунӣ пешниҳод ва мавқеъгирӣ оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ мекунад.

Ҳимоятгар бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсе, ки номукалаф эътироф шудааст, дар муҳокимаи судӣ иштирок менамояд. Дар мурофиа асосҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дастгирӣ менамояд.

Ба маҷлиси судӣ эксперт низ даъват карда шуда, оид ба ҳолати руҳии шахси бемор пурсида мешавад.

Тафтиши далелҳо ва мубоҳисаҳои тарафҳо аз рӯи қоидаҳои умумӣ сурат гирифта, баъди пурра ва объективона муайян кардани ҳолатҳои кор, судя барои татбиқи чунин чораҳо қарори дахлдор мебарорад. Ҳангоми қабули қарор ба масъалаҳои зерин диққат додан зарур аст:

а) муайян карда шавад, ки дар ҳаракатҳои шахс кирдори бо қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда ҷой дошт ё не;

б) оё шахсе ки нисбаташ парванда баррасӣ мешавад ин кирдоро содир кардааст;

в) муайян карда шавад, ки шахс баъди содир кардани ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифтор шудааст, ки таъини ҷазоро ғайри имкон мегардонад;

г) муайян карда шавад, ки бемории руҳии шахс ба худи ӯ ва шахсони дигар хавф дорад ва ё имкони расонидани зарари дигари ҷиддӣ ҷой дорад;

д) аниқ карда шавад, ки татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ зарур аст, агар зарур бошад кадом намуди онҳо.

Судя ҳамаи ҳолатҳои ишора гаштаро дар раванди мурофиа исбот намуда, ҳангоми қабули қарор яко як онҳоро ҳал менамояд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи баррасии парванда суд яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

**1)** дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс ва нисбати ӯ татбиқ кардани чораи муайяни маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ. Яъне суд бо эътирофи исбот шудани он ки ҷиноят аз тарафи шахси мазкур дар ҳолати номукаллафӣ содир шудааст ё ин ки шахс баъд аз содир кардани ҷиноят ба бемо-

рии руҳӣ гирифтор шудааст, ки таъини ҷазоро ғайриимкон мегардонад, мутобиқи м. 24 ва 98 КҶ чунин қарорро қабул менамояд. Суд намудҳои зерини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин карда метавонад:

**а)** назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои руҳӣ (психиатр);

**б)** табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои руҳӣ;

**в)** табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои руҳӣ;

**г)** табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои руҳӣ таҳти назорати пуршиддат.

**2)** дар бораи қатъи пешбурди парванда дар хусуси татбиқ накардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ. Яъне агар кирдор аз ҷониби шахс дар ҳолати номукаллафӣ содир шуда бошад ва ё шахс баъд аз содир намудани ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифтор шудааст, вале кирдори начандон вазнин содир кардаасту аз рӯйи ҳолати руҳии худ хавф надорад, суд қарори мазкурро қабул менамояд;

**3)** дар бораи қатъи пешбурди парванда дар ҳолатҳои исбот нашудани шахс дар содир кардани ҷиноят ва муқаррар кардани ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаро истисно мекунад;

**4)** дар бораи ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парванда дар ҳолатҳое, ки бемории руҳии шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда баррасӣ мешавад, муқаррар нашудааст ё бемории шахсе, ки ҷиноят содир кардааст татбиқи чораҳои ҷазоро нисбат ба ӯ бартараф намекунад, суд бо қарор парвандаро ба тафтишоти иловагӣ бармегардонад.

Дар сурати қатъи пешбурди парванда дар ҳолатҳои ишора гашта, нусхаи қарори суд дар муҳлати панҷ шабонарӯз ба мақомоти тандурустӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои табобат ё ба муассисаи равонпизишкии таъминоти иҷтимоӣ фиристонидани шахсоне, ки ба ёрии равонпизишкӣ муҳтоҷанд, фиристода мешавад.

Ба таъиноти суд ҳимоятгар, ҷабрдида, намояндаи ӯ ва намояндаи қонунӣ ё хешовандони наздики шахсе, ки нисбат ба ӯ парванда баррасӣ гардид, шикоят карда метавонанд, инчунин прокурор дар доираи салоҳияти худ метавонад бо тариқи кассатсионӣ эътироз оварад.

## § 4. Бекор кардан, тағйир додан ва дароз кардани муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Бекор кардан, тағйир додан ва дароз кардани муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз ҷониби суде, ки чунин қарорро баровардааст ё суди ҷои татбиқи ин чораҳо амалӣ карда мешавад. Суд ҳангоми таъини чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ муҳлати онро муқаррар намекунад. Давомияти таҳти татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ қарор гирифтан аз ҳолати бемории шахс вобаста аст.

Одатан чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ то мавриди табобат ёфтани шахси гирифтори бемории руҳӣ ва бе хавф гаштанаш нисбати худ ва ҷамъият амал мекунанд. Лекин бо сабаби баъзе ҳолатҳо мумкин аст, ки чораҳои мазкур

бекор, тағйир ва дароз кардан шаванд. Масъалаҳои қатъ намудан, тағйир додан ва ё дароз кардани мӯҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз тарафи суде, ки дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ қарор баровардааст ё аз ҷониби суди маҳалли татбиқи ин чора дастаҷамъона баррасӣ карда мешаванд.

Дар КМҶ асосҳои бекор, тағйир ва дароз кардани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дода нашудааст. Танҳо дар қ. 1 м. 451 КМҶ қайд карда шудааст, ки суд бо пешниҳоди маъмурияти муассисае, ки ёрии равонпизишкӣ мерасонад ва хулосаи комиссияи равонпизишкӣ татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро қатъ менамояд, тағйир медиҳад ё мӯҳлати онро шаш моҳи дигар дароз мекунад.

Асоси бекор кардани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ шифо ёфтани шахс ё тағйир ёфтани ҳолати руҳии ӯ мебошад, ки зарурияти татбиқи минбаъдаи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббии пеш таъиншуда аз байн меравад.

Асоси тағйир додани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббии таъин намудаи суд аз беҳтар ё бад шудани ҳолати руҳии шахс вобаста буда, зарурияти татбиқи чораи дигари маҷбурии дорои хуссусияти тиббӣ мегардад.

Асоси дароз кардани татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ин набудани тағйирот дар ҳолати руҳии шахс мебошад, ки зарурияти аз ҷониби суд дароз кардани мӯҳлати табобати маҷбурии пеш таъин намудааш мегардад. Суд ҳуқуқ дорад бо дастрасии қ. 1 м. 451 КМҶ мӯҳлати табобати маҷбуриро то шаш моҳи дигар дароз кунад.

Масъалаи бекор, тағйир ва дароз кардани мӯҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар асоси пешниҳоди маъмурияти муассисае, ки ёрии равонпизишкӣ мерасонад ва хулосаи комиссияи равонпизишкӣ дар суд баррасӣ карда мешавад.

Суд дар бораи таъини маҷлиси судӣ ба намояндаи қонунии шахсе, ки нисбат ба ӯ чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин шудааст, маъмурияти муассисаи тиббӣ, ҳимоятгар ва прокурор хабар медиҳад. Иштироки ҳимоятгар ва прокурор дар баррасии чунин парвандаҳо ҳатмӣ мебошад. Дар маҷлиси суд пешниҳоди муассисаи тиббӣ, фикри комиссияи равонпизишкӣ тадқиқ карда шуда, ақидаи иштироккунандагони маҷлис шунида мешавад. Дар ҳолати оид ба хулосаи комиссияи равонпизишкӣ шубҳа овардан, суд метавонад экспертизаи судию равонпизишкӣ таъин намояд. Инчунин суд шахсеро, ки нисбати ӯ масъалаи қатъ кардан, тағйир додан ва дароз кардани мӯҳлати татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баррасӣ мегардад, агар ҳолати руҳиаш имконият диҳад пурсиш менамояд.

Суд баъди дар маҷлиси судӣ ҳамаҷониба тадқиқ кардани ҳолати кор яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

1) дар бораи қатъ кардани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар сурати чунин вазъи руҳии шахс, ба татбиқи чораи пештар таъин шуда, зарурият боқӣ намонда бошад;

2) дар бораи тағйир додани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ агар зарурияти тағйири чора ба миён ояд;

3) дар бораи дароз кардани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, муҳлати табобати маҷбуриро дар сурати мавҷуд набудани асосҳо барои қатъ намудан ва ё тағйир додани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ суд дароз мекунад.

4) дар бораи рад кардан аз дароз кардан, тағйир додан ва қатъи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Дар ҳолати ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ эҳтиёҷ надоштани шахси руҳан бемор, инчунин дар ҳолати бекор карда шудани онҳо суд метавонад чунин шахсро барои ҳалли масъалаи тибқи асосҳои умумӣ табобат кардан ба мақомоти тандурустӣ супорад ё ба муассисаи таъминоти иҷтимоӣ фиристад ё ин ки ӯро бо шарти назорати ҳатмии духтурон ба парастории хешовандон ё васиён диҳад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳуми чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.
2. Мақсади чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.
3. Шахсоне, ки нисбати он чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ татбиқ мешаванд.
4. Муҳокимаи судии татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро шарҳ диҳед.
5. Шикоят ва эътироз овардан ба таъиноти суд.
6. Қарори суд.
7. Тартиби дароз ва бекор кардани муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.
8. Ҷудо кардани парвандаи ҷиноятӣ.
9. Иштироки намояндаи қонунӣ ва ҳимоятгар.
10. Нақши прокурор дар татбиқ намудани ин чораҳо.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25.07.2005 с. таҳти № 102.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**9.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ : воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2016.

**3.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**4.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**9.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**10.** Гафуров Х.М. Судебная реформа в Таджикистане. – М., 2005.

**11.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**12.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 2: Досудебное и судебное производство. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводств. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**14.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**15.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**16.** Николюк В.В. Уголовно-процессуальная деятельность по применению принудительных мер медицинского характера. – М., 1977.

**17.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**19.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**20.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**21.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**22.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

# БОБИ 32.
# ПЕШБУРД ОИД БА РУЁНИДАНИ ЗАРАРЕ, КИ ДАР НАТИҶАИ АМАЛИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАҚОМОТ РАСИДААСТ

## § 1. Асосҳо ва шартҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ барои рӯёнидани товони зарар

Товони зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ расонида шудааст, аз тарафи давлат сарфи назар аз гуноҳи таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд пурра рӯёнида мешавад.

Ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меояд:

– дар сурати озод намудани дастгиршуда ё ҳабсшуда бо сабаби тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят;

– қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои дар сархатҳои 1 ва 2 қ. 1 м. 27 ва сархати 2 қ. 1 м. 234 КМҶ пешбинишуда;

– баровардани ҳукми сафедкунанда;

– тағйир ёфтани бандубасти кирдор дар асоси он моддаи қонун, ки ҷинояти нисбатан сабуктарро бо таъини ҷазои нисбатан сабуктар мувофиқи ин модда ё аз ҳукм хориҷ кардани қисми айбдоркунӣ ва бо ин сабаб сабук кардани ҷазоро пешбинӣ менамояд;

– бекор карда шудани қарори ғайриқонунии суд доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Дар ҳолати фавти шаҳрванд ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар бо тартиби муқарраршуда ба ворисони ӯ ва дар қисмати гирифтани нафақа ва кӯмакпулиҳое, ки пардохти онҳо боздошта шудааст, ба он аъзои оилаи ӯ мегузарад, ки ба доираи шахсони дар ҳолати фавти сарпараст бо нафақаи вобаста ба гум кардани сарпараст таъминшаванда мансубанд.

Товони зарар дар ҳолате рӯёнида намешавад, ки шаҳрванд дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ бо роҳи худайбдоркунӣ барои ба миён омадани оқибатҳои дар қ. 1 м. 461 КМҶ зикршуда мусоидат карда бошад. Аммо худайбдоркуние, ки дар натиҷаи нисбат ба шаҳрванд татбиқ гардидани зӯроварӣ, таҳдид ва дигар чораҳои ғайриқонунӣ ба вуҷуд омадааст, ба рӯёнидани товони зарар монеъ намегардад. Зимнан далели татбиқи чораҳои ғайриқонунӣ бояд аз тарафи мақомоти тафтишотӣ, прокурор ё суд муқаррар карда шаванд.

Қоидаҳои ҳамин модда ба ҳолатҳое дахл надоранд, ки чораҳои маҷбуркунии мурофиавии нисбат ба шахс татбиқшуда ё ҳукми айбдоркунанда бекор карда ё бо сабаби қабули санади авф, гузаштани мӯҳлати даъво, нарасидани синну сол ё қабули қонуне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз байн мебарад ё ҷазоро сабук мегардонад, тағйир дода шуда бошанд.

**Товони зараре, ки бояд рӯёнида шавад.** Тибқи м. 462 КМҶ дар сурати мавҷуд будани асосҳо ва шартҳои дар қ.қ. 1 ва 2 м. 464 КМҶ зикршуда, шахс ҳуқуқ дорад ба:

– рӯёнидани товони зарари молумулкӣ (маош, нафақа, кӯмакпулӣ ва маблағҳои дигаре, ки аз онҳо дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ, мусодираи ғайриқонунии молу мулк ё дар асоси ҳукмҳо ё қарорҳои суд ба фоидаи давлат дохил кардани молу мулк маҳрум гаштааст, ҷаримаҳо ва хароҷоти мурофиавие, ки барои иҷрои ҳукми ғайриқонунии суд ситонида шудаанд, маблағе, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ пардохта шудаанд ва хароҷоти дигар);

– барҳам додани оқибатҳои зарари маънавӣ;

– барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақавӣ, манзилӣ ва ғайра.

**Эътирофи ҳуқуқ ба рӯёнидани товони зарар**

Мутобиқи м. 463 КМҶ суд, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ доир ба пурра ё қисман сафедкунии шахс қарор қабул карда, бояд ҳуқуқи ӯро оид ба рӯёнидани товони зарар эътироф намоянд. Нусхаи ҳукми сафедкунанда ё таъиноти (қарори) қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, бекор кардан ё тағйир додани дигар қарорҳои ғайриқонунӣ ба шахси манфиатдор супорида ё тавассути почта фиристода мешавад. Ҳамзамон бо ин ба ӯ хабарнома бо фаҳмонидани тартиби рӯёнидани товони зарари молумулкӣ ва барқарор намудани ҳуқуқи дигари ӯ фиристода мешавад.

**Муайян кардани андозаи зарари молумулкӣ ва тартиби рӯёнидани товони он**

Мувофиқи м. 464 КМҶ шахс ҳуқуқ дорад, дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳои дар м. 463 КМҶ зикршуда бо хабарномаи тартиби рӯёнидани товони зарар, ба мақомоте, ки ҳукми сафедкунанда, оид ба қатъи парванда, бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои дигари ғайриқонунӣ таъинот (қарор) баровардааст, бо талабнома рӯёнидани зарари молумулкӣ муроҷиат намояд. Агар аз тарафи суди болоӣ парванда қатъ карда ё ҳукм тағйир дода шуда бошад, аризаи рӯёнидани товони зарар ба суде, ки ҳукм баровардааст, равон карда мешавад.

Судя, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ на дертар аз як моҳи баъд аз рӯзи ворид гардидани ариза андозаи зарарро муайян мекунанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз мақомоти молия ва таъминоти иҷтимоӣ ҳисобу китобро дархост карда, дар бораи анҷом додани пардохтҳо доир ба рӯёнидани товони зарар қарор мебароранд. Аризаи рӯёнидани товони зарари молумулкӣ аз тарафи судя бо тартиби муқаррарнамудаи м. 401 КМҶ ҳал карда мешавад. Нусхаи тасдиқгардидаи қарор ба шахс ва дар ҳолати фавти ӯ ба шахсони дар қ. 3 м. 461 КМҶ зикршуда барои пешниҳод ба мақомоте, ки вазифадоранд пардохтро анҷом диҳанд, супорида ё фиристода мешавад.

## § 2. Тартиби мурофиавии рӯёнидани товони зарар

Аз қарорҳои судя, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ оид ба анҷом додани пардохтҳо мувофиқи тартибе, ки дар КМҶ муқаррар гардидааст, шикоят кардан мумкин аст.

Даъвои рӯёнидан ба тариқи пулӣ барои зарари расонидашуда бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ пешниҳод карда мешавад. Агар маълумоти дастгир намудан, ба ҳабс гирифтан, муваққатан аз вазифа дур сохтан, дар муассисаи

тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум намудан ва амалҳои дигари ғайриқонунии нисбат ба шахс татбиқшуда дар матбуот чоп карда, тавассути радио, телевизион ва воситаҳои дигари ахбори омма интишор шуда бошад, бо талаби шахси мазкур ва дар ҳолати фавти ӯ бо талаби хешовандони ӯ ё супориши суд, прокурор, муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ воситаҳои дахлдори ахбори умум вазифадоранд, ки дар муддати як моҳ дар ин бобат хабари зарурӣ интишор намоянд.

Бо талаби шахс ва дар ҳолати фавти ӯ бо талаби хешовандони ӯ судя, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ вазифадоранд, ки дар муддати то чордаҳ шабонарӯз доир ба бекор кардани қарорҳои ғайриқонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷойи кор, таҳсил ё зисти ӯ ба тариқи хаттӣ хабар диҳанд.

Агар ариза доир ба барқарор кардани ҳуқуқи меҳнатӣ, нафақавӣ ва манзилӣ, анҷом додани пардохтҳо, ҳамчунин дар бораи баргардонидани молу мулк ё арзиши он қонеъ гардонида нашавад ё шахс бо қарори қабулшуда розӣ набошад, ӯ ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби мурофиаи гражданӣ ба суд муроҷиат намояд. Ба шахсоне, ки аз рутбаҳои ҳарбӣ ва унвонҳои дигар, дараҷаҳои тахассусӣ, ҳамчунин ордену медалҳо маҳрум карда шудаанд, бо тартиби муқарраршуда рутбаю унвонҳо, дараҷаҳои тахассусӣ барқарор карда, ордену медалҳои онҳо баргардонида мешаванд.

**Муҳлати пешниҳоди ариза.** Тибқи м. 468 КМҶ ариза оид ба анҷом додани пардохтҳои пулӣ ба ивази товони зарари молумулкӣ метавонад дар давоми се сол аз лаҳзае, ки шахсони дар қ. 3 м. 461 КМҶ зикршуда таъинот ё қарорро доир ба анҷом додани чунин пардохтҳо мегиранд, пешниҳод карда шаванд. Ариза дар хусуси барқарор кардани ҳуқуқҳои дигар метавонад аз тарафи шахс дар давоми як сол аз лаҳзаи гирифтани хабарномае, ки тартиби барқарор намудани ҳуқуқро мефаҳмонад, пешниҳод карда шавад. Дар сурати бо сабабҳои узрнок гузаштани муҳлатҳои зикршуда, ин муҳлатҳо бо аризаи шахсони манфиатдор метавонанд аз тарафи муфаттиш, прокурор ё суд барқарор карда шаванд.

**Рӯёнидани товони зарар ба шахсони ҳуқуқӣ.** Товони зараре, ки ба шахсони ҳуқуқӣ дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии суд, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ расонида шудааст, аз тарафи давлат пурра ва дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи боби 47 КМҶ рӯёнида мешавад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Зарар ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ.
2. Асосҳо ва шартҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ барои рӯёнидани товони зарар.
3. Товони зараре, ки бояд рӯёнида шавад.
4. Эътирофи ҳуқуқ барои рӯёнидани товони зарар.
5. Муайян кардани андозаи зарарӣ молумулкӣ ва тартиби рӯёнидани товони он.
6. Шикоят аз қарорҳои анҷом додани пардохтҳо.
7. Бартараф намудани оқибати зарари маънавӣ ва зарарҳои дигар.
8. Тартиби мурофиавии барқарор намудани ҳуқуқҳои дигар.
9. Муҳлати пешниҳоди ариза.
10. Рӯёнидани товони зарар ба шахсони ҳуқуқӣ.

## Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

**1.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**2.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 с. таҳти № 341.

**3.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**4.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**5.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. таҳти № 802.

**6.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 с. таҳти № 1182.

**7.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**8.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**9.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда» аз 25.06.2012 с. таҳти № 2.

**10.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» аз 23.12.2011 с. таҳти № 7.

**11.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**12.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

## Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**3.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**7.** Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: “Глобус”, 2006.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**10.** Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008.

**11.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**12.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**14.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**15.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**16.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**17.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**18.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**19.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**20.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**21.** Шарапова Ф.А. Курс лекций по уголовному процессу: учеб. пособие для студентов юрид. фак. РТСУ / науч. ред. З.Х. Искандаров. – Душанбе, 2008.

# БОБИ 33.
# ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. Асос ва шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ

Ҳамкории байналмилалӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ яке аз самтҳои ҳамкории байналмилалии давлат дар соҳаи адолати судӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад. Баҳамназдикшавии муносибатҳои давлатҳо дар соҳаи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ на танҳо сабаби зиёд шудани ҷинояткорӣ, инчунин хусусияти байналмилалӣ гирифтани онро ба вуҷуд овард. Дар чунин шароит мубориза бо ҷинояткорӣ яке аз масъалаҳои иҷтимоии ҳар як давлати алоҳида ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд бошад. Ҳалли муваффақонаи масъалаи мазкур танҳо бо роҳи якҷоя намудани қувваҳои давлатҳои гуногун дар доираи ҳамкории байналмилалӣ имконпазир мебошад.

Пешбурди бештари парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи миллӣ ва дар ҳудуди давлате, ки дар онҷо ҷиноят содир шудааст, гузаронида мешавад. Лекин дар амалия ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки шахс дар ҳудуди як давлат ҷиноят содир намуда, бо мақсади аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гурехтан ё дигар сабаб ба давлати дигар рафта, ба таври ошкоро ё пинҳон аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиндагӣ мекунад. Бинобар ин, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси мазкур ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав ҳамкории байналмилалӣ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамкории давлатҳо оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар сатҳи универсалӣ (ҷаҳонӣ), минтақавӣ ва дар асоси созишномаҳои дуҷониба амалӣ карда мешавад.

Шаклҳои гуногуни байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории давлатҳо дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ вуҷуд дорад. Ин ҳамкорӣ мумкин аст дар доираи: а) ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ; б) алоқаи бевосита байни давлатҳо дар асоси шартномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба сурат гирад.

Заминаи ҳуқуқии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятиро шартномаҳои дутарафа ва бисёртарафа, конвенсия ва созишномаҳо ташкил медиҳанд.

Оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ нақши асосиро санадҳои байналмилалии универсалӣ (ҷаҳонӣ) мебозанд. Аз санадҳои мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон Статути Римии суди байналмилалии ҷиноятиро, ки санаи 17 июли соли 1998 дар шаҳри Рим қабул шудааст, 19 декабри соли 1999 онро эътироф (ратификатсия) намуд. Суди байналмилалии ҷиноятӣ баҳри барқарор

намудани адолат ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсон барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин созмон дода шудааст.

Дар мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳамкории давлатҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ Ташкилоти байналмилалии политсияи ҷиноӣ (ИНТЕРПОЛ) нақши муҳим дорад. Вазифаи асосии он пешгирии ҷиноятҳои байналмилалӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад. Интерпол дар асоси Оинномаи худ, ки 13 июни соли 1956 ба қувваи амал даромадааст, фаъолият мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 сентябри соли 2004 ба ин ташкилоти байналмилалӣ аъзо шуд. Ба монанди дигар давлатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Интерпол дар назди ВКД бо номи Бюрои миллии марказӣ таъсис дода шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ зиёда бо 20 давлати ҷаҳон ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ шартнома ва созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бастааст.

Шартнома ва созишномаҳои бисёрҷониба оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ асосан байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ баста шудааст. Ба монандӣ: Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993 дар Минск ба имзо расидааст ва айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Молдовия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Украина амал мекунад; Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7 октябри соли 2002 дар Кишинёв ба имзо расидааст ва айни ҳол дар Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Белоруссия, Озарбойҷон, Арманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон амал мекунад; Конвенсияи ИДМ оид ба супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳрум шудааст барои адои минбаъдаи ҷазо 6 марти соли 1998 ш. Москва; Конвенсияи ИДМ оид ба супоридани ашхоси гирифтори касалии руҳӣ барои табобати маҷбурӣ 28 марти соли 1997 ш. Москва ғайра.

Ҳамчунин оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии як қатор шартномаҳои дуҷониба мебошад. Ин шартномаҳо асосан байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти судӣ ва прокуратураи он, ВКД баста шуда, масъалаҳои ёрии ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ, супоридани ҷинояткор, бозпас додани маҳкумшудагон, мубориза бо ҷинояткориро дар бар мегирад. Масалан, Шартнома дар бораи ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 10 майи соли 2001 (дар шаҳри Ню Деҳлӣ ба имзо расидааст); Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ ва вайронкуниҳои қонунгузории андоз аз 4 майи соли 2006; Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморати Муттаҳидаи Араб дар хусуси расонидани кӯмаки мутақобила оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 9 апрели соли 2007 (дар шаҳри Абӯ - Дабӣ ба имзо расидааст); Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза

бо ҷинояткорӣ аз 27 майи соли 2003 (дар шаҳри Варшава ба имзо расидааст) ва монанди инҳо[1], ки зиёда аз 70 номгӯй мебошанд, дохил мешаванд.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба ҳамкории давлатҳо дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ дахл дорад, дар як қатор конвенсияҳои махсусе, ки ба намудҳои алоҳидаи ҷиноят бахшида шудаанд, ба чашм мерасад. Масалан, дар Конвенсияи Аврупои оид ба мубориза бар зидди терроризм аз 27 январи соли 1977; Конвенсия оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 20 декабри соли 1988 ва монанди инҳо.

Меъёрҳои санадҳои зикршуда мустақиман амал менамоянд. Зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қ. 3 м. 10 муқаррар намудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, дар сурати мутобиқ накардани қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои байналмилалии эътирофшуда, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Масъалаи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар фасли XII КМҶ муқаррар шуда, масъалаҳои ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ дар тартиби расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, супоридани шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм, супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст ва ғайраро дар бар мегирад.

Намудҳои бевоситаи ҳамкории давлатҳо дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ чунинанд:

а) кӯмаки байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;
б) супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;
в) оғози таъқиби ҷиноятӣ бо дархости давлати хориҷӣ;
г) супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан;
д) супоридани маҳкумшудагон барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст.

## § 2. Кӯмаки байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ

Кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ – ин фаъолияти мақомот ва шахсони ваколатдори давлати дархостшаванда, ки ба қонунгузории дохилӣ асос ёфта, дар асоси шарт ва талаботи шартномаҳои байналмилалӣ ё принсипи ҳамкории мутақобила супориши мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ваколатдори давлати дархосткунандаро оид ба дар ҳудуди давлати дархостшаванда гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои гирифтани далел бо мақсади тафтиши парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

---

[1] Оид ба номгӯйи санадҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманданд ба адабиёти зерин муроҷиат намоед: Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса Республики Таджикистан. – М., 2013.

Мувофиқи шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо иштирок мекунад, мумкин аст чунин намудҳои ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ расонида шавад:

**а)** гирифтани ариза ва нишондод дар ҳудуди давлати хориҷӣ;

**б)** гирифтани нишондод бо супориши давлати хориҷӣ;

**в)** супоридани ҳуҷҷатҳое, ки бо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд аст;

**г)** гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан;

**д)** гузаронидани азназаргузаронии тафтишотӣ ва судӣ;

**е)** пешниҳоди маълумот, далелҳои шайъӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ;

**ж)** муайян кардани шахсият ва ҷойи истиқомати шахсони мушаххас;

**з)** гузаронидани экспертизаҳои судӣ;

**и)** чораҷӯиҳо оид ба гузоштани ҳабс ба амвол ва интиқоли амволе, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадааст;

**к)** дигар намудҳои кӯмаки ҳуқуқӣ, ки ба қонунгузории миллии давлати дархостшаванда зид нест.

Баъзе номгӯйи амалҳои зикршуда дар қ. 1 м. 470 КМҶ мустаҳкам карда шудаанд.

Супориши гузаронидани амали алоҳидаи тафтишӣ ба воситаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаронидани амали суд ба воситаи Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мутобиқан тавассути муовинони онҳо фиристода мешавад, ки онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ барои мусоидат ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд. Супориш ба забони давлате, ки супориш ба он равон карда мешавад ба расмият дароварда мешавад, ба шарте, ки дар шартномаи байналмилалӣ ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Супориши гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ва судӣ ба тариқи хаттӣ тартиб додашуда, аз тарафи шахси мансабдоре, ки супоришро мефиристад, имзо ва бо муҳри нишондори мақомот тасдиқ карда шуда, маълумоти зеринро бояд дар бар гирад:

– номи мақомоте, ки супоришро мефиристад;

– ном ва суроғаи мақомоте, ки супориш ба он фиристода мешавад;

– номи парванда ва мушаххасоти супориш;

– маълумот дар бораи шахсоне, ки нисбат ба онҳо супориш дода мешавад, шаҳрвандии онҳо, шуғл, ҷойи зист ё маҳалли будубош ва барои шахсони ҳуқуқӣ – ном ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

– баёни ҳолатҳое, ки бояд муайян карда шаванд, ҳамчунин номгӯйи ҳуҷҷатҳо, далелҳои шайъӣ ва далелҳои дигари дархостшаванда;

– маълумот доир ба ҳолатҳои воқеии ҷинояти содиршуда ва бандубасти он бо замимаи нусхаи матни моддаи дахлдори КҶ, дар мавриди зарурат маълумот дар бораи андозаи зараре, ки дар натиҷаи амали содиргардида расонида шудааст.

Мавҷуд набудани чунин маълумот боиси баррасӣ нагардидани супориш аз ҷониби мақомоти дахлдори давлати дигар шуда метавонад. Инчунин, дар сурати бо қонунҳои давлати дархостшаванда номувофиқ будани супориш, ё худ ба

истиқлолияти давлат ё манфиатҳои ҷамъиятии он зарар расонад, расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ рад карда мешавад.

Супориши давлати хориҷӣ оид ба гузаронидани амалҳои мурофиавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба воситаи шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ ва КМҶ иҷро карда мешавад. Чунин супоришҳо аз ҷониби суд, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ мувофиқи қоидаҳои умумии КМҶ иҷро карда мешаванд. Истифодаи меъёрҳои мурофиавии давлати хориҷӣ ҳангоми иҷрои супориш метавонанд истифода шаванд, ба шарте, ки ин амал дар шартномаи байналмилалӣ бо он давлат пешбинӣ шуда бошад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалӣ, ҳангоми иҷрои супориш намояндаи мақомоти дахлдори давлати хориҷӣ иштирок карда метавонад.

Дар сурати имкон надоштани иҷрои супориш, ҳуҷҷатҳои воридшуда мутобиқан тавассути Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти хориҷие, ки супориш аз он омадааст, бо зикри сабабҳое, ки ба иҷрои он монеъ гардидаанд, баргардонида мешаванд. Агар иҷрои супориш ба истиқлолият ё амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонида тавонад ва ё мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бе иҷро баргардонида мешавад (м. 473 КМҶ).

## § 3. Супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм

Яке аз институти муҳими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ супоридани шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм мебошад. Супоридани шахс дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва санадҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи супоридани шахс бо якчанд давлатҳо шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бастааст. Дар доираи ИДМ супоридани шахс бо Конвенсияи Минск оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ ва Конвенсияи Кишинёв оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ ба танзим даровarda шудааст. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Украина (2 апрели 2004), Ҷумҳурии Туркия (6 майи 1996), ИМА (26 августи 2002), Амороти Муттаҳидаи Араб (9 апрели 2007), Ҷумҳурии Ҳиндустон (10 майи 2001),Ҷумҳурии Полша (27 майи 2003) ва дигар давлатҳо шартномаҳои дуҷониба оид ба масъалаи супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм бастааст.

Ҳамзамон боби 49 КМҶ супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм ном дошта, дар он масъалаҳои равон кардани талабнома дар хусуси додани шахсе, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ мебошад, ҳадди ҷавобгарии ҷиноятии шахси ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, иҷрои талабномаи супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, рад кардани супоридани шахс, супоридани ашё, супоридани шахсони дорои душаҳрвандӣ ва шахсони бешаҳрванд, ба ҳабс гирифтан барои супоридан муқаррар шудаанд.

Равон кардани талабнома ҷиҳати супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст тавассути Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Талабнома ба шарте равон карда мешавад, ки оид ба ин шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми айбдоркунанда ё қарори ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда қабул шуда бошад.

Талабнома оид ба супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

– насаб, ном ва номи падари маҳкумшуда (айбдоршаванда), соли таваллуд, маълумот дар бораи шаҳрвандӣ, тасвири зоҳирӣ, аксҳо;

– баёни ҳолатҳои воқеии ҷинояти содиршуда бо зикри матни қонуне, ки барои ин ҷиноят ҷавобгариро пешбинӣ мекунад ва зикри ҳатмии ҷазо;

– маълумот дар бораи ҷой ва вақти баровардани ҳукме, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бо замимаи нусхаҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои дахлдор.

Ба талабнома оид ба супоридани шахс ҷиҳати таъқиби ҷиноятии минбаъдаи он нусхаи таъиноти суд оид ба татбиқ намудани чораи маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ки аз тарафи мақомоти дахлдор тасдиқ карда шудааст, замима карда мешавад. Ба талабнома оид ба супоридани шахс ҷиҳати иҷрои ҳукм бошад, нусхаи тасдиқшудаи ҳукми ба қувваи қонунӣ даромаи суд ва маълумотнома оид ба иҷро накардани муҳлати ҷазо замима мегарданд.

Шахсе, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад, ҷавобгарии ҷиноятии он дар доираи ҳадде, ки КМҶ дар м. 477 пешбинӣ намудааст, сурат мегирад. Шахсро бе розигии давлати супоранда барои ҷинояти дигаре, ки бо супоридани ӯ вобаста нест, ба ҳабс гирифтан, ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҷазо додан мумкин нест. Ҳамчунин супоридани ӯ ба давлати сеюм манъ аст.

Тартиби мурофиавии иҷрои талабномаи супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад дар м. 478 КМҶ ҳалли худро ёфтааст. Баррасии талабномаи супоридани шаҳрванди давлати хориҷӣ, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад ё дар ҳудуди давлати хориҷӣ маҳкум шудааст, аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ амалӣ мегардад. Агар нисбати шахс талабномаи якчанд давлат оид ба супоридани он мавҷуд бошад, ба кадом давлат супоридани ӯро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати мавҷуд будани баъзе ҳолатҳо супоридани шахс рад карда мешавад. Ба монандӣ:

– аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахс паноҳгоҳи сиёсӣ дода шуда бошад;

– кирдоре, ки асоси талабнома доир ба супоридан қарор дода шудааст, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноят эътироф нагардад;

– нисбат ба шахс барои ҳамон ҷиноят ҳукме баровarда шуда бошад, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё тафтиши парванда қатъ карда шудааст;

– мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби гузаштани муҳлат ё аз рӯйи асоси дигари қонунӣ парвандаи ҷиноятӣ наметавонад оғоз ё ҳукм иҷро карда шавад.

Дар Конвенсияи ИДМ[1] муқаррар шудааст, ки шахс ба давлати дигар супорида намешавад, агар:

**а)** нисбати шахсе, ки супоридани ӯ талаб карда шудааст, шаҳрванди давлати дархостшаванда бошад;

**б)** дар вақти гирифтани талабнома оид ба супоридан мувофиқи қонунгузории давлати дархостшаванда бо сабаби гузаштани муҳлат ё асоси дигари қонунӣ таъқиби ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ё ҳукм наметавонад ба иҷро расонида шавад;

**в)** нисбати шахсе, ки дар ҳудуди давлати дархостшаванда барои ҳамон як ҷиноят ҳукм ё қарор дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ бароварда шудааст;

**г)** таъқиби ҷиноят мувофиқи қонунгузории давлати дархосткунанда ва дархостшаванда бо тартиби айбдоркунии хусусӣ, яъне бо аризаи ҷабрдида сурат гирад.

Ҳамчунин, супоридани шахс рад карда мешавад, агар ҷинояте, ки вобаста ба он супоридани шахс талаб карда шудааст, дар ҳудуди давлати дархостшаванда содир шуда бошад (қ. 2 м. 57 Конвенсия).

Баъзе масъалаҳои рад кардани талабнома оид ба супоридани шахс дар Конвенсияҳои алоҳида муқаррар шудаанд ва онҳо дар КМҶ дида намешаванд. Масалан, мувофиқи Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда аз 10 декабри 1984 дар сурате, ки шахси супоридашаванда дар давлати дигар мавриди шиканҷа қарор мегирад, давлати дархостшаванда метавонад ӯро ба он давлат насупорад.

### § 4. Супоридани шахсе, ки ба махрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст

Асоси супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо Конвенсияи ИДМ оид ба супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳрум шудааст барои адои минбаъдаи ҷазо (6 марти соли 1998), КМҶ ва шартномаю созишномаҳои дуҷониба ташкил медиҳанд.

Шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати хориҷии дахлдор ё созиши хаттии бо шартҳои мутақобил имзонамудаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти босалоҳият ва шахсони мансабдори давлати хориҷӣ барои супоридани шахсе, ки аз тарафи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба махрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо дар давлате, ки ӯ шаҳрванди он давлат мебошад, ҳамчунин барои супоридани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи суди давлати хориҷӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ба шумор меравад (м. 483 КМҶ).

Супоридани маҳкумшуда барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст, дар доираи шарт ва тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

а) супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он давлат аст, то хатми ҷазои ӯ ба тариқи

[1] Конвенсияи Минск оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ.

маҳрум кардан аз озодӣ дар асоси дархости маҳкумшуда, намояндаи қонунӣ ё хешовандони наздики ӯ, ҳамчунин дар асоси талабномаи мақомоти босалоҳияти давлати дахлдор бо ризои маҳкумшуда имконпазир аст.

б) шахс танҳо баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм бо қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ метавонад супорида шавад ва онҳо дар бораи супорида шудани маҳкумшуда ба суде, ки ҳукм баровардааст, хабар медиҳанд.

Мутобиқи муқаррароти м. 485 КМҶ супоридани шахси ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он давлат аст дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад, ба шарте, ки:

– кирдоре, ки шахс барои он маҳкум шудааст, бо қонунгузории давлате, ки ӯ шаҳрванди он мебошад, ҷиноят эътироф нагардад;

– ҷазо бо сабаби гузаштани мӯҳлат ё бо дигар асоси пешбининамудаи қонунгузории ин давлат наметавонад дар давлати хориҷӣ адо карда шавад;

– аз маҳкумшуда ё аз давлати хориҷӣ кафолати иҷрои ҳукм дар қисми даъвои гражданӣ ворид нашуда бошанд;

– доир ба супоридани маҳкумшуда дар асоси шартҳои пешбининамудаи шартномаи байналмилалӣ мувофиқа ҳосил нашуда бошад;

– маҳкумшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои зисти доимӣ дошта бошад.

**Саволҳо барои худсанҷӣ:**

1. Мафҳуми кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ.
2. Санадҳо байналмилалие, ки кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаи ҷиноятиро ба танзим медароранд.
3. Асоси ҳамкории байналмилалӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ.
4. Шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ.
5. Супоридани шахс (экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан
6. Супоридани шахс (экстрадитсия) барои иҷрои ҳукм.
7. Тартиби супоридани шахс барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан.
8. Супориши давлати дигар барои гузаронидани амали муайяни тафтишӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9. Супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст.
10. Фарқи дархост ва супориш оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ.

**Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.
2. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**4.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ» аз 29.09.2014 с. таҳти № 5.

**5.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 29.09.2014 с. таҳти № 6.

**6.** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» аз 25.06.2012 с. таҳти № 1.

**7.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 12.

**8.** Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15.02.2016 с. таҳти № 25.

**9.** Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» аз 12.07.2010 с. таҳти № 16 б/з.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**


**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Қудратов Н.А., Табаров Н.А., Мирсаидзод Ҳ.С., Наботов С.Х. Коргузории судӣ : воситаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2016.

**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**6.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**7.** Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и российской Федерации) : монография. – М. : Юрлитинформ, 2016.

**8.** Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса Республики Таджикистан. – М., 2013.

**9.** Абдуллоев П.С., Кудратов Н.А., Ахмеджонов А.Г. Международно-прововое сотрудничество по уголовным, гражданским и арбитражным делам. – Душанбе, 2013.

**10.** Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007.

**11.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**12.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**13.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**14.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**15.** Милинчук В.В. Институт правовой помощи по уголовным делам. Действующая практика и перспективы развития. – М.: Юрлитинформ, 2001.

**16.** Михайлов В.А. Международное сотрудничество в сфере уголовного судопроизводства. – М., 2011.

**17.** Практика применения Уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию // под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе, 2012.

**18.** Практика применения Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации / под общ. ред. В.М. Лебедева. – 6-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2013.

**19.** Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**20.** Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**21.** Сафаров Н.А. Экстрадиция в международном уголовном праве: проблемы теории и практики. – М., 2005.

**22.** Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**23.** Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**24.** Феоктистова Е.Е. Международное сотрудничество органов предварительного расследования по уголовным делам: процессуально-правовые и криминалистические аспекты. – М., 2010.

# БОБИ 34.
# МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

## § 1. Тавсифи умумии мурофиаи ҷиноятӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ

Мавҷудияти шакли ягонаи мурофиаи ҷиноятӣ дар давлатҳои муттараққии ғарб гуногунии шаклҳо ва категорияҳои мушаххаси онро истисно намекунад.

Мавриди зикр аст, ки фарқиятҳо дар мурофиаи ҷиноятии давлатҳои ҷудогона бештар ба ҳадди салоҳиятҳои суд, кафолати мурофиавии ҳуқуқҳои шахс, хусусиятҳои хоси ҷараёни исботкунӣ, вазъи мурофиавии айбдоршаванда ва айбдоркунанда хосанд. Вобаста ба ин категорияҳо навъҳои мурофиаи ҷиноятии айбдоркунӣ, ҷустуҷӯӣ, мубоҳисавӣ ва омехтаро фарқ мекунанд.

Шаклҳои омехта ва мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ дар давлатҳои муосири буржуазӣ нисбатан васеъ паҳн гардидааст.

Дар мурофиаи омехта аз як тараф беҳтарин принсипҳои демократии мурофиаи ҷиноятӣ (принсипҳои ошкоро, мубоҳисавӣ, бевосита, шифоҳӣ) ифода ёфта, аз ҷиҳати дигар нишонаҳои ҷудогонаи шаклҳои нисбатан таърихии мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла нишонаҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ нигоҳ дошта шудааст, ки ин ҳолат дар баъзе маҳдудкуниҳои ҳуқуқҳои мурофиавии айбдоршаванда ва ҳимоя инъикос мегардад. Мавриди зикр аст, ки навъи омехтаи мурофиаи ҷиноятӣ айни замон хоси бештари давлатҳои ҷаҳон, ба монанди Франсия, Олмон, Италия, Испания, Япония ва ғ. мебошад.

Шакли дигари мурофиаи ҷиноятӣ, ки бештар паҳн гаштааст мурофиаи мубоҳисавӣ мебошад, ки он бо баробарии мурофиавии тарафҳо ва тақсими функсияҳо байни айбдоркунанда, ҳимоя ва суд асос ёфтааст. Дар ҳуқуқшиносии ғарб мурофиаи мубоҳисавиро ҳамчун баҳси байни тарафҳои баробар (баҳси байни айбдоркунанда ва айбдоршаванда) дар суд мефаҳманд, ки дар он исбот кардани гуноҳи айбдоршаванда ба зиммаи давлат гузошта мешавад. Навъи мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ дар замони муосир ба мамлакатҳои низоми ҳуқуқи англосаксонӣ, аз ҷумла, Британияи Кабир, ИМА, Канада, Австрия, Зеландияи нав васеъ паҳн гаштааст.

Дар натиҷаи инкишофи ислоҳоти ҳуқуқӣ солҳои 80-уми асри XX дар як қатор давлатҳои низоми англосаксонӣ қонунҳои муҳим дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ қабул гардиданд, ки то андозае мурофиаи ҷиноятиро дар он давлатҳо мураттаб гардонидааст. Аз ҷумла, дар Англия Қонун дар бораи адлияи ҷиноятӣ соли 1982, Қонун дар бораи айбдоркунӣ соли 1985, Қонун дар бораи адолати судии ҷиноятӣ соли 1988 қабул гардид, ки мурофиаи ҷиноятии ин мамлакатро то андозае мураттаб (консолидатсия) гардонид.

Иинкишофи муосири мурофиаи ҷиноятӣ дар давлатҳои мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки ба амалигардонии арзишҳои умумиинсонӣ диққати зиёд дода шудааст. Чунончӣ, дар доираи барномаи ислоҳотии ИМА ҳуқуқи камбағалӣ инкишоф ёфта, айбдоршавандагони аз ҷиҳати моддӣ нодор ҳуқуқ пайдо намуданд, ки аз хизмати ҳимоятгар ройгон истифода баранд; дар Англия барои машваратчиёни халқӣ талаботи молумулкӣ бекор гардид; дар Франсия барои ғайриқонунӣ дастгир кардан ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзӯр карда шуд ва ғ.

## § 2. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Англия

Мурофиаи ҷиноятии Англия мурофиаи классикии давраи капитализм ба шумор меравад. Маҳз дар Англия бори нахуст институтҳои заминавие ба вуҷуд омадаанд, ки минбаъд дастоварди низомҳои дигари мурофиавӣ гардиданд. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар Англия, статутҳо (қонунгузории парламент) ва амсолияҳои судӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин, дар Англия асарҳои ҳуқуқшиносони классикӣ, ҳолатҳои ҳуқуқи канонӣ, одатҳои ҳуқуқии асримиёнагӣ ва ҳатто меъёрҳои умумиэътирофгаштаи ахлоқ низ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд. Дар низоми таърихан ташаккулёфтаи сарчашмаҳои ҳуқуқи Англия иерархия байни сарчашмаҳо қариб тамоман вуҷуд надорад. Чунин хусусият ба зиддиятҳо ва номувофиқии тамоми низоми сарчашмаҳои  ҳуқуқ меорад, ки на танҳо ҳангоми муқоисаи байни намудҳои алоҳидаи сарчашмаҳо, балки ҳангоми муқоиса дар дохили намуди алоҳидаи сарчашмаи ҳуқуқ, инъикос меёбад. Барои интихоб кардан аз байни гурӯҳи зиёди меъёрҳо усули қиёси рақобат истифода мегардад, ки он имкон медиҳад аз байни тамоми меъёрҳо ҳамонеро интихоб намоянд, ки нисбатан бештар ба баҳси (казуси) ҳуқуқии мазкур мувофиқ аст.

Мурофиаи ҷиноятии Англия ба принсипи мубоҳисавӣ асос ёфта, функсияҳои зеринро дар бар мегирад: функсияи айбдоркунӣ (оғози парвандаи ҷиноятӣ дар назди суд, ҷамъ кардани далелҳои айбдоркунанда, дастгирии айбдоркунӣ дар суд); функсияи ҳимоя (ҷамъ кардани далелҳои сафедкунанда, ҳимоякунӣ дар суд); функсияи суд (таъмини риояи қоидаҳои баҳси судӣ, ҳалли масъалаи гунаҳгорӣ, муайян кардани чораи ҷазо).

**Тафтишоти пешакӣ[1].** Тибқи консепияи айбдоркунии умумишаҳрвандӣ, ки дар мурофиаи муосири Англия амал мекунад, ҳуқуқи таъқиби ҷиноятӣ ба ҳар як шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дода шудааст. Дар ин гуна шароит ҷабрдида, инчунин дигар шахсоне, ки тибқи қонун ҳуқуқи таъқиби ҷиноятиро соҳибанд, метавонанд тафтишоти пешакиро шахсан ё бо роҳи даъвати детективи хусусӣ амалӣ намоянд ва ё ба мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат кунанд. Дар мавриде, ки таъқиби ҷиноятӣ аз номи давлат амалӣ мегардад, ё шахси хусусӣ ба мақомоти давлатӣ муроҷиат мекунад, тафтишоти пешакӣ аз ҷониби шахсони мансабдори полис, дастгоҳи тафтишотии департамент оид ба таъқиби оммавӣ, Хизмати давлатии айбдоркунӣ (с. 1986) амалӣ карда мешавад.

[1] Марҳилаи мазкур дар адабиёти  ҳуқуқии Англия ҷудо нашудааст, зеро он қариб дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ танзими худро наёфтааст.

Полиси Британия тафтишоти пешакии қисми зиёди ҷиноятҳоро мегузаронад. Бо қабули Қонун дар бораи полис ва далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз соли 1984 ваколати полис хеле васеъ шуд. Масалан, полис ҳуқуқ пайдо кард, ки дар ҳолатҳои таъхирнопазир ҳабсро бе иҷозати (санксияи) суд анҷом диҳад, қарори мақомоти полис дар бораи эълони айб метавонад, танҳо аз ҷониби директории таъқиби оммавӣ бекор карда шавад.

Оид ба ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки манфиатҳои давлатро халалдор мекунанд (иғвогарӣ, порагирӣ, коррупсия ва ҷиноятҳое, ки бо Қонун дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ аз соли 1912 пешбинӣ шудаанд) тафтишотро департаменти таъқиби ҷиноятӣ бо роҳбарии Атторнеи генералӣ мегузаронад. Атторнеи генералӣ шахси мансабдори олии давлат дар соҳаи амалигардонии таъқиби ҷиноятӣ буда, супоришҳои ӯ барои ҳамаи шахсон ва мақомоте, ки тафтишоти пешакиро мегузаронанд, ҳатмӣ мебошад.

Дар натиҷаи ислоҳоти дастгоҳи тафтишӣ соли 1986 Хадамоти давлатии айбдоркунӣ таъсис дода шуд, ки онро Атторнеи генералӣ сарварӣ мекард.

**Оғози парвандаи ҷиноятӣ.** Дар ин марҳилаи мурофиа татбиқи якчанд чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, аз ҷумла кофтуков, ҳабс иҷозат дода мешавад. Ин амалҳоро бе санксияи суд ва ҳатто бе санҷидани маълумоти аввалин дар бораи аломатҳои ҷиноят гузаронидан мумкин аст. Мутобиқи таълимоти айбдоркунии умумишаҳрвандӣ, агар дар бораи гумонбарии шахс дар содир кардани ҷиноятe, ки ҳабсро пешбинӣ мекунад ё тайёрӣ дидан ба он асоси кофӣ мавҷуд бошад, ҳуқуқи анҷом додани ҳабсро на танҳо шахсони мансабдор, балки шахсони хусусӣ низ доранд. Дар чунин маврид хулоса баровардан мумкин аст, ки ваколати аз ҳад зиёд боиси сӯиистифода аз мансаб гардад. Чунончӣ, мутобиқи маълумоти ВКД Британияи Кабир ҳамасола зиёда аз 50 000 ҳабси ғайриқонунӣ содир мешавад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ин гуна сӯистифодаҳо ва тафтиши қонунӣ будани татбиқи чораи баҳабсгирӣ дар Англия расмиёте, истифода мешавад, ки бо номи «хабеас корпус» маълум аст. Мутобиқи ин расмиёт шахсе, ки ба ҳабс гирифта шудааст ё ягон шахси дигар, ки аз номи ӯ амал мекунад, метавонанд бо ариза ба суд дар бораи ғайриқонунӣ будани ҳабс муроҷиат кунад. Дар ин маврид шахси ҳабскардашуда ба суд оварда мешавад ва масъалаи қонунӣ будани ҳабси ӯ бо иштироки ҳимоятгар баррасӣ мегардад.

**Татбиқ намудани чораи маҷбуркунии мурофиавӣ аз ҷониби суд.** Ин марҳилаи мурофиаи ҷиноятии Англия аз лаҳзаи ба суд аз ҷониби полис пешниҳод намудани ҳуҷҷати мурофиавӣ – «иттилоот» оғоз меёбад. Дар ин ҳуҷҷати мурофиавӣ зарурати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси муайян асоснок карда мешавад. Агар судя бо иттилоот розӣ шавад, ӯ варрант қабул мекунад[1]. Дар мурофиаи ҷиноятии Англия ду намуди варрант – махсус ва умумӣ маълум аст. Дар варранти махсус аниқ шахсе, ки ба ҳабс гирифта мешавад ё биное, ки дар он кофтуков гузаронида мешавад, нишон дода мешавад. Варранти умумӣ бошад суроғаи мушаххас надорад, яъне татбиқи чораи

---

[1] Варрант - фармони судие, ки гузаронидани ҳабс, кофтуков ва дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро иҷозат медиҳад.

маҷбуркунии давлатиро нисбати шахсони номуайян дар алоқамандӣ бо тафтиши ҷинояти муайян иҷозат медиҳад.

**Пешбурди пешакӣ дар суд.** Дар мурофиаи ҷиноятии Англия ду навъи расмиёти баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мавҷуд аст: 1) пешбурди судии соддашуда; 2) пешбурди судӣ тибқи санади айбдоркунанда.

Дар асоси ин намуди тақсимот пеш аз ҳама дараҷаи хавфнокии намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо меистад. Чунончӣ, ба тартиби пешбурди судии соддашуда парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои камаҳамият баррасӣ мешаванд. Ба парвандаҳое, ки санади айбдоркунандаро талаб менамоянд, ҷиноятҳои нисбатан хавфнок дохил мешаванд.

Марҳилаи пешбурди судии пешакӣ ҳамон вақте имкон дорад, ки баррасии парвандаи ҷиноятӣ тибқи тартиби пешбурди судӣ бо санади айбдоркунӣ амалӣ гардад. Дар ин марҳила дар шароити мубоҳисавӣ аз ҷониби суд кофӣ будани асосҳо барои ба суд додани айбдоркунанда санҷида мешавад. Ҳангоми пешбурди соддашуда гузаронидани пурсиши шоҳидони айбдоркунӣ ва тадқиқи далелҳои дигари айбдоркунанда имконпазир аст. Баъд аз гузаронидани амалҳои зикршуда судя ба айбдоршаванда формулаи айбдоркуниро эълон мекунад ва моҳияти онро мефаҳмонад. Сипас далелҳое, ки аз ҷониби ҳимоя пешниҳод шудаанд, баррасӣ мегарданд. Дар охир айбдоршаванда (ё ҳимоятгари ӯ) ва айбдоркунанда баромад намуда, ба далелҳои баррасишуда баҳои худро медиҳанд. Дар натиҷаи пешбурди судии пешакӣ дар бораи ба суд додани айбдоршаванда ё дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда мешавад.

**Моҳиятан муҳокима намудани парванда дар суд.** Марҳилаи мазкур бо баррасӣ намудани лоиҳаи санади айбдоркунӣ аз ҷониби суд оғоз меёбад, ки санади мазкур моҳияти айбдоркуниро дар бар мегирад. Баъдан ин санад аз тарафи судя тасдиқ карда мешавад ва санади тасдиқшуда барои шиносоӣ ба айбдоршаванда пешниҳод мегардад. Аз ҷониби айбдоршаванда эътироф намудани айби пешниҳодшуда якбора тамоми мурофиаи минбаъдаро содда мегардонад. Баъд аз ин судя метавонад ҳолатҳои асосии арзи айбдоршавандаро аз ҷониби айбдоркунанда, ҳимоятгари ӯ шунавад ва ҳукмро барорад.

Агар айбдоршаванда айби худро инкор кунад ва айбдоркунанда далелҳои исботкунии гуноҳи ӯро пешниҳод накарда бошад, судя дар бораи ба протокол қайд намудани вердикти (ҳукми) сафедкунанда бе равон кардани парванда ба баррасии ҳакамон, фармон мебарорад.

Дар ҳолате, ки агар айбдоршаванда гуноҳи худро эътироф накунад ва айбдоркунанда далелҳои исботкунии гуноҳи ӯро пешниҳод намуда бошад, судя барои ташкили доварони машваратчиёни ҳакамӣ оғоз мекунад. Ҳайати доварон 12 нафар муқаррар гардидааст.

Ҳакамоне, ки нисбати онҳо раддия изҳор нашудааст, барои муҳокимаи судӣ мегузаранд.

Аз ҷиҳати назариявӣ критерияи маҳдудсозии судя ва машваратчиёни халқӣ аниқ муайян гардидааст: доварон масъалаҳои ҳолат, судя бошад масъалаҳои ҳуқукро ҳал менамоянд. Ин критерия дар намуди меъёрӣ аллакай соли 1877 аз ҷониби Палатаи лордҳо мустаҳкам шуда буд. Баъдтар доираи

масъалаҳое, ки аз ҷониби машваратчиён ҳал карда мешуданд, кам шуда, мувофиқан салоҳияти судя васеъ гардид.

Тафтиши судӣ бо тадқиқи далелҳои айбдоркунӣ оғоз меёбад. Тартиби гузаронидани тафтиши судӣ ба баррасии пешакии парванда дар суд якхела мебошад. Дар баробари фаҳмонидани моҳияти айбдоркунӣ ва далелҳои асосӣ аз ҷониби айбдоршаванда, шоҳидоне, ки дар санади айбдоркунӣ нишон дода шудаанд, даъват ва пурсида мешаванд. Сипас айбдоркунанда натиҷаи тадқиқи далелҳои айбдоршавандаро ҷамъбаст мекунад. Баъд аз ин судшаванда ё ҳимоятгар метавонанд ба суд дар бораи нодурустии далелҳои айбдоркунанда ариза пешниҳод кунад. Агар судя арзи онҳоро асоснок шуморад, ба машваратчиён дар бораи сафедкунии судшаванда фармоиш медиҳад.

Агар ин гуна ариза мавҷуд набошад, далелҳои ҳимоя тадқиқ карда мешаванд. Пеш аз пурсиши шоҳидони ҳимоя ба судшаванда ё ҳимоятгари ӯ барои фаҳмонидани далелҳои ҳимоя сухани ифтитоҳӣ дода мешавад. Баъди тадқиқи далелҳои ҳимоя судшаванда ва ҳимоятгари ӯ хулосаҳоро ҷамъбаст мекунанд. Ба айбдоркунанда низ барои таҳлили далелҳои ҳимоя сухан дода мешавад.

Баъд аз баромад кардани тарафҳо ва баррасии далелҳои айбдоркунӣ ва ҳимоя, судя дар бораи натиҷаи тафтиши судӣ хулоса карда, ба машваратчиён сухани ҷамъбастӣ медиҳад. Моҳиятан, дар сухани ҷамъбастӣ судя на танҳо тарафи воқеӣ, балки ҷиҳатҳои ҳуқуқиро низ таҳлил мекунад.

Сипас расмиёти баровардани ҳукм аз ҷониби машваратчиёни халқӣ оғоз меёбад. Агар машваратчиён дар бораи мавҷуд будан ё набудани гуноҳи шахс ба қарори муайян наоянд, судя ҳуқуқ дорад ҳайати доваронро барҳам диҳад ва муҳокимаи судии навро таъин кунад.

Баъд аз баровардани ҳукм аз ҷониби машваратчиёни халқӣ, суд дар бораи муайян кардани чораи ҷавобгарӣ як қатор амалҳои мурофиавиро анҷом медиҳад. Бо ин мақсад суд нишондоди шоҳидонро дар бораи шахсияти судшаванда мешунавад, далелҳои ҳимояро дар бораи сабук кардани ҷазо баррасӣ менамояд ва дар охир ба судшаванда сухани охирин медиҳад.

**Пешбурди соддашуда.** Дар Англия бо тартиби пешбурди соддашуда аз ҷониби судҳои магистраторӣ зиёда аз 96 фоизи тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар судҳои магистраторӣ адолати судӣ бе иштироки машваратчиёни халқӣ амалӣ мегардад. Шумораи судяҳо аз ду то ҳафт нафар ва баъзан пешбурд аз ҷониби судя танҳо амалӣ карда мешавад.

Ба пешбурди соддашуда чунин хусусият хос аст, ки дар он баррасии парванда бе иштироки судшаванда дар маҷлиси судӣ имконпазир аст. Доираи ҳолатҳои мушаххасе, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо парвандаро бе иштироки судшаванда баррасӣ намудан мумкин аст, бо Қонун дар бораи адолати судии ҷиноятӣ аз соли 1988 васеъ шудааст.

Тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои магистраторӣ аз муносибати судшаванда ба масъалаи айбдорӣ вобаста мебошад. Агар судшаванда ба гуноҳи худ иқрор шавад, суд бе тадқиқи далелҳо ҳукмро қабул мекунад. Асоси ягонаи ин гуна ҳукм иқрори судшаванда ба гуноҳи худ мебошад, зеро маводи аз ҷониби полис ҷамъшуда ба таври мурофиавӣ чун сарчашмаи

далелҳо мустаҳкам ва аз ҷониби суд моҳиятан дар маҷлиси судӣ санҷида намешаванд.

Дар ҳолате, ки агар судшаванда худро гунаҳгор наҳисобад, муҳокимаи судии минбаъда мутобиқи қоидаҳои пешбурди парванда бо санади айбдоркунӣ амалӣ карда мешавад. Танҳо масъалаи гунаҳгорӣ ва таъини чораи ҷазо бо қабули ҳукм аз ҷониби судҳои магистраторӣ ҳал мегардад.

**Пешбурди апеллятсионӣ.** Дар мурофиаи ҷиноятии Англия расмиёти ягонаи шикоят овардан ба ҳукм пешбинӣ нашудааст. Ин бо он асос меёбад, ки танзими мурофиавии шикоят овардан ба қарорҳои судие, ки бо тартиби соддашуда ва бо тартиби пешбурди парванда бо санади айбдоркунӣ қабул шудаанд, гуногун мебошад.

Якчанд зинаҳои апеллятсионӣ мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо дар фаъолияти худ меъёрҳои ҷудогонаи мурофиавиро ба роҳбарӣ мегиранд.

Шикоятҳои апеллятсионӣ ба ҳукм ва қарорҳое, ки бо тартиби пешбурди соддашуда бароварда шудаанд дар Суди Карона баррасӣ мегардад. Шикоятҳо ба ҳукмҳои Суди Карона ва Суди Олӣ дар шӯъбача оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди апеллятсионӣ баррасӣ мегардад. Суди Олии мамлакат Суди Палатаи лордҳо маҳсуб меёбад, ки қарорҳои Суди апеллятсиониро ба тартиби апеллятсияи дуввумин баррасӣ менамояд.

Асосҳои шикояти апеллятсионӣ ба ду категория ҷудо мешаванд: асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ. Барои шикоят овардан ба ҳукм ва вердикти машваратчиён аз рӯйи асосҳои воқеӣ иҷозати судяе, ки ҳукмро қабул кардааст ё розигии суди зинаи апеллятсионӣ дар бораи аз нав баррасӣ намудани парвандаи мазкур лозим аст.

Салоҳияти судҳои зинаи апеллятсионӣ хеле васеъ мебошад. Мутобиқи Қонун дар бораи судҳо аз соли 1971 ва Қонун дар бораи адолати судии ҷиноятӣ аз соли 1988 онҳо метавонанд ҳукмро бе тағйир монанд, ҳукмро бекор кунанд ва парвандаро барои баррасии нав ба суди поёнӣ ирсол кунанд, ҳукмро тағйир диҳанд инчунин метавонанд ҳукми нав қабул кунанд. Дар чунин ҳолат ҷазои аввала набояд, ки зиёд карда шавад, агар апеллятсия аз рӯйи асосҳои ҳуқуқӣ пешниҳод шуда бошад.

## § 3. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Дар барқароршавӣ ва инкишофи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ИМА ҳуқуқи мурофиавии англисӣ таъсири ҳалкунанда дорад. Идеяҳои муҳими низоми ҳуқуқии англосаксонӣ дар решаи амрикоӣ қариб тағйир наёфтаанд.

Хусусияти мурофиаи ҷиноятии ИМА ба сохти федеративии давлатдорӣ асос ёфта, дар баробари қонунгузории умумииттифоқӣ ҳар як иёлот дорои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии худ мебошад. Вобаста ба ин фарқиятҳои ҷиддии танзимнамоии ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятии умумииттифоқӣ ва мурофиаи ҷиноятии иёлотҳо ба назар мерасад. Ин фарқиятҳо аз ҷиҳати гуногун будани ҳалли масъалаҳои ба ҳамдигар монанд дар иёлотҳои алоҳида зиёд мегардад.

Дар байни сарчашаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии умумииттифоқӣ Конститутсияи ИМА соли 1787 ва Билл дар бораи ҳуқуқҳо соли 1791, ки даҳ тағйиротҳои ба Конститутсия воридшударо дар назар дорад, аҳамияти махсус дорад. Билл дар бораи ҳуқуқҳо асосҳои либералӣ-демократии мурофиаи ҷиноятии америкоиро мустаҳкам менамояд[1].

Дар баробари Конститутсия сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии умумииттифоқӣ санадҳои Конгресси ИМА, қоидаҳои пешбурди судии ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Суди Олии ИМА муқаррар шудаанд ва амсолияҳои судӣ мебошанд.

Дар байни санадҳои Конгресси ИМА ҷои асосиро қонунҳои ҷудогона ишғол мекунанд, ки дар айни замон кодификатсия шуда, ба Маҷмӯи қонунҳои ИМА дохил шудаанд.

Конгресси ИМА ба Суди Олӣ ваколати муқаррар намудани қоидаҳои мурофиаи судии ҷиноятиеро додааст, ки онҳо қувваи қонуни умумииттифоқиро доранд. Чунончӣ, Қоидаҳои умумииттифоқии мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Суди Олӣ қабул шудааст, ба қисми 18-уми Маҷмӯи қонунҳои ИМА дохил карда шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки судҳои поёнии умумииттифоқӣ низ метавонанд барои худ қоидаҳои мурофиаи ҷиноятиро муқаррар намоянд, ки ин қоидаҳо танҳо дар худи ҳамон судҳое, ки онҳоро қабул кардаанд амал мекунад.

Аз рӯйи хусусиятҳои асосии худ сарчашмаҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии иёлотҳои алоҳида ба низоми умумииттифоқӣ мувофиқат мекунанд. Дар иёлотҳо дар сатҳи болоии иерархия санадҳои легистратураҳои иёлотҳо ва баъд амсолияҳои судӣ меистанд. Дар баъзе иёлотҳо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кодификатсия шудаанд.

**Тафтишоти пешакӣ.** Мутобиқи меъёрҳои амалкунанда ва одатҳои ҳуқуқии мавҷуда, тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятиро дар ИМА мақомот ва шахсони мансабдори гуногун амалӣ мекунанд, ки дар байни онҳо полис ва атторнетура мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Қайд намудан зарур аст, ки тафтишоти пешакиро нисбати аксари парвандаҳои ҷиноятӣ мақомоти полис анҷом медиҳад.

Низоми муосири мақомоти полиси амрикоӣ дар ҷаҳони капитализм яке аз низомҳои мураккаб ва ғайримарказонидашуда ба ҳисоб меравад. Аз ҷиҳати ташкилӣ он бо дараҷаи баланди мураккабиаш фарқ мекунад. Қайд намудан кофист, ки дар ИМА қариб 40 000 сохторҳои полис амал мекунад. Алоқаи сахти иерархӣ дар байни онҳо дар бисёр ҳолатҳо вуҷуд надорад, инчунин ягонагии ташкилӣ ба таври уфуқӣ таъмин нест.

Дар оғози таъқиби ҷиноятӣ ва пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ хадамоти атторнетура нақши муҳим дорад[2].

Атторнетураи умумииттифоқӣ ниҳоят марказонидашуда буда, атторнеҳои маҳаллӣ (округӣ) ба он тобеъ мебошанд ва онро Атторнеи генера-

[1] Ниг.: Жигачев И. и др. Введение в правовую систему США. – М.: Норма, 1997. – С. 179-181.

[2] Истилоҳи «атторней» дар адабиёти шӯравӣ одатан ҳамчун «прокурор» тарҷума шудааст, ки чандон дуруст нест, зеро вазъи ҳуқуқӣ ва ваколати атторнея ва прокурор, тавре дар мамлакатҳое, ки институти прокуратура амал мекунад, як хел нестанд.

лии ИМА роҳбарӣ мекунад. Ба ғайр аз ин хадамоти атторнеи иёлотҳо мавҷуд аст, ки ба низоми умумииттифоқӣ тобеият надоранд. Ҳаҷми ваколати атторнеи Амрико хеле васеъ мебошад. Аз ҳокимияти дисперсионӣ истифода намуда, вай метавонад бо хоҳиши худ масъалаи ба мақсад мувофиқ будан ё набудани таъқиби ҷиноятиро нисбати шахсони мушаххас, ҳал намояд. Таъсири атторней ба рафти баррасии минбаъдаи парвандаи ҷиноятӣ хеле калон аст.

Ба ғайр аз мақомот ва шахсони мансабдори зикршуда, пешбурди тосудии тафтишотро комиссияҳои махсуси тафтишотӣ (муваққатӣ ва доимӣ) ва мақомоти ҳукуматӣ амалӣ мекунанд. Дар ҳолатҳои алоҳида, вақте ки ба беғараз бурдани тафтишот аз ҷониби полис ё атторней шубҳа пайдо мешавад, мумкин аст, барои бурдани тафтишоти пешакӣ довари калони машваратчиён ташкил карда шавад.

Марҳилаи тафтишоти пешакӣ бо ҷамъ намудани далелҳои кофӣ ва тартиб додани санади айбдоркунӣ ё ҳуҷҷати мурофиавие, ки «иттилоот» ном дорад, анҷом меёбад.

**Пешбурди пешакӣ дар суд.** Мурофиаи ҷиноятӣ дар Амрико ба мисли мурофиаи англисӣ, ду тартиби мурофиавии пешбурд оид ба парвандаро дар бар мегирад: пешбурди парванда тибқи санади айбдоркунӣ ва пешбурди соддашуда.

Маҳдуд намудани ин ду шакли пешбурди мурофиавӣ аз дараҷаи хавфнокии намуди ҷиноятҳои мушаххас вобаста аст. Вобаста аз ин қайд намудан лозим, ки марҳилаи пешбурди пешакӣ дар суд танҳо ҳангоми баррасии парванда тибқи санади айбдоркунӣ ё иттилоот воқеӣ мегардад. Вале дар ин маврид низ марҳилаи мазкур хусусияти факултативӣ дорад, зеро оғози пешбурд дар ин маврид аз дархости дахлдори тарафҳо ва баъзе ҳолатҳои дигар вобаста аст.

Дар марҳилаи пешбурди пешакӣ парванда дар суд чун қоида аз ҷониби судя танҳо баррасӣ мегардад. Айбдоркунанда ва ҳимоятгар бо навбат далелҳои ҷамъшударо пешниҳод намуда, исбот мекунанд. Дар асоси онҳо судя масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, интихоб кардан, тағйир додан ё иҷозат додан ба татбиқи чораи пешгирӣ ва дигар масъалаҳоро ҳал мекунад.

**Басуддиҳӣ.** Дар мурофиаи ҷиноятии ИМА ду тартиби ба суд додани айбдоршаванда амал мекунад: бо қарори атторней ва бо қарори доварони калон.

Дар ҳолати аввал ба суд додан дар асоси иттилоот амалӣ мегардад. Ин ҳуҷҷати мурофиавӣ аз ҷониби атторней тартиб ва тасдиқ шуда, баъд аз он айбдоршаванда ба суд додашуда маҳсуб меёбад.

Тартиби дуввуми басуддиҳӣ мураккабтар буда, тибқи ин тартиб барои баррасии санади айбдоркуние, ки атторней тартиб додааст, доварони калон таъсис дода мешаванд. Маҷлиси доварони калон дар шароити ғайриошкоро ва пинҳонӣ гузаронида мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки адабиёти ҳуқуқии амрикоӣ ба довари калон ҳамчун мақомоти ҷамъиятие, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои назоратиро амалӣ намуда, қонунӣ ва асоснок будани ба суд додани шаҳрвандони амрикоиро таъмин менамояд, аҳамияти нақши истисноӣ дода шудааст. Аммо аҳамияти воқеии ин мақомот на он қадар калон аст. Зеро ҳатто санади айбдоркуниро инкор намудани довари калон, баррасии судии минбаъдаро нисбати

айбдоршавандаи мазкур истисно намекунад. Барои таъмин намудани ин натиҷа атторней аз як қатор имкониятҳои мурофиавӣ бархурдор аст. Асоситарини ин имкониятҳо ин истифодабарии ҳуқуқ барои ҳалли масъалаи ба суд додан дар асоси иттилоот мебошад, ки аз ҷониби ӯ тартиб ва тасдиқ карда мешавад. Дар ин ҳолат ба атторней тағйир додани айбдокунӣ ба айбдоркунии сабуктар кофӣ буда, парванда ба суд равон карда мешавад, ки суд ухдадор мешавад новобаста аз қарори манфии довари калон оид ба масъалаи кофӣ будани асосҳо барои ба суд додани айбдоршаванда, парвандаро моҳиятан баррасӣ намояд.

**Моҳиятан муҳокима намудани парванда аз ҷониби суд.** Расмиёти муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз як қатор амалҳои мурофиавии бо навбат иборат аст. Ба ҷумлаи онҳо дохил мешаванд: ба судшаванда эълон карданимоҳияти санади айбдоркунӣ ё иттилоот; муайян кардани муносибати судшаванда ба айбдоркунӣ; таъини машваратчиёни ҳалқӣ ба доварӣ; тафтиши судӣ; музокираи тарафҳо; баровардани қарор (вердикт) аз ҷониби машваратчиёни халқӣ; муайян намудани ҷораи ҷазо ва баровардани ҳукм.

Ба монанди мурофиаи ҷиноятии Англия, ба гуноҳи худ иқрор шудани судшаванда якбора тамоми расмиёти минбаъдаи судиро содда мегардонад. Дар чунин ҳолат тафтиши судӣ гузаронида намешавад, далелҳои дигар тадқиқ нашуда, судя ҳукмро қабул мекунад. Аммо, дар ҳолате, ки мурофиа бо иштироки машваратчиёни халқӣ амалӣ мегардад, ҳангоми муҳокимаи парванда бисёр кафолати мурофиавӣ амалӣ намегарданд. Аз ҷумла, дар музокираи судӣ айбдоркунанда аз ҳама охирон баромад мекунад, ҳолати мазкур ба принсипи таъмин намудани ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя, ки бо тағйироти шашуми Конститутсияи ИМА эълон гардидааст, мувофиқат намекунад.

Муносибатҳои ҳуқуқии байни судя ва машаваратчиёни халқӣ оид ба аз ҷониби машваратчиён баровардани вердикти айбдоркунанда ба мурофиаи ҷиноятии Англия хеле монанд аст. Судя барои таъмини қабули қарори манфиатдор ваколати васеъ дорад. Чунончӣ, судя метавонад вердиктро ғайриқонунӣ эътироф кунад ва барои қабули вердикти нав муҳокимаи судии нав таъин кунад.

Тартиби муайян намудани ҷораи ҷазо ва қабул намудани ҳукм ба он тартибе, ки дар мурофиаи ҷиноятии Англия амал мекунад, то андозае монанд аст. Дар баробари монандиҳо, инчунин фарқиятҳои муайян низ дар мурофиаи ҷиноятии ИМА дида мешавад. Чунончӣ, дар як қатор иёлотҳо ҷораи ҷазо аз ҷониби судя на ин ки танҳо, балки бо иштироки машваратчиёни халқӣ муайян карда мешавад. Аммо машваратчиёни халқӣ дар муайян намудани ҷораи ҷазо ба судя танҳо тавсия дода метавонанд, яъне иштироки онҳо дар ҳалли ин масъала на он қадар аҳамият дорад, зеро ки судя ҳуқуқ дорад тавсияи онҳоро ба назар нагирад.

Қайд кардан зарур аст, ки боз яке аз институтҳои муҳими мурофиавӣ дар ИМА бо номи «аҳд дар бораи эътирофкунӣ» маълум аст, ки ба он низ бояд диққат диҳем.

«Аҳд дар бораи эътирофкунӣ» то лаҳзаи бо иштироки судя шинос гардидани тарафи айбдоркунанда ва тарафи ҳимоя бо далелҳои ҷамъкардашудаи

тарафҳо сурат мегирад. Ҳар ду ҷониб барои бовар кунонидани машваратчиён дар исбот шудан ё исбот нашудани айбдоркунӣ имкониятҳои воқеии худро баҳо медиҳанд.

Дар натиҷа мумкин аст айбдоркунанда аз қисми айбдоркунӣ даст кашад ё айбдоркуниро сабук кунад (масалан, аз айбдоркунии қасдан содир шудани ҷиноят ба содир кардани ҷиноят аз беэҳтиётӣ мегузарад).

Айбдоршавандае, ки бо чунин тағйироти айбдоркунӣ розӣ мешавад, худро гунаҳгор меҳисобад, ва ин боиси маҳрум гардидан аз баҳси исбот шудани айбдорӣ мегардад, ки дар натиҷа зарурати гузаронидани муҳокимаи судӣ бо иштироки машваратчиён аз байн меравад. Дар чунин маврид судя аҳди содиршударо дар бораи эътирофкунӣ қайд намуда, рафтореро, ки айбдоршаванда ба он иқрор шудааст бандубаст ва ба ӯ ҷазоро таъин мекунад.

Аҳд дар бораи эътирофкунӣ аз низоми мурофиаи ҷиноятии англосаксонӣ бармеояд. Мавҷуд будани ин эътирофкунӣ пешакӣ ба қабул кардани ҳукми айбдоркунанда сабаб мешавад. Бинобар ин кушиши айбдоркунанда дар мурофиаи ҷиноятӣ то андозае на ин ки барои муайян намудани ҳақиқат, балки барои гирифтани эътирофи айбдоршаванда, ки суд ба он шубҳа надорад равон гардидааст, ки бо ин роҳ ҳукми айбдоркунанда бароварда мешавад.

Ҳолатҳое аҳамияти муҳим доранд, ки тибқи он ҳангоми маҳкум шудан аз рӯйи аҳди эътирофкунӣ оқибатҳои номусоиде, ки дар вақти қабул кардани ҳукми айбдоркунанда бо роҳи моҳиятан муҳокима кардани парванда аз тарафи суд ба вуҷуд меоянд (маҳрум намудан аз ишғоли мансабҳои муайян, маҳрум намудан аз ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ғайра) фаро намерасанд.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло аз васеъ паҳн гардидани аҳди эътирофкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд, ки инро боз маълумоти омори судӣ дар ИМА тасдиқ менамояд. Миқдори ҳукмҳое, ки дар асоси ба гуноҳи худ иқрор шудани айбдоршаванда қабул шудаанд дар мамлакат дар солҳои гуногун аз 88 то 90 фоизи шумораи умумии тамоми ҳукмҳоро ташкил медиҳанд. Дар баъзе шаҳрҳо ва иёлотҳо ин миқдор боз зиёдтар аст. Чунончӣ, дар иёлоти Ню-Йорк ин миқдор зиёда аз 96 фоизро ташкил медиҳад.

**Пешбурди соддашуда.** Баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тарзи соддашуда вобаста ба шакли соддашудаи мурофиавӣ фарқ мекунад. Моҳиятан, ҳангоми пешбурди соддашуда на танҳо марҳилаи тафтишоти пешакӣ, балки якчанд марҳилаҳои судӣ (пешбурди пешакӣ аз ҷониби суд, басуддиҳӣ) низ вуҷуд надорад. Баррасии парванда бо тартиби пешбурди соддашуда бештар аз ҷониби судя танҳо амалӣ мегардад. Асоси мурофиавии чунин тарзи баррасиро иттилооти полис ё шикояти ҷабрдида ташкил медиҳанд. Дар ҳолати ба айби худ иқрор шудани айбдоршаванда судя фавран чораи ҷазоро муайян мекунад.

**Пешбурди апеллятсионӣ.** Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Амрико ҳуқуқи шикояти апеллятсиониро хеле маҳдуд муқаррар намудааст. Чунончӣ, асос барои арз намудани шикояти апеллятсионӣ тибқи қоидаи умумӣ танҳо масъалаи ҳуқуқ шуда метавонад ва нисбати ҳукм танҳо он маҳкумшудае, ки дар марҳилаи якум ба айби худ иқрор нашудааст шикоят оварда метавонад.

Дар марҳилаи апеллятсионӣ танҳо «хатогии ҷиддӣ» боиси бекор намудани ҳукми айбдоркунанда мегардад.

Дар таҷрибаи судӣ ба хатогиҳои ҷиддӣ одатан инҳо дохил шудаанд: вайрон намудани расмиёти таъсиси довари калон ва тасдиқи санади айбдоркунӣ; риоя накардани қоидаҳои муқарраргардидаи интихоби ҳайати машваратчиён, вайрон кардани шартҳои асосии ҳал кардани масъалаи гунаҳгорӣ, нодуруст қабул намудан ё ба назар нагирифтани ягон ҳолат ҳамчун далел оид ба парванда ва монанди инҳо, инчунин хатогиҳое, ки ҳуқуқҳои асосии мурофиавии судшавандаро вайрон мекунанд.

## § 4. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Франсия

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Франсия соли 1958, ки сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар ин давлат мебошад, намунаи сазовори шакли омехтаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тафтишоти пешакӣ.** Тафтишоти пешакӣ ба ҳуқуқи давлат оид ба ба ҳуқуқвайронкунанда эълон кардани айбдоркунӣ асос меёбад. Чун қоида пеш аз тафтишоти пешакӣ полис таҳқиқ мегузаронад, ки он ба намуд ҷудо мешавад: таҳқиқ дар намуди пурра гузаронидани тафтишот ва таҳқиқ оид ба парвандаҳое, ки нисбати онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмист. Таҳқиқи полис зери роҳбарии прокурор аз ҷониби комиссарҳо, офитсерон ва агентони полиси судӣ ва префектҳои департаментҳо гузаронида мешавад. Ба полиси судӣ барои гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан, дастгиркунии гумонбаршудагон ва шоҳидон, инчунин, пурсиши шахсони зикршуда ҳуқуқҳои васеъ дода шудааст. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқ барои анҷом додани амалҳои тафтишӣ шакли муайяни мурофиавӣ пешбинӣ нашудааст, ҳарчанд маълумоте, ки аз ҷониби полис ҷамъ оварда мешавад, аҳамияти исботкунӣ доранд. Мавриди зикр аст, ки гузаронидани таҳқиқ ҳатто то оғози парвандаи ҷиноятӣ имконпазир аст. Ваколати полиси судӣ оид ба парвандаҳое, ки нисбати онҳо гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, хеле васеъ мебошад.

Тафтиши пешакӣ аз ҷониби шахси мансабдори унвони судӣ дошта, ки судяи тафтишӣ номида шудааст, гузаронида мешавад. Судяи тафтишӣ аз ҷиҳати ташкилӣ ба мақомоти судӣ тобеъ мебошад, вале ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои тафтишотӣ бошад, он ба прокуратура тобеият дорад. Судяи тафтишӣ аз прокурор дархост гирифта, ба тафтиш дар асоси хулосаи муқаддимавии прокурор шурӯъ мекунад ва ӯ аз далелҳое, ки полис пешниҳод намудааст вобаста нест. Судяи тафтишӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зарурӣ ҳозиршавии айбдоршавандаро бо роҳи даъват намудан ё бо роҳи татбиқ намудани чораҳои гуногуни маҷбуркунӣ таъмин менамояд. Ба сифати воситаҳои таъмин супориш дар бораи ҳозиршавӣ, қарор дар бораи маҷбуран овардан, инчунин қарор дар бораи дастгиркунӣ ва ордер барои ба ҳабс гирифтан хизмат мекунанд. Судяи тафтишӣ ҳуқуқ дорад айбдоршавандаро дар асоси гарав муваққатан озод кунад.

Дар ҳар марҳилаи тафтишот прокурор ҳуқуқ дорад ба тафтишот дахолат намояд ва иҷро намудани вазифаҳои тафтиширо ба зимаи худ гирад ё ба судяи тафтишӣ барои гузаронидани амалҳои муайяни тафтишӣ, ки ба ақидаи ӯ барои беҳтар бурдани адолати судӣ ба мақсад мувофиқ аст, супориш диҳад.

Судяи тафтишӣ тафтишро ба анҷом расонида, пешбурди парвандаро ба прокурор медиҳад, ки дар сурати ҷонибдорӣ кардан парвандаро ба судя барои баррасии минбаъда равон мекунад. Дар чунин ҳолат судяи тафтишӣ ҳуқуқ дорад барои равон кардани парванда ба суди зинаи дахлдор ё агар ӯ айби пешниҳодшударо беасос донад, дар бораи қатъ намудани таъқиби ҷиноятӣ қарор қабул мекунад.

Соли 1985 дар Франсия мақомоти нави дастаҷамъӣ оид ба назорат аз болои тафтишот бо номи палатаи тафтишӣ таъсис гардид, ки он аз 1 марти соли 1988 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Палатаи тафтишӣ дар назди трибуналҳои зинаи калон дар ҳайати се судяи касбӣ, ки бояд ду нафари онҳо собиқаи кории тафтишӣ дошта бошанд, таъсис дода мешавад. Судяҳои палатаи тафтишӣ аз ҷониби раиси трибунал ба муҳлати се сол таъин карда мешаванд.

Палатаи тафтишӣ қонунӣ ва асоснок будани таъқиби ҷиноятӣ, амалҳои гузаронидашудаи тафтишӣ, манфиатнок будани ҷудо ва якҷоя кардани пешбурди тафтишӣ ва монанди инҳоро нисбати парвандаи оғозгардида санҷида, дорои салоҳияти васеъ мебошад. Дар тафтиши парвандаҳои мураккаб палатаи тафтишӣ ҳуқуқ дорад барои бурдани тафтиш судяҳои иловагиро (як судя ё якбора якчанд судяро) ҷалб намояд. Палатаи мазкур дар бораи моҳияти чораҳои маҷбурии мурофиавии андешидашуда қарор мебарорад.

**Басуддиҳӣ.** Масъалаи мазкур на аз ҷониби суд ё судя, балки аз ҷониби камераи айбдоркунӣ, ки дар назди ҳар як суди апеллятсионӣ мавҷуд буда, ба сифати мақомоти тафтишии зинаи дуввум баромад мекунад, ҳал карда мешавад. Камераи айбдоркунӣ дар ҳайати раис ва ду нафар аъзо фаъолият мекунад. Дар як вақт вай аз болои фаъолияти судҳои тафтишӣ назорат намуда, ҳуқуқ дорад ба онҳо ҷазои интизомӣ татбиқ намояд. Камераи айбдоркунӣ ҳамчун зинаи назоратӣ қарор ва супоришҳои судяҳои тафтиширо назорат намуда, аризаҳои иштирокчиёни мурофиаро дар бораи вайрон шудани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби судяҳои тафтишӣ, прокурор ё шахсони мансабдори полиси судӣ баррасӣ менамояд. Ҳуқуқи муроҷиат кардан ба камераи айбдоркуниро на танҳо судяи тафтишӣ ва прокурор, балки айбдоршаванда, даъвогари гражданӣ, ҷабрдида ва ҳимоятгар низ доранд.

Камераи айбдоркунӣ оид ба ҳар як парвандае, ки дар баррасии он қарор дорад, ҳуқуқ дорад дар бораи ба тафтишоти иловагӣ супоридан (агар тафтиши гузаронидашударо нопурра донад) ё дар бораи тамом шудани тафтиш қарор барорад. Дар сурати қабули қарор дар бораи тамом шудани тафтиш, камераи айбдоркунӣ метавонад таъқиби ҷиноятиро қатъ намояд ё дар бораи ба суд додани айбдоршаванда қарор қабул кунад.

**Муҳокимаи судӣ.** Мурофиаи судӣ шифоҳӣ, ошкоро ва дар шакли мубоҳисавӣ гузаронида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар баъзе мавридҳо мурофиаи судиро бе иштироки судшаванда низ гузаронидан мумкин аст.

Дар зинаи якум баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳои ҳакамӣ, дар трибуналҳоиислоҳотӣ (парвандаҳо оид ба кирдорҳои ношоям), дар

трибуналҳои полис (парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо) гузаронида мешавад.

Ҳайати суди ҳакамӣ аз се аъзои доимӣ (раис ва ду ассесор) ва нуҳ машваратчиёни халқӣ иборат аст. Дар фарқият аз мурофиаи ҷиноятии англосаксонӣ аъзоёни доимӣ ва машваратчиёни халқии суди франсузӣ коллегияи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне фарқият байни салоҳияти онҳо вуҷуд надорад ва ҳамаи масъалаҳои «ҳуқуқ ва ҳолат» якҷоя ҳал карда мешавад. Аммо раиси суд ваколати дискретсионӣ дорад: ӯ новобаста аз ақидаи дигар ҳайати суд, метавонад як қатор қарорҳои муҳими мурофиавиро мустақилона қабул намояд. Чунончӣ, ӯ аз рӯйи «инсоф ва виҷдон» амал намуда, ҳуқуқ дорад тамоми чораҳоро барои муайян кардани ҳақиқатро андешад.

Мурофиа дар суди ҳакамӣ бо санҷидани ҳозир будани тарафҳо, шоҳидон, экспертҳо кушода мешавад. Баъд аз ин қарори камераи айбдоркунӣ дар бораи ба суд додани парванда хонда мешавад. Қайд намудан муҳим аст, ки дар мурофиаи ҷиноятии Франсия чунин санади муҳими мурофиавӣ ба мисли санади (фикри) айбдоркунӣ пешбинӣ нашудаст. Бинобар ин раиси суд метавонад бо хоҳиши худ ҳудуди тадқиқи судиро маҳдуд ё васеъ намояд, ки ин ҳолат судшавандаро ба вазъияти мушкил мегузорад. Сипас фикри прокуроре, ки айбдоркунии давлатӣ ва даъвогари гражданиро ҷонибдорӣ мекунад, шунида мешавад. Баъд аз ин музокираи тарафҳо оғоз мешавад. Раисикунанда муносибати худро ба масъалаи гунаҳгорӣ нагуфта, судшавандаро мепурсад ва нишондоди онро қайд мекунад. Сипас шоҳидон, баъд аз қасам хурдан шунида мешаванд.

Баъд аз нишондоди ҳар шоҳид раисикунанда ва айбдоркунандаи давлатӣ ҳуқуқ доранд ба шоҳид савол диҳанд. Ин ҳуқуқро ҳимоятгари айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа низ доранд, вале онҳо танҳо бо иҷозати раисикунанда савол дода метавонанд. Сипас экспертҳо шунида мешаванд ва далелҳои шайъӣ санҷида мешаванд.

Дар тамоми мӯҳлати муҳокимаи судӣ раисикунанда ваколати ба ӯ додашударо истифода мебарад ва воситаҳоеро, ки аз назари ӯ барои дарёфт кардани ҳақиқат заруранд татбиқ мекунад.

Бо тамом шудани тафтиши судӣ даъвогари гражданӣ ва ҳимоятгари ӯ шунида мешаванд, сипас айбдоркунандаи давлатӣ сухан мекунад, судшаванда ва ҳимоятгари ӯ бошанд далелҳои ҳимояро пешниҳод мекунанд. Тарафи айбдоркунанда ба луқмапартоӣ ҳуқуқ дорад, вале сухани охирон ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ дода мешавад.

Баъд аз музокираи судӣ суд ҳукмро қабул мекунад. Барои баровардани ҳукми айбдоркунанда овозҳои аксарият лозим аст. Сипас суд метавонад оид ба даъвои гражданӣ қарор қабул кунад.

Парвандаҳо оид ба кирдорҳои ношоям аз ҷониби трибунали ислоҳотӣ баррасӣ мегардад. Ба ҳайати он се нафар судяи касбӣ (раис ва ду нафар аъзои суд) дохил мешаванд. Иштироки прокурор дар маҷлиси трибунали ислоҳотӣ ҳатмӣ буда, иштироки ҳимоятгар танҳо иҷозат дода мешавад. Дар як қатор мавридҳо парвандаро бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ кардан мумкин аст. Дар байни далелҳо ҷойи асосиро ҳуҷҷатҳои хаттӣ (одатан протоколҳо ва хабарҳои аз ҷониби полис тартибдодашуда) ишғол мекунанд.

Парвандаҳо оид ба вайронкуниҳо аз ҷониби трибуналҳои полис баррасӣ мегардад. Ҳайати трибунали полис аз як судяи касбӣ иборат аст. То моҳиятан баррасӣ кардани парванда, судя айбдоршавандаро ба мундариҷаи протоколи полис шинос намуда ба ӯ пардохт намудани ҷаримаи муқарраршударо пешниҳод мекунад. Розӣ шудани айбдоршаванда ба ҷазои мазкур ва супоридани ҷарима пешбурди минбаъдаи парвандаро якбора қатъ мегардонад. Вале дар ҳолати розӣ набудан ба пардохти ҷарима, судя барои моҳиятан баррасӣ кардани парванда шурӯъ мекунад ва қарори худро мебарорад. Дар чунин маврид судя бештар ба далелҳои хаттие аҳамият медиҳад, ки аз ҷониби полис пешниҳод гардидааст.

**Пешбурди апеллятсионӣ.** Апеллятсия тарзи шикоят овардан нисбати ҳукмҳое мебошад, ки аз ҷониби полис ва трибунали ислоҳотӣ бароварда шудааст. Нисбати ҳукмҳое, ки бо иштироки машваратчиёни халқӣ қабул гардидаанд, апеллятсия роҳ дода намешавад.

Дар мурофиаи ҷиноятии Франсия мақсади апеллятсия тағйир додан ё бекор кардани қарори суди зинаи якум аз ҷониби суди апеллятсионӣ мебошад. Доир ба апеллятсия дар қонуни мурофиавии ҷиноятии Франсия чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст: «Аз нав баррасӣ намудан боиси пурра ё қисман тағйир ёфтани қарори суди зинаи якум ё бекор кардани қарори он ё боиси нодуруст эълон кардани қарори аввалаи суд мегардад».

Шикояти апеллятсиониро чӣ бо асосҳои ҳуқуқӣ ва чӣ бо асосҳои воқеӣ арз кардан мумкин аст. Шикоят бояд дар муҳлати даҳ рӯз аз лаҳзаи қабули қарор оид ба парванда арз карда шавад. Овардани шикоят иҷроиши ҳукмро боз медорад ва парванда ба суди марҳилаи дуввум барои баррасӣ супорида мешавад. Аммо суди зинаи дуввум наметавонад қарореро барорад, ки он боиси вазнинтар гардидани ҷазои таъиннамудаи суди зинаи якум гардад, инчунин суди зинаи дуввум наметавонад маблағи барои ҷуброни зарар таъиншударо, ки аз ҷониби суди зинаи якум муайян шудааст, кам кунад. Танҳо апеллятсияи прокурор ба суд ҳуқуқ медиҳад, ки қарори суди зинаи якумро бар зарари маҳкумшуда тағйир диҳад. Чун қоида, барои имконият додан ба суди апеллятсионӣ дар озодии интихоби қарор, прокурор апеллятсияи худро ба шикояти маҳкумшуда ҳамроҳ менамояд.

**Пешбурди кассатсионӣ.** Бо тартиби кассатсионӣ аз нав баррасӣ намудани ҳукмҳои суди ҳакамӣ ва қарори суди апеллятсионӣ бинобар сабаби вайрон кардани қонун имконпазир аст. Яъне предмети баррасии зинаи кассатсионӣ танҳо масъалаҳои ҳуқуқ мебошад.

Шикояти кассатсионӣ дар сурати мавҷуд будани асосҳои зерин иҷозат дода мешавад: ҳангоми қабули қарор аз ҷониби ҳайати нопурраи суд; бесалоҳият будани суд ва баромадан аз ҳадди ваколат аз ҷониби суде, ки қарорро баровардааст; риоя накардани шаклҳои мурофиавии дар қонун муқарраршуда, бо таҳдиди нодуруст будани тамоми муҳокимаи судӣ; вайронкунии ҷиддии меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ.

Шикояти кассатсионӣ иҷроиши ҳукмро бозмедорад. Шикояти кассатсиониро маҳкумшуда, даъвогари гражданӣ ва прокурор дар муҳлати панҷ рӯз аз лаҳзаи эълон кардани ҳукм ва агар тарафи мазкур дар маҷлиси судӣ ишти-

рок надошта бошад, аз лаҳзаи хабар додан аз ҳукми баровардашуда, пешниҳод карда метавонанд. Баъди гузаштани муҳлати панҷрӯза бошад шикояти кассатсиониро прокурори генералии назди суди кассатсионӣ ё вазири адлия пешниҳод карда метавонанд.

**Пешбурди ревизионӣ.** Дархост дар бораи бо тартиби ревизионӣ аз нав баррасӣ кардани ҳукм, бо сабаби пайдо шудани ҳолатҳои нав, ки дар марҳилаи иҷроиши ҳукм ошкор шудаанд, арз шуданаш мумкин аст. Шикоят кардан бо роҳи арз кардани дархост оид ба ревизия танҳо ба шарте мумкин аст, ки ҳукм ба қувваи қонунӣ даромада бошад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо гузаронидани ревизия нисбати ҳукми ба қувваи қонунӣ надаромада низ иҷозат дода мешавад.

Оғоз кардани дархост оид ба ревизия танҳо аз ҷониби маҳкумшуда ё аъзоёни оилаи ӯ имконпазир аст. Дархост ба камераи ҷиноятии суди кассатсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки он парвандаро ба баррасии нав месупорад.

## § 5. Мурофиаи ҷиноятӣ дар Олмон

Дар мамлакатҳои дорои низоми ҳуқуқии континенталӣ, бахусус дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон (минбаъд Олмон), дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ афзалият ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешавад.

Сарчашмаи асосии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Олмон Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (минбаъд КМҶ) соли 1877 дар таҳрири соли 1987 мебошад. Ба қабули КМҶ Олмон соли 1877 таъсири КМҶ Наполеон хеле назаррас буд, аммо дар таҳрири соли 1987 бошад, он низоми сифатан нави пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ намуд.

Дар баробари ин, Кодекси ҷиноятии Олмон (соли 1871), Қонун дар бораи сохтори судӣ (соли 1877), Қонун дар бораи судҳо (соли 1982), Қонун дар бораи судҳо оид ба парвандаҳои ноболиғон (соли 1974) низ фарогири меъёрҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ буда, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ баромад мекунанд. Дар Сарқонуни Олмон соли 1949 принсипҳои умумии адолати судӣ ва меъёрҳои муҳими назорати судӣ оид қонунӣ будани дастгир ва ҳабс кардан муқаррар карда шудааст.

Ба сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии Олмон Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ (соли 1950), ки аз ҷониби Бундестаг соли 1952 эътироф карда шудааст, баромад мекунад. Дар сатҳи қонунгузории заминҳо (федератсия) бошад, Сарқонуни заминҳо, ки масъалаҳои ҳабс, кофтуков, гӯш кардан, ҳуқуқ ба судяи қонунӣ ва ғайраро муқаррар намудааст, баромад мекунад.

Мурофиаи ҷиноятӣ дар Олмон ба навъи омехтаи мурофиа дохил мешавад[1].

Одатан пешбурди парвандаро ба се марҳилаи асосӣ ҷудо мекунанд: 1) тафтишоти пешакӣ; 2) маҷлиси амрдиҳӣ; 3) муҳокимаи судӣ **(Hauptverfahren)**.

[1] Калиновский К.Б. Уголовный процесс современных зарубежных государств: учебное пособие. – Петрозаводск: Изд-во ПетрГУ, 2000. – С. 16.

Инчунин, дар қонун марҳилаҳои шикоят овардан бо тартиби кассатсионӣ ва ревизионӣ, аз нав сар кардани баррасии парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоргардида ва иҷроиши ҳукм низ пешбинӣ шудааст.

Дар қонуни мурофиавии ҷиноятии Олмон мурофиаи суръатнок низ муқаррар шудааст. Дар фарқият аз пешбурди оддӣ ҳангоми мурофиаи суръатнок маҷлиси амрдиҳӣ гузаронида намешавад. Прокурор ҳуқуқ дорад бевосита дар муҳокимаи судӣ айбдоркуниро дар назди суд шифоҳӣ баён кунад, ки он дар протоколи маҷлиси судӣ қайд мегардад. Пешбурди суръатноки парванда танҳо бо шартҳои зерин имконпазир аст: парванда ба судяи танҳо ё ба суд бо иштироки машваратчиён тобеият дошта бошад; ҷазо дар намуди маҳрум намудан аз озодӣ на зиёда аз як сол пешбинӣ шуда бошад; пешбурди парванда хеле оддӣ буда, шахсро ҳамон лаҳза маҳкум кардан мумкин бошад.

Боз як намуди пешбурди кӯтоҳкардашуда ин ҷараёни қабул намудани «фармон дар бораи ҷазо» мебошад. Дар ин ҳолат муҳокимаи судӣ гузаронида намешавад, ба ҷойи ҳукм бошад, судя танҳо дар асоси маводи парванда бо дархости прокурор, фармон дар бораи ҷазоро мебарорад.

Барои назарияи ҳуқуқи исботкунии Олмон мафҳуми далел ҷой надорад[1]. Далелҳо ба предметҳо (ашё) ва шахс ҷудо карда мешаванд. Зери мафҳуми исботкунӣ фаъолияти амалии судя оид ба ҷамъ овардан, тадқиқ намудан ва баҳодиҳии далелҳо, инчунин фаъолияти ақлонӣ ва мантиқии судя фаҳмида мешавад. Ду намуди исботкунӣ – қатъӣ ва озод вуҷуд дорад.

Мақсади исбот бевосита дар КМҶ нишон дода шудааст ва он ҳақиқат мебошад.

Вазифаи исбот ба зиммаи суд гузошта шудааст. Дар давраи тафтишоти пешакӣ уҳдадории исботкунӣ вазифаи прокурор мебошад.

Чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ баҳри таъмини тафтишот ва муҳокимаи судӣ татбиқ карда шуда, чораҳои пешгирӣ бошад, ба мисли КМҶ махсусан ҷудо карда нашудаанд. Аз чораҳои маҷбуркунӣ ва пешгирӣ дар амалия бештар ба ҳабс гирифтан мебошад, ки дар асоси фармони хаттии судя оид ба ҳабс гирифтан татбиқ карда мешавад. Дароз кардани мухлати дар ҳабс нигоҳ дошта шудан, танҳо бо тариқи судӣ ҳал карда мешавад.

Ариза дар бораи ҷиноят ба мақомоти прокуратура, мақомоти полис ё суди минтақавӣ дода мешавад. Дар сурати аз ҷониби мақомоти полис ва суд анҷом додани амалҳои зарурии мурофиавӣ, ки иҷро накардани онҳо метавонист минбаъд тафтишотро мушкил гардонад ва баъд тамоми маводро ба прокурор диҳанд, прокурор вазифадор аст дар ҳама ҳолат масъалаи зарурати оғози айбдоркуниро ҳал кунад.

Тафтишоти пешакӣ аз ҷониби прокурор, полис ва судяи тафтишӣ амалӣ мегардад[2]. Прокурор ба тафтишот роҳбарӣ мекунад ва бевосита худаш метавонад тафтишотро дар ҳаҷми пурра гузаронад. Маҳз прокурор уҳдадор аст ҳамаи ҳолатҳои парвандаро тадқиқ кунад. Аммо дар амалия иштироки шах-

[1] Пешков М.А. Уголовный процесс зарубежных стран: учебно-методический комплекс. – М.: РУДН, 2011. – С. 41.
[2] Калиновский К.Б. Уголовный процесс современных зарубежных государств: учебное пособие. – Петрозаводск: Изд-во ПетрГУ, 2000. – С. 18.

сии прокурорҳо танҳо ҳангоми тафтишоти ҷиноятҳои вазнин дида мешавад. Барои ҳал намудани масъалаи зарурати пешниҳод кардани айб дар назди суд прокурор шоҳидон, экспертҳо, айбдоршавандаро такроран мепурсад, барои гузаронидани кофтуков, гирифтан ва дигар амалҳои тафтишӣ супориш медиҳад, ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро муайян мекунад. Мутобиқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ прокурор вазифадор аст на танҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи гуноҳ, балки ҳолатҳои сабуккунандаи гуноҳро низ муайян кунад.

Айбдоркунанда шахсе мебошад, ки нисбат ба ӯ мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад. Чунин вазъи мурофиавиро шахс мавриде соҳиб мегардад, ки вай ба сифати айбдоршаванда пурсида шавад ё прокурор ба суд дархост мекунад, ки нисбати шахси муайян амалҳои мурофиавиро гузаронад. Айбдоршаванда метавонад дар ҳар лаҳзаи пешбурди парванда аз ёрии ҳимоятгар истифода барад. Ба сифати ҳимоятгарон адвокатҳо ва муаллимони ҳуқуқ, ки дар муассисаҳои олии таълимӣ кор мекунанд, баромад карда метавонанд. Инчунин, якҷоя бо онҳо дар як мурофиа бо иҷозати суд ба сифати ҳимоятгарон дигар шахсон низ баромад карданашон мумкин аст. Ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятии Олмон намояндаи яктарафа набуда, мақомоти мустақили адолати судӣ мебошад, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад.

Мақомот ва шахсони мансабдори полис бо супориши прокурор метавонанд тафтишоти парвандаро дар ҳаҷми пурра гузаронанд. Онҳо ҳуқуқ доранд ҳамаи далелҳои дахлдоштаро ҷамъ кунанд, айбдоршаванда ва шоҳидонро пурсанд, экспертҳоро ҷалб намоянд ва дигар амалҳоро иҷро кунанд.

Полис мустақилона тарзҳо ва ҳаҷми тафтишотро муайян мекунад, агар дар ин бора фармоиши прокуратура мавҷуд набошад. Барои пешгирӣ намудани пинҳон кардани ҷиноят полис вазифадор аст, фавран аз лаҳзаи ба ӯ маълум шудани ҳодисаи ҷиноят фармоиши прокурорро мунтазир нашуда, тамоми чораҳои фавриро меандешад. Мақомоти полис ҳуҷҷатҳоеро, ки дар рафти тафтишот гирифтааст бояд фавран ба мақомоти прокуратура равон кунад. Аммо нисбати ҷиноятҳои начандон вазнин ва камаҳамият бошад, полис тафтишотро мустақилона мебарад. Бо анҷом ёфтани тафтишот парванда ба прокурор равон карда мешавад. Ба зимаи полис инчунин иҷроиши бевоситаи чораҳои маҷбуркунӣ гузошта шудааст.

Судя дар вақти тафтишоти пешакӣ барои татбиқ намудани чораҳои маҷбурие, ки ба озодии шахс дахолат мекунад, ваколати муҳими истисноӣ дорад. Барои ба ҳабс гирифтани шахс прокурор танҳо ба суд барои қабул кардани фармони баҳабсгирӣ дархост карда метавонад. Танҳо дар асоси фармони судя дар бораи баҳабсгирӣ, айбдоршавандаро ба ҳабс гирифтан мумкин аст. Шахси ба ҳабс гирифташуда бояд фавран ба назди судяи салоҳиятдор оварда шавад ва судя вазифадор аст на дертар аз рӯзи оянда пурсиши ҳабсшударо вобаста ба айби пешниҳодшуда гузаронад. Ҳангоми дастгир кардани шахс низ ӯ на дертар аз рӯзи оянда бояд ба назди судя оварда шавад, ки судя пурсиши онро мегузаронад ва масъалаи қабул намудани фармони баҳабсгирӣ ё фармон дар бораи озод кардани шахси дастгиршударо ҳал мекунад. Ба ҳабс гирифтани шахс ҳамчун чораи пешгирӣ ба муҳлати то шаш моҳ ва дар ҳолатҳои истисноӣ

ба мухлати то як сол татбиқ карда мешавад. Шахси ба ҳабс гирифташуда ҳуқуқ дорад татбиқи ин чораро ба суди болоӣ шикоят кунад.

Татбиқ кардани дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ низ ба салоҳияти суд дохил карда шудааст. Танҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир прокурор ва полис метавонанд бе фармони судя намудҳои ҷудогонаи ёфта гирифтан, шаҳодаткунонӣ, кофтуковро гузаронанд.

Дар ҳолатҳои муайян прокурор метавонад бо иҷозати суд ё мустақилона аз таъқиби ҷиноятӣ даст кашад. Масалан, ҳангоми пушаймон шудани айбдоршаванда аз кирдори содирнамудааш, ки барои ин кирдор ҷазои хеле сабук пешбинӣ шудааст, ё вақте ки шахс бо шарти озод шудан аз ҷавобгарӣ, дар бораи аз тарафи шахси муайян содир намудани ҷинояти вазнин (масалан, терроризм) шоҳидӣ медиҳад.

Тафтишот бо тартиб додани хулосаи айбдоркунӣ ва равон кардани парванда ба суд ба анҷом мерасад, агар прокурор натиҷаи тафтишотро барои пешниҳод кардани айбдоркунии оммавӣ ва маҳкумкунӣ кофӣ ҳисобад. Дар ҳолати баръакс прокурор мурофиаро қатъ мекунад. Қатъ намудани мурофиаро шахси ҷабрдида ё шахсе, ки барои бурдани таъқиби ҷиноятӣ дархост кардааст, метавонанд ба прокурори болоӣ шикоят намоянд. Дар ҳолати рад кардани шикоят шахсони мазкур ҳуқуқ доранд ба суд барои қабул кардани қароре, ки прокурорро ба пеш бурдани айбдоркунӣ маҷбур мекунад, дархост кунанд.

Дар бештари маврид, дар мурофиаи ҷиноятии Олмон таҳқиқи парванда на бо оғоз кардани айбдоркунии оммавӣ, балки бо қатъ кардани парванда ба охир мерасад. Тахминан 60% аз парвандаҳои оғозгардида қатъ карда мешаванд[1].

Марҳилаи дигари пешбурди парванда **маҷлиси амрдиҳӣ** мебошад. Дар маҷлиси амрдиҳӣ масъалаи гунаҳгор будан ҳал намегардад. Дар ин қисми мурофиа суд баъд аз бо хулосаи айбдоркунӣ гирифтани парванда, уҳдадор аст ҳаматарафа санҷад, ки оё натиҷаи тафтишот барои айбдор кардани шахс дар содир намудани ҷиноят асоси кофиро медиҳад ё не. Ба айбдоршаванда нусхаи хулосаи айбдоркунӣ супорида мешавад ва аризаву дархостҳо ҳал карда мешаванд. Бо мақсади хубтар тадқиқ намудани ҳолатҳои парванда суд ҳуқуқ дорад далелҳои ҷудогонаро талаб намояд ё ба прокурор (полис) пешниҳод намудани далелҳои заруриро супориш диҳад. Агар суд ба хулоса ояд, ки асосҳо кофиянд, он гоҳ қарор дар бораи кушодани муҳокимаи судӣ ва ба муҳокимаи судӣ роҳ додани айбдоркуниро қабул мекунад.

Суд ҳангоми мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ ва нокифоя будани асосҳои айбдоркунӣ ҳуқуқ дорад ба прокурор кушодани муҳокимаи судиро рад кунад. Суд инчунин, метавонад пешбурди парвандаро боздорад. Баъд аз қабули қарор дар бораи кушодани муҳокимаи судӣ, вале то оғози муҳокима, агар асосҳои зарурӣ мавҷуд бошанд, суд метавонад пешбурди парвандаро қатъ намояд. Мутобиқи қонун барои қатъ намудани пешбурди парванда камаҳамият будани ҷиноят, пардохт намудани ҷуброни зарари расонидашуда аз ҷониби айбдоршаванда ва монанди инҳо асос шуда метавонанд.

---

[1] Пешков М.А. Уголовный процесс зарубежных стран: учебно-методический комплекс. – М.: РУДН, 2011. – С. 41.

Вобаста аз мураккабии парванда баррасии он аз ҷониби суди минтақавӣ аз ҷониби судя танҳо ё дар ҳайати як нафар судяи касбӣ (агар парванда калонҳаҷм бошад ду нафар) ва ду нафар машваратчиён баррасӣ мегардад. Дар судҳои заминҳо (вилоят) парванда дар зинаи якум аз ҷониби палати калон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳайати се нафар судяи касбӣ ва ду нафар машваратчиён баррасӣ мегардад. Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вазнин аз ҷониби палатаи калон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳамон ҳайат баррасӣ мегардад, вале тибқи анъана он суди ҳакамӣ **(Schwurgericht)** номида мешавад, ҳарчанд хусусиятҳоеро, ки ба судҳои ҳакамӣ хосанд, надорад.

Дар Суди Олии заминҳо аз ҷониби Сенат оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳайати панҷ нафар судяи касбӣ парвандаҳо нисбати ҷиноятҳои давлатӣ баррасӣ мегардад.

Муҳокимаи судӣ нисбат ба тафтиши пешакӣ таҳқиқи нав ва мустақилонаи ҳолатҳои парванда мебошад. Ҳаҷми таҳқиқ дар ҳудуди айбдоркуние, ки ҳангоми кушодани муҳокимаи судӣ пешниҳод шудааст, маҳдуд мебошад. Суд ҳуқуқ дорад ҳар як ҳолатеро, ки барои ҳалли парванда аҳамият дорад, тадқиқ кунад ва мустақилона тамоми воситаҳои иҷозатдодашудаи исботкуниро истифода барад. Муҳокимаи судӣ бо принсипҳои ошкоро, шифоҳӣ, бевосита тадқиқ намудани далелҳо ва баҳо додани онҳо аз рӯйи ақидаи ботинӣ асос ёфтааст.

Муҳокимаи судӣ бо эълон намудани парвандаи баррасишаванда оғоз ёфта, сипас раисикунанда ҳозир будани судшаванда, ҳимоятгар, шоҳидон ва ташхисгарон (экспертҳо), инчунин маълумотеро, ки шахсияти судшавандаро тасдиқ мекунанд, муайян мекунад. Прокурор бошад, хулосаи айбдоркуниро қироат мекунад. Сипас судшаванда ҳуқуқ дорад айбдоркуниро рад намуда, дар рафти пурсиш тамоми ҳолатҳоеро, ки ӯро сафед мекунанд, пешниҳод намояд. Суд бояд нишондоди судшавандаҳо, шоҳидон ва экпертҳоро шунавад. Ошкор кардани нишондодҳои қаблан додашуда, танҳо дар ҳолатҳои маҳдуд имконпазир аст. Суд уҳдадор аст далелҳои шайъиро низ тадқиқ намояд. Дар рафти тафтиши судӣ, суд, айбдоркунанда, ҳимоятгар бояд тамоми далелҳои заруриро муайян кунанд.

Дар рафти муҳокима суд бояд воситаҳои исботкуниеро, ки бояд дар амалия истифода нагарданд, пешгирӣ намояд. Қонун ҳуқуқи иштирокчиёнро барои пешниҳоди далелҳо кафолат дода, асосҳои рад кардани дархост оид ба роҳ додан ё талаб намудани далелҳоро пурра танзим намудааст. Баъд аз ҳар як амали тафтишӣ ба судшаванда, ҳимоятгар ва прокурор имконияти додани баёнот кафолат дода шудааст. Бо тамом шудани тафтиши судӣ прокурор ва ҳимоятгар ба музокира ва ба судшаванда бошад, сухани охирин дода мешавад. Баъд аз ин суд барои маҷлис ва овоздиҳӣ меравад. Қарор вақте қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар аз нисф зиёди судяҳо барои қабул шудани он овоз дода бошанд. Муҳокимаи судӣ бо «аз номи халқ» эълон кардани ҳукми айбдоркунанда ё сафедкунанда анҷом меёбад.

Барои шикоят овардан ба ҳукм қонун ду имконият медиҳад: пешбурди кассатсионӣ **(Berufung)** ва пешбурди ревизионӣ **(Revision).**

Фарқият байни ин тарзҳои шикоят аз он иборат аст, ки дар пешбурди кассатсионӣ ҳам дуруст татбиқ шудани қонун ва ҳам дуруст будани ҳолатҳои воқеии парванда, ки муайян карда шудаанд, санҷида мешаванд.

Ҳангоми санҷидани ҳукм бо тартиби ревизионӣ бошад ҳолатҳои воқеӣ муқарраршуда ҳисоб меёбанд ва онҳо таҳти санҷиш қарор дода намешаванд. Бо ин тартиб танҳо ҳолати аз ҷониби суди поёнӣ вайрон кардани қонуни мурофиавӣ ё моддӣ, санҷида мешавад.

Фарқияти дигари кассатсия ва ревизия вобаста аз он, ки кадом суд ҳукмро баровардааст, муайян карда мешавад. Кассатсия танҳо нисбати ҳукмҳои суди минтақавӣ, ки аз ҷониби судя танҳо ё бо иштироки машваратчиён қабул шудааст, имконпазир аст. Дар баъзе ҳолатҳо суд метавонад қабул кардани шикояти кассатсиониро рад кунад, масалан, ҳангоми маҳкум шудан бо ҷарима ба андозаи начандон зиёд.

Нисбати қарори суди зинаи кассатсионӣ бо тартиби ревизия ба суди болоӣ шикоят кардан мумкин аст. Ҳукмҳои суди заминҳо ва суди олии заминҳоро танҳо бо тартиби ревизионӣ санҷидан мумкин аст.

Ба таъиноти судҳо ва қарори раисикунанда шикоятҳои хусусӣ пешниҳод карда мешаванд.

Баъд аз баррасии шикояти кассатсионӣ ё ревизионӣ ҳукм ба қувваи қонунӣ медарояд ва он танҳо ҳангоми аз нав сар кардани баррасии парванда бинобар ҳолатҳои нав ошкоргардида, бекор шуданаш мумкин аст.

### Саволҳо барои худсанҷӣ:

1. Тавсифи умумии мурофиаи ҷиноятӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ.
2. Тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ дар ИМА.
3. Мақомоте, ки дар ИМА тафтишоти пешакиро мебарад.
4. Сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии Англия ва ИМА-ро номбар кунед.
5. Дар бораи муҳокимаи судии ҷиноятии Англия маълумот диҳед.
6. Тафтишоти пешакӣ дар Франсия.
7. Муҳокимаи судии ҷиноятии Франсияро шарҳ диҳед.
8. Навъи мурофиаи ҷиноятии Олмон ва Франсия.
9. Мақомоти тафтишотии Олмонро номбар кунед.
10. Дар пешбурди апеллятсионӣ ва ревизионии парвандаи ҷиноятӣ дар Франсия маълумот диҳед.

### Рӯйхати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 с. бо тағйироту иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с. таҳти № 1084.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.07.2005 с. таҳти № 107.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2009 с. таҳти № 564.

**5.** Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 с. таҳти № 32.

**6.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с. таҳти № 575.

**Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда:**

**1.** Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009.

**2.** Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008.

**3.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ : дастури ёрирасони таълимӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Хуҷанд: «Ношир», 2010.

**4.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**5.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон : дастури ёрирасони таълимӣ дар нақша ва мафҳумҳо. Нашри 2. – Хуҷанд, 2013.

**6.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.

**7.** Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.

**8.** Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016.

**9.** Апарова Т.В. Суды и судебный процесс Великобритании. Англия, Уэльс, Шотландия. – М., 1996.

**10.** Бернам У. Правовая система США. – М., 2006.

**11.** Боботов С.В. Правосудие во Франции. – М., 1994.

**12.** Головко Л.В. Дознание и предварительное следствие в уголовном процессе Франции. – М., 1995.

**13.** Гуценко К.Ф. Основы уголовного процесса США. – М., 1993.

**14.** Гуценко К.Ф., Головко Л.В., Филимонов Б.А. Уголовный процесс западных государств. – М., 2002.

**15.** Давид Д., Жофре-Спинози К. Основные правовые системы современности / пер. с фр. В.А. Туманова. – М., 1997.

**16.** Калиновский К.Б. Уголовный процесс современных зарубежных государств : учебное пособие. Петрозаводск, 2000.

**17.** Курс уголовного судопроизводства: учеб.: в 3 т. / под ред. В.А. Михайлова. – Т. 3: Особый порядок уголовного судопроизводства. – М.: Изд. МПСИ; Воронеж: Издательство «МОДЭК», 2006.

**18.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. – М.: Статут, 2016.

**19.** Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В. Головко. 2-е изд., испр. – М.: Статут, 2017.

**20.** Международные стандарты справедливого судопроизводства : учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д.ю.н., проф. З.Х. Искандарова. – Душанбе, 2012.

**21.** Михеенко М.М., Шибико В.П. Уголовно-процессуальное право Великобритании, США и Франции. – Киев, 1988.

**22.**Николайчик В.М. Уголовное правосудие в США. – М., 1995.

**23.**Полянский Н.Н. Уголовное право и уголовный суд Англии. – М., 1969.

**24.**Практикум по уголовному процессу / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Л.В. Головко. 6-е изд. – М.: Статут, 2017.

**25.**Рахматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Уголовный процесс Республики Таджикистан : учебно-методическое пособие в схемах и определениях. – Худжанд: «Ношир», 2010.

**26.**Стойко Н.Г. Уголовный процесс западных государств и России. – СПб., 2006.

**27.**Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник. – 3-е изд., перераб. и доп. / Л.Н. Башкатов [и др.]; отв. ред. И.Л. Петрухин, И.Б. Михайловская. – М.: Проспект, 2012.

**28.**Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан : учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017.

**29.**Уолкер Р. Уголовная юстиция США. – М., 1995.

**30.**Филимонов Б.А. Основы уголовного процесса Германии. – М., 1994.

# БАРОИ ҚАЙДҲО

# БАРОИ ҚАЙДҲО

# МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## Китоби дарсӣ

Ба матбаа 30.07.2017 таҳвил гардид. Чопаш 18.08.2017
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70x100 $^{1}/_{16}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 34,5. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 196. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ЧДММ «ЭР-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: r-graph@mail.ru